Барои собит намудани нақши асосӣ ва ҳалкунандаи ҷараёни муътазила дар тавлиди афкори мухталифи каломӣ, аз ҷумла каломи Мотуридӣ бояд ёдовар шуд, ки яке аз намояндагони машҳури ҷараёни муътазила Иброҳим ан-Наззом ба ҳама гуна ҷараёну равияҳое, ки хилофи тавҳид будаанд, новобаста аз он ки онҳо аз адёни қадима будаанд, ё ба яҳудия ё масеҳия мутааллиқ будаанд, ҷавоб навиштааст. Аз ҷумла, бар зидди таълимоти монавия, ки судури хайр ва шарро аз як воҳид номумкин шуморидаанд, бо чунин мисол рад навиштааст, ки як инсон дар як вақт метавонад рост гӯяд ва дар вақти дигар дурӯғ, яъне дар ҳар ду ҳолат фоил якто мебошад[8]. Яъне, Иброҳим ан-Наззом низ ҳамчун яке аз донишмандони маъруфи муътазила бо истифода аз ҳукми ақл аз таълимоти ислом дифоъ намудааст.

Барои кашфи қисмате аз заминаҳои ғоявии мотуридия зарур аст, ки таълимоти муътазиларо, сатҳӣ бошад ҳам, пеши назар биёварем. Муътазила дар заминаи панҷ асл: тавҳид, адл, ваъд ва – л- ваид, манзила байна-л- манзилатайн ва амри маъруфу наҳйи мункар шакл гирифтааст, ки аз байни онҳо ду асли аввал воқеан ҳам баҳснок ва мушкилзо буданд. Маҳз дар заминаи ҳамин ду асли аввал дигар мактабҳои каломӣ, чун мотуридия дар Мовароуннаҳр, ашъария дар Бағдод ва таҳовия дар Миср падид омадаанд.

Қобили зикр аст, ки агарчанде аз ҷараёни мазкур то бист зерфирқаи дигар ҷудо шудааст, лекин онҳо дар масоили ҷузъӣ аз ҳам фарқ намуда, дар панҷ асли баёнгардида бо ҳам ҳамфикр буданд. Аз ҷумла, аҳли муътазила барои собит намудани ваҳдонияти Худо мегуфтанд, ки сифоти Худо айни зоти Худо мебошад. Яъне, Худо доност ба зоташ, қодир аст ба зоташ, на тавассути сифатҳое, ки аз Зот ҷудо мебошанд. Ба қавли дигар аҳли муътазила барои собит намудани ваҳдонияти Худо ҳама гуна шабоҳатро ба Ӯ рад менамуданд. Мухолифони муътазила чунин мавқеи онҳоро чунин тафсир намуданд, ки онҳо гӯё сифатҳои Худоро инкор мекарда бошанд[10].

Воқеан ҳам таълимоти ақлгарои муътазила барои донишмандони аҳли суннат ва ҷамоат на танҳо объекти муқовимат буд, балки ҳамзамон ба сифати омили хеле муҳими тавлиди афкори дингароияшон хидмат намудааст. Аз ин лиҳоз шубҳае нест, ки таълимоти мазкур дар баробари Қуръону таълимоти Имоми Аъзам дар бахши ақида барои ташаккули каломи Мотуридӣ заминаи ғоявии муҳим низ маҳсуб меёбад.

Дар воқеъ муҳаққиқи покистонӣ Айюб Алӣ менависад, ки Абумансури Мотуридӣ “оид ба масъалаи сифот ақидаи аҳли муътазиларо рад намуда, изҳор медорад, ки номҳои зебо доштани Худо пазируфта шудааст ва ин номҳоро бидуни маъно ва мазмуне, ки дар назар дошта мешаванд, дар нисбати Ӯ истифода намудан комилан бенафъ хоҳад буд...Ҳамин тавр, масалан, вақте гуфта мешавад, ки Худо ҳаким аст, вай бояд чунин маъно дошта бошад, ки Худо дорои сифати ҳикмат аст. Бекор намудани сифатҳои Худо танҳо печдарпечӣ эҷод намуда, шинохти Худоро номумкин мегардонад ва ахиран, Ӯро ба мавҷуди шинохтанашаванда ва номаълум мубаддал месозад”[12].

Таҳқиқи китоби “Тавҳид”-и Мотуридӣ низ бар он далолат менамояд, ки мутафаккир таълимоти ҳама гуна ҷараёну равияҳое, ки дар масъалаи ваҳдонияти Худо ба фаҳмиши аҳли суннат ва ҷамоат мухолифат намудаанд, дар пайравӣ ба донишманди маъруфи аҳли муътазила – Иброҳим ан-Наззом зери танқид гирифтааст ва ваҳдонияти Худоро тибқи фаҳмиш ва тасаввуроти динии худ ба маъраз гузоштааст. Яъне, Мотуридӣ низ ба таълимоти тамоми равияҳое, ки аз онҳо огоҳ буд, аз ҷумла худи муътазила низ раддия навиштааст, лекин дар ҳамаи навиштаҳои худ кӯшиш намудааст, ки то ҳадде далелҳои ақлиро истифода барад.

Ба таври мисол Абумансури Мотуридӣ дар китобаш “Тавҳид” дар робита ба сифатҳои Худо менависад: “Гурӯҳе сифатҳои зотӣ доштани Худоро, ки бо онҳо Ӯ васф мегардад ё ном доштани Худоро, ки бо он Ӯ шинохта мешавад, инкор намуданд. Онҳо гумон намуданд, ки ин амал ташбеҳро (шабоҳати Худоро ба махлуқ – А.К.) эҷод менамояд”[9, с.70].

Зарурат ба таъкид аст, ки таълимоти донишмандони аҳли суннат ва ҷамоат доир ба афкори аҳли муътазила яксон нест. Агар иддае инкор гардидани сифатҳоро аз тарафи аҳли муътазила иброз намоянд,иддаи дигар баръакси онҳо андешаронӣ менамоянд. Аз ҷумла, яке аз

шореҳони Имоми Аъзам Абулмунтаҳо менависад: “Қавли Имоми Аъзам, ки мегӯяд (Худованд ҳамеша олим буда ба илми худ) қавли муътазиларо рад мекунад, зеро онҳо мегӯянд: сифоти Худо айни зоти Ӯст ва Худованд олим ва қодир ба муҷарради зоти худ аст, на ба илм ва қудрат. Дар ин бора барои мо қавли Имоми Аъзам ва соири аиммаи ҳудои дин аз аҳли суннат ва ҷамоат кофӣ аст ва мо низ монанди эшон мегӯем, ки сифоти Худованд на айни зот ва на ғайр аз зоти вай аст”[1, с.11].

Ин ҷо дар робита ба хулосаи Абулмунтаҳо, ки “Фиқҳи акбар”-и Имоми Аъзамро шарҳ додааст, мехоҳем таъкид намоем, ки дар он, агар, аз як тараф, эътироф гардидани сифоти Худоро дар таълимоти аҳли муътазила пайхас намоем, аз тарафи дигар, мо боз ҳам ба печидагию номуайянии навбатӣ дучор меоем, ки сифоти Худо на айни зот ва на ғайр аз зоти Худост. Ба қавли дигар ҳамин норавшаниҳо сабабгори ташаккули равияю ҷараёнҳои гуногун, аз ҷумла каломи Мотуридӣ гардидаанд.

Масъалаи дигаре, ки пайваста мавриди баҳси донишмандони гуногунмазҳабу гуногунравияи исломӣ будааст, ин масъалаи қазову қадар аст, ки дар таълимоти муътазила ҳамчун асли адл муаррифӣ мегардаду аз мадди назари Мотуридӣ низ дар канор намондааст.

Аллакай дар оғоз ёдрас менамоем, ки дар Қуръон ҳамчун маншаи асосии таълимоти ислом мо бо оятҳое вомехӯрем, ки дар заминаи онҳо воқеан ҳам дуруст муайян намудани сарчашмаи амали инсон душвор аст. Аз ҷумла, оятҳои «Ҳеҷ мусибате дар замин ва дар ҷони шумо намерасад, магар пеш аз он ки он мусибатро биофаринем, дар Китобе навишта шудааст...”(Ҳадид, 57: 22); “Ҳеҷ мусибате намерасад, магар ба ҳукми Худо» (Тағобун, 64: 11); «Ва агар парвардигорат мехост, ҳамаи онон, ки дар заминанд, якҷо имон меоварданд. Оё ту мардумонро маҷбур мекунӣ, то муъмин шаванд?» (Юнус, 10:99). «Он чи аз некӯӣ ба ту расид, аз Худост; ва он чи аз бадӣ ба ту расид, аз худи ту аст» (Нисо, 4: 78). Комилан аён аст, ки дар оятҳои зикршуда офаридгори амал Худо таъкид мегардад. Яъне, инсон тибқи оятҳои зикршуда итоаткорона ичрокунандаи нақшаи пешакӣ таҳияшуда аст. Дар интихоби амал ҳоло вай озод нест.

Дар баробари ин, дар Қуръон мо боз бо оятҳое дучор меоем, ки дар онҳо маҳз инсон худаш сарчашмаи амал ёдрас мегарданд: «Ва аз он ки одамиро ҷуз он чи амал кардааст, [чизе] нарасад; ва аз он ки саъйи ӯ дида хоҳад шуд. (Наҷм, 53:39-40); «Ва бигӯ: «Амал кунед, пас Худову расули ӯ ва муъминон амали шуморо хоҳанд дид»(Тавба, 9:105); «Ба дурустӣ, Худо ҳолатеро, ки ба қавме бошад, тағьёир намедиҳад, то вақте ки онҳо (худ) он чиро, ки дар замирашон ҳаст, тағйир надиҳанд. (Раъд, 13:11). Тибқи оятҳои баёнгардида бошад, инсон худ офаридгори амал аст. Дар ин ҷо ягон мавҷуди фавқуттабиа муайянкунандаи афъол нест. Ба қавли дигар, тақдири инсон дар дасташ аст, яъне вай дар ичрои амал озод аст.

Дар заминаи оятҳои мазкур таълимотҳои мухталифи каломӣ пайдо гардиданд, ки ҳар яке аз мавқеи худ масъалаи мазкурро шарҳ додааст. Аз ҷумла, ҷараёни муътазила бар пояи асли адл таълимоти худро асосонок намудааст, ки воқеан ҳам асоси мантиқии амиқ дорад. Моҳияти асли мазкур дар он ифода меёбад, ки Худованд набояд тақдири шахсро пешакӣ муайян намуда, ичрои некию бадиро пешакӣ бинвисаду боз барои тақдири муайяннамудааш шахсро мубталои ҷазо гардонад. Чунин амал ба табиати Худованд, ки одил аст, созгор нест[8, с.27].

Донишмандони аҳли суннат ва ҷамоат бошад, масъалаи мазкурро ба таври анъанавӣ бидуни истифодаи ақл тафсир намудаанд. Аз ҷумла, Солиҳ Ол Толиб дар рисолааш зери унвони «Қазо ва қадар» навиштааст: «Худованди субҳон ба мо хабар додааст, ки ҳар мусибате дар болои замин ва ё дар худи онҳо рух медиҳад, тақдиркардаи ӯст ва пеш аз сар заданаш дар Лавҳулмаҳфуз дарҷ шудааст»[5, с.13].

Бояд ёдовар шуд, ки барои шакл гирифтани таълимоти Абумансури Мотуридӣ доир ба масъалаи мазкур ҳам таълимоти Абуҳанифа ва ҳам таълимоти аҳли муътазила ба сифати заминаи ғоявӣ хидмат намудаанд. Таълимоти Абуҳанифа агар барои ташаккули таълимоти Мотуридӣ доир ба масъалаи мавриди таҳқиқ роҳнамо гардида бошад, пас, таълимоти муътазила ба сифати омили таҳрикдиҳанда хидмат намудааст.

Таълимоти ҳанафӣ доир ба масъалаи баёншуда бо такя ба ояти 49 аз сураи «Қамар» чунин садо медиҳад: «Аз ин рӯ, хайру некӣ ва шару бадӣ ҳама муқаддар мебошанд ва ҳама чиз ба андоза офарида шуда.. Ин гуфта даъвову пиндори касонеро, ки мегӯянд, ки шару бадиро Худованд наофаридааст, рад менамояд» [4, с.20]. Аз маврид истифода намуда, мехоҳем ёдовар шавем, ки месазад, ки андешаи баёншуда бо ҳукми ояти 78 аз сураи «Нисо» мавриди муқоиса қарор дода шавад.

Масъалаи мазкур дар таълимоти донишмандони аҳли суннат ва ҷамоат ба таври зер низ шарҳ ёфтааст: «Афъолу кирдори бандагон офариниши Худо ва касби бандагон мебошад. Шарҳ: Ҳама афъол ва кирдори бандагон офариниши Худованди бузург аст, чи тавре, ки Офаридгор мефармояд: «Худованд шумо ва амалҳоятонро офаридааст» (Соффот, 96). Вале анҷомдиҳандаи он аз тарафи бандагон сурат мегирад ва ин қавл мазҳаби барҳақ мебошад бар хилофи ҷабрия, ки онҳо ирода ва хоҳиши бандаро салб намуда, ӯро маҳҷур ва маҷбури иродаи Худо медонанд»[4, с.90].

Чуноне, ки гуфтем, масъалаи мазкур дар таълимоти Абумансури Мотуридӣ низ мавриди таҳқиқи васеъ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар асари зикршудааш дар мавзуи «Доир ба масъалаи қазову қадар» ва «Дар мазаммати қадария» [9, с.222-235] мавқеи аҳли муътазила, махсусан намояндаи маъруфи он ал-Каъбиро, ки ҳамасри Мотуридист, зери танқид қарор дода, кӯшиш намудааст, ки нуқтаи назари ҳанафиро ба таври васеъ, амиқ ва бо далоили сершумори нақлию ақлӣ асоснок намояд.

Дар ҳошияи андешаҳои баёнгардида зарур меҳисобам таъкид намоям, ки агарчанде масъалаи муҳими ақидавии «Қазою қадар» аз тарафи донишмандони исломӣ ба таври мухталиф мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифт, аммо он ҳанӯз ҳам ҳалнашуда боқӣ мемонад. Ҳамин духӯрагии маъноҳои дар Қуръон баёнгардида буд, ки аллакай дар оғози наҳзати исломӣ ҷараёнҳои қадария ва ҷабрия ба вуҷуд омада буданд. Ҷараёнҳои мазкур бесабаб ва дар ҷойи хушку холӣ пайдо нагардидаанд. Маҳз чунин фаҳмиши духӯра будааст, ки шоир ва донишманди машҳури форсу тоҷик Умари Хайём мисраҳои зерро рӯи коғаз овардааст:

Ё раб, гилам ту сиришта̄й, ман чӣ кунам?

Пашму қасабам ту ришта̄й, ман чӣ кунам?

Ҳар неку баде к-аз ман ояд ба вуҷуд,

Бар сари ман ту киштай, ман чӣ кунам?

Маҳз фаҳмишу тасаввуроти зикргардида асос гардидааст, ки дар фазои маънавии ҷомеа ду мисраи ҷолиби зерин садо диҳад:

Бедил, агар рӯзи ҷазо з-аҳволи ту пурсад Худо,

Пешонии худ боз куну гӯ: ҳар чӣ бинвиштӣ, бихон!

Хулоса, агарчанде тамоми афкори илоҳиётии фазои динии замони Мотуридӣ ва ҳатто замони пеш аз вай барои ташаккули афкори ақлгароёнаи илоҳиётии мутафаккир хидмат намудаанд, вале заминаи асосиро дар самти мазкур бешак таълимоти Қуръон, таълимоти илоҳиётии Имоми Аъзам ва афкори ақлгарои муътазила гузоштаанд. Бешак аввалин ва муҳимтарин заминаи ғоявӣ худи Қуръон маҳсуб меёбад, зеро вазифаи Мотуридӣ маҳз дар ҳифзи таълимоти Қуръон аз афкори ғайр маҳсуб меёфт. Дуюмин заминаи ғоявӣ, албатта, таълимоти илоҳиётии Имоми Аъзам маҳсуб меёбад, зеро вай маҳз дар назди шогирдони ӯ таълим гирифта, таълимоти худро бар пояи афкори ӯ бунёд намудааст. Аз нигоҳи мо, дар рушди афкори ақлгароёнаи Абумансури Мотуридӣ нақши таълимоти ақлгароёнаи аҳли муътазила низ кам нест, зеро онҳо барои ҳифзи асли аввали таълимоти худ - тавҳид ақлро меъёри ягона ва муайянкунанда қарор дода, барои коркарди назарияи теологии худ сабақи муфиде аз худ боқӣ гузоштаанд.

АДАБИЁТ:

1. Абулмунтаҳо Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Мағниёвӣ. Шарҳи фиқҳи акбар. Мутарҷим Муҳаммад Юнус Ҳайрон. Б/С . -78с.

2. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. Ас-Саводу-л-аъзам / Бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Ф. Баротзода, С. Шаҳобуддинов, Р.Азизӣ, М. Наҷотзода. – Душанбе: «Андалеб Р», 2016. -248с.

3. Баздавӣ, Имом Абулюср Муҳаммад. Усули дин / Тарҷума ва таҳияву тавзеҳоти Саиднуриддин Шаҳобуддинов. – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 256с.

4. Муҳаммад ибни Абдураҳмони Хумайс. Шарҳи осони ақидаи Таҳовӣ. Мутарҷим Абдураҳмон Орифӣ. – Душанбе: “Паёми ошно”. 2007. – 110с.

5. Солиҳ Ол Толиб. Қазо ва қадар. [Тоҷикӣ-tajiki – тоҷикиятун(ҳуруфи арабӣ). 2012-1430. IslamHousecom.

6. Тафсиру анвор –ил- Қуръон. Баргузидае аз се тафсир: Фатҳ-ул-қадири Шавконӣ, Тафсири Ибни Касир, Тафсир-ул-мунири Ваҳбаи Зуҳайлӣ). Тартиб ва тарҷимаи Абдуррауфи Мухлис. copyright@2008 fhlesoonat.com.

7. Қуръони карим (асл ва матни тарҷимаи тоҷикӣ). – Душанбе: “Эр-граф”, 2011.

8. Вольф М.Н. Средневековая арабская философия: мутазилитский калам. Н овосибирск, 2005. -110с.

9. ابو منصوٴر الماتريدى السمرقندى. كتاب التوحيد. دار الكتاب العلمية. بيروت. لبنان. 2006-325c.

10.المعتزلةhttp://ar.wikipedia.org. Рӯзи мурочиат: 16.05.2025

11. Wolfson Harry Austryn. The Philosophy of the kalam. Harward University Press.Cambridge, Massachusets and London, England. 1976. – 687с.

12. Maturidism by A.K.M Ayyb Ali,M.A. ph.D, Principal Government Rajshani Madrasah, Rajshani (Pakistan). http://al-islam.org/history-muslim-philosophy-volume-1-book-3/chapter-13-maturidism. Рӯзи мурочиат: 09.01.2025.

13. https://en.wikipedia.org/wiki/Abu_Mansur_al-Maturidi. Рӯзи мурочиат: 9.12.2024.

14. http://play.google.com>store>apps>details. Коран.Перевод Э.Кулиева (Т. ас-Саади и Ибн Касира).

15. https://core.ac.uk/download/pdf/268117765.pdf Рӯзи мурочиат: 24.02.2025

ИДЕЙНЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ КАЛАМА МОТУРИДИ

Абдухалилзода К.А.

Предметом исследования данной статьи является определение идейных основ учения Матуриди как главного ключа к пониманию учения мыслителя. Автор, понимая цель сохранения учения Корана на основе применения принципа рационализма, попытался, прежде всего, выделить те проблемы понимания Корана, которые легли в основу возникновения толкований и интерпретаций, а также формирования течений и направлений, как главной основы формирования калама. Именно описанная проблема привела к возникновению рационального движения мутазилитов, которое, несомненно, является одной из идейных основ калама Матуриди.

Ключевые слова: идейные предпосылки, сложности понимания Корана, аяты ташбих (уподобления), антропоморфизм, атрибуты Бога, монотезим, действие человека, течения и направлекния, калам, мутазила, калам ал-Мотуриди

IDEOLOGICAL PREMISES OF THE FORMATION OF THE KALAM AL-MATURIDI

Abdukhalilzada K.A.

The determination of the ideal foundations of Maturidi's teaching as the main key to understanding the teaching of the scholar is the subject of this article. The author, understanding the purpose of preserving the teaching of the Koran based on the application of the principle of rationalism, tried, first, to highlight those problems of understanding the Koran that formed the basis for the emergence of interpretations, as well as the formation of trends and directions, as the main basis for the formation of Kalam. It was the problem described that led to the emergence of the rational movement of the Mu'tazilites, which is undoubtedly one of the ideological foundations of Maturidi's Kalam.

Key words: Ideological premises, difficulties of the understanding of the Qur’an, verses of tashbeh(similarity), antropomorfism, attributes of God, monotheism, man’s action, directions and trends, kalam, mutazila, kalam al-Moturidi.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

К ВОПРОСУ ОБ ЭТНИЧЕСКОЙ ПРИНАДЛЕЖНОСТИ АВИЦЕННЫ

Мухаммадсалам Махшулов – ведущий научный сотрудник Центра авиценноведения Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова НАНТ

В статье приводятся конкретные данные, основанные на достоверных источниках в пользу таджикской (персидской) этнической принадлежности Абу Али ибн Сина. Рассматриваются примеры из произведений самого мыслителя, иные исторические факты, а также мнения выдающихся мыслителей о том, что Ибн Сина, будучи, этнически таджиком, воспитан в благоприятной среде эпохи Саманидов. Указывается также на влияние Ибн Сины на формирование персидской (таджикской) философской и научной терминологии.

Ключевые слова. *Ибн Сина, Саманиды, батинитское учение, персидский (таджикский) язык, Балх, Бухара, Афшана, Хорезм, философский рубаи, Авесто.*

Вопрос об этнической принадлежности Абу Али ибн Сины возник относительно недавно, ибо подобные вопросы в мусульманском обществе до периода модернизма особой популярностью не пользовались, так как в этом обществе на первом месте стояла религиозная принадлежность, и люди представлялись преимущественно мусульманами; а этническая и расовая идентичность отодвигалась на второй план. Поэтому наследием таких великих личностей, как Ибн Сина, могут гордиться все мусульмане и все цивилизованные жители планеты. Вопрос об этнической и национальной принадлежности возник по «инициативе» европейских государств; под влиянием распространенных ими националистических воззрений, а также в результате оказанной ими поддержки проектов относительно национальных и этноцентрических государств, цель которых заключалась в колониальном господстве (на основе принципа «разделяй и властвуй») и упрочения своей позиции в странах Азии и Африки. Этой цели были подчинены также и в основном подстрекаемые Западом в начале XX века устремления тюркских националистов во главе с Мустафой Кемалем Ататюрком, которые без всякого научного обоснования и в основном на основе националистических побуждений активно стремились приписать тюркскому этносу многих знаменитых личностей из числа ученых и литераторов.

Странно, что, несмотря на то, что этническая принадлежность Ибн Сины и многих других видных научных представителей средневековья, точно установлена достоверными и бесспорными исследованиями, а также бесстрастно и реально относящимися к этому вопросу учеными, все же некоторые представители «научной мысли» тюркоязычных стран упорно стремятся приписать его своему народу, не имея на то никакое реальное научное и историческое основание. Еще более странным выглядит ситуация, характеризующаяся тем, что этническую принадлежность этого ученого приписывают себе даже народы, пришедшие на территорию Мавераннахра и Хорасана несколько столетий спустя после его смерти.

Как было отмечено, этническое, конкретно иранское (таджикское) происхождение Авиценны достоверно доказано авторитетными исследователями-востоковедами, такими как С.Е. Босфорт, А. Дж. Арбери, Анри Корбен и многими другими всемирно признанными учеными.[1] Перечень произведений с конкретной аргументацией в пользу иранско-таджикского происхождения Авиценны огромен и их краткое изложение содержится, например, в Вики-

педии на русском и английском языках. В этом направлении конкретно были изложены неопровержимые аргументы также со стороны крупного таджикского ученого-исследователя академика Диноршоева М.Д.[2]

На основе исследований вышеупомянутых ученых и непосредственно с учетом высказываний самого Ибн Сины можно привести множество аргументов, которые свидетельствуют об иранском (таджикском) происхождении мыслителя. Для конкретности считаем необходимым перечислить несколько фактов, каждый из которых служит убедительным доводом в пользу того, что Ибн Сина был этническим иранцем (таджиком) и воспитывался именно в благотворной среде таджикской культуры.

1) Достоверно известно, что Ибн Сина знал только два языка, а именно свой родной язык персидский (таджикский) и арабский. Так, он в своей книге «Ишарат ва танбихат» («Указания и наставления») пишет: «Однако, в языках, которыми *мы владеем* (*курсив наш – М.М.*), не встречается всеобщее отрицание в том виде, в каком мы его описали, и для ограничения общеотрицательных суждений (в области логики – М.М.) употребляются слова, выражающие дополнительные значения, соответствующие выражению подобного рода абсолютности. По-арабски, например, говорят: «Ла шай`ун мин Дж – Б» («Ни одно Дж не есть Б»), и этим хотят сказать, что ни одна вещь, свойственная Дж, не присуща Б. На литературном персидском языке тоже говорят: «Хедж Дж Б нест» («Ни одно Дж не есть Б»). Использование такого выражения означает, что оно содержит необходимые вещи и представляет собой одну из разновидностей абсолютности, условием которой является субъект».[3]

В книгах Ибн Сины, посвященных решению различных вопросов логики приводятся множество других подобных примеров исключительно с персидского и арабского языков. Именно на этих двух языках он написал свои труды, посвященные различным отраслям науки. И в частности на этих языках были сочинены его труды, посредством которых он внес огромный вклад в развитии философских и медицинских наук.

Следовательно, по собственному признанию самого Авиценны, он знает только два языка – свой родной язык – персидский (таджикский) и арабский. А другие языки (в частности, и тюркский) ему неведомы!!! А после подобного отчетливого признания самого мыслителя можно ли перечислить его к лицам тюркского происхождения или хотя бы к знатокам тюркских наречий? М. Диноршоев добавляет: «Если бы Ибн Сина был турком, воспитывался бы в духе турецкой традиции и культуры, то он непременно указал бы на свое знание родного турецкого языка и подчеркнул бы, как формулируется на этом языке ограничения общеотрицательного суждения. Но поскольку такие указания в сочинениях Ибн Сины абсолютно отсутствуют, постольку всякие домыслы о его турецком происхождение должны быть решительно отвергнуты».

Кроме того ни в одном из произведений Ибн Сины нет ни малейшего намека на каких-либо его связей (в том числе и этнической и языковой!) с тюрками, тогда как многие из его произведений, в частности и его энциклопедический труд «Данишнаме» («Книга знания») написаны именно на его родном персидском языке.

2) Отец Ибн Сины, Абдаллах, по собственному признанию мыслителя, был родом из Балха и являлся последователем батинитского учения. Опасаясь преследований со стороны пришедшего к власти правителя Балха, потомка тюркских рабов, Султана Махмуда (998 - 1030), он в дни правления саманидского эмира Нуха ибн Мансура (976 - 997) переехал в Бухару.[4] А мать Ибн Сины, Ситара-Бану (имя говорившее об ее таджикском происхождении, ибо слово «Бану» (высокочтимая и благородного происхождения женщина) добавлялась к именам чисто иранского (таджикского) происхождения аристократкам), была родом из селении Афшана, где и жила семья мыслителя и где родился он сам.

Кстати, и поныне, тысяча лет спустя после эпохи Авиценны, жители селения Афшана все еще продолжают говорить

по-таджикски. А топоним «Афшана» исходит из деформированного в течение многих веков авестийского слова (близкого к санскриту) apAsana – «крайняя земля», что не имеет ничего общего с тюркскими наречиями.

А последователи батинитсткого толка ислама, к которым принадлежали представители автохтонного иранского (таджикского) населения Хорасана, отличались своим враждебным отношением к пришлым тюркским правителям, которые угрожали основам их национальной независимости. Подтверждением тому служат, например, слова Насира Хусрава (1004 - 1088), видного таджикского поэта и философа, одного из батинитских проповедников, современника Ибн Сины, который также был родом из Балха. Так, Насир Хусрав сказал:

Тюрки перед мужами раньше
в Хорасане,
Были униженными подобно
женщинам во дворцах.
Не стыдно ли благородным
от рождения мужам
Корыстно горбить спину,
поклоняясь тюркам?**[5]**

Подчиняться пришедшим из Дашт-и Кипчака и Сибири тюркским кочевникам для хорасанских батинистов, одним из которых был отец Ибн Сины, считался признаком невежества. И как сказал Насир Хусрав:

Унижаться ли мне подобно тебе,
о невежда,
В надежде наполнить мешок
с провизией?
Тюрки кочевники были моими
слугами,
Как я смогу быть тюркским
слугой?**[6]**

Поэтому, отец Ибн Сины, будучи таджиком-батинитом, и не желая служить тюрку и рабу по происхождению Султану Махмуду, переехал в Бухару, где непосредственно правила таджикская царская династия Саманидов и поступил на государственную службу.

Истории не известен ни один турок, который являлся бы последователем батинитского учения в ту эпоху и даже несколько веков спустя.

3) А теперь приведем еще одну цитату из книги «Илахийат» («Метафизика») – заключительной части «Китаб ушшифа'» («Книга исцеления») Ибн Сины, в которой явно обнаруживается его отношение к туркам. Он пишет: «…Те из людей, которые далеки от усвоения добродетели, как тюрки и негры, по природе должны быть рабами (слугами)».[7] На первый взгляд, подобное высказывание со стороны Ибн Сины, с присущими ему гуманистическими и культурными особенностями, звучит странно. Тем не менее, здесь мыслитель выражает распространённое в свою эпоху мнение, и данное его высказывание отчетливо говорит о том, что приписать ему тюркское происхождение – смешная и абсолютно беспочвенная затея.

4) То есть на основе аргументов почерпнутых из сочинений самого Авиценны отчетливо напрашивается вывод о таджикском происхождении его родителей. Ведь логически и морально исключено, чтобы его мать и отец были тюрками, а их родной сын Абу Али Хусейн ибн Абдаллах ибн Сина, якобы воспитанный в духе тюркской культуры считал их «далекими от добродетели» и людьми, которые «по природе должны быть рабами». Подобное утверждение было бы проявлением непростительного цинизма и нарушением высоких моральных принципов по отношению к своим собственным родителям. Более того, как отмечает В.И. Исхаков «отец Ибн Сины - Абдаллах ибн Хасан - был одним из просвещённых людей своего времени. Его отличали незаурядный ум, свободомыслие и как следствие этого приверженность к прогрессивной в то время секте исмаилитов».[8] В условиях средневековья, если брать с точки зрения шариата, отрешение от своей религии или религиозного направления (мазхаб), находясь в круге своих близких и родственников как сторонник данного мазхаба, считалось большим грехом. Другое дело, что такие высоко эрудированные личности, как Ибн Сины, были выше всех форм религиозных разногласий, и могли, как минимум, не говорить о своей принадлежности к тому или иному мазхабу. Подобно тому, как го-

ворил другой таджикский поэт А. Джами, «я не осел-шиит и не собака-суннит».

5) О принадлежности отца Ибн Сины, Абдаллаха, к знатному иранскому (таджикскому) роду свидетельствует также его родовое, фамильное имя – «Сина». Данное слово восходит к авестийскому Saena («сокол»), символа фраваши, благого духа, включающий в себя всё, что было и всё, что будет, а также воинства Ахура- Мазды. Так, в Авесте (Фарвардин Яшт, 97) говорится: «Славлю фраваши праведного Саены – сына Ахуш Стута, появившегося первым на этой земле со ста своими последователями». Данное фамильное имя было широко распространено среди знатных иранских родов. Так, известный немецкий лингвист Юст в своей книге «Иранские имена»[9] упоминает о двадцати двух знатных иранских вельможах, носивших имена Caena – Сина. По свидетельству этого исследователя, данное фамильное имя носилось исключительно иранскими (таджикскими) знатными родами.

6) О том, что жители Бухары были этническими таджиками и говорили на языке фарси (при наличии у многих окрестных жителей другого языка иранской группы, а именно согдийского) свидетельствуют многие средневековые историки, в частности автор своеобразного уникального и энциклопедического труда по истории Бухары Мухаммад ан-Наршахи (899 - 959). Он пишет: «Кутайба бин Муслим в девяносто четвертом году хиджри (в 713 году) построил соборную мечеть в Бухаре. Он приказал жителям Бухары собираться там каждую пятницу. В начальном периоде распространения ислама жители Бухары читали Коран на парси (фарси) и не могли научиться арабскому языку. Когда [во время намаза] подходило время совершать руку' (земной поклон – М.М.), был человек, который стоя сзади молящихся, произносил (на фарси – М.М.), «*бикнита никнит*» (наклоняйтесь, наклоняйтесь), а когда нужно было совершать саджда (поясные поклоны) кричал: *никунийа никуни* (кланяйтесь, кланяйтесь)»[10]

Неопровержимыми аргументами в пользу таджикского происхождения родителей Ибн Сины служат также заметки известных средневековых арабских географов и путешественников IX – X веков, таких как Истахри, Ибн Хаукал и Макдиси.[11] Эти авторы свидетельствуют о том, что население обширной территории Хорасана и Мавареннахра говорит исключительно на иранских языках. В городах люди общаются на языке фарси (дари, таджикский), а в селениях широко распространен еще и согдийский диалект иранских языков. [12]

У этих авторов не встречается абсолютно никаких напоминаний о существовании и хождении здесь тюркских наречий. Ибо кочевые тюркские племена в этот период в основном обитали севернее реки Яксарт (Сыр-Дарья), а в оазисах и городах Мавераннахра и Хорасана они встречались в основном в качестве наёмных воинов или рабов. Иными словами, Хорасан и Мавераннахр в тот период и даже после падения Саманидов вплоть до монгольского нашествия действительно являлись ареалами чисто таджикской культуры, и наличие тюркского составляющего на этой территории было незначительным и вовсе не проявлялось в области культурного и научного созидания.

7) Ибн Сина с его обширными и основательными знаниями во всех областях научной мысли своей эпохи мог бы остаться на службу у захвативших Бухару пришлых Караханидских тюрков или у завоевавшего власть в Хорасане потомка тюркских рабов Султана Махмуда, но воспитанный в духе таджикской (иранской) культуры, он предпочел уехать в Хорезм, население которого, по описанию Абу Райхана Бируни в его книге «Асар ал-бакийа» («Памятниках минувших поколений») «относится к цветущему древу персидских народов».[13] А после того, как угроза тюркского нашествия нависла над Хорезмом, он предпочел служить у различных иранских правителей той эпохи. И до конца своих дней (в отличие от Бируни, который был принудительно привлечен к службе у Газневидов) он ни разу не служил у новоявленных тюркских правителей. Ибо ему, воспитаннику древних иранских научных традиций и изящной

среды таджикской культуры, были чужды нравы хлынувших из Дашти Кипчака в Мавареннахр и Хорасан кочевников («далеких от добродетели»[14]), подвергших автохтонное население края жестоким преследованиям и грабежам.

8) Ибн Сина, как по происхождению, так и духовно тесно связан с таджикским этносом и с таджикской культурой. Он, как и его современники Абу Райхан Бируни и Насир Хусрав, внес огромный вклад в обогащении такого важного компонента таджикского (персидского) языка, как его научная терминология.[15] На этой основе в последующие века на этом же языке были написаны видающиеся научные произведения (в частности труды Насир ад-дина Туси, Джалал ад-дина Руми, Абд ар-Рахмана Джами и др.), служившие надежной основой для развития мировой научной мысли. Кроме того он считается основоположником жанра философского рубаи (на персидском языке), достигший своего пика в творчестве Омара Хайма и других классиков персидско-таджикской литературы.

9) Об этнической принадлежности Ибн Сины к таджикам говорят многочисленные исследователи, ученые, общественные деятели и т.д. Отметим, что в советское время явно или неявно спровоцировали конфликт между разными национальностями стран бывшего Советского Союза, оставляя между ними либо спорные территории, либо почву для разжигания конфликта на основе культурных наследий. Корреспондент «ИА Красная весна», расследуя причины конфликта между армянами и азербайджанами на Кавказе, затрагивает и таджикско-узбекское отношение в плане этической идентичности Ибн Сины: «Напряженность между народами создавалась еще и тем, что в одном и том же регионе одни первые секретари были членами или кандидатами в члены Политбюро, а другие секретари были просто первыми секретарями. Первые секретари, вышедшие в члены и кандидаты в члены Политбюро, могли не считаться и не считались с рядовыми первыми секретарями. Потому, собственно, и мог Шараф Рашидов (первый секретарь ЦК Компартии Узбекской ССР. - прим. ИА Красная Весна) позволить себе объявить Авиценну великим узбекским философом и ученым. Это нужно было Рашидову, а не узбекам, зачем им присваивать чужое? Мало ли в мире великих ученых и философов! И только теперь, в пору гласности, таджики заявили о своих правах, и (Рафик) Нишанов, будучи первым секретарем Узбекистана, признал, что Авиценна, действительно, великий таджикский философ и ученый»[16].

Эти и многие другие доводы служат неопровержимым аргументом в пользу того, что Ибн Сина не имел никакого отношения к тюркским этносам, не был знаком с их языком, и следовательно, им не написано ни одно произведение на этих языках. Поэтому странно наблюдать за тем, кто упорно, без всякого основания и упрямо называет его тюрком. Известно, что подобные попытки не имеют ничего общего с реальностью и подчинены политическим и геополитическим целям. С.Е. Босворт и другие всемирно-известные ученые видят причину «туркизации» всего исламского и персидского культурного и научного наследия за последние столетия в распространении националистической волны под воздействием целенаправленных западных проектов, которые основаны на чрезмерной идеализации этнических особенностей. Некоторые вновь образованные национальные государства претендовали на исключительную историческую этническую идентичность, тогда как их роль в истории мусульманских стран преимущественно ограничивалась нашествиями и разбоями, а в развитии научного и культурного наследия этих стран они оказали скорее отрицательное, чем положительное влияние. К подобной националистической волне в первую очередь относится пантюркистское движение, которое возникло главным образом под влиянием западных политических проектов.

Этим и объясняются стремления определенной части неподготовленных, амбициозных и поверхностно мыслящих «ученых» из тюркоязычных «научных кругов» (коих, к сожалению, за послед-

ние десятилетия наплодилось немало!) приписать своему народу таких персидско-таджикских ученых, как Ибн Сина, Абу Райхан Бируни, Джалал ад-дин Руми, Насир ад-дин Туси и многих других. Тем самим они, поддаваясь влиянию своих западных «кукловодов» своими необоснованными и далекими от научной и исторической реальности «доводами» обманывают свой собственный народ; и даже сами (видимо, с удовольствием) поддаются подобному лестному обману.

С одной стороны, такие великие личности, как Ибн Сина принадлежат всему человечеству. И мы, таджики, с полным на то основанием гордимся тем, что подарили миру таких великих личностей, как Фирдоуси, Ибн Сина, Бируни, Насир Хусрав, Омар Хайям, Насир ад-дин Туси, Джалал ад-дин Руми и многих других ярких светил науки и литературы. Мы должны гордиться, и гордимся тем, что другие стремятся (хотя и безосновательно и безуспешно) приписать своему народу наших научных авторитетов прошлых времен и гордятся ими. Но историческая справедливость требует, чтобы авторитет этих всемирно-известных сыновей нашего народа не стал предметом дешевой националистической спекуляции, а служил братскому союзу и единению всех народов, как они сами того желали.

ЛИТЕРАТУРА:

1. А.М.Гуашон. Ибн Сина. 1986. ; A.J. Arberry, "Avicenna on Theology", KAZI PUBN INC, 1995. excerpt: "Avicenna was the greatest of all Persian thinkers; as physician and metaphysician"&fp=dcce4d829681 fc6c&biw=1824&bih=966

2. Абу Али ибн Сина. Рисолаи Саргузашт. Ҷ. 1. Душанбе. 2015; Доират улмаорифи исломӣ. Ба забони англисӣ. Нашриёти Брил. Лейден. С.941

3. Henry Corbin, "The Voyage and the messenger: Iran and Philosophy", North Atlantic Books, 1998. pg 74:"Whereas the name of Avicenna (Ibn sinda, died 1037) is generally listed as chronologically first among noteworthy Iranian philosophers, recent evidence has revealed previous existence of Ismaili philosophical systems with a structure no less complete than of Avicenna". Ibn Sina ("Avicenna") Encyclopedia of Islam. 2nd edition. Edited by P. Berman, Th. Bianquis, C.E. Bosworth, E. van Donzel and W.P. Henrichs. Brill 2009; Fayz, M. Getz. "Avicenna" in Sandra Clayton-Emmerson (2005), Key Figures in Medieval Europe: An Encyclopedia (Routledge Encyclopedias of the Middle Ages). Routledge. pg 54: "The Persian philosopher, poet, and physician Ibn Sina (Abu Ali al-Husayn ibn Abdullah ibn Sina) is known in the west as Avicenna. He was born in Bukhara and died in Hamada, Persia".

4. Диноршоев М.Д. Предисловие к «Сочинениям» Абу Али ибн Сины, Душанбе, «Дониш», 2005, СС. 2-36.

5. Ибн Сина. Избранные философские произведения. – Москва, 1980. С. 256.

6. Носири Хусрав. Куллиет. Девони аш‘ор. Т. 2. - Душанбе: «Ирфон», 2003. - С. 442.

7. Носири Хусрав, Куллиёт. Девони ашъор. Т. 1, Душанбе, «Ирфон», 2003. С. 633.

8. Ибн Сина. Аш-Шифа. Илахийат (2). По случаю тысячелетия аш-Шейх ар-Раиса.

9. Исхаков В. И. И 91 Этюды о здоровье: Ибн Сина и его античные предшественники/ Под ред. Б. Д. Петрова.— Т.: Медицина, 1987. С. 14

10. Justi F. Iranishes namenbuch. Marburg, 1895, p. 271.

11. Ан-Наршахи, Мухаммад. Та’рих-и Бухара (История Бухары), Перевод и комментарии Ш. С. Камалиддина, Ташкент: SMI-ASIA, 2011. С. 53.

12. См: Истахри, Абу Исхак. Масалик ва мамалик, Тегеран, 1348 г. х; Ибн Хаукал. Сурат ал-ард, Тегеран, 1345 г.х.; ал-Макдиси. Ахсан ал-Такасим. Бейрут 1986.

13. Диноршноев М.Д. Предисловие к «Сочинениям» Абу Али ибн Сины, Душанбе, «Дониш», 2005,

14. C.E. Bosworth, «The Appearance of the Arabs in Central Asia under the Umayyads and the establishment of Islam», in *History of Civilizations of Central Asia*, Vol. IV: The Age of Achievement: AD 750 to the End of the Fifteenth Century, Part One: The Historical, Social and

Economic Setting, edited by M. S. Asimov and C. E. Bosworth. Multiple History Series. Paris: UNESCO Publishing, 1998. excerpt from page 23:

15. Ибн Сина. Аш-Шифа. Илахийат (2). По случаю тысячелетия аш-Шейх ар-Раиса.

16. Динаршноев М.Д. Предисловие к «Сочинениям» Абу Али ибн Сины, Душанбе, «Дониш», 2005.

17. Юшина О. Культурная война. Ситуация в Армении. 22.12.2020 https://rossaprimavera.ru/article/bfc92c6bhttps://rossaprimavera.ru/article/bfc92c6b Дата обращения 28.01.2025

РОҶЕЪ БА МАСЪЛАИ МАНСУБИЯТИ ҚАВМИИ ШАЙХУРРАИС

Махшулов М.

Дар мақола додаҳои дақиқе аз сарчашмаҳои муътамад дар мавриди мансубияти Абу Али ибни Сино ба қавми тоҷик (эронӣ) ироа мегарданд. Мисолҳое, ки аз осори худи мутафаккир бармеоянд, дигар далелҳои таърихӣ ва инчунин андешаҳои ироашудаи донишмандони мухталиф, ҳокӣ аз онанд, ки Ибни Сино аз лиҳози қавмӣ тоҷик (эронӣ) буда, дар муҳити созгори даврони Сомониён парварида шудааст. Инчунин ба таъсири Ибни Сино дар шаклгирии мусталаҳоти илмию фалсафӣ дар забони тоҷикӣ (форсӣ) возеҳан ишора рафтааст.

Калидвожаҳо: Ибни Сино, Сомониён, таълимоти ботинӣ, забони форсӣ (тоҷикӣ), Балх, Бухоро, Афшана, Хоразм, рубоии фалсафӣ, Авасто.

ON THE QUESTION OF AVICENNA'S ETHNICITY

Makhshulov M.

The article provides specific data based on reliable sources in favor of the Tajik (Persian) ethnicity of Abu Ali ibn Sina. Examples from the works of the thinker himself, other historical facts, as well as the opinions of outstanding thinkers that Ibn Sina, being ethnically Tajik, was brought up in the favorable environment of the Samanid era are considered. The influence of Ibn Sina on the formation of Persian (Tajik) philosophical and scientific terminology is also indicated.

Keywords: Ibn Sina, Samanids, Batini doctrine, Persian (Tajik) language, Balkh, Bukhara, Afshana, Khorezm, philosophical rubai, Avesto.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

СУБКУЛТУРА ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Холова Алоҳида Амоновна - номзади илми фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Телефон: 903031526 E-mail: kholovaalohida@gmail.com

Дар ин мақола таърихи пайдоиш, омилҳои паҳншавӣ ва рушди мафҳуми «зерфарҳанг» (субкултура) –ҳо дар ҷомеа, нишонаҳо, хусусият ва таъсири мутақобилаи онҳо бо фарҳанги муосир баррасӣ мешавад. Дар бораи таъсири онҳо ба ҷамъият хулосагирӣ шуда, дурнамои инкишофи онҳо дар оянда равшан мегардад.

Ошкор карда мешавад, ки ҳар як субкултура дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, намояндагони он мекӯшанд, ки мансубияти худро ба фарҳанги муосир таъкид намоянд. Ин хоҳиш дар рафтори ғайриоддии тарзи муошират ва хусусиятҳои намуди зоҳирии онҳо ба монанди тарзи либоспӯшӣ, суханронӣ ва ороиши махсус муайян мешавад.

Муаллиф хулосагирӣ менамояд, ки дар ҷомеаи имрӯза на танҳо ҷавонон тавассути адабиёти зарурӣ ва интернет ба зерфарҳангҳо мутобиқ мешаванд, балки ҷомеа низ тавассути ҷавонони субмаданӣ вариантҳои гуногуни мавҷудиятро дар воқеияти нави иҷтимоӣ меҷӯяд. Пайдоиши зерфарҳангҳои нав ва табдили мавҷудаи ҷавонон таҷрибаи рушди тамаддуни башариро ганӣ гардонида, онро гуногунрангтар ва ҷомеаро ба зарбаҳои эҳтимолӣ тобовартар мегардонад.

Калидвожаҳо: *субкултура, нонконформизм, авторитаризм, миллитаризм, ҳаракати хиппиҳо, консепсияи индустрияи фарҳанг, конструктивӣ, эмо, зерфарҳангҳои интерактивӣ, консепсияи иҷтимоишавӣ.*

Ҳар як умумияти иҷтимоӣ дорои арзишҳо ва меъёрҳою вижагиҳои худ буда, бо фарҳанги ҳукмфармо робитаи зич дорад. Ошноӣ бо меъёрҳои фарҳангӣ, ворид шудан ба олами фарҳанги бартаридошта ва зерфарҳанг ҷараёни мураккаб ва баъзан мухолиф аст. Масъалаи зерфарҳанг дар чаҳорчӯбаи консепсияи иҷтимоишавӣ (сотсиализатсия) мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар шароити кунунӣ, масалан, дар ИМА, намояндагони фарҳангҳои мухталиф дар як ҷомеа зиндагӣ карда, то ҳол меъёрҳо ва арзишҳои фарҳангии худро ҳифз мекунанд; чунин зуҳуроти хоси фарҳангиро зерфарҳанг ё порчафарҳанг (субкултура) меноманд.

Порчафарҳангҳои ҷавонон дар охири асри XX ба вуҷуд омадааст. Муттаҳидшавии ғайрирасмии гурӯҳҳои ҷавонон сабаби пайдоиши порчафарҳангҳои ҷавонон мегардад. Аз солҳои 1960 сар карда, олимони соҳаҳои ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ ба таҳқиқи пайдоиш ва рушди масъалаи "дастаҳо"-и ҷавонон дар шаҳрҳои бузурге чун Чикаго ва Ню-Йорк оғоз намуданд ва дар асарҳои худ зуҳуроти рафтори ғайримеъёрии ҷавононро тасвир карданд.

Аз таҳқиқотҳо муайян гардид, ки аъзои ин гурӯҳҳо тибқи меъёрҳо ва қоидаҳои худ, берун аз доираи қонунҳои ҷомеаи муқаррарӣ амал мекунанд. Маҳз бо дарназардошти ҳамин хусусият, ба ин гурӯҳҳо мафҳуми "порчафарҳанг" истифода шудааст. Рушди порчафарҳангҳои ҷавонон дар солҳои 60-80-уми асри гузашта ба дароз шудани муддати таҳсилоти мактабӣ ва дошгани вақти зиёди холии ҷавонон вобаста буд. Пайвастан ба порчафарҳангҳо барои ҷавонон аксаран интихоби тарзи ҳаёти хос, ки на ҳамеша аз ҷониби ҷомеа пазируфта мешуд ва як навъ муқовимат бар зидди зиндагии маъмулие буд, ки онҳо ба сар мебурданд.

Алишер Муҳаммадӣ дар асари худ

“Фалсафаи фарҳанг” мафҳуми субкультураро ба таври зайл тавзеҳ медиҳад: **“Субкултура - муҳити махсуси фарҳангӣ, ки дар шакли тому мустақил дар дохили фарҳанги ҳукмрон вуҷуд дорад ва бо сохтори арзишӣ, расму таомул ва меъёрҳояш фарқ мекунад. Фарҳанги дилхоҳ давраи таърихӣ тамомияти нисбӣ дорад, аммо худ ба худ ягона нест. Дар дохили фарҳанги мушаххас фарҳанги шаҳрӣ аз фарҳанги деҳот, фарҳанги расмӣ аз мардумӣ, фарҳанги асилзодагон аз фарҳанги омма, динӣ аз дунявӣ, калонсолон аз кӯдакон фарқ менамоянд. Ин ҳолат хавфи ба гуруҳ ва пораҳои хӯрд тақсим шудани ҷомеаро ба вуҷуд меорад. Дилхоҳ марҳалаи фарҳангӣ дар тасаввури мо дар шакли маҷмуи тамоюлҳои фарҳангӣ, сабкҳо, анъанаҳо ва зуҳуроти руҳии инсон таҷаллӣ мекунад”** [11, с. 334].

Эмил Дюркгейм барои шарҳи рафтори девиантии (мухолифи меъёр) одамон як тавзеҳи бисёр муассир – падидаи аномияро пешниҳод кардааст. Аномия ин саркашии оммавӣ аз меъёрҳои дар ҷомеа қабулшуда, пошхӯрии низоми арзишҳо, буҳрони ниҳодҳои иҷтимоӣ ва номувофиқатии арзишҳои эълоншуда мебошад. Андешаҳои Дюркгеймро пайрави ӯ Роберт Кинг Мертон инкишоф додааст. Маҳз дар доираи назарияи аномия таҳқиқи зерфарҳангҳо дар солҳои 1940-1950 авҷ гирифт.

Талкотт Парсонс бар он бовар буд, ки ҷавонон дар доираи ташаккули зерфарҳангӣ мушкилоти таъмини суботи эҳсосиро ҳал менамоянд, ки ба онҳо имкон медиҳад “на танҳо аз лона берун оянд, балки нақши калонсолонро низ ба даст оранд” [16, с. 314].

Ба ақидаи Т. Парсонс, ҷомеаи иҷтимоӣ як шабакаи мураккаби гурӯҳҳо ва садоқатҳои дастаҷамъӣ мебошад. Олим менигорад, ки як мард метавонад, ҳамзамон, ҳам коргар ва ҳам падар бошад. Дар ин робита, “муносибатҳои содиқонаи зергурӯҳҳо ва шахсони алоҳида нисбат ба тамоми ҷомеа ва нисбат ба дигар гурӯҳҳое, ки онҳо аъзои он мебошанд, аҳамияти хос дорад. Ин густариши “плюрализми нақшҳо” аст, ки дар “ҷомеаи истеъмолӣ”-и иттилоотии муосир ба андозаи бесобиқа расидааст” [13, с. 25].

Асарҳои Т. Парсонс, Э. Дюркгейм ва Р. Мертон барои фаҳмидани он равандҳое, ки аз нимаи дуюми асри XX ба таври стихиявӣ (табиӣ, худ аз худ бавуҷудомада) пайдо шуда, иттиҳодияҳои нави сегменталӣ (аз лотинии “segmentum” – қисмҳои алоҳида ё қисмҳои як маҷмӯъ, ки метавонанд тақсим ё ҷудо карда шаванд) эҷод намуда, монеаҳои фарҳангӣ, коммуникатсионӣ ва номутобиқатиро дар ҷаҳон ба вуҷуд меоранд, заминаҳои зарурии назариявиро фароҳам оварданд.

Соли 1964 дар Ню-Йорк асари ҷомеашиноси амрикоӣ **Милтон Майрон Гордон** таҳти унвони "Ассимилятсия дар ҳаёти Амрико: Нақши нажод, дин ва пайдоиши миллӣ" ба нашр расид. Дар ин асар, Милтон Гордон се сатҳи падидаҳои фардии миллӣ ва фарҳангиро бо ҳам муқоиса кардааст:

1. Ҷамъияти миллӣ – фарҳанги миллӣ;
2. Зерҷомеа – зерфарҳанг;
3. Гурӯҳ–фарҳанги гурӯҳӣ [9, с. 41].

Соли 1947 М. М. Гордон дар парадигмаи илмии худ бо номи "Мафҳуми субкултура" кластери "фарҳанги миллӣ"-ро бо дарназардошти минтақа, мақоми синфӣ, навъи сукунат, мансубияти этникӣ ва динӣ истифода намудааст.

Дар даврaҳои гуногунандешии арзишҳо, ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоии осебпазир ба тағйироти ҷомеа фаъолонатар вокуниш нишон медиҳанд. Ба ақидаи доктори илмҳои таърихи Русия Ю. А. Петрова, ҷавонон як қисми ҷомеае ҳастанд, ки дар доираи зерфарҳангҳо ва системаҳои нави арзишҳо намунаҳо ё қолибҳои нави рафторро ба вуҷуд оварда, таъсири худро дар тамоми ҷомеаи Русия густариш медиҳанд. Яъне, фарҳангҳои ҷавонон ҳамчун муҳаррики дигаргуниҳои иҷтимоиву фарҳангӣ дар ҷомеаи Русия амал мекунанд. На танҳо ҷавонон тавассути зерфарҳангҳо ба воқеияти иҷтимоӣ мутобиқ мешаванд, балки худи ҷомеа низ тавассути ҷавонони ба зерфарҳангҳо шомилшуда роҳҳои гуногуни мутобиқшавӣ ба воқеияти буҳронии доимо тағйирёбандаро меҷӯяд. Афзоиш ва тағйирёбии субкультураҳои ҷавонон, ба иборaи дигар, ҷустуҷӯи имкониятҳо ва роҳҳои нави рушди организми ҷамъиятӣ дар вазъи-

яти буҳронӣ мебошад [14, с. 189].

Аксар вақт, намояндагони ҷавонони муосир нокомиҳои худро пинҳон карда, маблағҳои худро барои харидани косметикаи гаронбаҳо сарф мекунанд. Онҳо мекӯшанд, ки соҳиби навтарин намудҳои телефон бошанд, зеро ин ашё таваҷҷуҳро ба худ ҷалб намуда, гӯё аз мақоми баланди соҳибаш шаҳодат медиҳанд.

Ҳамин тариқ, «... гуногунии зерфарҳангии ҷомеа далели зинда будан ва устувории онҳост. Онро набояд танҳо ҳамчун зуҳуроти буҳронҳои иҷтимоие, ки дар дохили системаи муайяни ҷомеа ба амал меоянд, қабул кард. Баръакс, ба шарофати ҳамзистии шаклҳои зиёди зерфарҳангӣ, ҷомеа тавонистааст, ки ба тағйироти муҳити зист вокуниш нишон диҳад ва ба «зарбаҳо»-и ҳам аз муҳити беруна ва ҳам аз дарун посухҳои муносиб диҳад» [15, с. 89].

Порчафарҳангҳо асосан хусусияти фароғативу маишӣ дошта, ба арзишҳои ғарбӣ такя мекунанд, на ба арзишҳои фарҳанги миллӣ. Шавқу рағбати ҷавонон аксаран содалавҳона буда, тавассути телевизион ва мусиқӣ ташаккул меёбад. Дар ҳолате ки шахс мавқеи худро ба қадри кофӣ дар ҷомеа муайян карда натавонад, ӯ ба гурӯҳҳое ҳамроҳ мешавад, ки дар он ҷо худро дорои арзиш ва мавқеи хос эҳсос намояд.

Назарияи порчафарҳанг муносибати байни фарҳанги «асосӣ» ва фарҳанги «аз меъёр дуршуда»-ро ҳамчун як соҳаи илмии асоснокқардашуда меомӯзад.

Ҷомеашиноси англис Макс Брейк бар ин назар аст, ки порчафарҳангҳо “системаи муҳим, усули баён ё тарзи ҳаёте” мебошанд, ки гурӯҳ-гурӯҳ ташаккул ёфта, бар зидди системаи ҳукмфармо амал мекунанд. Ба ибораи дигар, онҳо норозигии ҷавононро аз системаи бартаридошта ё аз ҷомеае, ки талаботҳои онҳоро қонеъ карда наметавонад, инъикос менамоянд. Пайдоиш ва рушди порчафарҳангҳо ба чанд омил вобаста аст:

сатҳи саводнокӣ ва шуурнокӣ;

синну сол;

ҷои зист ва муҳити атроф.

Чунин ҳаракатҳо бештар дар шаҳрҳо ба вуҷуд меоянд, зеро маҳз дар шаҳр сатҳи иртибот васеътар аст. Ба ақидаи Макс Брейк, “порчафарҳангҳо ин дунёи васеи рангоранге мебошанд, ки дар назди аъзои онҳо тамоми имкониятҳои ҳаётӣ фароҳам мебошанд. Шахсе, ки ба порчафарҳанг ворид мешавад, арзишҳо ва меъёрҳои ин гурӯҳро қабул намуда, ба он тобеъ мегардад” [12, с. 122].

Порчафарҳанг ин низоми меъёрҳои рафтор, арзишҳо ва хислатҳое мебошад, ки аз фарҳанги маъмулии ҷомеа фарқ мекунад. **“Мафҳуми порчафарҳанг аз забони англисии “subculture” гирифта шуда, ҳамчунин, ба маънои “зерфарҳанг” низ истифода мешавад. Пешоянди “sub”, ки маънояш “зер” ё “таг” аст, табақаҳои ҷомеаеро, ки ғайрирасмӣ ва махфӣ ҳастанд, дар бар мегирад, “culture” бошад, маънои “фарҳанг”-ро дорад”** [12, с.118].

Ба гуфтаи **В.С. Соловьёв**, дар ҳама даврaҳои фарҳангӣ метавон ҷанбаҳои дигареро низ фарқ кард, аз қабили фарҳанги эзотерикӣ, элитарӣ, ифротӣ, оммавӣ, расмӣ ва маъмулӣ, бутпарастӣ, насронӣ ва ғайра. Мафҳуми эзотерика системаи таълимот дар бораи олам ва ҷаҳони ботинии инсонро дар бар мегирад. (Эзотерика аз калимаи юнонии ἐσωτερικός буда, маънои «дониши пинҳонӣ»-ро дорад.) Далели ҷолиби мавҷудияти таълимоти махфии эзотерикӣ дар байни ҳамаи халқҳои рӯи замин вуҷуд дорад. Фарқи байни дин ва эзотерика дар он аст, ки дин риояи меъёрҳо ва қоидаҳои муайянро пешбинӣ намуда, такяи комил ба иродаи Худоро тавсия мекунад, дар ҳоле ки таълимоти эзотерикӣ нишон медиҳад, ки инсон метавонад тақдири худро тағйир дода, ба ин ё он ҳодиса ва ё рӯйдодҳо таъсир расонад ва ғайра.

Якчанд шаклҳои маъмули порчафарҳанг мавҷуданд, ба монанди порчафарҳанги ҷавонон ва пиронсолон, шаҳрӣ ва деҳотӣ, порчафарҳанги касбӣ ва ҷиноятӣ, муллоҳо, ақаллиятҳои динӣ ва миллӣ, мухлисони футбол ва ғайраҳо. Зерфарҳангҳои касбӣ дар асоси рамзҳо, арзишҳо, меъёрҳо ва намунаҳои рафтори муштараки гурӯҳи муайяни касбӣ ташаккул меёбанд. Он бо мазмуни фаъолият ва нақше, ки намояндагони он дар ҷомеа мебозанд, робитаи зич дошта, ба он таълиму тарбияи касбӣ-техникӣ таъсир мерасонад.

Дар порчафарҳангҳо қонунҳои конформизми (пайравӣ аз аксарият) гурӯҳӣ бартарӣ доранд. Онҳо бештар хусусияти сунъӣ дошта, арзишҳо ва рафторҳои аз ҷониби аъзоёнашон эҷодшударо истифода мебаранд. Асоси порчафарҳангҳо метавонанд мусиқӣ, тарзи ҳаёт ва нуқтаи назар ё ақидаҳои сиёсӣ бошанд. Баъзе порчафарҳангҳо хусусияти саркашона ё эътироз нисбат ба баъзе падидаҳои ҷамъиятӣ доранд.

Қисмати дигари онҳо ба канорачӯйӣ майл дошта, кӯшиш мекунанд, ки аъзои худро аз ҷомеа дур ё бегона созанд. Баъзан порчафарҳангҳо рушд карда, ҳамчун ҷузъи ҷомеа пазируфта мешаванд.

Ин масъала бори аввал солҳои 1930-1950 таваҷҷуҳи олимони ИМА-ро ба худ ҷалб кард. Соли 1950 ҷомеашиноси амрикоӣ Давид Райсман дар таҳқиқоти худ мафҳуми порчафарҳангро ҳамчун гурӯҳи одамоне, ки қасдан мехоҳанд дорои арзишҳо ва хусусиятҳои шахсӣ шаванд, маънидод кардааст.

Асари назарияшинос ва ҷомеашиноси ВАО-и англис, профессори фахрии санъат ва таҳқиқоти ВАО дар Донишгоҳи Калифорнияи Санта Барбара, **Дик Ҳэбдич** бо номи “Субкултура, маъно ва услуб” дар интернет ба забони англисӣ ба наздикӣ нашр шуд. Ҳэбдич аз соли 2004 то 2021 дар ин донишгоҳ дарс дода, кори илмиаш омӯзиши зерфарҳангҳо ва муқовимати онҳо бар зидди ҷараёни асосии ҷомеаро дар бар мегирад. Ин китоб яке аз даҳ асари пурқуввати фарҳанги нео-марксистии миёнаҳои асри XX дар илми рус ба шумор меравад. Асари Дик Ҳэбдич “Зерфарҳанг: Маъно ва услуб” бори аввал соли 1979 дар Маркази тадқиқоти фарҳангии муосири Бирмингем, дар китобхонаи рақамии Taylor & Francis нашр шудааст.

Дар китоби “Субкултура: маъно ва услуб” ҷараёни эҷоди ашё ва услубҳои нави зерфарҳангӣ, ба мисли ороиши ғайриоддии мӯй, дилбастагӣ ба скутерҳо, интихоби либосҳои махсус ва ғайра тасвир шудааст. Дар ин ҷо зикр мегардад, ки субкултураи “мод” (mod) ба рӯзҳои истироҳат ва идҳо нигаронида шуда буд. Онҳо бо умеди фарорасии рӯзҳои шанбею якшанбе зиндагӣ мекарданд, зеро маҳз дар ин рӯзҳои истироҳат “кори” воқеӣ ба амал меомад: пойафзолро сайқал медоданд, мотороллерҳоро мешустанд, пластинкаҳои мусиқиро меомӯхтанд, шимҳоро дарзмол мекарданд, мӯйро шуста, ороиш дода, хушк менамуданд.

Яке аз порчафарҳангҳое, ки дар Русия ва баъзе кишварҳои Аврупо паҳн шудааст, **скинхедҳо** мебошанд, ки дар охири солҳои 60-ум ба як субкултура табдил ёфтаанд. Гурӯҳи скинхедҳо бори аввал соли 1964 дар Англия ба вуҷуд омаданд. **“Скинхед” калимаи англисӣ буда, аз ду ҷузъ: “skin” (пӯст) ва “head” (калла, сар) иборат буда, (skinhead – каллапӯст) маънои сари тарошидаро дорад.** Яке аз номҳои аввалини ин зерфарҳанг “Hard Mods” буд. Шахси калидӣ дар байни миллатгароёни скинхед навозандаи нажодпараст Ян Стюарт буд, ки ҷунбиши “Рок бар зидди коммунизм”, гурӯҳи “Skrewdriver” ва аз ҳисоби скинхедҳо созмони “Blood and Honor” (Хун ва Шараф)-ро таъсис дод.

Соли 1964 як гурӯҳ ҷавонони англис аз сустию заифӣ ва “занакмиҷозӣ”-и ҳаммиллатони худ сахт нороҳат шуда, мӯйҳои сари худро тарошида, бар зидди ин гуна мардони пастҳиммат ва занакмиҷоз ба мубориза бархостанд. Ба ақидаи ин гурӯҳи ҷавонони сартарошида, сустӣ ва айшу ишрати ҷавонони насли нав ба субот ва устувории давлат ва миллати англис зарари ҷиддӣ мерасонд ва ояндаи дурахшони миллати бузурги англисро зери хатар мегузошт. Аз ин рӯ, скинхедҳои англис чунин ҷавонони ба ақидаи худ айёшу бепарворо дар ҳар ҷои хилват, ки медиданд, лату кӯб карда, “дарси адаб” медоданд. Бо ин роҳ онҳо мехостанд ҷавононро аз тақдири ояндаи миллати худ огоҳ созанд, то ин обрӯю иззат ва сарзамини беканоре, ки дар натиҷаи муборизаҳои зиёд ба даст овардаанд, бо сабаби ғафлат аз даст наравад.

Ин гурӯҳҳо ташкилотҳои махфии ҷавонони нави фашистӣ мебошанд. Аксар вақт ин гурӯҳҳоро калонсолон идора мекунанд. Ба ҷамъомадҳои худ шахсони бегонаро роҳ намедиҳанд. Идеологияи онҳо сарҳамӣ ва хидмат ба шахси

пуркувватро дар бар гирифта, бар он ақидаанд, ки ҳамаи шахсони сусту заиф ва нотавону беқудрат ҳаққи зистан надоранд. Скинхедҳо дар асоси идеологияи миллатгароӣ-сотсиализм ва антисемитизм ба вуҷуд омадаанд.

Антисемитизм (аз калимаи олмонии Antisemitismus – таҳаммулнопазирӣ) дар муносибати душманона нисбат ба яҳудиён ҳамчун гурӯҳи динӣ ва таъқиби онҳо ифода меёбад, яъне идеология ва ҳаракати сиёсиест, ки бар зидди яҳудиён нигаронида шудааст. "Антисемитизм тамоми шаклҳои адоватро дар бар мегирад, ки нисбат ба яҳудиён дар тӯли таърих, аз антисемитизми қадим ва масеҳӣ сарчашма мегирад. Пайваста яҳудиёни алоҳидаро барои "ҷиноятҳое", ки дар маҷмӯъ ба яҳудиён нисбат медиҳанд, масъул меҳисобанд.

Антисемитизм аксар вақт ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаракатҳои радикалии ростгаро ва идеологияи онҳо амал мекунад. Ин истилоҳ соли 1880 аз ҷониби антисемити олмонӣ Вилҳелм Марр ба кор бурда шуда, маънои душманиро нисбат ба яҳудиён, махсусан ба халқҳои гурӯҳи забони семитӣ ифода мекунад" [2, с. 643-649].

Скинхедҳо гранджерҳо, рэперҳо, хиппиҳо, рэйверҳо ва одамони дорои пӯсти ранги дигарро дӯст намедоранд. Ба металлистҳо ва бисёре аз рокерҳо таваҷҷуҳ доранд. Аз байкерҳо то андозае ҳарос доранд. Синну соли миёнаи онҳо 17-18 сола аст. Сурудҳои гимнҳои ҳарбӣ ва марш (металл)-и солҳои 80-уми асри XX-ро хеле меписанданд.

Мардуми тоҷик одатан дар зери мафҳуми "скинхед" ва симои он як ҷавони руси сартарошидаро мебинанд, ки гӯё аз модар маҳз барои куштани тоҷикон таваллуд шудааст.

Скинхедҳои исломӣ. Чунин як гурӯҳи мухолифони сартарошида, яъне скинхедҳо, ҳатто пештар аз англисҳо, зиёда аз ҳазор сол қабл дар таърихи ислом, ҳанӯз дар замони хилофати ҳазрати Алӣ пайдо шуда буданд. Дар он замон як гурӯҳ мусулмонон сарҳои худро тарошида, ба истилоҳи имрӯза "скинхед" шуда, тазоҳуроти иҷтимоӣ мекарданд. Ба зерфарҳангҳои динӣ, инчунин, баъзан пайравони эътиқоди диние дохил мешаванд, ки барои фарҳанги ин ё он ҷомеа ғайриоддӣ ё қобили қабул нестанд, масалан, сектантҳои гуногун, кришнаитҳо, нео-бутпарастон, шайтонистҳо.

Аз рӯи ақидаи Дик Ҳэбдич, ҷаҳони муосир чеҳраҳои зиёде дорад. Ҳар рӯз дар он чизи муҳим ва ҷолиб пайдо мешавад. Яке аз ин падидаҳои беназири фарҳанги ҷаҳонӣ зерфарҳангҳо мебошанд, ки новобаста аз сиёсат ва иқтисод ба вуҷуд омада, ҳамчун тарзи махсуси зиндагӣ, дарки ниёзи инсон ба худшиносӣ, рушди шахсият, қонеъ кардани ҳисси зебоӣ ва дарки зебоии худ қабул карда мешаванд ва дар натиҷаи нобаробарии иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Зерфарҳангҳо метавонанд дар заминаи миллӣ, демографӣ, касбӣ, ҷуғрофӣ ташаккул ёфта, аз рӯи низоми арзишҳо, рафтор, забон, либос ва як қатор ҷанбаҳои дигар фарқ намоянд. Тафовутҳо метавонанд хеле қавӣ бошанд, аммо субкултура ба фарҳанги ҳукмрон мухолиф нест. **Порчафарҳангҳо ин ҷомеаи одамоне мебошанд, ки дорои мақсаду маром, шавқу рағбат ва хусусиятҳои ба ҳам монанд буда, аз меъёрҳо ва арзишҳои аз ҷониби умум қабулшуда қонеъ нестанд** [3].

Олими фаронсавӣ Мишел Маффесолӣ порчафарҳангҳоро **"қабилаҳои шаҳрӣ"** меномад. Ӯ дар мақолааш "Инсони постмодернӣ" дар бораи субкултура дар робита ба масъалаҳои гендерӣ, ҳассосияти онҳо ба мӯд, истифодаи косметикаи мардона, аз байн рафтани фарқияти бадани мард ва зан, истифодаи ҳамагонии татуировка ва пирсинг (ин падидаҳои анъанавии давраи барокко буда, ба забони португалӣ ба маънои "марвориди нодуруст" аст) маълумот медиҳад. Инчунин, лозим аст, ки дар бораи муносибатҳои дуҷониба, ки дар бисексуализм пайдо мешаванд, оммавӣ гардидани нақшҳои муносибатҳои маҳрамона ва эътирофи алтернативаҳои ҷинсӣ сухан ронда шавад. (Бисексуализм аз вожаи лотинии "bi" – "дугона" ва "sexus" – "ҷинс" гирифта шуда, ба маънои ҷалби ошиқона ва ҷинсӣ ё фаъолияти ҷинсӣ нисбат ба ҳам мардон ва ҳам занон аст).

Истилоҳи "бисексуализм", ба монанди истилоҳҳои "гетеросексуализм"

ва "ҳомосексуализм", дар асри XIX мавриди истифода қарор гирифтааст.

Истилоҳи бисексуализм дар заминаи ҷалби инсон барои ишора ба эҳсосоти ошиқона ё ҷинсӣ нисбат ба мардон ва занон истифода мешавад. Бисексуализм яке аз се таснифи асосии тамоюли ҷинсӣ дар баробари гетеросексуализм ва ҳомосексуализм мебошад. Ҳувияти бисексуалӣ ҳатман маънои ба ҳарду ҷинс баробар ҷалб шуданро надорад. Одамоне, ки як ҷинсро нисбат ба ҷинси дигар ба таври возеҳ бартарӣ медиҳанд, вале истисноҳо низ доранд, худро **бисексуал** меноманд.

Шахсе, ки ба намояндагони ҷинси муқобил ҷалби ҷинсӣ намуда, нисбат ба одамоне, ки бо худашон якҷинс нестанд, таваҷҷуҳи ҷинсӣ ва ё эҳсосоти ошиқона доранд, **гетеросексуал** меноманд. Масалан, мардҳои гетеросексуал ба занон ва зани гетеросексуал ба мардон таваҷҷуҳи хоса доранд.

Бори аввал дар Олмон соли 1869 истилоҳҳои **ҳомосексуалистӣ ва гомосексуалистӣ** барои ифодаи одамоне, ки ҷалби ҷинсиро ба шахсони ҳамҷинс эҳсос мекунанд, аз ҷониби нависандаи австриягии венгерӣ Карл Мария Кертбени истифода шудааст.

Барои ифодаи муносибатҳои ҳамҷинсгароӣ дар забони русӣ истилоҳи “ҳамҷинсгароӣ” истифода мешавад. Як қатор олимон (Л. С. Клейн, И. С. Кон, Г. Б. Дерягин) чунин мешуморанд, ки истилоҳи «ҳомосексуализм» мазмуни манфӣ дорад, дар сурате, ки дар фарҳанги онҳо «ҳомосексуализм» чунин маъно надорад.

“Олимон боварӣ доранд, ки тамоюли ҷинсӣ на аз ҷониби ягон омили ягона, балки бо таъсири мутақобилаи мураккаби омилҳои генетикӣ, гормоналӣ ва муҳити зист муайян карда мешавад ва онро интихоби бошуурона намешуморанд. Барои дастгирии табиати биологии тамоюли ҷинсӣ нисбат ба табиати иҷтимоӣ, махсусан дар мардон, далелҳои бештар мавҷуданд” [4].

Ҳамаи ин нишонаи тағйирот дар ҷараёни фарҳанг ба метрополияҳои постмодерн – афтодани **“сояи Дионис”** мебошад. Ёдовар мешавем, ки аз рӯи таърихи дин, Дионис худои юнониёни қадим бо номи “Худои сад ном”, бисёрчеҳра ва тағйирёбанда буда, рақами сад рамзи парокандагӣ аст. Яъне, ин гурӯҳи одамон ба Худо-Дионис пайравӣ намуда, **гӯё якрангии зиндагӣ барояшон дилгиркунанда буда, мехоҳанд дар ҳаёт дигаргунӣ ба вуҷуд оранд.**

Мишел Маффесолӣ дар мавзӯи ҷаҳони қабилавӣ баҳс намуда, таъкид мекунад, ки қабилаҳои постмодернӣ ифодагари завқи хос мебошанд. Шаҳрҳои мо ба ҷуз аз маконҳое, ки қабилаҳо ҷамъ меоянд, инчунин, нишонаи мафкураҳои якхела низ ҳастанд, ки шавқ ба намуди махсуси мусиқӣ, варзиш, фарҳанг, гендер, дин дошта, дар ин ҷо онҳо муваффақиятҳои худро якҷоя ҷашн мегиранд. Он чизе, ки онҳоро бо ҳам муттаҳид мекард, ҳамчун як навъ ширеш барои “қабила” – ягонагии табъу завқ буд. Маҳз дар асоси хусусиятҳои ягонаи эҳсосот, ҳавасҳо байни онҳо робитаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меомад [10].

Виктор Долник бошад, зерфарҳангҳоро **"Кӯдаки ноҷавонмарди биосфера”** меномад. Вай дар бораи рафтори одамон дар иҳотаи паррандагон, ҳайвонот ва кӯдакон баҳс мекунад. Ӯ суол медиҳад, ки озод будан чӣ маъно дорад? Ҷавоб: Агар озодӣ имкони анҷом додани коре бошад, ки ба касе вобаста набошӣ ва ба касе итоат накунӣ, ҳама чизеро, ки мехоҳӣ, дошта бошӣ, пас ҳайвон бо ишғоли қуллаи пирамида ба чунин “озодӣ” мерасад. Агар озодӣ маънои иштирок накардан дар задухӯрдҳои ҷамъиятӣ дошта бошад, пас мо чунин нақшаро дорем, вале ками одамон розӣ ҳастанд, ки аз рӯи он зиндагӣ кунанд. Охир, ӯ гумон мекунад, ки ман на танҳо ба касе итоат намекунам, балки касеро ба худ тобеъ ҳам намекунам. Пас, барои ман беҳтар аст, ки хона, молу мулк, оила ва фарзанд надошта бошам. Агар дошта бошам, пас, якум, онҳоро ҳифз кардан лозим аст, дуюм, худи ин озодиро маҳдуд мекунад. Ин ба озодии гимнософистҳои қадимии Ҳиндустон, киникҳои юнонии қадим, хиппиҳои нав, панкҳо ва гурӯҳҳои муосири “флагеллантҳо” (худро тозиёназанон) оварда мерасонад [1].

Натиҷаҳои таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зерфарҳангҳо дар ҷомеаи муосир нақши муҳим дошта, одамонеро,

ки манфиат ва идеалҳои умумӣ доранд, ба ҳам наздик мекунад ва ба маданият, сиёсат ва иқтисодиёти ҷомеаи муосир ҳам аз ҷиҳати мусбӣ ва ҳам аз ҷиҳати манфӣ таъсир мерасонанд.

На танҳо ҷавонон ба зерфарҳангҳо мутобиқ мешаванд, балки ҷомеа низ тавассути ҷавонони субмаданӣ вариантҳои гуногуни мавҷудиятро дар воқеияти нави иҷтимоӣ меҷӯяд. Пайдоиши зерфарҳангҳои нав ва ё табдили мавҷудаи ҷавонон таҷрибаи рушди тамаддуни башариро ғанӣ гардонида, онро гуногунрангтар ва ҷомеаро ба зарбаҳои эҳтимолӣ тобовартар мегардонад.

АДАБИЁТ:

1. livelib.ru:https://www.livelib.ru/author/235002-viktor-dolnik

2. Вишницер М. Л. Антисемитизм в Средние века // Еврейская энциклопедия Брокгауза и Ефрона. - СПб., -1908. - Т. I. - Стб. 643-649.

3. Дик Хэбдидж. Субкультура, значение стиля Журнал "Самиздат".2016 http://samlib.ru › sorokoumowskij

4. Кантарелла Е. Бисексуальность в древнем мире, Издательство Йельского университета, Нью-Хейвен, -1992, - 2002. ISBN 978-0-300-09302-5

5. Ковтун Е.Н. Таҳаввули адабиёти бадеии Аврупои Шарқӣ дар нимаи дуюми асри XX ва дар ибтидои асрҳои XX-XX1. -Москва: -2008. - с. 262-371. - 405 с.

6. Левикова, С.И. Молодежная субкультура / С.И. Левикова - М., -2004. - 354 с.

7. Магауова, А.С. Социализация молодежи и современные молодежные субкультуры. Учебное пособие / А.С. Магауова, -Алматы, -2018. - 169 с.

8. Манхейм, К. Диагноз нашего времени/К. Манхейм.-М.: Юрист,-2004. – 45с.

9. Милтон Майрон Гордон. Ассимилятсия дар ҳаёти Амрико: Нақши нажод, дин ва пайдоиши миллӣ. -Оксфорд University Press, -1964, -с. 41

10. Мишел Маффесоли “Инсони постмодернӣ” https://syg.ma/@marisya-prorokova/mishielmaffiesoli-chieloviek-postsovriemiennosti-pierievod-stati-voshiedshiei-v-sbornik-lhomme-postmoderne-paris-bourin-editeur-2012

11. Муҳаммадӣ А. Фалсафаи фарҳанг. –Душанбе, - Ирфон, -2020, -368 с.

12. Насурова Б.А. Сотсиологияи ҷавонон (воситаи таълимӣ). –Душанбе, - 2023, -246 с.

13. Парсонс Т. Система современных обществ / Пер. с англ. Л.А. Седова и А.Д. Ковалева. Под ред. М.С. Ковалевой. - М.: Аспект Пресс, -1998, – 270 с.

14. Петрова Ю.А. Репрезентация ценностей молодёжной субкультуры в ценностно-смысловом пространстве языка: (Намояндагии арзишҳои зерфарҳанги ҷавонон дар фазои арзишӣ-семантикии забон:) дис. канд. Филос. Наук. Ростов н/Д., -2012, -189 с.

15. Соколова С. С. Молодёжные субкультуры в трансформирующемся обществе (Зерфарҳангҳои ҷавонон дар ҷомеаи тағйирёбанда) //Ахбори Университети давлатии Бурят //2018, №3, Т.2, с. 92

16. Шендрик А.И. Ҷомеашиносии фарҳанг: китоби дарсӣ. имтиёзҳои донишгоҳ. -М.,- 2005, -314 саҳ.

СУБКУЛЬТУРА И ЕЁ ОСОБЕННОСТИ

Холова А.А.

В данной статье рассматриваются история возникновения, факторы распространения и развития понятия «субкультура» (subculture) в обществе, их признаки, характеристики и взаимодействие с современной культурой. Делаются выводы об их влиянии на общество, проясняются перспективы их развития в будущем.

Выявлено, что каждая субкультура имеет свои особенности, а ее представители стремятся подчеркнуть свою принадлежность к современной культуре. Это стремление определяется необычным поведением, манерой общения и особенностями внешнего вида, такими как стиль одеваться, говорить и особый макияж.

Автор приходит к выводу, что в современном обществе не только молодежь адаптируется к субкультурам через необходимую литературу и Интернет, но и общество через субкультурную молодежь ищет различные варианты существования в новой социальной реальности. Появление новых субкультур и трансформация существующих молодежных культур обогащают опыт развития человеческой цивилизации, делая ее более разнообразной,

а общество более устойчивым к возможным потрясениям.

Ключевые слова: субкультура, нонконформизм, авторитаризм, милитаризм, движение хиппи, концепция культур индустрии, конструктивные, эмо, интерактивные субкультуры, концепция социализации.

SUBCULTURE AND ITS CHARACTERISTICS

Kholova A.A.

This article discusses the history of the emergence, factors of the spread and development of the concept of "subculture" (subculture) in society, their signs, characteristics and interaction with modern culture. Conclusions are drawn about their impact on society, and the prospects for their development in the future are clarified.

It is revealed that each subculture has its own characteristics, and its representatives strive to emphasize their belonging to modern culture. This desire is determined by the unusual behavior, manner of communication and features of their appearance, such as the style of dressing, speaking and special make-up.

The author concludes that in today's society, not only young people adapt to subcultures through the necessary literature and the Internet, but also society, through subcultural youth, seeks different options for existence in the new social reality. The emergence of new subcultures and the transformation of existing youth cultures enrich the experience of the development of human civilization, making it more diverse and society more resistant to possible shocks.

Keywords: subculture, nonconformism, authoritarianism, militarism, hippie movement, concept of the culture industry, constructive, emo, interactive subcultures, concept of socialization.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ҲИКМАТИ ОЙИНИ МЕҲР ДАР БАЙНИ МАРДУМИ ҲИНДУ ЭРОНИНАЖОД

Муродова Тоҷинисо – н.и.ф., дотсент, ходими илмии пешбари ИФСҲ-и АМИТ

Масоили Меҳр, Митра ва ё меҳрпарастӣ (митроизм) дар таърихи мардуми бостони эронитабор ва Ҳинд аз масоили мубрами таърихи фалсафаи тоҷик мебошад, ки то ҳануз мавриди таҳлилу таҳқиқи муҳаққиқони тоҷик қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, мақолаи Муродова Т. дар мавзӯи «Ҳикмати ойини Меҳр дар байни мардуми Ҳинду эронинажод» хеле бо маврид аст, ки хонандаро ба таърихи пайдоиш ва моҳияту арзишҳои ин ойин муаррифӣ менамояд.

Парастиши ойини Меҳр ба давраҳои ниҳоят қадим ва бисёр куҳан рост меояд. Дар Ҳинд даврони ведоӣ номи ӯ ба сурати «Митра» бо мафҳуми «паймон» ва «дӯстӣ» зоҳир мешавад ва яке аз худоёни гурӯҳи фармонраво аст ва бо «Варуна» ҷуфти ҷовидониро ташкил медиҳанд, ки аз тарафи мардум ба ёрӣ хонда мешаванд. Дар суннати ҳиндӣ Митра гардунае дурахшон ва иқоматгоҳи зарин дорад.[4]

Дар мақола омадааст, ки Меҳр бо номи Митра, ки номи як изади Ҳинду эронинажод аст, ки онро дар «Регвидо» бо номи Митра ва ҳамчунин дар «Авесто» бо номи Миҳр ва ё Меҳр мешиносанд. Таърихи пайдоиши Меҳр ва ё Митра яке аз бузургтарин изад, мувофиқи навиштаи муаллиф пеш аз пайдоиши Зардушт буд, ки бо номҳои ойини меҳрпарастӣ ва метроизм дар бисёр кишварҳои дунё маълуму машҳур аст.

Ключевые слова: *Арзиш, ойин, бостон, эронинажод, анъана, таърихи пайдоиш, донишмандони тоҷик, доимӣ, мубрам.*

Таъбир ва тасаввури мардуми бостони Шарқ, махсусан тоҷику форс дар атрофи қадимтарин ойин ойини Меҳр, Митра ва ё меҳрпарастӣ хеле ҷолиб аст, ки таҳқиқу баррасии он зарурияти замон мебошад. Парастиши ойини Меҳр ба давраҳои ниҳоят қадим ва бисёр куҳан рост меояд. Дар Ҳинд даврони ведоӣ номи ӯ ба сурати «Митра» бо мафҳуми «паймон» ва «дӯстӣ» зоҳир мешавад ва яке аз худоёни гурӯҳи фармонраво аст ва бо «Варуна» ҷуфти ҷовидониро ташкил медиҳанд, ки аз тарафи мардум ба ёрӣ хонда мешаванд. Дар суннати ҳиндӣ Митра гардунае дурахшон ва иқоматгоҳи зарин дорад.[7]

Дар «Авесто» дар «Карда»-ҳои 2-8[1,266-271] ва дар бахши «Панҷниёиш» [1,271] доир ба Меҳр ва хусусиёту мақоми он дар дунёи ҳастӣ маълумоти муфассалтар омадааст. Меҳр дар «Авесто» Митра ва дар паҳлавӣ Миҳр ҳамчун рамзи фурӯғу рушноӣ ва паймоншиносӣ ва ҳамчунин дар асотири Ҳинду тоҷику форс ба маънии баракатовар, нигаҳбони паймон ва шарик дар фармонравоии ҷаҳон, посдору пуштибони ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа, нигаҳбонӣ аз ростиву ростгӯӣ ва ғайраҳо матраҳ шудааст. Аз ин рӯ, Меҳр мутародифи паймоншиканию дурӯғу нофармонравоӣ аст.

Мувофиқи баъзе маълумотҳои мақолаҳои интернетӣ «Митра бузургтарин изад пеш аз пайдоиши Зардушт аст…. Куҳантарин санаде,ки дар он номи изад Митра омадааст, «Паймоннномаи Митонӣ» (1317 пеш аз мелод) аст. «Паймонномаи Митонӣ» - Митраро бо унвони нигаҳбони «паймон» муаррифӣ мекунад ва ба забони санскрит ба маънои «дӯст» омадааст.[8]

Достони Митро ва ё Митра дар байни мардуми бостони Ҳинд ва тоҷику форс бо унвони худои Хуршед машҳур аст. Мувофиқи таҳқиқотҳои бостоншиносӣ аз вуҷуди маъбадҳои мухталифе дар Ҳинд, Эрон, Байнаннаҳрайн, Юнон, Италияю Олмон, ки барои ниёиши ин маъбуд бино шудаанд ва аз ин ҷиҳат Митраро танзимкунандаи иртиботи афрод бо аҷзои мухталифи иҷтимои башарӣ донистаанд.[8] Дар тасаввуроти

онҳо «Митра аз муқаддасоти муҳими «Ригведа»-Ведаи гимнҳо аст, ки он зиёда аз ҳазор гимни худоҳои мутафовутро дар бар гирифтааст[3,7] аз ҳампаймонони Варуна буда, номи ӯ ҳамроҳ бо номи Варуна омадааст. Бо унвони мисол дар «Ригведа» чунин омадааст: «Эй Митра – Варуна, фармонравоёни осмонӣ, ки бар арши муқаддас ҳукм меронед ва рӯшноии нурро назора мекунед ва бо абрҳои ранго - ранги хеш дар дили раъду барқ зоҳир мешавед ва муъҷизоти худои худ осмонро ба арш дар меоваред». [4]

Митра ва Варунаро асҳоби Рита ё нигаҳбони Рита номидаанд. Чунонки дар боло қайд шуд Митра ва парастиши вай дар сарзамини форсу тоҷики бостон дар шакли асотир низ ривоҷ ёфта буд. Дар байни мардуми тоҷику форси даврони бостон Митра[4] рамзи аҳду паймони ду ҷониба байни ду қавм будааст. Митра аз муқаддасоти саршиноси Ҳинду Аврупо ва тоҷику форси бостон аст, ки маънии Митра аз решаи Мири ба маънои аҳду паймон ва меҳру садоқат омадааст ва аз ин ҷо ӯро ба назму низом дароварандаи рафтору гуфтор ва муносибату иртиботи инсон бо аҷзои мухталифи иҷтимои башарӣ донистаанд. Митра, дар миёни мардуми тоҷику форс бо унвони Миҳр ва ё Меҳр [1,266-270] аст, ки рамзи дӯстӣ, муҳаббат ва отифа байни мардум ва зоти паймон буда, фазое, ки иртиботи одамон бо якдигар бар он устувор аст. Варуна, ки ҳоким аст, муттасадии иҷрои паймонҳост. Ба иборати дигар Миҳр ва ё Митра ҳам дар Ҳинд ва ҳам дар Авесто [1,266-270] қонунгузор буда, ба чигунагии иҷрои он кор надорад, аммо Варуна вазифадори иҷрокунандаи ваҳдати ин ду маъбуди зарурӣ аст. Агар ин иттиҳод, яъне ваҳдат сурат нагирад, қонуни ҷовидонаи ҳастӣ ҳаргиз ба марҳилаи иҷро нахоҳад анҷомид. Аммо таъбиру тафсири Миҳр дар «Авесто» нисбат ба Митраи Ҳинду Европа фарқ мекунад. Зеро ки андешаю ҷаҳонбинии мардуми тоҷику форси даврони бостон нисбат ба Ҳинду дигар кишварҳои европоӣ хеле пешрафтатару аз асотир дуртар буд. Он чи ки мо дар «Авесто» бархурд мекунем, Миҳр дар муқобили бадиҳо ва душманони ҳақиқат мубориза карда, барои барқарории пирузию ободӣ талош мекунад: «Ӯ Миҳри – минуӣ изад, ки вазон ба кишварон аст, бад-ишон ӯ фаррасон аст; Ӯ Миҳри – минуӣ изад, ки вазон бар кишварон аст, бад-ишон шоҳирасон аст; - пирӯзӣ диҳад бар ҳама кишварон ва душманонро бардорад, фарро зи ишон пирузи-шон низ рубояд…. Мо меситоем – Миҳ(и)ри паҳанчарогоҳ – ки барои хонаҳо ӯ сутунҳо кунад устувор, тиракҳои ситабр бисозад, пас ба хонҳо паси он ӯ бидиҳад гову ғуломи наҳмор». [1,267;270]

Ҳамин тариқ, тасаввуротҳо ва тасвири меҳрпарастӣ ва ё митроизм аз ҷаҳонбинии асотирӣ-амалии мардуми Шарқи бостон буда, ба даврaҳои хеле қадим хос аст. Чунонки дар боло зикр шуд, дар Ҳинди он замонҳо номи ӯ ба шакли «Митра» бо мафҳуми паймону дӯстӣ зоҳир гардидааст ва яке аз пешвоёни гурӯҳи фармонраво аст. Дар фаҳмиши ҳиндиҳо «Митра» бо «Варуна» ҷуфти абадиро ташкил медиҳанд, ки аз тарафи мардум ба ёрӣ хонда мешаванд ва дар фарҳанги онҳо «Митра» гардунаи дурахшон ва иқоматгоҳи зарринро дорост.[4] Чунин тарзи тафаккурот ин аз ҷаҳонбинии мардуми Ҳинду форсу тоҷики бостон гувоҳӣ медиҳад, ки то замони кунунӣ ҳам ин андеша оиди «Митра» дар байни онҳо вуҷуд дорад. Аммо, «Митра» дар таълимоти ойини зардуштӣ дар мақоми пойинтар аз Аҳурамаздо ҷойгир аст ва офаридаи ӯ ҳисоб мешавад: «Меҳр – шаҳриёри ҳама сарзаминҳоро меситоем, ки Аҳура Маздо ӯро фаррамандтарини изадони менуӣ биофрид. Бишавад, ки он бузургворон – Меҳр ва Аҳура Маздо – ҳарду ба ёрии мо оянд». [8, 438]

Меҳру Хуршед дар тасаввуроти ҳам Ҳинди бостон ва ҳам тоҷику форс, махсусан дар «Авесто» мутафовутанд. Меҳр ё Митра пеш аз Хуршед зоҳир мешавад ва ҳамроҳии ӯ бо Хуршед сабаб шудааст, ки баъдҳо Меҳр маънии Хуршед пайдо кунад. Аз ин ҷо, дар «Авесто» омадааст, ки «Хуршеди ҷовидонаи ройуманди тезаспро меситоем, Меҳр–шаҳриёри ҳама сарзаминҳоро меситоем».[7, 439]

Чунон ки мебинем тафаккуроти мардуми тоҷику форс дар бораи кайҳони нуҷумӣ хеле воқеитару ба ҳақиқат наздиктар нисбати аҳли тафаккури Ҳин-

ди бостон шарҳу баён ёфтааст. Зеҳнияти мардуми Ҳинди бостон бештар дар асоси асотир ташаккул ёфта, дар атрофи худоён ва олами нуҷумӣ мечархад ва ба онҳо, яъне Хуршеду Меҳр ва ё Митра номи яке аз худоёни худро мегузоранд. Масалан дар Ҳинд худои Хуршед бо номи Суря шинохта мешавад ва яке аз муҳимтарин худоён ва доӣ ба ҳисоб меравад. Ин худо аз як тараф таҷаллии азамати оташи илоҳӣ аст ва аз тарафи дигар манбаъ ва сарчашмаи нуру гармӣ, ҳаёту маърифат дониста мешавад.

Дар асотири Митроӣ масоили ҳастӣ – афариниши дунё аз қисматҳои марказии ин ойин ба ҳисоб меравад. Дар тасаввуроти асотирӣ худои Хуршед расули худ Калоғро назди Митра фиристод ва ба ӯ дастур медиҳад, то гови нарро қурбонӣ кунад, Митра дастурро анҷом медиҳад. «Дар бисёре аз нақшаҳои барҷаста дида мешавад, ки Митра бо андӯҳ сурати худро ҳангоми қурбонӣ бармегардонад, аммо дуруст дар лаҳзаи марги гов муъҷизаи бузурге рух медиҳад, гови сафед ба моҳ табдил мешавад. Хирқаи Митра бо саёроти дурахшон ва ситорагони собит ба тоқи осмон табдил шуд. Аз дами гов ва хуни ӯ аввалин хушаҳои ғалот ва ангур берун омаданд….».[7,439] Хулоса ҳамаи мавҷудоти рӯи замин ба тартиб паси ҳам эҷод шуданд.

Чунонки дар боло гуфтем Митра аз худоёни ориёӣ аст, ки парастиши вай дар сарзамини форсу тоҷики бостон низ ривоҷ ёфта буд. Дар байни мардуми тоҷику форси даврони бостон Митра худованди аҳду паймони ду ҷониба ва қарордодҳои байни ду қавм будааст.

Ҳамин тариқ, ҳамчунон ки дар боло қайд шуд Митра аз худоёни саршиноси Ҳинду Аврупо буда, аз решаи Мири ба маънои аҳду паймон омадааст ва аз ин ҷо ӯро ба назму низом дароварандаи иртиботи инсон бо аҷзои мухталифи иҷтимои башарӣ донистаанд. Митра, дар миёни мардуми тоҷику форс бо унвони Миҳр ва ё Меҳр [1,266;270] аст, ки рамзи дӯстӣ, муҳаббат ва отифа байни мардум ва зоти паймон буда, фазоест, ки иртиботи одамон бо якдигар бар он устувор аст. Варуна, ки ҳоким аст, муттасадии иҷрои паймонҳост. Ба иборати дигар Миҳр ва ё Митра ҳам дар Ҳинд ва ҳам дар Авестои [1,266-270] тоҷикон қонунгузор буда, ба чигунагии иҷрои он кор надорад, аммо Варуна вазифадори иҷрокунандаи ваҳдати ин ду маъбуди зарурӣ аст. Агар ин иттиҳод, яъне ваҳдат сурат нагирад, қонуни ҷовидонаи ҳастӣ ва номуси Рита ҳаргиз ба марҳилаи иҷро нахоҳад анҷомид. Аммо таъбиру тафсири Миҳр дар «Авесто» нисбат ба Митраи Ҳинду Европа фарқ мекунад. Зеро ки тасаввуроту ҷаҳонбинии мардуми тоҷику форси даврони бостон нисбат ба Ҳинду дигар кишварҳои Европоӣ хеле пешрафтатару аз хурофот дуртар буд. Он чи ки мо дар «Авесто» бархурд мекунем, Миҳр дар муқобили бадиҳо ва душманони ҳақиқат мубориза карда, барои барқарории пирузию ободӣ талош мекунад: «Ӯ Миҳри – минуӣ изад, ки вазон ба кишварон аст, бад-ишон ӯ фаррасон аст; Ӯ Миҳир – минуӣ изад, ки вазон бар кишварон аст, бад-ишон шоҳирасон аст; - пирузӣ диҳад ҳама кишварони душман бардорад фарро зи ишон пирузӣ-шон низ рубояд…. Мо меситоем – Миҳ(и)ри паҳанчарогоҳ – ки барои хонаҳо ӯ сутунҳо кунад устувор, тиракҳои ситабр бисозад, пас ба хонҳо пасон ӯ бидҳад гову ғуломи наҳмор». [1,267-270] Чунон ки мебинем дар тасаввуроти Зардушт («Авесто») Меҳр-Хуршед яке аз мақомҳои асосиро дар олами кайҳони ахтарони осмонӣ ишғол менамояд ва бисёр аз дарахту гиёҳону гулҳо ба монанди нилуфари обӣ, гули Офтобгардон, аз дарахтон сарву нахлу коҷ намодҳои Хуршеданд: аз аносир оташ ва аз рангҳо сурху зард ва аз фузулот тилло мансуб ба Хуршед аст.

Меҳрпарастӣ ба даврaҳои хеле қадим хос аст ва чунонки дар боло қайд шуд дар Ҳинди бостон номи ӯ ба шакли «Митра» бо мафҳуми паймону дӯстӣ зоҳир гардидааст ва яке аз худоёни гуруҳи фармонраво аст. Дар фаҳмиши ҳиндиҳо «Митра» бо «Варуна» ҷуфти абадиро ташкил медиҳанд, ки аз тарафи мардум ба ёрӣ хонда мешаванд ва дар фарҳанги онҳо «Митра» гардунаи дурахшон ва иқоматгоҳи заррин дорад.[4] Чунин тарзи тасаввурот ин аз ҷаҳонбинии мардуми Ҳинди қадим гувоҳӣ медиҳад, ки то замони кунунӣ ҳам ин андеша оиди «Митра» дар байни онҳо вуҷуд дорад. Аммо, «Митра» дар тасав-

вуроти ойини зардуштӣ дар мақоми пойинтар аз Аҳурамаздо ҷойгир аст ва офаридаи ӯ ҳисоб мешавад: «Меҳр – шаҳриёри ҳама сарзаминҳоро меситоем, ки Аҳура Маздо ӯро фаррамандтарини изадони менуӣ биофрид. Бишавад, ки он бузургворон – Меҳр ва Аҳура Маздо – ҳарду ба ёрии мо оянд». [7,438]

Дар тасаввуроти мардуми Ҳинди бостон ин қисса комилан асотири шарҳу тафсир карда мешавад: «Митра – Варуна зувҷи худои ҷавон ҳастанд, ки чашмони онҳо Хуршед мебошад. Манзилгоҳашон зарин ва дар осмон аст. Онон шаҳриёрон ва фармонравоёни мутлақи кайҳонанд. Ин зувҷи худо падидоварандаи озарахш ва боронанд». [4]

Меҳру Хуршед дар тасаввуроти Ҳинд ва тоҷику форси бостон, махсусан дар «Авесто» мутафовутанд. Дар «Авесто» омадааст, ки Меҳр ё Митро пеш аз Хуршед зоҳир мешавад ва ҳамроҳии ӯ бо Хуршед сабаб шудааст, ки баъдҳо Меҳр маънии Хуршед пайдо кунад. Аз ин ҷо, дар «Авесто» омадааст, ки «Хуршеди ҷовидонаи ройуманди тезаспро меситоем, Меҳр – шаҳриёри ҳама сарзаминҳоро меситоем…». [8,438]

Чунон ки мебинем тасаввуроти мардуми тоҷику форс дар бораи кайҳони нуҷумӣ хеле воқеитару ба ҳақиқат наздиктар нисбати Ҳинди бостон шарҳу баён ёфтааст. Андешаҳои мардуми Ҳинд бештар дар атрофи худоён ва номгузории онҳо ба яке аз саёра (планета)-ҳои олами нуҷумӣ мечархад ва ба онҳо, яъне Хуршеду Меҳр ва ё Митра номи яке аз худоёни худро мегузоранд. Масалан дар Ҳинд худои Хуршед бо номи Сура шинохта мешавад ва яке аз муҳимтарин худоён ва доӣ ба ҳисоб меравад. Ин худо аз як тараф таҷаллии оташи илоҳӣ аст ва аз тарафи дигар манбаъ ва асоси нуру ҳаёту маърифат дониста мешавад.

Ё ин ки худои оташ Агни буда, бо ба ҷо овардани ойин ва ниёиш сурат мегирад ва дар Ҳинд ҳам заминӣ аст ва ҳам изадӣ, ки фарзанди замину осмон аст ва гуфтаанд, ки ӯро аз осмон ба замин овардаанд.

Ин масъала, яъне хуршедпарастӣ ва метроизм дар эътиқодоти ориёиҳо ҳамон Чалипо, ё гардун Меҳр аст, ки ба эътиқоди пешиниён дарбардорандаи неруҳои осмонӣ буда, корбурди васеъ дорад. Ин нишона дар ҳар минтақае мафҳуми хосе доштааст. Дар сарзмини мардуми тоҷику форс ва қавми ориёӣ мазҳар ва нишонаи Хуршед будааст. Меҳрпарастҳо муътақид буданд, ки ҳар шохае аз ин нишона ҷойгоҳи яке аз аносири ҷаҳоргона аст ва ба ҳамин тартиб чор унсур бо ҳам ва бо чархиши худ низоми табиат ва зоти офаринишро ҳифз мекунанд. Маркази ин нишон, намоди марказият ва ваҳдат аст ва ин ҳамон гардунае аст, ки Меҳр бар он менишинад ва чаҳор асби сафеди номирандаи менуӣ онро мекашанд.[4] Ҳарчанд ки ин тасаввуротҳои меҳрпарастон дар назар ба шакли афсонавӣ менамояд, вале дар асл барои он замону давр андешаҳои бикр буданд.

Ашроф Сура ба бурҷҳои дувоздаҳгонаи Хуршед дар тули сол нисбат дорад. Дар фаҳмиши Ҳинди қадим Сура маркази олами хилқат аст, ки дар марзи сипеҳрҳои мухталиф ҷойгир аст. Дар болои Хуршед афлоки ғайри мутаҷаллӣ ва ғайри зоҳир ҷайгиранд, ки ҳавзаи ҳукумронии ҳокими аъзам Коинот аст ва таҳти он сипеҳрҳои зоҳир ба монанди Моҳу Замин ва дигар саёраҳо воқеъ шудаанд. Пас ҷойгоҳи Хуршед байни таҷаллию номутаҷаллӣ аст ва ӯ намояндаи ҳарду водӣ ба ҳисоб меравад. Дар бораи ҷойгиршавии Моҳу Хуршед дар кайҳони ҳастӣ дар «Бундаҳишн» омадааст, ки «Ҳурмазд дар миёни осмону замин равшанон фароз офарид: Нахуст ситорагони ахтарӣ ва низ он ноахтариро, сипас Моҳ ва сипас Хуршедро биистонид…».[2,23] Дар ҷои дигар доир ба системаи офаринишу ҷойгиршавии ахтарони осмонӣ ба ин тарз омадааст, ки … Моҳу Хуршед ба болои он ахтарони омехтаву наёмехта гуморда, яъне ҷойгир шудаанд, ки эшонро ҳама банд ба Хуршеду Моҳ аст. [2,24]Чунонки мебинем донишмандони тоҷику форси бостон дар тасаввуроти худ нисбати олами болои кайҳонӣ, махсусан Моҳу Хуршед ва ахтарони беҳудуди кайҳон андеша карданд ва то тавонистанд аз рӯи воқеият андешаҳои хешро баён кунанд. Аз ин ҷо, тасаввуроту ҷаҳонбинии мардуми тоҷику форси бостон хеле пешрафта буда, ба ҳақиқати асрори олами ашёҳои

заминӣ ва нуҷумӣ ва ҷурму ҷирмҳои осмонӣ нисбати Ҳинду Чин ва ҳатто Юнони бостон бештар огоҳ буданд. Аз нигоҳи онҳо бар **болои** Хуршед афлоки ғайри мутаҷҷалӣ ва ғайри зоҳир қарор доранд, ҳавзаи ҳукумронии ҳокими аъзам Коинот аст ва таҳти он сипеҳрҳои зоҳир, ба монанди Моҳ ва Замин ва дигар саёраҳо ҷойгир шудаанд. Дар бахши сеюми «Бундаҳишн» дар қисмати «Дар бораи фароз офаридани равшанон» тасаввуроти донишмандони тоҷику форси бостонро ба ин тарз баён намудааст: «Ҳурмазд дар миёни осмону замин равшанонро фароз офарид: нахуст ситорагони ахтарӣ ва низ ноахтариро; сипас Моҳ ва сипас Хуршедро дар он биистонид. Чун ӯ нахуст сипеҳрро офарид, ситорагони ахтариро бар он гуморд, ки моявари ин дувоздаҳ ахтаранд, эшонро ном Барра, Гов, Дупайкар, Харчанг, Шер, Хӯша, Тарозу, Каждум, Нимасб, Буз, Далв ва Моҳӣ аст, ки эшонро ном ин аст: Падиспар, Пешпарвиз, Пайиг, Бузисар, Башн, Рахват, Таришак, Азараг, Нахв, Маён, Авдум, Мошоҳа, Успур, Хусрав, Сирӯй, Вар, Дил, Дирафша, Варант, Го, Юг, Мӯрӣ, Бунзаҳ, Каҳтсар, Каҳтмиёну Каҳт». [2,23]

Ахтарони осмонӣ дар тасаввуроти донишмандони тоҷику форс бешуморанд ва онҳо чун сипоҳе кайҳони ситорагонро аз ҳар гуна неруҳои бад ҳифз мекунанд: «Барои ҳар ахтаре аз эшон шаш ҳазор – ҳазору чаҳорсаду ҳаштод ҳазор ситораи хурд ба ёрии фароз офарида шуд. Ин он аст, ки акнун ахтар шуморанд ҷуз он бешумор ситорагоне, ки ба ёрии ин ахтарон истанд».[2,23] Аз нуқтаи назари астрологӣ ва ҳаллу фасли кайҳони нуҷумӣ донишмандони тоҷику форс нисбат ба донишмандони Юнони бостон, махсусан таълимоти атомистикаи ғарби бостон дар сафи пешанд, зеро ки олами ахтарони осмониро беҳудуду доимо дар ҳаракат донистаанд. Ва то ҳаде тавонистанд кайҳони болоӣ - осмонию кайҳони заминиро нисбати замони хеш ба воқеияти будашон баррасӣ намудаанд ва онро аз хурофоту асотир дар ҳаде кашиданд берун нисбат ба фаҳмишҳои Ҳинди бостон.

Аммо дар фарҳанги бою ғании Ҳинди бостон фалсафа ҷои намоёнро ишғол менамояд. Асос ва сарчашмаи пайдоиш ва инкишофи фалсафаи Ҳиндро асотир ташкил медод, ки он дар шакли навиштаҳои гимнӣ вуҷуд дошт. Нахустин ёдгории фарҳангии Ҳинди бостон ин Ведҳо буд, ки дар санскрит маънои донишро дошт, яъне ба маънои ибодат кардан. Ведҳо аз чаҳор қисмат - гимнҳои санхита, якум Ригведа – Ведаҳои гимнҳо, ки он зиёда аз ҳазор гимни худоҳои гуногунро дар бар мегирад. Баъдан Самаведа, Яҷурведа, Ахтарваведа, ки ҳар кадом як вазифаҳои ба худ хосеро доранд.[3,5-6] Ведаҳо дар тасаввуроти ҳиндиҳои қадим – ин матнҳои муқаддас буда, пеш аз ҳама тасаввуротҳои асотирӣ, маросиму суннатҳое, ки моҳияту мазмуни мифологӣ дошт, дар бар мегирад. Асотири Ҳинд дорои фантазияи бой аст, ки масалан метавон гуфт дар «Ригведа» бештар аз се ҳазор худоёнро ёдрас мекунад, ки ин масъала дар мақолаҳои баъдино баёноти худро муфассалтар хоҳад ёфт.

АДАБИЁТ:

1 Авасто. Душанбе «Бухоро», 2014.-С.266-271.

2.Бундаҳишн. Тоҷнома. Мероси хаттии бостон. Душанбе «Бухоро»-2013.-С.12-111.

3.Гуйван П.Н., Инговатов В.Ю. Веды. Проблема человека в истории философии (Древняя Индия, Древний Китай, Древняя Греция. Изд-во Алт ГТУ – Барнаул, 2015.-213с.

4. Изадони ҳиндуизм. . https:// fa. Wikipedia/ orq/wiki.

5. Панҷ ниёиш.- Хуршед- ниёиш. «Авесто». Душанбе, «Бухоро»-2014.-С.438.

6.Худоёни Ҳиндӣ. https:// fa. Wikipedia/ orq/wiki

7.Хуршед ниёиш. «Авесто». Душанбе. «Бухоро» - 2014.-С.439.

8.Хуршед ва Меҳр. Изадони ҳиндуизм. https:// fa. Wikipedia/ orq/wiki

9.Эзадони ҳиндуизм. Аз википедия. Донишномаи озод. File: ///C:/ Documents% 20 and% 20 Settings / User /рабочий % 20 стол .20 % 10.https://fa.wikipedia.org/wiki/%D9%85%DB%8C%D8%AA%D8%B1

МУДРОСТЬ РИТУАЛА МИТРАИЗМА У ИРАНО-ТАДЖИКСКОГО НАРОДА И ДРЕВНИХ ИНДИЙЦЕВ

Муродова Т.

Вопросы «мехры», «митры» или митраизма в истории древнеиранских и индийских народов являются одними из самых актуальных в истории таджикской философии, которые еще не были проанализированы и изучены таджикскими исследователями. Поэтому статья Муродовой Т. на тему «Мудрость ритуала у индоиранских народов» является очень актуальной, знакомя читателя с историей возникновения, сущностью значения и смыслов этого ритуала.

Ритуальное поклонение Митраизму восходит к глубокой древности. В ведической Индии его имя звучит как «Митра» и означает «союз» и «дружба». Он является одним из правящих богов и вместе с Варуной образует вечную пару, к которой люди обращаются за помощью. В индийской традиции у Митры сияющая шея и золотая обитель.

В статье утверждается, что Мехр назван в честь Митры имени индоиранского божества, известного в индийской Ригведе как Митра, а в Авесте как Михр или Мехр (Митра). История происхождения Мехра или Митры, одного из величайших богов, по мнению автора, предшествовала появлению Зороастра, который известен и прославляется во многих странах мира под религиозными названиями мехризм и метризм.

Ключевые слова: история происхождения, ценности, религия, древние, иранское происхождение, традиции, таджикские ученые, вечные, актуальные, иранская раса

THE WISDOM OF THE RITUAL OF MITHRAISM AMONG THE IRANIAN-TAJI PEOPLE AND THE ANCIENT INDIAN

Murodova T.

The issues of ‘Mehra’, ‘Mitra’ or Mithraism in the history of ancient Iranian and Indian peoples are among the most relevant issues in the history of Tajik philosophy, which have not yet been analysed and studied by Tajik researchers. Therefore, the article by Murodova Tojiniso on ‘The Wisdom of Ritual in Indo-Iranian Peoples’ is very relevant, familiarising the reader with the history of the emergence, the essence of the value and meanings of this ritual.

The ritual worship of Mithraism dates back to very ancient times. In Vedic India, his name is found as ‘Mitra’ and means ‘union’ and ‘friendship’. He is one of the ruling gods and along with ‘Varuna’ forms an eternal pair to whom people cry out for help. In Indian tradition, Mithra has a shining neck and a golden abode.

The article argues that Mehr is named after Mitra, the name of an Indo-Iranian deity known in the Indian Rigveda as Mithra and in the Avesta as Mihr or Mehr (Mitra). The origin story of Mehr or Mithra, one of the greatest gods, according to the author, predates the appearance of Zoroaster, who is known and celebrated in many countries of the world under the religious names Mehrism and Metrism

Keywords: history of origin, values, religion, ancient, Iranian origin, tradition, Tajik scholars, eternal, actual, Iranian race.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МУҲАММАД ҒАЗОЛӢ ВА АҚИДАҲОИ ФАЛСАФИИ У

Ғуломова М.С. – н.и.ф., дотсенти кафедраи ҷомеашиносии
Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(тел: 001-66-44-48, e-mail: gulomova2018@mail.ru)

Дар мақолаи мазкур муносибати Муҳаммад Ғазолӣ ба улуми фалсафӣ баён гардидааст. Инчунин дар мақола оварда шудааст, ки Ғазолӣ дар пиромуни масоили ҳикмати амали низ ҷустуҷӯи зиёд анҷом дода аст. Ақидаҳои умдаи ӯ дар бахши ҳикмати иҷтимои чунин аст ҷомеъа ба монанди тамоми ҷаҳон зодаи хирадӣ илоҳист. Низому тартиботи он аз тарафи Худо қаблан таъин шудаанд. Шарти асосии вуҷуди ҷомеа ҳамкории аъзои он барои пайдо кардани масоили зиндагист. Дин ва сиёсат дар пайванди нагузоштани танзим кунандагони асосии зиндагии ҷомеа мебошад. Дар ақоиди сиёсии хеш Ғазолӣ тарафдори давлат теократӣ буд. Ба ақидаи ӯ рифоҳу шукуфоии давлат шоҳ, ки сояи Худо дар замин аст ва ба вазир, соҳибмансабон, ашхоси соҳиб қаламу соҳиб шамшер ба ҳайси ду сутуни тахту тоҷ вобаста аст.

Калидвожаҳо: *фалсафа, ҳикмат, дин, ҷомеа, давлат, шоҳ, сиёсат, ахлоқ, калом, мантиқ, иллоҳиёт, исбот, инкор, эҳё ва г.*

Муносибати Абӯҳомид Муҳаммад Ғазолӣ ба улуми фалсафӣ дар «Мақосид – ул -фалосифа» ва «Таҳофут – ул – фалосифа» баён гардидааст, вале ба таври муфассалтар мавзӯи моҳият ва аҳамияти улуми фалсафӣ дар «Эҳё» ва «Ал-Мунқиз» таҳлил шуда аст. Дар китоби «Ал-Мунқиаз» ӯ навиштааст, ки улуми фалсафӣ ба шаш қисм тақсим мешавад: риёзиёт, мантиқ, табииёт, илоҳиёт, сиёсат ва ахлоқ. Ҳангоми баҳс дар бораи ин илмҳо ӯ ба масъалаи таносуби улуми фалсафӣ ва дин аҳамияти махсус медиҳад ва дар ҳалли он ноустувории вай ҳувайдост. Масалан, ӯ аз хусуси муносибати риёзиёт ба дин сӯҳбат карда, аз як тараф тасдиқ мекунад, ки риёзиёти улуми бурҳонӣ мебошад, ки «ба умури динӣ аз лиҳози инкор ва исбот тааллуқе надорад» ва аз тарафи дигар таъкид мекунад, ки «ҳар омӯзандаи риёзиёт аз дақоиқи онҳо ва равшании бурҳонҳои онон тааҷҷуб мекунад ва ба ин сабаб ақида пайдо мешавад. Ӯ меандешад, ки тамоми улуми онҳо ба монанди ин илмҳо воҷеъ ва чидан бурҳонианд. Ва баъзан агар гуфтори одамонро дар бораи куфру илҳоди онҳо ва беэътинонашон ба шариат бишнавад, пас чунин шахсе ба сабаби тақлиди маҳз ба файласуфон, кофир мегардад. Ӯ чунин меандешанд, ки агар дин ҳақ бошад, он барои касоне, ки дар ин улум таҳқиқи дақиқ анҷом додаанд, пӯшида наемонад пас вақти чунин шахс дар сӯҳбатҳо аз хусуси куфру илҳоди онҳо суханҳо мешунавад, бар он далел меҷӯяд, ки ҳақ аз нафий ва инъкори дин иборат аст [1.96-97с.] «Вале сарфи назар аз ин Ғазолӣ ба нафий ва инъкори ошкорои риёзиёт ҷуръат намекунад. Сабаб чист? Ҷавоби ин суол суханҳои зерини ӯст: Дӯстони ҷоҳили ислом гумон бурданд, ки ба дин аз роҳи инкори ҳар гуна илм, ки ба риёзидонон мансуб аст, кӯмак бояд кард. Пас онҳо тамоми илмҳои риёзидононро ҷаҳолати комили хешро дар ин улум нишон додаанд. Онҳо ҳатто гуфтаҳои риёзидононро дар бораи кусуфу хусуф инкор кардаанд ва даъво намуданд, ки он чи онҳо гуфтаанд хилофи шариат аст. Ҳангоме, ки ин гуфторҳо ба гӯши касе, ки ин умурро аз роҳи бурҳони қотеъ донистаанд расидаанд, ӯ дар бурҳони риёзидонон шак наёварда, лекин муътақид гардад, ки ислом мубтани бар ҷаҳл аст. Ин кори бурҳони қотеи риёзидонон нисбат ба фалсафа

муҳаббатро ва нисбат ба ислом буғзро зиёд кард. Касоне, ки гумон кардаанд, ки ба ислом аз роҳи инкори ин улум кӯмак метавон кард ба дин хиёнати азиме кардаанд [1.39 с.].

Аз назари Ғазолӣ мантиқ ҳам на аз ҷиҳати инкор, на аз ҷиҳати исбот ба дин муносибате надорад. Балки вай аз барасии роҳҳои созмон додани далелҳо, қиёсҳо, шартҳои муқаддимоти бурҳон ва чигунагии таркиби он иборат аст. Дар мантиқ чизе нест, ки бояд инкор шавад. Балки вай аз ҷинси чинҳоест, ки ҳама мутакаллимон ва ҳам аҳли назар дар далелҳо онҳоро ёдовар мешаванд. Ҳамаи ин ба муқимоти дин чӣ муносибат дорад, ки аз рӯи онҳо мантиқ нафий ва инкор шавад? Агар мантиқ инкор карда шавад, ин инкор на танҳо сӯи эътиқодро дар бораи ақли мункир, балки дар бораи дини ӯ низ, ки даъво менамояд, ки он мавқуф бар ин инкор аст ба бор оварад. Вале Ғазолӣ дар айни ҳол мӯътақид аст, ки мантиқ ҳам метавонад боиси куфр ва илҳод гардад. Зеро «касе, ки ба мантиқ аз дидаи ҳусн менигарад ва онро возеҳ меёбад гумон мебарад, ки он чи онҳо аз куфриёт нақл мекунад, ҳамчунин ба бурҳон муайят аст. Пас ӯ пеш аз он ки ба илми илоҳӣ бирасад ба сӯи куфр мешитобад» [1.99 с.].

Бо вуҷуди ин, ақидаи Ғазолӣ дар бораи мантиқ нисбат ба ақидаи касоне, ки гуфтаанд, «ҳар ки мантиқ биомӯзад зандиқ (кофир) мешавад», пешрафтатар буд.

Дар бораи илми табииёт Ғазолӣ чунин менависад: «Аммо илми табииёт олами самовот ва ситораҳо ва он чиро, ки аз аҷсоми муфрада чун об, ҳаво, хок, оташ ва аҷсоми мураккаби чун айвон, набот ва маъодин дар зери онҳо аст ва ҳамчунин сабаби тағйир ва интизози онҳоро меомӯзад. Ин ба баҳси тиб аз ҷисми инсон аъзои раиса ва ходимаи вай аз сабабҳои истиҳолаи мизоҷи ӯ монанд аст. Ҳамчунин аз шарти дин нест, ки тибро инкор кунад, ба мисли ҳамин аз шарти он нест, ки табиатро ба ҷуз масоили муайяне, ки мо онҳоро дар китоби «Таҳофут-ул-фалосифа» ёд кардем» инкор намояд. Вай дар мавриди тааммул равшан мегардад, ки илми табииёт дар таҳти дин мундариҷ аст. Асли тамоми илми табииёт иборат аз донистани он аст, ки табиат мусахкори Аллоҳ аст ва Худо ба худ амал намекунад, балки амалаш комили тобеи офаридагон аст. Офтоб, моҳ, ситораҳо табоеъ мусахари амри ӯянд ва ҳеҷ яки онҳо ба худии худ аз зоти худ амалеро содир наменамояд».

Ин гуфтаҳо далели онанд, ки Ғазолӣ танҳо табииёти шаръӣ, табииёти тасдиқкунандаи аҳкоми динро эътироф мекунад. Инкори асли иллият аз ҷониби Ғазолӣ, ки илми табииёт ҳамаҷониба мубтани ба он аст, низ аз ин машраби мутафаккир шаҳодат медиҳад.

Тамоюли шаръи намудани улум аз тарафи Ғазолӣ, ҳангоми тавзеҳи мазмуни сиёсат ва ахлоқ низ воҷеҳ ба назар мерасад. Ӯ таъкид мекунад, ки тамоми гуфтори файласуфон дар илми сиёсат аз китобҳое, ки Аллоҳ ба паёмбарони худ нозил намудааст ва аз гуфтаҳои пурҳикмати пайёмбарони пешин ва назариёти аҳлоқии онон, аз гуфторҳои суфиён мардони шоистаи худопараст, душманони шавҳатҳо, устувор дар сулуки худ ва бар ҳазор аз лазатҳои дунявӣ гирифта шудаанд. Ошнои бо осори иҷтимоии фалосифа нишон медиҳад, ки ин гуфтаҳои Ғазолӣ бо муболиға омехтаанд фалосифа бешак зери таъсири ислом қарор гирифтаанд. Аммо таълимоти сиёсӣ ва ахлоқии онон танҳо аз гуфтори пайёмбарон ва суфиён иборат нест. Барои исботи кофист, ки осори фалосифа чун Ибни Ровандӣ, Абубакри Розӣ, Ибни Муқаффаъ, Форобӣ, Ибни Сино ва дигарон беғаразона мутолиа гардад.

Агар Ғазолӣ барои созгор кардани риёзиёт ва мантиқ ба дин ва шаръи кардани табиёт ва ахлоқ бикушад, пас илоҳиёти фалосифаро комилан инкор мекунад, зеро ба ақидаи ӯ «аксари ғалатҳои эшон дар он ниҳон аст. Онҳо ба бурҳон аз рӯи шартҳои мантиқ вафо карда натавонистанд ва аксари ғалатҳои эшон дар он ниҳои аст. Онҳо ба бурҳон аз рӯи шартҳои мантиқ вафо карда натавонистанд ва аксари ихтилофоташон аз ин ҷо рух дод. Ва лекин маҷмӯи ғалатҳои онҳо бо 20 асл бармегардад, ки дар сетаашон такфири эшон ва дар ҳафтдаҳтоашон тадиъашон воҷиб аст». Ин масъалаҳоро мо дар «Таҳофут-ул-фалосифа» ба таври васеъ дар параграфи дуюм дида мебароем назардошти он

чи баён шуд. Муносибати Ғазолиро ба улуми фалсафӣ ба тариқи зайл метавонад шарҳ дод.

1. Нисбат ба риёзиёт ва мантиқ мавқеи созишкоронро ишғол мекунад;

2. Табииёт, сиёсат ва ахлоқро мехоҳад шарҳӣ созад;

3. Илоҳиётро ҳамчун илм, ки манбаи аксари иштибоҳотии файласуфон аст, инкор мекунад.

Ғазолӣ ба таври умум ҳамеша улуми диниро васф намуда улуми фалсафиро бекор месозад. Танҳо улуми диниро (шаръиро) улуми ҳақиқӣ медонад, зеро маҳз ин улум инсонҳоро бо роҳи Худо ҳидоят мекунад. Тамоми ин ақоид дар «Кимиёи саодат» ва «Эҳёу улум-ид-дин», равшану возеҳ баён гардидааст.

Дар «Кимиёи саодат» ӯ менависад: «агар касе гӯяд, ки илм ӯро аз роҳи дунё боз хонад, чунон ки гурӯҳе гӯянд, ки на барои Худо омӯхтем, ва лекин илм худ моро ба роҳи Худо барад, ҷавобаш он аст, ки он илм китобу суннати асрори роҳи охират ва ҳақоиқи шариат аст, ки эшонро бо роҳи Худо барад ва нигоҳ ба ояти он дар ботини эшон бувад. Аммо ин илмҳо, ки дар ин рӯзгор ҳамехонанд, чун хилофи мазҳаб ва калом ва қасос, ки дар ин рӯзгоранд, ки ҳамаи илмҳои худ доми дунё сохтаанд муҳалифат бо эшон ва таҳсили илм аз эшон мардро аз роҳи дунё нагардонад. Илми судманд танҳо он аст, ки ҳеҷ будани дунё ва хатари умури охират барояш маълум аст, он илме, ки хатари таккабур шаҳват, ишқи дунёи фониро шинохта ва роҳи халоси аз онҳо донистааст. [2.35-36 с.].

Дар осори Ғазолӣ таснифи дигари улум тасниф аз лиҳози муфид будани улумро низ метавон ёфт. Ба ин манзур ӯ тамоми улумро ба улуми ботил, ки ба инсон ҳеҷ нафъ намеоварад ва улуме, ки дар ин дунё ва охират ба инсон наъе ҳастанд ҷудо мекунанд. Ба улуми аввали сеҳр, ҷоду, нуҷум ва дидани фол аз рӯи ситораҳо тааллуқ дорад. Қуръон ва улуми динӣ аз қабили фиқҳ, суннат ва тасфир, сарфу наҳв, ки хидматгузорони улуми динӣ ҳастанд ва улуми воҷиба, яъне тиб, ҳисоб, ҳунарҳои мухталиф, улуми фарҳангӣ, адабиёт, таърих, баъзе бахшҳои фалсафа чун риёзиёт, мантиқ, баъзе бахшҳои табиёт сиёсат ва ҷамъиятишхоси шомили гурӯҳи дуюми илмҳо мебошад. Қатъи назар аз ихтилофи зоҳирии улуми динӣ ва истифоли эътибори улуми ақлӣ.

Ғазолӣ дар пиромуни масоили ҳикмати амали низ ҷустуҷӯи зиёд анҷом дода аст. Ақидаҳои умдаи ӯ дар бахши ҳикмати иҷтимои чунин аст ҷомеъа ба монанди тамоми ҷаҳон зодаи хиради илоҳист. Низому тартиботи он аз тарафи Худо қаблан таъин шудаанд. Шарти асосии вуҷуди ҷомеа ҳамкории аъзои он барои пайдо кардани масоили зиндагист. Дин ва сиёсат дар пайванди нагузоштани танзим кунандагони асосии зиндагии ҷомеа мебошад. Дар ақоиди сиёсии хеш Ғазолӣ тарафдори давлат теократӣ буд. Ба ақидаи ӯ рифоҳу шукуфонии давлат шоҳ, ки сояи Худо дар замин аст ва ба вазир, соҳибмансабон, ашхоси соҳиб қаламу соҳиб шамшер ба ҳайси ду сутуни тахту тоҷ вобаста аст.

Бояд гуфт, ки баррасии масоили асосии назариёти иҷтимоии Ғазолӣ нишон медиҳад, ки умдатарин хусусияти ҳукумати амалии ӯ аз тартиб ва тарҳкими гуманизми динӣ иборат аст. Гуманизми ӯ қабл аз ҳама дар таблиғи васеи адолат, бархурди нек ба раият танқиди шар ва зулм зоҳир мегардад.

Дар риштаи илми ахлоқ Ғазолӣ комилаи усули ахлоқӣ тасаввуфиро пайравӣ мекард ва мӯътақид буд, ки «сирати онҳо беҳтарини сифатҳост, роҳи онҳо дурустарини роҳҳост ва ахлоқи онҳо поктарини ахлоқ мебошад [1. 128с.]. Чунон, ки ӯ худ мегӯяд вай ба ин ҳақиқат дар тӯли риёзоти даҳсола расидааст. Умдатарин асле ки дар пояи он назариёти ахлоқии Ғазолӣ бунёд гардида аст, озодии ирода аст. Ин назарияи ӯ дар заминаи созиш додани назарияи озодии иродаи мӯътазила ва назарияи озодии (беҳтараш ноозодӣ) ашъарияи тадвин шуда аст.

Чунон ки маълум аст мӯътазила ба он буданд, ки озодии ирода ҷузви яқиниёти бадеҳӣ аст ва инсон ба халқи аъмол қудрат дорад ва холиқи воқеии аъмоли худ мебошад. Аммо ашъарияи мӯътақид буданд, ки инсон холиқи ҳуҷ гуна аъмол нест ва қудрати ӯ дар аъмоли вай нақше ва таъсире надорад. Худост, ки дар инсон қудрат ва ихтиёрро

меофарад ва муносиби он қудрат ва ихтиёр феълро низ дар ӯ халқ мекунад.

Бинобар ин феъли инсон махлуқи Худованд аст ва ӯ онро фақат касб мекунад.

Ғазоли барои созиш додани ин ду назария ва эҷоди назарияи мутавасири озодии ирода ақидаи хавотирро пеш меорад. Аз рӯи ин ақида ҳар чиро, ки дил мехоҳад ва ҷазм мекунад басурати хавотир (хотираҳо ёддоштҳо) бояд азалан назди ӯ ҳозир бошанд. Ин хавотир ба ҳизби зоти худ мехоҳанд дар ҳаракати берунӣ зоҳир шаванд. Онҳо нақши таҳрики дошта метавонад рағбати қавмро барангезад. Дар паи ин рағбат бояд ҳукми ё эътиқоде падид ояд, ки судури феълро муяссар гардонад. Эътиқод дар навбати худ бояд муқаддимаи ирода гардад. Ирода қудратро бар меангезад ва онгоҳ феъл содир мешавад.

Дар натиҷа ин музокирот Ғазолӣ ба ин натиҷа мерасад, ки инсон дар амали мувофиқ бар майли худ озод ҳаст. Аммо замони комили майлҳо аз қудрати ӯ берун аст. Ин замон дар дасти Худованд аст, ки аз озодии мутлақ ба хурда мебошад.

Худованд аст, ки аз озодии мутлақ бархурда мебошад. Аммо озодии иродаи инсон нисбӣ аст, зеро ӯ пас аз тааммул, тардид ва интихоб ба тасмиме мерасад.

Аз назари Ғазолӣ болотарин фазилати наҷотбахш ҳамидаи ахлоқи ишқ аст, ки дар марҳилаи олам худ натиҷаи тафаккури мо нест, балки мустақиман ва бевосита аз Худованд фаро мерасад. Дар ин марҳилаи ишқ сӯфи гӯё ҳис мекунад, ки раҳмат ва иноятиХудованд чун қатраи латифи барои аз осмон бар ӯ фурӯ мерезад. Ин ҳамаи марҳалаи пайванди ошиқонаи солик ва Худованд аст, ки ҳамаи сифоти башари дар ликои ҳақ мустаҳлик ва дар бақои ӯ фано мешавад. Дар ҳамин марҳала аст, ки касрат маҳв мешавад а ҷуз сурати маъшуқ ҳеҷ чизи дигаре дар хотир наемонад ва солиқ дар ҳама ҷо ва дар ҳама чиз Худоро ҳозир мебинад. Дар ҳамин ҳолат аст, ки як ориф «аналҳақ», дуввумин «субҳони, мо аъзаму шаънӣ» ва саввумин «лайсафи – ҷуббати сивоу Аллоҳи» мегӯяд.

Аз ин байёни мухтасари ақоиди Ғазолӣ ба хуби мушоҳида мешавад, ки ӯ назарияи ахлоқии ислом ва тасаввуфро комилан ба ҳам оштӣ додааст. Саҳми дигари файласуф дар омузиши Калом хело ҳам назаррас мебошад. Калом ҳикмати дини ислом аст ва дар қарни ҳаштуми мелодӣ арзи вуҷуд намудааст.

Дар мамолики исломӣ калом рисолаи якачини ҳикматро бар ӯҳда дошт. Дар онҷо қарнҳои 8-10 мелодӣ дар кишварҳои мазкур улум ва фалсафа рушд ва такомули зиёд дошт ба сатҳи баланди инкишоф ноил гардида буд. Исломи расмӣ, ки фақат ба Қуръон ва ҳадис мутакӣ буд наметавонист бо улум ва фалсафӣ муқовамот намояд.

Бинобар ин зарурати ихтироъи системаи калом илоҳиёти ислом ба вуҷуд омад. То ки аҳком ва ақоиди динро бо далоили ақлӣ ва мантиқӣ мустанад намояд.

Калом дар натиҷаи якачинии ниёзмандии иеодологӣ ба миён омад ва ин рисолатро ба ӯҳда гирифт.

Муҳамад Ғазолӣ, ки яке аз тарафдорони басо сарсахти ислом буд, нигоштааст: «Ҳамоно мақсуди калом ҳифзи ақидаи аҳли сунат ва ҳаросати он аз ташвиши аҳли бидъат аст», пас Худои таъоли мутакалимро ба вуҷуд оварда ва онҳоро тавассути калом мураттаб ба пуштибонӣ сунат таҳриқ дод то талбисоти навини аҳли бидъатро ошкор созад. Пас калом ва аҳли он ба ҳамин сабаб пайдо шудаанд [3.85 с.].

Ақидаи Фахридини Розӣ ва Муҳамад Шаҳристонӣ дар бораи мақоми иҷтимоӣ ва идеулужии калом низ мушобеҳа ба Ғазолӣ аст. Ағлаби мусташриқини муосири Шарқ ва Ғарб ҳам мақоми иҷтимоӣ ва идеологии каломро сарфан аз дифоъи дини ислом иборат медонад.

Вале ҳолия муҳақиқине зуҳур карданд, ки ақидаи мазкурро ботил мешуморид ва саъе меварзанд собит намояд, ки калом яке аз ашкори матриализми қуруни вустои аст [4.77 с.].

Аммо ҳақоиқи тариқи худ чанд марҳиларо тай кардааст. Каломи мӯътазилия, каломи Ашъорӣ ва каломи фалсафиро метавон чун марҳилаи умдаи ин ҷараёни мафкуравӣ тавсиф кард. Бунёдгузори каломи фалсафӣ қабл аз ҳама Муҳамад Ғазолӣ аст.

Ғазолӣ дар оғози фаъолият тайи солҳои 80-90 қарни ёздаҳуми мелодӣ аз ҷумлаи пайравони сарсахти калом, яъне фалсафаи динӣ – идеалистии ислом аст.

Фалсафаи каломи ӯ умдатарин дар зимни интиқод анъанати материалистии фалсафаи араб ва форсизабон, машшоёи шарқӣ ва рафъи навоқиси каломи ашъорӣ ба вуҷуд омад, вале дар адабиёти таърихи фалсафии шӯравӣ назаре вуҷуд дорад, ки гӯё Ғазолӣ дар оғози фаъолияташ масоили фалсафиро дар рӯҳи машшоия таъбир бошад.

Ба эҷоди системаи фалсафаи калом Ғазолӣ кӯшиш намуд, ки ниёзҳои маънавии ҷомеаи феодалии дар ҳоли рушдро қонеъ намояд, яъне мавқеи фалсафаи идеалистӣ ва исломро ҳамчун идеулужии воҳид ва ҳоким тақвия ва таҳқим бахшад.

Ин тамоили ҷаҳонбошии мутафаккир дар асари машҳури «Таҳофут-ул-фалсафа», ки мутаақиқ ба давраи аввали фаъолияти ӯст, ба вазоҳат мушоҳида мешавад. Масалан ҳангоми ҳал ва фасли масъалаи оё оламро Худо офаридааст ва ё он аз қадим мавҷуд аст, ки шакле аз мазҳари мавзӯи асосии фалсафа дар қуруни васатӣ буд, Ғазолӣ ақидаи дини каломро дар бораи офариниши олам ва фанопазирии он бидуни шак ва тардид пазируфта, назарияи машоии қадимии ва азалияти оламрор инкор мекунад.

Олами ҳаводисе, ки рух медиҳад, илали худро дорад. Муҳол аст гуфта шавад, ки баъзе аз ҳаводиси иллат баъзе дигар бошад ва ин билониҳоя идома ёбад. Инсони оқил инро бовар надорад. Агар чунин амр инсон дошта бошад, дар он сурат шумо холиқро метавонед инкор кунед, вале агар ҳаводис ҳад дошта бошад, пас ин ҳад бояд мавҷуди азалӣ бошад.

Боиси тааҷҷуб аст, Ғазолӣ асли илмро барои офаринишини олам далел оварда сабаби худи онро инкор мекунад.

Замон ҳодис ва махлуқ аст ва беш аз он аслан замоне набудааст. Оллоҳ буд ва олам набуд сипас Оллоҳ буд ва олам ҳамроҳи ӯст.

Оғози олам ҳамеша мумкин буда, вале он ба имкон ба феъл табдил рафтааст, зеро феъл ба имкон баробар нест ва аз он тафовут дорад.

Далели охирини фалсафаи машшоъ барои азалият ва абадияти олам ин буд, ки шайи пайдошаванди нафси худ имкони ал-вуҷуд аст, вале имкони вуҷуди он арзи зотӣ нест ва нафс наметавонад вуҷуд дошта бошад. Пас ин имкон эҳтиёҷ ба ҳаюла дорад, ки ба он омӯзиш меёбад. Вале ҳаюлаи дигар ба ҷуз модда вуҷуд надорад… модда худ кадом моддаи дигар надорад, бинобар ин наметавонад ҳадис шавад.

Ғазолӣ бар зидди асли азалият ва абадияти олам боз барои он мубориза мекард, ки ин асл асосоти ислом – ақидаи динро роҷеъ ба қудрати номаҳдуди холиқ, ки гӯё бо иродаи худ оламро аз ҳеҷ офарида ва қавонини хешро ба он таҳмил кардааст, хароб ва беэътибор месохт. Аз сӯи дигар ҳамзамон бо холиқ тасдиқ кардааст азалияти олам ба фикри Ғазолӣ ба санавият ҳидоят мекард, ки хилофи моҳияти ваҳдонияти ислом буд.

Ғазолӣ ҳамчунин бар зидди назарияи судури навафлотуниён, ки онро машшоии шарқӣ дар шакли фалсафа ахз карда буданд, интиҳод кард.

Машоиёни шарқӣ мӯътақид буданд, ки олам аз Худо пайдо шудааст, вале ин пайдоиш натиҷаи амали шуурӣ, ихтиёрӣ ва эҷодгарона набуда, балки бинобар зарурати табиӣ сурат гирифтааст. Чунин дарки усули судури қудрати холиқ ва амалӣ ба шуурона ва ихтиёри вайро рад менамуд ва ба истилоҳи дигар маънис инкори худро дошт. Инро Ғазолӣ низ мефаҳмид.

Исбот менамоянд, ки олам натиҷаи судурӣ набуда, балки натиҷаи иродаи халоқа, мухтор ва ба шууронаи Худо мебошад, ки ҳамеша ва муҷаддадан аз ҳеҷ онро меофарад.

Чунин таъбир мавзӯи таносуби Худо ва олам аз моҳияти амр маънои инкори қонунмандиҳои табиӣ, зарурати табиист ва ниҳоят инкори маърифати оламро дорад. Бинобар ин Ғозолӣ ба огноститизм ва интуитизм рӯ овард.

Инкори қонунмандии табии ҳафзи қудрат билониҳояти Худо тайиди мӯъҷизоти ҷиҳоти умдаи таълимоти каломи Ғазолӣ мебошад.

Ғазолӣ бар зидди моҳияти умдаи асили иллат, яъне бар зидди робитаи зарурии байни иллат ва маълул мубориза мекунад.

Зеро Ғазолӣ ба хуби дарк мекунад, ки эътирофи иллати аввал мухтор буданд, фоил буданд, қодир будан ва феъли бошуурона ва иродаи Худо, ки

гӯё ҳамеша ва падидаҳои оламро ҳаст мекунанд, инкор мекунад, сониян қонунмандии табии падидаҳои оламро тасдиқ ва ҳар гуна модахалаи неъруҳои фавқултабиро ба ҷараёни онҳо рад месозад ва сонияи барои мӯъҷиза ва амали холиқ-ул-одда ҷое боқӣ намегузорад.

Асли илиятро (сабабро) инкор намудани Ғазолӣ на танҳо мудалал сохтани қудрати мутлақи илоҳӣ, мӯъҷизоти вай, балки исботи одами маърифати олам буд, яъне агар ҳаводис ва ашёи доимо ва маҷдудаан аз тарафи Худо эҷод шаванд, пас инсон фурсате надорад, ки роҷеъ ба онҳо, чигуна нобуд шудани онҳо чизе бидонад.

Чунин тамоили инкори асили илат, ки ба тадриҷ зеҳни уламо ва мутафаккиронро тасхир карда буд, дар аксари маворид инкрози улуми ақлӣ ва рушди ифонро дар мамолики Шарқи наздиз ва Миёна таъин намуд.

Ғазолӣ бо аксари ақидаи фалсафаи машшоъ роҷеъ ба нафс минҷумла тасавуроти ишон дар бораи нерӯи ҳайвонӣ ва навси нотиқа ҳамназар аст. Ғазолӣ навишта буд, ҳеҷ чизе аз он чи файласуфон дар мавриди ин нерӯҳо гуфтаанд аз лиҳози шариат набоят инкор шавад, зеро тамоми гуфтаҳои онҳо аз мушоҳидаи падидаҳо бармеояд, ки назми маъмули онҳо аз тарафи Оллоҳ Таъолӣ пешбинӣ гардидааст.

Ғазолӣ мисли файласуфони машшоъ нафси нотиқаро ҷавҳари рӯҳонии мустақил медонад, ки вай ҷисмро идора карда баъд аз ҷудо шудан аз тан боқӣ монда ҳамеша вуҷуди худоро идома медиҳанд, вале бар хилофи машшаиён Ғазолӣ нафсро монанд ба худ ва азали – яъне мавҷуд то вуҷуди ҷисм ва даркунанда медонад.

Вале Ғазолӣ бар зидди назарияи машшоиёни шарқӣ дар бораи номумкин будан, ҷисмонӣ сахттар мубориза мекунад. Ӯ дар ин ақида буд, ки агар назария пайгирона идома ёбад, боиси инкори Қуръон, қудрати холиқ, мӯъҷиза ва абадияти ҷисм ва рӯҳ, ки хилофи ҷаҳонбинӣ ислом аст, хоҳад шуд.

Бар зидди ин асли фалсафаи машоиёни шарқӣ ӯ таълимоти динии эҳёи ҷисмониро, ки мувофиқи он рӯҳи мурдагон дар рӯзи қиёмат ба ҷисмҳои тоза дохил мешаванд, пешниҳод кард. Ин ақида ба як маънӣ эътирофи яке аз ашколи таносух аст, ки аксари машшоиён минҷумла ибни Сино рад кардаанд. Ғазолӣ дар «Таҳофут – ал-фалсафа» ба мисоли гносеология низ тавоҷҷӯҳ намудааст. Аз ин ки таълимоти машшоиёнро дар бораи нерӯҳо, истеъдод ва вазифаи нафси ҳайвонӣ, нафси нотиқа эътироф мекунанд.

Ғазолӣ маърифати олам ва нерӯи олоти маърифати инсонӣ ҳаст ва ақлро инкор намекунад. Ӯ ҳамчунин ба таълимоти машоӣ дар мавриди маърифати ҳиссӣ (донистани хосияти ва ҷиҳати ашё) ва маърифати ақлӣ, (яъне дарки моҳияти ҳақиқии ашиё тавасути мафоҳими муҷаррад аз модда мақом вазъ) ҳамназар мебошад.

Аз тасдиқи он, ки «Аллоҳ таъоло ба ҷузъиёт доно нест» Ғазолиро нороҳат месохт, зеро тасаввури ӯ дар бораи ҳамаро донистани Худо мухолиф буд ба як маънии асосии назарии қонунмандии табъии мегардид.

Яъне падидаҳои фардии олам на тибқи иродаи холиқ (зеро ӯ дар бораи инҳо донише надорад, пас онҳоро идора намекунад) балки ба амри зарурият ба амал меоянд. Вале Ғазолӣ бо исрор медонист, ки ҳеҷ шайе аз назари Худо пинҳон нест, чунки вай дар ҳама ҷо мавҷуд аст. Ҳама ҳаводис дар дунё мутобиқа ба иродаи Худои дар ҳама ҷо нозир ва нозир сурат мегирад.

Дар се мавзӯъ куфри онҳо ногузор падид меояд; аввало мавзӯъи азалияти олам ва тасдиқи онҳо дар мавридиин ки ҷавҳар азалист, дуввум ақидаи онҳо, ки Худо бар ҷузъияти доно нест, саввум, инкори аҷсом ва ҳашри он.

Ин се мавзӯъ ба ҳеҷ ваҷҳ бо ислом созгор нест ва шахсе, ки ба он мӯътақид аст пайғамбаронро инкор намоянд. Ин куфри маҳз аст, ки ба он ҳеҷ як аз фирқаи ислом имон надоранд.

Ба истиснои ин се мавзӯъ таълимоти онҳо ба таълимоти мӯътазилиён қаробат дорад. Назарияи онҳо дар бораи сурат, иллати табии ҳамон аст, ки муътазилиён роҷеъ ба пайдоиш равшан гуфтаанд.

1. Ғазолӣ тавассути осори худ услуби тафаккури фалсафавиро дар калом пойдор намуда онро ба зинаи болотаре қарор дод. Бинобар Ғазолиро барҳақ

метавон бунёдгори фалсафаи калом номид.

2. Осори Ғазолӣ ба рушди тафаккури фалсафӣ низ мусоидат кардааст.

3. Баъди нимаи дуввуми солҳои навадуми қарни XI дар фаъолияти Ғазолӣ марҳилаи дуввум оғоз мегардад. Дар ин давра ӯ ба тасаввуф ручӯъ мекунад, мехоҳад ки ба ниёзҳои маънавии худ дар қисмати пайдо кардани роҳи маърифат ки дониши ҳақиқӣ ва имконнопазир бидиҳад, посухи қонеъкунанда ҷӯяд.

АДАБИЁТ:

1. Абуалӣ Ибни Сино. Осори Мунтаҳаб. Ҷилди 1. Душанбе, 1981.

2. Алӣ Асғар Ҳалабӣ. Таърихи фалсафа дар Эрон ва ҷаҳони исломӣ. Теҳрон, 1373.

3. Ибни Сино. Фунуни самоъи табиӣ. Теҳрон, 1319.

4. Ҷамолуддин Ҳумойнӣ. Ғазоллинома. Теҳрон, 1342. С. 41-44

5. Муҳаммад Ғазолӣ. Ал-Мунқиз.

6. Муҳаммад Ғазолӣ. Кимиёи саодат. Теҳрон, 1313.

7. Муҳаммад Ғазолӣ. Насиҳат – ул – мулк. Теҳрон, 1315.

8. Муҳаммад Ғазолӣ. Таҳофут – ул – фалосифа. Таҳияи З.Диноршоева. Душанбе, 2000

9. Муҳаммад Ғазолӣ. Таҳофут – ул – фалосифа. Теҳрон, 1331.

10. Муҳаммад Ғазолӣ. Эҳёу – улуми – ид – дин. Теҳрон, 1374.

11. Шамолов А.А. Ҳуҷҷатулислом Ғазолӣ: андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ. Душанбе, 1996

МУХАММАДА ГАЗАЛИ И ЕГО ФИЛОСОФСКИЕ ИДЕИ

Гуломова М.С.

В данной статье описывается отношение Мухаммада Газали к философской науке. В статье также говорится, что Газали также провел много исследований по вопросам практической мудрости. Его основные идеи в области социальной мудрости таковы, что общество, как и весь мир, рождается из божественной мудрости. Его правила и процедуры предопределены Богом. Главным условием существования общества является сотрудничество его членов в решении жизненных вопросов. Религия и политика являются основными регуляторами общественной жизни. По своим политическим убеждениям Газали был сторонником теократического государства. По его мнению, от двух столпов трона и короны зависит благополучие и процветание государства, короля, который является тенью Бога на земле, и министров, бизнесменов, людей, владеющих пером и мечом.

Ключевые слова: философия, мудрость, религия, общество, государство, царь, политика, этика, слово, логика, теология, доказательство, отрицание, возрождение и др.

THE RELATIONSHIP OF GASOLI TO PHILOSOPHICAL SCIENCE

Gulomova M.S.

This article describes the attitude of Muhammad Ghazali to philosophical science. The article also states that Ghazali also did a lot of research on practical wisdom. His main ideas in the field of social wisdom are that society, like the whole world, is born from divine wisdom. God ordains its rules and procedures. The main condition for the existence of society is the cooperation of its members in solving vital issues. Religion and politics are the main regulators of public life. According to his political convictions, Ghazali was a supporter of a theocratic state. In his opinion, the well-being and prosperity of the state, the king, who is the shadow of God on earth, and ministers, businessmen, people who wield the pen and the sword, depend on the two pillars of the throne and the crown.

Key words: philosophy, wisdom, religion, society, state, king, politics, ethics, word, logic, theology, proof, denial, revival, etc.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

АБАРИНСОН ҲАМЧУН ҒОЯИ МЕҲВАРИИ ФРИДРИХ НИТШЕ

Беков Д. - ходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
E-mail: didavar1989@list.ru; Тел.: 111225590

Дар мақолаи мазкур мавзуи Абаринсон дар таълимоти фалсафии файласуфи олмонӣ Фридрих Нитше (1844-1900) мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Мавзуи Абаринсон масъалаи марказӣ дар фалсафаи Ф. Нитше мебошад. Ба таври муфассал ва ҷиддӣ ин масъала дар китоби "Чунин гуфт Зардушт"-и Ф. Нитше оварда шудааст. Аз тарафи дигар асари Фридрих Нитше "Чунин гуфт Зардушт" асари фалсафӣ ва бадеӣ аст. Дар ин асар Ф. Нитше доир ба масъалаҳои муҳимми зиндагӣ ва ҷаҳон ибрози андеша менамояд. Дар фалсафаи Ф. Нитше идеяи Абаринсон мақоми асосиро ишғол мекунад. Ф. Нитше дар китоби "Чунин гуфт Зардушт" аз забони Зардушт андешаҳо ва фикрҳои худро иброз медорад. Аммо дар симои Зардушт намунаи мушаххаси шахсияти Абаринсонро нишон медиҳад. Худи қаҳрамони Ф. Нитше яъне Зардушт дар бораи зуҳур ва роҳҳои расидани инсонро ба дараҷаи Абаринсон таъкид менамояд. Ф. Нитше идеали фалсафии худро дар симои Абаринсон нишон медиҳад.

Вожаҳои калидӣ: *Фридрих Нитше, китоби "Чунин гуфт Зардушт", Абаринсон, арзишҳои зиндагӣ, В.Шекспир, Суқрот, масеҳият.*

Қабл аз ошноӣ бо фалсафаи Фридрих Нитше, бояд донист, ки ӯ файласуф, мақоланавис ва мунаққиқди фарҳанги олмонӣ буд. Навиштаҳои ӯ дар мавриди ҳақиқат, ахлоқ, забон, зебоишиносӣ, назарияи фарҳангӣ, таърих, нигилизм, қудрат, огоҳӣ ва маънои ҳастӣ таъсири зиёде дар фалсафа ва таърихи андешаи Ғарб гузоштааст.

Файласуфи олмонӣ, Фридрих Нитше (1844-1900) дар мавзуҳои зиёде аз ҷумла ҳунар, намоишнома ва нақд асарҳо эҷод намудааст. Аммо бештар аз ин ӯро ба унвони як файласуфи радикал ва нигилизм ёд мекунанд. Аз тарафи дигар, Ф. Нитше атеизм ва перспективизмро ривоҷ дод. Ӯ ҳамчунин аз мафҳуме бо номи "Иродаи қудрат" низ ҳимоят мекард, ки дар он афрод барои контроли неруҳои мусаллат дар зиндагии худ мубориза мекарданд. Ф. Нитше чунин бовар дошт, ки масеҳият яке аз он неруҳои душман ва мухолиф аст. Чун Ф. Нитше сабаби шикасти тамаддуни башарриро аз дини масеҳият медонист ва чунин бовар низ дошт, ки масеҳият роҳи пешрафти тамаддуни инсониро мегирад. Идеяҳои ӯ то ба имрӯз баҳсбарангез ҳастанд [1].

Доир ба асарҳои Фридрих Нитше изҳори назар намудан, кори саҳл ва осон нест. Чун ӯ устоди ҳирфаии соҳаи адабиёт ва фалсафа буд. Дар навиштаҳои худ аксарияти андешаҳои худро ба таври шоирона баён менамояд. Аз ин сабаб барои муҳаққиқон ҳангоми омӯзиш ва таҳлили асарҳои фалсафии Ф. Нитше душворӣ пеш меояд.

Бояд қайд намуд, ки мавзуи Абаринсон масъалаи марказӣ дар фалсафаи Ф. Нитше аст. Ба таври муфассал ва ҷиддӣ ин масъала дар китоби "Чунин гуфт Зардушт"-и Ф. Нитше оварда шудааст. Ин нукта муҳим аст, ки асари Фридрих Нитше "Чунин гуфт Зардушт" тарҷумаи ҳоли худи Ф. Нитше аст. Дар фалсафаи Ф. Нитше идеяи Абаринсон мақоми асосиро ишғол менамояд. Ф. Нитше дар китоби "Чунин гуфт Зардушт" аз забони Зардушт андешаҳо ва фикрҳои худро иброз медорад. Аммо дар симои Зардушт намунаи мушаххаси шахсияти Абаринсонро нишон медиҳад. Доир ба пайдоиши мафҳуми Абаринсон дар таълимоти Ф.

Нитше метавон гуфт, ки чунин ақидаҳое низ вуҷуд доранд, ки Ф. Нитше худ калимае ихтироъ накард, балки ӯ эҳтимолан ин мафҳумро аз Фаусти Гёте гирифта бошад [8]. Аммо дар мафҳуми Абаринсон, Ф. Нитше шахсияти комил ва солимеро ба тасвир овард, ки аз назари фалсафаи ӯ қобили қабул буд. Ё идеали фалсафии худро дар симои Абаринсон нишон дод. Абаринсон касест, ки ҳозир аст, ҳама чизро ба хотири пешрафти инсоният ба хатар биандозад [3]. Аммо дар асл аз назари муҳаққиқони муосир, махсусан файласуфи ҳиндӣ, Ошо Раджниш, Абаринсонро дар маънои воқеии худ як инсони солим медонад. Агар дар мавриди Зардушт назар афканем, чунин ба назар мерасад, ки Зардушти воқеӣ як шахсияти мазҳабӣ буд. Аммо эътиқодаш шомили фарқ гузоштан байни хайру шарро дар бар дошт. Аммо мавзуи аслии китоби “Чунин гуфт Зардушт”-и Фридрих Нитше ин моҳияти арзишҳост [4]. Яъне арзишҳо дар зиндагии инсон чи нақше доранд ва ояндаи инсонро чигуна ба танзим медароранд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки аз назари Ф. Нитше Абармард шахсест, ки зиндагиро дӯст медорад, ва барои зиндагии беҳтар саъю талош дорад ва эҷодкорӣ ва эҷоди ҳунарӣ дар зиндагии ӯ нақши муҳим дорад [7].

Пол Стратерн нависанда ва таърихшиноси шотландӣ, ки доир ба зиндагӣ ва фалсафаи Фридрих Нитше китоб навиштааст, доир ба Абаринсони Ф. Нитше чунин назар дорад, ки “ахлоқи ягонаи ӯ [Абаринсон] иродаи қудрат аст... Прототипи Абаринсони Нитше ин Зардушт мебошад. Ф. Нитше дини Масеҳиро аз будаш зиёдтар мавриди инкор қарор додааст” [9,с.52-53.]. Чигунае, ки маълум гардид, Пол Стратерн мушаххастар ба иқдомҳое, ки Ф. Нитше дар ҷомеаи асри 19-уми Олмон намуда буд, баён менамояд.

Ф.Нитше мегӯяд: “Абаринсон-маънои Замин аст” [11,с.8]. Ӯ Абаринсон гуфта, инсонеро дар назар дорад, ки ба замин вофодор аст ва зиндагии воқеиро интихоб менамояд. Ӯ ба ҳеҷ як аз қуввахои фавқултабиӣ такя намекунад ва танҳо тарафдори зиндагӣ аст ва аз арзишҳои зиндагии воқеӣ тарафдорӣ менамояд. Яъне ба зиндагӣ “Оре” (Ҳа) мегуяд. Оре гуфта, маънои онро дорад, ки: “зинда бод зиндагӣ”. Абаринсон арзишҳои худро меофарад ва зиндагии худро пур аз маъно мегардонад. Ӯ худро аз шароити харобии маънавӣ ки тамоми арзишҳои инсон аз байн мераванд, берун оварда, ба зиндагии худ маънои нав мебахшад. Абаринсон тавоноии онро дорад, ки ӯ касе шавад, ки бояд шавад. Яъне инсоне, ки бар худ ғалаба карда аст. Ӯ тобеъ ва дастнигари арзишҳои қадимӣ ва диниву метафизикӣ нест. “Абаринсон ин шахси олиест, ки қавитарин аст ва қобилияти тасаввуруроти нозукро дорад” [10,с.133]. Аз тарафи дигар, агар мо, ба замони зиндагии Ф.Нитше яъне асри 19 назар афканем, чунин ба назар мерасад, ӯ ба мо паём медиҳад, ки дар ин замон файласуф ба буҳрон маънавӣ гирифтор шудааст. Ва аз тарафи дигар, вазифаи файласуфони асри 19 ин буд, ки барои бартараф кардани буҳрони мавҷуда, роҳҳое пешниҳод намоянд. Аммо то он ҷо, ки маълум аст, роҳҳои пешниҳоднамудаи файласуфони дигар ба ҷуз Ф. Нитше, барои рафъи буҳрони бавуҷудомада ҳеҷ кумаки ҷолибе накарданд. Дар баробари он файласуфон, Ф. Нитше ба буҳрони мазкур ҷавоби худро пешниҳод намуд. Албатта ӯ худ як файласуфи танҳо буд, ва бори сангинеро бар душ гирифта, натанҳо буҳронро, балки, ба тамоми саволҳои баҳсбарангези таърихи фалсафа ҷавоби мантиқӣ ва қонеъкунандаву ҷамъбастӣ дод. Акнун меравем, сари буҳроне, ки дар асри 19, Олмонро фаро гирифта буд. Буҳрони мазкурро буҳрони арзишҳо мегуфтанд. Илова бар ин баъд аз замони равшангарӣ ва ҷудоии калисо аз давлат ба назари Ф. Нитше масеҳият дар Аврупо дигар он нуфузу эътибори қаблии худро надошт ва аз даст дода буд. Аз ҳамин сабаб ӯ мегуфт, ки дар Аврупо буҳрони арзишҳо ба вуҷуд омадааст. Чун яке аз арзишҳои асосии асри 19-и Аврупо ин арзишҳои масеҳият буд, ки тамоми Аврупоро зери таъсир қарор дошт. Аммо дар замони файласуф дигар арзишҳои масеҳият куҳна шуда буданд ва ҷомеа дар як ҳолати буҳронӣ гирифтор шуда буд. Ф. Нитше ҳангоми ба кор бурдани андешаи инкори Маъбуд

он маъноро дошт, ки ҳама он чизҳое, ки бар асоси вуҷуди Маъбуд сохта шуда буданд, махсусан низоми арзишҳои Ғарб, рӯ ба фурупошӣ ниҳодаанд.

Аз нигоҳи Ф. Нитше вазъияте, ки дар Ғарб ба вуҷуд омада буд, яъне фурупошии арзҳишҳо метавонад ба нигилизм оварда расонад. Яъне нигилизм ҳолатест, ки фурупошии арзишҳо ба вуҷуд меояд ва мардум саргардон гашта, самти зиндагии маънавии худро аз даст медиҳанд. Ва ба ҷои арзишҳои куҳнаи онҳо, арзишҳои нав лозим мегардад. То пайдоиши арзишҳои нав мардум дар ҳолати карахтӣ ва бесарусомонӣ умр ба сар мебаранд. Аз ин лиҳоз Ф.Нитше хеле нигарони ин масъала буд. Ӯ талош дошт то ин вазъияти мураккабро бартараф намуда, барои ҷомеаи худ роҳи наверо пешниҳод кунад, то мардуми кишвараш зиндагии наверо дубора оғоз намоянд. Ф. Нитше чунин меандешид, ки арзишҳои ғарбӣ аз масеҳият сарчашма мегиранд ва асоси зиндагии мардуми кишварашро дар бар доштанд. Ва ҳангоме ки онҳо бартарияти худро дар ҷомеа аз даст доданд бояд онҳо бо арзишҳои дигаре ё арзишҳои ҷадид ҷойгузини онҳо мегардид. Ҳангоми истифодаи ин арзишҳои кӯҳна ба назари Ф.Нитше инсон худро бо эътиқодҳои бардуруғ фиреб медиҳад, ба афсурдагӣ оварда мерасонад ва инсонро ба анҷоми корҳои бефоида ва бемаъно гирифтор хоҳад кард.

Ф.Нитше ба мо роҳ нишон медиҳад ва худ андеша дорад, ки Абаринсон ояндаи алтернативии башарият аст. Яъне барои инсоният алтернатива пайдо намудааст, ки онро Абаринсон меномад. Ба назари ӯ ҷои инсон холӣ нест, балки инсони волоро интизор аст, ки бар худ ғалаба намуда, бо арзишҳои нав меояд. Абаринсон, ҳамеша ба зиндагӣ умед дошта ва ҳамеша ба табиат такя менамояд. Чун медонад, ки табиат офарандаи инсон аст ва ояндаи ӯро таъин менамояд. Аз ин сабаб, Ф. Нитше бештар ба зиндагӣ ва табиат такя мекунад. Идеяи Абаринсон барои инсоният ҷои холигии Маъбудро, ки ба назари Ф. Нитше баъди фурупошии арзишҳо ба вуҷуд меояд, пурра менамояд. Абаринсон мардест, ки зиндагии заминиро дӯст медорад ва тамоми арзишҳои зиндагии ӯ вобаста ба Замин мебошанд. Ӯ ба метафизика ва қуввахои фавқултабиӣ бовар надорад ва такя ҳам намекунад. Ф. Нитше бо Абаринсони худ, мехоҳад арзишҳои куҳнаи масеҳиро аз байн барад ва арзишҳои нави дунявии худро офарад то зиндагии ӯ дубора холӣ аз маъно набошад. Чунон ки дар боло зикр гардид, арзишҳои масеҳият дар замони Ф. Нитше қодир ба ҳалли мушкилот ва зиндагии мардум набуданд. Ӯ ин мушкилиро зуд дарк намуда, барои ислоҳи онҳо саъю талоши худро оғоз намуд. Абаринсони Ф. Нитше инсонест, ки аз тамоми қайду бандҳои иҷтимоӣ, урфу одатҳо қадимӣ ва одатҳои динӣ озод аст ва худ зиндагии худро аз рӯи ақл ва мантиқ ташкил намудааст. Ф.Нитше инсонро дар ҷои Маъбуд қарор медиҳад. Чун ӯ бар ин бовар буд, ки замоне расидааст, ки арзишҳои нав бояд ҷои арзишҳои куҳнаро бигиранд. Ф. Нитше мақоми инсонро дар ҷомеа ба дараҷаи олиаш мерасонад. Яке аз хусусиятҳои асосии фалсафаи Ф. Нитше низ аз ҳамин иборат аст. Абаринсони Ф. Нитше зиндагиро чигунае, ки аст қабул дорад. Яъне чи камбудие, ки дар зиндагӣ аст ва ҳар он мушкилоте, ки бар сари Абаринсон меояд ӯ ҳеҷ гоҳ ноумед намегардад ва дар баробари ҳамаи ин ноумед намегардад ва ба пессимизм рӯй намеоварад, баръакс бармехезад ва бар муқобили мушкилоти мавҷуда муборизаро шуруъ менамояд. Чун ӯ дар андеша ва фикр соҳибистиқлол аст ва муҳтоҷ ба ягон ақидаи беруна ва дастнигари ҳеҷ кас нест. Аз тарафи дигар паёми Ф. Нитше барои инсоният ва махсусан ҷомеаи асри 19-уми Олмон ин аст, ки бояд мардум аз занҷирҳои дин ва ахлоқи масеҳӣ озод шаванд. Бояд инсон хислату шахсияти худро тағйир диҳад, то пойбанди арзишҳои куҳна нагардад. Ба андешаи Ф. Нитше инсон бояд андешаҳои нав офарад ва равиши зиндагии худро тағйир бидиҳад. Инсон бояд арзишҳои зиндагии худро шиносад, онҳоро офарад ва онҳоро амалӣ намояд [5].

Бояд зикр намуд, ки қудрати асосии Абаринсон, воқеӣ буда ва ӯ шахсияти мустақил аст. Мустақилияти ӯ Абаринсонро аз дигар инсонҳо фарқ менамояд. Ӯ дар интихоби хайру шарр аз андешаи мустақил ва озоди худ истифода мекунад. Чун

андешаи озод дорад, ин аст, ки худаш интихобгари роҳи ояндааш мебошад. Бартарияти Абаринсон худаш аст ва дар асоси андешаи мустақил ва дониши худ ҷаҳонро мешиносад ва зиндагиро пеш мебарад. Илова бар ин Ф.Нитше дар баробари офаридани андешаи Абаринсон ва таҳлили шахсияти ӯ боз донишмандон ва файласуфони дигарреро низ ҳамчун намунаи Абаринсон интихоб намуда буд. Метавон гуфт, ки Ф.Нитше, В.Шекспир ва Сукротро ҳамчун намунаи Абаринсон ба шумор меовард [2].

Ҳолати нигилизм чигуна аст? Аслан дар ҳолати нигилизм қарор доштани инсониятро Ф. Нитше бо омадани Абаринсон ва ҷойгузини арзишҳои куҳна намудани арзишҳои нав самти зиндагии инсонҳоро тағйир дод. Умеди нав ба зиндагӣ расид ва одамон худро аз буҳрони арзишҳои Ғарб, ки Ф. Нитше ба онҳо ишора дошт, наҷот ёфтанд. Чигунае, ки гуфта шуд, Абаринсон барои пурра кардани холигии маънавии асри 19 бисёр ҳам лозим буд. Аз тарафи дигар на танҳо дар асри 19 арзишҳои куҳна ба ҷомеаи Олмон хатар эҷод мекарданд, балки аз замони пайдоиши масеҳият ин мушкилот инсониятро думболагир буд. Барои Ф. Нитше ин масъала, як иштибоҳ ва мушкилии ҷиддие буд, ки касе қодир набуд дар ҳалли он муваффақ гардад. Аммо, Ф. Нитше камари ҳиммат баста, ин мушкилиро ҳал кард. Ва роҳи ҳалли ӯ ин буд, ки Абаринсонро ба майдон оварда, ва гуфт, ки акнун ба ҷои арзишҳои куҳнаи гузашта Абаринсон омадааст ва шумо аз ин баъд озод ҳастед ва метавонед мисли ин қаҳрамон, ки Абаринсон ном дорад зиндагии худро ба танзим дароред. Ин идеали Ф. Нитше, ки Абаринсон аст ва онро пешниҳод мекунад, монанд ба он аст, ки сардори равоқиён (стоикҳо) идеал барои равоқиён буд. Абаринсон ба назари Ф. Нитше инсоне аст, ки ахлоқи ғуломонаро раҳо карда, барои сохтани зиндагии нав оғоз менамояд. Ахлоқи ғуломона ин истилоҳест, ки барои тавсифи системаи ахлоқӣ, ки бар асоси тарс, мутобиқшавӣ, мерос ва анъана сохта шудааст, истифода мегардад. Ё ин ки арзишҳоеро меноманд, ки аз ҷониби ҷомеа, дин ё дигар системаҳо, фарҳангҳо ва гурӯҳҳо таҳмил мешаванд, ки боиси қафомондагии ҷомеа мегарданд. Ва замоне фаро мерасад, ки онҳоро бояд канор гузошт ва зиндагии озод ва ҷадидро шуруъ кард ки онро Ф. Нитше бо омадани Абаринсон ё ба дараҷаи Абаринсон расидани дигар инсонҳо дар назар дорад. Бо коҳиш ёфтани арзишҳои динӣ ва афзоиши ратсионализми илмӣ, ба назари Ф.Нитше, бисёр одамон барои пайдо кардани маъно дар ин ҷаҳон мубориза хоҳанд бурд. Дар ин сурат Абаринсон, барои ин мушкилӣ ё ин хатар роҳи ҳал пешниҳод мекунад. Ба ҷои он ки ба нигилизм инсон гирифтор шавад, баръакс, инсон метавонад ҳадафҳо ва зиндагии нав ташкил намуда, худро тағйир диҳад ва дастнигари ягон қувва ва ё ягон арзишҳои куҳна нагардад. Ҳолати зуҳури Абаринсон имконият медиҳад, ки инсон бо тавоноии худ аз ҳолати ноумедӣ берун ояд ва ба озодӣ бирасад.

Аксарияти одамон, ба назари Ф. Нитше, дар гӯша зиндагӣ мекунанд, арзишҳо, боварҳо ва интизороти ҷомеаеро қабул мекунанд, бидуни он ки онҳо розӣ бошанд. Мардум дар ҳолате, қарор доранд, ки пайравӣ аз анъана, дин ва интизороти иҷтимоеро ки худи ҷомеа муайян кардааст, қаноат кунанд. Яъне аз нигоҳи Ф. Нитше касе, ки наметавонад аз худ пайравӣ кунад, ӯ фармон хоҳад гирифт ва фармонбардор мегардад. Аз ин рӯ, барои он ки инсони маъмулӣ ба дараҷи Абаринсон бирасад, қадами нахустин ин аст, ки инсон бояд мутобиқи хостаҳо ва принсипҳои худаш зиндагӣ кунад, то ин ки мустақилияти фикрӣ ва озод андешиданро ҳамроҳи тасмимгирӣ дарёфт намояд. Абаринсон шахси мустақил буда, андешаи интиқодӣ дорад, озодандеш аст ва ҳар ончи бар ӯ таҳмил мекунанд, онҳоро қабул намекунад, балки дар асоси арзишҳои офаридаи худ ва дар асоси ақли солим ва мантиқ бунёд ёфтаанд, зиндагиашро ташкил менамояд. Ин нукта муҳим аст, ки Ф. Нитше барои мо пешниҳод мекунад, ки барои расидан ба марҳилаи Абаринсон, мо бояд ба дараҷаи худшиносӣ бирасем. Албатта ин масъалаи асосии фалсафа аст, ки мо бояд аввал худро шиносем ва баъд ба корҳои дигар

шуруъ кунем. Чун инсон дар марҳилаи худшиносӣ ба дараҷаи камолоти маънавӣ мерасад. Абаринсон шахсест, ки ҷуръат дорад, боварҳо ва арзишҳои суннатиро рад кунад. Андешаи Ф. Нитше дар мавриди Абаринсон ин аст, ки он на танҳо як андешаи фалсафӣ аст, балки як даъватест барои тағйири шахсияти инсон. Шахсияте, ки солҳо дар зери таъсири анъанаҳо ва ахлоқи ҷомеа қарор гирифтааст ва зиндагии якранга дорад, рӯзе дармеёбад, ки зиндагии то имрӯз доштаи ӯ зиндагии бидуни маъно буд ва бедор мегардаду барои тағйири шахсияти худ иқдом мекунад. Ф. Нитше ба мо таълим медиҳад, ки мо бояд касе шавем ки воқеан ҳастем. Яъне мо бояд ба зиндагии табиӣ бар гардем. Зиндагие, ки пур аз шодиҳост, пур аз маъност ва мо дар ин зиндагие, ки худамон бо андешаи солим онро тарҳрезӣ намудаем, зиндагиро оғоз кунем, ки ин аст, зиндагии воқеӣ. Хулоса, Абаринсон касест, ки ӯ барои рад кардани арзишҳое, ки дигар эҳтиёҷоти инсонро қонеъ намекунанд, талош меварзад, то онҳоро рад кунад ва арзишҳоеро қабул менамояд, ки барои зиндагии оянда ва дурахшони ӯ замина фароҳам меоранд [6].

АДАБИЁТ:

1. Friedrich Nietzsche. https://libguides.uky.edu/philosophy/nietzsche

2. Nietzsche: The Übermensch. [Маводи электронӣ]. Дастраси ба мавод: https://mozartcultures.com/en/nietzsche-the-ubermensch/ 02.03.2025.

3. Nietzsches idea of an overman and life from his point of view. [Маводи электронӣ]. Дастраси ба мавод: https://ccrma.stanford.edu/~pj97/Nietzsche.htm#:~:text=This%20essay%20will%20attempt%20on,sake%20of%20enhancement%20of%20humanity. 04.03.2025.

4. Thus Spoke Zarathustra Summary, Quotes & Analysis. [Маводи электронӣ]. Дастраси ба мавод: https://study.com/learn/lesson/thus-spoke-zarathustra-quotes-summary-analysis.html#:~:text=These%20concepts%20emerge%20through%20parables,affirming%2C%20or%20ascetic%20and%20conformist. 05.03.2025.

5. Übermensch Explained: the Meaning of Nietzsche's 'Superman' [Маводи электронӣ]. Дастраси ба мавод: https://philosophybreak.com/articles/ubermensch-explained-the-meaning-of-nietzsches-superman/ 07.03.2025.

6. What is the Übermensch? The Meaning of Nietzsche's 'Superman' [Маводи электронӣ]. Дастраси ба мавод: https://orionphilosophy.com/what-is-nietzsches-ubermensch/ 07.03.2025.

7. Исаченко Н.Н. Идея сверхчеловека – путь от рессентимента к возвышению индивида. [Электронный ресурс]. https://s.fundamental-research.ru/pdf/2014/11-10/35941.pdf Режим доступа: 09.03.2025.

8. Максименкова Алина Сергеевна, Ивенкова Ольга Александровна. Сверхчеловек: добро или зло? [Электронный ресурс]. https://cyberleninka.ru/article/n/sverhchelovek-dobro-ili-zlo/pdf Режим доступа: 10.03.2025.

9. Пол Стретерн. Ницше за 90 минут. Перевод с англ. Н.Г.Бариновой.- М.:Астрел: АСТ, 2006. 76с.

10. Фридрих Георг Юнгер. Ницше. Перевод с немецкого А.В. Михайловского. Праксис Москва 2001. 256с.

11. Фридрих Ницше. Сочинения в двух томах. Том 2. Москва Издательства Мысл 1996. 829с.

СВЕРХЧЕЛОВЕК КАК ОСНОВНАЯ ИДЕЯ ФРИДРИХА НИЦШЕ

Беков Д.

В этой статье проблема сверхчеловек будет проанализирована и рассмотрена в философском учении немецкого философа Фридриха Ницше (1844-1900). Тема сверхчеловек является центральная проблема в философии Ф. Ницше. Подробно и серьезно этот вопрос был поднят в книге "Так говорил Заратустра" Ф. Ницше. С другой стороны, книга Фридриха Ницше "Так говорил Заратустра" является философско-художественное произведение. В этой книге Ф. Ницше высказывает свое мнение по важным вопросам жизни и мира. В философии Ф. Ницше идея сверхчеловек занимает центральное место. Ф. Ницше в книге "Так говорил Заратустра" из языка Заратуст-

ры, он рассказывает свои философские мысли. Но в образе Зороастра показан конкретный пример личности сверхчеловека. Сам герой Ф. Ницше, то есть Зороастр, рассказывает о появление сверхчеловека и пути достижения его. Ф. Ницше показывает свой философский идеал в образе сверхчеловека.

Ключевые слова: Фридрих Ницше, книга "Так говорил Заратустра, сверхчеловек, жизненные ценности, У. Шекспир, Сократ, христианство.

SUPERMAN AS THE MAIN IDEA OF FRIEDRICH NIETZSCHE

Bekov D.

In this article, superman topic will be analyzed and discussed in the philosophical teachings of the German philosopher Friedrich Nietzsche (1844-1900). Superman's topic is the central issue in the philosophy of F. Nietzsche. In detail and seriously, this issue was discussed in the book "Thus spoke Zarathustra" of F. Nietzsche is quoted as saying. On the other hand, the work of Friedrich Nietzsche "Thus spoke Zarathustra" said is a philosophical and literature work. In this work F. Nietzsche expresses his opinion on important issues of life and the world. In the philosophy of F. Nietzsche Superman's idea occupies the main position. F. Nietzsche said in book "Thus spoke Zarathustra" expresses his thoughts and ideas from the language of Zoroaster. But in the image of Zoroaster, he shows a specific example of Superman's personality. The hero of F. Nietzsche, that is, Zoroaster, emphasizes the manifestation and ways of reaching the level of Superman. F. Nietzsche shows his philosophical ideal in the image of Superman.

Key words: Friedrich Nietzsche, book "Thus spoke Zarathustra" said, Superman, values of life, W. Shakespeare, Socrates, christianity.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

УДК: 17

ТАНОСУБИ АРЗИШҲОИ ҶОМЕА ВА МЕЪЁРҲОИ ЭТИКА

Воҳидова Робия Комилҷоновна - ассистенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар мақолаи мазкур муаллиф асосҳои методологии масоили ахлоқро дар доираи этика ба муҳокима мегузорад. Дар баробари ҳамин дар мақола муаллиф ба мафҳуми ахлоқ ва назарияи он диққати махсус медиҳад ва нақши ҷомеаро дар ташаккулёбии ахлоқ ва ҳифзи арзишҳо таҳлил мекунад. Муаллиф инчунин нақши манфии воситаҳои интернетиро дар самти тарбияи ҷавонон нишон медихад ва пешниҳод мекунад, ки дар ин равия мебоист таносуби арзишҳо ва меъёрҳои этиика бояд диққати ҷомеа ва волидон бештар бошад. Муаллиф инчунин оид ба мавзуи таносуби ахлоқ, ҳуқуқ ва фарҳанги сиёсӣ дар ҷомеаи муосир таҳқиқоти илмии худро мавриди муҳокима қарор додааст. Муаллиф муайян намуд, ки равияҳои асосии таносуби ахлоқ, ҳуқуқ ва фарҳанги сиёсӣ ва ташаккули онҳо давра ба давра инкишоф ёфтаанд. Муаллиф дар хулоса фарқият ва умумияти байни консепсияҳоро нишон дода, таҳлили муқоисавии онҳоро бо анъанаҳои миллӣ ва идеяҳои қаблӣ ба миён гузоштааст. Муаллиф дар ҷамъбаст ду самти тарбия таълими арзишҳо ва ахлоқро бо ҳам муттаҳид мекунад, то ки таъсири онҳо ба объекти тарбия беҳтар шавад.

Вожакалимахо: *ахлоқ, этика, давлат, меъер, рафтор, интернет, арзиш.*

Дар ҷомеаи муосир, муносибатҳои гуногун байни одамон тавассути меъёрҳои гуногун танзим мешаванд ва яке аз онҳо ин меъёрҳои этика мебошанд, ки он дар системаи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хоса дорад. Ин илм соҳаи алоҳидаю мустақили маънавиёти ҷомеа буда, аз маҷмӯи меъёрҳое иборат аст, ки категорияҳои он барои ҷамъият муҳим ва қобили қабул мебошанд. Вобаста ба ҳамин, яке аз вазифаҳои муҳимтарине, ки дар назди давлат ва ҷомеа барои пешрафти иқтисодию ҳуқуқбунёд ва тартиботи ҷамъияти истодааст, ин пурзур кардани ахлоқ ҳамчун унсури асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар ин масир этика яке аз ҳудудҳои муҳимтарини рафторро дар бар мегирад. Бинобар ҳамин таҳлили ахлоқ барои илми муосир ҳамчун омили устувории ҷомеа зарурати маънавӣ дорад. Мақсади асосии баррасии мавзуи мазкур аз он иборат аст, ки ахлоқро бо дигар равандҳои ҷомеа ва арзишҳои он таҳлил намуда, доир ба моҳияти ин падида хулосаҳои дақиқ барорем. Вобаста ба таҳлили мавзуи мазкур ва натиҷаи таҳқиқоту мутолиаи ин раванд дар мақола вазифаи муайян кардани шарҳи моҳият ва зарурати меъёрҳои ахлоқӣ бо таҳлил таносуби онҳо бо арзишҳои миллӣ баррасӣ мешавад.

Таърихи ахлоқи одамонро муборизаи некию бадӣ ташкил медиҳад ва ин фалсафаи дуализм аз замонҳои қадим мазмуни асосии ахлоқро ташкил дод [7, с. 90]. Баъзе аз ҳакимони даврахои пеш ин муборизаи некиву бадиро барои табиати инсонҳо хоса мешумориданд ва чуноне, ки Сукрот гуфта буд, «бадӣ ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад, зеро ҳама вақт қуввае бояд ба муқобили некӣ истода бошад» [3, с. 89]. Меъёрҳои ахлоқӣ яке аз омилҳои асосии муътадилияти ҷомеа маҳсуб мешаванд. Онҳо аз насл ба насл гузашта, барои аъзоёни ҷомеа ҳамчун беҳтарин намунаи рафтор хизмат мекунанд. Маҳз тавассути онҳо шахс метавонад рафтори хуб ва балро аз

ҳамдигар ҷудо созад [12, с. 56]. Дар маркази ташаккули онҳо оила меистад ва маҳз дар оила аввалин нишонаҳои ахлоқро одамон дарк мекунанд. Аз шароити оила вобастагӣ дорад, ки аввалин қадамҳои иҷтимоишавӣ барои ҷавонон чӣ тавр сурат мегиранд [6, с. 245].

Арзишҳои миллии тоҷикон таърихи қадима доранд ва чуноне, ки дар китоби Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон бо номи "Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ" омадааст, он ба давраи порсҳои қадим таалуқ дорад. "Вақте ки порсоён ва муъминон ба худоёни мухталифи худ муроҷиат мекарданд ва барои ҳифзу нигоҳдории ҷаҳон ва файзу фазояндагии зиндагии худ дуою ситоиш мекарданд, чунин ақида доштанд, ки бо ин амали худ қонуни ҳамагониро нерӯ ва тақвият мебахшанд. Аз ҷониби дигар, чунин ақида мавҷуд буд, ки аша (рта) раҳнамои инсони воқеӣ буда, рафтору ахлоқи ӯро идора мекунад. Ҳақиқат, ростӣ, адолат, ҷавонмардӣ ва сидқу вафо хусусиятҳои инсони воқеӣ ҳастанд. Дар миёни хусусиятҳои боло ба ҳақиқату ростӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода мешуд. Ориёиёни бостон ростӣ, ҳақиқат ва дурустиро ба дараҷаи қудсият бардошта, ҳар чизе, ки бо он мувофиқат намекард, дурӯғ (авестоӣ-друғ, санскрит-друх) ҳисоб мекарданд. Аз ин рӯ, одамонро ҳам сарфи назар аз тамоми мансубиятҳо ба ду гурӯҳи калон тақсим карда буданд: ашаван - пайрави ростӣ, ҳақиқат, воқеият ва другван - пайрави дуруғ. Ростӣ - баландтарин ва арзишмандтарин хусусиятҳои инсонӣ ҳисоб карда мешуд" [1, с. 147].

Аз давраҳои қадим одамон рафтори худро бо меъёр ва қоидаҳое, ки худи онҳо дар ҳаёт санҷидаанд ва манфиати умумии онҳоро ифода мекарданд, мувофиқ менамуданд. Ахлоқ, одат, анъана, яъне меъёрҳои ахлоқӣ, тасаввурот оид ба некӣ ва бадӣ, адолат ва беадолатӣ, бовиҷдонӣ ва бевиҷдонӣ ва амсоли онҳо қоидаҳои аввалини рафтори одамон буданд ва вайрон кардани чунин коидаҳо дар ҷомеа маҳкум мешуд. Муносибатҳои байни аъзоёни ҷомеа на танҳо ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки тавассути меъёрҳои ахлоқӣ низ ба танзим дароварда мешаванд. Мутафаккирон дар ҳар давру замон он рафтореро, ки зидди талаботи меъёрҳои арзишҳои ҷомеа мебошанд, рафтори зиддиахлоқӣ медонистанд, зеро тамоми муносибатҳои ҷомеа дар меҳвари арзишҳо давр мезад. Худи арзишҳоро метавон ба гуруҳҳои зерин тақсим намуд:

- арзишҳои ҳаётан муҳим – саломатӣ, муҳити зист, тозагӣ, бехатарӣ.

- арзишҳои коллективӣ ба мисоли муошират, кори муштарак, дастгирӣ, кумак;

- арзишҳои инсон - накукорӣ, сулҳҷуӣ, эҳтиром, озодӣ;

- арзишҳои маърифатӣ - дастрасӣ ба фарҳанг, дониш ва маориф;

- арзишҳои шахсӣ – худшиносӣ, ҳаёти шахсӣ, дахлнопазирии шахсӣ, сирри шахсӣ, вақти холӣ, фароғат;

- эҳтироми этикӣ ба меҳнат – ба инсонҳои касбу кори гуногун;

- арзишҳои таърихӣ – эҳтиром ба таърихи гузашта ва корномаи гузаштагон [4, с. 78].

Вобаста ба таснифи додашуда, арзишҳо меҳнатдустӣ, зебогӣ, муҳаббат ва қаҳрамониро инъикос мекунанд. Дар ин аснод, ахлоқ ҳамчун категорияи этика ва шуури ҷамъиятӣ дар якҷоягӣ бо аксиология маҷмуи қоидаҳои асосии муносибати байниҳамдигарии ҷамъиятии одамонро дар бар мегирад. Мазмун ва моҳияти ахлоқро муносибатҳои сиёсӣ иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданию фарҳангӣ муайян мекунанд, зеро онҳо асоси муносибатҳо буда, этика василаи ин муносибатҳоро ташкил медиҳад. Ахлоқ ба воситаи ақли шахс ба вуҷуд меояд ва ба андешаву ҷаҳони ботинӣ ва фитрати вай робитаи мутақобила дорад [11, с. 89]. Ҳар як андешаи инсон ё барои фаъолияти амалии ӯ, ё барои эҷоди чизе ва ё барои фаъолияти назариявӣ равона гаштааст ва ҳадафи ниҳоии тафаккури инсон маърифати холӣ набуда, балки устуворандешӣ ва санҷидагии гуфтору рафтор дар шароити хосу муайян мебошад. Муошират мутамаддин бидуни принсипҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои ахлоқӣ ғайриимкон аст. Мардум бо сабаби риоя накардани арзишҳо ва бо ғамхорӣ танҳо дар бораи манфиатҳои худ, муносибати худро бо дигарон гум мекарданд. Меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори ахлоқӣ

барои муттаҳид сохтани ҷомеа кумак мерасониданд.

Меъёрҳои ахлоқӣ дар навбати худ меъёрҳоеро ифода мекунанд, ки тамоси инсонро барои ҳама гуворо месозанд. Меъёрҳои ахлоқӣ инчунин барои ташаккулёбии шахсият мусоидат мекунанд ва аз ин лиҳоз тарбияи ахлоқии ҷавонон барои таъмини фазои хуби ҷомеаи оянда асос мегузорад [5,с.90].

Этикаи муошират ва рафтор дар умум принсипи ахлоқро ҳамчун манъ кардани зарар ифода мекунад. Инсон дар эҷоди заминаҳои пешгирии муноқиша, бояд эҳсосоти манфиро боз дорад ва дарк кунад, ки ҳар як шахс фикри шахсӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ифодаи онро манъ намекунанд. Чунин муносибат бояд ба ҳама одамон, алахусус наврасоне, ки дар ҷанҷол ё ҷанҷол ба хурӯҷҳои аз ҳад зиёди эҳсосотӣ дучор меоянд, дахл дошта бошад. Меъёрҳои ахлоқӣ маҷмӯи муайяни қоидаҳо мебошанд, ки рафторро ҳангоми муносибат бо одамони атроф муайян мекунанд. Ҳадафи асосӣ гуворо ва муассиртар кардани тамос барои ҳамаи аъзоёни ҷомеа мебошад.

Дигаргуниҳои куллӣ дар технологияи сиёсӣ, ки имрӯз қисми зиёди давлатҳоро фаро гирифтааст, моро ба он водор мекунад, ки бештар бо мардум ва махсусан насли ҷавон кор кунем, то он ки ҷомеаи худро аз дахолати берунӣ ҳифз намоем. Дар чунин шароит пеш аз ҳама таълим додани маданияти ҳуқуқӣ дар миёни ҷавонон зарур аст, зеро маҳз маданияти ҳуқуқӣ барои рушди шуури сиёсӣ, институтҳои демократӣ, парламентаризм ва тоқатпазирии мардум дар фазои плюрализм мусоидат мекунад.

Таҳлили донишҳои аксиологӣ ва этика нишон медиҳанд, ки аксарияти арзишҳо характери ҳатмии иҷро дошта дар ҷомеа устувории маънавиро инъикос мекунанд. Масалан саволномаи мазкур, ки аз руи он пурсиш дар байни донишҷуён гузаронида шуд, муҳиммияти арзишҳоро нишон медиҳад:

– Оё рафтори шумо ба принсипҳои дастури донишҷу мувофиқат мекунад?

– Оё бе дониши арзишҳои ҷомеа ба рафтори дуруст ноил шудан мумкин аст?

– Оё ягон таҷрибаҳои дигаре вуҷуд дорад, ки донишҳои ахлоқиро тақвият бахшад?

– Оё тамоми шароитҳо ва кормандони босалоҳият дар самти тарбияи ахлоқӣ дар доираи фаъолияти шумо мавҷуданд?

– Оё шароити муҳити зист ва истироҳати шумо барои ҷомеаи дорои арзишҳои пешрафта мувофиқ аст?

– Агар таҷрибаи фаъолияти шумо бо арзишҳои дигарон номувофиқ бошад, оё аз он худдорӣ мекунед?

Самти дигари амали арзишҳо ин пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ дар системаи сиёсии ҷомеа ва нигаҳдошти устувории давлат мебошад. Дар ин раванд ҳар як шаҳрванд бояд ба арзишҳои миллӣ ва анъанавӣ ба мисли таҳаммулпазирӣ, эҳтиром, ҷавонмардӣ, росткорӣ ва дигар хислатҳои инсонӣ такя намуда, фаъолона дар пешрафти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии давлат ширкат намояд. Маҳз барои ҳамин, масъалаи рушди идеологияи миллӣ ва тафаккури ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз масъалаҳои муҳими давлат ба шумор меравад. Таҷрибаи ҷаҳони нишон медиҳад, ки ҳимояи илму дониш ва дигар манфиатҳои миллию рушди ақлӣ бояд нақшаи дурнамои худиро дошта бошад. Махсусан тарбияи ҳуввиятсозӣ ва раванди ташаккули идеяи миллӣ дар мадди аввал қарор мегирад. Ҳуввияти миллӣ аз худшиносӣ ва қабл аз ҳама аз хештаншиносӣ ва дарк намудани арзишҳои миллӣ, оғоз шуда, аз ҳама шаҳрвандони кишвар доштани ҳисси миллиро тақозо менамояд. Ин сифатҳо, қабл аз ҳама дар оила, мактаб, ҷомеа ва дар фазои иттилоотӣ ва ташвиқотӣ, тарбиявӣ ва маърифатӣ ташаккул дода мешаванд. Дар бедор намудани намудани ҳиссӣ миллӣ, таҳияву татбиқи идеологияи давлатдорӣ ва идеяи миллӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда, роҳи ҳифзи арзишҳоро бояд таъмин намуд. Раймонд Арон вазифаи этикаи сиёсиро шарҳ дода мегӯяд, ки «вазифаи асосии сиёсат – ин маслиҳат набуда, балки пешниҳоди назариявӣ мебошад ва ин пешниҳод бояд бештар некиро пеша намояд на бадӣ. Сиёсат бояд пеши роҳи ҳаракати зӯроварӣ, азоб ва дигар намуди таъқиботҳоро гирад» [9, с. 238].

Имрӯзҳо дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ ва озодиҳои сиёсӣ ки онҳоро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунад, таъмини ҳифзи этикаи иттилоотӣ мураккаб мегардад. Паҳлӯҳои мусбии раванди ҷаҳонишавӣ кам нестанд, аммо таҳлил ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони ҷаҳонишавӣ ҷомеаро водор месозад, ки чорабиниҳои амнияти фазои иттилоотиро барои шаҳрвандон пешбинӣ намояд.

Яке аз нишонаҳои ва далелҳои куҳанбунёдии арзишҳои миллат ин фарҳанг маҳсуб мешавад. Ҳамчун дунёи маънавӣ, фарҳанг барои пешрафти соҳаҳои мухталифи тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи анъанаҳо, урфу одат, арзишҳои ахлоқӣ ва дастовардҳои илми миллӣ ва ҷаҳони мусоидат мекунад. Фарҳанг на танҳо нишонаи миллат аст, балки олоти ҳифзи арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ мебошад ва онро аз таҳдидҳои мавҷуд эмин нигоҳ медорад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ фарҳанг яке аз омилҳои асосии нигаҳдошти миллӣ ва таъмини ҳастии миллатро ташкил медиҳад. Бинобар ҳамин дар раванди ҷаҳонишавӣ кор дар соҳаи фарҳанг, маориф, худшиносии миллӣ ва нигаҳдории аломатҳои этнологӣ дар мадди аввал меистад [8, с. 99]. Аз ҳамин лиҳоз давлат ҳамчун яке аз тарафҳои манфиатдори нигаҳдошти фарҳанги миллӣ бояд дар амалӣ намудани барномаҳои арзишҳои миллӣ нақши аввалиндараҷа дошта бошад.

Дар шароити мавҷудияти таҳдидҳо барои маънавияти мардум паҳн кардани арзишҳои миллӣ, муҳим аст, зеро бо ҳамин усул давлат метавонад халқ ва миллатро дар атрофи мақсадҳои сиёсӣ муттаҳид намояд. Ахлоқ ва фарҳанги мардуми тоҷик аз тамаддуни оирёиҳои қадим сарчашма мегирад ва инро таҳлилҳои олимони рус тарафдорӣ карда, сокинони ин минтакаро «мардуми тоза ориёӣ» меномиданд [2, с. 24]. Аммо вобаста ба марҳилаи таърихӣ насли имрузаро зарур аст, ки ба ин тамаддуни ҳазорсола саҳми худро гузорад ва онро бо саҳифаҳои нав бой гардонад, то ки сазовори ин мерос дониста шавад, зеро маҳз муносибати хуб метавонад на танҳо фарҳанги гузаштаро ҳифз намояд, балки онро барои насли муосир ҳамчун роҳнамои дастовардҳои нав муаррифӣ намояд.

Арзишҳои миллӣ ба монанди ҳурмат ва эҳтиром, ҷавонмардӣ, росткорӣ ва дигар хислатҳои инсонӣ чуноне, қайд шуда буд, бояд меъёри рафтори субъекти фаъол бошанд [10, с. 123]. Дар роҳи расидан ба ҳокимияти идеалӣ ва пешгирии ҳама гуна табадуллотҳо ва инқилобҳо, маданияти сиёсӣ нақши калидӣ дорад ва дар лаҳзаҳои қатъии интихоб барои рафтори шаҳрвандон дар арсаи сиёсӣ кумак мерасонад ва онҳоро аз вайронкориҳо ва ҳаракатҳои ғайриконунӣ боз медорад. Омузиши фарҳанги сиёсӣ инчунин сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаро беҳтар мегардонад.

Ҳамин тавр мавзуи мазкурро таҳлил намуда, ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст, ки тарбияи ахлоқии ҷавонон аз оила сар мешавад. Бинобар ҳамин, давлат, ҷомеа ва волидайнро зарур аст, ки дар ин самт кори худро фаъол намоянд, то ки ба насли наврас аз синни хурдсолӣ эҳтироми қонун, арзишҳои миллӣ ва меъёрҳои алоқиро таълим диҳанд. Ҳамчунин сохторҳои давлатиро зарур аст, ки захираҳои интернетиро ба фоидаи тарбияи насли наврас истифода барад ва нисбати ин раванди ҷомеа муносибати ҷиддӣ дошта бошад. Таҳлили амали меъёрҳои ахлоқӣ дар оила дар замони муосир нақши калидӣ доранд ва аз ҳамин ҷиҳат инсоният дар таърихи чандинҳазорсола ин арзишҳоро эмин нигоҳ дошт ва имрӯз аҳамияти онҳо аз давраҳои пеш кам намебошад. Омузиши ҳар чи беҳтари арзишҳои миллӣ дар якҷоягӣ бо арзишҳои этика фазои ҷомеаи маданиро таъмин мекунад ва барои рушд ва инкишофи минбаъдаи таҳаммулпазирии мардум дар фазои ҷомеа мусоидат карда, суботи давлатдориро таъмин менамояд.

АДАБИЁТ:

1. Эмомалӣ Раҳмонов Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / Эмомалӣ Раҳмонов. – Душанбе.: Ирфон, 2006.

2. Эмомалӣ Раҳмон. - Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Эмомалӣ Раҳмонов. – Душанбе, 2002.

3. Булгаков С.Н. Труды по социологии и теологии, т.2 [Текст] / С.Н. Булгаков. – М., 1999. – 826 с.

4. Кабаева М.М. Принципы аксиологического (ценностного) подхода в формировании промышленных объектов и производственной среды Московский архитектурный институт (государственная академия) [Текст] / М.М. Кабаева. – Москва, Россия AMIT 1 (26) 2014.

5. Лукашева Е.А. Права человека [Текст] / Е.А. Лукашева. – М., 1999. – 573 с.

6. Мудрик А.В. Социальная педагогика [Текст] / А.В. Мудрик. - Под ред. В.А. Сластенина. - 3-е изд., испр. и доп. – М.,- 2000. –200 с.

7. Панарин А.С. Философия истории [Текст] / А.С. Панарин. – М.,1999. – 432 с.

8. Проблема национального и общечеловеческого в трудах В.С. Соловьева и Н.А. Бердяева О.Д. Мачкарина**. //** Вестник МГТУ, том 11. - №1, 2008 г. – С. 24-33. Режим доступа: ciberlinka.ru

9. Раймонд Аронэ. Мир и война между народами [Текст] / Раймонд Аронэ. – М., 2000 . - 880 с.

10. Самиев А. Ахлоқ омили муҳими камолоти инсон, бақои давлат ва суботи ҷомеа// www// http// ciberleninka.ru

Образовательная система сталкивается с необходимостью фундаментального пересмотра подходов к обучению в условиях доминирования клипового восприятия информации. Исследования Симаковой (2017) показывают, что современные студенты - представители "поколения Цукерберга" - принципиально иначе обрабатывают информацию по сравнению с традиционным книжным форматом, что требует разработки специальных педагогических стратегий. Ключевыми направлениями адаптации становятся внедрение нелинейных обра-

зовательных траекторий, визуализация сложных концепций и создание интерактивных учебных сред, одновременно развивающих цифровую грамотность и критическое мышление.

Преодоление когнитивной уязвимости, связанной с клиповым мышлением, требует системного подхода, сочетающего технологические решения с глубокой педагогической работой. Особое значение приобретает развитие "цифрового образовательного иммунитета" - способности анализировать и фильтровать поступающую информацию, сохраняя при этом целостность мышления. Решение этой задачи предполагает как модернизацию образовательных методик, так и целенаправленную работу по формированию медиаграмотности, позволяющей превратить особенности цифрового восприятия из ограничения в инструмент эффективного познания [12.35].

СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ:

1. https://www.web-canape.ru/business/statistika-interneta-i-socsetej-na-2024-v-mire

2. Азаренок Н.В. Клиповое сознание и его влияние на психологию человека в современном мире //Психология человека в современном мире. 2009. С. 110–112. Москва. Издательство Института психологии Российской академии наук (РАН).

3. Акименко Г.В., Михайлова Т.М. Феномен «клипового»: идентификация вида когнитивной деятельности. В сборнике: INTERNATIONAL INNOVATIONRESEARCH сборник статей IX Международной научнопрактической конференции: в 2 частях. 2017. С. 268–271.

4. Докука С.В. Клиповое мышление как феноменинформационного общества // Общественные науки исовременность. 2013. № 2. С. 169–176.

5. Горобец В.В., Ковалев В.В. «Клиповое мышление» как отражение перцептивных процессов и сенсорной памяти // Мир психологии. 2015. № 2. С. 94–100.

6. Тоффлер Э. Третья волна. М.: АСТ, 2009 г. 800 с.

7. Бейбутов Д.А., Михайлова Т.Л. Мир как конструкт клипового сознания, или о будущих сценарияхчеловечества // Международный студенческий научный-вестник. 2017. № 4-4. С. 585–589.

8. Савельев С.В. Нищета мозга. М.: ВЕДИ, 2014. 192 с.

9. Семеновских Т.В. «Клиповое мышление – феномен современности». статья в открытом архиве № 3208 13.02.2013.

10. Черкасова Т.В. Российская молодежь в социальной реальности – 2014. В сб.: ТРАНСФОРМАЦИЯИДЕИ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В КОНТЕКСТЕСОЦИАЛЬНЫХ ИЗМЕНЕНИЙ. Сборник статей поматериалам первой Международной конференции,Белгородский государственный национальный исследовательский университет. 2014. С. 167–171.

11. Владимирова М.Б. Трансформация массового сознания под воздействием СМИ (на примере российскоготелевидения). Флинта, 2011. 144 с.

12. Гиренок Ф. И. Клиповое сознание. М.: Проспект,2016. 256 с.

«ТАФАККУРИ КЛИППӢ ДАР ШАРОИТИ АСРИ РАҚАМӢ: МУШКИЛОТ, ТАЪСИРҲО ВА ИМКОНИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ»

Охмирзоев Умиҷон Атоевич

Абдураупова Ҳусноро Нуралиевна

Дар шароити асри рақамӣ феномени тафаккури клипӣ яке аз мушкилоти асосии ҷомеа ба шумор меравад. Мақола моҳияти ин падидаро, робитаи он бо қабули фрагментарии иттилоот, ки натиҷаи изофабории иттилоотӣ ва таҳдиди зуд-зуди муҳтавои медиявӣ мебошад, баррасӣ мекунад.

Муаллиф таъсири технологияҳо ва шабакаҳои иҷтимоиро ба равандҳои когнитивӣ таҳлил намуда, тағйирот дар форматҳои истеъмоли иттилоот ва гузариши таваҷҷӯҳ аз таҳлили амиқ ба қабули сатҳии маълумотро нишон медиҳад.

Ба ҷанбаҳои таълимии тафаккури клипӣ диққати махсус дода мешавад. Муаллиф таъсири манфии онро ба донишҷӯён, аз ҷумла коҳиши қобилияти тафаккури интиқодӣ, фаҳмиши матнҳои мураккаб ва барқарорсозии робитаҳои сабабу натиҷа қайд менамояд. Системаи таълимӣ дар назди зарурати мутобиқ

кардани усулҳои таълими мавод қарор дорад, то самаранокии омӯзиш дар шароити тафаккури клипӣ ва вобастагии рақамӣ беҳтар карда шавад.

Дар анҷом аҳамияти ҷустуҷӯи тавозун байни усулҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ дар таълим таъкид мешавад. Барои ин, усулҳои интерактивӣ пешниҳод мешаванд, кибабеҳтаршуданиқобилиятҳоикогнитив иичавононравонашудаанд. Муаллиф зарурати ҳифзи қабули амиқ ва пайдарпайи маълумотро дар замони ҳукмронии шуури мозайкавӣ таъкид намуда, таъкид мекунад, ки ин роҳ барои пешгирии хатари регрессии зеҳнӣ зарур аст.

Калидвожаҳо: тафаккури клипӣ, асри рақамӣ, қабули фрагментарӣ, изофабории иттилоотӣ, тафаккури интиқодӣ, усулҳои интерактивӣ, шуури мозайкавӣ.

"CLIP THINKING IN THE DIGITAL AGE: CHALLENGES, CONSEQUENCES AND EDUCATIONAL PROSPECTS"

Okhmirzoev Umidjon Atoevich
Abduraupova Husnoro Nuralievna

In the digital age, the phenomenon of clip thinking is becoming one of the key challenges for society. The article examines the nature of this phenomenon, its connection with fragmented perception of information caused by information overload and rapid updating of media content. The author analyzes the impact of technology and social networks on cognitive processes, including changes in information consumption formats and a shift in emphasis from deep analysis to superficial perception.

Particular attention is paid to the educational aspects of clip thinking. Its negative consequences for students are highlighted, including a decrease in the ability to think critically, comprehend complex texts and establish cause-and-effect relationships. The educational system is faced with the need to adapt the methods of presenting material in order to improve the effectiveness of learning in the context of the prevalence of clip thinking and digital dependence.

In conclusion, the importance of finding a balance between traditional and innovative approaches to learning is emphasized. For this purpose, interactive methods aimed at improving the cognitive abilities of young people are proposed. The author focuses on the need to maintain deep and consistent perception of information in the era of the dominance of mosaic consciousness in order to counter the risks of intellectual regression.

Key words:clip thinking, digital age, fragmented perception, information overload, critical thinking, interactive methods, mosaic consciousness.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ХЕШТАНШИНОСӢ, ХЕШТАНШИНОСОНӢ, ТАРБИЯТИ МАЪНАВӢ ДАР ОСОРИ БОСТОН

Раҳматуллоев Н. - ходими пешбари илмии Шуъбаи фалсафаи фарҳанги ИФСҲ АМИТ;E-mail: Nyazdoni @mail.r; тел: (992)985560418

Дар мақола мавзуъҳои хештаншиносӣ, хештаншиносонӣ, тарбияти маънавӣ, категорияҳои дар ин масъалаҳо муҳими зиштӣ, ахлоқи ҳамида масъалаи тарбияти мавзун (Гармоничний), ки дар заминаи осори бостон хусусан "Динкарт", "Авасто", "Виспарад" ва пайванди онҳо бо рӯзгори муосири Тоҷикистон пайгирӣ мешавад.

Масъалаи мазкур аз баски бисёр қадим аст, осори даврони бостон камтар дастрас ҳастанд, масаъалаест, ки мутаассифона таҳқиқ нашудааст. Нуқтаҳои таҳқиқшуда бештар ба истиқлоли тафаккур, истиқлоли сиёсӣ пайванд мегиранд, аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои ин таҳқиқот барои таҳлили истиқлоли тафаккури миллӣ муҳим аст.

Калидвожаҳо: *Хештаншиносӣ, Хештаншиносонӣ, Худбузургбинӣ, Худкамбинӣ, Ремонӣ, табоҳӣ, Тозиши Аҳримонӣ.*

Дар осори тоисломии мо хусусан дар "Динкард" таъкид ва тарбияти маънавӣ бисёр диққатро ҷалб мекунад. Дар таълимоте, ки ин китоб густурда мекунад чунин тасаввурот пайдо мешавад, ки дар тарбияти инсон хурду реза вуҷуд надорад. Аз ҷуъётарин унсури маънавиёт, аз падом (маскаи даҳонбандӣ) сар карда, то покиза нигаҳ доштани нажод ва ғайраву ғайра таълимот, гуфтан мешавад, ки муфассал мебинем аз ҷумла дар саҳифаи 11 дар бораи падом гуфтори муфассал меояд. Ин таълимот ҳатто имрӯз мубрам актуалӣ аст. Бе муҳобо аҳамияте, ки дар зарурату коромадии даҳонбанд гуфта мешавад фавқулода ҷолиби диққат аст. Инсоне, ки падом истифода мебарад аз дигарон фазилати баланд дорад. Дигаронро ба истилоҳи таҳқиромези "бепадом" унвон мекунад ва чунин шарҳ меояд: "Назар ба он, ки пошидани наҷосат дар об гуноҳ аст ва табаҳкорӣ ...ҷунбанда, мардум, замони сухан гуфтан низ ба наздик овардани дами худ ҳавои сокинро дар убур аз даҳон ба бинӣ наҷас мекунанд ва аммо ошмуғон ба ангезаи пешгирӣ аз наҷосат аст, ки даму даҳони худро намебинанд, зеро ҳавои гузаранда, ки аз даҳон ва бинӣ мегузарад ва аз роҳи боди сокин пушти падоми палидӣ (аломати баробар, наҷосат реманӣ) ба ҳавои гузарандаи перомун мерасад ва онро реман мекунад ва меозорад"[1, 11]. (чӣ таъбири зебое,- озурдани ҳаво, Н.Я.) чаро марди бепадомиро накӯҳиш мекунед?

Посух: ҳамоно! Баробари бадомӯзиҳои ошмуғон, ки набояд пӯза (даҳон) ва биниро бо он падомӣ баст;

бояд донист бо падомии бини ва даҳон, ки ҳавое дар ҷунбиши перомун аз он мегузарад нами бини аз роҳи бози даҳон ба фазои гузарандаи перомун намерасад ва ба хоҳиши муҳкаме он падоми дар баробари гушодагии фазои атоф наҷосат наметавонад оби мавҷуд дар ҳаворо биёзорад (маълум мешавад, ки Ориёни тоҷикони бостон дар таркиби ҳаво мавҷуд будани обро, унсурҳои обро медонистаанд. Н.Я), балки ҳамин бастани даҳон ва бинӣ бо падом ба сабаби қарор гирифтан ва ба ангезаи маҳками падом... ва ин пайдост наҷосати танг ба ҳамроҳии ремание, ки ба он ҳамроҳ аст даҳону бинӣ аз наҷосат берун пок ва нек мемонад, то мабодо аз роҳи ҳаво осоре ба он бирасад.

Ғояи покизагӣ дар андеша ва рӯзгори гузаштагони мо бо тақозои бисёр сахт риоят карда мешавад. Тоза нигоҳ доштани муҳит яке аз намунаҳои барҷастаи

ҷаҳонбинии ориёнӣ аст, ки риоя накардани он дар рӯзгори мо ҷаҳонро ва ҳатто фалокатҳои экологӣ овардааст...

Покиза нигоҳ доштани муҳит дар ин таълимот баробари покиза нигоҳ даоштани нажод таъкид мешавад.

Ин таъкид ҳаргиз тобиши нажодпарастӣ надорад балки бештар ҷанбаи тарбияти ахлоқи ҳамидаро мемонад чунончӣ дар кардаи Панҷум, Пурсиши ҳафтум меояд. Ин пурсиш аз ҷониби рақибони маздоиён сурат мегирад. Рақиби маздоӣ (ошмуғ яъне ғайри дин, бадкор, бадахлоқ пурсид);

Аз он ҷое, ки саркуб (ваниидан)-и аз шаҳват ва хашм ва рашку дигар гуноҳ гаравиҳо ва саркуби дуруҷ бартарин андарзи дини беҳӣ аст, пас дармони гуноҳгароии мардумон ба гунаи густарда бар иштирок (пайвандишн) –и сарват ва зан ва муҷоз донистани қонунии зан дар иштироки ҳамагон мебошад, ки аз роҳи он (зан ва хостаанбозӣ) озу шаҳват ва рашку нанг ва низ басе бадиҳои дигар, ки ҳама бархоста аз гуноҳгаравии мардум аст, шикаст хоҳанд хурд ва қавонини задормену (табоҳи хоҳад пазируфт)” [1,14]. Баъдан рақиби мубади маздоӣ аз танқиди маздоиён тарзи зисту зиндагии ғайри динро шикоят мекунад ва шарҳ талаб мекунад. Шарҳе, ки мубади маздоӣ медиҳад дар ҳамин саҳифаи 14 муфассал ва қотеъ аст, бурҳонӣ аст, агар шарҳи мухтасар бигуем ин аст, ки мубад таъсири бади шаҳват, рашк, ҳарисӣ, бухлро равшан мекунад ва ба ҷое мерасад, ки мегуяд;

“Каж андарзҳои шумо геҳонро ба суйи вайронӣ бурдан аст, ки сабаби дарҳаму барҳамии нажодӣ (абаайдаг пайвандӣ) якояки мардуми ҷаҳон, ки бар омади заношуйии мухталит, табоҳӣ ва дарҳаму барҳамии нажоди нажодагон ва дасти нопайдотухмагон хоҳанд буд. Ва ҳамкорҳои мардум сар ба гусаст ва нокоромадӣ мегузорад ва ошуфтакорӣ баҳраи якояки мардум хоҳад шуд, ва эҳмол –саҳлангорӣ ва нобуди ба дороиҳои вижагон мерасад. Шоҳакнишинӣ ва ҷойгоҳои табақотии мардум бар хоҳад афтод. ва пайомади ин қавводасолорӣ-вайронкории ҷаҳон ва рӯҳ ба костигузории дороии касон нажода ва сазовори сарварӣ хоҳад буд... [1,14]

Дар ин бора сабабу натиҷаи дарҳам барҳамшудани сохтору низоми муназзами ҷомеаи инсонӣ аз унсурҳои содатарини маишӣ то низоми давлатдориву миллатпарварӣ пайгирӣ карда мешавад ва риоят накардани ин сохтори муназзам таъкид мешавад, ки ба харобии давлат равнақу ривоҷ густариши вайронкорӣ, бадкорӣ меорад.

Ҷаҳонбинии бостонӣ Ориёнӣ-тоҷикӣ дар боби ташаккули шахсият ҷанбаҳои минуи ва дунявии сиришти инсон як консепсияи мукаммал сохтааст ки, унсурҳои муҳими онро аз он ҷумла дар натиҷаҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст; инсон як узви комилан зинда, яъне бо пайванди зинда бо табиат аст. Беҳдошти инсон, беҳбуди инсон комилан вобаста ба он аст, ки инсон робитаи худро бо табиат, бо муҳити зиндаи атроф чи гуна танзим мекунад. Шарти аввали ин танзим он аст, ки инсон бояд бо табиат дар муносибати қавомӣ (гармоничный) бошад; инсон агарчӣ як ҷузви пайванди зиндаи табиат аст, як сифати минӯи (ба истилоҳи исломи сифати илоҳӣ) дорад. Ин хосияти инсон дар осори бостони ориёӣ мавридҳои тасвири равшан ҳам дорад; яке аз сифатҳое, ки дар осори бостон дар ин маврид таъкид мешавад ин аст, ки инсон бояд дар зиндагии заминиаш ободкор бошад. Ин нукта бисёр равшан дар “Авасто” ба такрор омадааст, аз ҷумла вақте Аҳуромаздо ба Ҷамшед мегӯяд, ки рисолати пайғамбариро ба уҳда бигирад Ҷамшед ин рисолатро ба зиммаи худ намегирад. Аҳуро-маздо ба ӯ мегӯяд пас ту замини маро сарсабз кун ва равшан кун ва Ҷамшед ҳам ин масъулияти ин заминии муҳимро иҷро мекунад. Сарзаминҳои ориёноро обёрӣ мекунад, ҷуйҳову каналҳо месозад, боғҳову киштаҳо сабз мекунад, рустоҳову шаҳрҳо обод мекунад, яъне хонаву рустову шаҳр, ки бунёд шуд онҳо чароғон мешаванд. Хуллас заминро сабзу равшан мекунад.

Дар ойини зардуштӣ тавре, ки зикр гардид, ҳар чизе, ки некӯ, судрасон ва зиндагисоз аст, қобили ситоиш мебошад, Дар ин бахши “Авесто” ҳамаи чиз, ашё ва корҳои хуб ёдоварӣ карда шуда, аз онҳо тамҷид ба амал омадааст. “Виспарад” мисли ойинаест, ки дар баробари як

боғу гулшани васеъ гузошта шуда бошад. Маздопараст ба он ойин нигоҳ карда, аз самими дилу ботин ҷаҳони зебои моддиро ситоиш мекунад ва ин ситоиш аз номи Аҳурамаздо оғоз мегардад.

Ҳамаи китобҳои “Авесто” аз ҷумла “Виспарад”, бо суханони зер хотима меёбад: Роҳ якест ва он роҳ роҳи ростист, ҳамаи дигар роҳҳо бероҳа аст”[2,69]. Таъкиди ахлоқи ҳамида ва ободкори, ки дар ҷаҳонбинии ориёни босон мавқеъи ҳалкунанда доштаанд дар асарҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон гаштаву баргашта таъкид мешавад. Аз он ҷумла дар китоби “Черҳои мондагор”.

Дар рӯзгори муосир ин нукта ҳам муҳим аст, ки баъд аз сарсабзу чароғон кардани кишварҳои ориёнӣ, хитоб ба Аҳуро-маздо мегуяд, ки “ ман замини туро сабзу чароғон кардам” Аҳуро-Маздо мегуяд; “Акнун ба ҷониби Нимрӯз (яъне Ғарб) ҳаракат кун ва он заминҳоро ҳам сарсабзу чароғон кун.

Барои рӯзгори мо муҳим будани ин нукта иборат аз он аст, ки рӯз ба рӯз кашфиётҳои археологӣ тадқиқоти бостоншиносии чӣ Ғарби ва чӣ Шарқи исбот мекунанд, ки нишонаҳои тамаддуни Ориёнӣ дар соҳилҳои Уралу Волга пайдо шуда буданд, чунин бозёфтҳо дар даҳсолаи охир дар сарзаминҳои Скандинавия ва қисматҳои олмонишини Аврупо пайдо шуданд...,

Дар ин консепсияҳо мавқеъи махсус ташаккули ҷаҳони менуии маънавии, инсон аст. Дар ин таълимоти инсонсозӣ ҷанбаи истиқлоли андешаву тафаккури ориёниҳо мавқеъи махсусу муҳим дорад. Ин истиқлолияти андешаи инсон ҷаҳони маънавӣ ва модии ӯро равшан мекунад. Таълимоти диалктикии ориёнии ҳамзистии нур ва зулмат, муборизаи бетанафуси нур ва зулмат дар мавриди тарбияту ташаккули инсон гуё ба нуқтаи тақдирсозӣ зиндагӣ мерасад.

Дар ҳамаи осори Ориёни бостон таъбири “ Беҳдинӣ” меояд, ки маъмулан чунин маънӣ дорад; ҳар як маздоӣ бояд дини худро яъне дини Аҳуромаздоро дар ҳолати беҳӣ, дар кушишу беҳдошти ин беҳӣ ва ин дин бошад. Ин ҷо шабоҳате ба назаряи “Инсони комил”-и тасаввуф мушоҳида мешавад,- ҳамчуноне, ки масири инсони комил ниҳоят надорад (ба дараҷаи фано филлоҳ расидан як дастоварди истисноӣ аст, аз садҳо ё ҳазорҳо солики тасаввуф яке ба ин дараҷа мерасад) сифати беҳдини ҳам ҳамин гуна кушиши бетанаффусро тақозо мекунад. Зимнан “Беҳдинӣ” бисёр саҳеҳу равшан тақозо мекунад, ки ахлоқи пайрави маздоӣ ҳамеша беҳтар ва беҳтар мебошад. Агар сегонаи муқаддас, “пиндори нек, гуфтори нек, рафтори некро” ба ҳайси ҳадафи олӣ тасаввур кунем ҳар ҷузъи ин сегонаро маздоии беҳдин бетанаффус ба мақсади баркамол кардан парвариш кунад .

Дар айни замон онҷунон, ки зикр ҳам шуд ҷаҳонбинии Ориёни бостон аз назари тақозои имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ибратҳои зиёд дорад, ки омӯхтани ва корбастанӣ ҳастанд, аз ҷумла дар ҳамин мавриди беҳдинӣ бисёр равшан заминаҳои заминиву дунявии ин назарияро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар сурати халал пайдо кардани беҳдини гуфта мешавад, ки; “ва пайомади ин қавводасолорӣ (вайронкорӣ, вайрон кардани қойдаҳои беҳдинӣ) вайронгарии ҷаҳон ва рӯҳ ба костигузории дороии касон нажода ва сазоворӣ сарварӣ хоҳад буд, ва ин руҳ ба костигузорӣ домангири дороиҳои ҳама мешавад. Додварӣ (адолат, додсолорӣ) аз миён хоҳад рафт ва дар як чунин шигифтарин замонаи девпарастӣ боландагии дуруҷ, ва ба беҳуда рафтани дом ва деҳиши урмузди хоҳад буд. Ва офате, ки аз беҳуда рафтани дом ва деҳиш сироят хоҳад кард, ки низ заминро барои чирагии Анерон ба кишвари Эрон фароҳам мекунад, фаро расидани реманӣ ва табоҳӣ аст”[2,14-15].

Дар маънии ин пора ба суйи таҳлил биравем ва қаблан ин нукта шоистаи ишорат аст, ки дар ин пора мо маъниву муҳтавои “Анерон” ва “Эронро” мебинем;

Эрон сарзамини беҳдинон, ободкорон, накукорон аст;

Анерон сарзамини реманӣ, табоҳӣ, ошуб тозиши аҳриманӣ аст (зимнан вазъи имрузаи сиёсати ҷаҳондорони бузург хоҳу нохоҳ пеши назар меояд, ки аз хароб кардани Ироқ, Сурия, Афғонистон, Ливан, аз комилан торумору пароканда, лахта–лахта кардани сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, дин аҳолии инҳо қаноат накарда арзишҳои шайтониро

барои парастиш мегузоранд. Дар ибодатхонаи бузурги Штатҳои Муттаҳида ва дигар кишварҳои Ғарбӣ ба ҷойи сурати Исои Масеҳ сурати шайтонро барои парастиш гузоштанд, халқи ҷаҳонро маҷбур мекунанд, ки ба амоли шайтонӣ пайравӣ кунанд. Танҳо мисоли Югославия кифоя аст, ки натиҷа бигирем ин ҷаҳонхорон фарзанди инсонро ба чӣ бадбахтиҳо мебарад,- яъне агар гуноҳи мусалмонони ҷаҳон исломӣ будани онҳо бошад, пас гуноҳи православҳо, католикҳо, пртестантҳои Югославия чӣ буд?).

Заминӣ ва дунявӣ будани “Беҳдинӣ” дар кардаи “шашум, ҳаштумин пурсиш” равшан мебинем ; “пардохтани дастгоҳӣ подшоҳӣ ва додварии мо ба корзор бо Анерон ва бисёре дигар аз табаҳҳуён ба пайравӣ аз дини маздоӣ аст (яъне дар сурати риоят кардани беҳдинӣ дастгоҳи давлат метавонад ба рақибони сиёсии худ ғалаба кунад) ин дуруст аст, ки додварии фарораста ва олуда нашудан ба гуноҳ бартарин андарзи дини беҳӣ аст вале сомони (-таъриф-шиноса) додварии фарораста ва олуда нашудан ба гуноҳ ҳамоно ривоҷи суду вопас афкандани зиён аст. Вале андар замонаи олуда бо тозиши аҳриман ривоҷи зиён ва вопас афкандани суд дида мешавад”[2,15].

Ба содагӣ мушоҳида мекунем, ки таълимоти беҳдинӣ агар риоят шавад, густурдаву фарогир шавад давлат бар душмани худ зафар мекунад, давлат суд меёбад, рушду тараққии иқтисодӣ мекунад, давлат зиёнҳои иқтисодиву сиёсии худро рафъ карда метавонад.

Таълимоти беҳдинӣ боз ҳам таъкид шавад, ки ҷанбаи дунявӣ ва ободкориаш бисёр кавӣ аст аз осори бостон баъзан чунин натиҷа бар меояд, ки таълиму таъкиди беҳдинӣ ба хотири пурқуввату пойдор кардани давлатдорӣ бошад. Чунон чӣ дар кардаи “Бистунуҳуми Динкард омадааст”; “Ба сабаби ба ҳамоии ҳамон доду дини дамсоз (ин ҷо “дамсоз ғолибан маънии гармонияро дорад Н.Я) аст, ки некӯи ва суд низ сар ба афзояндагӣ мегузорад”[2,33]. Яъне дар раванди давлатдорӣ, давлатсозӣ,- бояд дар ҳамоҳангии аъмоли динӣ ва давлатӣ бошанд, ки натиҷаи он афзудани амалҳои хайр ва манфиатҳои моддӣ дар омоли давлатдорӣ аст.

Минбаъд дар ҳамин пора бо эҳсоси ифтихору қаноатмандӣ гуфта мешавад, ки ҳамин гармонияи диндорӣ ва давлатдорӣ будааст, ки Эрон ба як давлати пурқудрат табдил меёбад;

“Дуруст ба ҳамон гуна, ки аз доду дини дамсоз бо Эрон зурмандӣ дар шаҳриёрии Эроншаҳр сар бароварда, ба ҳамон гуна низ ба эшон растагории сутургу фарохӣ ва роюмандӣ (Роюмандӣ дар ин ҷо маънии идора кардан, мудирият, мененҷментро медиҳад)-и асосан ва ҳар он суде, ки ба инҳо дарпайваста-аст, густурда шуд ба монанди, шаҳриёрии он Эрониёне, ки шаҳриёриашон бар ҳафт кишвар ва низ бар Хванирас (Хуросон, Н.Я) аз худи Эрониён буд,- аз Ҳушангу Таҳмурасу ҷамъи Фариддун гирифта, то дигар нажодагоне аз ин шаҳриёрон. Ақидаи пайванди амалии беҳдинӣ бо тадбирҳои давлатдорӣ матраҳ мешавад мисол дар ин пора;

“Баробари омӯзониши дини беҳӣ марди тавонманд дар заминаи дониш низ тавоно дар ба дастории дорӣ мегардад”, ва акси онро ҳам таъкид мекунад бо байн “ марди камбаҳра аз роҳи ҳамон дониш аст, ки дар заминаи дониш тавонманд мегардад, (дар ин ҷо равшану сареҳ маълум аст, ки марди аз дониш бебаҳраро хати батлон намезанад, ин таълимот ҷо ба ҷо роҳи ислоҳи бесаводонро нишон медиҳад, бидуни кадом шакку шубҳае дилпурона ӯро ба самти донишмандӣ ва дороиву тавонманди ҳидоят мекунад). “Ба ҳамин гуна он кас, ки дар заминаи дорӣ камдаст аст ба хоҳиши дорӣ тафтанда ва бахшанда аст (дилпурона ба истилоҳ сухтаву пухта-тафтанда ба ҷониби бедошти рӯзгораш ҳаракат кунад). Он кас, ки саршор аз тавоноӣ дар заминаи дониш ва дорӣ аст ва аз тавонмандии дониш ва дорӣ аз ҳар ду ба сазоворӣ”[2,43]. Дар кардаи “сивуякум” пайванди донишмандӣ, тавонмандӣ саодатманӣ бо оромиву ромиш кӯшиш равшан карда мешавад.

Ақидаи ҳамеша дар кору кӯшиш будан, дар масири накукорӣ будан чунин ба назар мерасад, ки аз ҳайси иҷтимоӣ мақсади олии ин таълимот аст. Зимнан таъкид бояд кард, ки дар чунин мавридҳо калимаҳои дод, кушиш, некуӣ характери истилоҳӣ мегиранд, ин исти-

лоҳ ҳам тобиши равшани ахлоқӣ доранд яъне дар маҷмӯъ инсони барои ҷомеъаи давлатдории бостон бояд ахлоқи комилан хуб дошта бошад.

Дар баробари истилоҳҳои кӯшиш, донишмандӣ, тавонмандӣ истилоҳҳои ром, ромиш, оромиш-ро бояд баррасӣ кард. Ин истилоҳот шояд дар осори китобии бостонии мо серистифодатарин бошанд, ки ин ба аҳамияти онҳо дар рӯзгори иҷтимоиву сиёсии он даврон шаҳодат медиҳад.

Аз ҷумла дар ҳамин кардаи мавриди таҳлил омадааст; " ҳамоно, он касе ки ба дод кӯшанда аст ва кӯшову рӯ суйи корҳои воҷиб дорад, чӣ ба хосташ бирасад чӣ нарасад (хоҳ ба мақсад мерасад, ё намерасад) тан ба сипос ва шодкоми месупорад аз кушоии худ дар неки розӣ аст" (яъне кушишаш дар роҳи адолату ростӣ аст кушиш метавонад дар роҳи бедоди ва норости ҳам бошад, Н.Я.).

Ин ҳидоят дар таълимоти қуръонӣ низ дида мешавад. Дар Қуръон инсонҳо ба " Шокир" ва "Шокӣ " тақсим мешаванд мақсад ин таълимоти қуръони ин аст, ки мусалмон аз ҳар чӣ ба сараш меояд хоҳ хуб аст ё хоҳ бад бояд шокир бошад, шукрона кунад, маънии аслии калимаи " Ислом" ҳам ҳамин аст яъне Худо ҳаргиз ба сари банда коре намеорад, ки ба зарари банда бошад як пешомади бад метавонад оқубати хуб дошта бошад дар ин мавридҳо дар "Қуръон" таъкид мешавад; " Валлоҳу алам бис-саввоб"- яъне хайру савобро Худо медонад. Дар ин таълимоти қуръони " Шокӣ",- яъне як мусалмоне, ки рӯзгораш хуб аст, ё миёна аст, ё бад аст одат кардааст ба шикояту гила кардан. "Шокӣ " дар Қуръон сахт мазаммат накуҳиш карда мешавад. Айни ҳамин маъниро дар пораи мавриди таҳқиқ мебинем;

"Ва он кас, ки кушандагии ӯ рӯ суйи корҳои ғайри воҷиб дорад чӣ ба он бирасад, чӣ ба он нарасад ҳамеша гиламанд ва нолон аст, кӯшанда дар бади аст ва ҳеҷ гоҳ қонеъ намешавад"[2,34].

Чуноне қайд шуд ҷаҳонбинии Ориёни Бостон чӣ ҷаҳоншиносии сиёсӣ, чӣ иҷтимоӣ, чӣ ахлоқӣ ошкору равшан ба суйи мақсади дақиқ мебаранд. Ин мақсад инсони соҳиби давлати озоду истиқлоли рӯзгори осудаву серу пур, фаровонӣ, осоиш ва оромиш аст.

Ахлоқи неку дар консепсияи ин ҷаҳоншиносӣ хусусан дар суботи сиёсӣ иқтисодӣ ва пойдории давлат нақши бузург дорад. Агар беҳдошти иқтисодиву иҷтимоӣ ва адолати давлатӣ шарти муҳими суботи сиёсӣ бошад дар муқобили ин дуруғ, беадолатӣ, бадахлоқӣ хатари ошкорои суботи сиёсӣ дониста мешавад, ки дар натиҷа " заминаро барои тирагии Анерон ба кишвари Эрон фароҳам мекунад, ки он фаро расидани реманӣ ва табоҳӣ аст ва ба ошуб ва табоиҳое, ки бар сари доду деҳишӣ Ҳурмуздӣ хоҳад омад, тозиши неруи патёрагӣ бар офаридаҳои ҷаҳонофарин аст" [2,14-15]. Инҷо манзур дуруғ, бедодӣ, дар маҷмуъ бадахлоқии иҷтимои аст, ки дар осори бостон ба унвони " Патёрагӣ" меояд.

Ҳамин гуна бадкориву табаҳкорӣ таҳрифи ақидаҳои бунёдии маздоӣ дониста мешавад. Чунон чӣ; "Ва аз хуйи Ошмуғон (рақибони беҳдинон) яке ин аст, ки басе гуногунбадӣ ва захрро фиребкорона дар пайкари сухани зебо бар дод ва деҳиши ҳурмуздӣ ва бар геҳон бирезанд. Ва аз ин роҳ ҷаҳони некугуҳарро бемору нобуд кунанд" [2,15].

Дар масири хештаншиносӣ дар кардаи 124 андешаҳои ҷолиби диққат мебинем аз ҷумла бо истилоҳоти "Худбузургбинӣ" ва "Худкамбинӣ" меоянд, ки инҳо ҳамчун ду гунаи бемории дуруҷӣ (дуруғин" дониста мешавад. Таърифи "худбузургбинӣ" равшану фаҳмо дода мешавад; "Худбузургбини бартар ангоштани худ аст ва он замоне аст касе биандешад, ки нек медонам, ки ман дар дониш ва фарҳанг аз дигарон фаротар ва бартарам"

Таърифи "худкамбинӣ" ҳам фаҳмо аст; "Бемории дигар хорманишии худкамбинона аст ва он замоне аст касе биандешад, ки кош он дигари надонад, ки ман дар дониш ва фарҳанг аз вай фурупоятар ва поинтарам" [2,96].

Таълимоти шинохтани хештан ба ҳайси озодаву солим "Андешаи миёнравона" номида мешавад. Ба истилоҳи муосир "Эътидолшиносӣ" ба истилоҳи фалсафӣ "Меъёр" ва дар ҳамин "Кардаи яксаду бистучор" аст, ки ин эътидолши-

носиро шарҳ медиҳад, роҳӣ расидан ба мақсадро (ба истилоҳи бостониён роҳи илоҷи ин ду бемории ҷонро) нишон медиҳад; агар барои як нафар маълум аст, ки дониш ва ҳунараш аз нафари дигар бартар ва беҳтар аст бо равиши нарму адаби ҳамида битавонад аз ин дониш дигаронро ҳам баҳравар кунад, на ин ки ба такаббуру хештанпарастӣ машғул шавад.

“Бемории Худкамбиниро ҳам, ки бо истилоҳи бисёр дақиқи “Хорманишӣ” таъриф мекунад ҳамчунин роҳи илоҷи ин “Хорманишӣ” давову шифоҳӣ ин бемории ҷонро нишон медиҳад; Ин нафаре, ки дар андешааш дар ҷонаш хормanишӣ, худкамбинӣ асар кардааст бояд аз ин вобастагии “Хорманишӣ” ба воситаи беҳтар кардани дониши худ пайваста кӯшиш кунад. Дар натиҷаи чунин кӯшиши фарогирифтани дониш, ҳунар, фарҳанг ҳам бемории “Худбузургбинӣ”, ва “Худкамбинӣ” ислоҳ мешавад, ки дар натиҷа “...ҷон аз бемориҳои Хорманишӣ ва худро бартар ангоштан раҳоӣ ёбад ва пазирандаи афзунӣ дар дониш ва ҳунар шавад” [2,97].

Дар масири шинохтани шахсият дар Динкарт унсурҳои диалектикаро мебинем чунончи “Дар кардаи яксаду чилу ду” дар мавриди рушноӣ ва зулмат хушкӣ ва намӣ, ростӣ ва норостӣ сухан дар барои таззоди онҳо, муборизаи онҳо, омехта будани онҳо, дар ҳар гуна маврид бартар будани яке ба дигарӣ, ғалабаи яке бар дигаре таҳлил карда мешавад.

Ҷолиби диққат аст, ки дар мавриди моҳияти инсон, маънии инсон категорияҳои рушноӣ ва торикӣ истифода мешавад ва дар таълимоте, ки аз Озарфарнбағ- писари Фарухзод оварда мешавад, ки онро метавон ба ҳайси таълимоти Ориёниёни бостонӣ пазируфт; дар ин таълимот гуфта мешавад, ки дар ҷони инсон рушноӣ ва торикӣ ҳамеша дар муборизаи ҳастанд. Мавридҳое мешавад, ки “Торикӣ фаро омада озор мерасонад, рушаноӣ ёфт намешавад”, ба ҳамин гуна рушноӣ ва торокӣ неруҳои ҳамситезанда ҳастанд” Аммо инҳо дар як фазо ва вақт якҷо намеоянд зеро лар ин набард “ яке дигареро пас ронад”, “аз ин ҷо, ки чизҳо баробаристаҳои ҷаҳон ҳамагӣ даргири ситезишҳои дур ронандаанд” ва чунин ҷамъбаст мешавад; “Рушноӣ ва торикӣ ҳар ду ҳастии ёфтшуданӣ ва чорчубпазиранд ва ҳам аз якдигар аз назари офариниши ҷудобунӣ доранд” [2,154]. Ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар ин таҳлил ва натҷагирӣ таълим дода мешавад, ки рушноӣ ва торикӣ ҳар кадоме моҳиятҳои мустақил ҳастанд, аммо ҳар ду ҳамеша дар муборизаву даргирӣ мебошанд, ва ҳарчанд, ки “Чорчубпазиранд” (яъне дар як фазо, дар як вақт ба ҳам оянд ҳам) моҳиятан аз ҳам ҷудо ҳастанд.

Ин таълимот баъд аз асри 8-и мелоди чӣ дар фалосафа чӣ дар адабиёт ҳамеша дар ҳолати тадқиқу ба камол расидан буд.

Дар осори бузургони исломӣ мо мушоҳида мекунем, ки чи гуна эҳсоси ифтихори ориёни бо эҳсоси мусулмонии онҳо дар як набарди дар назари аввал ноаён ҳамеша давом доштааст. Аз он ҷумла ин эҳсоси шадид ва мушки яъне ҳам Ориёнӣ будан ва ҳам мусулмон будан дар тафаккури эъҷодиёти онҳо як санаи омехтаи драма ва фоҷеа аст. Ин эҳсоси фоҷиаворро равшантар аз ҳамма мо дар осори Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ва шигифт он аст, ки яке аз саромадони ислому тасаввуф Шайх Маҷдуддини Саноӣ мебинем.

Алқиссаа ин масъала дар заҳматҳои фидокоронаи Шайх Шаҳобуддини Сураварди, ки то ба қатл расид, аммо аз ин ғурури ориёнаш бар нагашт “дар ҳикмати ушроқи ӯ мебинем”.

Барҳақ ҳақиқатҳое ҳастанд, ки кӯҳна намешавад. Ин огоҳиву таъкиди бостониён низ як дастуре аст барои имрӯзи рӯзгори ҷаҳон ва Тоҷикистон бешакҳу шубҳа, коромад ва мубрам.

Дар ҷаҳони имрӯза мушоҳида мекунем, ки ба унвони “Демократия”,- яъне ҳукумати халқ, чӣ бедодгариҳое аз дасти ҷаҳонхорони англосаксӣ сурат мегирад. Ҳазорон ҳазор пиронсолону занону кудаконе, ки аслан ҳеҷ рабту дахле ба набардҳои ҷаҳонӣ надоранд кушта мешаванд ҳамин рӯз аст, ки дар Ғаззаи Фаластин ҳазорон ҳазор кудак, натанҳо аз бомбаву тиру туфанг балки аз гуруснагиву ташнаги мемиранд. Дар пеши чашми тамоми ҷаҳониён бо истилоҳу ҷумлаҳои зебо (чуноне, ки дар ин

таълимоти Ориёни бостон дидем) ин генасиди ошкорро ба унвони “Мубориза бар зидди тераризм мекунанд” террорист куҷосту як тифли аз ташнагӣ ҷондиҳанда куҷост.

Имрӯз ҳам бисёр мебинем, ки ақидаи барои ҷаҳонхорон номақбулро, ин душманони башарият, баръакс дар саросари ҷаҳон пароканда мекунанд. Вақте, ки инчунин дуруғ ошкор карда мешавад бе ҳеҷ кадом шарму ҳайё худро ба карӣ мезананд ё мегуянд, ки ин мубориза аст барои ҳамин мо аз ҳамма гуна восита истифода мебарем. Ҳамин гуна сабки мубориза дар даврони ориёнӣ бостон ҳам будааст, ки андешамандони ориёни сареҳу рафшан огоҳ карданд. Ин огоҳ будан, ҳушёри сиёсӣ будан дар рӯзгори мо, ки рӯзгори бе амони муборизаҳои ҷаҳонӣ аст, бисёр муҳим аст ин таълимот барои ташаккул ва тараққии истиқлоли фикрии шаҳрвандон бисёр муҳим аст. Ба таъкид гуфта мешавад ки: “ Ва аз хуйи бади ошмуғон (бадкорон, бадхоҳон) яке ҳам ин аст, ки бо тарфандҳои (макру ҳиллаҳо) бад суханони касонро воруна нишон медиҳанд ва дар он танҳо назар ба айб кунанд.

Дар ин раванд дар Кардаи 97 ки чунин унвон дорад “Дар бораи гуна- гунии мардум ва дар бораи фарозтарин ва фурудтарини онон...” Сифатҳои мардуми фароз ва фурудиро дақиқ нишон медиҳад;

Мардумон чор дастаанд;

1. дустдори ҷон ва пайравӣ диндастури неку.

2. дустдори ҷон ва пайрави диндастури бад.

Яъне инсон метавонад дустдори ҷон бошад. “Ҷон” чӣ дар таълимоти ориёни бостон ва чӣ дар бузургони баъдинаи мо аз он ҷумла дар “Маснавӣ” ба маънии сират, маънавиёт, ахлоқ меояд... Дар ин огоҳии мавриди назар фарқияти мардуми фарозтарин аз фурудтарин дар он дида мешавад, ки яке пайрави диндастури нек аст, дуввумин парастандаи диндастури бад. Дар рӯзгори муосир мушаххасу равшан татбиқ карда метавонем, ки як нафар, фарқ намекунад, ки фарансавӣ аст, амрикоӣ аст ва ҳоказо пайрви диндастури насронӣ аст, Исои Масеҳро парастиш мекунад дар ҳар сурат ин инсон пайрави диндастури неку аст ва айнан аз ҳамин миллату қавмҳо мебинем, ки аз дайру калисоҳо сурати Иссои Масеҳро берун андохтаанд, ба ҷойи он сурати шайтонро гузоштаанд, машғули шайтонпарастӣ ҳастанд. Қисмати насрониён чӣ католик, чӣ пратеистант ва ғайра, бо сурати шадид диндастури “Сатанизм-”ро ташвиқу густариш медиҳанд, ки барои як шаҳрванди тоҷик ҳаргиз фаҳмиданӣ нест, дар ҳеҷ кадом доираи ақл намеғунҷад, зеро барои як шаҳрванди муқаррарӣ, ки ҷаҳонбиии васеъ надорад ба ҳеҷ ваҷҳ идрок намешавад, қабул намешавад, ки як инсони солиму муқаррарӣ машғули шайтонпарастӣ бошад, аммо мутасифона ин як ҳақиқати ғайри инсонӣ аст (натанҳо ғайри динӣ) ки ҳаргиз қобили қабули ақли салим як тафаккури оддӣ несӣ

“Сеюм дӯстдори тан ва пайрави диндастури бад”.

“Дӯстдори тан ва пайрави диндастури неку”.

Тани инсон чӣ дар ҷаҳоншиносии бостони ориёнӣ тоҷикӣ ва чӣ дар ҷаҳоншиносии минбаъда (хоҳ исломи бошад, хоҳ коммунистӣ) як амри хуб дониста мешавад. Беҳдошти покизагии бадан, парвариши бадани инсон ба мақсади сиҳату саломат нигоҳ доштани он истифодаи ғизои хуб, парҳез аз ғизои бад, тарбияти одати хуб, маззамати одатҳои бад, ки ба ҷисми инсон зарар мерасонанд як амри маъмулӣ аст. Дар таълимоти динӣ парваришу озодагии тани инсон амали савоб дониста мешавад, ҳатто дар кодекси ахлоқи коммунистӣ тарбияти ҳамаҷонибаи ҷисмонӣ аз заруриятҳои ахлоқи коммунистӣ буд, ки инҳо дар шумори “Фарозтарин мардум” меоянд ва баракс мушоҳида мешавад, ки барои пайравони диндастури бад оростани тани инсон ба як шаклҳои ғайри ахлоқи истифодаи ғизоҳову одатҳои бад ташвиқу тарғиб мешавад.

Аз ин дастабандӣ ки дар кардаи навадуҳафт омадааст натиҷагири карда мешавад, ки барои пайравони неку роҳи растагорӣ боз аст ва кажроҳа бар вай баста, барои бадкирдорон кажроҳа кушода аст ва роҳи растагорӣ баста”, [2,92] яъне таъсир ва самари ахлоқи хуб ин аст, ки рӯзгори ӯ дар роҳи рост сипарӣ мешавад табиатан, маъмулан роҳи каҷ барои ӯ баста аст ва баракс инсоне,

ки ҳидояти бад гирифтааст ба одатҳои бад омухта шудааст ҳаргиз растагор буда наметавонад, ба саодат расида наметавонад, зеро роҳи рост ба у баста аст ва умри худро дар масири ба истилоҳ "кажроҳа мегузаронад".

Боз ҳам таъкид кунем, ки бунёди ҷаҳоншиносии то исломӣ хусусияти равшани заминиву дунявӣ доранд.

"Кардаи яксаду сивуяк" барои расидан ба огоҳиҳои расо ва боистманд аст. Дар ин қисмат ба даҳ омил бартарӣ дода мешавад. Хусусияти баръало равшани ин даҳ омил дунявӣ будани онҳо, заминӣ будани онҳо аст. Ин омилҳоро чунин дастабандӣ кардаанд;

1. Зиндагии пайвандхурда бо хушӣ. (яъне рӯзгори муқарарии инсон бояд бо хушҳолӣ пайванд дошта бошад)

2. Дороии фарохи судманд. (дар фарқият ба таъкидҳои дуруғини баъди истилои араб, ки фақириро тарғиб мекунад, дар айни замон ин таъкиду таълим аслан ба ҷаҳоншиносии исломӣ дахл надорад, ҳатто бар хилофи он аст, ки ин тазодро мо дар китоби "Ҳикмати озодагон" таҳлилу тадқиқ кардаем. Ҷаҳоншиносии бостониён натанҳо дороиро таъкид мекунад, балки муаккадан талаб мекунад, ки инсон натанҳо доро бошад балки дороиаш дороии анбоштану андухтан не, ҷамъкардани сарвату дороии не, балки дороие бошад, ки он фарох бошад, судманд бошад, яъне дар рӯзгор мушоҳида мешавад, ки як нафар сарвати фароввон дорад, аммо аз ин сарват на худаш баҳра мегирад ва на судмандие ба дигарон мерасонад.

3.Мондагории ромиш дар зиндагӣ.

(Зиндагии инсон бояд бо оромӣ, ромиш ҷараён бигирад. Ин ромишу оромӣ ҳам бояд сода набошад балки оромии устувор босубот бошад, инсон аз фардои зиндагииаш аз соли ояндаи зиндагиаш, аз ояндаи фарзандонаш дилпур ва хотирҷамъ бошад.

4. Шаҳриёрии шаҳриёри дурахшанда.

5. Фарҷоми коммандонаи оканда аз осоиш (яъне ҳар натиҷае, ки дилхоҳ аст, ҳадафе ки инсон барои он заҳмат мекашад имконияти ҳарчи оромтару осудатар ба даст овардан дошта бошад. Шояд дар назар дошта бошад, ки дар ин раванд инсон бояд зуру қудрати беҳуда сарф накунад, фаъолияташ, заҳматаш оқилона бошад, роҳи осудаву осон ба мақсад расиданро пайдо кунад.

6. Ҳамдамӣ бо некбахтони фарораста (ин омил бисёр зебо ба қалам омадааст, аммо дар дар амал татбиқ кардани ин омил коре аст сахту мурракаб. Агар ба назар бигирем, ки дар ҷаҳонишиносии умумибашарӣ умуман ба хушбахтӣ расидан, ба даст овардани некбахтӣ аслан як амали гуё дастнорас аст, омиле ҳаст, ки ба қазову қадар, тақдир пайванд мехурад, пас ба натиҷаи ҳайратоваре мерасем, ки ин хиради бостониён то кадом андоза баланду олӣ рафтааст,- чунин омили мушкилро имконпазиру дастрас медонад.

7. Донишдӯстии некманиш (ба назар бигирем, ки тарғибу ташвиқ ва таъкиди танҳо "Донишдустӣ" нест балки талаб карда мешавад, то ин донишдустӣ некманиш бошад, заминааш нек бошад, хайр бошад, ин дониш натиҷаи нек диҳад чун маълум аст, ки донишҳое ҳам ҳастанд, ки натиҷаи бад медиҳанд.

8. Дар гуши ҷон супурдани панди устуворанда (ин таъбири панди устуворанда мешавад бифаҳмем, ки панде дар назар дошта шудааст, ки ҳикмати устувор бошад, ҳикмату панди гузаранда набошад ва дар айни замон натиҷа ҳам гирифтан мумкин аст, ки ин панд инсонро устувору пойдор мегардонад. Зиёда аз ин бояд дониста бошем, ки ин панди устуворанда барои гӯши тан нест, он бояд дар гӯши ҷон нигаҳдорӣ шавад, яъне дар зеҳну тафаккур ҷой бигирад ва ин дониш инсонро ба сӯйи некбахтиву оромишу осоиш бубарад.

9. Баҳрамандӣ аз ёрирасонии фарёдрас. ("Фарёдрас дар ин ҷо ҳаргиз маънои мистикиву динӣ надорад. Дар назар дошта мешавад, ки инсон барои ба мақсад расидан тани танҳо бояд набошад, бояд фарёдрасе роҳбаре, дастгире, сарпарасте дошта бошад ва инсон бояд қудрати аз ин гуна ёрирасони фарёдрас баҳраманд шуданро дошта бошад).

10. Мондагорие (Суботе), ки ҳар оромише сомон ёфта бар он аст (ин модда гуё як ҷамъбасти ниҳоӣ аст дар назар дорад, ки ҳар дастоварди инсон бояд устувору пойдор бошад, дар гузар набошад, маваққатӣ набошад, бар бунёди оромиши устувор сомон дошата бошад.

Тақдири фалсафаи нур дар аҳди Сосониён ба мушкилоти бунёди рӯ ба рӯ шуд. Дар ин давра муъбадони маздояснои бо сиёсатмадорони сосонӣ, иттифоқ карда, таълимоти Зардуштро дар хидмати сиёсат гузоштанд ба манфиати ғановати худ ва сиёсатмадорон истифода бурданд ва ҳатто пайравони Зардушт, шаҳрвандони ин ипмерияи бузургро мавриди истисмори ақидавӣ ва молиявӣ қарор доданд.

Бунёди ҷаҳонбинии маздоиён, ки аз нури беканора (зарвона акерона) буд мавриди таҳриф қарор гирифт. Ин таҳрифро профессори донишгоҳи Калифорня Эдмон Барду Зекели хуб шарҳ додаст. Ӯ дар мавриди ниёшиҳои пайравони Зардушт ба монанди ниёши модари зиндагӣ, ниёши оби зиндагӣ, ниёши надари зиндагӣ, ниёши нафаси зиндагӣ. Ниёши оташи зиндагӣ, ниёши бародардарахт (яъне шинохти инсон хамчу як узви табиат), ниёши нурӣ зиндагӣ, ниёши зиндагии ҷовидон. Андеша ироа мекунад ва мегӯяд:

«Аз вижатарин ниёшҳои Авастоӣ,-ниёиши оташи зиндагӣ аст. Ин унвон дар забони занди бостон (Авасто) ба таври дақиқ ҳамон маъноро дорост, ки мо аз вожаи муракаби нерӯи зист дарк мекунем». Он чӣ ки воқеан дарднок, ғамангез ва дар айни замон таасуфангез аст, дарёфтҳо ва тафсирҳое ба шумор меравад, ки Порсиён ва Зардуштиён аз оташ карданд. Мафҳуми ростӣ ва аслии ин истолоҳ ба хотир ва зеҳни ҳеҷ дастае аст аз номбурдагон роҳ наёфтааст.

Ишорае бисёр муҳим ва шоёни тавҷҷӯҳ дар Авасто ин баён аст, ки пайравони дини Ҳурмуз бояд оташи зиндангиро ба холистарин аносир (кирдори нек, дарёфти шинохт, дониш ва огоҳӣ) равшан ва фурузон нигоҳ доранд. Ҳар гоҳ мехоҳанд, ки шӯълае биафрӯзанд ҳар гоҳ аз чубҳои хушк. Хушбӯ, ки бе дуд месӯзанд истифода кунанд. Ба маздоясно таклиф аст, ки бояд ҳарӯза оташи зиндагиро ба ҳушёрӣ ва хушсӯз, рӯшан барқарор доранд.

Аз ин нависандагони Юнон бардошти зоҳирӣ, бар эшон зоҳир шуд, ки Зардушт пайравони худро мулзим бар он кардааст, ки ба унвони як расми ибодати ҳарӯза бо чубҳои хушк ва хуксӯзу хушбӯ оташ биафрӯзанд (ва аз сари содалавҳи аз ин шаҳр ба он шаҳр дар фосилаи садҳо фарсанг, аз як оташкада микдори оташ баргирифта ва бар ҷои дигар оташ афрӯзанд, бар он ифтихор, ки ин оташи кӯҳан ва қадими афрӯхташуда дар ҳоле, ки дар мавриди анвои оташҳо волотаринашон, ки бидуни дуд месӯзад ва хушбӯю муаттар аст.

Бинобар ин Авасто оташе аст, ки дар даруни одамӣ месӯзад ва зидагиро таъом мебахшад. Ҳамон оташе, ки Зардушт мегӯяд дар толеъи ман равшан шуд ва ба дарунам русурхӣ ёфт, ҳамон оташе, ки нерӯи таҳарруки ҳастӣ ва нумӯ аст, ки ба муҷиби авасто гуфта мешавад, оташро ақсаме аст ва қисмати он оташ аст, ки даруни гуёҳ вуҷуд дораду муҷиби нумӯъ ва равиш мешавад. Ба пайрави аз ин мутақадимони юнону-румӣ, бархе аз ховаршиносони номӣ низ дар осорашон ҳамин талақи ва бардоштро навиштанд. Ва Порсиён ва Зардуштиён низ дар рӯзгорони дароз бо васвос дар баробари оташдонҳо паном баста, замзама карда чӯб дар оташ ниҳоданд. То бар дигарон дар бозгӯи ақволи мутақддимои бо шоҳид пофишорӣ кунанд.

Ин амал он қадар аз омӯзишҳои ростини Зардушт дар Авасто бар дур аст, ки калисоҳои кунунӣ аз хулус ва содагии талимоти Исо фосила дорад. Аз рӯй матнҳои аслии «Авасто», ки охирин иқтишофҳои бостоншиносии онҳоро таъин мекунад, манзури Зардушт аз отани зиндагӣ нерӯи зист будан, на як моддаи хоричӣ,-яъне оташ. Хангоми, ки дар Авасто мехонем, -«Оташи зиндагиро бо чубҳои пок барпо дор»- бар ин маънист, ки мо бояд ҷараёнҳои ҳаётии танро фақат бо хӯрокҳои табиӣ, ки пеш аз он барои неъруи зисти инсон муносибат дошта ва шоиста буда бипарварем. (ба зеҳн ва андеша ва дарёфтҳои волои фикриро чунон, ки Зардушт худ ба вузуҳ мегӯяд аз нури холис ва оташи беғаш борвар созем. Ҳар гоҳ касе ба каҷандешӣ ва бероҳагӣ андар шавад Фарри Яздон ё нур ва фуруғи яздонӣ вайро тарк мекунад, чунон ки Ҷамшедро тарк гуфт, Ардавонро тарк гуфт ва ба касе, ки шоиста аст дарун шуда мепайвандад, чунон, ки ба зардушт андар шуд ва ба Ардашер расид) оташ киноя,

намод ва нишонвораи покӣ ва нишонвораи одамист» [3].

Дар мавриди нерӯи зиндагӣ, яъне оташе, ки дар вуҷуди одам ҳаст ба истилоҳ энергияи зинда будани одам як нуқта, ки аз забони Шоҳразурӣ нақл шудааст ба ёд овардан муҳим аст: Зардушт гуфтааст: Нур дар ман даромад... (ин ҷо манзур меъроҷи Зардушт аст) ва нафси ман иқтидор пайдо кард ба муноҷоти нури холис...

Дар идома Зардушт мегӯяд: ин нур пайваста дуртарин рӯзгор тофта ва дурахшиши он барои мо мумкин месозад, ки ҳамаи дорои ва таҷориби наслҳои гузаштаро дар ихтиёр дошта ва аз он бархӯрдор шавем бидуни ниёз бар ин, ки он чиро, ки онҳо пеш аз ин дар тули ҳазорон сол кӯшиш карданд ва собит намуданд, муҷададан бо сарфи замон ва неру таҷриба намоем.

Ба муҷиби омӯзишҳое, ки аз «Авасто» мустафот мешавад бар ҳама зарур аст ба нури зиндагӣ, ки намояндаи кули арзишҳои осори бузург, ки ҳамаи асъор ва миллату ақвол аст эҳтиром бигзоранд ва ин корро метавон ба воситаи мутолеа, интишор, дарёфт. Тафаккур тарҷумаи осор ва омӯзиш анҷом ёфт. Аз дидгоҳи Зардушт бузургтарин ва нобахшидатарин гуноҳе, ки ба хотири он метавон мақсуд буд, ғафлат аст. Ғафлат аз нури зиндагӣ ва маҳдуд кардани он танҳо ба чанд шуои нур. Дар сурате, ки бояд дар фарогири ашоъаи кулли он кӯшиш карда шавад [3,37].

Чуноне, ки мебинем принсипи вирисияти умумибашарӣ доштани илм ва маърифат дар он замонҳои дури таърихи аз ҷониби Зардушт таъкид шудааст. Характери умумибашарӣ доштани маърифат риоя мешудааст. Маҳдуд кардани доираи илму маърифат дар ҳудуди қавму миллат мазҳаб нописандида дониста шудааст.

Аз ин ҷустуҷуҳо ба чунин натиҷаҳо мерасем;

- истиқлолияти тафаккур хусусан дар шароити имрӯзаи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, мадании Тоҷикистон аҳамияти мубрам дорад;

- истиқлолияти андешаи шаҳрванд дар масири хештаншиносӣ ва хештаншиносонӣ як рукни пурқуввати огоҳии сиёсӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ аст;

- дар масири хештаншиносӣ оғоз аз осори китоби бостонӣ то имрӯз ақидаҳои “Хештаншиносӣ”, “Хештаншиносонӣ”, “Худбузургбинӣ”, “Худкамбинӣ”, “Бузургманишӣ”, “Хормаништӣ” ҳар кадоме маънову муҳтавои мушаххас доранд, ҳар кадом бояд шинохта шаванд ва ҳар кадоме бояд дар ҷойи худ бошанд;

- дар рӯзгори муосири Тоҷикистон мавзуъи хештаншиносӣ ба ҳар навъе гузориш мешавад таҳлил мешавад дар истифода аст. Маънӣ ва муҳтавои “Хештаншиносонӣ” мешавад бигуем, ки дар истифода нест, ба манфиати иззату эътибори давлату миллат кор намекунад, (ба истиснои ҳолатҳое, ки аҳамияти консептуалӣ надоранд, дар матни тарғибу ташвиқи иззату икроми давлату миллат аҳмияти фрагментарӣ доранд, ҳарчанд бисёр муҳим ҳам ҳастанд);

- масъала ва тадбирҳои корбурди “Хештаншиносонӣ” (ҳам хештаншиносонии шахсӣ ҳам миллӣ) бояд ба дараҷаи услубу методи махсуси тарғибу ташвиқи мақому мартабаи Тоҷикистон чӣ аз назари таърихӣ, чӣ аз назари тақозои асрӣ мавриди диққати махсус бошад;

дар ин раванд ҳам дар осори бостонӣ ва ҳам рӯзгори имрӯза ҳам рӯзгори муосир тақозо мекунанд, ки шаҳрванд бояд маърифати ахлоқии худро бе танаффус такмил диҳад, аз дастовардҳои илму сиёсати асрӣ баҳраманд бошад.

АДАБИЁТ:

1. Динкард, Озарфарнбағи Фаррухзодон ва Озарбоди Умедон, гирдоварӣ ва тадвини Шарипова Ф.- Душанбе, 2018.-343с. 2018

2. Эмомалӣ Раҳмон Чераҳои мондагор – Душанбе: ЭР – граф, 2016. – 364 саҳ.

3. Эдмон Бурду Зекели. Иқтибос аз «Ҳошими Рози, Ҳикмати Хусравони Теҳрон».

4. Мероси хаттии бостон. Ҷ.I ва II. — Душанбе, 2016—565

5. Авасто. Ҷилди I. — Душанбе: «Бухоро», 2014. — 784.

САМОПОЗНАНИЕ, САМОВЫРАЖЕНИЕ, ДУХОВНОЕ ВОСПИТАНИЕ В АРИЙСКИХ ПЕРВОИСТОЧНИКАХ

Рахматуллаев Н.

В статье исследуется понятия “самознание”, “самовырашение”, “духовное воспитание”, котегории взаимосвязанные с данный понятиями, аристократическое воспитание, гармоничное воспитание, на базе “Динкарт”, “Авесто”, “Виспард” и их приемственность в совриминный жизни Таджикистана.

Исследуемые вопросы, мало изучены, поскольку древние источники малодоступны. Названные вопросы, поскольку в основном освещают суверенность мышления, политическую независимость, на наш взгляд, служат укреплению личной и политический суверенности.

Ключевые слова: Самопознание, самовыражение, самопредставление, недооценивание личности, разруженная, душа, никчемность, ахриманская разруха.

SELF-KNOWLEDGE, SELF-EXPRESSION, SPIRITUAL EDUCATION IN ARYAN PRIMARY SOURCES

Rakhmatulloev N.

The article explores the concepts of “self-knowledge”, “self-expression”, “spiritual education”, categories interrelated with these concepts, aristocratic upbringing, harmonious upbringing, based on “Dinkart”, “Avesto”, “Vispard" and their adoption in the modern life of Tajikistan.

The issues under investigation are poorly understood, since ancient sources are poorly accessible. Since these issues mainly highlight the sovereignty of thinking and political independence, in our opinion, they serve to strengthen personal and political sovereignty.

Key words: Self-knowledge, self-expression, self-representation, underestimation of personality, destroyed, soul, worthlessness, Ahriman ruin.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

УДК:1/14: 070: 050: 930.85: 621.397(575.3)

ТЕЛЕВИДЕНИЕ И ОСОБЕННОСТИ НАЦИОНАЛЬНОГО МЫШЛЕНИЯ

Туйчизода Насрулло-кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры истории и философии МУТПТ, 734055, г.Душанбе, пр. Борбада, 48/5.
Тел: +992 918147207, nasrullotj@gmail.com

В статье дан анализ состояния современного таджикского телевидения, в частности, информационные, культурологические и идеологические его свойства. Поскольку телевидение окончательно внедрилось в национальную культуру, то оно не может быть свободным от нее. Под телевизионным мышлением следует понимать осмысление содержания материала на языке телевидения, в соответствии с актуальными на тот момент принципами телевосприятия. Таджикское мышление развивается исторически. История и нравы, интерес к одним ценностям и отвержение других, способствовали реформированию таджикского мышления, которое, тем не менее, культивирует историческую память.

Ключевые слова: *телевидение, особенности национального мышления, современные культурологические стандарты вещания, мировая тенденция и национальное телевидение, самосознание.*

Телевидение, став частью в национальной культуры, с одной стороны, транслирует ее особенности, а с другой, само становится продуктом этой культуры. Если в первом случае (трансляция) какие-либо особые авторские приемы и стили не используются (зеркальное техническое отображение) то во-втором случае обязательно должны быть задействованы и технические, и творческие силы самого телевидения, т.е. на первый план выходит телевизионное творческое мышление.

Поскольку телевидение окончательно внедрилось в национальную культуру, то оно не может быть свободным от нее.

«Национальная особенность телевизионных передач – это некоторая особенность таких произведений, связанных с особыми способами отражения национального ландшафта, колорита родной Земли, народного характера, традиции, обрядов и обычаев, характеризующих национальные, этнокультурные свойства данной местности (моноэтнические и полиэтнические»)[1,С.60-61]. По словам Н. Ф. Хилько национально-культурная специфика телевизионной продукции может выражаться в следующих особенностях:

- преобладание национального пейзажа;
- выделение черт национального характера;
- отражение колорита народных традиций, праздников, обрядов, быта и образа жизни;
- преобладание культа семьи, Родины;
- неотъемлемые черты национального женского и мужского образов, свойства их поведения, особость их красоты;
- изображение человека труда – представителя этой нации, этноса;
- показ красоты народных традиций, музыки, песен, сказок, пословиц, праздников, обрядов, быта и образа жизни, ставших предметом телевизионной передачи» [1, С.62-63].

Что же должен знать, чувствовать и уметь автор (авторы) таджикского телевидения? Таджикский философ С. Рахимов дал такую оценку, что «Мышление всех людей подчиняется одним законам, но оно имеет национальную специфику, которая определяется историческими и социально-экономическими условиями

развития» [4, С.62-63]. Если в этом контексте говорить о таджиках, то они является продолжением древнейшей ветви индоиранского этноса.

Анализ особенностей общеиранского мышления, составляющего основу мышления всех последующих ветвей иранских народов, в том числе и таджиков, имеет принципиальное значение для нашего исследования.

По мнению А. Турсунова «Быть может благодаря их исследованиям в самой восточной культуре, в формате «взгляд изнутри» происходит рефлексия собственной сущности и природы восточного мышления. Такая тенденция обозначена в размышлениях Махатмы Ганди, Мухаммада Икбала, Джавахарлара Неру, Саида Хусайна Насра, Пури Довуда, Саида Нафиси, Абдулло Ибоди, Маликушшуаро Бахора, Али Шариати и многих других. Особо хочется отметить, что такая тенденция саморефлексии восточного мышления обнаруживается у таджикских ученых» [5, С.37].

Итак, опираясь на исследования вышеперечисленных ученых, попытаемся в срезе нашей темы осмыслить суть феномена восточного, таджикского, иранского мышления и их проявления на таджикском телевидении.

Иранское мышление, как один из образцов восточного мышления, имеет свои, национальные особенности. Восточное мышление по своей структуре не является однородным. В частности, для него характерны и древне буддийский мистицизм, мистицизм исламский, при этом первый отличается от второго.

В тоже время определенные свойства общевосточного мышления, так или иначе, имеют место быть в иранском мышлении. Это относится к таким свойствам, как созерцательность, мистицизм, символизм и знаковость, традиционализм, культ исторической памяти.

«Хорасанский мистицизм – относительно свободный, ассоциативный, полный поэтических и интеллигибельных мотивов. Иранцы, имея глубокие традиции и опыт художественного мышления, способствовали углублению самого ислама и его культуры в целом. Труды Аттора (1146 – 1221 гг.), Руми (1207 – 1273 гг.), Хафиза (1324 – 1389 гг.), Джами (1414 – 1492 гг.) и десятки других выдающихся личностей облагородили исламскую культуру, сделали ее более интеллектуальной, элитной, с человеческим лицом» [6, С.24-26].

Ф.Г. Юнгер писал по этому поводу: «Едва ли есть другой народ, который был покорен исламом с помощью такого чудовищного насилия и был так глубоко травмирован им, как иранские персы, последователи учения Заратуштры. Тот, кто читал сказки «Тысячи и одной ночи», должен вспомнить лютую ненависть, которую питали друг к другу правоверные мусульмане и маги, под которыми там понимаются исповедующие культ Заратуштры персы и огнепоклонники. За этим осуществленным в ходе войны за веру покорением последовала глубочайшая реакция, приведшая к тому, что ислам был атакован в самом своем единстве, ибо шииты-персы обособились от суннитов арабов и туркмен, сумев полностью утвердиться в этом качестве. С возникновением суфизма, распространявшегося орденом дервишей, персы еще дальше отходят от ислама и через посредство пантеизма, в соответствии с которым все сотворенное понимается как истечение несотворенного света, приближаются к своей прежней религии света и огня. С этими религиозными устремлениями связаны и научные, восходящие, в конечном счете, к античности. В то же самое время своего наивысшего, поразительного расцвета достигает их поэзия. Иранский ученый М. Эшроки дает сведение, что Поэма Фирдоуси «Шахнаме», в которой эпически прославляются иранские мифы и иранская история с древнейших времен и до вторжения ислама, не только спасает и защищает иранское прошлое, но и пробуждает новое сознание духовной силы и обеспечивает политическую самостоятельность Ирана, сумевшего сохраниться даже после разрушительного монгольского нашествия» [8, С.60-61].

На наш взгляд, эта точка зрения восточного автора объективно отражает суть драматичной ситуации иранской, в том числе и таджикской культуры.

Итак, какова природа таджикского мышления? Каковы его формы? Что является в нем стержнем? И на что должен обратить особое внимание творческий работник телевидения? Каковы же эти основные сконцентрированные признаки таджикской ментальности, которые должны отразиться осознанно или подсознательно в кадре таджикского телевидения?

Природа этого мышления может отражать в себе разные комбинации и приоритеты, и об этом написано много работ. В лаконичной форме эта тема отражена и в работах доктора философских наук С.Х. Рахимова. Мы не будем подробно останавливаться на каждом из критериев, мышления таджиков, тем более что они всесторонне проанализированы в трудах упомянутых авторов. Для наглядности мы лишь обозначим их для того, чтобы иметь в виду их знаковое значение когда будем говорить о емкости телекадра, имплицитно или эксплицитно обозначающего идентичность национального. Опираясь на труды вышеотмеченных авторов, особенно С.Х. Рахимова, отметим составляющие этого феномена.

Патриотизм и *культ истории* в национальной культуре занимают одну из ведущих мест в «реестре» таджикского мышления. Здесь предметом особой гордости таджиков является празднование Навруза. Этот праздник отмечался даже в суровые агрессивные годы атакующего атеизма в советский период, когда было наложено табу на всякое явление, которое напоминало о чем-либо религиозном, хотя Навруз никогда не был религиозным праздником. Это был праздник земледельцев, праздник равноденствия, весны, начала полевых работ. Он отмечался с доисторических времен. Правда, религии национальные и затем ислам пытались приспособить его к своим ритуалам. Но безуспешно. Он оставался вне религии и вне политики. Навруз для сегодняшнего таджика символизирует не только праздник земледелия, но и *праздник личной свободы и независимости каждого гражданина* и народа в целом. Быть может, поэтому он особо любим и востребован. Навруз – это символ, который так дорог, каждому таджику, охраняется им, это дух народа.

С.Х. Рахимов в ряде статей, посвященных этому празднику, отмечает, что «в настоящее время наблюдается два вида чествования Навруза: *народный* (он чаще наблюдается вдали от центра, в далеких горных кишлаках) и *официальный*, то, что так пышно и богато организовывается властями. В организовываемом властями Наврузе участвуют артисты, проводятся массовые шоу на стадионах с привлечением огромного количества школьников и студентов. А зрители сидят на трибунах, они пассивны.

В *народных* чествованиях все пришедшие на праздник являются и участниками и зрителями одновременно. Процесс этот свершается в виде народного гулянья, как своеобразный карнавал («корвони шоди»), как бы идущий из глубины веков, как модель древнего чествования праздника» [4, С.45-46].

Последняя модель наиболее близка душе таджика, потому что это естественное чествование. Она ближе к природе, органично соотносится с первой пахотой, первым севом. Она ближе к дому, который должен быть по традиции очищен от всего нечистого, что накопилось за год. Такое празднование Навруза так или иначе связывается с подготовкой оросительных систем, вспомогательного скота для обработки земли и других земледельческих работ.

Многоканальное телевидение Таджикистана широко транслирует *официальный* праздник и редко обращает внимание на *народный* вид празднования Навруза. Оно «старается» не видеть в этих двух видах чествования разницы. Более того, народный праздник, который проходит в кишлаках, районах, рассматривается им как бедное, несовершенное чествование, и поэтому телевидение как бы стесняется транслировать его представлять в эфире. Официальное же празднование транслируется несколько раз, как эталонное.

Многоканальное телевидение Таджикистана не придает значения главной семиотике праздника для таджика – как его личной свободы и независимости. Эти свойства не выносятся в тексты

лозунгов и плакатов, их можно только прочувствовать, потому что они сокрыты глубоко в сознании таджиков. Они даже могут и не осознаваться человеком. Но эти чувства (порой не оформленные) начинают проявляться именно в Навруз и доставляют особую радость таджику. Творческому работнику телевидения пока такая психология недоступна, потому что он мыслит категориями банальными, конъюнктурными, сиюминутными, а не метафизическими .

В современном мышлении таджиков, разумеется, под влиянием советской культуры, доминирует рациональное мышление, с ясным представлением картины мира. Но в тоже время от прошлых времен остались рудименты мистицизма, любовь к игре слов, к эзотерике. Эта черты особенно проявляются в современной поэзии, в живописи, в кино, в театральных представлениях. Интеллектуалы чаще увлечены этими свойством. Эта интеллектуальная «игра» становится интересной не только для авторов артефактов, но и их потребителей. Можно сказать, что произведение не заканчивается этапом его написания. Оно продолжается и позже, в процессе освоения художественного материала читателем, который, будь он из Таджикистана или, живя далеко от него, испытывает восторг сотворчества, прочитав стихи Бозора, Лоика или Гулрухсор. Таким образом, свойство образного мышления таджиков предполагает такую концентрацию мысли и чувств, что поэтический или какой-либо другой образ продолжает воздействовать на мышление человека. И это есть образец упомянутой выше эзотерики.

Свойства патриотизма охватывает и *язык народа*. Наряду с культивированием литературного таджикского языка, в республики возник особый интерес к диалектам. Оно стало более демократичным, реалистичным. Особенно ярко эти тенденции отразились в кинематографе. Правда, есть рьяные противники этой тенденции, которые считает, что она мешает развитию литературного языка. В свою очередь литературный язык в своем развитии порой становится очень вычурным, и публика жалуется, что без словаря язык телевидения, радио, газет и журналов ныне трудно понять. Демократизация же языка приближает к отражению реалий. Это особенно важно, когда речь идет о народной жизни. Ведь герои телепередач – это реальные люди, нередко говорящие на том диалекте, на котором привыкли говорить и думать. При приоритете литературного языка диалект обогащает язык телевидения, делает транслируемый материал достоверным.

Решающим признаком таджикской культуры, как утверждают все исследователи и особенно С.Х. Рахимов [3, С.73-79], таджикский язык является (фарси, дари). Это относится и к телевизионной культуре. Но в экранной культуре и не только в ней таджикский язык имеет более широкое значение. Его нужно понимать не только в прямом смысле, как вербальное озвучивание некоего текста. Языком в экранной культуре может выступить и другой язык, например, русский или английский, или символ, или образ и др. Но, несмотря на это, зритель осознает, что информация, символ, семиотика демонстрируют именно таджикский менталитет. Иначе говоря, языком в экранной культуре, в сочетании с прямым использованием вербального таджикского языка, в данном случае выступает *изображение*. Оно является главным носителем национального своеобразия экранного материала. В изобразительном кадре сконцентрирована вся совокупность того признака, который используется в письменно-вербальном произведении. При этом изображение вбирает в себя бессловесное воспроизводство того факта, той семиотики, которые очевидны только в изображении, а именно фактура самой жизни таджиков, их быт, их традиции, обычаи, обряды, костюм, характерные жесты, поведение, антропология и т.д. Словом, национальный язык в экранной культуре гораздо шире, чем письменно-вербальный. Для понимания такого языка не обязательно изучать таджикский язык. Он доступен интернациональному зрителю.

Другая не менее важная функция в формировании этнической и нацио-

нальной идентичности принадлежит *городу*. Чрезвычайно важное в значение здесь имеет формирование *городской* культуры [1, С.3-4]. «Если сельская культура сохраняет первозданные, чаще архаичные формы этнической культуры, то город способствует созреванию, развитию национального менталитета. Город, имея условия компактного проживания его обитателей, имел и имеет этническую, *антропологическую* определенность. То есть город сформировывает некие общие этнические, затем национальные характеристики, нормы морали и условия общежития, вырабатывает свои инструменты управления. В его *исторической памяти* устно и письменно, материально и нематериально сохранялись мифы, легенды, правда и быль, мировоззрение, быт и традиции народа, понимание смысла жизни и т.д» [2].

С.Х. Рахимов отмечает, что, в отличие от всех форм мышления, которые призваны изучать и отображать суть природы национального, город наиболее точно и полно отображает национальное искусство. По его мнению, «Прежде всего, культуру определяет архитектура, которая без слов и внушений формирует мышление этноса, его менталитет…

…Ключевой объединяющей силой во всех ритуалах, театрализованных обрядах, празднествах, фольклоре играла музыка. Музыка для каждого случая была традиционно мотивированная» [4, С. 47-48].

Таджикское мышление развивается *исторически*. История и нравы, интерес к одним ценностям и отвержение других, способствовали реформированию таджикского мышления, которое, тем не менее, культивирует *историческую память*. В нем история имеет большее значение, чем будущее. Таджики любят оглядываться назад, в прошлое, чтобы помнить его уроки. История и настоящее в их исторической памяти сливаются воедино, представляют своеобразный синтез, как продолжение исторического процесса. История демонстрирует духовные и материальные ценности, события прошлых эпох жизни этноса, совокупно сосуществующие в нынешнем сознании народа, то имплицитно, то эксплицитно осознаваемые им.

Если в эпоху Ахеменидов (600 – 333 до н.э.) – в предках таджиков мышление проявлялось больше в виде мифологического, политеизма, то в период ислама – в виде монотеизма. В эпоху советской власти оно превратилось в удивительный сплав – восточно-западный синтез. Эта черта сохранилась до сих пор, телевидение транслирует эту особенность, не стараясь что-то изменить.

Подлинно творческая индивидуальность не подвластна внешним обстоятельствам, политике. Она самостоятельно формирует понимание нового, прогрессивного. Осознанно или подсознательно, благодаря силе таланта творческая личность претворяет в жизнь идеи прогресса и гуманизма. Такими были в прошедшие века Рудаки (858 – 941 гг.), Фирдоуси (927 – 1009 гг.), Руми (1207 – 1273 гг.), Хафиз (1324 – 1389 гг.), Саади (1213 – 1292 гг.), Камаледдин Бехзод (1450 – 1537 гг.). Такими являлись и более современные наши талантливые поэты Садриддин Айни, Абулкасым Лахути, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Мумин Каноат, Бозор Собир, Лоик, композитор Зиёдулло Шахиди, кинематографист Борис Кимягаров и др.

Прогресс диктуется контекстом времени. Новое историческое время таджиков имеет больше шансов к новаторству и прогрессу, потому что народ живет в контексте глобализации. Глобализация само по себе – это и прогресс, и регресс, проявляющееся ~~себя~~ одновременно. Но она безнациональна и техногенна. Если глобализацию как явление осмыслить через дух национального, попытаться совместить ее с народной жизнью, то может быть, это и будет способствовать подлинному прогрессу народа, в данном случае таджиков.

Между тем *традиции* всегда имели для общества большое значение. Отказаться от каких-то из них было сложно, ведь они пришли из глубины веков. Но иногда сделать это было просто необходимо. Например, у таджиков были традиции и обряды, которые заставляли людей быть расточительными, требовали неоправданных расходов. И люди не

могли вырваться из этой кабалы, потому здесь главенствовала традиция. Но лидер нации, Президент страны нашел выход: он издал указы, регламентирующие эти традиции. Правда, они формально как будто ограничивали права граждан, но эти ограничения касались соблюдения ими средневековых обычаев. Точно также обстоят дела ответственности детей перед школой и т.д. В итоге таджикское общество смогло освободиться от оков традиционности. Цивилизационный образ жизни постепенно становится преобладающим, нормой.

Роль телевидения в пропаганде этого образа жизни была огромна, тем более в пропаганде правильной, отвечающей духу времени, целям советского демократического государства.

Но в традиционности можно выявить и положительные моменты. Например, в системе образования: отношения между *устодом и шогирдом* (мастером и учеником) складывались веками, и в результате в них превалирует уважение, а секреты мастерства передаются, как говорится, из рук в руки, из уст в уста. Именно таким образом таджикское мышление транслировался другому поколению. Система *устод – шогирд*, базирующаяся на традиции особого мышления, передачи профессионального опыта, несмотря на возникновение ряда других подобных институтов, до сих пор остается традиционно востребованной. Необходимо, чтобы этот индивидуальный метод обучения продолжал использоваться и далее. Телевидение здесь вновь может сыграть (и играет) свою прогрессивную, просветительскую роль.

Таджикскому мышлению свойственно преимущественно *коллективное*, *соборное* мышление. Таджики склонны решать важные социальные, семейные проблемы *коллегиально*. Так**,** вопросы сватовства**,** семейного торжества, вопрос похорон и многие другие они решают совместно. При этом мнение старшего поколения в решении того или иного семейного вопроса считается определяющим.

Коллегиальность и старшинство соблюдается и при решении социальных вопросов, которые нередко решаются на собраниях, сборах, в мечети. Так было испокон века.

Но в последнее время, под влиянием современных цивилизационных процессов индивидуальное мышление стало активнее проявляться в жизни семьи, общества государства. Это связано со статусом человека в обществе. В основном свое индивидуальное мнение, свою идею, свое отношение демонстрируют интеллектуалы, лидеры, элита. Это происходит во время интервью, публичного выступления, монолога в телевизионных или радиопередачах, при публикации статьи в прессе и т.д.

Таджикское телевидение транслирует и коллегиальное, и индивидуальное мышление, побуждая, тем самым, то, и другое в развитии, в совершенствовании.

Таджикскому мышлению свойственна *цикличность*, что идет от религиозного сознания: «Аз хок баромадему дар хок шудем» («Мы созданы из глины, и возвращаемся к ней). Человек осознает, что его жизнь конечна, но он также хорошо понимает, что может продлить свою виртуальную жизнь в детях, в семье, в общественно полезных результатах своей деятельности, которые он оставит после себя. И потому он культивирует понятие семьи, сажает деревья, строит дом, воспитывает детей. Он делает это осознанно и так продолжается из поколения в поколении.

Все это ментальное свойство мышления таджиков должно освоить современное таджикское телевидение, впитать в формах своего аудиовизуального мышления и выражать во время трансляции той или иной передачи материала.

ЛИТЕРАТУРА:

1.Вяземский П.А. «Ангичанка». - http//www.stihi-XIX-
{vekov.ru/vyazemskiy198.html

Словосочетание, на наш взгляд, удачно применяемое Семилет Т. А. в ее работе: Исследование культуры в современном мире: учебное пособие для бакалавриата и магистратуры / Т. А. Семилет. – изд., испр. и доп. – М. : Юрайт,

2017. – 153 с. – (Серия : Университеты России). ISBN 978-5-534-05018-9 – С. 72

2. Национальный склад ума. https://ethnopsychology.academic.ru – дата обращение: 27.08.18

3. Рахимов С. К вопросу о социально-психологических и культурологических аспектах календарных празднеств иранских народов / / Мехргон и Сада в зеркале цивилизации народов Центральной Азии. – Душанбе: Дониш, 2017, – С. 73 – 89.

4. Рахимов С.Х. «Мощно переживаемое чувство «МЫ» (Консолидирующие факторы средневекового города в эпоху Сайидо) // Миробид Саидои Насафи ва тахаввулоти фархангию адабии Мовароуннахр. – Душанбе, 2018. - 660 с. –С. 47 – 96.

5. Турсунов А. Самандар и Зулкарнайн: к историософии таджиков - http://www.kunstkamera.ru/lib/rubrikator/03/03_03/978-5-88431-277-7/- С.37. – вход 20. 11. 17.;

6. Хилько Н.Ф. Сравнительный анализ языка социального кино и телевидения. Культура и искусства. 2012 (3): 64-8.

7. Шакурӣ Муҳаммадҷон. Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон. - Оли Сомон, 1997 – 290 с.

8. Эшроки Мехди Масих. Проблемы духовной культуры и феномена рукописной книги в эпоху Сафавидов (XVI – начало XVIII вв.)» Автореф. дисс. к. филос. наук. – Душанбе, 2012.

9. Юнгер Ф.Г. Язык и мышление. Пер. Лощевского КВ СПб, Наука, 2005. С. 188 - 189

ТЕЛЕВИЗИОН ВА ВИЖАГИҲОИ ТАФАККУРИ МИЛЛӢ

Туйчизода Н.

Дар мақолаи мазкур махсусиятҳои тафаккури миллӣ ва инъикоси онҳо дар телевизион мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Чун дар замони муосир телевизион ба ҳузъи фарҳанги миллӣ табдил ёфтааст, наметавонад аз он дар канор бошад. Тафаккури телевизионӣ аз муҳтавои мазмуну мундариҳаи забони маводи телевизионӣ иборат ёфта, ба рушди мафкураи миллӣ таъсигузор аст. Тафаккури этникию миллии тоҳикӣ тӯли асрҳо боз инкишоф ёфта, дар ҳар марҳилаи таърихӣ сохти таркибӣ дошта, то ба имрӯз ба падидаи пурмазмун зуҳур карда, ба ҳаҳонбинии пешқадам табдил ёфтааст. Ва имрӯз телевизиони тоҳик, ки яке аз воситаҳои мураккабу тавонои фарҳанги муосири тоҳик мебошад, бояд аз ин тафаккуру фарханги миллӣ баҳравар бошад.

Калидвожаҳо: телевизион, махсусиятҳои тафаккури миллӣ, стандартҳои муосири фарҳанги телевизионии ҳаҳонӣ, тамоюлоти телевизиони ҷаҳонӣ ва телевизиони миллӣ, пахшкунии бисёрсоҳавӣ, худогоҳӣ.

TELEVISION AND FEATURES OF NATIONAL THINKING

Tuychizoda N.

The article has an analysis of the state of modern Tajik television, in particular, information, cultural and ideological properties. Since television has finally introduced into national culture, it cannot be free from it. Television thinking should be understood to understand the comprehension of the content of the material in the language of television, in accordance with the principles of television perception that are relevant at that time. Tajik thinking is developing historically. History and morals, interest in one values and the rejection of others, contributed to the reform of Tajik thinking, which, nevertheless, cultivates historical memory.

Key words: television, features of national thinking, modern cultural standards of broadcasting, world trend and national television, self -awareness.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ЭТИКАИ ПЕДАГОГӢ ВА ФАРҲАНГИ ОМӮЗГОРӢ

Гулов Ислом Файзаҳмадович - н.и.ф., муаллими калони фалсафаи
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ
(+992)918-87-55-64

Аз таҳқиқоти баррасишуда метавон хулоса кард, ки Этикаи педагогӣ як бахши мустақили илми ахлоқу одоб буда, хусусиятҳои ахлоқи педагогиро меомӯзад, хусусияти татбиқи принсипҳои умумии ахлоқиро дар соҳаи кори педагогӣ равшан мекунад, вазифаҳои он, хусусияти мазмуни принсипҳо, категорияҳои ахлоқиро ошкор мекунад. Одоби педагогӣ инчунин хусусияти ахлоқии фаъолияти касбии мутахассисони соҳаи маориф, муносибатҳои ахлоқӣ дар муҳити касбӣ, асосҳои одоби педагогии шахсонеро, ки бо касбомӯзӣ ба таълиму тарбия машғуланд, ошкор месозад. Унсурҳои аввалини этикаи педагогӣ дар баробари пайдоиши фаъолияти педагогӣ ҳамчун вазифаи махсуси иҷтимоӣ пайдо шуданд. Фарҳанги педагогии омӯзгор ҷузъи муҳими фаъолияти касбии ӯ мебошад. Он доимо такмил доданро талаб мекунад, то ки тамоми вазифаҳои тайёрии касбӣ ва тарбиявӣ ҳал карда шавад. Дар баробари ин муҳим аст, ки омӯзгор ба ҳолати технологии педагогӣ диққати кофӣ дода, дар раванди фаъолияти касбии худ барои инкишоф ва такмили он чораҳои зарурӣ андешад.

Калидвожаҳо: *педагог, тарбия, ахлоқ, фарҳанг, илм, маърифат, дониш, тафаккур, таълим, таҳқиқ, такмил, касб, фаъолият, шакл, мафҳум, натиҷа, баррасӣ, шахс, ҷамъият, инкишоф.*

Этикаи педагогӣ пеш аз ҳамма дар аҳди бостон пайдо шуда, дар таълимоти даосизм, конфутсизм, зардуштия ва мактабҳои фалсафии Юнону Рими бостон афкори илми вуҷуд доштааст. Ҳамчунин дар асрҳои миёнаи Шарқ низ мавриди баҳс карор гирифта, аз ҷумла Ал-Киндӣ, Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Ибни Туфайл ва дигар мутафаккирон низ доир ба ахлоқи муаллим ва шогирд таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар осорашон ақидаҳои худро баён кардаанд. Пешрафти ҷомеа ба инсонҳои пур ғановати маънавӣ, ахлоқӣ ва зеҳнӣ дошта бастагӣ дорад. Иқтидори зеҳнӣ ва маънавию ахлоқӣ яке аз омилҳое мебошад, ки ҷомеаро пайваста пеш мебарад. Хусусиятҳои умумии этикаи педагогии фаъолияти касбӣ ва маданияти педагогӣ таълимот оид ба ахлоқ мебошад.

Бояд гуфт, ки этика дар тули таърихи худ дар як вақт ҳамчун дониши ахлоқ ва фалсафаи амалӣ дар шакли таълимот дар бораи ҳаёти дуруст амал мекард. Умуман кодексҳои рафтореро, ки характери хулқии муносибатҳои тарафайни байни одамонро дар фаъолияти касб таъмин мекунанд, этикаи касб меноманд “Ахлоқ маҷмӯи арзишҳои некию бадӣ, инчунин шаклҳои шуур, муносибатҳо, амалиёти ба онҳо мувофиқ аст”. [5, с.22]. Ҳамин тавр, ба он ду вазифа гузошта шудааст: маърифатӣ-тарбиявӣ ва ахлоқӣ-тарбиявӣ. Истиқлолияти нисбӣ ва тафовути байни ин вазифаҳо боиси тадриҷан ҷудо шудани ду қисмати ба ҳам алоқаманд дар дохили ахлоқ - назариявӣ ва меъёрӣ гардид, ки мутаносибан ба шинохти ахлоқ ва таълимоти ҳаёт нигаронида шудаанд. Дар айни замон этикаи назариявӣ илмест, ки ахлоқро ҳамчун падидаи махсуси иҷтимоӣ тавсиф ва шарҳ дода, ба саволҳое ҷавоб медиҳад, ки ахлоқ чист, вай аз падидаҳои дигари ҷамъиятӣ чӣ фарқ мекунад, пайдоиши он дар чист, таърихан чӣ тавр тагйир ёфтааст, механизмҳо ва шаклҳои фаъолияти он чӣ гуна аст, роли иҷтимоии он чист ва гайра. “Илми этика дар бораи арзишҳои ахлоқ баҳс карда, тамоми шохаҳои ҳаётро фаро мегирад.” [10, с.4]

Системаи тафаккури ахлоқӣ, ки бо дастгирӣ ва нигоҳ доштани арзишҳои асосии ахлоқӣ дар ҷомеа нигаронида шудааст. Он ба саволҳои неку бад, рафтори дурусти инсон дар вазъиятҳои рузгор ва ғайра ҷавоб тартиб медиҳад. Ба ин муносибат этикаи меъёрӣ мавқеи муайяни ахлоқиро эълон ва ҳимоя намуда, онро дар шакли идеалҳои ахлоқӣ ифода менамояд. Таҳия ва асосноксозии императивҳои ахлоқии меъёрӣ, ки ба ҳолатҳои инфиродӣ ё маъмулие, ки одамон дар ҳаёти шахсӣ, касбӣ ё иҷтимоӣ дучор мешаванд, соҳаи фаъолияти эҷодкунандагони кодексҳои ахлоқии касбӣ (ахлоқи педагогӣ, этикаи соҳаи хизматрасонӣ, соҳибкорӣ) мебошад. Ҳамаи ин фаъолиятҳо мушаххасот ва татбиқи амалии баъзе принсипҳои умумии ахлоқӣ мебошанд. Аз ин рӯ, хусусияти ахлоқи меъёрӣ дар он аст, ки он барои арзишҳои бунёдӣ заминаи оқилона фароҳам меорад, ки барои амалияи ҳаррӯза роҳнамоӣ мекунанд. Фазои таълимии муосир ба он нигаронида шудааст, ки «Дар ҷаҳони кушоди зудтағйирёбанда сифати асосии касбие, ки муаллим бояд пайваста ба шогирдонаш нишон диҳад, маҳорати омӯхтан аст. Омодагӣ ба тағирот, ҳаракат, қобилияти иҷрои амалҳои ғайримуқаррарии корӣ ва масъулият ҳамаи ин хислатҳои фаъолияти мутахассиси муваффақ пурра ба омӯзгор дахл доранд. Талаботи меъёрии этикаи педагогии фаъолияти касбӣ дар асоси муқаррароти дахлдори ду қисми таркибии ахлоқи умуми - касбӣ ва педагоги ташаккул меёбанд. Этикаи касбӣ ҳамчун кодекси рафторе ҳисобида мешавад, ки хусусияти ахлоқии муносибатҳои байни одамонро, ки дар ҷараёни фаъолияти касбии онҳо ба вуҷуд меоянд, таъмин мекунад. Хусусияти он алоқаи зич бо фаъолияти аъзоёни гуруҳи конкретии таълимию истеҳсолӣ ва ягонагии ҷудонашаванда бо назарияи умумии ахлоқ мебошад. Этикаи педагогӣ як бахши мустақили илми ахлоқу одоб буда, хусусиятҳои ахлоқи педагогиро меомӯзад, хусусияти татбиқи принсипҳои умумии ахлоқиро дар соҳаи кори педагогӣ равшан мекунад, вазифаҳои он, хусусияти мазмуни принсипҳо, категорияҳои ахлоқиро ошкор мекунад. Одоби педагогӣ инчунин хусусияти ахлоқии фаъолияти касбии мутахассисони соҳаи маориф, муносибатҳои ахлоқӣ дар муҳити касбӣ, асосҳои одоби педагогии шахсонеро, ки бо касбомӯзӣ ба таълиму тарбия машғуланд, ошкор месозад. Унсурҳои аввалини этикаи педагогӣ дар баробари пайдоиши фаъолияти педагогӣ ҳамчун вазифаи махсуси иҷтимоӣ пайдо шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки файласуфони ҷомеаи қадим дар осорашон баъзе андешае доир ба масоили ахлоқи педагог иброз доштанд. Чунончи, Демокрит оид ба зарурати мувофиқ гардондани тарбия бо сиришти кӯдак, роҷеъ ба истифодаи кунҷковии кӯдакона чун асоси таълимот, дар бораи афзалият доштани воситаҳои боваркунон бар васоити маҷбурсоз ҳарф зада буд. Афлотун ба ғояи зарурати тобеъкунии атфол ба иродаи тарбиягарон ва назорати пайваста аз болои онҳо, баланд баҳо гузоштан ба итоаткорию гапдароии онҳо ва истифодаи усулҳои муҷозот ҳангоми итоат накардан мӯътақид буд. Арасту тарбияро кори муҳими давлат медонист. Аммо фақат Квинтилиан нахуст шуда масоили педагогиро дар дараҷаи касб қарор дод - тавсияҳои ӯ аз ҷамъбасти таҷрибаи педагог иборат буда, омӯзгору тарбиятгарро аз истифодаи маҷбуркунӣ манъ мекарданд, ба ақли солиму рағбатноки кӯдак ба раванди омӯзиш ва натиҷаҳои он такя карданро тақозо доштанд.

Дар замони Эҳё (ренесенс) ин масоил дар осори Монтен (таваҷҷӯҳманд ба сифатҳои шахсиятии устод, ба ҳисоб гирифтани «майлу рағбатҳои нафсонии кӯдак», талаб накардани қабули ғояҳои устод аз ҷониби шогирд), Коменский (таваҷҷӯҳманд ба муносибати хайрхоҳонаи тарбиятгар ба шогирдон, интиқод аз иҷрои расм - намоишкоронаи ӯҳдадориҳои омӯзгор), Ҷ.Локк (диққат ба муносибатҳои хулқии байни тарбиядиҳанда ва тарбиягиранда, баромад бар зидди маҷбурсоз ва муҷозот, аҳамиятнокии намунаи ибрати шахсии рафтори омӯзгор) мавриди рушду таҳлил қарор гирифтанд”. [5, с.427-428]

Этикаи педагоги баробари инкишоф ёфтани худ талаботи ахлоқии ба замони худ хосро ташаккул дод. Масалан, файласуфони чомеаи кадим (Демокрит, Афлотун, Арасту ва гайра) дар асарҳои

худ доир ба зарурати мувофикат кардани тарбия бо табиати кудак, дар бораи ба сифати асос истифода бурдани кунчковии бачагон, дар бораи бартарӣ додани боварибахш навиштаанд. Аввалин шуда Марк Фабий Квинтилиани римӣ (асри I тахминан сол. (35-96)) масъалаҳои одоби педагогиро ба сатҳи касбӣ бардоштааст - тавсияҳои ӯ ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ буда, муаллимро аз истифодаи зӯроварӣ ҳушдор медод, ба ақли солим ва шавқу рағбати кӯдак ба раванди таълим ва таҳқиқот даъват мекард. Дар асрҳои миёна ҷомеа аз сабаби бартарии дин дар соҳаи маориф ва тарбияи мардум ба масъалаи таҳияи масъалаҳои этикаи педагогӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намекард. Дар давраи Эҳё ин масъалаҳо дар осори М.Монтен, Я.А.Коменский, Ҷ.Локк ва ғайра пайваста инкишоф ёфта буданд. Намояндагони маорифпарварии фаронсавӣ масъалаҳои тарбияи ахлоқиро тафсир карда, талаботҳо ба симои ахлоқии омӯзгор пеш гузоштаан, бо консепсияҳои ахлоқии худ маориф. Хирад, илмро нерӯи муҳаррики пешрафт донистанд. Чуноне Ж.Ж.Руссо мегуфт, “омӯзгор бояд мубарро аз нуқсонҳои инсонӣ дар масъалаҳои ахлоқ бошад, болотар аз ҷомеа қарор дошта бошад” [5, с.428]. Намояндагони равшанфикр (Ж.Ж.Руссо, И.Г.Песталоцци, Ф.Дистервег ва дигарон) талаботи ахлоқии муаллимро мураттаб сохта, мафҳумҳои ахлоқии худро ба миён гузошта, маориф, илм ва ақлро қувваи пешбарандаи пешрафт медонанд. Онҳо муътақид буданд, ки муаллим бояд аз зиштҳои инсонӣ пок бошад ва аз ҷиҳати ахлоқӣ аз ҷомеа болотар бошад. Ин чунин мутафаккирони Шарк аз ҷумла А.Форобӣ дар “Таҳсили саодат” навиштааст: “омӯзгор бояд солимақл, поквичдон, боинтизом, бофиросат, сахтгир ва нармдил бошад”, И.Сино дар “Тадбири манзил” овардааст: “омӯзгор бояд бохирад, сухандон, бовиқору сангин, бомурувват ва покдоман бошад”. [10, с.105]

Марҳалаи сифатан нави инкишофи проблемаҳои этикаи педагогӣ бо демократҳои революционии рус алоқаманд аст, ки онҳо ақидаҳои ахлоқии ходимони маърифатро бой ва чуқуртар гардонданд. Аз ҷумла, Н.А.Добролюбов, ки дар асарҳои худ собит кардааст, ки таълиму тарбия бояд на бар пояи нуфузи фишороварӣ, балки ба маълумоти олӣ ва ҳамаҷониба инкишоф додани муаллим, эътиқоди устувору беғарази ӯ, риояи ҳуқуқи кӯдак асос ёбад. Дар замони шӯравӣ рушди масъалаҳои этикаи педагогиро дар осори В.А.Сухомлинский, В.И.Писаренко, И.В.Чернокозов ва дигарон мушоҳида карда мумкин аст. Онҳо борҳо таъкид мекарданд, ки талаботи ахлоқӣ бояд муносибатҳои зиндаи инсонии байни омӯзгор ва шогирдро инъикос намояд. Дар солҳои охир дар назди этикаи педагогӣ як қатор вазифаҳои мубрам меистод, ки онҳоро ба назариявӣ ва амалӣ ҷудо кардан мумкин аст. Ба инҳо омузиши проблемаҳои методӣ, аниқ кардани структура ва омузиши протсеси ташаккули талаботи ахлоқии муаллимон, кор карда баромадани хусусиятҳои ҷиҳатҳои ахлоқии кори педагогӣ, муайян намудани талаботе, ки ба хислати ахлоқии муаллим вобаста аст, дохил мешаванд.

Вазифаи педагогӣ яке аз категорияҳои муҳимтарини этикаи педагогӣ мебошад. Дар он андешаҳо дар бораи маҷмӯи талабот ва дастурҳои ахлоқие, ки ҷомеа ба шахсияти омӯзгор, ба иҷрои вазифаҳои касбии ӯ пешниҳод менамояд, мутамарказ мекунад. Онҳо иҷрои вазифаҳои муайяни (асосан зеҳнӣ) меҳнатӣ, дуруст сохтани муносибатҳоро бо донишҷӯён, волидони онҳо, ҳамкорон дар ҷои кор, дарки амиқи муносибати шахс ба касби интихобшуда, донишҷӯён ва ҳайати омӯзгорон ва умуман ҷомеаро таъмин мекунанд. Асоси вазифаи касбии педагогиро талаботи объективӣ ва воқеии ҷомеа дар таълиму тарбияи насли наврас ташкил медиҳад. Он инчунин зарурати муносибати эҷодӣ ба меҳнат, серталабии махсус нисбат ба худ, майлу хоҳиши пурра намудани дониши касбӣ ва такмил додани маҳорати педагоги, зарурати муносибати эхтиром ва серталабиро нисбат ба талабагон ва падару модарони онҳо, қобилияти ҳалли ихтилофоти мураккабро дар назар дорад. Шараф ва арзиши педагоги дар педагогика мафҳумест, ки на танҳо дарки омӯзгор аз аҳамияти у, балки эътирофи аҳли ҷамъият, эҳтироми ахлоқӣ ва хислатҳои ахлоқии уро ифода мекунад. Дар касби

омӯзгорӣ дарк намудани шаъну шарафи шахсии ба дараҷаи баланд инкишофёфта равшан зоҳир мегардад. Агар дар рафтор ва муносибатҳои байнишахсӣ талаботи ҷомеа нисбат ба идеали омӯзгор поймол карда шавад, дар ин сурат беэътиноӣ ба шаъну шарафи касбӣ зоҳир мегардад.

Рафтори ахлоқӣ ифодаи хоси сатҳи омодагии касбӣ-ахлоқӣ ва психологию педагогӣ, сатҳи ташаккули хосиятҳои касбӣ-педагогӣ ва сифатҳои доираи шахсии ӯ мебошад. Таҳлили масъалаҳои педагогӣ дар доираи фаъолияти касбии категорияҳои гуногуни роҳбарон нишон медиҳад, ки рафтори касбӣ-ахлоқӣ бидуни истисно дар иҷрои ҳамаи вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ зуҳур ёфта, дар хусусиятҳои гуногуни сифатӣ ифода меёбад. Ин хусусан дар қобилияти риояи методи педагоги, инчунин дар дараҷаи инкишофи у равшан дида мешавад. Тасодуфӣ нест, ки дар ҳамаи таҳқиқотҳо оид ба этикаи касбӣ он ҷузъи ҳатмии он ба ҳисоб меравад.

Андозаи касбӣ-ахлоқии мувофиқ дар аломатҳои (сифатҳои) педагогӣ пурратар ифода меёбад: - серталабӣ бе дағалӣ, паст назадани шаъну эътибори шахсӣ; - устуворӣ бидуни саркашӣ; - киноя бидуни тамасхур, ки шаъну шарафи корманд ё тобеи онро паст мезанад; - бе саркуб ва таҳқир дар шакли ҳукм, пешниҳод, огоҳӣ, пешниҳод ва ҷазо таъсир расонидан; - қобилияти баён кардани фармонҳо, дастурҳо ва ҳатто дархостҳо бидуни манмани ва худхоҳӣ; - қобилияти таълим додан ва тарбия кардани кормандони тобеи онҳо, ҳамкорони тобеи онҳо бе таъкид бартарии онҳо дар дониш ва сатҳи омодагии касбӣ; - қобилияти гӯш кардани тобеъ, ҳамкор, муносибати ҷиддӣ ба таҳияи ҷавоб ба саволи худ ва дигарон. Аломатҳои номбаршудаи методи педагогӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои гуногуни идоракунӣ ва тарбиявӣ зоҳир мешаванд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки самаранокӣ ва сифати фаъолияти касбии онҳо ва аз ин рӯ, самаранокии фаъолияти муассиса, ташкилот ё ширкат баланд гардад.

Барои муайян кардани моҳияти мафҳуми «фарҳанги педагогӣ» якчанд равиш вуҷуд дорад. Аввалан, мафҳуми «фарҳанги педагогӣ» як ҷузъи фарҳанги умумибашарӣ мебошад, ки дар он арзишҳои маънавӣ ва моддӣ, инчунин усулҳои фаъолияти эҷодии педагогӣ, ки барои хидмат ба раванди таърихии насл ва насл заруранд, то ҳадди аксар дар он гзошта шудаанд. Сониян, ин мафҳум хусусияти шахсияти интегралӣ, ки қодир ба муколамаи фарҳангҳо дар маънои фардӣ-шахсӣ мебошад, нишон медиҳад. Сеюм, он ҳамчун системаи динамикии арзишҳои педагогӣ, усулҳои фаъолият ва рафтори касбӣ фаҳмида мешавад, ки ҷузъҳои он мавқеи педагогӣ ва сифатҳои шахсӣ, дониши касбӣ ва фарҳанги тафаккури педагогӣ, маҳорати касбӣ ва хусусияти эҷодии фаъолияти педагогӣ, худидоракунии танзими шахсият ва фарҳанги рафтори касбӣ.

Таҳлили равишҳои пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки баъзе мавқеъҳои умумиро оид ба баррасии фарҳанги педагогии мутахассис ҳамчун яке аз унсурҳои доираи шахсии ӯ нишон диҳем. Инро ба назар гирифта, як катор тадқиқотчиёни соҳаи маориф (А.В.Барабанщиков, С.С.Муцынов ва ғайра) пешниҳод намуданд, ки маданияти педагогиро ҳамчун зуҳуроти хоси маданияти умумии шахс дар соҳаи педагогии фаъолияти у ба ҳисоб гирем. Дар натиҷа он ташаккули мураккаб, динамикӣ, интегралӣ мебошад, ки сатҳи муайяни инкишофи сифатҳои шахсӣ, донишҳои психологию педагогӣ, инчунин малакаю маҳорати амалиро инъикос менамояд, ки самаранокии баланди фаъолияти касбиро таъмин менамояд. Таҳлили асосии мафҳуми «фарҳанги педагогӣ» имкон медиҳад, ки дар он якчанд хусусиятҳоеро муайян намоем, ки ҳам таҳаввулоти ташаккулу инкишофи онҳо ва ҳам доираи татбиқи онҳоро ошкор созем. Ин барои ба таври кофӣ ба низом даровардан ва инъикоси хусусиятҳои умумӣ ва хусусиятҳои он дар шакли се сатҳ асос гардид: Дараҷаи Relic (лотинӣ relictum - боқимонда, хотира) муносибатҳои педагогӣ, меъёрҳо, усулҳо ва шаклҳои раванди педагогиро дар бар мегирад. Ин маҳсули фарҳанги анъанавӣ аст, ки ба он асос ёфтааст, ки равандҳои таълиму тарбия гӯё «аз хотира» тавассути татбиқи таҷрибаи таҷрибавии мавҷудаи ҳаёти қаблӣ ташкил карда мешаванд. Маҳз ҳамин сатҳ аксар вақт дар фаъолияти омӯзгорони ғайрикасбӣ (масалан, воли-

дон ва дигар аъзоёни оила), инчунин бисёр роҳбароне, ки омодагии кофии психологию педагогӣ надоранд ва ё донишҳои мавҷударо ба назар намегиранд, мушоҳида мешавад. Сатҳи воқеии фаъолияти воқеии фазои педагогии муассиса, ташкилотро, ки мувофиқи талаботи низоми имрӯзаи иҷтимоӣ сохта шудааст, таъмин менамояд. Ин дигаргуниҳои педагоги дар дохили система мебошанд, ки ба нормаҳо, талабот ва қоидаҳои қатъӣ дар мавзуи «чӣ таълим додан» ва «чӣ бояд будан» дар шароити муассиса, ташкилот ё корхонаи мушаххас тобовар бошанд. Он дар фаъолияти касбии менеҷер бо назардошти хусусиятҳои шахсии кормандон ва хусусияти равонии воҳиди сохтории тобеи он амалӣ мегардад. Сатҳи потенсиалӣ барномаҳои педагогиро дар бар мегирад, ки ба оянда нигаронида шудаанд. Ин воқеан навоварии педагогист, ки ҳадафҳои он омода кардани системаҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва ғайра ба талаботи фардо мебошад.

Дараҷаи потенсиалии маданияти педагоги инкишофи вазифаҳои идоракуниро таъмин менамояд. Он, пеш аз ҳама, бо фаъолияти шахсиятҳои характери навоварона (ҳам олимон ва чи таҷрибакорон) ва ҷалб намудани ҷамъият ба ҳалли масъалаҳои такмили тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият ифода меёбад.

Аз таҳқиқоти баррасишуда метавон хулоса кард, ки этикаи педагогӣ як бахши мустақили илми ахлоқу одоб буда, хусусиятҳои ахлоқи педагогиро меомӯзад, хусусияти татбиқи принсипҳои умумии ахлоқиро дар соҳаи кори педагогӣ равшан мекунад, вазифаҳои он, хусусияти мазмуни принсипҳо, категорияҳои ахлоқиро ошкор мекунад. Одоби педагогӣ инчунин хусусияти ахлоқии фаъолияти касбии мутахассисони соҳаи маориф, муносибатҳои ахлоқӣ дар муҳити касбӣ, асосҳои одоби педагогии шахсонеро, ки бо касбомӯзӣ ба таълиму тарбия машғуланд, ошкор месозад. Унсурҳои аввалини этикаи педагогӣ дар баробари пайдоиши фаъолияти педагогӣ ҳамчун вазифаи махсуси иҷтимоӣ пайдо шуданд. Фарҳанги педагогии омӯзгор ҷузъи муҳими фаъолияти касбии ӯ мебошад. Он доимо такмил доданро талаб мекунад, то ки тамоми вазифаҳои тайёрии касбӣ ва тарбиявӣ ҳал карда шавад. Дар баробари ин муҳим аст, ки омӯзгор ба ҳолати технологияи педагогӣ диққати кофӣ дода, дар раванди фаъолияти касбии худ барои инкишоф ва такмили он чораҳои зарурӣ андешад.

АДАБИЁТ:

1. Абуали ибни Сино. Донишнома. Пирӯзнома. Рӯшноинома. Рисолаи ахлоқ. – Душанбе, 1982-1988.
2. Абуали ибни Сино. Тадбири манзил. Осори мунтахаб. – Душанбе, 1983.
3. Авесто. Ҷалили Дӯстхоҳ (баргардонанда М.Диловаров). – Душанбе, 2002.
4. Ахлоқ. Ахлоқи Мӯҳсин, Ахлоқи Носир, Ахлоқи Ҷалол, Ашъария. ЭСТ-1.
5. Бердиев Ш.П., Шомуродов Б.Б. Этика. – Душанбе: “Донишварон” 2016. – 528 с.
6. Григорович Л.А. Педагогика и психология: Учеб. пособие для студентов вузов /Л.А.Григорович, Т.Д.Марцинковская. - М.: Гардарики, 2003. - 475 с.
7. Ҳусайн Воиз Кошифӣ. «Футувватномаи султоний». Ахлоқи Муҳсин. Рисолаи ҳотамия. – Душанбе, 1991.
8. Рубинштейн С.Л. Проблемы общей психологии. – М.: Педагогика, 1976.
9. Бабанский В. К. Рациональная организация учебной деятельности //Избр. пед. труды. – М., 1989. – С. 327.
10. Содиқов. Ақидаҳои ахлоқ мутафакирони тоҷик. – Душанбе., 2004.
11. У.А.Ғаффорова, М.Ш.Файзуллоева ЭТИКА илм дар бораи ахлоқ. - Хуҷанд: Ношир, 2020. - С. 4, - 124 с.
12. Харламов И.Ф. Педагогика: Учеб. для студентов вузов, обуч-ся по пед.спец./ И.Ф.Харламов. – 4-е изд., перераб.и доп. - М.: Гардарики, 2002. - 517 с.

ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ЭТИКА И ОБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ КУЛЬТУРА

Гулов И.Ф.

Из рассмотренных исследований можно сделать вывод, что педагогическая этика является самостоятельной отраслью науки об этике и манерах, которая изучает особенности педагогической этики, выясняет характер применения общих этических принципов в сфере

педагогического труда, раскрывает ее задачи, характер содержания принципов, этические категории. Педагогическая этика также раскрывает этическую природу профессиональной деятельности специалистов образования, моральные отношения в профессиональной среде, основы педагогической этики людей, которые занимаются профессиональным образованием и обучением. Первые элементы педагогической этики появились вместе с возникновением педагогической деятельности как особой социальной задачи. Педагогическая культура учителя является важной частью его профессиональной деятельности. Она требует постоянного совершенствования для решения всех задач профессионально-образовательной подготовки. При этом важно, чтобы учитель уделял достаточно внимания состоянию педагогической технологии и принимал необходимые меры по ее развитию и совершенствованию в процессе своей профессиональной деятельности.

Ключевые слова: педагог, образование, этика, культура, наука, просвещение, знание, мышление, воспитание, исследование, совершенствование, профессия, деятельность, форма, понятие, результат, обзор, личность, общество, развитие.

PEDAGOGICAL ETHICS AND EDUCATIONAL CULTURE

Gulov I.F.

From the reviewed studies, it can be concluded that Pedagogical Ethics is an independent branch of the science of ethics and manners, which studies the characteristics of pedagogical ethics, clarifies the nature of the application of general ethical principles in the field of pedagogical work, reveals its tasks, the nature of the content of principles, ethical categories. Pedagogical ethics also reveals the ethical nature of the professional activity of education specialists, moral relations in the professional environment, the basics of pedagogical ethics of people who are engaged in professional education and training. The first elements of pedagogical ethics appeared along with the emergence of pedagogical activity as a special social task. The teacher's pedagogical culture is an important part of his professional activity. It requires constant improvement in order to solve all the tasks of professional and educational training. At the same time, it is important that the teacher pays enough attention to the state of pedagogical technology and takes necessary measures for its development and improvement in the process of his professional activity.

Keywords: teacher, education, ethics, culture, science, enlightenment, knowledge, thinking, upbringing, research, improvement, profession, activity, form, concept, result, review, personality, society, development.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

УДК 172 + 37.012:28

ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯТ АЗ НИГОҲИ ИБНИ ХАЛДУН ВА ИММАНУИЛ КАНТ

Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин – муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара. **Тел:** (+992) 900937054.

Нигоҳи таърихӣ ба улум ва донишҳо як гоми асосӣ ва зарури аст, ки муҳаққиқро бо раванди дигаргунии донишҳо ва пайдоиши назарияҳои навин ошно мекунад. Бо огоҳии таърихӣ ба улум муҳаққиқ метавонанд тараққӣ ва таназзули илмро дарк карда бар иртиботи андешаҳо, қонунҳо ва назарияҳо иҳота ёбад. Ин мақола пас аз тарҳи масъала ва аҳмияти "андеша" ва "таълим ва тарбият" аз дидгоҳи Ибни Халдун ва Иммануел Кант ба баррасии шабоҳати назариявии таълим ва тарбият аз нигоҳи ин ду донишманд мепардозад. Аз ҷумла масъалае, ки ин мақола ба он таваҷҷуҳ намудааст, дидгоҳи Ибни Халдун ва Кантро дар заминаҳои таълим ва тарбият равшан мекунад, инчунин омилҳои муассир бар таълим ва тарбият ва равишҳои мухталифе, ки онҳо дар таълим ва тарбият ба онҳо ишора намудаандро баён намояд. Пас аз он дар як нигоҳи татбиқӣ, мақола кушиш кардааст нигоҳи ҷомеашинохтии таълим ва тарбият аз диди Ибни Халдунро бо нигариши Кант муқоиса намояд. Дар тамоми мактабҳои фалсафӣ расидан ба камоли инсоният, ки гояти зиндагии башар аст фақат ба воситаи таълиму тарбият имкон пазир буда метавонад. Ҳоло табиист, ки андешаҳои иҷтимоии Ибни Халднун ва Иммануил Кант ба унвони ҷомеашиносони машҳури замони худ дар мавзуи таълиму тарбят аз ҷойгоҳи боло бархурдор бошад. Ба тавре, ки ин донишмандон тамоми рафтори башариро натиҷаи андеша ва андешаро таҳти таъсири таълиму тарбият медонанд.

Калидвожаҳо: *Кант, Ибни Халдун, таълим, тарбият, ахлоқ, одоб, омӯзиш, парвариш.*

Таълим ва тарбият аз муҳимтарин масъалаҳои башарият ба шумор меравад. Нақши муҳимми таълиму тарбият дар зиндагӣ ба ҳеч инсони оқил пушида нест. Чаро ки таълим ва тарбияти дуруст метавонад инсонро ба авҷи аъло расонад. Бетаваҷҷуҳӣ ба ин масъала зиёни бузурге ба бор меоварад, ки ҷуброннопазир хоҳад буд. Ҳамчуноне, ки Кант мегӯяд: "...Таълим ва тарбият бузургтарин ва душвортарин масъалаи инсонӣ аст ва он сабаб мешавад, ки мураббиён ба осонӣ аз канори ин масъала бигзаранд ва рӯз ба рӯз ба печидагии ин масъалаи муҳим афзуда шавад ва дар натиҷа тарбияти фарзандони мо бо вуҷуди аз худгузаштагиямон дар ин маврид, дучори бесарусомонӣ шавад, ки ҳаррӯз бештар аз ҳарвақта шоҳид он ҳастем" [2, с.20].

Бо баррасии назарияҳои бузургони ҷомеашинос ба ин натиҷа расидан мумкин аст, ки андешаҳо ва дидгоҳои онҳо дар баъзе аз масъалаҳо наздики ва гоҳе низ мухолифанд. Миёни Ибни Халдун ва Кант бо ин ки аз нигоҳи замон бо якдигар фарқ доранд дар масълаи таълим ва тарбият наздикии зеҳнӣ дида мешавад. Ҳар дуи онҳо ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса доштаанд.

Ин навишта баёни шабоҳат ва усули андешаи иҷтимоии Ибни Халдун ва Кантро дар назар дорад. Ба назар меояд, ки мутолиаи татбиқӣ ва муқоисавӣ яке аз роҳҳои муносиби баёни моҳияти андешаҳо мебошад. Бо таввақҷуҳ ба ин, ки мутолиаи татбиқӣ ва муқоисавӣ ёрикунандаи дарки шабоҳатҳо ва фарқиятҳост, аммо дар ин мақола бештар тавақҷуҳ ба наздикии дидгоҳои ин файласуфон дар масъалаи таълим ва тарбият аст.

Мақсади асосии як мутолиаи муқоисавӣ махсусан дар арсаи андешаҳои тарбиятии бузургони таълиму тарбият он аст, ки дар дараҷаи аввал ба сайри таҳаввулоти фикриву омӯзаҳои тарбиятии ҳар як аз донишмандони мавриди назар диққат шавад. Сипас омилҳое, ки дар шаклгирии назарияҳои тарбиятии онҳо муассир буд, барраси гардад ва дар охир ба дидгоҳои мушобеҳ ва ё мухолифи онҳо дар иртибот бо таълим ва тарбият пардохта шавад.

Ҳадафи ниҳоии мутолиаи татбиқи ин мавзуъ ин аст, ки метавон огоҳӣ ёфт, ки низоми омӯзиш ва парвариши як ҷомеа чигуна ва таҳти чи шароите тавонистааст раванди ислоҳ ва тавсеаи худро бипаймонад. Бояд гуфт, ки мутолиаву муқоисавии осор ва назарияҳои донишмандони гузашта на ба маънои тақлид ва иқтибоси онҳост, балки мутолиаи дидгоҳои онҳо махсусан дар мавриди таълим ва тарбият, тарроҳон ва мудирони омӯзиш ва парваришро дар ҳали душвориҳое, ки онҳо ба он рӯ ба рӯ буданд, огоҳӣ медиҳад.

Абдураҳмон ибни Муҳаммад Ибни Халдун аз андешмандони бузург ва бунёнгузорони ҷомеашиносии илмӣ ва соҳиби андешаҳои муҳим дар таърих, иқтисод, таълим ва тарбият аст, ки дар соли 1332 дар Тунис чашм ба ҷаҳон кушод. Шуҳрат ва овозаи баланди ин мутафаккири бузург ба сабаби китоби “Муқаддимаи таърих”и вай аст, ки ҳақиқатан аз шоҳкорҳои ҷомеашиносии илмӣ, иқтисод, таълим ва тарбиятии ӯ маҳсуб мегардад.

Иммануил Кант низ аз андешмандон ва файласуфони бузург ва ҷомеашиноси олмонӣ, асосгузори фалсафаи классикии Олмон аст, ки дар соли 1724 дар Кёнигсберг, Калининград Русияи ҳозира таваллуд шудааст. Ин донишманд бо таълифот ва осори худ ҳамчун “Нақди ақли холис”, “Нақди ақли амалӣ”, “Бунёди метафизикии ахлоқ” ва дигар осораш машҳур гаштааст [6].

Дар тамоми мактабҳои фалсафӣ расидан ба камоли инсоният, ки ғояти зиндагии башар аст фақат ба воситаи таълиму тарбият имкон пазир буда метавонад. Ҳоло табиист, ки андешаҳои иҷтимоии Ибни Халднун ва Иммануил Кант ба унвони ҷомеашиносони машҳури замони худ дар мавзуи таълиму тарбят аз ҷойгоҳи боло бархурдор бошад. Ба тавре, ки ин донишмандон тамоми афъоли башариро натиҷаи андеша ва андешаро таҳти таъсири таълиму тарбият медонанд.

Ибни Халдун баён мекунад, ки илму омӯзиш зарурате аз ҷомеаи башарӣ аст, ки нишондиҳандаи андешаи инсонӣ дар арсаи иҷтимоӣ аст ва ончи дар зиндагии шаҳрнишинӣ аз осори заковат, ҳушу камоли ақлонӣ ошкор мешавад дар рушду равнақи фанҳо, илму омӯзиш таъсир дорад. Ва ҳар қадар, ки ҷомеа пешрафтатару мутамаддинтар бошад илму омӯзиш ва санъат дар онҷо ба пухтагӣ мерасад [1,с. Ҷ.2. С.793].

Ибни Халдун дар “Муқаддима” дар заминаи усул ва равишҳои таълим ва тарбият баҳс карда аст, вале бештар ба усул ва равишҳои омӯзиш пардохтааст. Ибни Халдун агарчи лафзи таълимро ба мафҳуми васеъ аз таълим ва тарбият ба кор мегирад ва масъалаҳои ахлоқӣ, тарбиятӣ ва равониро таҳти ҳамон унвон баррасӣ мекунад, вале дар хусуси усулу равишҳо, бештар мафҳуми хоси он, яъне омӯзишро дар назар гирифтааст. Ибни Халдун ба масъалаҳои ҷузъитари таълим ва тарбият таваҷҷуҳ дорад ва матлабҳои муҳимеро дар ин замина баён кардааст.

Ҳарчанд маърифатшиносӣ, фалсафаи ахлоқ, фалсафаи ҳуқуқ ва фалсафаи дин, ҳавзаҳои аслии таваҷҷуҳи фалсафаи ҳакими барҷастаи аврупоӣ Иммануил Кант аст, аммо ӯ ҳамчун дигар файласуфон аз масъалаи таълим ва тарбият ғофил набудааст. Кант пас аз баёни охирин дидгоҳҳои худ дар китобҳои “Нақди хиради холис”, “Дин дар маҳдудаи ақли танҳо”, “Бунёди метафизикии ахлоқ” ва дигар китобҳои худ баҳсҳоеро дар ҳавзаи таълим ва тарбият матраҳ сохт, ки ҳосили онҳо дар китоби “Таълим ва тарбият” гирдоварӣ шуд. Кант бо тақсимбанди таълим ва тарбият ба чаҳор мартаба “парвариш”, “омӯзиш”,“одоб” ва “ахлоқ” назарияҳои тарбиятии худро баён кардааст.

Таълим ва тарбият назди Кант аз аҳамияти зиёде бархурдор аст. Аз нигоҳи ӯ тамоми ин чаҳор мартаба “парвариш”, “омӯзиш”,“одоб” ва “ахлоқ” махсуси одамӣ аст. Ҳатто мартабаи “парвариш”, ки аз ду бахш парасторӣ ва тағзияи тифл ташкил мешавад, низ ба инсон ихтисос

дорад. Ҳарчанд одамӣ аз ҷиҳати тағзия монанди ҳар ҳайвони дигар аст [9,с134]. Кант мегӯяд таълим ва тарбият ба маънои, ки муроди ман аст ихтисос ба инсон дорад ва дигар ҳайвонот ниёз ба таълим ва тарбият надоранд.

Кант муътақид аст, ки таълим ва тарбият чанд марҳала дорад. Марҳалаи парасторӣ: мурод ин аст, ки коре бикунанд, ки шахс таҳти таълим ва тарбият ба ҳаёти худ битавонад идома диҳад. Ин кор бештарин аҳамияташ дар чанд соли аввали зиндагӣ аст.

Бо баррасии назарияҳои Кант ба ин нукта метавон таъкид кард, ки ӯ марҳалаи парваришро муҳимтар аз марҳалаи омӯзиш медонад ва ҳатто ба низомҳое, ки таваҷҷуҳашон ба омӯзиш бештар аст нақд карда асоситарин нуқтаи заъфи ин низомҳоро дар ин медонад, ки ба омӯзиш бештар аз парвариш баҳо додаанд. Кант мегӯяд: Вақте, ки бачаҳои шаш-ҳафт соларо ба мактаб меоваранд агар аз муаллимон пурсида шавад, ки чаро ин бачаҳоро инҷо овардаанд? Дар ҷавоб мегуянд ба онҳо алифбо ёд медиҳанд. Вале ба назари Кант муаллим бояд бигуяд ин бачаҳоро овардаанд то нишастан ва сукутро ёд диҳанд, чаро ки озодӣ он қадар барои инсон пурлаззат аст, ки дар ҳамон солҳои ибтидоии зиндагӣ инсон чанд бор маззаи озоди ба комаш нишаст, дигар ҳозир нест даст аз озодӣ бардорад. Мақсад аз парвариш он аст, ки ба афрод нишон диҳанд, озодӣ ҳад ва марз дорад. Ин бачаҳо то як сол пеш ҳарҷо ва ҳар қадар, ки мехостанд озод буданд ҳаёҳу кунанд, ҳоло шумо онҳоро ба мактаб овардаед то ба онҳо бифаҳмонед, ки дигар ҳаёҳу кардан мисли пешин нест.

Пас фаҳмида мешавад нигоҳи Кант дар мавзуи парвариш ду чиз аст. Якум маҳдуд сохтани озодии инсон, дуввум ҳидояти озодӣ.

Кант дар баёни озодӣ ва ҳидояти озодии инсон чунин мегӯяд: “Бояд бидонед, ки агар ин парвариш сурат нагирад, он қадар озодӣ чизи лаззиз ва хушмаззае аст, ки дигар касе пеши онро гирифта наметавонад. Барои он, ки ин озодӣ зараровар нашавад бояд дар солҳои аввали зиндагӣ ба парвариш баҳо дод” [9,с144].

Кант мақсади асоси парваришро маҳдуд кардани озодӣ медонад. Маҳдуд кардани озодиро ба се маъно медонад. Аввал он, ки ба инсон бифаҳмонад, ки озодияшон маҳдуд аст. Ба ин маъно, ки ба озодии дигарон зарба назанад. Дуввум, озодии ту набояд ояндаи шахсии туро бадтар кунад. Яъне агар ба озодие мехоҳи амал кунӣ, ки он озодӣ фардоятро бадтар кунад, ин барои ту манъ аст. Севвум ин ки озодии ту набояд бо комилшудани маънавиёти ту зид бошад. Фарқи севвум бо дуввум дар ин аст, ки дуввумин яъне ояндаи шахс аз нигоҳи Кант фақат аз ҷиҳати моддӣ ва иҷтимоист, вале севвумин на моддист ва на иҷтимоӣ, балки аз ҷиҳати маънавии фард аст.

Солҳои парвариш аз нигоҳи Кант то синни 16 солагиро дар бар мегирад. Кант мегӯяд баъд аз 16 солагӣ ҷомеа метавонад онҳоро таълим ва тарбияи ниҳоӣ диҳанд.

Кант марҳалаи парваришро ба ду қисм тақсим кардааст. Аз як солагӣ то ҳашт солагӣ ва дуввум аз ҳашт солагӣ то шонздаҳ солагӣ. Дар марҳалаи аввал бояд амр ва манъ карданро ба онҳо омӯхт ва сипас итоат карданро хост. Дар ин сину сол набояд ба бачаҳо барои назари худ далел биёварӣ чун дар ин замон рӯҳияи тақлид дар онҳо зиёд аст ва бояд аз ин рӯҳия беҳтарин истифодаро бурд ва фазилатҳоро дар онҳо зиёд намуд. Сабаби дигар ин аст, ки бачаҳо дар ин сину сол таҳлилу барраси карда наметавонанд, ба ҳамин хотир бояд тақлид намоянд.

Аммо, аз ҳашт солагӣ то шонздаҳ солагӣ ин метод иваз мешавад ва бояд бо далел амру наҳйи кард. Дар ин замон онҳо метавонанд аз шумо далел бихоҳанд ва мумкин аст далели шуморо қабул ё рад намоянд. Ба ақидаи Кант бо ин, ки онҳо дар сину соли шонздаҳ солагӣ расидаанд ҳақ надоранд аз дастури шумо саркашӣ намоянд агар саркашӣ намуданд бояд таъдиби баданӣ бояд сурат гирад. Кант дар идома мегӯяд, ки аз шонздаҳсолагӣ ба баъд бачаҳо дигар бача нестанд, балки мустақил шудаанд ва метавонанд мустқилона тасмим бигиранд.

Кант мухолифи ин аст, ки кӯдаконро барои созгорӣ ҳарчи бештар бо вазъи мавҷуд парвариш дод, балки барои беҳбуд бахшидан ба вазъи мавҷуд ҳадафи тарбият бошад. Яъне, бояд фарзандонро тавре тарбият намоем, ки вақте калон шуданд вазъи мавҷуди ҷомеаро беҳтар

кунанд, на ин ки бо вазъи мавҷуд ҳамоҳанг ва ҳамранг шаванд, ки дар охир мисли мо бошанд. Ба ибораи дигар метавон ҳадафи Кант аз тарбиятро чунин баён намуд ва гуфт: “Бачаҳои худро барои замони худатон тарбият накунед балки барои зомони оянда тарбият намоед” [10, с.120].

Як фарқияте, ки Кант дар масъалаҳои омӯзиш ва парвариш мебинад ин аст, ки ӯ омӯзишро нисбӣ дониста, парваришро мутлақ, аммо лозим барои тамоми инсонҳо медонад ва мегӯяд: “ҳадафи омӯзиш зудгузартар ва тахассустар аз парвариш аст. Вақте мо фарзандонамонро парвариш медиҳем ба хотири ин аст, ки мехоҳем инсон бошанд, вале омӯзиш аз он ҷиҳат ки инсон шаванд нест балки ба хотири ин аст, ки мехоҳем фарзандонамон муҳандис, пизишк, муаллим ва ё ... шаванд, омӯзиш медиҳем. Пас парвариш барои ҳамаи инсонҳо лозим аст, вале омӯзиш махсуси ҳар фард бо хости шуғлии ӯ аст. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки омӯзиш зудгузар ва тағйирёбанда аст ба ин маъно, ки вақте ҷомеа пешрафт кард омӯзишҳо низ ба суръат пешрафт мекунанд, вале парвариш чунин нест ва ӯ ҳечгоҳ дигаргун намешавад. Чун ҳадаф аз парвариш инсонсозӣ аст чи дар ин замон ва чи дар замонҳои дигар”.

Кант ба ин назар аст, ки омӯзиш бояд ҷанбаи аҳромшаклӣ дошта бошад. Ба ин маъно, ки дар солҳои ибтидоӣ аз ҳар илме, монанди илмҳои тачрибӣ, фалсафӣ, таърих ба сурати мухтасар таълим дода шавад, оҳиста-оҳиста ин доманаро тангтар кунем ва дар идома як илми хостаре махсуси шуғли ӯ интихоб намоем.

Кант мегӯяд: “мутаасифона дар низоми таълим ва тарбияти мо вазъ чунин аст, ки алфоз ва истилоҳоти зиёд аст, ки лозим нест ҳамаи ин истилоҳотҳо ба бачаҳо ёд дода шавад. Бояд аз ҳар илм як миқдор истилоҳотҳои дақиқро бояд ёд дод”.

Нуктаи муҳимме, ки дар китоби таълим ва тарбияти Кант вуҷуд дорад, фазилатҳои ахлоқӣ аст, ки бояд ба парвариши бачаҳо диққат кард, то дар рӯҳияи онҳо устувор гардад. Кант равиши устувор гардидани фазилати ахлоқиро баён намудааст. Ӯ мегӯяд: аз аввал ба бачаҳо нагӯед, ки “Дурӯғ нагӯед, чун Худо гуфтааст дурӯғ набояд гуфт”. Ба ин сабаб, ки агар баъдҳо барои ӯ аз ҷаҳати фалсафӣ дар бораи вуҷуди Худо мушкил ва нофаҳмие пеш омаду шак кард, ки Худо вуҷуд дорад ё на дар ин замон мумкин аст, ки ахлоқаш аз байн биравад, чун то ҳол рост мегӯфт барои ин ки муътақид буд Худо вуҷуд дорад ва Худо гуфтааст рост бигӯ. Ҳоло ки маълум шуд Худо вуҷуд надорад пас набояд рост ҳам гуфт. Ба ақидаи Кант бояд чунин гуфт: “рост бигуед чун рост гуфтан барои инсон хуб аст ва Худо ҳар чиро ки барои инсон хуб аст амр кардааст”. Агар рӯзе маълум шуд барои ӯ Худо вуҷуд надорад боз он матлаби аслӣ ҷойи худаш боқи мондааст. Яъне хуб будани ростгӯйӣ. Натиҷаи матлаб ин аст, ки ба назари Кант агар рӯзе инсон аз дин хориҷ шуд аз ахлоқ берун намешавад [11, с.452].

Метавон гуфт, ки Кант дар масъалаи ахлоқӣ мухолифи тақлид кардани кӯдакон аст. Кант таъкид мекунад, ки бояд кушиш намоем то кӯдак усули ахлоқиро худаш бифаҳмад ва ба кор бигирад.

Муҳимтарин аслҳои тарбиятии Кантро дар чанд ҷумла метавон хулоса кард.1-Ёдгирӣ аз роҳҳои табиӣ: ба ин маъно, ки кӯдак бояд аз ҷараёни фаолиятҳои табиӣ ёд бигирад, на аз абзорҳои маснуӣ ва бо фишор ва сахтгирӣ. 2-Риояти асли эътидол ва миёнаравӣ: Кант ба ин назар буд, ки дар тарбият на кӯдакро озод бигзорӣ ва сахтгирӣ намоӣ. 3- Маҳдуд сохтани равишҳои подош ва танбеҳ: Қалби фалсафаи тарбияти ахлоқии Кант “ амал ба вазифа” аст, ки амрест бархоста аз сиришти ақли амалӣ ва виҷдони поки башарӣ. Дар ин сурат равишҳои подош ва танбеҳ дар фалсафаи тарбиятии ӯ камтар мавриди диққат қарор мегирад. 4- Асли тадричӣ будани тарбият: интизориҳои беш аз ҳад ва ғайри воқеъбинона аз кӯдак рушди табииро табоҳ мекунад. Пас бояд тарбият ба сурати тадричӣ ва марҳала ба марҳала бошад.

Ҳамчуноне, ки дар боло зикр намудем Ибни Халдун бештар ба масъалаи омӯзиш таваҷҷуҳ карда ва масъалаҳои тарбиятиро дар дохили он матраҳ намудааст. Ибни Халдун дар фасли 29, боби шашуми “Муқаддима” роҳҳои дуруст дар омӯзиши илм ва равишҳои муфиди он оғоз мекунад, ки дар ин ҷо ба сурати мухтасар дар шаш банд баён мекунем. Ва сипас чаҳор

мартабаи тақсимбандии таълим ва тарбияти Кантро дар идома зикр мекунем.

1. Тадричӣ будани омӯзиш. Омӯзиши дониш замоне ба ёдгирӣ меанҷомад ва дар натиҷа малака ҳосил мешавад, ки ба тадриҷ ва дар тули замон сурат бигирад. Ба сурат, ки дар аввал мавзуъҳои асосӣ ба сурати хулоса матраҳ шавад то зеҳни донишомӯз барои фаҳми масъалаҳои дигар омода шавад, сипас омӯзиш ба шарҳи бештар ва бо зикри далел сурат бигирад то матлабро ба беҳтарин ҳолат ёд бигирад.

2. Таваҷҷуҳ ба тавоноии донишомӯзон. Дуввумин нуқтае, ки Ибни Халдун дар китоби худ зикр мекунад ин аст, ки шиносоии тавоноиҳои ақлии шогирдон дар дарку фаҳми мавзуъот лозим буда ва муносиб бо истеъдоди онҳо омӯзиш дода шавад. Аз он ҷое, ки фаҳми шогирдон дар оғози таҳсил бисёр андак аст, ба ҳамин хотир масъалаҳои илмӣ бояд бо мисолҳои ҳиссӣ ва ончи ба зеҳни ӯ наздиктар аст ба таври маҳдуд ва мухтасар то сабаби хастагии вай нашавад ба онҳо омӯзиш дода шавад.

Таҷриба нишон додааст, ки таҳсили илм дар ҳар масъалае, ки бошад агар барои донишомӯз малакаи ҳосил шавад шароитро барои дарки дигар матлабҳо омодатар месозад. Баръакс агар донишомӯз аз аввал матлаберо хуб нафаҳмид тавоноии ӯро барои дарки масъалаҳо маҳдуд мекунад. Онвақт масъалаҳои баъдӣ барои ӯ душвор мешавад ва чи басо аз омӯхтани илм дилсард шуда тарки илмомӯзӣ мекунад.

3. Осонгирӣ ва меҳрубонӣ бо шогирдон. Меҳрубонии муаллим бо шогирдон дар ҳангоми омӯзиш аз равишҳои муҳимми таълим ва тарбият маҳсуб мешавад ва дар пешрафти таҳсил ва тарбияти ахлоқии шогирдон бисёр муассир аст. Аммо сахтгирӣ ва дағалона рафтор кардан нисбат ба онҳо натиҷааш нокомӣ дар таҳсили илм, инчунин таъсири манфии равонии бесёре дар пай хоҳад дошт. Ибни Халдун ба ин масъала таваҷҷуҳ дошта ва осори бади сахтгирии муаллимро нисбат ба кӯдакон баён намудааст. А) Хушҳолии ӯро аз байн мебарад ва рӯҳи ӯро бемор месозад. Б) Шогирдро ба дурӯғгӯйи водор мекунад, то аз танбеҳи муаллим дар амон бошад. В) Макру фиребро ба шогирд меомӯзонад. Г) Иззати нафс ва рӯҳияи дифоъро аз шогирдон мегирад. Д) Сабаб мешавад рӯҳу равони шогирд аз касби фазилатҳои ахлоқӣ боз монад ва дар натиҷа ба ҳадафи ниҳоии таълим ва тарбият нарасад [11, с.454].

Аз назари Ибни Халдуни таъсири манфии сахтгирӣ ба кӯдакон ихтисос надорад, балки корманду коргар ва ҳар кас, ки ба тавре таҳти таълиму тарбияти фарди дигаре воқеъ шавад чунин аст. Ба ҳамин асос Ибни Халдун тавсия мекунад, ки муаллимон нисбат ба шогирдон, махсусан ба кӯдакон ва волидайн нисбат ба фарзандони худ сахтгириву номеҳрубонӣ накунанд ё онҳоро мавриди ҷазои баданӣ қарор надиҳанд. Дар сурати зарурат ҷазо набояд аз се зарба бештар зада шавад.

4. Ҳифзи озодӣ ва шахсият дар шогирид. Аз нигоҳи Ибни Халдун беҳтарин равиши таълим ва тарбият ин аст, ки муаллим ё падару модар ва ё ҳар касе, ки вазифаи тарбият ва омӯзиши илмро ба уҳда гирифтааст, вазифа ва таклифҳои сахт ба донишомӯзӣ ё фарзанди худ надиҳад. Бояд таклиф дӯстона ва ба вуҷуд оварандаи эҳсоси озодӣ ва шахсияти шогирд бошад. Ҳар чиқадар таклиф дӯстона бошад, ҳамон қадар бар донишомӯз таъсир хуб мерасонад ва ҳар чи қадар таклиф ҳокимонаву сахгирона бошад ҳамон қадар дар рӯҳияи шогир асари манфӣ мегузорад ва шахсияти озодонаро аз вай салб мекунад. Дар натиҷа тавоноӣ ва истеъдоди ӯро нобуд мекунад. Ба ақидаи Ибни Халдун бояд муаллимон ва волидай аз ин равиш истифода намоянд [1, с. Ҷ.2. С.422].

Ба ақидаи Ибни Халдун усули дигари илмомӯзӣ ин шуруъи омӯзиш аз содда ба мушкил аст. Яъне бояд бо шогирдон аз масъалаҳои содда, бо мисолҳои ҳиссӣ, ки дар зеҳни шогирдон қобили фаҳманд, бо такрори ин мисолҳо истифода шавад, то дар зеҳни онҳо ба дараҷаи малака бирасад. Аммо гоҳе дида мешавад, ки муаллимон матолиби сахтро ба донишомӯзон омӯзонда, аз онҳо мехоҳанд ин матолибро ҳифз кунанд. Мумкин аст ин равиш сабаби дур мондани шогирдон аз илмомӯзи шавад.

5. Истифода аз равишҳои беҳтар. Муаллим бояд аз тамоми равишҳои омӯзиш огоҳӣ дошта бошад ва битавонад

аз ҳамаи он равишҳо дар тамоми давраи омӯзиш истифода барад. Барои он, ки донишомӯз ба дараҷаи малакаи илм бирасад, муаллим ҳатман аз равишҳои гуногун истифода барад. Ин равишҳо иборатанд аз: 1. Равиши лексионӣ, равишест, ки миёни муаллим ва шогирд робитаи гуфтушунид, як тарафа аст. 2. Равиши амалӣ, яъне илмро бо равиши амалӣ ба шогирдон омӯзондан аст. 3. Равиши баҳсу гуфтугӯи ду тарафа миёни шогирдон ё миёни муаллим ва шогирдон. Ибни Халдун равиши дуввумро беҳтар аз равиши аввал медонад ва равиши севвумро осонтарин равиш барои ёдгирӣ медонад. Ибни Халдун сабаби ба даст наёмадани малака дар илмро надонистани равишҳои омӯзиш медонад. Мумкин аст, ки касе солҳои тулони илм биомӯзад, аммо ба дараҷаи малака нарасад ва ин ба он хотир аст, ки муаллимон аз равишҳои мухталифи омӯзиш истифода намебаранд. Ибни Халдун бо муқоиса миёни ду мактаби Мағриб ва Тунис чунин натиҷа мегирад, ки мактаби Мағриб ба хотири истифода набурдани равишҳои беҳтар давраи таҳсилашон 16 сол буда, дар ҳоле ки мактабҳои Тунис ба хотири истифода аз равишҳои саҳеҳ мисли равиши гуфтугӯи дутарафа миёни шогирдон ва муаллимон ҳамин давраи таҳсилро дар 5 сол ба охир мерасонанд.

6. Бартараф кардани монеаҳои ёдгирӣ. Аз равишҳои муҳимми ёдгирӣ ин бартараф кардани монеаҳои илмомӯзӣ аст. Ба ақидаи Ибни Халдун баъзе аз муаллимон хоста ва ё нахоста бо истифода аз равишҳои манфӣ дар омӯзиш на танҳо заминаи ёдгирии шогирдонашонро фароҳам мекунанд, балки бо эҷод кардани проблемаҳо роҳи ёдгириро мебанданд. Аз назари ӯ монеаҳо ва мушкилоти фаровон дар баробари ёдгирии илм вуҷуд дорад. Муаллимон бояд ин монеаҳор шинохта аз ин равишҳо истифода набаранд аз ҷумла: 1. Истифода кардан аз лафз ва истилоҳотҳои номафҳум. 2. Интихоби матнҳои мухтасар. Ибни Халдун ба ин бовар аст, ки матнҳо дарсӣ бояд равон ва бо мисол ва тамрин бошад то донишомӯз бо такрор он илмро аз худ кунад. 3. Таваҷҷуҳи беш аз ҳад ба илмҳои муқаддамотӣ. Яке аз монеаҳои барои донишомӯзон ин барномарезии нодуруст аст. Яъне бештари вақтро барои илмҳои муқаддамотӣ сарф карда, аз фанҳои аслӣ дур шудан аст. 4- Омӯзиши дарси болотар аз фаҳми шогирд. Ибни Халдун ба ин назар аст, ки агар дарс болотар аз фаҳми донишомӯз бошад ва донишомӯз аз дарки он оҷиз бошад, зеҳни ӯро хаста мекунад ва оҳиста-оҳиста зеҳнро дар дарк кардан танбал месозад, истеъдодро нобуд мекунад, чи басо ӯро ба тарки таҳсил бирасонад. Бинобар ин муаллим тавонмандии шогирдонро дар назар гирифта ба онҳо мувофиқи тавоноияшон илм биомӯзонад. 5- Фосилаи зиёд миёни соатҳои дарсӣ яке аз монеаҳои илмомӯзӣ аст. Ба инмаъно, ки агар байни омӯзиши як мавзуъ фосилаи замонии зиёд бошад, матолиби он дарс оҳиста оҳиста ба фаромушӣ супорида мешавад ва дар зеҳни донишомӯз он матолиб ба дараҷаи малака намерасад. Бинобар ин бояд фосилаи замони миёни соатҳои дар кам бошад [1, с. Ҷ.2. С.430].

Ин буд роҳҳои дуруст дар омӯзиши илм ва равишҳои муфиди он аз нигоҳи Ибни Халдун. Аммо Кант дар масъалаи таълим ва тарбият чаҳор марҳаларо дар назар гирифтааст. Ин чаҳор марҳалаи таълиму тарбият, ки иборатанд аз парвариш, одоб, омӯзиш ва ахлоқ аслҳои ҷудогонае дорад, қасд дорем дар инҷо ба сурати мухтасар баён намоем.

Аввал парвариши ҷисмонӣ: Кант чанд аслро дар ин марҳала зарурӣ медонад аз ҷумла 1- Тағзияи кӯдак бо хӯрокии табиӣ (шири модар). 2- Фароҳамсозии мавқеиятҳои муносиб то кӯдак аз роҳҳои табии ёд бигирад. 3- Риояти эътидол дар рӯ ба рӯ шудани дархостҳои кӯдакон. Кант мухолифи қабули тамоми хостаҳои кӯдакон ва инчунин саркуб кардани дархостҳои кӯдакон аст. Ӯ миёнаравиро дар ин масъала тавсия медиҳад. Чун равиши аввал кӯдакро густох мекунад ва равиши дуввум кӯдакро тарсӯ бор меоварад [2, с.33]. 4- Таълим ва тарбияти сахтгирона барои нерӯмандсозии бадан. Бояд кӯдак ба сахтиҳо одат намояд. Ба ҷои истироҳат кардан дар ҷойи хоби гарм ва нарм, ҷойи хоби сахт дошта бошад. Ба таври куллӣ, таълим ва тарбияти сахтгирона ба нерумандии бадан зиёд кумак мекунад. Ва мурод аз ин навъи тарбият, пешгирӣ аз рӯҳияи роҳатталабӣ аст.

Дуввум одоб: яке аз марҳалаҳои асосӣ дар таълим ва тарбияти Кант ин равиши одобомӯзӣ аст. Метавон ба хуби ба ҷойгоҳи ин марҳала ва нақши он дар шаклгирии шахсияти ахлоқии кӯдак пай бурд. Кант ба ин ақида аст, ки бачаҳо дар оғоз ба мактаб намераванд то чизе ёд бигиранд, балки бештар ба ин манзур аст шояд одат кунанд то сокит биншинанд [2, с.3]. Кант озодиро дар ду маъно ба кор бурдааст. Озодии ҳайвонӣ ва озодии ахлоқӣ. Ба назари Кант ишқ ба озодии ҳайвонӣ чунон дар табъи одами қавӣ аст, ки вақте як бор ба озодии ҳайвони одат кард, ҳар чизеро ба хотири он фидо мекунад. Ба ҳамин хотир бояд адаб чи баданӣ ва ғайри баданӣ ҳар чи зудтар мавриди истифода қарор гирад, зеро агар чунин нашавад, тағйири шахсияти вай дар марҳалаҳои баъдии зиндагӣ душвор мегардад. Метавон гуфт задан ва адаби баданӣ пешгири аз монеаҳое, ки бар сари роҳи рушд ва шукуфосозии ақли амалӣ дар марҳалаҳои баъдии зиндагӣ ба вуҷуд меояд мебошад. Ба ҳамин хотир нақши одатдиҳии кӯдак дар солҳои аввалия дар парвариши ахлоқии вай ошкор мешавад. То одатҳои бад ва хатарнок бартараф нашавад навбат ба пайрезии ҳуввият ва шахсияти ахлоқии мусбат нахоҳад расид.

Аввал эй ҷон, дафъи шарри муш кун,
Вонгаҳон дар ҷамъи гандум ҷуш кун [13].

Кант дар хусуси муқаддам будани адаб ба омӯзиш мегӯяд: бе таваҷҷуҳи дар таъдиб зиёновартар аз бетаваҷҷуҳӣ нисбат ба таълим ва омӯзиш аст. Зеро камбудиҳои аз навъи ахирро метавон баъдҳо дар зиндагӣ ҷуброн кард, вале аз шарри саркашӣ халос наметавон шуд. Иштибоҳ дар таъдиброҳаргиз наметавон ҷуброн кард. Муҳимтарин асли таъдиб иборат аст аз одатдиҳии кӯдак ба мухолифат бо ҳавои нафс ё одатдиҳӣ ба пайравӣ аз дастурҳои ақли амалӣ. Кант мегӯяд одамон бояд аз солҳои аввал, яъне аз кӯдакӣ, худро ба пайравӣ аз дастурҳои ақл одат диҳад, зеро агар дар ҷавонӣ аз ҳавои нафс пайравӣ кунад, дигар ӯ дар тамоми умр шахси бе банду бор хоҳад буд [3, с.5].

Севвум омӯзиш: Кант мисли дигар марҳалаҳо барои ин марҳала низ чанд аслро зарурӣ медонад то таълим ва тарбият ба сурати комил ичро шавад. Аз ҷумла:1- Истифода аз имконоти табиӣ дар омӯзиши кӯдак. 2- Риояти эътидол дар кор ва бозӣ. Ба ин маъно ки, Кант кор омӯхтани бачаҳоро аҳаммияти зиёд медод ва дар ин мавзуъ мегӯяд: “Одами танҳо ҷонваре аст, ки маҷбур аст кор кунад ва пеш аз он ки битавонад аз чизе барои таъмини маоши худ баҳраманд шавад, бояд муддате ба коромӯзӣ бипардозад” [5, с.47]. 3- Парвариши қувваҳои поёнии зеҳн бояд ба хотири рушди қувваҳои оллии зеҳн бошад. Кант ба ин ақида буд, ки қувваҳои сатҳи поёнӣ ба худии худ ҳеч арзише надорад. Масалан марде, ки аз ҳофизаи қаввӣ бархурдор аст, вале қувваи тафаккур надорад, фақат луғатномаи мутаҳаррик аст [4, с.48]. Аз инҷо маълум мешавад, ки Кант инсонияти инсонро вобаста ба қувваҳои зеҳнии бартари вай, яъне қувваи фаҳм, қувваи фарқкунанда ва ақл медонад, на қуввахои ҳофиза, тахайюл ва воҳима. Кант дар бораи ҳифз кардани матолиб ва арзиши тарбиятии он бар ин ақида аст, ки азбар кардани бисёр лозим аст, вале ёдгирии ҳифзӣ танҳо ба хотири варзида кардани ҳофиза аз ҷиҳати тарбияти бе фоидааст. Ҳофиза бояд фақат барои чизҳое, ки ҳифзи он аҳммият дорад ва дар зиндагии воқеӣ, ба кор хоҳад омад ба кор гирифта шавад.

Ибни Халдун низ ин навъи омӯзишро нодуруст дониста, нақд мекунад аз ин ки муаллим донишомӯзонро фақат ба ҳифзи он чи ки ӯ гуфтааст, амр кунад. Ӯ муътақид аст, ки мағзи донишомӯз анбори захира нест, ки бар асари фишори омӯзгор дар ҳифзи матолиб талош намояд. Агар ин фишор сурат гирад ҳатман донишомӯз истеъдоди ёдгирӣ ва парвариши зеҳн ва хушфикриро аз даст медиҳад. Ӯ мегӯяд “омӯзиш як санъате аст, ки мақсади он парвариши истеъдоди ёдгирии зеҳни донишомӯзон аст ва ин парвариш замоне муяссар мешавад, ки донишомӯз ба тамоми асл ва қоидаҳои он огоҳӣ пайдо кунад, на ин ки онро мисли тутивор ҳифз кунад, аммо аз қоидаҳои он хабар надошта бошад» [1,с. Ҷ.2. С.877]. Ӯ барои исботи назарияи худ намунае аз низоми омӯзиши Мағриб, он низоми омӯзише, ки ҳоким дар замони худро шоҳид меоварад ва изофа мекунад ин равиши омӯзиш, донишомӯзонро дар таҳсил ва тезҳушӣ дар илм кумак накард,

зеро танҳо мақсади ин равиши омӯзиш ин аст он матолибе, ки аз тарафи муаллим баён шудааст, бе он ки дар таҳқиқи сиҳат ва хато будани матлаб мунозираи илмӣ ё баррасиҳои илмӣ сурат гирад. Ба ҳамин хотир аст, ки бештари донишомӯзони Мағриб ҳаргиз ҷуръати мушорикат дар мунозираҳои илмиро надоранд [1,с. Ҷ.2. С.877]. Зеро танҳо тутивор ба ҳифзи матлабҳо иктифо кардаанд, дар ҳоле ки мақсади асосӣ дар таҳсили илм ин омодасозии донишомӯз дар таҳқиқи илмӣ аст, ки танҳо аз роҳи мунозира ва баррасиҳои озоди илмӣ ва баҳси озод дар заминаи дониш муяссар мешавад, то донишомӯз битавонад матлабҳои асосиро аз ғайриасосӣ ҷудо кунад ва муҳаққиқ тарбият шавад [8,с 126]. 4- Корбурди шахсии қувваҳои зеҳнӣ. Муносибтарин роҳи рушду шукуфоии зеҳн, ин истифодаи шахсӣ аз қувваҳои зеҳнии худ аст. Кант мегӯяд: “Беҳтарин роҳи парвариши қувваҳои зеҳни ин аст, ки ҳар чизеро ки ба анҷоми он алоқамандем шахсан анҷом диҳем. Масалан вақте нақшаеро ба беҳтарин ваҷҳ мефаҳмем, ки қодир бошем онро пеши худ расм кунем. Амал кардан беҳтарин роҳи фаҳмидан аст” Ин равиш ҳамон равише аст, ки дар асри XX мавриди ҳимояти файласуфони тарбияти прагматизм мисли Ҷон Дюи қарор гирифт ва ба равиши “ёд гирифтан аз роҳи анҷом додан” (learning by doing) маъруф аст. Кант барои парвариши қувваҳои олии зеҳнӣ, махсусан қувваи ақл, равиши Суқротиро тавсеа мекунад. Мегӯяд: барои парвариши ақл бояд тибқи равиши Суқроти амал кунем. Яъне бачаҳо наметавонанд яку якбора аз ақли худ истифода баранд, пас бояд саъй кунем андешаҳои худашонро, ки бар пояи ақл бошад, барои онҳо ошкор кунем, на ин ки ҳамин андешаҳоро аз хориҷ ба зеҳни онҳо ворид кунем” [2, с.54].

Чаҳорум тарбияти ахлоқӣ: тарбияти ахлоқӣ бартарин ва баланд мартабатарин марҳалаи таълим ва тарбият аз дидгоҳи Кант аст. Ҳарчанд мартабаҳои пешин ҳар кадом дар ҷои худ муҳим аст, аммо ҳар кадоми онҳо ба дараҷаи муқаддимаи ин мартаба аст. Ахлоқ дар фалсафи Кант ҷойгоҳи басе баланд дорад. То замони Кант дидгоҳҳо дар хусуси мафҳуми фазилат ё амали ахлоқӣ ба суратҳои гуногун қарор дошт. Маслан аз нигоҳи Суқроту Афлотун ва Арасту фазилат ба маънои ҳикмат, шуҷоат, адолат ва покдоманӣ истифода мешуд. Дар асрҳои миёна фазилатро мутобиқати феъли одамиён бо фармонҳои илоҳӣ, ки дар китобҳои муқаддас омадааст, медонистанд. Аммо аз назари Кант фазилат иборат аст аз иҷрои таклиф [4, с.7]. Тарбияти ахлоқӣ чизе аст, ки ба одамӣ ёд медиҳад чигуна ба унвони офаридаи озод зиндагӣ кунад.

Пас Кант таклифро меъёри фазилат медонад ва ғояти ахлоқро “камол”и одамӣ. Мафҳуми таклиф бо мафҳуми озодӣ пайванди зич доранд. Таклиф ба ин маъност: таклиф иборат аст аз як интихоби озоди зарурӣ ба муҷиби қонун. Ин итнихоб озод аст, чун аз ихтиёри инсон ба вуҷуд омадааст. Зарурӣ ё илзомӣ аст, чун бар хилофи майли ҳиссӣ ва отифӣ аст. Пас таклиф баробар бо худ иҷборӣ аст. Ва ин бар ду навъ аст, илзоми табиӣ ва илзоми ахлоқӣ. Мабдаи илзоми ахлоқӣ ин ирода ё ақли амалӣ аст ва ин ихтиёр аст зеро аз зоти худи инсон бархостааст [4, с.9]. Дар ин сурат тарбияти ахлоқӣ озодапарвар аст. Ва инсони озода он аст, ки аз банди хоҳишҳои шаҳвонӣ озод бошад. Зеро ҳаргоҳ хоҳишҳои саркаш маҳдуд гардад пеши роҳи озодии онҳо гирифта шавад, дар он вақт ақл озод мешавад ва метавонад вазифаҳои худро ба хубӣ анҷом диҳад. Кант мисли дигар марҳилаҳо бари ин марҳила низ аслҳоеро дар назар гирифтааст, аз ҷумла: 1-**Касбӣ будани фазилатҳои ахлоқӣ**. Кант мисли Арасту ва баъзе аз файласуфон ахлоқ ва фазилатҳои ахлоқиро ғайрифитрӣ медонанд яъне омӯзишпазир на зотӣ ва бе ниёз аз омӯзиш. Кант дар ҷавоби саволе, ки оё одамӣ аз ҷиҳати ахлоқӣ хуб аст ё бад? Мегӯяд ҳеч кадом. Чун одамӣ табиатан мавҷуди ахлоқӣ нест. Вақте ақлаш мафоҳими таклиф ва қонунро фаҳм кард мавҷуди ахлоқӣ мешавад. 2- **Ташкили шахсият бар мабнои амали мутобиқи таклиф**. Тарбияти ахлоқӣ бо парвариши шахсияти ахлоқӣ сурат мегирад. Ин бар анҷоми таклифҳои бархоста аз сиришти ақли амалӣ вобастагӣ дорад, на аз таъсири омилҳои берунӣ, мисли танбеҳ ё ташвиқ. Ба ин маъно, ки танбеҳ ва ташвиқ наметавонад шахсияти ахлоқиро

ташкил бидиҳад ва танҳо метавонад инсони тарсӯ ё инсони мағрур ва худхоҳ ба вуҷуд биоварад. Кант мегӯяд: “Агар кӯдакро ба хотири беадабие, ки аз ӯ сар задааст танбеҳ кунед ва ба хотири рафтори хубаш подош ва ташвиқ кунед, дар ин сурат барои подош гирифтан хушрафторӣ хоҳад кард. Аммо дар ҷомеа вақте кӯдак дид, ки ҳамеша хушрафтори сабаби гирифтани подош нест ва табаҳкор ҳамеша ҷазо намегирад, дар ин сурат кушиш мекунад фақат барои расидан ба манфиат ва дур мондан аз зарар амал кунад чи он амал хуб бошад ё бад”. 3-**Ҳифзи шарофати ахлоқии инсон ба унвони як мавҷуди озод ва иҷрои таклифҳои худ дар баробари хештан ва дигарон.** Кант дуруғгӯйиро бузургтарин нақзи таклифи инсон нисбат ба худ медонад. Дуруғгӯйи иборат аст аз дур андохтан ва дар воқеъ нобуд кардани арзишҳои волои инсонӣ аст [4,с.92]. Бо дуруғ гуфтан аст, ки кӯдак худро ба мақоми пойинтар аз инсон мерасонад. Дуруғгӯйи одамро хору паст мекунад ва иззати нафс ва эътимод ба нафс аз байн меравад. Кант дар мавриди чоплус ва фиребгар менависад: “Инсон дорои мақоми бузург дар ҷаҳони ҳастӣ дорад, набояд ин каромат ва арзиши ахлоқии зоти худро ба хотири расидан ба хостаҳои нафсонӣ ва ҳайвонӣ дар назди дигарон фидо кунад” [4,с.100].

Дар охир ба чанд тавсияҳои Ибни Халдун дар боби таълим ва тарбият ба мураббиён ва муаллимон мақолаи худро ба охир мерасонем. Ибни Халдун барои муаллимон дар амри таълим ва тарбият мефармояд, ки муаллим бояд аз илми мантиқ бохабар бошад. Донистани илми мантиқ кайфияти амалкарди тарбиати фикриро сомон медиҳад ва ёдгирии дақиқи вожаҳо, чигунагии далолати лафз бар маъониро меомӯзонад. Ибни Халдун сипас бо муқоисаи равишҳои таълим ва тарбият дар Мағрибу Андалусия инчунин Африқо ва Машриқ мепардозад шабоҳат ва фарқиятҳо, нуқоти мусбат ва манфии онҳоро дар назар гирифта, муҳимтарин нуқтаеро, ки Ибни Халдун бар он таъкид мекунаду ба муаллимон тавсия бар риояти он менамояд ин сахтгирӣ накардан ба шогирдон аст, махсусан он шогирдоне, ки соли аввал ба мактаб барои омӯхтани илм меоянд. Яке аз паёмадҳои сахтгирӣ ба ақидаи Ибни Халдун дар амри таълим ва тарбият ин падид наёмадани малака дар илмомӯзӣ аст, зеро сахтгирӣ дар таълиму тарбият сабаби танбалӣ шуда, донишомӯзро маҷбур ба дуруғгӯйӣ, барои раҳои аз зери фишор ба фиребкорӣ мерасонад. Дар охир ба ҷойи касб кардани сифатҳои некӯ аз инсоният дур мешаванд. Ибни Халдун чунин натиҷа мегирад, ки сахтгирӣ дар ҳаққи мутаалимон як навъ зулм ба ҷомеаи инсон аст.

Ҳамин тавр, миллате, ки дар як муддати зиёд зери фишори бемеҳрӣ қарор гирад, коплекси равонӣ ба бор меояд ва ахлоқи хуби инсониро аз даст медиҳад ва дар натиҷа ба як миллати лаҷбоз ва фиребкор табдил мешавад. Ин яке аз нуқтаҳои бисёр муҳимми тарбиятӣ аст, ки Ибни Халдун ва Иммануил Кант ба унвони равоншиносии иҷтимоӣ таҳлил кардаанд.

АДАБИЁТ:

1. Дарсҳои фалсафаи ахлоқ. И. Кант, Тарҷумаи Манучеҳри Сонеӣ Дарабедӣ. Теҳрон интишороти нақшу кор.1380
2. И. Кант.Трактаты и письма.- М.: Наука,1980
3. Ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун. – Теҳрон: Интишороти Илм ва фарҳанг, 2012.- Ҷ.2. С.793
4. Коплтстон Ф.Ч. История философии, [Текст] Современная философия из французкое просвещение до Канта // Лондон 1960, Том 6. С.211-212
5. Мабонии мобаъду табии таълим ва фазилат. И. Кант,Тарҷумаи Манучеҳри Сонеӣ Дарабедӣ. Теҳрон интишороти нақшу кор.1383
6. Маснавии Маънавӣ, Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ, дафтари аввал бахши 16
7. Муҷтаҳиди Каримӣ. Фалсафаи нақодии Кант, [Матн] Нашр Ҳуммо. Теҳрон 1984.
8. Сайри ҳикмат дар Аврупо. Фуруғӣ м. А. Теҳрон интишороти Завор 1372
9. Сақафӣ М. Ибни Халдун нахустин ҷомеашиноси мусалмон.- Теҳрон: Интишороти Ҷомеашиносон, 2014.С. 126
10. Санҷиши хиради ноб. И. Кант, Тарҷумаи Миршамсиддин Адиб Султонӣ. Теҳрон интишороти амир кабир. 1368

11. Таълим ва тарбият. И. Кант. Тарҷумаи Ғуломҳусейн Шакуҳӣ теҳрон. Интишороти донишгоҳи Теҳрон. 1368

12. Фалсафаи Кант. Нақибзода Ҷалолӣ. Интишороти “Огоҳ”, 2020.

13. Фалсафаи Кант. Карл Ясперс. Тарҷумаи Нақибзода Ҷалолӣ, Интишороти Туҳурӣ, 2011

ОБРАЗОВАНИЕ И ВОСПИТАНИЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИБН ХАЛЬДУНА И ИММАНУИЛА КАНТА

Аркомиддинзода Ш. А.

Исторический взгляд на науки и знания является основным и необходимым шагом, который знакомит исследователя с процессом изменения знаний и появлением новых теорий. Обладая историческим знанием наук, исследователь может понять прогресс и упадок науки, а также охватить взаимосвязь идей, законов и теорий. Данная статья после постановки проблемы и значимости «мышления», и «образования и воспитания» с точки зрения **Ибн Хальдуна** и **Иммануила Канта** рассматривает сходства теоретических взглядов на образование и воспитание у этих двух ученых. В частности, статья сосредоточена на освещении точек зрения Ибн Хальдуна и Канта в контексте образования и воспитания, а также на объяснении факторов, влияющих на образование и воспитание, и различных методов, на которые они указывали в образовании и воспитании. После этого, в сравнительном анализе, статья пытается сопоставить социологический взгляд на образование и воспитание с точки зрения Ибн Хальдуна со взглядом Канта. Во всех философских школах достижение человеческого совершенства, являющегося целью человеческой жизни, возможно только посредством **образования и воспитания**. Естественно, что социальные идеи Ибн Хальдуна и Иммануила Канта, как известных социологов своего времени, занимают высокое положение в вопросе образования и воспитания. Эти ученые считают все человеческое поведение результатом мышления, а мышление — находящимся под влиянием образования и воспитания.

Ключевые слова: Кант, Ибн Хальдун, образование, воспитание, этика, мораль, обучение, развитие.

EDUCATION AND EDUCATION FROM THE VIEWPOINT OF IBN KHALDUN AND IMMANUEL KANT

Arkomiddinzoda Sh. A.

The historical view of sciences and knowledge is a basic and necessary step that introduces the researcher to the process of knowledge change and the emergence of new theories. With historical knowledge of sciences, the researcher can understand the progress and decline of science, as well as grasp the relationship between ideas, laws and theories. This article, after setting the problem and significance of “thinking” and “education and upbringing” from the viewpoint of Ibn Khaldun and Immanuel Kant, examines the similarities in the theoretical views of these two scholars on education and upbringing. In particular, the article focuses on highlighting the views of Ibn Khaldun and Kant in the context of education and upbringing, as well as explaining the factors influencing education and upbringing and the various methods they pointed out in education and upbringing. After that, in a comparative analysis, the article tries to compare the sociological view of education and upbringing from the point of view of Ibn Khaldun with the view of Kant. In all philosophical schools, the achievement of human perfection, which is the goal of human life, is possible only through education and upbringing. Naturally, the social ideas of Ibn Khaldun and Immanuel Kant, as famous sociologists of their time, occupy a high position in the issue of education and upbringing. These scientists consider all human behavior to be the result of thinking, and thinking is influenced by education and upbringing.

Keywords: Kant, Ibn Khaldun, education, upbringing, ethics, morality, training, development.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ОНТОГЕНЕЗ ВА АНТРОПОГЕНЕЗИ ИНСОН

Зокиров Б.М.- ассистенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Телефон: (+992) 908800889

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи ҷанбаҳои онтогенез ва антропогенези инсон дар замони муосир мавриди муҳокима карор додааст. Муаллиф системаи ақидаҳоро дар ин равия нишон дода, назари олимонро муқоиса мекунад. Дар мақолаи мазкур инчунин муаллиф ташаккули институтҳои ҷомеаро аз нигоҳи олимон мавриди таҳлил карор дода, пайдоиш ва инкишофи онҳоро дар системаи онтогенез ва антропогенези инсон ва ҷомеа нишон дода, накши онҳоро қайд мекунад. Муаллиф махсусан барномаҳои иҷтимоиро ҳамчун шакли амалисозии сиёсати иҷтимоии муосир нишон медиҳад. Дар мақолаи мазкур муаллиф истифодаи асоснок ва назариявии усули таҳлили фалсафӣ-муқоисавиро истифода карда, муайян намуд, ки усули антропологӣ на танҳо таҳлили як раванд, балки якчанд ҳолатҳоро дар бар гирифта, онҳоро бо ҳам муқоиса мекунад. Дар ин маврид бартарӣ ва норасогии ҳолатҳо бараъло инъикос мегарданд. Ин усул дар илми фалсафа дар таҳлили ақидаҳо истифода мешавад ва дар асоси он роҳи пешрафти ҷомеа гузошта шудааст. Муаллиф муҳимияти онтогенез ва антропогенези инсонро барои таҳлили ҷомеа қайд намуда, аҳамияти чунин таҳқиқотро дар илми фалсафа баррасӣ мекунад. Дар мақола инчунин муаллиф масъалаи худшиносиро ҳамчун қисми онтогенез ва антропогенези инсон мавриди муҳокима карор додааст. Дар мақола системаи ҷамъиятии озодӣ ва вобастагии инсонро дар ин равия нишон дода, роҳҳои пешгирии нобаробарии иҷтимоиро қайд мекунад. Аз он ҷумла муаллиф дар мисолҳо пайдоиш ва инкишофи институтҳои онтогенез ва антропогенези инсонро дар ҷомеа нишон дода, нақши онҳоро ҳамчун институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳлил мекунад. Муаллиф махсусан барномаҳои иҷтимоии давлатро ҳамчун шакли амалисозии сиёсати иҷтимоии давлат нишон медиҳад.

Калимаҳои калидӣ: *онтогенез, антропогенез, иҷтимоӣ, давлат, барнома, фалсафа, ҷомеа, усул, таҳлил, муқоиса, ақида, тамаддун, маъно, моҳият.*

Мутобиқи ақидаи Энгелс ду тарафи масъалаи асосии фалсафа вуҷуд дорад, ки онҳо муносибатҳои онтологӣ ва гносеологиро пешбинӣ мекунанд. Муносибатҳои онтологӣ масъалаи авлавияти материя ва гносеология бошад фаҳмиши ин масъалаҳоро бар бар мегирад. [8, с. 78] Онтологияи табиӣ, маънавӣ, фард ва ҷомеа баробар омухта мешавад, гарчанде мавҷудияти онҳо ба илмҳои гуногун таалуқ дорад. Олами ҳастӣ ҳамчун мавҷудияти объективӣ воқеияти куллро ташкил медиҳад ва ин воқеият қабл аз инсон ва новобаста аз иродаи инсон объективона вуҷуд дорад. Шаклҳои асосии мавҷудияти моддӣ, дар навбати худ, ба мавҷудияти ашё, равандҳо, табиат дар маҷмуъ, қисмҳои он, ҳолат ва мавҷудияти ашё ва равандҳои тавлидшудаи инсон (табиати дуюм) тақсим мешавад. Хусусиятҳои фарқкунандаи табиати дуюм дар он дида мешаванд, ки он аз табиати якум бармеояд. Илова бар ин, он ҳамеша ба иҷтимоӣ нигаронида шудааст (аз ҷониби шахс барои қонеъ кардани ниёзҳои инсон офарида шудааст). Ғайр аз ин он табиати дуюм ҳамеша як ҷузъи рӯҳонӣ (ният, идеяи эҷодкор) дорад.

Ҳама омилҳое, ки ба шахс мавқеи нисбатан устуворро дар ҷаҳон фароҳам меоранд ва барои тағйири ин мавқеъ имкониятҳои мувофиқро таъмин мекунанд, маҳсул ва арзишҳои табиати дуюми инсон – фарҳанг мебошанд. Худи мутобиқшавӣ ба воқеияти иҷтимоӣ,

омӯхтани зиндагӣ, аз худ намудани арзишҳои он ва қабули ин арзишҳо ба олами ботинии маънавии шахс дохил мешавад. Аз ин рӯ, инсон ба ҳифзу ғамхории дуру дарози падару модар, мураббиён, омӯзгорон, табибон, дӯстон, муассисаҳои иҷтимоӣ ва давлат ниёз дорад. Инсон ягона махлуқ дар ҷаҳон аст, ки қодир ба қабули қарорҳои озод ва озодона хусусият ва самти фаъолияти худро интихоб кунад. Ин қобилият то ҳадде паҳн мешавад, ки шахс қобилияти дидани уфуқҳои имконот ва роҳҳои тағир додани ин вазъият ва вариантҳои рафтори худро, ки ба татбиқи ин имкониятҳо нигаронида шудаанд, пайдо мекунад. Намояндагони антропологияи фалсафии олмонӣ ҷои инсонро дар ҳастӣ ҳамчун «худшиносӣ» тавсиф мекунанд. Ин аст, ки ғояи фардият, озодӣ, масъулият ва ғайра аз худшиносӣ оғоз мешавад. Аммо ақидаи гуногунандешии асосҳои мавҷудияти инсон дар доираи тафсири антропологии ӯ қарор дорад. Нависанда ва файласуфи фаронсавӣ, барандаи ҷоизаи Нобел дар адабиёт А. Камю (1913-1960) гуфтааст, ки «Ман наметавонам бифаҳмам озодие, ки аз боло ба ман дода шудааст, чӣ метавонад бошад... Ягона озодие, ки ба донишам дастрас аст, озодии ақл ва амал аст. Пас, агар имконияти озодии абадӣ барҳам хӯрад, пас вай ба ман озодии амал медиҳад ва ҳатто онро зиёд мекунад» [6, с. 84].

Чунон ки А. Гелен қайд мекунад, одам дар онтогенез олами даркшударо «рахна» карда, чизи диданашавандаро аз худ мекунад ва фарҳанг ва техникаро ба вуҷуд меорад. Муносибати махсуси инсон ба табиат ва истеҳсолот фаъолияти бошуурона барои табдил додани ашёи табиат ба ашёи маданӣ мебошад. П. Тейхард де Шарден дар китоби худ «Феномени одам» инро пайдоиши дунёи нав номид [3, с. 56]. Абстрактсия, мантиқ, риёзӣ, санъат, ва дигар самтҳои фаъолияти инсон ин ҳама маҳсули фаъолиятҳои ҳаёти ботинии инсон мебошанд. Тейхард де Шарден маҳз ҳаминро омили фарқияти инсон аз ҳайвон шуморид – инсон табиатро ба худ тобеъ мекунад. Идеяи инъикоси табиат дар шуури рефлективӣ ва тайғири онро Афлотун дар муколамаи «Театет» бо Суқрот чунин овардааст:

«*Суқрот: Зери и*бораи «фикр кардан» шумо чиро мефаҳмед? Магар он чизе ки ман дар назар дорам?

Театетус: Шумо бо ин чиро дар назар доред?

Суқрот: Сӯҳбате, ки рӯҳ бо худ дар бораи мавзуи таҳқиқоташ дорад. Ба назари ман ин сухан гуфтан, аз худ пурсидан, ҷавоб додан, тасдиқ кардан ва инкор кардан мебошад. Вақте ки инсон чизеро муайян кард ва худро аз дудилагӣ озод кард, мо инро фикри ӯ мешуморем». [10, с. 34]. Ҷон Локк фикр ва мулоҳизаро амалиёти махсуси субъект бо шуури худ меҳисобид, ки дар натиҷаи он шуур манбаи тавлиди андешаҳо мегардад. [5, с. 67]

Шуури инсон аз инъикоси умумӣ ва мақсадноки воқеият ва интизории натиҷаҳои онҳо, танзими оқилона ва худтанзимкунӣ иборат аст. Шуур заминаи қатъии моддӣ дорад. Шуур чун қобилияти дарк кардани воқеияти атроф хоси инсон аст. Он бо як қатор омилҳо ба монанди, табиати биологӣ ва иҷтимоии шахс, афкори ҷамъиятӣ, маданияти иҷтимоӣ, дараҷаи инкишофи системаи ҷамъиятӣ, манфиату мақсадҳои гуруҳҳое, ки ин шахс ба онҳо тааллуқ дорад ва ғайра муайян карда мешавад.

Инкишофи диалектикаи Гегел, К. Маркс ва Ф. Энгелсро ба чунин хулоса оварда, ки шуурро амалияи ҷамъиятӣ, тараққиёти ҷамъият равнақ медиҳад ва муайян мекунад. [9, с. 23] Шуур ҳамчун мавҷудоти моддии бошуур дарк карда шуд. Маълум шуд, ки «ҳастӣ шуурро муайян мекунад». Илова бар ин, ду гурӯҳи муҳимтарини омилҳое, ки шуурро ташкил медиҳанд – биологӣ (ҳаёт) ва иҷтимоӣ (ҷомеа) ҷудо карда шуданд. Маънои ҳаёт, ки дар худи раванди антропогенез сарчашма мегирад, дар умум раванди фардикунонии инсон мебошад. Маҳз хусусияти фардияти инсон аст, ки бар хилофи ҳайвонот руҳи инсонро тақвият мебахшад. И.С. Кон дар китоби худ «Психологияи давраи наврасӣ» қайд мекунад, ки рушди инфиродӣ аз рӯи табиаташ эҳтимолан гуногунандешӣ аст. [11, с. 112] Раванди он ва на натиҷаҳои он дар самти гуногун равона мебошанд ва инсон мунтазам инкишоф меёбад. Ташаккули инсон бо ягон давраи ҳаёт маҳдуд намешавад.

Аммо инсонҳо нобаробар инкишоф меёбанд, ки ин боиси фарқиятҳои зиёди биологӣ, гурӯҳӣ ва фардӣ мегардад. Рушди ҳаёт бо омилҳои сершумор муайян карда мешавад, ки онҳоро қисман системаи биологӣ ва тарбия ташкил медиҳад. Инсон дар шахсияти худ на танҳо маҳсул, балки субъект, офарандаи рушди худ мебошад. Дар марҳилаҳои гуногуни синну соли онтогенез таносуби гуногуни инкишофи умумӣ ва инфиродии инсон ба қайд гирифта мешавад. Педагогика бояд ин фарқиятро ба назар гирифта, диққати худро ба афзалияти усулҳои таълиму тарбия вобаста ба характери он вазифаҳое, ки ҳалли онҳо объективӣ аз хусусиятҳои синнусолии инкишофи кӯдак вобаста аст, равона кунад. [11, с. 67]

Ба ақидаи К. Юнг, раванди инкишофи инсон ҳеҷ гоҳ аз доираи якпорчагӣ – табиати инсон дур намеравад. Қадами аввал дар ин раванд кашфи шахсият аст, яъне чӣ гуна мо худро ба ҷаҳон муаррифӣ мекунем, ки тавассути он мо бо дигарон робита дорем. Муносибати байни фардият ва ҷамъиятро К. Юнг бо ҳолати ботинии шахс вобаста мекунад. Ин омил муносибати шахсро ба ҳолатҳои иҷтимоии объективии берунӣ муайян мекунад. Бинобар ин, экстраверсия ва интерверсия дар характери инсон на аз рӯи ҳолатҳои берунии мавҷудияти шахс, балки бо сифатҳои дохилии равонии ӯ муайян карда мешаванд. [12; С. 45]

А. Адлер системаи психологияи фардиро асоснок карда, ҳадафи ҳаёти шахсро бо системаи арзишҳо, муносибатҳо ва хусусиятҳои дарки субъективии муҳит (аперсепсия) вобаста мекунад. Ҳамин тавр рушди равонӣ ин ҳаракат аз тарафи шахс ба суи муҳити зист ва аз азхудкунии муҳит ба рушди худи шахсият (ба сӯи фардият) мебошад. [11, с. 76]

Инсон бо бо муҳити атроф тавассути кор, дӯстӣ ва муҳаббат алоқа дорад. Дар фаъолияти корӣ инсон бо истеҳсолот ва музди кор, дар дустӣ бо муошират ва дар муҳаббат бои дома додани насли инсоният сару кор дорад. Ҳамин тавр антропосоциогенез дар худ филогенез ва онтогенезро инъикос мекунад.

Равоншиноси англис Л. Смит чунин мешуморад, ки префикси «худ» (худшиносӣ, худфаҳмӣ) дар солҳои 1640 аз ҷониби просвитерианҳои шотландӣ таҳия шудааст, ки асоси фардияти инсонро гузошта буд. Аммо дар давраи нав дар Ғарб категорияи фардият бо дарки шаъну шарафи инсон ҳамчун фард зич алоқаманд гардид. Дар фарҳанги муосири Ғарб ғояи шахсият ҳамчун фард ба як постулати ахлоқӣ барои эътирофи ҳуқуқи ҳар як шахс табдил ёфтааст. [12, с. 86]

Дар таълимоти Буддо роҳи худшиносӣ ба ранҷи дохилии фард хотима мебахшад, зеро инсон дар ин дунё ва на дар охират ранҷу азобро бартараф карда метавонад. Дар фалсафаи Чин худшиносӣ ин майл кардан ба камолоти донишро асос медонад. Файласуфи Чин Лао Сзи (асри VI-V п.а.м.) гуфта буд, ки «касе ки дониш дорад аммо худро нодон вонамуд мекунад, аз ҳама боло аст. Касе ки намедонад аммо худро доно мегирад, вай бемор аст». [7; С. 44] Барои Гегел, худшинос шудан ба маънои калимаи олмонӣ «geist» яъне «сабаб» омадааст. Гегел тафаккури умумибашарии Рӯҳ ё Ақлро дар назар дошт, ки дар онтогенези олам ифодаи худро меёбад. Гегел чунин мешуморад, ки мо метавонем бо пайравӣ ба усули диалектикӣ ба ҳақиқат наздик шавем. Касе идея – тезис ва дигаре зиддият – зиддитезисро ба миён мегузорад, ки идеяи аввалро зери шубҳа мемонад. Аз ин таъсири ду мавқеъ мавқеи сеюм бештар бо назардошти ҳар ду ҳамчун синтези онҳо ба миён меояд. Ва он гоҳ, аксар вақт, он равандро дубора оғоз мекунад. Синтези нав ба тезис табдил меёбад ва ҳамаи ин то он даме, ки бо Рӯҳ фаҳмиши комил вуҷуд наояд, идома меёбад. Дар порчаи машҳури «Феноменологияи рӯҳ» (1807) ӯ дар бораи муборизаи байни хоҷа ва ғулом сухан мекунад. Хоҷа мехоҳад ҳамчун шахси мустақил шинохта шавад ва барои ин ба ӯ ғулом лозим аст. Оқибат хоҷа ва ғулом эҳтиёҷоти худро ба ҳамдигар дарк мекунанд ва азм мекунанд, ки озодии дигаронро эҳтиром кунанд. Озодии ҳақиқӣ танҳо дар ҷомеаи дуруст ташкилшуда таваллуд шудааст. [4, с. 98]

Умуман, хусусияти асосии худшиносии шахс на танҳо фарқ кардани ӯро аз

оммаи одамони дигар, балки дарки он аст, ки вай тавассути тафаккур худро аз субъектҳои иҷтимоии баробарҳуқуқии худ фарқ мекунад. Дар баробари ин таъкид кардан бамаврид аст, ки худшиносӣ танҳо тавассути тавассути шинохти дигарон имконпазир аст, зеро барои муқоисаи худ ва омма маълумот медиҳад ва ин маҳсули тамоми раванди антропосотсиогенез мебошад. Фақат дар натиҷаи вохурии як шахе бо шахси дигар, фаҳмидани бартарии як фардият аз фардияти дигар имконпазир аст. Агар инсон барои фаҳмидани худ ба ҷамъият муроҷиат мекунад, пас ба ин маъно, фардикуниро, ҳамчун муҳимтарин усули иҷтимоисозии шахсият амал карда, мазмуни асосии раванди антропосоциогенез донистан мумкин аст.

Аммо фард на танҳо барои худшиносӣ ба ҷомеа ниёз дорад, балки ҷомеа ҳам маънои аслии худро дар он вақт дарёфт мекунад, ки мавҷудияти ҳар як фардро таъмин намояд, зеро ҷамъият ба фардияти ҳар як аъзои он вобаста аст ва маънои фард аз маънои ҷамъият бармеояд.

Вале бояд ба назар гирифт, ки коллективизм хавфи иваз кардани фарди шахси конкретӣ бо хислатҳои коллективро ифода мекунад ва масъулияти шахсӣ бо масъулияти коллективӣ иваз карда мешавад. Дар ин ҳолат масъулият ҳам аз объекти баҳодиҳӣ ва ҳам аз субъекти арзёбӣ амалан дур мешавад. Ба истилоҳ "масъулияти муштарак" боиси таъсиси квазивиҷдон ва конформизм (мутобиқ бо ҷомеа) мегардад, ки аз ҷиҳати ахлоқӣ ноустувор мебошад.

Аммо конформизм ва коллективизм барои мавҷудияти мушкилоти «ман – онҳо», «шахс – ҷомеа», «масъулият – виҷдон» низ мусоидат мекунад, зеро ҳама вақт шахсе пайдо мешавад, ки фикри дигар дорад, ки бо умум муқобил аст. Дар баробари ин, аз нуқтаи назари ахлоқӣ, ғояи коллективизм, хоҳу нохоҳ, боиси мафҳуми гуноҳи коллективӣ мегардад. Аз одамон чизе талаб карда мешавад, ки дар ҳақиқат ҳамчун субъектхои алоҳида барои он ҷавобгар нестанд, зеро ин оқибати рафтори коллектив мебошад ва масъулият, ба ихтиёри субъекти коллективӣ (ҷамъият) мегузарад.

Ҷомеа, агар майдони зуҳур ва дарки шахсият бошад ҳам, аз тарафи дигар, ҷомеаро берун аз фардият ва беҳамтоии шахсиятҳои инсонӣ, ки онро ташкил медиҳанд, амалӣ кардан номумкин аст. Ҳар як шахс барои ҷомеа маҳз аз рӯи фардият, вижагиҳои худ арзишманд аст, на аз рӯи шабоҳат буданаш бо дигар аъзоёни ҷомеа. Албатта, ҷомеа хусусиятҳо ва сифатҳо, манфиатҳо ва арзишҳои муайяни умумисистемавиро ба вуҷуд меорад ва дар бар мегирад, ки ба ҳамаи шахсони ба ин ҷомеа дохилшуда хосанд. Аммо ин хислатҳои умумии ҷомеа танҳо дар сурате маъно, қувват ва тавоноӣ пайдо мекунанд, ки агар хислатҳои хоси фардиро эҳтиром намоянд. Асоси фаъолияти зиддиҷамъиятӣ аксар вақт на танҳо андешаи муболиғашудаи шахс дар бораи фардияти шахсии ӯ, балки майл надоштан ё нотавонии ҷомеа дар шинохти фардият дида мешавад.

Аммо коллективизм ва конформизм метавонад барои рушди ҷомеа зарар расонад, агар он характери субъективии коллективро аз ҳама боло гузорад. Дар чунин маврид ҳама гуна танқид бечо мемонад ва дарки ҳақиқат душвор мегардад, зеро он дар паси пардаи устувори коллектив пинҳон мегардад.

Дар мавриди таҳлили таносуби фардикунонӣ ва коллективизм бояд ҳудуди ин ду омилро барои устувории ҷомеа ба назар гирифт.

Тейхард де Шарден боварӣ дошт, ки инсоният бояд ҷудошавии одамон аз ҳамдигар канорагирӣ кунад. Вай раванди ҷудошавии одамонро таҳлил карда назарияи «суперпозитсияи мавҷҳои таъсир»-ро пешниҳод кард, ки ногузир ба «ҷамъшавии унсурҳои башарият» оварда мерасонад. Замин, дар зери фишори афзоиши аҳолӣ «хурд» шуда истодааст. Дар ин раванд дар баробари дигар омилҳо, инчунин фарҳанг низ ба ақидаи вай боиси маҳдудияти инсон мегардад.

Олими рус Э.Н. Трубецкой дар соли 1906 назарияи худро дар бораи баробарии умумии регрессивӣ пешниҳод мекунад, ки аз руи он инсоният ҳама вақт бо ҳолати баробар ва ҳамвор кардани «теппаҳо» вомехӯрад. Зери мафҳуми «теппа» вай шахсиятҳои пешрафта ва ҷомеаҳои пешрафтаро дар назар дошт. Тохтутози

аҷнабиёни ваҳши ба мамлакатҳои пешрафта ва торумор кардани тамаддунҳо яке аз мисолҳои ҳамвор кардани теппаҳо» буд. Дар доираи ҳамин амал фардиятҳои пешқадам бо ақибмонда яксон баробар мешуданд.

Шахсиятро набояд бо индивидуализм, худпарастӣ ва эгоцентризм муайян кард. Фардият мавҷудият ва эҳтироми онро дар тамоми одамони дигар пешбинӣ мекунад, на муносибати таҳқиромез ба вижагиҳои одамони дигар, ки дар заминаи худхоҳӣ қарор дорад. Шахсият хусусияти муҳими ҳамаи одамон ва худпарастӣ хусусияти манфии ахлоқӣ аст, хушбахтона, на ҳар як шахс ва на ба як андоза.

Ҳамин тавр, мазмуни ҷараёни антропосотсиогенезро се ҷузъи ба ҳам алоқаманд ифода мекунанд:

а) рупуш кардани (компенсатсия) норасогии тахассуси шахс;

б) фардикунонии он дар рафти инкишофи таърихӣ;

в) ташаккул ва инкишофи шуури рефлексӣ. [12, с. 190]

Ҳастии инсон инчунин дар олами ашё ва одами мушаххас (ягонагии моддию маънавӣ) ва дар ҳастии иҷтимоӣ (ҷамъият) таҷассум меёбад. Мавҷудияти ҷамъияти иҷтимоӣ аз вуҷуд и фард (унсури ҷамъият) ва вуҷуди худи ҷамъият (вуҷудият, инкишоф) иборат аст. Дарки ҳастӣ шарти ҳатмӣ барои дарки ягонагии ҷаҳон аст.

Хулосаи мавзуи мо дар он аст, ки бахшҳои асосии фалсафа ба монанди онтология, гносеология ва диалектика дар замони нав бо самтҳои нави сотсиоантропология, онтогенезия ва антропогенезия пурра гардиданд, ки ҳамчун шохаҳои ёрирасони фалсафа дар баробари антропологияи фалсафӣ, фалсафаи иҷтимоӣ, мантиқи расмӣ, аксиология, этика, эстетика, фалсафаи таърих ва таърихи фалсафа илми ҷомеашиносиро бой мекунанд.

Ҳамин тавр таносуби онтогенез ва антропогенези инсон моро ба хулоса овард, ки ин ду тарафи масъалаи асосии таърихи инсонро ташкил медиҳад. Онтогенези инсон набояд чудо аз онтологияи табиӣ, маънавӣ, фард ва ҷомеа омухта шавад, зеро мавҷудияти моддӣ, мавҷудияти ашё, ҳамчун табиати дуюм қисми ҳастии инсонро ташкил медиҳанд. Дар баробари ҳамин антропогензи инсон низ дар доираи табиат пешрафт мекунад ва маҳз табиат омили асосии раванди ташаккулёбии инсон мебошад. Дар доираи ҷамъият инсон метавонад рушд намояд ва ҳамчунин ба таназзул дучор гардад ва ин аз характери ҷомеа ва фард вобастагӣ дорад. Дар доираи ҷамъият элементҳои худшиносӣ, фардият, озодӣ, масъулият ва ғайра аломатҳои шахсият оғоз мешаванд. Дар давоми онтогенз инсон бо падидаҳои коллективизм, конформизм ва фардикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ бархурд мекунад ва ин вайро бо интихоб ру ба ру мекунад, ки чи тавр дар миёни ин равияҳо барои худ ҷомеаи мусоидро дарёфт намояд.

АДАБИЁТ:

1. Аристотель. Этика. Политика. Риторика. Поэтика. Категории [Текст]. / Аристотель //. - М., 1998. – 567 с.

2. Буддизм: основы пути.- Сангхаракшита [Текст] /. - М., 2021. - 456 с.

3. Вербин А.И. Герман Ш.М., Особенности социального познания [Текст] / А.И. Вербин //. - М., 1973. - 72 с.

4. Гегель В.Ф. Энциклопедия философских наук. Том 3. Философия духа [Текст] / В.Ф. Гегель. - М., 1977.

5. Джон Локк. Сочинения в трех томах, том 1[Текст] / Джон Локк//. Мысль.: - М., 1988, 2009 . - 560 с.

6. Камю А. Строптивец [Текст] / А. Камю //. –М., 1990. – С. 54.

7. Ляо Цзы. Книга об истине и силе [Текст] / Ляо Цзы //. – М., ЭКСМО 2012. – 345 с.

8. Маркс и Энгельс. Первые пролетарские революционеры [Текст] / Маркс и Энгельс //. – М., 1961. - 456

9. Маркс К. и Энгельс Ф., Соч., 2 изд., т. 18, - 490 с.

10. Платон. Диалоги с Сократом [Текст] /. – М., серия ПФ.- 2016.- 456 с.

11. Практическая психология [Текст] /: Тутушкина М.К. СПб., 2001. - 368 с.

12. Шаронов Асосҳои антропологияи иҷтимоӣ [Текст] / Тарҳрезии муқоваи А.А. Олексенко, С.Л. Шапиро. – Петербург: Нашриёти Лан, 1997. - 192 с.

АСПЕКТЫ ОНТОГЕНЕЗА И АНТРОПОГЕНЕЗИСА ЧЕЛОВЕКА

Зокиров Бобошариф

В данной статье автор ставит на обсуждение вопрос аспектов онтогенеза и антропогенезиса человека в рамках социальной философии общества. Также автор указывает на роль этих институтов общества и показывает возникновение и развитие социальных институтов внутри общества и дает характеристику их деятельности в рамках философского анализа. Автор в частности указывает на социальные идеи и рассматривает вопрос актуальности и обоснованности использования метода сравнительного анализа этих идей. Автор указывает на то, что данный метод изучает онтогенез и антропогенезиса человека и проводит сравнение их развития, в результате которого выявляется преимущества и недостатки общественных процессов. Выявлено, что данный метод социально философского анализа, в основном используется в ходе исследования нескольких обществ и идей, что позволяет исследователю найти приемлемые пути решения вопроса относительно их развития. Именно поэтому изучение онтогенеза и антропогенезиса человека как антропологического метода является актуальным и обоснованным, а его смысл и значение являются важными аспектами исследований. Автор в этой связи приводит пример анализа современного общества и на этой основе показывает преимущества данного метода. В статье автор также ставит на обсуждение вопрос социальной политики и указывает на роль правовой системы в в социальной сфере. Автор рассматривает развитие институтов социального общества показывает отношение родовых, религиозных, социальных институтов внутри общества и дает характеристику их деятельности в рамках онтогенеза и антропогенезиса человека и гражданского общества. Автор в частности указывает на социальные программы в качестве формы реализации социальной политики.

Ключевые слова: онтогенез, антропогенез, социальный, государства, программа, философия, общество, метод, анализ, сравнение, идея, смысл, значение.

THE ASPECT OF ONTOGENEZ AND ANTROPOGENEZ OF MAN

Zokirov Bobosharif

In this article author discussed about the forms of the aspect of ontogenies and anthropogenic of man the social policy the role of social ideas and their philosophy analyses in contemporary science. Author note the importance of realization of social program as a main point of the social policy. In the article, author note the actuality and enable of method of comparative analyses and with the vivid examples, author show that the self cognition aspect in the social anthropology and the philosophy of history and show their advantage and shortage. the article is focused on a method that is used in social policy the role of ontogenies and anthropogenic of man and their philosophy analyses in contemporary science namely, comparative analysis. Just for it the research of this method, its means and signification is so important. In this trend, author give example ontogenies and anthropogenic of man and in this base show the advantage of the anthropology method.

In article author also discussed about the forms of the social policy and discussed about the role of low system in prevention of inequality form of the rape in contemporary society. Author also analyze of history of social policy the self cognition aspect in the social anthropology and the philosophy of history and note the importance of realization of social program of the ontogenies and anthropogenic of man as a main point of the social life.

Kew words: ontogenies, anthropogenic, sociality, state, program, philosophy, society, method, analyses, comparative, idea, signification, mining.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

БАЪЗЕ АНДЕШАҲОИ ФАЛСАФИИ АБУСУЛАЙМОНИ МАНТИҚӢ

Воҳидова Ноила Абдулфаттоҳовна – ассистенти кафедраи таърих ва фалсафаи ДБССТ (тел: 939021087)

Дар мақола доир ба андешаҳои фалсафии яке аз файласуфони бузурги асрҳои миёна, Абусулаймони Мантиқӣ маълумот оварда шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши баъзе осори файласуф маълум мегардад, ки Абусулаймони Мантиқӣ дар соҳаи мантиқ бисёр тавоно будааст ва дар замони худ ҳалқаҳои дарсии мантиқ доштааст. Дар ин замина, шогирдони зиёдеро тарбия намудааст, ки дар рушди соҳаи фалсафа ва мантиқ нақши бузург доранд. Худи Абусулаймони Мантиқӣ пайрави фалсафаи уло (пифагориён) буд. Аз осори файласуф ҳам чунин маълум мегардад, ки сахт ҳаводори Арасту буда, аз андешаҳои мантиқии ӯ пайравӣ менамудааст.

Калидвожаҳо:*Андеша, шогирдон, мактаб, фалсафа, равшанандеш, ҳоким, маҳфилҳо, мантиқ, таҳрир, таълиф.*

Абусулаймон Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Баҳром Сиҷистонии Мантиқӣ ҳудуди 300ҳ./912м. дар Сиистон (Сиҷистон) таваллуд шудааст. Андак замоне қабл аз 327ҳ./938м. ба Бағдод омад ва ҳудуди 375ҳ./985м. дар ҳамон шаҳр даргузашт. Ӯ дар нахустин солҳои зиндагии фарҳангиаш ба дарбори шоҳ Абуҷаъфари Сиҷистонӣ – ҳокими равшанандеш пайваст. Мантиқӣ дар Бағдод шогирди Яҳё ибни Аддий шуд. Устоди ӯ Яҳё ибни Аддий ва дигар аъзоёни маҳфил ӯ ба таҳия, таҳрир ва таълиф машғул буданд. Майли Мантиқӣ ба сӯи фалсафа буд [5, 135].

Баъди вафоти Ибни Аддийи масеҳӣ шогирдони ӯ ба гурӯҳҳо тақсим шуданд. Масалан, Ибни Зиръа, Ибни Савор ва Исо ибни Алӣ, ки аз шогирдони ӯ буданд, маҳфилҳои хоси худро доштанд. Баъди вафоти Яҳё ибни Аддий шогирдони мактаби ӯ ба шохаи мусулмонӣ ва масеҳӣ тақсим шуданд. Ҳатто дар вақти зинда будани Яҳё ибни Аддий ҳам чанд шогирд, аз ҷумла Тавҳидӣ, Қумисӣ ва Арӯзӣ, ки эронӣ буданд, ҳам ба маҳфили Ибни Аддий мерафтанду ҳам ба маҳфили Мантиқӣ.

Абуҳаёни Тавҳидӣ – яке аз шогирдони Мантиқӣ дар китоби «Итмоъ» ва сипас дар «Ал-муқобист» аз дарсҳо ва баҳсҳои ӯ назари хубе изҳор доштааст. Муҳаққиқи муосир Ҷоел Краймер мегӯяд, ки мо дар бораи маҳфили Ибни Аддий маълумоти кофӣ дар даст надорем. Вале маҳфили Мантиқиро шогирдаш Абуҳайёни Тавҳидӣ ба таври муфассал муаррифӣ намудааст [7, 203].

Абуҳайёни Тавҳидӣ намунаи дарсеро сабт мекунад, ки дар он «Китоб ун-нафс»-и Арасту хонда мешавад («Муқобисот», муқобисаи 61) ва низ ҷаласае дар бораи матне мансуб ба Эмпедокл (муқобисаи 77). Мавзӯҳои муқобисот гуногунанд: Муқобисаи 71 то 86; мавзӯҳое аз «Самои табиӣ»-и Арасту; Муқобисаи 89, тасифи «маҷлиси унс»; Муқобисаи 19: васфи дилкаше аз як сайр ва гардиши баҳорӣ дар хориҷ аз Бағдод; муқобисаи 2: дар бораи эътибори илми нуҷум; муқобисаи 65: дар бораи шоистагии нисбии миллатҳо ва ғайра [3, 190].

Аъзои маҷлиси унс аз ҳамкасбон ва ҳамтоён буданд. Абузакариёи Саймарӣ, маъмулан аввалин сухангу дар ҷаласоти гурӯҳӣ будааст. Абулфатҳи Нушҷонӣ – маҳфили алоҳида дошт; Абумуҳаммад Арузӣ – шогирди собиқи Ибни Аддий, Абумуҳаммади Андалусӣ – наҳвии андалусӣ, ки дар талаби дониш ба Шарқ омада буд; Абубакри Қумисӣ – файласуф ва Мирзо Ғулом Зуҳалӣ мунаҷҷим.

Ба гуфтаи муҳаққиқони Мантиқӣ, ӯ дар масъалаҳои динӣ фаъол набуда, ба корҳои илмӣ ва фалсафӣ машғул буд. Шоҳи Сиистон Абуҷаъфар ибни Бобавия ҳамдарси Абусулаймон буд ва

ба ӯ эҳтиром дошт. Ин файласуф назди сиёсатмадорон Алоуддавла, Самоуддавла ва Бувайҳиён умуман як шахсияти мӯҳтарам буд.

Назари куллӣ ба шахсият ва мақоми фалсафии Мантиқӣ нишон медиҳад, ки ин донишманди асри Х мелодӣ – асри эҳё ва ренессанси тамаддуни исломӣ умр ба сар бурда, маҳфили фалсафие ташкил дод бо номи «Маҷлиси Мантиқӣ ». Аксари ширкаткунандагони маҳфил дар Бағдод арабзабон буданд ва Сиҷистониро ҳамчун «мантиқӣ» эътироф намуда буданд.

Мантиқӣ ду устод: Митте ибни Юнус ва Яҳё ибни Аддий дошт, ки ҳарду масеҳӣ буданд. Файласуфи настурӣ Абу Башр Митте ибни Юнус (с.в.318ҳ./940м.) аз дайри Қанно ба Бағдод омад ва назди омӯзгорони мусулмон ва масеҳӣ дониш омӯхт ва аз ҷумлаи шогирдони ӯ Форобӣ ва Яҳё ибни Аддий (масеҳии яъқубӣ) буданд. Форобӣ ҳамчунин мантиқро назди файласуфи масеҳӣ Юҳанно ибни Ҳайлон омӯхт. Яҳё ибни Аддий шогирди Форобӣ низ буд. Ба дунболи даргузашти Матте ибни Юнус ва азамати Форобӣ аз Бағдод ба қасди дарбори Ҳамдониён дар Ҳалаб, Яҳё ибни Аддий сарҳалқаи пажӯҳишгарони фалсафӣ дар Бағдод шуд ва маҷлисе бузург аз пайравони адёни мух-талиф ташкил дод. Устоди дуюми Мантиқӣ Яҳё иб-ни Аддий аз шахсиятҳои калидӣ дар асри Х тамаддуни исломӣ ба шумор меравад. Абузакариё ибни Аддий ибни Ҳамид ибни Закариёи Такритии Мантиқӣ, Масеҳии Яъқубӣ соли 893 м. дар шаҳри Такрит, шимолии Бағдод ба дунё омад. Ӯ ба Бағдод муҳоҷират кард ва он ҷо назди файласуфи настурӣ Митте ибни Юнус ва Форобӣ дониш омӯхт. Ба навиштаи Масъудӣ дар «Аттанбеҳ ва-л-ишроф» Ибни Аддий кори худро бо мутолиаи тариқати фалсафии Закариёи Розӣ оғоз кард (таълимоти пифагориён дар фалсафаи воло ва мобаъдаттабиа). Ва пас аз он ки Митте ибни Юнус даргузашт (с.в.32ҳ.қ.=940м.) ва Форобӣ қасди пайвастан ба мулозимоти Сайфуддавла дар Ҳалабро кард (330ҳ.=942м.), Ибни Аддий дар миёни насли ҷадиди файласуфони масеҳӣ ва мусулмон шахсияте барҷаста шуд.

Ибни Аддий аз роҳи истинсохи (рӯйнависи) ки-тоб имрори маош мекард ва ин касбро аз падараш омӯхта буд ва мекушид то нусхаҳои дастнависи худи муаллифро пайдо намояд. Бо Ибни Надим ошноӣ дошт. Ӯ Ибни Аддийро чун пешво ва имом дар миёни ҳамтоёнаш ва ягонаи замони худ тавсиф мекард [7, 138].

Ибни Аддий дар 21 зилқаъдаи 363ҳ./13 августи 974 мелодӣ дар 81 солагӣ даргузашт. Дар васиятномаи худ тақозо кард, ки шогирдаш Ибни Зуръа тартибе диҳад, ки ёдбуди зер бар лавҳи мақбарааш ҳаққокӣ ша-вад: (ду байти арабӣ ба ин мазмун аст):

Ба дониш мурда зиндагӣ гирад,
Ва нодониву сустӣ зиндаро бимиронад.
Дониш андӯзед то ҷовидона шавед,
Чаро ки зиндагӣ тавъам бо нодонӣ ҳеҷ аст [1, 280].

Исо ибни Зуръа, Ибни Хаммор, Ибни Самаҳ, Назифи Румӣ – ҳамагӣ умдатан ва асосан машғул ба мутолиаи матнҳо ва тарҷума буданд, бо ин ки онҳо ҳам монанди Ибни Аддий дар он майл ва мароми фалсафӣ буданд. Талошҳои умдаи онҳо дар ҷиҳати мутолиаи осори Арасту дар заминаи мантиқ ва илмҳои табиӣ буд. Аксари шогирдони масеҳии ӯ табиб буданд ва ҳамагӣ дар бораи мавзуъоти илоҳиёти масеҳӣ китоб менавиштанд. Ибни Аддий ва шогирдони масеҳии ӯ намунаи гӯёи инсонгароии фалсафӣ бо таъкиди бисёр бар забоншиносии таърихӣ ва илми луғатанд.

Шогирдони барҷастаи мусулмони Ибни Аддий аз инҳо Абусулаймони Мантиқӣ Абуҳаёни Тавҳидӣ, Абуалӣ ибни Мискавайҳ, Абубакри Қумисӣ, Абумуҳаммади Арузӣ, Исо ибни Алӣ ва Абулҳасани Бадеҳӣ буданд. Ибни Надим муаллифи «Феҳрист» бо Ибни Аддий ҳамкории наздик дошт. Шогирдони мусулмони Ибни Аддий матнҳои кӯҳнаро мутолиаю таъвил мекарданд ва ба таърихи фалсафа алоқаи шадид нишон медоданд [8, 190]. Мантиқӣ, Мискавайҳ ва Ибни Надим беш аз шогирдони масеҳӣ ба пажӯҳиши фарҳангӣ машғул буданд. Онҳо таваҷҷӯҳи беш ба улуми арабӣ доштанд ва барои баҳс дар мавзӯҳои марбут ба «адаб» ва ғарқ шудан дар шеър ва шоирӣ омодатар бу-

данд. Онҳо ҳисса ва саҳме аз инсонгароии адабӣ ё фарҳангиро ба инсонгароии фалсафӣ ва луғавӣ афзуданд.

Ба гувоҳии сарчашмаҳо ва муҳаққиқон Мантиқӣ ёздаҳ (11) китоб ва рисола таълиф намудааст, ки маъмулаш «Сивон ул-ҳикма» («Хазинаи ҳикмат») аст, ки дар шакли мухтасар бокӣ мондааст. Файласуфи араб Абдурраҳмони Бадавӣ дар Теҳрон ин китобро соли 1974 нашр кард [2, 18]. Чанд рисолаи боқимонда аз Мантиқӣ дар ҳамин нашри «Сивон ул-ҳикма» чун пайваст ва илова ба чоп расидаанд. Ӯ ҳеҷ гоҳ даъвои шоирӣ надошт ва дар шеърҳояш машраби фалсафии ӯ ба мушоҳида мерасад.

Сарчашмаи андешаҳои Мантиқӣ аз ин чанд манбаъ иборатанд: 1. Китоби «Сивон ул-ҳикма», рисолаҳои арабӣ ба масъалаи нафс бахшида шудаанд; 2. Тавсифи Мантиқӣ дар осори шогирдаш Абуҳайёни Тавҳидӣ. Маълумоти тазкираҳои арабӣ ва форсӣ.

Муҳаққиқони муосир шахсият ва нукоти фалсафию мантиқии Мантиқиро чунин ташреҳ кардаанд: маҳфил ва маҷлиси фалсафии Абусулаймони Мантиқӣ; назари Эмпедокл дар бораи ишқ ва нафрат чуноне ки дар китоби «Сивон ул-ҳикма»-и Мантиқӣ, «Ал-Амад ала-л-Абад»-и Абулҳасани Омирӣ, «Ал-Милал ва-н-ниҳал»-и Шаҳристонӣ, «Равзат-ул-афроҳ»-и Шамсиддини Шаҳрзудӣ, «Ал-Бадъ ва таърих»-и Мутаҳҳар ибни Тоҳири Мақдисӣ, «Аълом-ун-набувва»-и Абуҳотими Розӣ; баҳсе дар бораи илми нуҷум дар маҳфили Мантиқӣ.

Баргузории ин баҳсро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, муҳаққиқи муосири урупоӣ Ҷоел Краймер чунин овардааст: - Тавҳидӣ аз мунозирае, ки дар хусуси эътибор ва фавоиди илми нуҷум дар маҳфили Абсулаймон сурат гирифт, гузориши арзишманде ба даст додааст [1, 94].

Тавҳидӣ ба мо мегӯяд, ки ашхоси ҳозир дар баҳс аз инҳо иборатанд: Абузакариёи Саймарӣ, Абулфатҳи Нушҷонӣ, Абулмуҳаммади Арузӣ, Мақдисӣ, Қумисӣ, Ғулом Зуҳал ва ҳар як аз онҳо дар мартабаи худ пешво ва дар синоати (соҳаи) худ фарди ягона буд. Қатъи назар аз ин шахсиятҳои барҷаста, гурӯҳе дигар низ буданд, ки дар мартабае поёнтар қарор доштанд. Тавҳидӣ мефазояд, ки ширкаткунандагони аслӣ ҳанӯз дар қайди ҳаёт буданд.

Муқаддимаи ёдоштҳои Тавҳидӣ нигоҳи мухтасарест ба тарзи анҷом додани баҳси фалсафӣ дар маҳфилҳо ва маҷлисҳои олимона дар пойтахти империяи исломӣ шаҳри Бағдод.

Дар фалсафа Абусулаймони Мантиқӣ дар Бағдод машҳур буд, ки ӯ аз устодони Абуҳайёни Тавҳидӣ, аст. Абуҳайён ӯро чунин васф мекунад: «Абусулаймон аз ҳама уламо назараш дақиқтар ва далелаш кубандатар ва рояш амиқтар ва фикраш равшантар ва бар марворидҳои дониш пирузтар ва ба ҷои онҳо роҳёбандатар аст» [6, 359].

Абуҳайён суханашро идома дода, аз ҷумла мегуяд, ки хонаи Абусулаймони Мантиқӣ қароргоҳи ҷадалу муҳовара ва музокира буд; зеро Абузакариёи Саймарӣ, Нушҷонӣ, Мақдисӣ, Абҳайён ва дигарон дар он ҷо гирд меомаданд ва масоили робитаи байни наҳву мантиқ ва самоъу ғано ва алоқа миёни ситорагон ва ҳаводиси замин ва ҳақиқати неъмат дар биҳишт мубоҳиса ва муҷодила мекарданд [1, 87].

Абусулаймони Мантиқии Сиҷистонӣ, ба андешаҳои юнонӣ (бештар Афлотун) майл дорад. Он ҷо, ки як мусулмони оддиро бо як мутакаллими риёкор ва ҳиллагар мавриди муқоиса қарор медиҳад, мехоҳад таъкид намояд, ки мутакаллимон андешаи каломии худро бар гардани ислом таҳмил намудаанд. Вагарна ислом ҳамон аст, ки мардуми оддӣ аз он пайравӣ мекунанд.

Баҳсу андеша дар атрофи ҳастӣ (онтология) ва шакли мутлақи он, иллати иллатҳо, ҳастии аввал ва ғ. аз масъалаи марказии фалсафа ва илоҳиёт (метафизика)и ин давр аст. Ин ақида, дар асоси суннатҳои мӯътазалӣ (аҳл ал-адл ва-тавҳид, асрҳои VII-IX Димишқ ва Бағдод) пайдо шуда, онон тарафдори ваҳдоният ва тавҳиди Худои мутлақ, ва озодии шахс, инкори идомати сифоти Худоро буданд. Он замон фалосифа имконият пайдо кард, ки озодона мавқеъияти илмиро таъвил намояд. Абусулаймони Сиҷистонии ал-Мантиқӣ менависад: «Иқдомоти Худо на иҷборӣ ва на ғайриозоданд. Амали Худо аз ин болотар аст ва мислашро дар замин надида-

анд. Чи гуна метавон иҷоза дод, ки Худо шарик байни мавҷудоти замин ҷуст?» . Масъалаи сифоти Худо, оиди шинохти Ӯ, бемантиқ будани баҳсҳои беохирро оиди табиат, Тавҳидӣ, шогирди Абусулаймон тасдиқ мекунад. «Ақл, ба ақидаи ӯ, қодир ба шинохт нест, наметавонад ҳастии Худоро бифаҳмад ва аз худ кунад. Агар чунин аст, пас, ин амр нишони заъифии инсон аст, аз ин рӯ бояд худро озод аз қазовати масхараомез созад». Ба ибораи дигар, ӯ муътақид аст, ки инсон барои тавсифи сифоти маънавии Худо қодир нест [4, 210].

Рӯйкарди Мантиқӣ ба мо кӯмак мекунад, ки мавзеъҳои (нуктаҳои) зоҳиран дигар файласуфон дар хусуси масъалаи илми нуҷумро дарк кунем. Форобоӣ бар вафқи фалсафаи табииарастуи худ, таъсири коиноти осмонӣ дар воқеъиҳои заминиро мепазируфт ва дар мақолаи «Фи аҳком-ун-нуҷум» муддаӣ мешавад, ки ачроми улвӣ бо нури худ ва на бо ҳаракоти худ, дар олами таҳти қамар таъсир мекунанд, зеро ҳамаи кавокиб табъи воҳид ва ягонае доранд ва мумкин нест, ки баъзе саъд ва баъзе наҳс бошанд.

Фалосифаи арастуи дар асл мафҳуми таъсироти осмониро модаи ки бо ҷаҳоншиносии арастуӣ мувофиқат дошт, мепазируфтанд ва ҳукм дар хусуси тавоноии инсон барои ҳукм дар ин бораро дақиқан бар ин мабно ҳифз мекарданд. Назарияи арастуӣ мабнӣ бар ин ки инқилоби явмияи (ҳаррӯзаи) фалаки ҳаштум боиси истимрори (давомёбии) абадии олами таҳти Қамар ва инқилоби бурҷӣ боиси танаввуъи (гуногуннавъии) он мешавад, яке аз қавитарин бурҳонҳо дар тавҷеҳи (исботи) илми нуҷум дар қуруни вусто буд.

Бо ин ки мутакаллимони муътазилӣ илми нуҷумро рад мекарданд ва фақеҳони порсо дар он шак менамуданд, дар воқеъ амал ба он дар миёни оммаи мардум бисёр шоеъ (роиҷ) буд ва хулафо ва фармонравоён низ аз он фоида бармегирифтанд [8, 29].

Дар ҷаҳони муосир (асри XX, XXI) илми нуҷум яке аз илмҳои калидӣ ва асосие мебошад, ки вуҷуди дигар илмҳоро таҳтушшуо қарор додаст. Таърихи илми нуҷум барои инрӯзиён низ омӯзанда ва дорои аҳамияти ҳаётӣ мебошад. Таҳлили ин мавзуъ мавриди муносибест, ки мо метавонем мушоҳида намоем, ки то чи дараҷа барҷаспи «мантиқӣ» дар номи Мантиқӣ ҳақиқат дорад.

Дар воқеъ асри Мантиқӣ қулла ва авҷи тамаддуне буд, ки баъд аз он рӯ ба таназзул ниҳод. Фарҳангҳои асрҳо ва миллатҳои гуногун дар асри X мелодӣ дар шаҳри Бағдод дин ва фалсафаро ба додгоҳи ақл ва ҳақиқат даъват намуданд. Ҳарду ҷабҳа тарафдорони худро дошт. Барои санҷиши ҳақиқат меъёр ва тарозуҳои гуногун низ вуҷуд доштанд. Меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ, таърихӣ, илмӣ, фалсафӣ, мантиқӣ, ирфонӣ ва ғайра. Аз байни ин меъёрҳо Сиҷистон меъёри мантиқиро интихоб намуда буд. Барои ҳамин ҳам дар китобҳои гузашта Сиҷистониро Сиҷистонии мантиқӣ ном бурдаанд. Аз осори файласуф ҳам чунин маълум мегардад, ки сахт ҳаводори Арасту буда, аз андешаҳои мантиқии ӯ пайравӣ менамудааст.

Мо метавонем мантиқӣ будани шеваи кори Сиҷистониро дар мавзӯи мавриди баҳси худ мушоҳида намоем. Муосирони Сиҷистонӣ, ҷамоаи фалсафии Ихвон ус-сафо бар ин назар буданд, ки байни дин ва фалсафа муросо ва созиш эҷод кардан имкон дорад. Сиҷистонӣ мухолифи ин ақида буд. Ӯ ошкоро баён намуд, ки созиш байни дин ва фалсафа мумкин нест. Ин ақидаи Сиҷистониро шогирдаш Абуҳайёни Тавҳидӣ дар китоби «Ал-Имтоъ» овардааст. Сиҷистонӣ мегӯяд: «Ихвон ус-сафо» фикр мекунам, ки фалсафаро бо шариат омехтан ва ё шариатро ба фалсафа пайвастан имкон дорад. Ин ҳадафест, ки ҳеҷ гоҳ амалӣ намешавад [3, 271].

Сабаби асосӣ дар ин ҷост, ки шариат бар ваҳйи шоҳӣ ва оятҳои қуръонӣ ва мӯъҷизоти анбиё такя мекунад. Дар ин масъала дигар ҷои баҳсу андеша нест. Ҳадафи охирини шариат парастиши Худо ва тарсу ҳарос дар пешгоҳи ӯст. Агар асли масъала чунин бошад, пас «Ихвон ус-сафо» ба чи далеле метавонанд ҳақиқатҳои фалсафиро вориди шариат гардонанд? Масъала ин аст, ки ҳеҷ яке аз мусулмонон, масеҳиён ва оташпарастон аз фалсафа ҳарос ва тарсе надоранд.

Ба ҳама маълум аст, ки ислом ба фирқаҳои гуногун ва бисёре тақсим шудааст. Ва ҳатто ин фирқаҳо низ аз рӯи

таҷрибаи худ ба ин натиҷа расидаанд, ки фалсафа барои онҳо аҳамияте надорад. Чун ки ба ақидаи онҳо он чи ки дар китобҳои файласуфон омадааст, ҳамон чизҳоеанд, ки дар китобҳои муқаддас ва дар фаъолиятҳои пайғамбарон ба мушоҳида мерасад. Агар масъала чуни наст – менависад Сиҷистонӣ – пас дар бораи кадом алоқаи дин бо фалсафа гуфтугӯ кардан имкон дорад? Он чи ки ба ваҳй дахл дорад, ба андешаҳои гузарои (файласуфон) чи муносибате дошта метавонад? Хулосаи калом – мегӯяд Сиҷистонӣ – пайғамбар болотар аз файласуф аст; Файласуф дар мақоме пасттар ва поинтар аз пайғамбар қарор дорад. Ин файласуф аст, ки аз пайғамбар тақлид мекунад, дар сурате ки пайғамбар дар ҳеҷ ҳолате ба файласуф пайравӣ ва тақлид намекунад» [2, 43].

Аз гуфтаи боло чунин бармеояд, ки ба ақидаи Сиҷистонӣ дин чизест ва фалсафа чизе дигаре. Асоси динро ваҳй ва асоси фалсафаро ақл ташкил медиҳад. Ваҳй дар инсон оромӣ ва эътимодро талқин мекунад, дар сурате ки инсон ба воситаи ақл наметавонад ба эътимод ва оромии том ноил гардад.

Ба ақидаи Сиҷистонӣ шариат ба фалсафа эҳтиёҷе надорад. Ва чунин меҳисобад, ки тиб, мантиқ, риёзиёт, химия ва мусиқӣ низ ба ҳайати фалсафа дохил мешаванд, дар сурате, ки шариат ба ин илмҳо эҳтиёҷе надорад. Аз ин гузашта дин иҷозат намедиҳад, ки саволҳое аз қабили: Барои чӣ? Чаро? Ва ғайра мавриди баҳсу андеша бошанд. Чаро ки ба ақидаи Сиҷистонӣ ҳақиқати динӣ ҳамеша ҳақиқати мутлақ буд ва мемонад [2, 53].

Ин ҳақиқати кул ва мутлақ ҷое барои саволҳою ҷавобҳо ва эътирозҳо намегузорад. Дар натиҷа Сиҷистонӣ ба хонандагони осори худ чунин маслиҳат ва машварат пешниҳод менамояд, ки касе, ки файласуф шуданӣ бошад, он кас бояд ки ба таври пурра аз ҳамаи динҳо даст бардорад; ва касе ки роҳи динро интихоб мекунад, барои ӯ зарур аст, ки аз фалсафа ва дилрабоиҳои фиребандаи ӯ дурӣ намояд.Ин андешаҳои возеҳу равшани Сиҷистонӣ дар ин масъалаҳои печида ва ҳассоси ҷаҳонбинии башарӣ гувоҳи онанд, ки ӯ барҳақ як андешаманди инсонгаро ва сазовори барҷаспи ифтихории «мантиқӣ» будааст. Мо баъд аз ҳазор сол низ ин барҷаспро барои ӯ сазовор ва арзанда медонем.

Бояд ёдовар шуд, ки Абусулаймони Мантиқӣ дар замони Бувайҳиён зиндагӣ кардааст. Асри Бувайҳиён давраи гулгулшукуфии адабиёту санъат ва соири улум ба шумор мерафт. Ҳамчунин масъалаи китобдорӣ, китобхона ва нигоҳдошти онҳо хеле ривоҷ ёфта буд.

Дар умум, Абусулаймони Мантиқӣ, ки дар бештари сарчашмаҳо бо номи Сиҷистонӣ низ маъруф аст, яке аз файласуфон ва бузургони илми мантиқ дар таърихи фалсафа Шарқ ба ҳисоб рафта, бо ба месор гузоштани осори пурғановати худ, дарин илмҳо нақши бориз гузоштааст ва то ҳол андешаҳои фалсафӣ ва мантиқии ӯ дорои аҳамияти воло мебошанд.

АДАБИЁТ:

1. Абуҳаёни Тавҳидӣ. Ал-Муқобисот. – Бағдод, 1970.

2. Абуяъқуби Сиҷистонӣ. Сивон-ул-ҳикма. – Теҳрон, 1974.

3. Джонбобоев С. Фараби о природе общества и государства. Проект «Человековедение». Тема 1-3. - Душанбе, 2002-03.

4. Ибни Усайбиа. Табақоту л-аттибоъ. – Ҷ.1.Қоҳира,1882-1884. – С.235.

5. История таджикской философии с древнейших времен до XVв. Т.1-3. - Душанбе: Дониш. 2013.

6. Корбен Анри. История исламской философии. М.,2010.

7. Краймер Ҷоел. Инсонгароӣ дар асри ренессанси исломӣ. Тарҷумаи Муҳаммад Саъид Ҳаноии Кошонӣ.– Теҳрон,1375. - С.203.

8. Таърихи фалсафаи тоҷик / ҷилди 2. –Душанбе: 2016, 886 саҳ.

9. Фильштинский И.М., Шидфар Б.Я. Очерк арабо-мусульманской культуры (VII-XII вв.). - М., 1971.

10. Фролова Е.А. Арабская философия. Прошлое и настоящее. - М., 2010.

11. Хамадани Аббас. Ихван ас-сафа между ал-Кинди и ал-Фараби// Ишрак. Ежегодник исламской философии. № 4. 2013. - М., 2013.

НЕКОТОРЫЕ ФИЛОСОФСКИЕ МЫСЛИ АБУСУЛАЙМАНА МАНТИКИ

Вохидова Н.А

В статье дана информация о философских идеях одного из величайших философов Средневековья Абу Сулеймана Мантики. В результате изучения некоторых трудов философа становится ясно, что Абу Сулейман Мантики был очень силен в области логики и в свое время вел курсы логики. В этом контексте он воспитал многих учеников, сыгравших важную роль в развитии философии и логики. Сам Абу Сулейман Мантики был последователем пифагорейцев. Из трудов философа также ясно, что он был большим поклонником Аристотеля и следовал его логическим идеям.

Ключевые слова: Мысль, студенты, школа, философия, просвещенный, правитель, клубы, логика, редактирование, композиция.

SOME PHILOSOPHICAL THOUGHTS OF ABUSULAIMANI MANTIQI

Vokhidova N.A

The article provides information about the philosophical ideas of one of the greatest philosophers of the Middle Ages, Abu Suleiman Mantiki. As a result of studying some of the philosopher's works, it becomes clear that Abu Suleiman Mantiki was very strong in the field of logic and at one time taught courses in logic. In this context, he trained many students who played an important role in the development of philosophy and logic. Abu Suleiman Mantiki himself was a follower of the Pythagoreans. It is also clear from the philosopher's works that he was a great admirer of Aristotle and followed his logical ideas.

Keywords: Thought, students, school, philosophy, enlightened, ruler, clubs, logic, editing, composition.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТАНОСУБИ МАЪРИФАТИ ҲУШӢ ВА РАТСИОНАЛӢ ДАР ТАЪРИХИ АНТРОПОЛОГИЯ

Элчибекова Б. - ходими илмии Маркази антропологияи АМИТ

Дар мақола муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаи таносуби маърифати ҳушӣ ва ратсионалӣ (ақлӣ)-ро баррасӣ намояд.

Барои муайян намудани ин таносуб шаклҳои маърифати ҳушӣ, яъне эҳсос, идрок ва тасаввур таҳлилу таҳқиқ карда шуданд. Масъалаи мазкур дар заминаи ақоиди мутафаккирони Шарқу Ғарб баррасӣ карда шуд. Аз баррасии масъалаи мазкур метавон гуфт, ки маърифати ҳушӣ зинаи муҳим ва бунёдии шаклҳои маърифат ба ҳисоб меравад ва дар ин замина дигар шаклҳои маърифат, аз ҷумла маърифати ратсионалӣ ба вуҷуд омада, инкишоф меёбанд.

Калидвожаҳо: *маърифат, шаклҳои маърифат, эҳсос, идрок, тасаввур, инсон, ирфон.*

Маърифат ҳамчун мақулаи умумиилмӣ дар низоми илмҳои фалсафӣ яке аз илмҳоӣ бунёдӣ-гносеологиро ташкил медиҳад. Албатта дар ин доираи мазмун ва мундариҷаи гносеологӣ, пеш аз ҳама, шаклҳои маърифатро мазмунан дар бар мегирад. Бинобар сабаби васеъ будани доираи мазмуни маърифат, мо танҳо ба яке аз сифатҳои, амиқтараш, шаклҳои маърифатро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Маърифат, ки раванди фаъолу мақсадноки инъикоси воқеият дар майнаи инсон аст, ҳадафи субекти он ба даст овардани дониши зарурӣ дар бораи олам ва ё ашёи дар олам мавҷудбуда, ба шумор меравад. Албатта, раванди ташаккулёбии маърифати инсон вобастаи авзои иҷтимоӣ ва таърихии фаъолияти эҷодиёти худи ӯ мебошад, ки марҳила ба марҳила, мукаммал гаштааст. Дар ҷараёни маърифат ҷанбаҳои гуногуни олами ҳастӣ, мавҷудияти худӣ, паҳлуҳои ботинию зоҳирии ашёву ҳодисаҳоро барои худ ошкор сохта, ҳамчун субъекти фаъолият олами ҳастиро чун объект омӯхтаю таҳқиқ менамояд.

Мусаллам аст, ки раванди маърифат дар ҳаёти ҳар як инсон нақши муҳим дорад. Инсон бо маълумоте, ки тавассути узвҳои равонии худ дарк менамояд пайдо мекунад, ки дар бораи ҷаҳони ҳастӣ ва олами худӣ дониши зарурӣ ҳосил намояд. Маърифати ҳушӣ ё худ дониши ҳузурӣ аз роҳи шуҳуд касб када мешавад. Ин раванди маърифатро метавон дар чор шакл нишон дод: а) бо истилоҳоти хос - ба воситаи панҷ узви ҳис пайдо гардида, барои шинохти илму тачриба замина мегузорад, б) маърифати ақлӣ - ба василаи мафҳумҳо (категорияҳои фалсафӣ, мантиқӣ, риёзӣ ва ғ.) шакл мегирад ва нақши асосӣ дар раванди ба даст овардани маълумоти илмиро таъин менамояд, в) маърифати таъбидӣ ҷанбаи санавӣ дошта, бар асоси шинохти қалбӣ, яъне бо роҳи хабар додан ҳосил мешавад (Ин навъи донишро муҳаққиқон хоси пешвоёни дин медонанд, ки дар асоси эътиқоду боварӣ пазируфта ва ҳақиқӣ ҳисобида мешавад), г) маърифати шуҳудӣ-ин дониш ба хилофи дигар шаклҳои маърифат ба воситаи мафҳумҳои зеҳнӣ, шуҳудию ирфонӣ қаламдод мешаванд.[1]

Гарчанде байни муҳаққиқон ин навъи тақсимбандии маърифат пурра пазируфта нашудааст, вале то андозае дар шарҳу тавзеҳи шаклҳои маърифат метавонад хизмат намояд. Маърифат ҳамчун раванди фаъолияти мақсадноки инсон, ҳадафаш дарки олами ҳастӣ ва таиноташ дастрас кардани дониши мувофиқ дар бораи ашё ё объекти муайян аст. Тибқи ақидаи С.Ҷ.Стейн ва Ҳовард Бук: “зеҳни эҳсосотӣ бар хилофи мафҳуми маъмулии зеҳн, қобилияти ду-

руст шарҳ додани вазъият ва таъсир расонидан ба он, ба таври интуитивӣ дарк кардани он чизе, ки одамони дигар мехоҳанду ба он ниёз доранд, донистанист". [10,с.56]

Ин дидгоҳи С.Ҷ. Стейн ва Ҳ.Бук доир ба мафҳуми зеҳн баёнгардида он аст, ки онҳо бо ба инобат гирифтани авзои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва идеологии ҳар як давр, таъсир расонидан ба ин ҳолат ва аз нигоҳи зеҳният таҳлилу баррасии масъалаҳое, ки барои дигарон судманданд ва ба он ниёз доранд, фаҳмонист. Онҳо калиди муваффақияти инсонро аз ибтидои таърих то ба имрӯз маҳз дар ҳамин дониста, вобаста ба вазъи мавҷудбудаи замонаш ҳама равандҳоро эҳсосу дарк, мутобиқ шудан ба онҳо ва забони онҳо амал карданро таъкид намудаанд. Ин масъаларо соли 1872 Чарлз Дарвин низ дар асари худ «Ифодаи эҳсосот дар одамон ва ҳайвонот» баррасӣ карда, дар бораи нақши зуҳуроти берунӣ, эҳсосот барои зинда мондан ва мутобиқшавӣ таъкид намудааст. [6, с.111] Вале доир ба омӯзишу таҳқиқи интеллект саҳми муҳимро Дэвид Вечслер гузошта, ӯ "интеллектро ҳамчун қобилияти куллии шахс барои амали мақсаднок, тафаккури оқилона ва муошарати муассир бо ҷаҳони атрофаш" [8,с.118] ном бурдааст.

Зинаи аввали маърифат, маърифати ҳиссӣ буда, он аз эҳсос, идрок ва тасаввур иборат аст. Эҳсос, ки инъикоси хосияти алоҳидаи объект аст ҳангоми таъсир расонидани он ба узвҳои ҳисс пайдо мешавад. Ҳамагуна малумотҳои ибтидоӣ доир ба олам ва шуури инсон тавассути эҳсос мерасад. Дуруст аст, ки узвҳои ҳисси инсон на ҳамаи хосиятҳои воқеияти объективиро муайян карда метавонанд. Вале бо истифодаи асбобҳои лозима инсон имкониятҳои табиии хешро васеъ намуда, он чиро ки ӯ бевосита эҳсос карда наметавонад, барои узвҳои ҳисси худ дастрас мегардонад. Аз ин лиҳоз, маҳдудияти имкониятҳои ҳиссиёти мо дар роҳи маърифат кардани олам монеъаи ногуир буда наметавонад. Чунин ақидидаро К.К. Платанов ҷонибдорӣ карда, таъкид менамояд: "эҳсосотҳо ашё ва ҳодисоти олами воқеиро не, муносибатҳои объективиро инъикос менамоянд. Эҳсосотҳо ҳанӯз шакли маърифат набуда, дар шуур на образи ашё ё ҳодисот, балки таассуротро акс мекунанд". [2,с.111]

Эҳсосот низ монанди фикр ҳодисаи объективӣ буда, дорои шаклу тобишҳои гуногун аст, зеро он ҳама ҳолатҳои руҳию равонии шахсро монанди шодию ғам, ҳаловату кароҳат, тарсу ғазаб, андуҳу изтироб ва ғайраро дак мекунад. Бисёре аз феълҳо чунон тобиш мебошанд, ки номи онҳо моҳиятан ва умқи аслияшонро фақат қисман ифода карда, чун одам дорои чунин феълу рафторест, ки ҳамеша дар ҳолати бедорӣ онҳоро анҷом медиҳад. Азбаски интилигент ақл ва қобилияти тафаккури одамон хеле инкишоф ёфтааст, ваҷҳиёти олии онҳо низ мувофиқан гуногунанд. Ин раванд на фақат аз кӯшиши қонеъ намудани талаботи хеш дар ин ё он шароит, балки аз шавқи маърифат, инчунин майлу рағбати иҷтимоӣ, ахлоқию зебоишиносӣ иборат аст. Эҳсосот, ки оддитарин шакли маълумоти ҳисӣ дониста мешавад, дар шакли соддаю оддӣ сурат мегирад ва тавассути садои соф, ранг, мазза ва ғайраро дакр мекунад. Ба ақидаи донишмандон панҷ намуди ҳиссиётро ҷудо намудаанд: визуалӣ, садоӣ, ламсӣ, лаззат ва бӯй, ки муҳимтарин он барои инсон усули визуалӣ мебошад, зеро беш аз 80%-и иттилооти эҳсосот тавассути он ба даст меояд.

Ҳар чиз ибтидое дорад, ибтидои маърифат бошад, эҳсосот буда, "он монанди сурати материя ҳаркатқунанда аст, мо на дар бораи ҳеҷ як шакли модда ва на дар бораи як шакли ҳаракат, ба ҷуз эҳсосотҳо, бо роҳи дигаре чиз дониста наметавонем". [5,с.14] Эҳсосот ҳамчун зинаи иботидоии маърифат дар ҷараёни таҳаввулот зимни ангезиши органимҳои зинда пайдо гардида, фақат ба туфайли инкишофи системаи марказии асаб имконпазир мегирад. Ҳар як системаи амалкунанда ба туфайли фаъолиятмандии ҳамаи қисмҳои таркибияш амал мекунад, зеро структураҳои ба таркиби он дохилшавандаи мағзи сар нақши бағоят муҳим доранд. Агар ахбори ба майнаи сар воридшаванда мураккаб бошад, таваҷҷуҳ низ ба он бештар мегардад. Дар чунин ҳолат ангезаи ретсеп-

торҳои ин ё он системаи анализаторӣ пайдо шуда, сифатҳои алоҳидаи ашё ё ҳодисоти ба он таъсиркунандаро инъикос менамоянд.

Аз ин гуфтаҳо метавон чунин натиҷа баровад, ки омилҳои муҳити дохилию зоҳирӣ, ки ба раванди ретсепторӣ таъсир мерасонанд, пешакӣ аз ҷониби узвҳои ҳис ба структураҳои ба онҳо марбути асаб, муайян шаванд, ки ба таркиби системаҳои анализаторӣ марбутанд. Системаҳои анализаторӣ ба ҳамаи одамон хос бошад ҳам, хусусиятҳои гуногуни фардӣ доранд. Агар ба таври дигар сухан ронем, имкониятҳои одамон дар бобати эҳсоси сифати ашё ва ҳаводис мутлақо якранг нест, зеро баъзе қобилиятҳои фавқулодаи бӯйфаҳмӣ, биноӣ, шунавоӣ ва ғайра доранд, ки ҳамагӣ эҳсосро ташкил медиҳанд. Ба қавли В.И. Ленин: “чизи аз ҳама нахустинтар ва аз ҳама нозуктар эҳсос аст, дар вай бошад сифат аз ҳама ногузир аст”. [5,с.356] Ин ақидаи В.И. Ленин баёнгари он аст, ки ҳиссиёт ва дарк дар лаҳзаи таъсири мутақобила бо ашёе, ки ин тасвирҳои эҳсосиро тавлид мекунад, ба вуҷуд меоянд, дар ҳоле ки идея метавонад дар зеҳни инсон вуҷуд дошта бошад, новобаста аз он ки манбаи ин ё он идея вуҷуд дорад ё на. Масалан, шумо метавонед чеҳраи шахси фавтидаро ба ёд оред, дар ҳоле ки шумо онро дигар ба таври визуалӣ дарк карда наметавонед. Ниҳоят, намояндагӣ ба андозаи бештар фаъолтар аст, на танҳо ҳузури он, балки худи таркибро низ субъект метавонад шакл диҳад. Масалан, қисматҳои дарки асп ва одамро гирифта, ин ҷисмҳоро ба як симои нави яклухт - симои кентавр, ки ҳеҷ гоҳ ҳамчун ин гуна дарк накардааст ва аз ин рӯ танҳо ба тасвир тааллуқ дорад, муттаҳид кардан мумкин аст. Ба шарофати фаъолияти бештари худ намояндагӣ аллакай дар сарҳади донишҳои ҳассосӣ ва оқилона қарор дошта, дар худ унсурҳои тафаккурро ошкор мекунад.

Тахайюл дар раванди дарки тасвирҳои нав дар асоси даркҳои гузашта ва мафҳумҳои мавҷуд аст. Тахайюл ба кас имкон медиҳад, ки падидаҳоро мувофиқи тавсифи онҳо барқарор кунад. Байни хаёлоти барқарорсозӣ ва тасаввуроти эҷодӣ фарқият вуҷуд дорад, монанди:

-хаёли ихтиёрӣ, ки дар ҳалли мақсадноки масъалаҳои илмӣ, техникӣ ва бадеӣ зоҳир мегардад;

- тасаввуроти беихтиёрона, ки дар хоб ва тасвирҳои мулоҳизавӣ зоҳир мешавад.

Хусусиятҳои умумии шинохти ҳиссиёт мушаххасӣ ва ниҳоии он мебошанд, чун асоси эҳсосотро мушаххасӣ ашё ташкил медиҳад, зеро вай ба инсон дар бораи олами моддӣ, дар бораи макон ва замон маълумот медиҳад. Раванди маърифат, ки тамоми фаъолияти равонии инсонро дар бар мегирад. Эҳсос тасвири эҳсосии хосияти алоҳидаи ашё - ранг, шакл, таъми он ва ғайра мебошад. Маҳдудияти муайяни таъсироти беруна, ки инсон ҳис мекунад, бешак аҳамияти калон дорад. Зеро он мағзро аз бори зиёдатии сигналҳои биоэлектроникие, ки доимо ба мағз дохил мешаванд, эмин дошта, дар шароити муқаррарӣ ба такмили минтақаҳои анализатории мағз монеъ мешавад ва дарки маълумоте роҳ мекушояд, ки то андозае муҳимтар бошанд.

Дар хусуси шаклҳои дониши эҳсосӣ бошад, ҳаминро таъкид бояд намуд, ки эҳсос ин инъикоси хосиятҳои инфиродии предмет, падида, ва равандест, ки дар натиҷаи таъсири бевоситаи онҳо дар ҳиссиёт ба вуҷуд меояд. Бо ёрии онҳо одам хосиятҳои индивидуалии предмет-шакл, ранг, бӯй ва ғайраро дарк мекунад. Дарк бошад, ҳамчун тасвири эҳсосии яктарафаи ашё, раванд ва падидаест, ки бевосита ба ҳиссиёт таъсир мерасонад. Ҳамчун дарк ба ташаккули асосии идеяҳо низ хизмат намуда, доир ба хусусиятҳои онҳо маълумот медиҳад. Ба иборaи дигар, ҳар он чӣ ошноӣ бо ашё дар хотираи шахс боқӣ мемонад. Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки эҳсос шакли донишест, ки вай ин ё он хосият, нишонаи ашё ва ҳодисаҳои мушаххасро инъикос менамояд. [7,с.4] Дар олами моддӣ бошад, хосият ва нишонаҳои алоҳида аз ҳамдигар чудо нестанд, балки ашё ва ҳодисаҳое мебошанд, ки бо якдигар алоқаманданд. Илова на бо ин, интеллект, ки аз ҷониби илм ҳамчун қобилиятҳои асосии инсон эътироф

шудаанд, ба кас имкон медиҳадн, ки донишҳои нав ба даст оранд, инчунин роҳҳои беруназилмии дарк мавҷуданд: интуисия, имон, фаҳмиши мистикӣ ва ғайра. Инсон одатан на бо воситаи узвҳои ҳиссӣ хосияти ин ё он ашёро дарк мекунад, балки доир ба ҳодисаҳои том, ки дорои хосиятҳои зиёданд, қобиляти дарк намуданро дорост.

Яке аз дигар зинаҳои маърифати ҳиссӣ, идрок мебошад. Идрок инъикоси нисбатан томи объект, ки ҳангоми таъсири он ба узвҳои ҳис пайдо мешавад. Идрок натиҷаи фаъолияти мураккаби психикӣ мебошад, ки эҳсосҳои гуногунро дар том ҳамҷоя мекунад, яъне идрок дар асоси эҳсосҳо ба вуҷуд омада, ҷамъбасти онҳоро ташкил медиҳад. Идрок бо фаҳм алоқамандӣ дорад: ягон объектро идрок карда, инсон шабоҳатнокии онро ба дигар объектҳо, дарк мекунад, онро мешиносад ва ба ягон синф ё намуди муайян мансуб медонад. Ба мазмуни идроки инсонӣ манфиатҳо, вазъи кайфиятӣ, хоҳиш, таҷрибанокӣ таъсир расонида метавонанд. Идрок дар заминаи эҳсос ба вуҷуд омада, таҷрибаи қаблан андухтаро аз худ мекунад. Агар эҳсосот ҳамчун раванди дар шуур акс ёфтани сифатҳои алоҳидаи объектҳо ва ҳодисаҳо дониста шавад, пас он ба узвҳои ҳисси одам таъсир мерасонад. Идрок бо шинохтани аломату хусусияти ягон ашёи дар эсҳосот ба вуҷуд омада алоқаманд аст.

Ҳар қадаре, ки бештар хусусиятҳои предметро эҳсос кунем, идроки ин предмет ҳамон қадар осонтар мегардад, зеро чӣ қадаре, ки объект равшантар бошад, ҳамон қадар эҳсосоти фаровони босиравӣ бардоштан мумкин аст, ки ин раванди идрокро осонтар мегардонад. Барои идрок таҷзияи эҳсосот, ки дар натиҷаи фаъолияти пуршиддати яке аҳ узвҳои ҳисси инсон (босира, сомиа, ломиса ва ғ.) сурат мегирад, кофист. Аз ин рӯ, мо ба туфайли ҳисси сомиа, шомма ё босира метавонем бисёр чизҳоро дарк намоем. Бахусус, тавассути узви босира идроки предмету ашё таъмин мегардад, вале эҳсосоте, ки дар натиҷаи фаъолитяи яке аз системаҳои анализаторӣ пайдо шудааст, қабл аз ҳама барои идроки он объектҳо имкон медиҳад то шахс аз маълумоти пештара дониш ҳосил намояд. Предмете, ки ба мо пештар дар бораи он маълумот надоштем ва ё шинос набудем, кушиш менамоем ба моҳияти он дурусттар сарфаҳм рафта, доир ба хусусиятҳои он маълумоти зарурӣ пайдо созем. Бинобар ин, мо баъзан хоҳиш пайдо мекунем, ки предмети мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаро на фақат тамошо намоем, балки ламс намуда, бӯй кашем ва баъзан дандон ҳам газида маълумот пайдо намоем. Масалан, ҳангоми дар ягон мағозаи хурокворӣ ворид шуданамон, мехоҳем баъзан маҳсулотҳоро газида, доир ба хусусиятҳои он маълумоти зарурӣ ҳосил намоем ва ё аз соҳиби мағоза доир ба хусусиятҳои он маълумот пайдо созем. Зеро мо ягон маълумоте доир ба он чиз намедонистем ва ахбори мо доир ба он камбар буд ва ё тамоман набуд, бинобар ин, дар шинохтан ва дарки сурати пурраи он сар задани иштибоҳ аз эҳтимол дур нест.

Бешак метавон гуфт, ки идрок дар раванди маърифат нақши муҳим мебозад ва он дар баробари эҳсосот матои ҳиссиётро ташкил медиҳад, ки аз риштаҳои таҷриба бофта шудааст. Аз баски инсон нисбат ба ҳайвонот таҷрибаи гуногуни ҳаётӣ ва дониши фаровон дорад, он одатан аз муҳити атроф ахбори бештар гирифта, ба ҳодисот хубтар сарфаҳм меравад. Чуноне, ки Ф. Энгелс таъкид намудааст: “уқоб аз одам масофаи дуртарро мебинад, вале чашми одам нисбат ба чашми уқоб дар дидани ашё чизҳои бештарро мушоҳида мекунад. Ва ё саг нисбат ба одам дида ҳисси нозуктари шомма дорад, вале вай он чанд баробари он бӯйҳоеро, ки барои одам нишонаи муайяни ашёи гуногун мебошанд, дарк карда наметавонад”. [2,с.17] Ин ақидаи Ф. Энгелс аз он шаҳодат медиҳад, ки байни эҳсосоти инсон ва олами вуҳуш тафовутҳо мавҷуд буда, ҳар яке дорои хусусияти ба худ хосро доро аст, зеро агар уқоб дар биниш нисбат ба инсон тезбинтар ва саг дар эҳсоси бӯй бартарӣ дошта бошанд, вале он маълумотеро, ки инсон дар дидан ва бӯй кардан ба даст меоварад, ҳеҷ якеи онҳо пайдо карда наметавонанд.

Ҳамин тариқ инсон предмет ва ашёи номаълуморо дарк намуда, онро одатан

ба чизҳое, ки дар рафти андухтани таҷрибаи ҳаётӣ аз худ менамояд, маънои мафҳум дорад, муқоиса мекунад. Ба ҳамин роҳ чизи номаълумро бо чизи номаълум муқоиса карда, хусусиятҳои байни ҳамдигарии онҳоро муайян менамояд. Аз сӯи дигар, барои идроки пурраи предмети шинос тамоми сифатҳои онро (ҳаҷм, вазн, шакл, ранг ва ғ.) эҳсос кардан шарт нест, зеро имкон дорад бо як назари сатҳӣ ва такия ба таҷрибаи гузашта, хусусиятҳои муҳимтарини он пурра дарк гардад.

Характери идрок аз авзои эмотсионалии инсон вобастагии бузург дошта, монанди ғам ва ё шодӣ, ки ба ҷараёни идрок таъсири калон мерасонанд. Чуноне, ки Ибни Сино таъкид месозад: “чуноне, ки касе ғамгин шавад ва корҳое, ки набояд кардан, биистад ва ё чун сахт шод шавад, он гоҳ низ биистад ва кор накунад”. [4,с.65] Дар ин ҷо алоқамандии байни идрок ва эҳсос буда, ҳардуи онҳо дар раванди ба даст овардани маърифат нақши хосса доранд.

Дар маҷмӯъ метавон идрокро ба ду қисм: ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ тақсим намуд. Идроки ихтиёрӣ ба инкишофи диққат ва мушоҳида мусоидат намуда, дар навбати худ ба ҷараёни маърифат ва донишандӯзӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, шахсеро метавон мушоҳидакор гуфт, ки метавонад ба ҳодисаҳо ва ашёи атроф пайваста таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, воқеиятро фаъолона дарк мекунад ва сурату овезаҳоро дар лавҳаи хотираи худ нигоҳ медорад, зеро мушоҳида мақсаднок сифати муҳимтарини касбият буда, барои маълумоти дуруст мусоидат менамояд. Идроки ғайриихтиёрӣ бошад, дар шуури мо зери таъсири эҳсосоти рӯзмарра бидуни ягон хел кӯшиши ихтиёрии фаҳми олами атроф сурат мегирад, яъне ба таври дигар гӯем зимни дакри ғийриихтиёрӣ маълумот гӯё худ ба худ ғун карда мешаванд.

Шакли сеюми маърифати ҳиссӣ тасаввур буда, он ҳамчун зинаи нисбатан мураккабтари маърифати ҳиссӣ дониста мешавад. Тасаввур донишест, ки вай аз ин пеш дар шуури инсон бо ёрии органҳои ҳиссӣ дар натиҷаи ба вуҷуд омадани эҳсос, дарк шудуни ашё ва ҳодисаҳо пайдо шуда, дар айни замон аз назар дур шудааст ва метавонад аз нав барқарор намояд. Аз сабаби он ки инсон дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ ба воситаи тасаввуроташ бо якдигар муносибат мекунад, пас, бо ёрии ҳиссаш хосият, нишонаҳои предмет, ашё, ҳодисаҳои олами моддӣ ва ғайраро, ки аз шуураш берунанд ва новобаста аз он вуҷуд доранд, дар майнаи худ инъикос менамояд ва дар бораи онҳо тавасути эҳсос, идрок ва тасаввур маълумот пайдо месозад. Чун байни ҳама ашё ва предметҳои олам, табиат ва ҷомеа ҳодисаву қонуниятҳое мавҷуд мебошанд, ки ҳамеша дар ҳоли ҳаракат, тағйирёбӣ ва инкишоф қарор доранд ва ҳар кадоми онҳо дорои хосиятҳои ба худ хос аст. Мазмуни тасаввур дар асоси идрокҳои пешина ташкил мешавад. Раванди тасаввуркунӣ ба инсон имкон медиҳад, ки дар ақли худ образҳои нави аз чизҳои дидааш фарқдоштаро офарад. Дар ҳар сурат, маълумотҳои ҳиссии аз идрокҳои пешина гирифташуда маводе мебошанд, ки барои офаридани образҳои нав аҳамияти муҳимро доранд.

Дар ташаккулёбии тасаввур нақши дониш, таҷриба, мақсадгузорӣ, сарфаҳмравӣ хеле калон аст. Гузашта аз ин, тасаввур бештар хусусияти ҷамъбастиро дорост. Тасаввур метавонад ба таҷрибаи андӯхташуда ва маълумоти аз китобу рӯзнома, маҷаллаву дигар манбаъҳои иттилоотии гирифташуда, пайдо гардад. Тасаввур бар хилофи идрок хусусияти ҷомеъ дошта, одатан чандон возеҳ нест, зеро он метавонад на танҳо замони ҳозира, балки замони гузашта ва яндаро инъикос кунад. Одатан инсон дар хиради худ маълумоти пештар дарк ва андӯхташудаашро ҷамъбасту таҳлил намуда, образи объект, ашё ва ё қаҳрамони асосиро дар майнаи сари худ тасаввур менамояд. Масалан, образҳои қаҳрамонон: Сипитамен, Рустаму Суҳроб, Темурмалик, Восеъ, Пиётри 1 ва дигарон, ки дар рафти мутолиаи адабиёти бадеӣ ё китобиҳои дарсӣ ва ё китобҳои таърихӣ ҳосил мекунад.

Тасаввурот дар раванди ба вуҷуд омадани ассосиатсия (робитаи байни тасаввуроти алоҳида, ки яке дигареро ба вуҷуд меоварад Э.Б.) пайдо мегардад. Вале асоси тасаввуро фантазия ё худ

сайри хаёл ташкил медиҳад. Ҳамаи одамон метавонанд то ин ё он дараҷа тахаюл кунанд, вале ин раванд бештар хоси кудакону наврасон мебошад. Тасаввурро дар ҷараёни маърифати аёнӣ чун шакли олии инъикоси ҳиссӣ донистан мумкин аст, зеро он метавонад ба ягон системаи муайяни ҳиссӣ алоқаманд бошад, вале ба таҳлилу баррасӣ ва ҷамъбасти эҳсосу идроки пешина асос ёбад. Аз сӯи дигар, тасаввур қудрат надорад ки он чизҳоеро инъикос намояд, ки бо ёрии узвҳои ҳисс дарк нашудааст. Ин масъаларо В.И. Ленин аз мавқеи диалектикӣ баррасӣ намуда, байни тасаввур ва тафаккурро чунин менависад: “Тасаввур ба реалият аз тафаккур дида наздиктар аст? Ҳам ҳа ҳам не. Тасаввур ҳаракатро куллиятан дарк карда наметавонад, масалан, ҳаракатеро, ки суръаташ дар 1 сония 300000 км мебошад, дарк карда наметавонад, вале тафаккур бошад дарк мекунад ва бояд дарк кунад”. [5,с.232] Ин ақидаи В.И.Ленин баёнгари он аст, ки нақши тасаввур нисбат ба тафаккур поёнтар буда, маърифатеро ки тафаккур ба даст оварда метавонад, тасаввур имконияти онро надорад. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки маърифтаи ҳиссӣ дорои ҳадди муайян буда, он чизеро ки маърифати ақлӣ дарк менамояд, маърифати ҳиссӣ шинохта наметавонад, вале маърифтаи ҳушӣ ҳамчун зинаи асосии маърифати ақлӣ ҳисобида мешавад.

Хулоса, баррасии мавзӯи мазкур баёнгари он аст, ки зинаҳои маърифати ҳушӣ ҳамчун қисми муҳимтарину асосии маърифат, барои ба вуҷуд овардани маълумот ва пайдо намудани дониши зарурӣ аҳамияти муҳим доранд. Вале баррасии мавзӯи мазкур нишон медиҳад, ки эҳсос ҳамчун зинаи нахустини маърифтаи ҳиссӣ ба воситаи панҷ узви ҳис нахуст маълумотро ба даст оварда, онро ба ҳуш ва аз дар эҳсос шакли сурат мегирад. Дарк натиҷаи фаъолияти мураккаби психикие мебошад, ки эҳсосҳои гуногунро дар шакли том ҳамҷоя мекунад. Идрок, ки дар заминаи эҳисба вуҷуд омадааст, таҷрибаи қаблан андухтаро аз худ мекунад. Тасаввур низ донише мебошад, ки он аз ин пеш дар хуши инсон бо ёрии органҳои ҳиссиёт ба вуҷуд омада, дар айни замон аз назар дур шудадаро дубора барқарор менамояд.

АДАБИЁТ:

1. https:// HYPERLINK "https://hawzah.net/fa/Article/View/114494/"h HYPERLINK "https://hawzah.net/fa/Article/View/114494/"awzah.net/fa/Article/View/114494/

2. А. М. Пулодов, А.С. Никифоров. Нури маърифат.-Душанбе.: Ирфон, 1990, 175 с.

3. А. М. Пулодов. Фалсафаи худшиносӣ ва дарки олам. –Душанбе, 1999, 558 с.

4. Абуалӣ ибни Сино. Донишнома. – Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1365. 562 с.

5. В.И. Ленин. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.14.

6. Дарвин Ч. О выражении эмоций у человека и животных. — СПб.: Питер, 2001, 384 с.

7. М. Болтаев. Мантиқ.-Душанбе.: Маориф, 1992. 232 с.

8. Модель интеллекта д.Векслера. Тест д.Векслера. [Электронный ресурс]. URL: https://stu HYPERLINK "https://studfile.net/ preview/5920856/ page:32/"d HYPERLINK "https://studfile.net/preview/5920856/page:32/"file.net/preview/5920856/page:32/ (дата обращение: 10.03.2025)

9. Муаллифон. Фалсафа. –Душанб.: Маориф, 2011. Ҷ. 1.

10. Тивен Дж. Стейн, Говард И. Бук Преимущества EQ. Эмоциональный интеллект и ваши успехи. — Баланс Бизнес Букс, 2007, 384 с.

СООТНОШЕНИЕ ЧУВСТВЕННОГО И РАЦИОНАЛЬНОГО ПОЗНАНИЯ В ИСТОРИИ АНТРОПОЛОГИИ

Элчибекова Б.

В статье автор попытался рассмотреть проблему соотношения чувственного и рационального (умственного) познания.

Для определения этого соотношения были проведены анализ и исследование форм чувственного познания, а именно ощущений, восприятия и представлений. Данный вопрос был рассмотрен на основе идей мыслителей Востока и Запада.

Исходя из рассмотрения данного вопроса, можно сказать, что чувственное познание является важной и фундаментальной ступенью форм познания, на основе которой возникают и развиваются другие формы познания, в том числе рациональное познание.

Ключевые слова: познание, формы познания, ощущение, восприятие, представление, человек, ирфан.

THE RATIO OF SENSORY AND RATIONAL KNOWLEDGE IN THE HISTORY OF ANTHROPOLOGY

Elchibekova B.

In this article, the author attempts to examine the issue of the relationship between sensory and rational (intellectual) knowledge.

To determine this relationship, an analysis and study of the forms of sensory knowledge—namely, sensation, perception, and imagination—were conducted. This issue was considered based on the ideas of thinkers from both the East and the West.

From the examination of this issue, it can be concluded that sensory knowledge is an important and fundamental stage of cognitive forms, on the basis of which other forms of knowledge, including rational knowledge, emerge and develop.

Key words: knowledge, forms of knowledge, sensation, perception, imagination, human, irfan.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

УДК:396 (5753)

НАҚШИ ЗАНОН ДАР РУШДИ САРМОЯИ ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН

Сафарова Бону Қурбоновна - ходими хурди илмии шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносии ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ.

Дар мақола масъалаи нақши занон дар рушди сармояи иҷтимоии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додашудааст. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои муътамади илмӣ масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкур, аз қабилӣ мафҳуми сармояи иҷтимоӣ ва навъҳои он, занон ҳамчун унсури муҳими сармояи иҷтимоии ҷомеаи тоҷик, саҳми занон дар рушди инфрасохтори деҳот ва шаҳрҳо, бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла кишоварзӣ, ҳунармандӣ, соҳибкорӣ ва хизматрасонӣ, нақши занон дар таълиму тарбияи насли наврас ва ташаккули ҷомеа, нақши занон дар нигоҳдории арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва ҷойгоҳи занон дар сиёсати фарҳанги давлатӣ. Илова бар ин муаллиф барои рушди сармояи иҷтимоӣ ва фаъолнокии занон дар ин раванд чанд пешниҳод намуда, тадбиқи онҳоро ба манфиати кор медонад.

Калидвожаҳо: *Сармояи иҷтимоӣ, занон, ҷомеа, давлат, Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, маориф, таълиму тарбия.*

Дар шароити муосири раванди ҷаҳонишавӣ ва тағйироти иҷтимоиву иқтисодӣ, мафҳуми сармояи иҷтимоӣ бештар мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва сиёсатмадорон қарор гирифтааст. Сармояи иҷтимоӣ ба унвони маҷмӯи шабакаҳои мутақобилаи иҷтимоӣ, эътимод, дастгирӣ ва арзишҳои муштарак дар ҷомеа маънидод мешавад, ки барои пешрафт ва рушди устувори ҷомеа нақши калидӣ мебозад. Дар ин раванд, занон ҳамчун яке аз гурӯҳҳои муҳими иҷтимоӣ нақши муассир доранд.

Сармояи иҷтимоӣ (social capital) яке аз мафҳумҳои муҳими илми ҷомеашиносӣ ва таҳқиқоти сиёсӣ дар нимаи дуюми асри XX ба шумор меравад. Гарчанде ки мафҳуми мазкур дар асоси анъанаҳои қадимии ҳамбастагии иҷтимоӣ ва эътимод ташаккул ёфтааст, истифодаи илмии он дар асарҳои муҳаққиқони маъруф, аз ҷумла Пийер Бурдиё, Ҷеймс Колман ва Роберт Путнам, мақоми ҷиддиро касб намуд. Роберт Путнам сармояи иҷтимоиро ҳамчун захираи муносибатҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ муайян мекунад, ки ба субъект имконият медиҳад, ки дар ҷомеа мавқеи устувор касб кунад [8, С.45]. Вай дар навбати худ, сармояи иҷтимоиро «шинохти шабакаҳо, эътимод ва меъёрҳои ҳамкорӣ» меҳисобад, ки барои ҳамкории самаранок дар ҷомеа мусоидат мекунанд [8, С.46].

Мутахассисон сармояи иҷтимоиро ба се намуд ҷудо мекунанд:

1.Сармояи пайвандӣ. Ин навъ сармоя дар байни гурӯҳҳое бо манфиатҳои муштарак (масалан, оила, дӯстон, гурӯҳҳои этникӣ) пайдо мешавад. Он асоси дастгирии шахсӣ ва муҳити ҳимоявиро фароҳам меорад.

2. Сармояи пулӣ. Ин шакл муносибатҳои байни гурӯҳҳо ё синфҳои иҷтимоиро дар бар мегирад. Он ба фарогирии иттилоот ва тавсеаи имкониятҳо мусоидат мекунад.

3. Сармояи пайвасткунанда. Ба муносибатҳои байни фард ва сохторҳои расмии ҳокимият (масалан, давлат, муассисаҳои маориф ва тандурустӣ) дахл дорад. Ин навъ сармоя сатҳи дастрасӣ ба захираҳоро баланд мебардорад.

Сармояи иҷтимоӣ як унсури муҳими рушди устувор ба ҳисоб меравад. Ба таъкиди олимон, кишварҳое, ки сатҳи баланди сармояи иҷтимоӣ доранд ба натиҷаҳои назаррас ноил мешаванд. Дар Тоҷикистон, ки бо хусусиятҳои анъанавӣ ва фарҳанги мутақобилаи иҷтимоӣ хос аст, сармояи иҷтимоӣ дар шакли дастгирии хешу акрабо, ҳамкорӣ дар ҷамоатҳои деҳотӣ ва шабакаҳои ғайирасмии занона зуҳур мекунад. Барои истифодаи самараноки он, зарур аст, ки механизмҳои мусоид барои рушди шабакаҳои иҷтимоии расмӣ ва институтсионалӣ таъмин гарданд [9, С.123]. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба аҳамияти сармояи иҷтимоӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад. Дар стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021–2030) ба мавзӯъҳои таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, рушди ҳамкории давлат ва ҷомеа, ҳамбастагии иҷтимоӣ ва иштироки васеи шаҳрвандон таъкид гардидааст. Ин ҳама нишон медиҳад, ки сармояи иҷтимоӣ на танҳо як мафҳуми илмӣ, балки як абзори амалии рушди миллӣ мебошад.

Ҳамзамон, марказҳои таҳқиқотӣ ва донишгоҳҳои кишвар тадриҷан ба омӯзиши равандҳои рушди сармояи иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Аз ҷумла, мавзӯъҳое ба мисли "нақши занон дар таҳкими сармояи иҷтимоӣ", "институти оила ва сармояи иҷтимоӣ" ва "таъсири муҳоҷират ба шабакаҳои иҷтимоӣ" мавриди пажӯҳиш қарор мегиранд.

Занон, бахусус дар ҷомеаҳои суннатӣ чун Тоҷикистон, нигаҳдорандаи асосии арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Онҳо дар тарбияи фарзандон, гузаронидани расму оинҳо ва нигоҳ доштани робитаҳои хешутаборӣ масъулияти калон доранд. Ин амалҳо худ як навъ сармояи иҷтимоӣ эҷод мекунанд, зеро дар асоси онҳо эътимод, кумакҳои мутақобила ва фаҳмиши ҳамдигар ташаккул меёбанд.

Занон низ ҳамчун сармояи иҷтимои ҷомеаи тоҷик дар рушди давлат ва ниҳодҳои он нақши муҳим доранд. Занон бештар дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, марказҳои рушди ҷомеа ва лоиҳаҳои маҳаллӣ фаъолият мекунанд. Ҳузури онҳо дар ин самтҳо на танҳо ба худи онҳо имконият медиҳад, балки ба таҳкими ҳамбастагӣ, афзоиши эътимоди ҷомеа ба сохторҳои шаҳрвандӣ ва ташаккули муҳити мусоид барои муколамаи байниҳизбӣ ва байнисоҳавӣ мусоидат менамояд. Илова бар ин занон дар деҳот ва шаҳрҳо дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла кишоварзӣ, ҳунармандӣ, соҳибкорӣ ва хизматрасонӣ фаъолият доранд. Бо ташкили гурӯҳҳои хурди корӣ, кооперативҳо ва созмонҳои занона, онҳо на танҳо даромад ба даст меоранд, балки дигар занонро низ дастгирӣ мекунанд. Ин шабакаҳои иқтисодӣ як намуди сармояи иҷтимоӣ мебошанд, ки бар пояи эътимод ва кумакҳои мутақобила амал мекунанд.

Инчунин занон, ба унвони муаллимон, тарбиятгарон, дар густариши донишу маърифат ва баланд бардоштани сатҳи маърифати шаҳрвандӣ саҳми калон доранд. Онҳо дар раванди таълиму тарбияи насли нав ва ташаккули ҷомеаи дорои тафаккури мусбӣ нақши калидӣ доранд. Ҳамин тариқ, тавассути маърифатноксозии ҷомеа, онҳо шароити рушди сармояи иҷтимоиро фароҳам меоранд.

Ҳамчунин нақши занон дар нигоҳдории арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хеле назаррас мебошад. Арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ унсурҳои муҳими сармояи иҷтимоӣ мебошанд. Онҳо ба шаклгирии муносибатҳои байнифардӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуда, меъёрҳои рафторро дар ҷомеа муайян мекунанд. Арзишҳои иҷтимоӣ, ба монанди эҳтиром ба калонсолон, кӯмак ба ҳамсоя, нигаҳдории оила ва иштироки фаъол дар ҳаёти ҷомеа, дар шакли ғайирасмӣ ба тарбияи шахсият таъсир мерасонанд. Арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳамчун пояи устувории ҷомеа, таъмини ҳамбастагӣ ва ҳувияти миллӣ хидмат мекунанд. Дар ин замина, занон нақши муассир доранд, зеро онҳо дар тамоми даврaҳои таърихӣ ҳамчун интиқолдиҳандаи арзишҳои миллӣ, фарҳанг ва ахлоқи ҷомеа шинохта шудаанд. Дар Тоҷикистон, ки фарҳанги суннатӣ ва анъанавӣ решаҳои амиқ дорад, нақши занон дар ҳифз ва таҳкими арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аҳамияти хоса касб мекунад [7, с.234].

Занон ҳамчун интиқолдиҳандаи арзишҳо ба наслҳои оянда дониста мешаванд. Оила ҳамчун муҳити аввалини иҷтимоӣ, нақши калидӣ дар ташаккули шахсият ва ахлоқи инсон дорад. Дар ин муҳит, маҳз модар аст, ки аввалин омӯзгор ва роҳбалад мебошад. Дар оилаҳои тоҷикӣ, ки аҳамияти хоса ба тарбияи ахлоқӣ дода мешавад, модар дар таълими арзишҳо, ба мисли меҳрубонӣ, ростгӯӣ, садоқат, ва эҳтиром нақши асосӣ мебозад. Ба иттилои пажӯҳишҳои ҷомеашиносӣ, кӯдакон ва наврасон бештар арзишҳоеро қабул мекунанд, ки аз тарафи волидайн, бахусус модар бо мисоли шахсӣ ва рафтори шабеҳ нишон дода мешаванд. Аз ин рӯ, занон ҳамчун "агент"-и иҷтимоишавии ибтидоӣ, таъсири зиёд ба шаклгирии сармояи иҷтимоӣ доранд. Иштироки занон дар ташаккули фарҳанги миллӣ ва ҳифзи он аз таъсири ҷаҳонишавиро наметавон нодида гирифт. Бо рушди шабакаҳои иҷтимоӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ, арзишҳои анъанавӣ ва маҳаллӣ бо чолишҳо рӯ ба рӯ шудаанд. Дар чунин шароит, занон ҳамчун муҳофизони фарҳанги миллӣ метавонанд нақши муҳофизатӣ ва интиқолдиҳандаро бозӣ кунанд. Масалан, занон тавассути иштироки фаъолона дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ арзишҳои миллӣ ва забони модариро таблиғ мекунанд ва дар мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ки аксар омӯзгорон занонанд, тарбияи ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ рушд меёбад. Инчунин дар оилаҳо, занон ба фарзандон таърих, анъанаҳо ва хислатҳои миллӣ меомӯзонанд.

Ҷойгоҳи занон дар сиёсати фарҳангии давлатӣ хеле назаррас буда, онҳо бо иштироки фаъолонаи худ дар рушди сиёсати давлатӣ ва дар ин замина ба рушди сармояи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Сиёсати фарҳангии Тоҷикистон дар заминаи ҳифзи арзишҳои миллӣ ва таҳкими ҳувияти фарҳангӣ амал мекунад. Қонунҳо ва барномаҳои зиёде, аз қабили «Стратегияи миллии рушди фарҳанг» ва «Барномаи давлатии тарбияи маънавии шаҳрвандон», ба нақши занон дар тарбияи ахлоқии ҷомеа ва интиқоли арзишҳо аҳамияти махсус медиҳанд [12, с.127]. Ҳамчунин, созмонҳои ҷамъиятии занона, масалан, Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар самти баланд бардоштани маърифати фарҳангӣ ва иҷтимоии занон фаъолият мебаранд. Иштироки занон дар таҳияи барномаҳои фарҳангӣ ва рушди муассисаҳои иҷтимоӣ ҳамзамон боиси таҳкими сармояи иҷтимоии расмӣ мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, занон дар солҳои охир дар самтҳои гуногуни иҷтимоиву иқтисодӣ нақши фаъол мебозанд. Дар баробари вазифаҳои сунатӣ, онҳо ба сифати фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ, роҳбарони созмонҳо, соҳибкорон ва ҳимоятгарони ҳуқуқи инсон баромад мекунанд. Ин раванд нишон медиҳад, ки иштироки занон дар ҷомеа таҳкими сармояи иҷтимоиро тавассути густариши шабакаҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани эътимод ва афзоиши ҳамкориҳои ҷомеавӣ таъмин менамояд.

Занон дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ чанд вазифаи муҳимро иҷро мекунанд. Аз ҷумла:

- ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ (таълим, тандурустӣ, муҳоҷират);
- эҷоди ҷойҳои кории фарогир, бахусус барои гурӯҳҳои осебпазир;
- баланд бардоштани сатҳи ҳамбастагӣ ва эътимод дар ҷомеа.

Дар Тоҷикистон, ташкилотҳои занона, ки дар бахши иқтисоди иҷтимоӣ фаъолият мекунанд, нақши калон доранд, ба мисли кооперативҳои дӯзандагӣ, корхонаҳои хурди маҳсулоти маҳаллӣ, марказҳои омӯзишии касбӣ барои занони бекор ва муҳоҷирзанон.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди нақши муҳими занон дар рушди сармояи иҷтимоии ҷомеаи тоҷик, инчунин мушкилоти зиёде дар фаъолияти занон мавҷуд аст, ки монеаи иштироки пурраи онҳо дар рушди сармояи иҷтимоӣ мегардад. Ин мушкилот иборатанд аз:

- сатҳи пасти дастрасии занон ба таҳсилоти олӣ дар баъзе минтақаҳо;
- муҳоҷирати кории мардон ва афзоиши масъулиятҳои иҷтимоии занон;

- маҳдудиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоие, ки иштироки занонро дар муҳити ҷамъиятӣ кам мекунанд.

Нақши занон дар рушди сармояи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон қобили таваҷҷуҳ ва калидӣ аст. Барои таҳкими ин раванд зарур аст, дастгирии давлатӣ ва ташкили барномаҳои махсуси рушди қобилияти занон сурат гирад [4, С.35]. Илова бар ин фароҳам овардани имкониятҳои таҳсил ва рушди шахсӣ, ташвиқи иштироки занон дар сохторҳои идорӣ ва қабули қарорҳо ва баланд бардоштани маърифати гендерӣ ва фарҳанги баробарҳуқуқӣ дар ҷомеа ба манфиати кор аст. Бо фароҳам овардани муҳити мусоид ва бартараф намудани монеаҳои мавҷуда, метавон саҳми занонро дар рушди сармояи иҷтимоӣ боз ҳам бештар гардонид ва ба рушди устувори ҷомеа ноил шуд.

Бо роҳи истифодаи дуруст аз ин имкониятҳо, метавон монеаҳоро бартараф кард ва сатҳи иштироки занонро дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иқтисоди иҷтимоӣ боло бурд.

Барои баланд бардоштани саҳми занон ва вусъат додани фаъолнокии онҳо дар рушди сармояи иҷтимоии Тоҷикистон пешниҳод менамоем, ки

- баланд бардоштани савияи маърифатии ҳуқуқиву иқтисодӣ тавассути курсҳо ва барномаҳои омӯзишии махсус барои занон, бахусус дар деҳот;
- рушди платформаҳои шабакасозии занона дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ, ки мубодилаи таҷриба, дастгирии равонӣ ва ҳамкориро таъмин мекунад;
- ҳавасмандгардонии соҳибкории иҷтимоии занона тавассути пешниҳоди грантҳо, қарзҳои имтиёзнок ва дастгирии техникӣ;
- фаъолсозии ВАО ва технологияҳои рақамӣ барои таблиғи нақши занон ва афзоиши намунаҳои муваффақ;
- таъмини иштироки занон дар таҳияи сиёсатҳои давлатӣ ва маҳаллӣ тавассути квота ва механизмҳои машвaратии фарогир;

Хулоса занон дар Тоҷикистон, бо вуҷуди чолишҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, иқтидори бузурги таъсирасонӣ ба рушди сармояи иҷтимоӣ доранд. Барои истифодаи комили ин иқтидор, зарур аст, ки муҳити мусоид барои фаъолияти иҷтимоӣ ва шаҳрвандии онҳо фароҳам оварда шавад. Ба шарте ки занон бо шабакаҳо, дониш ва имкониятҳои мусоид муҷаҳҳаз гарданд, онҳо метавонанд ба яке аз сутунҳои асосии рушди устувори ҷомеа табдил ёбанд.

Дар шароити Тоҷикистон, таҳкими сармояи иҷтимоӣ тавассути дастгирии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ба хусус занон, метавонад ба рушди ҳамбастагии миллӣ, эътимоди иҷтимоӣ ва идоракунии самараноки захираҳои иҷтимоӣ мусоидат кунад. Занон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар ду арса — ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иқтисоди иҷтимоӣ — нақши фаъол ва муайянкунанда доранд. Иштироки онҳо ба ташаккули муҳити мусоиди иҷтимоӣ, рушди соҳибкорӣ ва таҳкими сармояи иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

АДАБИЁТ:

1. Баротова Р. (2020). Занон ва рушд: Нақши зан дар таҳкими устувории иҷтимоии Тоҷикистон. Душанбе: Исмат. – 190 саҳ.
2. Бурҳонзода М. (2014). Рушди сармояи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: Таъриф ва андозаҳо. Душанбе: Маърифати тоҷик. – 320 саҳ.
3. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ. Ҳисоботи солона оид ба вазъи занон дар Тоҷикистон. Душанбе, 2022.
4. Комилов А. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва нақши он дар Тоҷикистон – Душанбе, 2020.
5. Махмудов, И. (2017). Роҳҳои рушди гендерӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ барои занон. Душанбе: Пайванд. – 150 саҳ.
6. Маҷаллаи "Зан ва ҷомеа", шумораи махсус, №3, 2023.
7. Мирзоев Б. (2019). Рӯйдодҳои ҷамиятии занон ва сармояи иҷтимоии Тоҷикистон. Душанбе: Чашма. – 300 саҳ.
8. Путнам Р. Сармояи иҷтимоӣ ва ҷомеаи демократӣ. – М., 2001.
9. Саидова М. (2015). Сармояи иҷтимоӣ ва рушди ҷомеа: Анализ бо намунаи Тоҷикистон. Душанбе: Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон. – 210 саҳ.
10. Ҳамдамова С. Нақши занон дар сиёсат ва иқтисоди Тоҷикистон. Душанбе, 2018. – 250 саҳ.

11. Ҳамроева Ш. Занон ва рушди устувор. – Душанбе, 2018.

12. Центр аналитических исследований. Гендерный анализ и роль женщин в социальном капитале Республики Таджикистан. Душанбе: ЦАИ, 2021. – 210 сах.

РОЛЬ ЖЕНЩИН В РАЗВИТИИ СОЦИАЛЬНОГО КАПИТАЛА ТАДЖИКИСТАНА

Сафарова Б.К.

В статье рассматривается вопрос о роли женщин в развитии социального капитала Таджикистана. Автор, опираясь на достоверные научные источники, анализирует различные аспекты данной темы, включая понятие социального капитала и его виды, женщин как важный элемент социального капитала таджикского общества, вклад женщин в развитие инфраструктуры сёл и городов, в различные отрасли экономики, такие как сельское хозяйство, ремесленничество, предпринимательство и сфера услуг, а также их роль в воспитании молодого поколения и формировании общества, в сохранении социальных и культурных ценностей и в государственной культурной политике. Кроме того, автор предлагает ряд рекомендаций по развитию социального капитала и активизации участия женщин в этом процессе.

Ключевые слова: социальный капитал, женщины, общество, государство, Республика Таджикистан, экономическая, социальная, политическая и культурная сферы, образование, воспитание.

THE ROLE OF WOMEN IN THE DEVELOPMENT OF SOCIAL CAPITAL IN TAJIKISTAN

Safarova B.Q.

This article examines the role of women in the development of social capital in Tajikistan. Drawing on reliable academic sources, the author analyzes various aspects of the topic, including the concept and types of social capital, women as a key element of social capital in Tajik society, their contribution to the development of rural and urban infrastructure, involvement in different economic sectors such as agriculture, handicrafts, entrepreneurship, and services, as well as their role in educating the younger generation, shaping society, preserving social and cultural values, and their position in state cultural policy. Additionally, the author offers a set of recommendations to promote the development of social capital and enhance women's engagement in this process.

Keywords: social capital, women, society, state, Republic of Tajikistan, economic, social, political and cultural sectors, education, upbringing.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

УДК:1+05/07:002.6.004.4

АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ЗАМИНАИ МУҲИМИ ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

Муминзода Аҳмад Исмат - доктори илмҳои фалсафа, сарходими шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон +992-903-20-04-61

Абилова Фирӯзамо Сардоровна - унвонҷуи кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ +992-985-20-64-90, abilova.1971af@mail.ru

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи рушди амнияти миллӣ барои таъмини суботи ҷомеаи муосир ва роҳҳои ба даст овардани сулҳу осоиш дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон меравад.

Бо фаъолияти фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, амнияти иттилоотиро танҳо бо кумаки тамоми мамлакатҳои ҷаҳон пурра таъмин кардан мумкин аст, чунки зарурати ташаккули амнияти иттилоотии ҷаҳонӣ ба миён омадааст. Аз нуқтаи назари мо, системаи амнияти иттилоотии ҷаҳонӣ омили муҳими гузариш ба рушди устуворро инъикос мекунад. Ба андешаи мо, бояд самтҳои асосии рушди амнияти иттилоотиро дар миқёси ҷаҳонӣ муайян кардан лозим аст, ки Тоҷикистон узви комилҳуқуқи он аст.

Калидвожаҳо: *амният, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, неруи зеҳнӣ, ҷамъият, рушди устувор, зиддият, мушкилот, технологияи иттилоотӣ, таҳдид, субот.*

Дар доираҳои илмӣ ва идоракунӣ равандҳои пешгӯикунӣ дар ҷахони муосир дар давоми солҳои зиёд яке аз проблемаҳои мураккабтарин ва аксаран ҳалнашаванда ҳисобида мешуд, зеро ба татбиқи ин равандҳо омилҳои мухталиф, ки дар аксар мавридҳо бинобар костагии мазмун ва муайянии худ аз назар дур мемонанд, таъсир мерасонанд [12].

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намудааст, ки дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:

Якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.

Дуюм, то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот.

Сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.

Чорум, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ.

Панҷум, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ.

Шашум, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот.

Ҳафтум, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ ”[10].

Муҳаққиқ К.И. Сафиев андеша дорад, ки «агар розӣ бошем, ки бехатарӣ ҳолати ҳифзкунандагии манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлатро дар назар дошта бошад, пас сухан дар бораи он меравад, ки манфиат ба ҳимоя ниёз дорад» [15;170].

Вазифаю ӯҳдадориҳои давлат ва шаҳрванд дар бораи таъмини бехатарии миллӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, ки дар он ҳаёт, шарафу эътибор ва дигар ҳуқуқҳои табии инсон дахлнопазир аст. Дар моддаи 8 гуфта шудааст, ки онҳо аз ҷониби давлат риоя ва ҳифз мешаванд. Дар навбати худ, дар моддаи 43 қайд шудааст, ки ҳифзи Ватан, ҳифзи манфиатҳои давлат, мустаҳкамкунии истиқлолияти он, бехатарӣ ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд мебошад[4].

Низоми таъмини амнияти миллӣ дар шароити имрӯз - ин системаи мураккаби бисёрдараҷаи функсионалӣ буда, дар худ ташкилот, қувваҳо, воситаҳо барои ҳалли вазифаҳо оид ба таъмини амнияти миллӣ дорад [7; 123]. Дар системаи мазкур субъектҳои асосии амният, ин давлат, ташкилотҳои ҳокимияти қонунбарор, судӣ ва иҷроя мебошад, ки меъёрҳои таъмини амнияти миллиро муайян мекунанд, яъне сарҳади ҳодисаҳои техногенӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва табиӣ, ки хатогии он зарарҳои ҳалокатбори миллӣ мерасонад. Дар амал амнияти миллӣ вобаста ба соҳаҳои мушаххаси фаъолияти ҳаётӣ ҷомеа ба намудҳои зерини амниятӣ: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ, экологӣ ва иттилоотӣ ҷудо мешавад.

Ташаккули парадигмаҳои амнияти миллӣ аз давраи пайдоиши давлат оғоз мешавад, яъне вақте, ки шароити мураккаби таърихӣ зарурияти ғамхорӣ барои мавҷуд буданро тақозо мекунад.

Проблемаи амнияти иттилоотӣ яке аз масоили муҳими ВАО дар ҷомеаи имрӯзаи мо дониста мешавад. Ба ақидаи Назриева О.Ш., «дар шароити ҳозира омӯзиш ва таҳлили амнияти иттилоотӣ чун ҷузъи асосии амнияту суботи давлат аҳамияти муҳим пайдо намуда, аз муҳаққиқон масъулияти ҷиддиро талаб мекунад. Хусусан, баррасӣ ва арзёбии вазъи имрӯзаи фазои иҷтимоӣ, ки хеле печида ва мураккаб аст, нишон медиҳад, ки барои аз ҷониби расонаҳои гуногун дар зеҳни мардум ҷой намудани тасаввуроти мухталиф имкониятҳои зиёд вуҷуд дорад» [8;24].

Дар ҳақиқат баланд шудани таъсири ВАО-и беруна низ ба афкори ҷамъиятӣ ва амнияти иттилоотии мамлакат метавонад таҳдид намояд. «Тибқи мафҳуми амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати ҳифзшавандагии манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот бо назардошти манфиатҳои баробари шахс, ҷомеа ва давлат фаҳмида мешавад» [11;3].

Дар даҳсолаи аввали қарни нав дар саҳифаҳои Интернет ба муқобили лоиҳаю барномаҳои энергетикию металургии мо «ҷангҳои иттилоотӣ» оғоз шуда буданд, ки ин таҳдидҳо рушди иттилооти рақамӣ ва виртуалии моро тақозо мекард.

Дар мамлакати мо бо сабаби гаронии нархи Интернет мизоҷон наметавонанд саривақт онро истифода баранд. Хушбахтона, аз нимаи дуюми соли 2021 иқдоми 50%-и Интернетро ба аҳолӣ пешниҳод намуданд, ки ин ба истифодабарандагони Интернет таъсири мусбӣ расонид. Ҳоло дар илм аз истиллоҳи «гегемонизми иттилоотӣ», «таъсири иттилоотӣ», «ҷанги иттилоотӣ», «иттилооти рақамӣ», «иттилооти маҷозӣ», «технологияи рақамӣ» пурра истифода мебаранд.

Мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ, ки бевосита ва ё бавосита инсонро фаро мегирад, масъалаи амнияти инсон дар ҷомеаи иттилоотии Тоҷикистон мебошад. Ин таҳдидҳо метавонанд ба озодӣ аз тарс бошанд, ки маънои бехатарии шахс ва таҳдид ба истифодабарандагони Интернет, поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандию сиёсии онҳо, инчунин таҳдид ба истифодабарандагони Интернет, ки ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқ ба маълумот, саломатӣ ва рушд буда метавонад [1;130].

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Х.М.Зиёӣ, «ҷанбаҳои торику манфии Интернет» яке аз мушкилоти ҷаҳонсӯзест, ки дар замони муосир ба муносибатҳои байналмилалии кишварҳо таҳдид намуда, хусусияти умумиҷаҳонӣ гирифтааст [16].

Барои равшан намудани ин масъала, чунин хусусиятҳои хоси Интернетро таъкид намудан мумкин аст:

- «Шабакаҳои торик», ки дар майдонҳои интернетӣ (ба мисли фурӯши аслиҳа ва маводи мухаддир, ташкили амалҳои хакерӣ, ташкили барномаҳои порнографӣ, тиҷорати ғайриқонунӣ ва ғ.) ба амалҳои ғайриқонунӣ даст мезананд;

- воситаи таъсиррасонӣ ба равандҳои ҳаётии кишварҳои дигар (рафти интихобот, таъсир ба масоили иқтисодию иҷтимоӣ ва маънавӣ, ташкил намудани гирдиҳамоӣ);

- ҳуҷумҳои хакерӣ;

- дуздии моликияти зеҳнӣ;

- назоратнашавандагии сомонаҳо;

Системаҳои технологияи коммуникативӣ акнун методҳо ва воситаи асосии зарбазанада дар ҷангҳои муосир ба шумор меравад. Дар замони ҳозира дар адабиёти илмӣ ду самти методологии омӯзиши падидаи амнияти иттилоотӣ ташаккул ёфтааст. Як гурӯҳи мутахассисон ташаккули бехатарии иттилоотиро бо табаддулоти иттилоотӣ дар таърихи тамаддуни инсонӣ дар алоқамандии зич дидаанд. Муносибати мазкур онро дар назар дорад, ки дараҷаи амнияти ҷомеа бо сифат ва ҳаҷми иттилооти ба иҷтимоъ дастрас, инчунин ба яке аз ҳолатҳои имконпазир вобастагӣ дорад, яъне, бо алтернативаи бевоситаи он муайян мегардад.

Муносибати дуюмро дар вақташ Лопатин В.Н. пешниҳод намуд, ки дар таърихи тамаддуни инсонӣ пайдоиши категорияи «амнияти иттилоотӣ» бо пайдоиши васоити робитаи иттилоотӣ ва дарки инсон барои имконияти расонидани зарар ба манфиатҳои шахс ё манфиати системаи иҷтимоӣ бо воситаи мубодилаи иттилоотӣ мебошад.

Чуноне ки О.Ш. Назриева менависад, «Имрӯз ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун фишанги асосии таъсиррасон ба афкори иҷтимоӣ, махсусан ҷавонон, ки ҳолати равониашон ҳанӯз комил нест, таъсиргузор аст. Ҳамчунин маҳаки пуркуввати ҳаракатдиҳандаи бозигарони сиёсӣ барои осебпазирии миллатҳо ва давлатҳо, ки ҳадафмандона бо равандҳои гуногуни сиёсӣ таъсир мерасонанд, замина муҳайё месозанд» [8;27].

Манфиати ҳаётан муҳими субъектҳои ҷомеа дар он аст, ки қабл аз ҳама дар нигоҳдории сирри махфӣ, шахсӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва тарафҳои дигари фаъолияти иттилоотӣ аз истифодаи нобаробари он: фалсификатсия, фошсозӣ, нашри ғайриқонунӣ ва нобудсозии мавод нақши муассир дорад.

Сиёсати давлатии муҳити иттилооти ҳуқуқӣ ҳадафи дар Тоҷикистон сохтани системаи умумимиллии автоматии иттилооти худро дорад, ки ба воситаи он бояд иттилооти ҳуқуқии шаҳрвандон, баландбардории самаранокии ҳуқуқ ва истифодабарии он таъмин ва «зичии ҳуқуқии ҷомеа» пурзӯр мешавад [6;123-133].

Ҳангоми коркарди муносибатҳо нисбат ба амният, аз нигоҳи мо дар мадди аввал ҳимояи тамоми категорияҳои субъектҳои муносибати иҷтимоӣ аз расонидани зарарҳои маънавӣ, моддӣ ва зиёнҳои дигар дар натиҷаи таъсири тасодуфӣ ё пешакӣ муайянкардашуда, яъне барқасдона расонидашаванда меистад. Барои ҳамин, проблемаи таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони муосир муҳим ба шумор меравад. Технологияи иттилоотӣ ба ташаккулёбии инсон ҳамчун шахсият таъсир расонида, самти рушди дилхоҳ ҷомеаро муайян менамояд.

Мо ба он андешаҳои таҳқиқотчиёне розӣ ҳастем, ки дар ҷомеаи муосир муҳити иттилоотиро ба ду қисмати таркибӣ ҷудо карда намудаанд: иттилоотӣ-техникӣ (олами техникию технологии ба таври сунъӣ офаридаи инсон) ва иттилоотӣ-психологӣ (олами табиати зинда, ки ба он худи инсон низ дохил мешавад)[14].

Ҳамин тариқ, дар рафти ташкили бехатарии иттилоотӣ ду соҳаро ворид мекунанд: техникӣ, ки аз системаҳои компютерӣ ва шабакаҳои робитавию-телевизионӣ ва сектори бехатарии психологӣ, ки чунин категорияҳо, ба монанди ақидаи ҷамъиятӣ, арзишҳо, ҳиссиёт ва эҳсосот дохил мешавад. Бехатарии иттилоотӣ-психологӣ ин ҳифзкунандагӣ аз зарраррасониҳо ба захираҳои миллии иттилоотӣ, инчунин, солимии равонии инсон ва ҷомеа ба сифати арзишҳои муҳими миллӣ ба шумор меравад.

Сабабҳои асосии воридшавии бехатарии иттилоотию психологиро ба сифати қисми таркибии амнияти миллӣ махсус қайд менамоем. Дар ин ҳолат объекти асосии ҳимоя шуури ҷамъиятии аҳолӣ баромад мекунад.

Равандҳои дисфунксионалии иҷтимоӣ ба воситаи технологияи назорат ва фиребандозии шуури ҷамъиятӣ нақши таъсиррасонии иттилоотӣ-психологиро мебозанд, ки монеаи фаъолияти бехтари институтҳои давлатию иҷтимоӣ мешаванд. Проблемаи мазкур, хусусан, вобаста ба

пайдоиши системаи нави таҳдидҳои дохилӣ ва берунии ҷомеа ва шахсият, инчунин амнияти дохилии равонии онҳо мегарданд. Соҳаи маънавии ҷомеаи муосир ба сифати объекти таъминоти амнияти миллӣ ҷиҳатҳои асосии ҳимоя дорад. Ба он фарҳанги миллӣ, илм, санъат, таҳсилот, инчунин воситаи ахбори омма тааллуқ дорад, ки ба ҷомеа ҳамчун манбаи асосии маҳсулоти фарҳанги маънавӣ хизмат мекунад.

Бо мақсади ҳимояи соҳаи маънавиёт ташаккули системаи ҳимоя аз таъсири манфӣ ба шуури ҷамъиятӣ бо ёрии методҳои муборизаи зидди иттилоотӣ-психологӣ ба роҳ монда мешавад. Ин ҷо ба сифати воситаи асосии таъсиррасонӣ ба инсон истифодаи яроқи ғайримоддӣ баромад мекунад, ки методҳои манипулятивии шуури инсон бо мақсади идоракунии латентӣ (пинҳонӣ) ва бадахлоққунонии шахсият истифода мебаранд.

Муборизаи иттилоотӣ-психологӣ қодир аст, тамоми маҳдудияти ҷисмонии намудҳои яроқро бартараф намояд, яъне новобаста аз боду ҳаво, дар давоми давраи тулонӣ таъсири даҳшатноки худро расонида бо вуҷуди ҳамаи он сарфи маводи зиёди моддиро талаб намекунад. Вазифаи асосии стратегии ин ҷанг вайронкунии захираҳои иттилоотии ҷамъиятӣ ва андешаи одамон нисбат ба якдигарӣ ва муҳити атроф мебошад. Ғайр аз ин, проблемаи муҳими ҳимояи амнияти маънавӣ, ки асоси ҳаёти маънавии ҷомеаро ташкил медиҳад, ба ақидаи мо, ин коркарду роҳкушоии арзишҳои ба ҷомеаи мо муҳим ва тозакунӣ аз арзишҳои ба ҷомеаи мо бегона мебошад. Мақсади ҷомеа ва ҳар як шахси ватандӯст монеашавӣ ба афзалиятҳои ба ҷомеаи мо зарарнок ва бартарӣ додан ба фарҳангу анъанаҳои миллӣ мебошад.

Вобаста ба ҳокимияти иттилоотии ҳамаро фарогиранда падидаи номбаршуда ба воситаи чунин усулҳо, ба монанди маҳрум намудан аз ҳуқуқи интихоб намудани иттилоот ва хабари нодуруст расонидан ба аҳолӣ ба миён меояд. Таъсири иттилоотӣ метавонад иқтидори асосии геополитикии давлат, ҳуввияти миллӣ, фарҳанг ва ҳолати ахлоқии ғояҳоро тағйир диҳад. Таъсири самараноки тарғиботӣ дар таҳкурсии донишҳо дар бораи психологияи «издиҳом», нейропсихологии методҳои манипулятсия ва медиопсихология ба роҳ монда мешавад. Самти мазкур механизми муосири ташвиқоти технологии тасаввуркунанда ва манипулятивиро инъикос мекунад.

Муҳаққиқони тоҷик Зарипов С.А., Раҳмонов П.К. андеша доранд, ки дилхоҳ амалиёти беиҷозати корманди комилҳуқуқи корхона нисбати дахолати беиҷозат ба мавод ва системаи иттилоотӣ ба ӯ номи ҳуқуқвайронкунанда ё вайронкор дода мешавад. Чунин амалиётро аз рӯйи хусусияташон ба ғаразнок ва беғараз ҷудо мекунанд. Амалиёти ғаразнокро онҳо аз нокифоягии тахассуси истифодабарандагон дар фаъолияти касбӣ дарак дода, он қадар амиқ баррасӣ намешаванд, амалиёти ғаразнок бошад, мақулаи васеи дахолати беиҷозат ба мавод ва системаҳои корхонаҳо буда, аз рӯйи мақсадҳо фарқ кунонида мешаванд. Ба сифати вайронкори ғаразноки дохилӣ кормандеро эътироф мекунанд, ки кӯшишҳои самтнокро нисбати ба даст овардан, тағйир додан ва ё нест кардани маълумоти махфӣ берун аз доираи фаъолияти вазифавии худ анҷом медиҳад[3;107].

Бидуни шубҳа, масъалаи муҳимтарини ҷомеаи муосир, амнияти иттилоотӣ-равонии шахсият ба шумор меравад. Дар шароити таҳаввулоти куллии ҷомеаи муосир ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳимояи равонии шахс, ҳам аз ҷиҳати амалӣ ва ҳам аз нигоҳи назариявӣ муҳим мебошад. Амнияти иттилоотӣ-равонии шахс ҳамчун ҳифзкунандагии равонӣ аз амали гуногуни омилҳои иттилоотӣ ташаккул ва коркарди воқеияти он - асосҳои самти иттилоотии амали инсонро душворкунонда, инчунин системаи муносибати субъективӣ-шахсӣ бо худ ва муҳити атроф фаҳмида мешавад.

Яке аз роҳҳои таъсири равонӣ ба ҷомеаи имрӯза, бахусус ҷомеаи Тоҷикистон, ки аксаран мусулмонанд, ин амри маъруф ва маъвизаҳои зиёди динӣ бо воситаи видеороликҳои иттилоотӣ ва сомонаҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошанд. Мусаллам аст, ки сомонаҳои ғаразнок ҳеҷ гоҳ худро террористӣ ва ё ифротӣ эълон намекунанд, балки бо номҳои маърифатию динӣ амал карда, маводи хислати ифротии амри маъруф доштаро нашр ме-

кунанд ва ба воситаи паҳнкунии номаҳои ҷалбкунанда мехоҳанд сафҳои худро аз ҳисоби одамони содаю гумроҳ пурра созанд. Амри маъруфи таҳрифшуда маъмултарин силоҳи манипулятсияи омма аз ҷониби ин гурӯҳҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, Маркази миллии иттилоотии мубориза бо терроризм ва экстремизм бояд таъсис дода шавад, ки дар ҳар як ноҳия бо пайваст будан ба маркази ягона бар зидди падидаҳои зикршуда мубориза барад. Дар сомонаи расмии он гӯшаи махсус сохта шавад, ки хоҳишмандон тавонанд маводи видеоӣ, аудиоӣ ва ғайраи хусусияти ифротӣ доштаро пайдо кунанд.

Мониторинги пайвастаи Интернет усули босамари пешгирӣ ва мубориза бо интернет-экстремизм мебошад. То ин дам чандин ташкилоти байналмилалӣ оид ба осебпазир будани низоми амнияти иттилоотии кишвар мавод нашр карданд. Сухан атрофи он намеравад, ки то куҷо тадқиқоти мазкур субъективона ва ё объективӣ мебошанд, балки бояд дар кишвар низоми миллии мониторинги шабакаи Интернет мавҷуд бошад, то ҳамасола дараҷаи устувории иттилоотии он мавриди таҳлилу натиҷагирӣ қарор гирад ва нисбат ба мушкилоти ҷойдошта тадбирҳо андешида шаванд. Чунин тадбирҳо на танҳо барои мубориза бо таҳдидҳои берунӣ муҳиманд, балки иқдомҳои нигоҳдошти устувории иттилоотӣ ва ҷиноятҳои шабакавиро, ки аз ҷониби сокинони кишвар анҷом дода мешаванд, пешгирӣ менамоянд.

Бояд зикр намуд, ки такмили заминаи меъёрӣ, албатта, муборизаи ниҳоӣ бо падида нест. Барои он ки давлат аз дидгоҳи иттилоотӣ ҳифзшуда бошад, инфрасохтори интернетӣ, системаи муташаккили тарғибот, низоми хоси бурдани ҷанги иттилоотӣ низ зарур мебошанд. Дар шароити муосир ҳифзи амнияти иттилоотӣ яке аз таркибҳои асоситарини манфиатҳои миллӣ ба шумор рафта, дар партави чорабиниҳо ва механизмҳои мубориза бар зидди таҳдидҳо ба амнияти иттилоотии кишвар манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат низ ҳифз хоҳанд шуд.

Ба масъалаҳои нисбатан муҳими ташаккули амният таваҷҷуҳ намуда, нақши онро дар раванди таъмини ҳар як намуди амният дар системаи амнияти миллӣ ҷудо менамоем, ки яке аз онҳо амнияти мудофиавӣ ба шумор меравад. Амнияти ҳарбӣ дар ҷомеаи муосир бе рушди амнияти иттилоотӣ ва алоқамандии байни онҳо тасаввурнашаванда аст. Амнияти ҳарбии ҷомеа имрӯзҳо аз ҳисоби воридшавии технологияи нави иттилоотӣ ҳамаҷониба таъмин шуда истодааст. Системаи муҳимтарини давлат, ки аз васоити технологияи ҳарбӣ ва системаи идоракунӣ иборатанд, дараҷаи баланди компютерикуниро соҳиб шудаанд, ки дараҷаи ҳассоси он аз таъсири яроқи иттилоотӣ ҳам дар давраи осоишта ва ҳам дар давраи ҷанг иборат аст.

Ба назари мо, роҳи интихоби теократияи исломӣ роҳи суботи ҷумҳурии дунявии Тоҷикистон нест, агарчи чунин самтро як қисми аҳолии мафкураи ифротидошта ва баъзе рақибони сиёсӣ, ки шояд беш аз 10 %-и ҷомеаро ташкил медиҳанд, пешниҳод ва тарафдорӣ менамоянд.

Масъалаи фаъолнокии маънавии афроди ҷомеаро ба эътибори ҷиддӣ гирифтан муҳим аст. Барои ин танҳо хоҳишҳои неку директиваҳо ва ташкили барномаҳои тарбияи ватанпарастӣ дар ВАО кам аст.

Дар ин самт тағйироти принсипалӣ нисбат ба аҳолӣ лозим аст, чунки олами дохилии инсон, адолату ҷидду ҷаҳд ва майлҳои ӯ, яке аз нуқтаҳои асосии гардиш ва мақсади ҳастии иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Бе муттаҳидии тамоми қишрҳои аҳолии кишвар ва устувории идеяҳои муттаҳидкунандаи миллӣ, дар бораи нигаҳдории фарҳангу ҳувияти тоҷикӣ, худшиносии тоҷикӣ сухан рондан муҳол аст.

Фаъолияти амалии доир ба таъмини суботи системаи иҷтимоӣ на бо ягон хел нақша, балки бо роҳи душвор ба амал меояд, ки сарфи калони моддию равониро талаб мекунад. Дар он бояд тамоми унсурҳои системаи иҷтимоӣ иштирок кунанд. Яке аз унсурҳои муҳими он, ин амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Муҳаққиқ Ибодов А.Х. дар қатори комёбиҳо ҳангоми амалӣ намудани «Консепсияи бехатарии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба эътибор нагирифтани як қатор масъалаҳоро низ мушоҳида намудааст, ки инҳо:

Якум, то ҳоло дар ҳудуди ҷумҳурӣ истеҳсоли васоити иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба роҳ монда нашудааст, ки мо гумон мекунем ин яке аз камбудиҳои ҷиддӣ ба шумор меравад;

Дуюм, чораҳои ба амнияти иттилоотӣ равонашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя ҳастанд, ки чунин ҳолатҳо метавонанд оянда ба бехатарии иттилоотии мамлакат таъсири манфӣ расонанд[2;107].

Аз ин хотир муаллифи рисола муътақид аст, ки барои баланд бардоштани сатҳи амнияти иттилоотии мамлакати мо кӯшишҳои дастаҷамъонаи тамоми ҷомеаи тоҷикистонӣ муҳиманд.

Бо фаъолияти фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, амнияти иттилоотиро танҳо бо саъйи тамоми кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ пурра таъмин кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, зарурати ташаккули амнияти иттилоотии ҷаҳонӣ ба миён омадааст. Аз нуқтаи назари мо, системаи амнияти иттилоотии ҷаҳонӣ омили муҳими гузариш ба рушди устуворро инъикос мекунад. Ба андешаи мо, бояд самтҳои асосии рушди амнияти иттилоотиро дар миқёси ҷаҳонӣ муайян кардан лозим аст, ки Тоҷикистон узви комилҳуқуқи он аст:

- таъмини ҳолати ҳифзи муҳити ҷаҳонии иттилоотӣ аз таҳдидҳо ва хатарҳои хусусияти воқеӣ ва эҳтимолӣ;

-рушди фазои иттилоотӣ дар самти амнияти ҷомеа, инсон ва биосфера;

-тақсими одилонаи манфиатҳо ва захираҳои муҳити ҷаҳонии иттилоотӣ байни мардум ва ҳамаи давлатҳои ҷаҳонӣ;

-кӯмак ба раванди гузариш ба рушди устувори муҳити ташаккулёбандаи ҷаҳонӣ.

“Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти стратегӣ ба рушди низоми таҳсилот, такмили неруи илмию техникӣ, баланд бардоштани сатҳи зеҳнии ҷомеа ҳамчун асос барои ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ равона карда шудааст, ки дар ин самт нақши занон хеле баланд аст”[9;357].

Дар роҳи татбиқи стратегияи мазкур фаромӯш набояд кард, ки фазои иттилоотии ҷаҳонӣ сарҳадҳои ҷуғрофӣ ва давлатӣ надорад. Аз ин рӯ, ҳифз ва таҳкими он ҳамзамон аз тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста аст, зеро ба осебпазирӣ ва зарар, рушди он дар кишварҳои гуногун алоқамандӣ дорад. Дар робита ба ин, мо ба хулосае меоем, ки масъалаҳои ҳамоҳангсозии стандартҳо ва қонунҳои миллӣ, инчунин вазифаҳои ҳамкорӣ дар татбиқи онҳо, қабули шартномаҳои байналмилалӣ оид ба фаъолияти фазои байналмилалии иттилоотӣ дар ҷанбаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраҳо чораҳои муқовимати асосӣ ба ҷанги иттилоотӣ аст.

Мавзӯи муҳокимаи усулҳо ва объектҳои ҷанги иттилоотӣ мубрамтарин масъалаи ҷомеаи муосир аст, зеро ҳадафи он истифодаи давлатҳои фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва инфрасохтор барои гузаронидани амалиётҳои ҳарбии стратегӣ ва кам кардани таъсир ба манбаи иттилоотии худ мебошад. Муқовимати иттилоотӣ усули принсипан нави стратегии ҷанги иттилоотӣ тавассути ҳалли ҳолатҳои муноқишавӣ бидуни истифодаи қувваҳои мусаллаҳ мебошад. Муаллиф механизмҳои зеринро ҳамчун равишҳои асосии ҷанги иттилоотӣ муайян кардааст:

- ташаккули фазои рӯҳӣ, дасткорӣ кардани шуури ҷамъиятӣ бо мақсади эҷоди ташаннуҷ ва бесарусомонии сиёсӣ;

- маълумоти нодуруст дар бораи аҳолӣ;

- ноустувории муносибатҳо тавассути таҳрикоти муноқишаҳо ва ҷанги шаҳрвандӣ дар заминаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва миллӣ; вайрон кардани нуфузи байналмилалии давлат;

- зарар ба манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, мудофиа ва ғайра.

Ба андешаи мо, бо мақсади пешгирии бӯҳронҳои нав дар муносибати Тоҷикистон ва ҷомеаи байналмилалӣ, яке аз намудҳои фаъолияти амнияти иттилоотии ҷаҳонӣ бартараф кардани нобаробарии рақамӣ" мебошад. Дурнамои вобастагии иттилоотӣ аз қудратҳои технологии кишварҳои суперраққикарда, аз ҷумла Тоҷикистон дар ин самт боиси нигаронии шаҳрвандон ва муассисаҳои давлатӣ мегардад. Таъмини дастрасии одилона ба манбаъҳои иттилоотӣ, имконияти иштироки мустақим дар ташаккули мундариҷаи фазои ҷаҳонӣ, инчунин истифодаи ҳама гуна манфиатҳои имконпазир аз истифодаи технологияҳои иттилоотӣ аз ҷониби ҳар як кишвари ҷомеаи ҷаҳонӣ

шарти муҳими гузариш ба рушди устувор мебошад.

Мо мутмаин ҳастем, ки татбиқи ин ғоя ба ҳар як фарди ҷомеаи муосир имкон медиҳад, ки иштирокчии комилҳуқуқи ҳамкории иҷтимоӣ дар равандҳои иҷтимоии ҷаҳонӣ гардад. Ғайр аз ин, аз масъалаҳои ташаккули фазои иттилоотӣ, бояд алоҳида проблемаҳоеро қайд намоем, ки тағйироти фарҳангии ҷомеаро ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон, бояд ба эътибор гирифт, ки дар ҷанги менталӣ, чун дар дигар шаклҳои муборизаҳои иттилоотӣ, аз тамоми воситаҳо истифода бурда шуда, ба ягон меъёрҳои ҳуқуқию ахлоқӣ тавоҷуҳ зоҳир карда намешавад. Аз ин рӯ, барандагони чунин ҷангҳо аз сохторҳои расмии худ дар кишварҳо ба таври ғайриқонунӣ истифода бурда, аз ҳисоби сокинони маҳаллӣ ҳар гуна сохторҳои ғайридавлатӣ ташкил мекунанд, онҳоро маблағгузорӣ менамоянд, баъзеҳоро ба ниҳодҳои худ ба фаъолияти меҳнатӣ бо пардохти музди баланди меҳнат ҷалб сохта, барои амалисозии ҳадафҳои ғаразноки худ истифода мебаранд ва ғайра. Бо ҳамин сабаб, дар баъзе кишварҳо амнияти миллию давлатии худро ҳифз намуда, одатан чунин ниҳодҳои шаҳрвандӣ ё шаҳрвандони алоҳидаро ҳамчун «агенти хориҷӣ» ба қайд мегиранд, ки як шакли муассири муборизаи ба ҷангҳои менталӣ дар замони муосир мебошад. Инро ба эътибор гирифта, дар кишвари мо низ бояд масъалаи такмили қонунгузорӣ дар самти муборизаи ба ҷангҳои менталӣ ва дигар навъҳои муборизаҳои иттилоотӣ мавриди баррасии мутахассисон қарор дода шавад[16].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имрӯзҳо таваҷҷуҳ ба гирифтани маълумот, бахусус маълумоти олию миёнаи техникӣ, бо тамоми шаклҳои дастрасии он ба аҳолӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ меафзояд. Дар донишгоҳҳо ҳоло гурӯҳҳои фосилавӣ барои гирифтани маълумоти олӣ таҳсил доранд ва он рӯз дӯр нест, ки Донишгоҳҳои виртуалӣ кушода мешавад, ки дар пешгирии таҳдиду хатарҳои иҷтимоӣ боз як чораи муқовиматкунанда ба манфиати ҷомеа ташкил мешавад. Вале таъсиси чунин донишгоҳҳо танҳо дар ҳолате ба амал омаданаш мумкин аст, ки аҳолӣ технологияи иттилоотии муосирро озодона истифода карда тавонад ва фарҳанги баланди истифодабарии Интернет дошта бошанд.

АДАБИЁТ:

1. Бехбудов Ш.Т. Информационная реальность в парадигме антропологических ценностей человека в современном обществе. Дисс. ... кандидата философских наук. - Душанбе. - 2021. - С. 130.

2. Ибодов А.Х. Информационная безопасность: проблемы и её особенности// Вестник ТНУ. Серия гуманитарных наук. - 2015. - №3/7 (179). - С. 138.

3. Зарипов С.А., Раҳмонов П.Қ. Омили инсонӣ ва амнияти миллӣ// Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - 2015. - №2(25). - С. 107.

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2016с.

5. Манойло А.В., Петренко А.И., Фролов Д.Б. Информационно-психологическая безопасность// Безопасность информационных технологий. – 2004. – № 1.

6. Мирзоахмедов Ф. Обеспечение информационной безопасности в правоохранительных органах// Труды Академии МВД Респуцблики Таджикистан. - 2011. - №2(16). - С. 123-133.

7. Муминов А.И. Религиозный экстремизм: сущность и явления, формы проявления и пути их решения в постоянно меняющемся современном обществе. Монография. - Душанбе. - 2017. - 250 с.

8. Назриева О.Ш. Инъикоси масоили амнияти иттилоотӣ дар васоити ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон// Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. - 2017. - №3(1). - С. 24.

9. Оқилова Қ.С. Нақши зан дар рушди неруи зеҳнӣ.С.52//Саҳми занон дар рушди илм. Маҷмуаи мақола ва баромадҳои иштирокчиёни нуҳумин конференсияи ҷумҳуриявии “Саҳми занон дар рушди илм”. Душанбе. 2023.-357 с

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. 28.12. 2024.

11. Укази Президенти ҶТ «О концепции информационной безопасности»// Asia plus. - № 21 от 23 мая 2007г.

12. Усмонзода Х.У. Фаттоҳзода С. Муносибатҳои расионалистӣ ба идоракунӣ ва пешгӯйии самти равандҳои маҳаллӣ ва ҷаҳони дар амалияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният №2 (10)2024 Душанбе-2024 –С.13

13. Тоҷикистон ва баъзе масъалаҳои доғи глобалии замони муосир// Зиёӣ Х.М. Ҷомеа ва масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ (маҷмӯаи мақолаҳо). - Душанбе: «Аржанг». - 2020. - С. 75.

14. Поздняков А.И. Информационная безопасность// Безопасность. – 1992. – № 6; Тонконогов А.В. Информационно-психологическая безопасность в системе духовной безопасности современной России// Власть. – 2010. – № 6; Возженников А.В., Глебов И.Н., Золотарев В.А. Основные концептуальные положения национальной безопасности России в XXI веке. – М.: Эдаспак. – 2000;

15. Сафиев К.И. Информационная безопасность: сущность и разнообразие форм проявления// Вестник ТНУ. Серия гуманитарных наук. Часть 1. - 2012. - №1. - С. 170.

16. Хуршед З. Ҷанги менталӣ: моҳият ва шаклҳои зуҳур [манбаи электронӣ].https://m.com/story.phpstory_fbid =4500170813332428 (санаи истифодабарӣ: 31.03.2021)

ИНФОРМАЦИОННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ ВАЖНАЯ ОСНОВА ЗАЩИТЫ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ

Муминзода Ахмад Исмат
Абилова Фирузамо Сардоровна

В данной статье говорится о развитии национальной безопасности для обеспечения стабильности современного общества и путях достижения мира и спокойствия в современном обществе Таджикистана.

При функционировании глобального информационного пространства информационная безопасность может быть полностью обеспечена только с помощью всех стран мира, поскольку возникла необходимость развития глобальной информационной безопасности. С нашей точки зрения, глобальная система информационной безопасности отражает важный фактор перехода к устойчивому развитию. На наш взгляд, необходимо определить основные направления развития информационной безопасности в глобальном масштабе, полноправным членом которых является Таджикистан.

Ключевые слова: безопасность, национальная безопасность, информационная безопасность, интеллектуальная мощь, устойчивое развитие, противоречие, проблема, информационные технологии, угроза, стабильность.

INFORMATION SECURITY AN IMPORTANT BASIS FOR PROTECTING NATIONAL INTERESTS

Muminzoda Ahmad Ismat
Abilova Firuzamo Sardorovna

This article discusses the development of national security to ensure the stability of modern society and ways to achieve peace and tranquility in the modern society of Tajikistan.

With the functioning of the global information space, information security can be fully ensured only with the help of all countries of the world, since there is a need to develop global information security. From our point of view, the global information security system reflects an important factor in the transition to sustainable development. In our opinion, it is necessary to determine the main directions of information security development on a global scale, of which Tajikistan is a full member.

Keywords: security, national security, information security, intellectual power, sustainable development, contradiction, problem, information technology, threat, stability.

№3
2025

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

СИЁСАТШИНОСӢ

МОҶАРОҲОИ ОБИ ВА ХУСУСИЯТҲОИ СИЁСИИ ОН ДАР НИЗОМИ НАВИ ГЕОПОЛИТИКӢ

Комилбек Амид Ёрбек - доктори илмҳои сиёсатшиносӣ-ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Умарзода Амриддин Саидаҳмад - унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

«Тағйирёбии глобалии иқлим ба сифати яке аз мушкилоти муосир, пеш аз ҳама, ба ҳолати пиряхҳо, захираҳои барф ва об таъсири манфӣ мерасонад…Ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк мекунад, ки коҳиш ва харобшавии минбаъдаи обҳои ошомиданӣ дар сайёра метавонад аҳли башарро ба фалокатҳои зиёди ҷонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дучор намояд. Аз ин лиҳоз, ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки барои ҳалли ин масоили глобалӣ ҳарчи зудтар чораҳои зарурии муштаракро таҳия ва татбиқ намояд».

Эмомалӣ Раҳмон.

Дар мақолаи мазкур, масъалаи сиёсати давлатии об дар низоми нави геополитикӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифта-аст. Муаллиф, дар асоси фикру андешаҳои олимону муҳаққиқон ибрози андеша менамояд, ки вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ва паёмади таҳдиду хатарҳои нави олам рӯз ба рӯз дар шаклҳои нав ба вуҷуд омада истодааст. Яке аз чунин хатарҳои нави геополитикӣ ин норасогии оби ошомиданӣ мебошад. Дар ҷаҳони муосир вазъи захираҳои об ба як мушкилоти муҳиммӣ ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Бо дарназардошти мураккаб-шавии мушкилоти об ва таъмини амнияти обӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, масъалаи об ба масъалаи доимобаррасишавандаи сатҳҳои гуногуни муносибатҳо, инчунин боиси моҷароҳои обӣ гардида истодааст.

Калидвожаҳо: *об, геополитика, моҷаро, хатар, таҳдид, амнияти обӣ, захираҳои об, ҳамзистии осоишта, моҷароҳои обӣ, ҳаёти солим, норасогии об, обҳои фаромарзӣ, истеъмоли об, ҳадафҳои ҳарбӣ, тақсимоти об.*

Омӯзиши масъалаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи об яке аз масъалаҳои муҳим ҳам аз нигоҳи илмӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Муҳим будани масъалаи мазкур, дар он ифода меёбад, ки якум, тибқи пешгӯии муҳаққиқон солҳои наздик аз се ду ҳиссаи аҳолии сайёраи Замин аз об танқисӣ мекашанд. Дуюм, оқибатҳои кам шудани захираҳои об аз оқибатҳои буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ вазнинтар аст. Сеюм, тибқи таҳлил ва андешаҳо дар ояндаи наздик нархи як литри об аз нархи як литри бензин баланд мешавад. Чаҳорум, дар оянда нуфузи давлатҳое, ки захираҳои бои об доранд, баланд мешаванд.

Бо дарназаршдошти муҳим будани асосҳои болозикр, метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи захираи об дар қатори давлатҳои аввали ҷаҳон қарор дошта, чун давлати мустақил дар масъалаи сиёсати обӣ ва захираҳои об нуфузи баланд дорад. Дар Тоҷикистон 60 дарсади захираҳои оби Осиёи Марказӣ вуҷуд дорад [11, С.283]. Дар шароити кам шудани захираҳои оби ҷаҳонӣ ва афзоиши талаботи аҳолии сайёра ба об нуфузи Тоҷикистон дар танзими оби минтақа баланд мешавад. Аз ин хотир, сиёсати давлати дар бахши истифодаи оқилонаи об самти муҳими фаъолияти давлатҳо, аз он ҷумла давлати Тоҷикистон мебошад.

Бо ин назардошт вазъи сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар инсонро ба андеша водор менамояд, ки дар бораи масъалаҳои бавуқуъояндаи ҷомеаи муосир андеша намояд. Маълум аст, ки бо дарназардошти ба вуқуъ пайвастани равандҳои муосири сиёсӣ дар сайёра вазъи геополитикии ҷомеаи ҷаҳонӣ сифати навро гирифта истодааст. Ҷомеаи ҷаҳони тарзе намудор мегардад, ки мизбонони ҷаҳон инсониятро ба як марҳилаи ташаккули тамаддуни ягонаи сайёра ворид намудан мехоҳанд.

Дар ин асос, қайд кардан зарур аст, ки аз рӯзе инсоният соҳибқалам гардид ва қишри иҷтимоие чун зиёӣ ба майдон омад, аксарияти онҳо ба муқобили моҷаро буданду сулҳу оромӣ васф менамуданд. Маълум аст, ки имрӯзҳо ҳаёти сиёсии ҷомеаи ҷаҳони пур аз раванду ҳодисаҳо ва моҷароҳои дохилию бурунмарзӣ мебошад. Таъмини сулҳу субот, амният, некуаҳволӣ ва зиндагии шоистаи мардум муаммои ҳалталаб ва мушкилоти авалиндараҷае гардидааст, зеро моҷароҳои сиёсӣ ва таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ муосир рӯз то рӯз меафзояд.

Бо дарназардошти нуктаҳои назари болозикр ва муҳиммияти масъалаи мазкур, метавон гуфт, ки оид ба моҷароҳои оби ва хусусиятҳои сиёсии он дар низоми нави геополитикӣ фикру андешаҳои зиёд ва гуногун мавҷуд мебошад. Масалан, профессор Волф А. қайд менамояд, ки «Хатари бӯҳрони об бо артиши сафарбаршудаи давлат дар сарҳад баробар аст» [6, С.387]. Дар идома ӯ, қайд мекунад, ки яке аз мушкилоти калидӣ аз нигоҳи амнияти байналмилалӣ дар ин замина идоракунии ҳавзаҳои обҳои фаромарзӣ (аз ҷумла, ҳавзаҳои обҳои зеризаминӣ) мебошад. Дар инҷо андешаи муаллиф маънои онро дорад, хатари бӯҳрони об ба таъмини мудофиаи давлат, яъне бо артиши давлатӣ дар сарҳад баробар аст. Ба таври дигар, метавон дарк кард, ки набудани оби ошомиданӣ ба бӯҳронҳои ҷиддии сиёсӣ оварда мерасонад, ки дар оқибат метавонад ба низоъҳои ошкоро ва ҳатто даргириҳои низомӣ табдил ёбад. Лоиҳаҳое, ки ба истифода ва истеъмоли об нигаронида шудаанд, аз ҷумла барои паст кардани шиддати иҷтимоӣ ва беҳтар кардани сифати зиндагии мардум пешбинӣ шудаанд. Бо вуҷуди ин, худи об аксар вақт боиси низоъ мегардад. Проблемаҳои дастрасии нокифоя ба об ё сифати нокифояи обро давлатҳо ҳамчун масъалаҳои амнияти миллӣ баррасӣ мекунанд.

Дар робита, ба масъалаи мазкур Сафарзода А.И., Абдуллозода Б.В, ибрози андеша менамоянд, ки ҳифзи ҳуқуқии об аз ифлосшавӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар ҳуқуқи ҷиноятии мамлакатҳои ИДМ арзёбӣ гардида, тамоми қонунҳои ҷиноятии мамлакатҳои аъзои ИДМ ифлос намудани обро ҷиноят эътироф менамоянд ва ҷавобгарии ҷиноятиро барои он муқаррар намудаанд, зеро об метавонад дар ҳолати ифлосшавӣ оқибатҳои вазнинро ба миён оварда, ба инсоният, оламі набототу ҳайвонот ва муҳити зист таҳдиди воқеӣ эҷод намояд[10, С.217-224].

Муҳақиқони дигари ватанӣ, Мусоев Ш.М., Абдулоев А.Ш. масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, менависнд, ки «Дар дунё шумораи зиёди манбаъҳои оби сарҳадгузар вуҷуд доранд, ки марзҳои сиёсии ду ва зиёда кишварҳоро убур менамоянд. Давлатҳои дар соҳили дарёҳои байналмилалӣ воқеъ буда, дар масъалаи истифодаи об ҳамкорӣ мекунанд. Чунин ҳамкориҳои минтақавӣ аз даврaҳои қадим вуҷуд дошта, чандин ҳазорсолаҳоро дар бар мегиранд» [7, С.338-343]. Аз ин бар меояд, ки истифода ва ҳифзи захираҳои обӣ яке аз масъалаҳои ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Дуюм таъмин намудани амнияти захираҳои обӣ, яъне пешгирӣ намудани ифлосшавии захираҳои обӣ, яке аз роҳҳои босамари идоракунии захираҳои обии кишвар ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, Ашуров И.С. дар мақолаи худ, қайд мекунад, ки «Пешгирӣ аз ифлосшавии муҳити атроф, обу дарёҳо бояд ба яке аз масъалаҳои калидии идораи оби мамлакат, махсусан корхонаҳои саноатии обтозакунии кишвар табдил ёбад. Ҳол он ки баъзе аз корхонаҳои саноатӣ партовҳоеро содир мекунад, ки боиси ифлосшавии кӯлу дарёҳои кишварамон гардида, ба саломатии шаҳрвандон зарари ҷиддӣ мерасонанд» [7, С.338-343].

Дар воқеъ, таърихи захираҳои об пур аз ҳолатҳои мунозишаест, ки аз истифодаи системаҳои об ба вуҷуд меоянд. Онҳо аксар вақт ҳамчун силоҳи

ҷангӣ, инчунин ҳадафҳои ҳамлаҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ ва ғайра истифода мешуданд. Барои омӯхтани робитаи байни системаҳои обӣ, аз соли 1980 лоиҳаи амнияти байлалмилалӣ ҳифзи муҳити зист ва бартарафсозии ҳолатҳои низоъҳои оби оғоз гардида, ҳодисаҳои марбут ба муноқишаҳои об мавриди корбарӣ қарор гирифта истодааст[2, С.118].

Бо дарназардошти тағйирёбии иқлим, талаботи барзиёди оби ошомидани дар рӯйи замин ва дигар омилҳо дар миёни умумиятҳои миллию этникӣ, давлатҳо ва миллатҳо эҳтимолияти зиёдшавии моҷароҳои оби дар назар аст. Мисоли равшани он муноқишаи байни Сурия ва Исроил дар соли 1962 оид ба масъалаи об мебошад, ки сабаи асосии ин муноқиша дар минтақаи поёноби милитаризатсияшудаи заҳбурҳои обёриро вайрон кардани давлати Исроил мебошад, ки ин боиси ба вуҷуд омадани моҷароҳои об гардид.

Дар воқеъ, об яке аз принсипҳои асосии ҳаёти ҳастии инсон ва сарчашмаи зиндагӣ дар рӯйи замин мебошад. Бе миқдори зарурии захираҳои об на танҳо фаъолияти муътадили ҳаёт, балки зинда мондани инсонро низ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ибтидои асри XXI ҷаҳон бо бӯҳрони воқеии глобалии об рӯ ба рӯ гардида истодааст. Ин ба афзоиши бесобиқаи аҳолӣ дар миқёси ҷаҳон, ифлосшавии табиат, истифодаи ғайриоқилона ва аз ҳама хавфноктар, иқтидори маҷароҳои рӯзафзуни он вобаста аст, ки инкишофи минбаъдаи он, аз ҷумла, оқибатҳои ҷиддии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дорад.

Бо дарназардошти муҳиммияти об дар ҳаёти инсон ва рушди давлатдорӣ давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аз солҳои аввали истиқлолияти худ ба ин масъала диққати аввалиндараҷа дода, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланди ҷаҳонӣ, аз ҷумла, Созмони Миллалӣ Муттаҳид нақши об дар ҳаёти инсонро маърӯза намуда, ташаббусҳои саривақтиро роҳандозӣ намуданд. Аз ин рӯ, дар маркази сиёсати обии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, таъмини саривақтии оби тоза, нигоҳдории об аз ифлосшавӣ, таъмини бехатарии захираҳои обӣ бояд қарор дошта бошад. Чунки дар қаламрави ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёнаи солона 51,2 млрд. мк об мегузарад. Дар маҷмуъ, дар ҳудуди Тоҷикистон 947 дарёи дарозиашон аз даҳ км боло мавҷуд буда, ҳамаи онҳо кӯҳӣ ба шумор мераванд. Дарозии умумии ин дарёҳо 30 ҳазор км-ро ташкил медиҳад[9].

Дар ҷаҳони имрӯз, бо низоми нави геополитикии моҷароҳои гуногун вохурдан мумкин аст, ки яке аз онҳо ин «Моҷароҳои обӣ» мебошад. Об барои нигоҳ доштани ҳаёт дар рӯйи замин ва ҳифзи экосистемаҳои ҷаҳон ҳаётан муҳим мебошад, аз ин сабаб норасогии захираҳои об ҳамчун сабаб ва воситаи асосии моҷароҳои байналмилалӣ мегардад. Вобаста, ба масъалаи мазкур, Аминов И.А. дуруст таъкид мекунад, ки «Сиёсати обии мамлакат аз амру фармонҳо ва паёмҳои Пешвои миллатамон рушду такомул ёфта, меарзад, ки Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорандаи неруи сабз ва аз лиҳози захираҳои оби тоза бой муаррифӣ намуд»[1, С.57-66]. Ҳамчунин, ӯ менависад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи геополитикӣ дар маркази қитъаи бузурги Осиё ҷойгир аст ва аз ҷиҳати захираи оби ошомиданӣ дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро соҳиб гардидааст. Агар захираи оби Осиёи Миёнаро 100 фоиз гӯем, 55,8 фисади онро захираҳои обии Тоҷикистон ташкил менамояд. Яъне, ин маънои онро дорад, ки воқеан, Офаридгор ба кишварҳои Қазоқистон, Туркманистон, Ӯзбекистон газу нафт дода бошад, барои Тоҷикистони соҳибихтиёру соҳибистиқлол диёри обшору кӯҳсорро ато намудааст, ки дар қуллаи кӯҳҳои осмонбӯси мамлакатамон захираи бузурги об, барфу пиряхҳо арзи ҳастӣ доранд.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки вобаста ба масъалаи моҷароҳои об сиёсадшиносон тадқиқотҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд, ки аксари онҳо обро ҳамчун моли байналмилалӣ дониста, ба он андешаанд, ки об дар асри XXI ба моли ҷаҳони табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, масъалаи об ҳамчун масъалаи мураккаб ба ҳисоб меравад.

Ба дарназардошти чунин ҳолат албатта, гуфтан мумкин аст, ки норасогии об мунтазам сабаби ягонаи муноқишаҳои мусаллаҳона ё ҷанг мегарданд. Бо вуҷуди

тамоман нодида гирифтани муносибати мураккаби об ва амнияти миллӣ метавонад хатари дигареро ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ, дар раванди ҷаҳонишавӣ моҷароҳои оби характерҳои гуногуни геополитикиро дар худ фаро гирифта истодааст, ки онҳоро ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо менамоянд. Аз ҷумла, якум, воситаи сиёсӣ - ҳолатҳое, ки дар онҳо захираҳои об ё худи системаҳои об барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайяни сиёсӣ истифода мешаванд. Дуюм, гидротерроризм (одатан аз ҷониби субъектҳои ғайридавлатӣ) захираҳои об ва системаҳои обӣ, ҳамчун ҳадаф ва ё ҳамчун силоҳи зӯроварӣ ё маҷбурӣ аз ҷониби гурӯҳҳо ва созмонҳои гуногуни террористӣ истифода мешаванд. Сеюм, ҳадафи ҳарбӣ – захираҳои об ва системаҳои обӣ ҳамчун ҳадаф дар фаъолиятҳои низомӣ истифода мешаванд. Ҷаҳорум, монеаҳо дар роҳи рушд - ин ба ҳолатҳое дахл дорад, ки дар онҳо захираҳои об ва системаҳои об монеаи асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, аз ҳодисаҳои таърихӣ мушоҳида карда мешавад, ки дар давраҳои таърихӣ кишварҳо кӯшиш менамуданд, ки аз муноқишаҳои мусаллаҳона дар мавриди истифодаи ҳавзаҳои обҳои фаромарзӣ пешгирӣ кунанд. Муҳаққиқон А.Волф ва Ҷ.Ҳамнер ин масъаларо таҳлил намуда, муборизаи шадидтарин миёни Ҳинду Покистон дар солҳои 1948, Сурия ва Исроил дар солҳои 1951-1953 ва 1965-1966, Миср ва Судон дар соли 1958, Эфиопия ва Сомалӣ дар солҳои 1963-1964, Мавритания ва Сенегал дар солҳои 1989-1919 ба қайд гирифта[5, С.321], менависанд, ки сабаби чунин муноқишаҳо ин нобаробар тақсимоти захираҳои об мебошад. Нигаронии бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин замина равобити давлатҳои марзии ҳавзаи обҳои фаромарзӣ мебошад. Вобаста ба масъалаҳои об дар донишгоҳи Орегон, тамоми ҳавзаҳои байналмилалии мавҷуда солҳои 1948-1999 омӯхта шуда, 263 ҳавзаи фаромарзӣ муайян карда шуд, ки аз рӯйи ҳар кадоми онҳо таҳлили ҳамкории байни давлатҳо дар соҳаи захираҳои об гузаронида шуд[5, С.319].

Дар баробари муайян кардани чунин шумораи ҳавзаҳои фаромарзӣ, ҳамчунин, давоми 50 соли охир беш аз 500 муноқишаи «обӣ» сар зад, ки беш аз 20 маротиба ба амалиёти низомӣ оварда расонидааст. Ҳамзамон, иншооти гидротехникӣ дар минтақаи низоъ қарор гирифтанд ва ё худи онҳо сабаби даргирии сарҳадӣ шуданд. Ба ғайр аз ин, проблемаҳои об проблемҳои тақсимкунии объектҳои обҳои дохилии фаросарҳадиро дар бар мегиранд, ки ба талаботи қонунгузории баҳр тобеъ нестанд. Мисоли равшан баҳри Касбӣ - анбори на танҳо об, балки захираҳои карбогидрид ва моҳӣ мебошад. Баҳсҳо дар бораи тақсими он 16 сол боз бо ширкати на танҳо панҷ кишвари ҳавзаи Хазар, балки дигар кишварҳои асосии берун аз минтақавӣ идома доранд.

Тибқи хулосаҳо ва таҳлилҳои олимону муҳаққиқон об ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми мавҷудоти зинда буда, манбаи муҳим ва арзишманд ба ҳисоб рафта, барои эҳтиёҷоти маишӣ, инчунин барои саноат, кишоварзӣ ва нақлиёт мунтазам меафзояд. Дар ҳамин ҳол, ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун василаи ҳал ва танзими мушкилоти об дар муқоиса бо созишномаҳои байнидавлатӣ оддӣ ва бесамар боқӣ мемонад. Дар натиҷа, мушкилоти об дар рӯйи замин ва махсусан дар минтақаҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ метавонад монеаи асосӣ дар роҳи ҳалли низоъҳои сершумори минтақавӣ ва маҳаллӣ шуда, барои ҷонибҳои дар низоъ иштирокдошта ба мушкили ҳалнашаванда ва доимӣ табдил ёбад.

Мавриди зикр аст, ки муноқишаи об дар Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар минтақа мушкилиҳои об ба вуҷуд омадааст, ки ин вазъият сол то сол бадтар шуда истодааст. Аҳолии давлатҳои Осиёи Миёна аз зиёда 60 миллион нафарро ташкил медиҳад ва маҷрои умумии оби руизамини қариб 116 метри мукаабро ташкил медиҳад, ки дар як сол ва ҳамаи ин об барои истихроч кардан мумкин аст[4]. Ҳоло он ки асосан аз сабаби эҳтиёҷоти калони хоҷагии қишлоқ ба обёрии сунъӣ машғуланд, ки талафоти бештари об дар он истифода мешавад. Дигар масъалаи муҳим дар мавриди истифодабарии об ин машғул шудан ба хоҷагии кишлоқ дар давлатҳои Осиёи Миёна мебошад, ки бидуни об фаъолияти хоҷагиҳи қишлоқ ғайриимкон мебошад. Аз ҷумла, дар ҳудуди давлати Узбекистон бинобар шароити ҳоси хоку иқлим пар-

вариши як катор зироатҳо, пеш аз ҳама пахта ва шолӣ қариб дар тамоми давраи кишт обёриро талаб мекунад. Бо ин мақсад, дар солҳои ҳокимияти Шӯравӣ системаи васеи обёрӣ ба вуҷуд оварда шуд.

Мушкилот дар он аст, ки қариб тамоми оби истифодашаванда аз ду рӯдхонаи асосии фаромарзӣ – Сирдарё ва Амударё, ки ба баҳри Арал ҷорӣ шуда, дар кӯҳҳои Помиру Тиёншон ба вуҷуд меоянд, сарчашма мегирад. Дарёи Сир аз Қирғизистон тавассути Тоҷикистон ба Узбекистон тавассути водии сераҳолии Фарғона ва ба Қазоқистон, Амударё аз Тоҷикистон ба Туркманистон ва Узбекистон ҷорӣ мешавад. Ҳамин тариқ, кишварҳои «поён»-и сарватманди нафту газ ва ашёи хоми дигар - Туркманистон, Узбекистон, Қазоқистон - аз кишварҳои камбизоати «боло» вобастаи об мебошанд. Саҳми Тоҷикистон ва Қирғизистон дар ташаккули обҳои рӯизаминӣ дар минтақа тақрибан 85 дарсадро ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, ки дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ вазорати Хоҷагии Об ҷиҳати бо об таъмин намудани эҳтиёҷоти хоҷагии халқ мақоми марказиро дошт, зеро дар тобистон об ба саҳро ҷорӣ шуда, дар зимистон ҷамъ мешуд. Ва пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ин механизми ягонаи идоракунӣ аз байн рафт ва ҳар як ҷумҳурии собиқ Шӯравӣ нақшаҳои худро оид ба идоракунии истиқлолияти энергетикӣ пайдо намуданд. Илова ба ин, дар натиҷаи вайрон шудани алоқаҳои сиёсию иқтисодии собиқ давлатҳои шӯравӣ бо Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ дар вилоятҳо истеҳсоли маҳсулоти саноат 50 дарсад кам гардида, аксарияти аҳолии бекормонда маҷбур шуданд, ки ба хоҷагии ёрирасон гузаранд. Ҳамин тавр, талаботи об боз ҳам бештар гардида, дар натиҷа масоҳати заминҳои оби пай дар пай васеъ шудан гирифт[8, С.488].

Як қатор кишварҳои Осиёи миёна ба сохтани стансияҳои нави электрикии обӣ, сарбандҳо ва обанборҳо, инчунин ба кор андохтани стансияҳои куҳна шурӯъ карданд. Ва акнун обанборҳо дар фасли тобистон, ки пиряхҳо босуръат об мешаванд пур гардида ва бо фарорасии сармо, вақте ки талабот ба неруи обӣ зиёд мешавад, обанборҳо холӣ мешаванд. Дар ҳар сурат, роҳи ҳалли низоъҳои мавҷуда аз таҳияи як ҷузъи мушаххас ва бидуни ҷузъи аз ҳад зиёди декларативии ҳамкории бисёрҷонибаи давлатҳо мегузарад. Амалиётҳои яктарафаи давлатҳои алоҳида, ки имрузҳо ба амал меоянд, сарфи назар аз он ки бо ғамхорӣ дар бораи беҳбудии як халқи алоҳида асоснок карда шаванд, вазъиятро боз хам тезу тунд мегардонад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки об василаи муҳимтарин барои таъмини зиндагии арзанда, мебошад, ки ҷомеа, давлат ва худи инсоният ба он ҳамеша ниёз дорад.

Дар охир хулоса кардан мумкин аст, ки таҳлилу андешаҳои болозикр, шахсро ба он водор месозад, ки дар дунёи сиёсат моҷароҳои сиёсӣ дар ҷойи хушку холӣ ба вуҷуд намеоянд, зеро маркази асосии ба вуҷуд омадани чуни падидаҳоро бархурди манфиатҳо ташкил менамояд. Шакал, роҳ ва воситаҳои пешгирӣ намудани ҳолатҳои моҷарогарӣ дар ҷомеа манфиати худро дорад. Аз ин рӯ, ин масъала, бевосита ба назаргирии шуур, мафкураи гурӯҳҳои бавуҷудорандаи ҳолатҳои моҷарогарӣ вобаста буда, ҳар як роҳу воситаи аз байн бурдани ҳолати моҷарогарӣ ва ё пешгирии онро аз омили сарзании он бояд ҷӯст. Ҳолати моҷарогарои дар ҷойи хушку холӣ ва бидуни норасоии манфиатҳо сар намезанад. Бинобар ин, ба ҳар як навъи зуҳури ҳолатҳои моҷаро ба диди бадбинӣ ва душманӣ муносибат кардан хато буда, баръакс, он муносибати одилонаро талаб мекунад.

АДАБИЁТ:

1. Аминов И.А. О взаимосвязях рыночной экономики и экономической науки / И.А. Аминов, Х.И. Аминов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. Выпуск 4 (52). - Худжанд: Ношир, 2012. - С.57.

2. Арзёбии захираҳои оби ширини ҷаҳон // Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид, 1997 // http: // www.un.org/documents/ecosoc/cn17/1997/ecn171997-9.htm [Geo-2- 118.

3. Ашуров И.С. Сельское хозяйство: состояние и перспективы форм хозяйствования / И.С. Ашуров. -Душанбе: Адиб, 2008. – 94 с.

4. Вода Кыргызстана и ее воздействие на региональные отношения [Электронный ресурс]. - Режим доступа: www.toscca.co.uk /lecture%20notes/ DjailoWater%20KR.ppt.

5. Волф А., Натариус Ҷ., Даниэлсон Ҷ., Уорд Б, Пендер Ҷ. Ҳавзаҳои дарёҳои сайёра / Маҷаллаи байналмилалии рушди захираҳои об, ҷ. 15, № 4, декабри 1999, 321 с.

6. Волф, А. Таърих ва ояндаи захираҳои оби муштарак. Низоъ ва ҳамкорӣ: Таҳқиқи гузашта ва мулоҳиза дар бораи оянда. - ЮНЕСКО: барномаи байналмилалӣ - Аз муноқишаи эҳтимолӣ то ҳамкориҳои эҳтимолӣ, 2003, 387 с.

7. Мусоев Ш.М., Абдулоев А.Ш. Аҳаммияти сиёсати обӣ дар шароити муосири Тоҷикистон. - Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2024. - №8. – С. 338- 343.

8. *Olkott M.B.* Central Asia's Second Chance. - Washington: D.C., 2005. P. 488.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 28.12.2023. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www. president.tj/node/19088 (санаи мурочиат: 20.01.2024).

10. Сафарзода А.И., Абдуллозода Б.В. Таҳлили муқоисавии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар кишварҳои ИДМ. - Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2024. - №1. – С. 217- 224.

11. Сотиволдинв Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2018.

ВОДНЫЕ АВАНТЮРЫ И ИХ ПОЛИТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ В НОВОЙ ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ

Комилбек А.Ё.
Умарзода А.С.

В статье анализируется и изучается проблема государственной водной политики в новой геополитической системе. Автор, основываясь на идеях и мнениях ученых и исследователей, высказывает мнение о том, что стремительно меняющаяся ситуация современного мира и последствия новых угроз и опасностей для мира проявляются каждый день в новых формах. Одной из таких новых геополитических угроз является нехватка питьевой воды. В современном мире состояние водных ресурсов стало серьезной глобальной проблемой. Учитывая возрастающую сложность водных проблем и обеспечение водной безопасности на мировой арене, вопрос воды становится постоянно обсуждаемым вопросом на различных уровнях отношений, а также причиной водных конфликтов.

Ключевые слова: вода, геополитика, конфликт, опасность, угроза, водная безопасность, водные ресурсы, мирное сосуществование, водные конфликты, здоровый образ жизни, дефицит воды, трансграничные воды, потребление воды, военные цели, распределение воды.

WATER ADVENTURES AND THEIR POLITICAL FEATURES IN THE NEW GEOPOLITICAL SYSTEM

Komilbek A.Yo.
Umarzoda A.S.

In this article, the issue of state water policy in the new geopolitical system is analyzed and studied. Based on the ideas and opinions of scientists and researchers, the author expresses the opinion that the rapidly changing situation of the modern world and the consequences of new threats and dangers to the world are emerging in new forms every day. One of such new geopolitical dangers is the shortage of drinking water. In the modern world, the state of water resources has become a major global problem. Given the complexity of water problems and ensuring water security in the global arena, the water issue is becoming a constantly discussed issue at various levels of relations, as well as a cause of water conflicts.

Keywords: water, geopolitics, conflict, danger, threat, water security, water resources, peaceful coexistence, water conflicts, healthy life, water scarcity, transboundary waters, water consumption, military objectives, water distribution.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ГИДРОПОЛИТИКА ҲАМЧУН СОҲАИ НАВИ ИЛМҲОИ СИЁСӢ ВА ФАННИ ТАЪЛИМӢ: ВАЗИФАҲО, МЕТОДОЛОГИЯИ ОМӮЗИШ, ҚОНУНИЯТҲО ВА КАТЕГОРИЯҲОИ ОН

Қувватзода Сайдулло Зувайд - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
Тел: (+992) 907800071, Email: sqz_0085@mail.ru

Дар мақолаи мазкур асосҳои гидрополитика ҳамчун соҳаи нави илмҳои сиёсӣ ва фанни таълимӣ, вазифаҳои он, методологияи омӯзиш, қонуниятҳо ва категорияҳои гидрополитика мавриди таҳқиқ ва асосноккунӣ қарор гирифтааст.

Асосҳои таърихии пайдоиши донишҳо вобаста ба ҷанбаҳои сиёсии об, амнияти об, идоракунии захираҳои об, ҳамгироӣ дар соҳаи об ва зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи донишҳо доир ба ҷойгоҳи масъалаҳои вобаста ба об дар муносибатҳои байналмилалӣ дар шароити муосир мазмуни асосии мақолаи мазкурро ташкил менамоянд.

Рушду пешрафти ҷомеа боиси ба вуҷуд омадани тағйиротҳои куллӣ дар ҳамаи бахшҳои ҳаёт мегардад, ки онҳо дар заминаи илмҳои гуногун омӯхта мешаванд. Илми сиёсӣ низ дар раванди ташаккули худ марҳилаҳои гуногунро тай намуда, дар баробари пешрафти ҷомеа инкишоф ёфтааст. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар назди илмҳои сиёсӣ масъалаҳои нави омӯзиш ба вуҷуд омаданд, ки боиси фарох гардидани доираи фарогирии он ва дар айни замон ташаккули он шудааст. Раванди инкишофи илми сиёсӣ боиси ба вуҷуд омадани шохаҳои нав дар он, аз ҷумла низоъшиносӣ, геополитика, глобалистика, минтақашиносӣ, маркетинги сиёсӣ, технологияи сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, амнияти миллӣ ва дигарҳо гардидааст.

Бо дарназардошти то рафт мубрам гардидани асосҳои сиёсии масъалаҳои вобаста ба об дар доираҳои гуногунарсаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва мавҷудияти заминаҳои таърихии он зарурати омӯзиш ва таҳқиқи гидрополитикаро ҳамчун соҳаи нави илмҳои сиёсӣ ва фанни таълимӣ ба вуҷуд овардааст.

Калидвожаҳо: *об, захираҳои об, мушкилоти норасоии об, амнияти об, илмҳои сиёсӣ, гидрополитика, вазифаҳо, категорияҳо, қонуниятҳо, муносибатҳои байнидавлатӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамгироӣ, Раванди оби Душанбе.*

Тибқи пешгӯиҳои мавҷуда дар оянда буҳрони марбут ба об танҳо амиқтар хоҳад шуд ва роҳи ҳалли ин мушкилот дар идоракунии муассир ва оқилонаи захираҳои об арзёбӣ гардида, танзими ҳамаҷониба ва оқилонаи талабот ба об ва таҳкими донишҳо миёни ҷомеа зарур шуморида мешавад.

Тавре аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, марҳалаҳои таърихи аввали башарият, вобаста ба дараҷаи инкишофи маданияти моддии ҳамон замон номгузорӣ гардидаанд. Аср санг пай дар пай ба асрҳои мис, биринҷӣ ва баъд аз он ба оҳан иваз гардидаанд.

Баъдтар дар феҳристи эпитетҳое, ки давраи муайяни таърихиро тавсиф мекунанд, ба ҷои маълумот дар бораи маводе, ки барои истеҳсоли олот ва аслиҳа (санг, мис, биринҷӣ, оҳан) истифода мешуданд, номи навъҳои бартаридоштаи сӯзишвории истихроҷшаванда истифода мешавад. Давраи чандинасраи истифодаи оммавии ангишт ба давраи нефту газ иваз мешавад ва аз миёнаҳои асри гузашта дар асоси ашёи хоми радиоактивӣ давраи энергияи атом оғоз мегардад.

Дар ҳама давру замон - аз асри санг то асри атом дар заминаи пайдарпай иваз гардидани навъҳои ашёи хоми табиии маъданӣ ва сӯзишворӣ танҳо як намуди захираи табиӣ ҳамеша ва ба миқдори рӯзафзун бартарӣ дорад, ки он ҳам оби тозаи ошомиданӣ мебошад.

Бухрони ҷаҳонии об, ки ногузир арзёбӣ мегардад ва таҳдиди куллӣ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дорад асри XXI –ро ба асри об табдил хоҳад дод. Масъалаҳои об ба масъалаи аввалиндараҷаи амниятӣ табдил ёфта, омили об ба омили асосии муносибатҳои байнидавлатию минтақавӣ ва байналмилалӣ табдил меёбад. Дар қарни ҷорӣ дар баробари дигар афзалиятҳо, иқтидор ва қудрати давлатҳо аз рӯйи доштани захираҳои об муайян карда шуда, рушди устувори иқтисодию иҷтимоии онҳо аз рӯйи нишондодҳои дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ ва шароити беҳдошт арзёбӣ карда мешавад.

Чунин инкишофи ҷомеа дар пайи равандҳои гуногун сурат гирифта, он аз як марҳилаи рушд ба марҳилаҳои нав мегузарад. Раванди инкишофи ҷомеа боиси ба вуҷуд омадани тағйиротҳои гуногун мегардад, ки онҳо аз нуқтаи назари илмҳои мухталиф омӯхта мешаванд. Илми сиёсӣ низ дар раванди ташаккули худ марҳилаҳои гуногунро тай намуда, дар баробари пешрафти ҷомеа инкишоф ёфтааст. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар назди илмҳои сиёсӣ масъалаҳои нави омӯзиш ба вуҷуд омадаанд, ки боиси фарох гардидани доираи фарогирии он ва дар айни замон ташаккули он шудааст. Раванди инкишофи илми сиёсӣ боиси ба вуҷуд омадани шохаҳои нав дар он гардидааст/гардида истодааст. Имрӯз дар доираи илмҳои сиёсӣ дар қатори сиёсатшиносии умумӣ шохаҳои дигари он ба монанди низоъшиносӣ, геополитика, глобалистика, минтақашиносӣ, маркетинги сиёсӣ, технологияи сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, амнияти миллӣ ва дигарҳо омӯхта шуда истодаанд.

Имрӯз дар заминаи идоракунии захираҳои об бояд як қатор мушкилоти нав, ба монанди тағирёбии иқлим ва таъсири фаъолияти инсон ба муҳити зист ҳал карда шаванд. Намояндагони ҳам бахшҳои давлатӣ ва ҳам бахши хусусӣ, ки фаъолияташон ба ин самт равона гардидааст, ниёзманди донишҳои нав ва маълумотҳои илман асоснок мебошанд, ки ба онҳо имконияти диҳад идоракунии мунтазами истифодаи обро ба таври оқилона ба роҳ монда тавонанд. Мутахасисони соҳа, махсусан соҳаи дипломатияи обро зарур аст, ки дар ин замина қобилияти ҳамаҷониба омӯхтани масъалаҳои асосӣ ва таҳлили стратегияҳои идоракунии захираҳои обро дошта бошанд ва дорои донишҳои зарурӣ барои фаҳмидани омилҳо (сиёсӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ), ки ба захираҳои об таъсир мерасонанд ва мутобиқсозии мувофиқи стратегияҳои идоракуниро талаб мекунанд бошанд.

Раванди мураккабшавии мушкилоти об ва таъсири бештари омили об ба муносибатҳои байнидавлатию минтақавӣ ва байналмилалӣ зарурати бештари аз ҷиҳати сиёси омӯхтани масъалаҳои вобаста ба обро ба миён оварда, боиси ба вуҷуд омадани шохаи нави илмҳои сиёсӣ-сиёсати об ё гидрополитика гардидааст.

Афкори гидрополитикӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар марҳилаҳои гунонуни инкишофи ҷомеа дар шаклу мазмуни мухталиф дар таълифоти олимону муҳаққиқон ва мутафаккирон инъикоси худро пайдо намудааст. Таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи афкори гидрополитикии мутафаккирони миллию хориҷӣ имконият медиҳад, ки масъалаҳои мураккаби вобаста ба об дар заминаи таҷрибаи таърихӣ ва бо истифода аз имкониятҳои технологии замони имрӯз натиҷабахш ҳал карда шаванд. Таълифоти илмию таърихӣ, динию адабии замонҳои гузашта дар ин самт нишон медиҳад, ки ба об ва масъалаҳои вобаста ба он аз ҳама ҷиҳат бояд эҳтиёткорона ва эҳтиромонаю оқилона муносибат намуд ва обро муқаддас шуморид. Маҳз бо ҳамин тарзи муносибат гузаштагони мо тавонистаанд аз бисёр мушкилоти вобаста ба об пешгирӣ намоянд. Аммо афкори гидрополитикӣ то ҳанӯз ба таври зарурӣ таҳқиқ ва омӯхта нашудааст ва дар системаи муайян танзим нагардидааст. Ин ҳолат зарурати арзёбии гидрополитикаро ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ ба вуҷуд овардааст, то мустақиман таҳқиқ гардад ва ҳамаҷониба омӯхта шавад.

Дар баробари афкори гидрополитикӣ ҳамарӯза таҳлилҳои зиёди илмию иттилоотӣ доир ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои вобаста ба об тавассути васоити ахбори омма ва шабакаҳои интернетӣ аз ҷониби мутахассисони касбу кори

гуногун сурат гирифта истодааст. Қисме аз ин таҳлилҳои илмию оммавӣ ва иттилоотӣ ба масъалаҳои сиёсӣ ва амниятии вобаста ба об нигаронида шудаанд, ки таҳлилгарони он на ҳамеша мутахассисони соҳаи илмҳои сиёсӣ мебошанд. Дар бисёри ҳолатҳо нишон медиҳанд, ки чунин таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои сиёсии вобаста ба об бе асосноккунӣ ва риояи қонуниятҳои илмӣ сиёсӣ сурат мегиранд ва низоми муайян надоранд.

Бо назардошти ин, ба низом ва системаи муайян даровардани донишҳои сиёсии вобаста ба об дар доираи як шоҳаи алоҳидаи илмҳои сиёсӣ ва пешбурди омӯзиши ҳамаҷонибаи он аз ҷониби доираи васеъи ҷомеа зарур арзёбӣ карда мешавад.

Ҳамзамон ҳолати кунунии захираҳои об зарурати такмили идоракунии обро нишон медиҳад. Эътироф, андозагирӣ ва ифодаи арзиши об ва дохил кардани он дар қабули қарорҳо барои ноил шудан ба идоракунии устувор ва одилонаи захираҳои об ва инчунин ноил шудан ба ҲРУ вобаста ба об муҳим аст.

Дар раванди мураккабшавии масъалаҳои вобаста ба об ва камбуди он омили об дар муносибатҳои байналхалқӣ ҷойгоҳи махсусро касб намуда, дар ин доира ба вуҷуд омадани мушкилоти азими гидрополитикӣ миёни абарқудратҳо пешгӯйӣ мешавад. Мубориза барои қутбҳо, милликунонии Арктика тақсим кардани Антарктида ба миён гузошта мешавад.

Арзиши об ва аҳамияти иқтисодию иҷтимоии он торафт баланд гардида, рақобат ва мубориза барои дастрасӣ ба он зиёд мегардад. Ҷомеи ҷаҳонӣ ба марҳилаи дарки воқеии арзиши об натанҳо ҳамчун сарвати табиӣ, балки асоси ҳаёт дар сайёра мегузарад. Қарни ҷорӣ даврааст, ки инсониятро водор месозад арзиши обро аз ҳама ҷиҳат ва дар ҳама соҳаҳо хуб дарк кунад ва ҷиҳати қонеъ сохтани маҷмуи ниёзҳои худ ба он онро ҳифз намояд. Дарки арзиши об, махсусан арзиши ҳаётӣ ва иқтисодии он яке аз роҳҳои идоракунии талабот ба об ва дар заминаи он коҳиш додани сатҳи бухрони ҷаҳонии об мебошад.

Онҳое, ки арзиши обро назорат мекунанд, истифодаи онро назорат мекунанд. Арзиши об як ҷанбаи марказии қудрат ва баробарӣ дар идоракунии захираҳои об мебошад. Пурра ба инобат нагирифтани арзиши об дар ҳама шаклҳои истифодаи он як сабаб ё аломати асосии беэътиноии сиёсӣ ва мудирияти нодурусти об дониста мешавад. Аксар вақт арзиши об ё маҷмуи пурраи арзишҳои сершумори он дар қабули қарор умуман нақш намебозад.

Дар ҳамин асно гидрополитика раванди таҳияи сиёсатро дар бар мегирад, ки ба ҷамъоварӣ, идоракунӣ, истифода ва ихтиёрдории об нигаронида шудааст. Яъне сиёсати об ба қабули қарорҳо дар бораи таъмин, истифода, ихтиёрдорӣ ва устуворӣ дар соҳаи об дахл дорад. Сиёсати об ба истифодаи мустақим ва истеъмоли об аз ҷониби ҷомеа, дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва ҳифзи экосистемаҳо нигаронида шудааст. Сиёсати об бояд қоидаҳои тақсимоти обро барои мақсадҳои гуногун муқаррар намояд. Маълум аст, ки сиёсат таҷрибаҳои идоракуниро муайян мекунад, аммо таҷрибаҳои беҳтарини идоракунӣ аз ҷониби сиёсатмадорон муайян, арзёбӣ ва тағйир дода шуда, паҳн карда мешаванд. Масъалаҳои сиёсати об таваҷҷуҳи бештар доранд, зеро норасоии об дар баъзе минтақаҳо дар сатҳи буҳронӣ қарор дорад, ки ин буҳронҳои минтақавӣ метавонанд оқибатҳои умумиҷаҳонӣ дошта бошанд.

Бо назардошти ин зарурати ба таври мунтазам омӯхтани масъалаҳои сиёсии вобаста ба об дар доираи барномаи мукаммал ва системавӣ зарур мебошад. Маълум аст, ки таҳияи тадбирҳои гидрополитикӣ ва истифодаи об бояд бо дарназардошт ва дар формати стратегияи муайян сурат гирад. Стратегияи мазкур бояд фарогири таҳлили ҳаматарафа ва нақшаи мувофиқи он қабулшуда бошад, ки дар он усулҳо ва пайдарҳамии амалҳое, ки ба ноил шудан ба мақсади муайян нигаронида шудаанд, коркард гардад.

Об ҳамчун манбаи табиӣ, стратегӣ ва иқтисодӣ беназир аст. Онро дар доираи сарҳадҳои сиёсии давлат нигоҳ доштан ва пурра идора кардан ғайриимкон аст. Дар баробари ин, об захираи «фасеҳ» мебошад. Онро фурухтан, ҷамъ кардан, дастрасиро ба он маҳдуд кардан ва байни

минтақаҳою соҳаҳо аз нав тақисм кардан мумкин аст. Аз замонҳои қадим, вақте ки об қабилаҳои гуногунро, ки дар соҳили дарёҳои калон маскан гирифта буданд, ғизо медод ва то имрӯз об қувваи барқ истеҳсол мекунад, молҳоро интиқол медиҳад, барои истеҳсоли ғизо ва ҳар чизе ки бо дасти инсон офарида шудааст, дар он об истифода мешавад. Фаҳмидани воқеияти нақши бунёдии об дар ҷаҳон, бо истифодаи дурусти ин донишҳо калиди бунёди муассири ҳам муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳам сиёсати дохилиро медиҳад[1].

Таҳлил нишон медиҳад, ки масъалаҳои об дар сарчашмаҳои асотирию динӣ, таърихию фарҳангӣ, низоми қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии байнидавлатӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ ва рӯзномаи сиёсии ҷаҳон ҷойгоҳи махсусро касб намуда, аз мубрамтарин мавзуи баррасишавандаи сатҳҳои гуногун гардидааст.

Дар ин замина ҷойгоҳи об дар низоми ҳуқуқӣ мушаххас гардида, дар сатҳи байналмилалӣ дастрасӣ ба об ҳамчун ҳуқуқи заминавии инсон эътироф гардида, дар сатҳи қонунгузории миллӣ кишварҳо обро ҳамчун сарват ва арзиши миллии барои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва суботи давлатӣ зарур арзёбӣ намудаанд.

Об дар қонуни асосии аксари кишварҳои ҷаҳон мақоми конститутсионӣ дошта, доир ба он кодексҳо ва қонунҳои муқаррарӣ дар сатҳи миллӣ амал менамоянд. Ин аз мақоми баланди ҳуқуқию сиёсии об ҳамчун сарвати табиӣ ва асоси ҳаёт шаҳодат медиҳад.

Аз ҷиҳати сиёсӣ об ҷойгоҳи махсусро дар сиёсати дохилию хориҷии давлатҳои миллӣ ва созмону ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ касб намудааст. Доир ба он санадҳои махсуси меъёрию ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ қабул гардидаанд, ки уҳдадориҳои давлатҳо ва халқу миллатҳоро дар муносибат бо об ва захираҳои об муайян намудааст.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти ниҳодҳои байналмилалиро низ пешбурди масъалаҳои вобаста ба об ва сиёсати об дар сатҳи ҷаҳонӣ ташкил медиҳад. Имрӯз сиёсати об ва уҳдадориҳои байналмилалии кишварҳо дар соҳаи об қисми таркибии муносибатҳои ҷаҳониро дар самти фаъолияти муштараки ниҳодҳои байналмилалӣ ва давлатҳои миллӣ ташкил менамояд. Дар ин замина, об ба яке аз омилҳои асосии муносибатҳои байналхалқӣ табдил ёфта, боиси ба вуҷуд омадани дипломатияи об гардидааст. Дипломатияи об ҳамчун соҳаи нави муносибатҳои дипломатӣ танзимкунандаи фаъолияти ниҳодҳои гуногун дар соҳаи об дар сатҳи байнидавлатию минтақавӣ ва ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, дар доираи он мавзуи об дар муносибатҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи махсусро касб намудааст.

Дар дунё ҳеҷ як сарвати табиӣ мисли об халқу миллатҳо ва давлатҳоро ба ҳам пайваст накардааст. Дарёҳои фаромарзӣ дар муносибатҳои байнидавлатию байналхалқи ҷойгоҳи махсус дошта, боиси омӯзиши ҳамаҷониба мебошанд. Дарёҳои фаромарзӣ аксар вақт ҳамчун сарҳад ё аломатгузории байни онҳо хизмат мекунанд. Дар ин дарёҳо таъмини об, тақсимот, назорат ва истифода барои зинда мондан, сифати зиндагӣ ва муваффақияти иқтисодӣ муҳиманд. Назорати захираҳои оби кишвар барои бақои давлат муҳим дониста мешавад. Бо назардошти мавҷудияти аз ҳад баланди вобастагии обӣ миёни давлатҳо дар заминаи ҳавзаҳои ягонаи обӣ методҳои идоракунии муштараки байнидавлатӣ ва минтақавии захираҳои оби фаромарзӣ коркард шудаанд, ки методологияи гидрополитикаро ташкил менамоянд. Идоракунии ҳудудӣ – маъмурӣ, идоракунии ҳавзавӣ, идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об аз ҷумлаи методҳои гидрополитика арзёбӣ карда мешаванд.

Вобастагии зиёди обӣ ва мавҷудияти ҳавзаҳои ягонаи обӣ миёни давлатҳо дар бисёри мавридҳо боиси нофаҳмоиҳо ихтилофҳо ва сар задани низоъҳои обии байнидавлатӣ ва минтақавӣ мегардад. Низоъҳои вобаста ба об аз паҳнгаштатарин ва мураккабтарин низоъҳо дониста шуда, эҳтимолияти ҳар лаҳза ва дар ҳар гӯшаи дунё сар задани онҳо ҷой дорад. Ҳалли чунин низоъҳо дарёфти роҳу усулҳои хосаи музокиротро талаб менамояд. Дар ин замина об ба абзори сиёсӣ табдил ёфта, воситаи таъсиррасонии сиёсӣ миёни давлатҳои болооб ва поёноб гардидааст.

Вобаста ба ин ба андешаи Вадим Каширин гидрополитика таъсири бошуурона ба захираҳои об барои ноил шудан ба ҳадафҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва экологии барои ҷомеа муҳим мебошад. Буҳрони ҷаҳонии об якбора рӯй нахоҳад дод. Ҷаҳон ба таври ноаён ва тадриҷан, вале ногузир тағйир меёбад. Мушкилоти об ҳатман ба низоъҳои мусаллаҳона табдил намеёбанд. Аммо ҳатто таҳлили умумии масъалаҳои об дар сатҳи ҷаҳонӣ дарки мавҷудияти таҳдиди миқёси васеъ ва бисёрҷанбаро медиҳад, ки ҳатто ба таври куллӣ аз байн бурдани яке аз ҷузъҳои он (масалан, кашфи роҳи арзон ва муассири аз ифлосшавӣ тоза кардани об) масъаларо умуман ҳал намекунад. Шубҳаҳо дар бораи эҳтимолияти ҷангҳои ояндаи обӣ, ки дар асоси он, ки то имрӯз дар ҷаҳон дар бораи об чандон ихтилофот рух додааст, бо сабаби оддии кофӣ будани об ғайриимкон аст[1].

Дар дунё асосан давлатҳое ба рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва суботи комили сиёсии худ дастёб гардидаанд, ки дорои захираҳои кофӣ ва ё басандаи об мебошанд. Дастрасии комили аҳолӣ ба об яке аз шартҳои асосии субот ва амният дар давлат ба ҳисоб меравад. Суботу амният бошад асосии пойдории давлат аст. Яъне омили об дар пойдории давлат ногузир арзёбӣ мегардад. Дар ин баробар об тамоми соҳаи ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, давлат ҳамчун институти асосии системаи сиёсӣ наметавонад бе доштани захираҳои басандаи об рушди устувори худро таъмин карда бошад. Бо назардошти ин амняти обӣ ҳамчун қисми таркибии амнияти миллӣ барои нигоҳдошт ва таҳкими сулҳу ваҳдат ва суботи комил дар давлат зарур мебошад.

Имрӯз дар пайи маҷмуи омилҳо мушкилоти об то рафт дар ҷаҳон мураккаб гардида, мавзуи об дар рӯзномаи ҷаҳонӣ авлавиятро касб намудааст. Бо мақсади муттаҳид намудани талошҳои ҷаҳонӣ, дарёфти роҳҳои муассири ҳалли ин мушкилот тавассути дарёфти афкори илман асоснокшуда ҳамасола ҳазорҳо чорабиниҳо – мизҳои мудаввар, семинарҳо, конференсияҳо, сипозиумҳо, форумҳо дар сатҳи миллию минтақавӣ ва байналмилалӣ баргузор гардида, маводҳои зиёди иттилоотию оммавӣ, методӣ ва илмӣ ба нашр мерасанд.

Дар ин замина ҷанбаҳои глобалӣ ва минтақавии гидрополитикаи муосир аз ҷониби тадқиқотчиён дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ва гидрополитика мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дорад. Дар монографияҳо, мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои расмии созмонҳои байналмилалӣ вазъи муносибатҳои байналмилалиро дар соҳаи гидрополитика дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI муфассал шарҳ медиҳанд. Ҷанбаи танзими ҳуқуқии истифодаи об дар обҳои фаромарзӣ низ мавриди омӯзиши муфассал қарор дорад.

Мушкилоти об аз масъалаҳои муракқабтарини ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, ҳалли самарабахши он қабули қарорҳои муътамади сиёсӣ ва иродаи олии сиёсиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши сиёсии он зарур мебошад. Дар ин замина гидрополитика ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ маҷмуи масъалаҳои болозикрро фаро гирифта, омӯзиши ҳамаҷонибаи он зарур гардидааст. Новобаста аз он, ки масъалаҳои сиёсии вобаста ба об имрӯз ба масъалаҳои глобалӣ табдил ёфтаанд то ҳанӯз омӯзиши он дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Барои омӯзиши ҳамаҷониба ва натиҷабахши масъалаҳои сиёсии вобаста ба об муттаҳид намудани ҳамаи қисмҳои таркибии он дар доираи курси алоҳида ва баъдан фанни таълимӣ зарур мебошад, ки он гидрополитика ва ё гидрополитология шуда метавонад.

Доир ба ин масъала аз ҷониби Вадим Каширитаваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, номбурда қайд намудааст, ки омӯзиши мушкилоти марбут ба об ва истифодаи он дар илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ, табиатшиносӣ, техникӣ ва кишоварзӣ таърихи хеле қадима дорад. Ҳамзамон, дар шароити муосир таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва экологии масъалаҳои об дар заминаи парадигмаи амнияти миллӣ зарур аст. Чунин ба назар мерасад, ки ифлосшавии куллии гидросфера ва норасоии афзояндаи оби нӯшокӣ дар бисёре аз минтақаҳои ҷаҳон ба як масъалаи асосии гузариши ҷомеаи муосир ба рушди устувор табдил меёбад. Ин

шароит зарурати муносибати ҳамгироӣ, маҷмӯӣ ба ин мавзуъ, аз ҷиҳати методологӣ ба сифати мушкилоти асосии илмии умумӣ пешниҳод намудани онро муайян мекунад. Аммо дар доираи соҳаҳои мавҷудаи илмӣ ба амал баровардани чунин муносибат имконнопазир аст. Ба ҳамин тариқ, зарурати ба вуҷуд овардани як соҳаи хеле мураккаб ва серсоҳаи илм ба миён меояд, ки он метавонад асосҳои як қатор фанҳои илмӣ: гидрология, иқтисодиёт, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, экология, географияро муттаҳид карда, дар айни замон мустақилияти комил дошта бошад. Дарвоқеъ, ин илм аллакай вуҷуд дорад, аммо то ҳол тадқиқот дар соҳаи гидрополитика аз ҷониби намояндагони мактабҳо ва равияҳои гуногуни илмӣ анҷом дода шудааст. Чунин илме, ки комилан нав аст ва дар айни замон решаҳои амиқи таърихие, ки муҳаққиқони пештара гузоштаанд, гидрополитология шуда метавонад. Аз ҷиҳати маъно ин мафҳуми нав аз юнонӣ гирифта шуда: Υδωρ - об, πολιτικός - ҷомеа ва λόγος - таълим, илм мебошад. Аҳамиятнокӣ ва миқёси мушкилоте, ки тадқиқоти ҳаматарафаро талаб мекунад, асос медиҳад, ки гидрополитология ҳамчун соҳаи алоҳидаи донишҳои илмӣ ҷудо карда шавад. Ин илмро дар шакли умумии худ ба таври зайл тавсиф кардан мумкин аст: - илми гидрополитика - соҳаи дониш дар бораи таъсири захираҳои об ба рушди иҷтимоию иқтисодии субъектҳои гидрополитикӣ ва муносибати байни онҳо мебошад[1].

Чун давлат яке аз субъектҳои асосии муносибатҳои гидрополитикӣ маҳсуб меёбад андешаи Вадим Каширин, пеш аз ҳама, ба омили об дар рушди иқтисодию иҷтимоии давлат нигаронида шудааст. Аз ин нуқтаи назар гидрополитика маҷмуи донишҳоро доир ба аҳамияти захираҳои об дар рушду тараққиёти соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа дар бар мегирад. Дар заминаи таҳлили ҳамаҷониба сохтори таркибии гидрополитика муайян карда шуд.

Вазифаҳои гидрополитикаро ташаккули донишҳо доир ба ҷойгоҳи захираҳои об дар рушду тараққиёти ҷомеа, аҳамияти захираҳои об дар таъмини амнияти миллӣ ва пойдории давлатӣ, муайян намудани ҷойгоҳи сиёсати об дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, омӯзиши омили об дар муносибатҳои байналмилалӣ, тақвият бахшидани дипломатияи об, омӯзиши низоъҳои обӣ ва коркарди роҳу воситаҳои пешгирӣ ва ҳалли мухолифат ва низоъҳои вобаста ба об, тавсифи робитаи равандҳои иқтисодию сиёсӣ бо захираҳои об, пешгӯии ин равандҳо ташкил медиҳад. Дар ҷанбаи амалӣ ин таҳияи стратегия ва тактика барои ноил шудан ба ҳадафҳои гидрополитикӣ мебошад.

Ҳамзамон гидрополитика донишҳоро доир ба идоракунии оқилона, ҳамгироёна ва самараноки захираҳои об, инчунин дарёфти роҳҳои натиҷабахши ҳалли мушкилоти вобаста ба об аз сатҳи давлатӣ то ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул дода, замина барои пешгирии ихтилофҳои вобаста ба об дар ҳамаи сатҳҳо мебошад.

Гидрополитика дар баробари истифода аз **методҳои** умумиилмӣ, инчунин методҳои хоси худро дорад, ки онҳо идоракунии ҳудудӣ – маъмурии захираҳои об, идоракунии ҳавзавии захираҳои об, идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об мебошанд. Методҳои мазкур муносибати сиёсии давлат/сиёсати давлатиро дар соҳаи об дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ муайян месозанд.

Қонуни дуализми обӣ дар муносибати обии байни давлатҳои болооб ва поёноб ифода меёбад.

Қонуни тақвият ёфтани омили об дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ дар ҷойгоҳи масъалаҳои об дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавию байналмилалӣ ифода меёбад.

Қонуни ҳамгироӣ муносибатҳои ҳамоҳангшудаи байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байнисоҳавиро ифода менамояд. Он асоси дипломатияи об арзёбӣ карда мешавад.

Категорияҳои гидрополитикаро ҳавза, манфиати обӣ, сарҳади обӣ, болооб, поёноб, гидродонор ва амнияти об ташкил менамоянд.

Ҳавза - воҳиди ягонаи гидрополитикии муттаҳидкунандаи манфиатҳои обӣ ва муносибатҳои обии ду ва зиёда давлатҳо мебошад.

Манфиатҳои обӣ - ҳадафҳои миллӣ дар соҳаи об, ки барои таъмини ҳаёти осоиштаи ҷомеа ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии давлат

зарур буда, дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии он инъикос ёфтааст.

Сарҳади обӣ - дарё ё объектҳои дигарӣ обӣ, ки як давлатро аз дигараш ҷудо мекунад. Агар ин гуна объекти обӣ киштигард набошад, хатти сарҳад одатан дар мобайни он ё мобайни шохаи асосии он, муайян карда мешавад.

Болооб - давлатҳои дар саргаҳи ташаккулёбии захираҳои оби фаромарзӣ қарордошта мебошанд, ки ҳамчун кишвари гидродонор маҳсуб ёфта, сиёсати оби кишварҳои дигари ҳавза аз сиёсати обӣ он вобаста мебошанд.

Поёноб – кишварҳои дар давоми маҷро ва ё поёноби ҳавзаи ягонаи байнидавлатии обӣ ҷойгиршуда мебошанд, ки ҳамчун кишварҳои обистеъмолкунанда ва вобаста захираҳои оби дар ҳудуди давлатҳои болооб ташаккулёбанда дониста мешаванд.

Гидродонор – давлатҳои дорои захираҳои оби бештар аз талаботи миллӣ ва ё дар саргаҳи ташаккулёбии ҳавзаҳои обӣ фаромарзӣ қарордошта мебошанд, ки кишварҳои дигарро дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ ва ё дигар заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ бо об таъмин месозанд.

Амнияти обӣ - имконияти дастрасии устувори аҳолӣ ба миқдори кофии оби сифатнок барои нигоҳ доштани воситаҳои зиндагӣ, некӯаҳволии инсон, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи суботи сиёсӣ, инчунин пешгирии ифлосшавии об, коҳиш додани офатҳои табиии марбут ба об ва ҳифзи аҳолӣ аз пайомадҳои манфии он ва муҳофизати экосистемаҳо фаҳмида мешавад.

Гидрополитика бо сиёсатшиносӣ ва маҷмуи шохаҳои илмҳои сиёсӣ – дипломатия, низоъшиносӣ, геополитика, глобалистика, минтақашиносӣ ва илмҳои дигар ба монанди фалсафа, сотсиология, таърих, ҳуқуқшиносӣ, гидрология, география, экология ва иқтисодиёт алоқамандии зич дорад.

Заминаҳои таърихии гидрополитикаро ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ ба таърихи пешниҳоди назарияи ирригатсионии пайдоиши давлат аз ҷониби Карл Август Виттфогел арзёбӣ намудан мумкин аст. Назарияи мазкур аз андешаҳоест, ки хусусияти заминавии илмӣ дошта, ҷойгоҳи омили обро дар илмҳои сиёсӣ ва масъалаҳои сиёсӣ асоснок мекунад. Бо назардошти ин, гидропалитикаро метавон ба ду қисм ҷудо намуд: гидрополитикаи классикӣ ва гидрополитикаи муосир. Асосгузори гидрополитикаи классикӣ Карл Август Виттфогел ва асосгузори гидрополитикаи муосир Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб ёфта, шахсиятҳои мазкур дар ташаккули афкор, назарияҳо ва амалҳои натиҷабахш дар соҳаи сиёсати об дар сатҳи ҷаҳонӣ қадамҳои бунёдӣ гузоштаанд.

Масъалаи дигари омӯзиши гидрополитика қудрати ҷаҳонии об аст. Об ҳамчун мавҷудоти фарогирандаи ҳамаи мавҷудоти дигар қудрадмандтар аз ҳама мавҷудоти заминӣ аст. Бо назардошти ҳамин воқеъият мутафаккири барҷастаи чинӣ Лао Сзи чунин таъкид кардаанд: «Ҳарчанд дар дунё заифтар ва маҳинтар аз об чизе нест, аммо он метавонад мураккабтарин ва сахттарин ашёҳоро хароб созад». Имрӯз дар тафаккури мо чунин нақшест, ки гӯйё фазои обӣ зертобеи фазои хушкӣ бошад ва аз он ҷо идора карда шавад. Баръакс, фазои хушкӣ зертобеъи фазои обӣ буда, фазои обӣ дар ҳар ҳолат метавонад фазои хушкиро дар худ ҳазм намуда фурӯ барад. Ин иқтидорро фазои хушкӣ доро нест. Ин масъала мазмуни ҳарбӣ низ дошта, шояд то андозае баҳсро дар мавриди «қонуни дуализми фундаменталӣ» ба вуҷуд орад. Илова бар ин масъалаи мазкур ба қонуни дигари геополитикӣ «қонуни қувват гирифтани омили фазогӣ дар таърихи инсоният» низ алоқамандӣ дошта, қонунҳои зикргардида дар илми гидрополитика низ қобили қабул мебошанд.

Имрӯз зарур аст, ки дар омӯзиш ва фаҳми гидрополитика ва ё баррасию масъалагузории масоили вобаста ба он мо марзро миёни ин шохаи илмҳои сиёсӣ ва дигар шохаҳои илмҳои сиёсӣ дуруст донем ва онро ҷудо карда тавонем. Гурӯҳи муайяни олимон масоили гидрополитикиро бо масъалаҳои геополитикӣ омехта намуда, таҳлилу баррасӣ кардаанд. Онҳо бархӯрди манфиатҳои гидрополитикиро ҳамчун масъалаи геополитикӣ арзёбӣ карда, мубориза барои ба даст овардан, аз худ кардан, нигоҳ доштан ва истифодаю истеъмоли захираҳои об ва фазои обиро аз нуқтаи назари гео-

политикӣ маънидод намудаанд. Масалан, Давид Калимович Бабаян чунин қайд намудааст: «Бо эътимоди зиёд метавон пешгӯӣ намуд, ки яке аз қисмҳои калидии геополитика дар қарни мо гидрополитика, яъне «сиёсати об» мегардад. Эҳтимоли корбурди гидрополитика нисбатан дар минтақаҳое ҷой дорад, ки онҳо то ҳанӯз мавқеи худро нисбат ба алянсҳои ҷаҳонӣ муайян накардаанд ва дар онҳо муборизаҳои бошиддати акторҳои асосии ҷаҳонӣ ҷой дорад» [2]. Давид Калимович Бабаян гидрополитикаро як қисми геополитика баён намудаанд. Номбурда муборизаҳои акторҳои ҷаҳониро барои нигоҳ доштани қудрати сиёсӣ дар ин ё он минтақа ба инобат гирифта, масъалаҳои гидрополитикиро бо масоили геополитикӣ омехта намудаанд. Геополитика геополитика аст, гидрополитика –гидрополитика. Чунки об об аст, замин замин. Дар ин ҷода марзи ин ду шохаи илмҳои сиёсиро бояд дақиқ донист.

Дар қарни ҷорӣ доштани захираҳои басандаи об, дастрасӣ ба бандарҳо ва баҳру уқёнусҳои ҷаҳонӣ, доштани роҳҳои обӣ, ихтиёрдории фазои обии баҳру уқёнусҳо шарти асосии таъмини устувории сиёсии давлат ва абадияти ҳастии миллат мебошад. Маҳз ҳамин омилҳо боиси ба вуҷуд омадани миллатҳои соҳибтамаддун гардида, сабаби асосии қудратманд шудани гурӯҳи муайяни халқу миллатҳо ва кишварҳо мебошад. Дар оинаи таърих низ ин масъала ба таври равшан намоён буда, маҳз ҳамон миллатҳое ба сохтани ҷомеаҳои пешрафта дастёб шудаанд, ки донишу заковат ва қудрати истифода кардани имкониятҳои об ва фазои обиро аз худ кардаанд.

Ҳамин тавр гидрополитика ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ муносибатҳои сиёсии вобаста ба об, аҳамияти об дар таҳкими низоми давлатдорӣ ва рушди тамаддуни ҷаҳонӣ, мақоми ҳуқуқии об дар низоми қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, ҷойгоҳи об дар рӯзномаи сиёсии ҷаҳон, низоъҳои обӣ, дипломатияи об, ҳамгироии обӣ, амнияти обӣ, сиёсати гидроэнергетикӣ, истифодаи об ҳамчун абзори сиёсӣ, истиқлолияти обӣ ва вобастагии обӣ, бухрони обӣ, ҷойгоҳи дарёҳои фаромарзӣ дар таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, дарё ҳамчун сарҳади давлатӣ, идоракунӣ ва истифодаи муштараки байнидавлатии захираҳои об ва фаъолияти ниҳодҳои пешбаранда ва татбиқкунандаи сиёсати обро дар сатҳи миллӣ, байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ меомӯзад.

Аз қоидаи мазкур бар меояд, ки гидрополитика ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ масъалаҳои муҳимтарини рушди устувори ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифта, дар таҳкими амният ва суботи ҷаҳонӣ нақши фаъол гузошта метавонад.

Бо дарназардошти мавҷудияти эҳтимолияти зиёди ҳар лаҳза сар задани ихтилофҳо ва низоъҳои обӣ дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ, байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи гидрополитика дар муассисаҳои олии таълимии кишварҳои минтақа, дар раванди ташкили курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ, семинару машваратҳо ва ташкили курсҳои махсуси омӯзиши он барои кормандони соҳаи об ва муносибатҳои байналмилалӣ зарур арзёбӣ мегардад.

Масъалаҳои вобаста ба об дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз масъалаҳои доимӣ ва ҳамешагӣ буда, мунтазам қабули қарорҳои сиёсии илман асоснокшударо тақозо менамояд. Омили об дар муносибатҳои байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ мунтазам таъсиргузор буда, дарёфти роҳу равишҳои сулҳомези масъаларо дар ояндаи наздику дур бо инобати таъсири ҳамаи равандҳо ба он талаб месозад. Чунин ҳолат низ инъикоскунандаи мубрамияти омӯзиши гидрополитика дар минтақа мебошад.

Ҳамазамон бо назардошти мавҷудияти заминаҳои боэътимод ва зиёди ҳамкорӣ, ҳамбастагӣ, ҳамгироӣ, ҳамсоягии нек, арзишҳои волои ҳусни ҳамҷаворӣ тақвияти омӯзиши дипломатияи об низ дар минтақа дар заминаи гидрополитика зарур мебошад. Аз ин рӯ, омода намудани мутахассисон ва коршиносони минтақавии соҳаи дипломатияи об дар доираи ХБНА ва ташкили курсҳои минтақавии омӯзиши «Гидрополитика» дар сатҳи минтақа бо ҷалби намояндагони ҳамаи кишварҳои минтақа зарур мебошад. Дар ин доира «Гидрополитика» бояд ҳамчун

курс ва ё фанни ҳамгироии минтақавӣ дар соҳаи об ба таври васеъ омӯхта шавад.

То имрӯз маводи илмию таҳлилӣ ва иттилоотие, ки дар заминаи фаъолияти ХБНА таҳия гардидааст омӯзиши ҳамаҷониба ва арзёбии он миёни ҷомеа зарур мебошад. Инчунин омӯзиши ҳамаҷонибаи «Гидрополитика» дар заминаи ба роҳ мондани фаъолияти муштараки ниҳодҳои миллӣ ва минтақавии соҳаи об ба монанди ХБНА, Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ, Маркази омӯзиши пиряхҳои Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳо аҳамияти баланд дошта, дар ташаккули ҳамгироии минтақавӣ дар соҳаи об мусоидати фаъол хоҳад кард.

Бо назардошти асоси бойигарии Тоҷикистон будани захираҳои об сиёсати оби он ҳамбаста бо манфиатҳои миллии кишвар мебошанд ва ин ҳолат зарурати ҳарчи бештар аз ҷиҳати сиёсӣ маълумотнок намудани ҷомеаи мамлакатро барои ҳифзи ин манфиатҳо ба вуҷуд меорад.

Доштани захираҳои бузурги обӣ дар шароити афзояндаи норасоии оби ошомиданӣ барои давлатҳо дар баробари ҷанбаҳои мусбат арзёбӣ гардидан, ҳамзамон дар назди ин кишварҳо уҳдадориҳои муайянро ҷиҳати иштироки фаъол дар такмили танзими ҳуқуқии байналмилалии идоракунии захираҳои об мегузорад. Аз ин рӯ, ҳуқуқи байналмилалии об, бешубҳа, мувофиқи талаботи замон инкишоф меёбад ва буҳрони обӣ ҳар қадар амиқтар бошад, он низ ҳамон қадар фаъолтар мешавад.

Бо инобати он, ки Тоҷикистон низ аз ҷумлаи давлатҳои дорои захираҳои азими об мебошад бояд иштироки фаъоли худро чун ҳамеша дар самти таҳкими заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ масъалаҳои вобаста ба об дар арсаи байналмилалӣ идома диҳад. Бояд талошҳои ҷомеаи илмии Тоҷикистон, махсусан илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқшиносӣ ба таҳкими заминаҳои сиёсию ҳуқуқии масъалаҳои вобаста ба об дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавию байналмилалӣ равона карда шавад. Мушоҳида мегардад, ки субъектҳои манфиатдори гидрополитикӣ ба ҳар навъ кӯшиш менамоянд, ки заминаҳои сиёсию ҳуқуқии байналмилалиро ба манфиатҳои миллии худ тарҳрезӣ ва асоснок кунанд. Дар ин раванд ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллии обии худ моро зарур аст, ки дар раванди тарҳрезӣ, таҳия ва қабули қарорҳои сиёсӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои обӣ дар арсаи байналмилалӣ ва минтақавӣ пешдаст ва ҳушёру зирак бошем.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешоҳанг ва ташаббускори силсилаи иқдомоти байналмилалии аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳони эътирофшуда дар соҳаи об, доштани захираҳои азими обӣ ва ҳамчун кишвари болооб пеш аз ҳар кишвари дигар бояд омӯзиши гидрополитикаро ҳамчун шоҳаи нави илмҳои сиёсӣ ба роҳ монад. Мавқеи гидрополитикии кишвар дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон боиси эътирофи ҷомеаи байналмилалӣ гардидааст. Бешубҳа дурнамои рушди ҳамаҷонибаи кишвари мо ва ҳаёти осоиштаи мардум аз захираҳои об вобаста аст. Тоҷикистон ҳамчун кишвари болооб дар масоили минтақавии обӣ мавқеи ҳалкунанда дорад ва ин мавқеъ дар заминаҳои таълимию илмӣ ҳамаҷониба бояд омӯхта шавад.

Ҳамзамон аз ҷиҳати сиёсӣ Тоҷикистон аз субъектҳои фаъолтарини муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи об маҳсуб ёфта, асосҳои илмию таълимии масъалаҳои вобаста ба об маҳз дар кишвари мо ва ё аз ҷониби кишвари мо ба миён гузошта шудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ ва ба низоми таҳсилоти миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ворид намудани омӯзиши «Гидрополитика» пеш аз ҳама вазифаи олимону муҳаққиқони мо маҳсуб меёбад.

Дар ин доира бо пешниҳоди муаллиф ва ташаббуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши «Дипломатияи об» дар магистратураи «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» ба роҳ монда шуд. Умед аст, ки бо ҳосил шудани таҷрибаи муайян омӯзиши «Гидрополитика» низ дар вақтҳои наздик ба роҳ монда хоҳад шуд.

Ҳамзамон, зарур шуморида мешавад, ки дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» ва кишварҳои Гурӯҳи дӯстони об ҷиҳати ба роҳ мондани омӯзиши «Гидрополитика» дар низоми таҳсилоти

ҷаҳонӣ ва таҳкими заминаҳои таълимии он пешниҳодҳои зарурӣ сурат гиранд.

АДАБИЁТ:

1. Каширин В.В. Время гидрополитики, или Тайная власть воды [Текст]// В.В. Каширин. – М.: “Линор”, 2011. - С. 386.

2. Бабаян Д.К. «Поднебесная гидрополитика» [Электроный ресурс]// . Источник: http://swan-water.old.ogpi.ua.es (дата посящения 10.10.2024)

ГИДРОПОЛИТИКА КАК НОВАЯ ОБЛАСТЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ НАУК И УЧЕБНЫЙ ПРЕДМЕТ: ЗАДАЧИ, МЕТОДОЛОГИЯ ИЗУЧЕНИЯ, ЗАКОНОМЕРНОСТЕЙ И ЕЕ КАТЕГОРИИ

Кувватзода С. З.

В данной статье исследуются и обосновываются основы гидрополитики как новой области политической науки и учебной дисциплины, ее задачи, методология изучения, закономерности и категории гидрополитики.

Исторические основы возникновения знаний, связанных с политическими аспектами воды, водной безопасности, управления водными ресурсами, интеграции в водном хозяйстве и необходимость всестороннего изучения знаний о месте водных проблем в международных отношениях в современном мире. условия составляют основное содержание данной статьи.

Развитие общества приводит к возникновению радикальных изменений во всех сферах жизни, которые изучаются в контексте различных наук. Политическая наука также прошла разные этапы в процессе своего становления и развивалась вместе с прогрессом общества. На разных исторических этапах в области политической науки возникали новые вопросы исследования, что привело к расширению ее сферы и одновременно к ее становлению. Процесс развития политической науки привел к появлению в ней новых разделов, в том числе конфликтологии, геополитики, глобалистики, регионоведения, политического маркетинга, политической технологии, международных отношений, национальной безопасности и других.

Принимая во внимание политическую основу водной проблематики в различных сферах международного сообщества и наличие ее исторических основ, возникла необходимость изучения и исследования гидрополитики как новой области политической науки и учебной дисциплины.

Ключевые слова: вода, водные ресурсы, проблемы водного дефицита, водная безопасность, политические науки, гидрополитика, задачи, категории, закономерность, межгосударственные отношения, международные отношения, интеграция, Душанбинский водный процесс.

HYDROPOLITICS AS A NEW AREA OF POLITICAL SCIENCE AND SUBJECT: TASKS, METHODOLOGY OF STUDY, REGULARITIES AND ITS CATEGORIES

Kuvvatzoda S.Z.

This article examines and substantiates the foundations of hydropolitics as a new field of political science and academic discipline, its objectives, methodology of study, patterns and categories of hydropolitics.

Historical foundations of the emergence of knowledge related to the political aspects of water, water security, water resources management, integration in water management and the need for a comprehensive study of knowledge about the place of water problems in international relations in the modern world. conditions constitute the main content of this article.

The development of society leads to the emergence of radical changes in all spheres of life, which are studied in the context of various sciences. Political science has also gone through different stages in the process of its formation and developed along with the progress of society. At different historical stages in the field of political science, new research questions arose, which led to the expansion of its scope and at the same time to its formation. The process of development of political science led to the emergence of new sections in it, including conflictology, geopolitics, globalistics, regional studies, political marketing, political technology, international relations, national security and others. Taking into account the political basis of water issues in various spheres of the international

community and the presence of its historical foundations, there was a need to study and research hydropolitics as a new area of political science and academic discipline.

Keywords: water, water resources, water deficit problems, water security, political sciences, hydropolitics, tasks, categories, regularity, interstate relations, international relations, integration, Dushanbe water process.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР НИЗОМИ АФЗАЛИЯТҲОИ МАНФИАТҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ КИШВАРҲОИ АБАРҚУДРАТИ ОЛАМ (ИМА , РУСИЯ, ЧИН, ИТТИҲОДИ АВРУПО)

Исмоилзода Маъруф Искандар – н.и.ф., декани факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара. E-mail: ismoilzoda_m@mail.ru ; Тел.: (+992) 904000079

Дар мақола асосҳои назариявӣ ва сиёсии таҳлили Осиёи Марказӣ ҳамчун як фазои калидии геополитикӣ дар низоми авлавиятҳои манфиатҳои стратегии қудратҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ – ИМА, Русия, Чин ва Иттиҳоди Аврупо баррасӣ шудааст. Дар асоси консепсияҳои классикӣ ва муосири сиёсатшиносӣ ва геополитика шаклҳои ҳузур ва таъсири ин субъектҳо ба равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва институтсионалии минтақа мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Дар мақола таъкид мешавад, ки Осиёи Марказӣ ҳам объект ва ҳам субъекти сиёсати байналмилалӣ буда, дар робита ба он ҳам моделҳои қудрати сахт ва ҳам механизмҳои қудрати нарм амалӣ мешаванд. Таҳлил ихтилофҳои асосӣ ва сенарияҳои эҳтимолии рушди мувозинати геополитикии минтақаро ошкор намуда, инчунин чолишҳои истиқлолияти миллӣ ва суботи давлатҳои Осиёи Марказиро муайян намудааст.

Калидвожаҳо: *Осиёи Марказӣ, геополитика, қудратҳои ҷаҳонӣ, ИМА, Русия, Чин, Иттиҳоди Аврупо, муносибатҳои байналмилалӣ, стратегияи сиёсӣ, қудрати нарм, қудрати сахт, амнияти минтақавӣ, неореализм.*

Фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ на танҳо ба табдили фазои муносибатҳои байналхалқӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, балки ба самтгирии нави сиёсати хориҷии кишварҳои пасошӯравӣ дар солҳои 90–уми асри XX мусоидат намуд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ истиқлолияти сиёсӣ ба даст оварда, сиёсати хориҷии худро чун субъектони мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ ба роҳ монданд.

Фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ раванди рақобати геополитикии кишварҳои абарқудратро дар Осиёи Марказӣ тезутунд намуд. Осиёи Марказӣ имрӯз аз минтақаи канории сиёсати ҷаҳонӣ ба минтақае табдил ёфтааст, ки мавқеъҳои калидиро дар системаи ҳамоҳангсозии геополитикии Авруосиё ишғол менамояд. Он ҳамчун як минтақаи муҳими стратегӣ дониста мешавад, ки дар он парадигмаҳои классикии геополитикӣ ва рақобати абарқудратҳои муосир ба ҳам мепайвандад.

Маълум аст, ки вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ, сарватҳои пуразриши табиӣ, захираҳои меҳнатию инсонӣ, таъмини амният ва сулҳ, иқтидори транзитӣ, рушди равандҳои демократӣ, минтақаи мазкур дар сиёсати ҷаҳонӣ мавқеи калидиро ишғол менамояд. Вобаста ба ин, кишварҳои алоҳида кӯшиш намуданд, ки бо кишварҳои Осиёи Марказӣ муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, фарҳангӣ ва ғайраро ба роҳ монанд ва бо ин роҳ дар минтақа мавқеи худро пайдо намоянд.

Дақиқан дар ибтидои асри XXI аҳамияти минтақаи Осиёи Марказӣ барои сиёсати ҷаҳонӣ боз ҳам афзудааст, зеро ба ҷуз омили сиёсию низомӣ, ки асоси рақобати минтақавиро ташкил медод, омили нав – иқтисодӣ пайдо шуд. Инчунин, набояд фаромӯш кард, ки имрӯз масъалаи истифодаи иқтидори транзитии Осиёи Марказӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами муносибатҳои байналхалқӣ табдил ёфтааст.

Аллакай дар «Тахтаи бузурги шоҳмот»-и З. Бжезинский ин қаламравро «Балкани Авруосиё» меноманд. Ба андешаи ӯ, дар он ҳеҷ як раҳбари ягонае, ки қодир ба бартарии ҷаҳонии Иёлоти Муттаҳидаро зери шубҳа гузошта метавонад, набояд пайдо шавад [4]. Тибқи

назарияи Маккиндер, қисмати марказии "қитъаи континенталӣ" (Ҳартленд) замоне “аслӣ” нуфузи ҷаҳонӣ маҳсуб мешуд, дар таълимоти Римленди Спайкмен ба аҳамияти периферия - аз ҷумла Осиёи Марказӣ - барои назорат бар Авруосиё таъкид мекунад. Тавре Спайкмен навиштааст, "Касе, ки Римландро назорат мекунад, Авруосиёро назорат мекунад; "Ҳар касе, ки Авруосиёро назорат мекунад, сарнавишти ҷаҳонро назорат мекунад" [9]. Ба истилоҳи муосир, ин маънои онро дорад, ки Иёлоти Муттаҳида, Русия, Чин ва Иттиҳоди Аврупо ҳадафи таъсир ё нигоҳ доштани минтақ, бо истифода аз категорияҳои "суверенӣ, қудрати минтақавӣ" ва ғайра таъсир мерасонанд.

Соҳибихтиёрӣ меъёри муайяни этирофи қудратҳои ҷаҳонӣ дар нисбати давлатҳоли ин минтақа бояд бошад. Ҳамаи тарафҳои манфиатдор расман эҳтироми соҳибихтиёрии миллии қазоқҳо, узбекҳо, тоҷикон, қиргизҳо ва туркманҳоро изҳор мекунанд. Чин муносибатҳоро дар асоси принсипи дахолат накардан ва ёрии «бешарти» иқтисодӣ барпо намуда, худро бо донорҳои Ғарб бо ёрирасониҳои «шартӣ» муқобил мегузорад. Русия аксар вақт ба ғояи «фазои умуми таърихӣ» ва «риштаҳои махсус», ки шояд истиқлолияти режимҳои минтақавиро маҳдуд мекунад, муносибат менамояд. ИМА ва Иттиҳоди Аврупо ба дастгирии истиқлолият ҳамчун асос таъкид мекунанд, аммо инчунин барҳӯрди арзишҳо ба истиқлолиятро тавассути демократикунонӣ ва ҳуқуқи инсон пешбарӣ мекунанд. Аксар вақт ихтилофи маърифатӣ ба миён меояд. Расман сухан дар бораи соҳибихтиёрӣ меронанд, аммо дар амал сухан дар бораи «ояндаи дурахшон тибқи стандартҳои ғарбӣ» ё муқобила бо Русия меравад [1].

Тавозуни қудрат ва бисёрқутбӣ. Дар руҳияи неореализми Н. Уолса, бозигаронн асосӣ барои нигоҳ доштани таносуби қувваҳо дар Авруосиё кушиш мекунанд. Русия ва Чин муштаракан ба таҳкими ҳузури Амрико мухолифат мекунанд (масалан, ҷанҷоли хуруҷи нирӯҳои Амрико аз кишварҳои минтақа бо дархости СҲШ) ва Осиёи Марказиро як минтақаи муҳимми геополитикӣ барои дар канор нигоҳ доштани рақибон медонанд. ИМА дар навбати аввал дар ин ҷо ба пайдо шудани гегемонии минтақавӣ бо даъвои «ягон давлат ба гегемония дар минтақа муяссар нашавад» монеъ шудан мехост [1, с. 12]. Рақобат миёни ин ду абарқудрат кишварҳои минтақаро ба “бозӣ дар зиддиятҳо”, нигоҳ доштани фазои “манёврӣ”, вале ба таври возеҳ маҳдуд кардани рафтори беш аз ҳад номуайян дар чаҳорчӯби созишномаҳои дастаҷамъӣ ташвиқ мекунад. Холати мазкур ба нақши афзояндаи СПАД (ОДКБ) ва Ҷомеаи Иқтисодии АвруОсиё пайватагӣ дорад [6, с. 100-104].

Осиёи Марказӣ «консентратсияи роҳҳои транзитӣ» аст. Конҳои нафту газ тавассути Русия ва Чин содир карда мешаванд, хатсайрҳои нав гузошта мешаванд (Чин-Осиёи Марказӣ), долони роҳи оҳани «Роҳи нави абрешим» таҳия карда мешавад. Афғонистон ва сарҳади он аз нигоҳи геополитикӣ муҳим аст - назорати “дарвозаҳои ҷанубӣ” ба Осиёи Марказӣ аз ҷониби Иёлоти Муттаҳида борҳо таъкид шудааст. Омили энергетикӣ таъсири афзояндаро равшан нишон медиҳад То охири соли 2009 ба истифода додани лӯлаи Осиёи Марказӣ-Чин “навтарин ва барҷастатарини нуфузи Чин дар ин минтақаи аз ҷиҳати энергетикӣ бой ва аз ҷиҳати стратегӣ муҳим” гардид [2].

Ҳама абарқудратҳо мубориза бо ифротгароӣ ва терроризмро ҳадаф эълон кардаанд. ИМА Осиёи Марказиро ҳамчун пойгоҳи пуштибонӣ дар ҷанги Афғонистон истифода бурда, ба “нигоҳдории пешгирикунанда”-и амнияти минтақа тамаркуз мекард. Русия СПАД-ро ба механизмҳои “амнияти дастаҷамъӣ” табдил дода, ҳузури худро бо “муқовимат бо терроризм ва қочоқи маводи мухаддир” асоснок мекунад. Чин боэҳтиёт аст ва хеле кам ошкоро масъалаи низомиро матраҳ мекунад, аммо СҲШ ҳамчунин ҳамчун як платформаи муқовимат бо “се қувваи бад” (сепаратизм, ифротгароӣ, терроризм) дар Осиёи Марказӣ пешбинӣ шудааст. ИА барои омӯзиши нерӯҳои амниятӣ ва мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ (муҳоҷират, қочоқи маводи мухаддир) сармоягузорӣ карда, “суботро ҳамчун асоси рушд” таъкид мекунад [8, с. 2].

ИМА ҳамчун гегемонияи либералӣ. ИМА Осиёи Марказиро аз призмаи

таъмини амнияти ҷаҳонӣ ва паҳн кардани арзишҳои демократӣ назар мекунад. Дар “давраи 1.0” (1991–2001) Вашингтон ба се вазифа таваҷҷуҳ кард: безарар гардонидани мероси силоҳи ҳастаии шӯравӣ, таҳкими истиқлолияти давлатҳои навтаъсис бар зидди “империализми Русия” ва барҳам додани монополияи Русия дар қубурҳо ва транзити газу нафт. ИМА расман геополитикаи "ифлос"-ро ба тарафдорӣ аз ташаккули бозорҳои озод ва демократия рад кард, аммо ба минтақа афзалияти маҳдуд дод. Пас аз 11 сентябр ва то хуруҷи нерӯҳо аз Афғонистон, авлавият ба логистикаи ҳарбӣ гузашт. ИМА ба иҷораи пойгоҳҳо барои амалиёт дар Афғонистон, ҳамкорӣ дар самти амният бо давлатҳои минтақа тамаркуз карда, асосан ба “дӯхтани” идеологии ислоҳот нодида гирифт. Ҳоло, дар давраи “3.0”, ИМА мувозинати навро меҷӯяд. Онҳо эътироф мекунанд, ки “ҳадафҳо берун аз минтақа ҳастанд” – чизи асосӣ ба эътидол овардани вазъи Афғонистон ва пешгирии радикалҳо аз он аст, ки минтақаро ба бесарусомонӣ мебарад [1, с. 3].

Унсури муҳими ҳамкорӣ бо Русия ва Чин оид ба вазифаҳои муштарак (масалан, пешгирии қочоқи ҳастаӣ), инчунин канорагирӣ аз ваъдаҳои зиёдатӣ мебошад. “Иёлоти Муттаҳида хуруҷи бехатари силоҳи ҳастаӣ аз Қазоқистонро таъмин кард ... Ҳеҷ як давлати ягона ба гегемония дар минтақа муваффақ нашуд". Ин ба Вашингтон имкон дод, ки нуфузи худро ҳамчун «озодӣ» (дастгирии соҳибихтиёрӣ) бар зидди гегемонияи гузаштаи шӯравӣ ҷой диҳад. Мантиқи стратегии Амрико ба ғояи “ҳамоҳангсозӣ” бо элитаҳо асос ёфтааст. Кумак барои ислоҳот бояд “аз дохили” худи кишварҳо бо таваҷҷӯҳ ба эълони демократия на, балки ба беҳбудиҳои воқеии соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, равона карда шавад. Ҳамзамон, ИМА аз "қудрати нарм" истифода мебарад. Тавассути барномаҳои кӯмак ва ташаббусҳои фарҳангӣ (маориф, ВАО) арзишҳои ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун тарғиб карда мешаванд. Ҷ. Ней (муаллифи истилоҳи «қудрати нарм» («soft power»)) таъкид мекунад, ки ҷолибияти модели амрикоии ҷомеа ва идеология манбаи муҳими таъсир аст. Дар стратегияи гибридии худ (“қудрати оқилона” («умная сила»)) Вашингтон фишори иқтисодӣ ва низомиро (таҳиримҳоро алайҳи баъзе низомҳо, пуштибонӣ аз барномаҳои мухолифин) бо лоиҳаҳои фарҳангӣ ва башардӯстона муттаҳид мекунад, ҳарчанд ҳузури низомии он ба таври возеҳ коҳиш ёфтааст [7].

Русия: «хориҷаи наздик» ва кафили субот. Маскав Осиёи Марказиро як майдони анъанавии манфиатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ медонад. Русия шарики калидӣ барои эҳтиёҷоти элитаи минтақавӣ дар бахшҳои амният, тиҷорат, муҳоҷирати корӣ ва равобити фарҳангӣ боқӣ мемонад. Он бо собиқ "дар канори шарқии мо" сарҳади васеъ дорад ва ба ҳифзи долонҳои нақлиётӣ ва энергетикӣ, ки аз Русия мегузарад, манфиатдор аст. Тавре таҳлилгарон мегӯянд, "Русия бояд амният ва субот дар минтақаро таъмин кунад, ин кишвар бояд суботро кафолат диҳад" [6, с. 103].

Русия таъсиси дастаҷамъонаи амниятиро дар зери сарпарастии он: аз СПАД то Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ҳоло Иттиҳодияи Авруосиё) дар бар мегирад. Ҳар чизе, ки доираи нуфузи Ғарбро васеъ мекунад ё ба ягонагии "ҷаҳони пасошӯравӣ" таҳдид мекунад, ҳамчун таҳдид қабул карда мешавад. Аз ин рӯ, Маскав устуворона аз «принсипи чандвекторӣ»-и муқарраршуда пуштибонӣ мекунад ва шарикони минтақавиро ба ҳамгироии ҳарчи бештар ба лоиҳаҳои худ ташвиқ мекунад.

Нигоҳ доштани инфрасохтори нақлиёт ва коммуникатсия, махсусан дар бахши энергетика, нигоҳ доштани назорат дар масирҳои интиқоли захираҳо барои Руссия муҳим аст. Илова бар ин, нигоҳ доштани фарҳанг ва забони русӣ дар минтақа ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи геополитикиаш маҳсуб мешавад. Дар изҳороти сиёсии Кремл ба бесуботӣ таъкид шудааст, ки он аз радикализм ва терроризми исломӣ бармеояд. Ин таҳкими робитаҳои низомӣ ва ба машқҳои муштарак шомил шудани артиши минтақавиро асоснок мекунад. Дар ҳамин ҳол, Русия ислоҳоти якҷонибаеро, ки таҳти фишори беруна сурат гирифтааст эътироф намекунад, зеро суботро аз ҳама болотар медонад. Омили дигари муҳим муҳоҷират аст. Миллионҳо муҳоҷири корӣ аз Тоҷикистон, Узбакистон ва Қирғизистон дар Русия кор мекунанд ва

аз онҷо ба ватан пул мефиристанд. Кремл инро ҳамчун "манбаи стратегӣ" медонад, ки вобастагии мутақобиларо афзоиш медиҳад ва ҳамзамон тарси аз даст додани ин потенсиали арзони кориро дорад.

Чин дар Осиёи Марказӣ сиёсатеро пеш мебарад, ки бар асоси принсипҳои доктринии худ - дахолат накардан, “манфиати мутақобила” ва консепсияи “ҷомеаи сарнавишти умумӣ” асос ёфтааст. Яке аз зуҳуроти ин ибтикори тарҳи “Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим” бо Осиёи Марказӣ буд, ки ҳадафи он “мустаҳкам кардани ақибгоҳи стратегии Чин” аст, ҳарчанд худи минтақа хати асосии тамаркузи қудрат барои Пекин нест. Унсурҳои калидии стратегияи Чин сармоягузориҳои калонмиқёс ба нақлиёт ва инфрасохтор мебошанд, ки бояд бозорҳои Авруосиёро бо бозори Чин пайваст кунанд. Рушди лӯлаҳои газ аз Қазоқистон, Туркманистон ва Узбакистон тавассути эҷоди каналҳои интиқоли мустақими нерӯи барқ тавассути Осиёи Марказӣ "вобастагии Чинро аз роҳҳои баҳрӣ нисбатан коҳиш дод". Чин идеяи кӯмаки "бешубҳа"-ро тарғиб мекунад. Пекин бар хилофи сиёсати Ғарб дар бораи "шароитҳои демократӣ" барои ҳамкорӣ "ба ҳама кишварҳои ҳамсоя, сарфи назар аз идеология ё иттифоқҳои онҳо" кӯмаки бечунучаро пешниҳод мекунад. Ин барои давлатҳои Осиёи Марказӣ хеле ҷолиб аст. Онҳо дар мавриди рушди иқтисодӣ ҳамоҳанг мегарданд.

Дар маърузаҳои расмии он таъкид карда мешавад, ки «тараққиёти мамлакатҳои Осиё аз Чин ҷудонашаванда аст». Пекин инчунин итминон дорад, ки "Чини пурқувват маънои субот дар Осиёро дорад" ва ишора мекунад, ки якҷоя метавонанд ба иддаои Ғарб муқобилат кунанд [3].

Ташкилотҳое, ки Чин дар якҷоягӣ бо Русия (СҲШ, БРИКС) таъсис додааст, ба Чин имкон медиҳад, ки ҳузури худро қонунӣ гардонад. Дар СҲШ, Чин ва Русия як платформаи ҳамоҳангсозии амалҳои бидуни барҳӯрди мустақимро ташкил медиҳанд, ки ба сатҳи поинтари риторикӣ расидаанд. Масалан, Чин ба роҳбарияти низомӣ даъво намекунад (ба мисли ИМА) ва аз таҳқири Русия худдорӣ мекунад ва Русия тавсеаи лоиҳаҳои иқтисодии Чинро таҳаммул мекунад. Бо вуҷуди ин, роҳбарони минтақавӣ кӯшиш мекунанд, ки мувозинатро ба даст оранд. Онҳо Чинро барои рушди долонҳои нақлиётӣ ва бозорҳо истифода мебаранд, аммо эҳтиёт мекунанд, ки ба як “замимаи энергетикии” Пекин табдил наёбанд (ки лоиҳаҳо бо Русия пешгирӣ кунанд).

Иттиҳоди Аврупо: Равиши меъёрӣ ва “қудрати нарм”. ИА дар минтақа пеш аз ҳама ҳамчун «қувваи меъёрӣ» амал мекунад. Стратегияи Иттиҳоди Аврупо оид ба Осиёи Марказӣ (2007 ва дар соли 2019 нав карда шуд) ба афзалиятҳои “субот ва шукуфоӣ”, риояи “стандартҳои умумӣ” ва таҳкими волоияти қонун тамаркуз мегардад. «Муттаҳидсозии ҷомеаҳои устувор, одилона ва ошкоро, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқанд» барои шарикии комил бо кишварҳои Осиёи Марказӣ зарур номида мешавад. Асбобҳои амалӣ барномаҳои кӯмакро дар бар мегиранд. Муколамаҳо оид ба ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун, ташаббусҳои таълимӣ, лоиҳаҳои “роҳи электронии абрешим” (инфрасохтори рақамӣ) ва ҳамкориҳои энергетикӣ. Иттиҳоди Аврупо рӯзномаи сабз ва рақамӣ, лоиҳаҳои экологӣ (об ва энергетика) ва ҳамгироии тиҷоратиро, ки ба парадигмаи либералии он мувофиқанд, мусоидат мекунад. Брюссел аз нигоҳи идеологӣ ба бисёрҷониба ва ниҳодҳо тамаркуз мекунад. СММ, САҲА ва форумҳои шабеҳро даъват мекунад ва кӯшиш мекунад, ки кишварҳои Осиёи Марказиро тавассути барномаҳои муштарак ба низоми байналмилалӣ ворид кунад.

Таҷрибаи аврупоии демократия нақши махсус мебозад. ИА ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО-ро дар Осиёи Марказӣ дастгирӣ мекунад. Ҳамзамон, худи ИА эътироф мекунад, ки бо модели энергетикии Русия ё миқёси сармоягузориҳои Чин рақобат карда наметавонад ва аз ин рӯ, ба барҳӯрди сиёсӣ дар сатҳи паст ва "шарикӣ на ба таври истисноӣ" такя мекунад.

Иттиҳодияи Аврупо ба он манфиатдор аст, ки кишварҳои ҳавзаи Хазар на танҳо тавассути Русия, балки тавассути инфрасохтори ҳамроҳи он дастрасӣ дошта бошанд (дар асл, инҳо асосан лоиҳаҳои интиқоли гази Осиёи Марказӣ ба бозори Аврупо мебошанд) [8, с. 3].

Моделҳои институтсионалӣ ва стратегии таъсир ба минтақаи Осиёи Марказӣ ба хотири ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ. Таъсири абарқудратҳо дар минтақа тавассути шаклҳои гуногун сурат мегирад. ИМА қаблан барои муколама "Платформаи С5+1" (панҷ кишвари Осиёи Марказӣ + ИМА) таъсис дод, аммо самаранокии он баҳснок аст. Русия бо механизмҳои ИДМ, СПАД ва ЕАЭО вокуниш нишон дода, ишора мекунад, ки тобеият ба ин иттиҳодияҳо кафолати соҳибихтиёрӣ дар доираи “оилаи умумӣ” аст. Чин нақши СҲШ-ро, ки дар он ду шарики пешбар (Русия ва Чин) рӯзномаро муқаррар карданд, ҳамкорӣ менамояд. Иттиҳоди Аврупо тавассути ҳайатҳо ва "конференсияҳои парлумонӣ" фаъолият мекунад, аммо бидуни муроҷиати васеъ. Ҳама ҷонибҳо инчунин аз барномаҳои дуҷониба фаъолона истифода мебаранд (масалан, Иёлоти Муттаҳида – “Осиёи Марказӣ 3.0”, Русия – “Шарикии панҷи калон плюс”, Чин – саммитҳои “Чин-СА”). Аксари кишварҳои Осиёи Марказӣ аз раъйдиҳӣ дар СММ дар мавриди таҷовузи Русия алайҳи Украина худдорӣ карданд. Ин мавқеъи прагматикии бисёрвектории минтақа ва хоҳиши мувозинат байни Маскав ва Пекинро нишон медиҳад [5].

Осиёи Марказӣ ба майдони «рақобати чандқутбӣ» табдил ёфтааст. Раҳбарони минтақа манфиатҳои геополитикии қудратҳои бузургро тамом мекунанд. Онҳо моҳирона бояд тасмим гирифта, дар навбати худ аз ҳамаи «бозингарони калон» фоидаи иқтисодӣ ва ҳарбӣ гиранд. Дар чунин шароит вазифаҳои тавозуни қудрат ва амнияти минтақавӣ дар маркази таҳлил қарор доранд. Ҳар як давлати Осиёи Марказӣ мекӯшад, ки як шарикро дар ҳавлии худ ба «гегемон» табдил надиҳад.

Таҳлили назариявӣ ва сиёсии Осиёи Марказӣ таъкид мекунад, ки ҳам мафҳумҳои классикии сиёсатшиносӣ (геополитика, соҳибихтиёрӣ, тавозуни қудрат, амнияти минтақавӣ) ва моделҳои муосири рақобати ҷаҳонӣ (тартиботи либералӣ бо “ҷаҳони тақсимшуда”) дар ин ҷо ба ҳам мепайванданд. Иёлоти Муттаҳида ба таври анъанавӣ минтақаро дар заминаи гегемония ва амнияти ҷаҳонии худ (мубориза бар зидди терроризм, бесуботӣ дар Афғонистон), Русия ҳамчун "хориҷи наздик" бо манфиатҳои муштарак дар субот, Чин ҳамчун минтақаи тавсеаи иқтисодӣ ва "ақибгоҳи стратегӣ" ва Иттиҳоди Аврупо ҳамчун майдони пешбурди меъёрҳо ва робитаҳо тавассути институтҳо мебинад. Ҳар як модел дорои осори идеологӣ аст. Осиёи Марказӣ минтақаест, ки дар он соҳибихтиёрии худи кишварҳо аксар вақт бо тавозуни манфиатҳои қудратҳои бузург қиёс карда мешавад. Таҳлили амиқ нишон медиҳад, ки ҳеҷ як абарқудрат дар фазои Осиёи Марказӣ монополия надорад. Ба ҷои ин, як шабакаи мураккаби муқобилиятҳо ва шарикӣ ба вуҷуд меояд.

Осиёи Марказӣ на танҳо ба «майдони бозии бузург», балки ба майдони стратегияҳои гибридӣ табдил меёбад. Изҳороти идеологӣ бо аҳдҳои прагматикӣ иваз мешаванд. Дар ин ҳолат, вазъият на бештар аз ҷониби сарҳадҳои ҷуғрофӣ, балки бо моделҳои бунёдии таъсир - аз "меъмори ҷаҳонии якқутбӣ" то "ҷануби ҷаҳонӣ" ва бисёрқутбӣ танзим карда мешавад. Муносибати муназзам ба масъала нишон медиҳад, ки заминаи сиёсӣ-назариявии дарки Осиёи Марказӣ ҳам мафҳумҳои бузурги геополитикӣ (монанди Бжезинский ва Спайкмен) ва ҳам назарияҳои муосири муносибатҳои байналмилалиро (таносуби қувваҳо дар Уолс, “қудрати нарм” дар Ҷ. Ней, тартиби либералӣ ва ғ.) дар бар мегирад. Динамикаи шиддат дар Осиёи Марказӣ натиҷаи маҳз ба ҳам пайвастани ин категорияҳо ва моделҳои идеологӣ мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Румер Ю., Сокольский Р., Стронски П. ПОЛИТИКА США В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ / Пер. с анг. М. Коробочкина. - М.: "Carnegie Endowment for International Peace", 2016. - 50 с.
2. Alexandros P., Katinka B. Russia, China and the geopolitics of energy in Central Asia. - London, 2011. - 63 p.
3. Antoine B., François G., Agatha K. EXPLAINING CHINA’S FOREIGN POLICY RESET // China Analysis / Electronic Code of Federal Regulations, April 2015. -P. 7. [Electronic recourses] URL: https://www.files.ethz.ch/isn/190166/ChinaAnalysisEng_Special_issue_1503_Final_v3_(2).pdf#:~:text=all%20of%20its%20neighbours%2

C%20regardless,Liu%20Zhenmin%20insisted%20in%202014 (date of application: 23.02.25)

4. Brzezinski Z. The Grand Chessboard: American Primacy and Its Geostrategic Imperatives. - New York, 1997. [Electronic recourses] URL: https://en.wikipedia.org/wiki/The_Grand_Chessboard#:~:text=sets%20out%20to%20formulate%20a,72 (date of application: 23.02.25)

5. Henrique S. A geopolitical map of Asia after the Ukraine conflict [Electronic recourses] URL: https://www.gisreportsonline.com/r/asia-geopolitics-ukraine/#:~:text=Moreover%2C%20all%20Central%20Asian%20countries,they%20play%20nice%20with%20Russia (date of application: 23.02.25)

6. Laumulin M. Russia's strategic interests in Central Asia today // CENTRAL ASIA AND THE CAUCASUS No. 3(57), 2018. - P. 89-104

7. Making a Movement: Joseph S. Nye, Jr. on the Importance of "Soft Power" [Electronic recourses] URL: https://www.hks.harvard.edu/centers/carr/publications/making-movement-joseph-s-nye-jr-importance-soft-power#:~:text=Making%20a%20Movement%3A%20Joseph%20S,power%20in%20foreign%20policy%20and (date of application: 23.02.25)

8. Melvin N., Boonstr J. The EU Strategy for Central Asia @ Year One // EUCAM – Europe-Central Asia Monitoring No. 1 - October 2008. - P. 2-10

9. Rimland [Electronic recourses] URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Rimland#:~:text=According%20to%20Spykman%2C%20,the%20destinies%20of%20the%20world (date of application: 23.02.25.

ЦЕНТРАЛЬНАЯ АЗИЯ В СИСТЕМЕ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ИНТЕРЕСОВ МИРОВЫХ СВЕРХДЕРЖАВ (США, РОССИЯ, КИТАЙ, ЕВРОСОЮЗ)

Исмоилзода М.И.

В статье рассматриваются теоретические и политические основы анализа Центральной Азии как ключевого геополитического пространства в системе приоритетов стратегических интересов передовых мировых держав — США, России, Китая и Евросоюза. На основе классических и современных концепций политологии и геополитики изучаются формы присутствия и влияния этих субъектов на политические, экономические и институциональные процессы региона. В статье подчеркивается, что Центральная Азия является одновременно объектом и субъектом международной политики, и по отношению к ней реализуются как модели жесткой силы, так и механизмы мягкой силы. В ходе анализа были выявлены основные противоречия и возможные сценарии развития геополитического баланса в регионе, а также выявлены вызовы национальной независимости и стабильности государств Центральной Азии.

Ключевые слова: Центральная Азия, геополитика, мировые державы, ИМА, Россия, Китай, Европейский Союз, международные отношения, политическая стратегия, мягкая сила, жесткая сила, региональная безопасность, неореализм.

CENTRAL ASIA IN THE SYSTEM OF GEOPOLITICAL INTERESTS OF WORLD SUPERPOWERS (USA, RUSSIA, CHINA, EU)

Ismoilzoda M.I.

The article examines the theoretical and political foundations of the analysis of Central Asia as a key geopolitical space in the system of priorities of strategic interests of the leading world powers - the USA, Russia, China and the EU. Based on classical and modern concepts of political science and geopolitics, the forms of presence and influence of these entities on the political, economic and institutional processes of the region are studied. The article emphasizes that Central Asia is both an object and a subject of international politics, and both hard power models and soft power mechanisms are implemented in relation to it. The analysis revealed the main contradictions and possible scenarios for the development of the geopolitical balance in the region, as well as challenges to the national independence and stability of the Central Asian states.

Keywords: Central Asia, geopolitics, world powers, IMA, Russia, China, European Union, international relations, political strategy, soft power, hard power, regional security, neorealism.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ФАЗОИ РАҚАМӢ

Ҳусайнзода Аминҷон Бурихон - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, к.С.Сафаров-16.Тел.: 987932088.E-mail: aminjonsharifov86@gmail.com

Мақола ба таҳлили ҷанбаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва амниятии паҳншавии терроризм ва экстремизм дар фазои рақамӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ дар баробари мусоидат ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ҳамзамон замина барои густариши ифротгароӣ ва фаъолияти террористӣ фароҳам овардааст. Дар мақола мафҳумҳои калидии «фазои рақамӣ», «кибер-фазо» ва «муҳити иттилоотӣ» шарҳ дода шуда, паёмадҳои амниятии онҳо дар заминаи сиёсати миллии амнияти иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф зарурати таҳкими қонунгузории соҳаи амнияти рақамӣ, танзими ҳуқуқии муҳити кибернетикӣ ва тақвияти ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалиро ҳамчун абзорҳои калидии муқовимат бо таҳдидҳои муосир таъкид мекунад.

***Калидвожаҳо**: терроризм, экстремизм, фазои рақамӣ, амнияти иттилоотӣ, кибертерроризм, идеологияи ифротӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории рақамӣ.*

Рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, аз ҷумла интернет ва шабакаҳои рақамӣ, ба густариши муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мусоидат намуда, барои пешрафти иҷтимоиву иқтисодии кишвар шароити нав фароҳам овардааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд, ки рушди инфрасохтори ТИК ва интернет аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошад. Тавре Пешвои миллат иброз доштаанд: «Васеъ гардидани шабакаи интернет ва рушди иқтисоди рақамӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва тақвияти иқтидори рақобатпазирии иқтисоди миллӣ заминаи мусоид муҳайё месозад» [8, https://www.president.tj/missives].

Таҳаввулоти глобалии рақамисозӣ зарурати ташаккули низоми мукаммали ҳуқуқӣ ва механизмҳои самарабахши танзими равандҳои рақамиро ба миён овардааст. Рушди босуръати рақамигардонӣ дар Тоҷикистон низ ба низоми сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ таъсир мерасонад. Бо дарназардошти таҳдидҳои афзояндаи кибернӣ, навсозии қонунгузорӣ ва ворид кардани мафҳумҳои «амнияти кибернетикӣ», «киберҳуқуқ» ва «истиқлоли рақамӣ» ба низоми миллӣ аҳамияти махсус дорад.

Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки кишварҳои дорои қонунгузории пешрафтаи кибернетикӣ тавонистаанд таъсири манфии кибертаҳдидҳоро коҳиш дода, амнияти миллиро таъмин намоянд. Барои Тоҷикистон низ ташаккули сиёсати устувори амнияти иттилоотӣ ба танзими қонунии комили равандҳои рақамӣ вобаста мебошад.

Айни замон, дар адабиёти илмии муосир барои таъриф ва таҳлили интернет мафҳумҳои «фазои рақамӣ», «киберфазо» ва «муҳити иттилоотӣ» истифода мешаванд, ки ҳар яки онҳо ба муҳити мутақобилаи иттилоотӣ ишора мекунанд, фазое, ки дар он табодули доимии ахбор, муошират ва қонеъсозии ниёзҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ сурат мегирад.

Мафҳумҳои «фазои рақамӣ», «киберфазо» ва «муҳити иттилоотӣ» дар тадқиқоти илмии муҳаққиқон, махсусан дар заминаи таҳдидҳои амниятӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ, мавриди таҳлили амиқ қарор мегиранд. Бо вуҷуди фарқи-

ятҳои методологӣ ва функсионалӣ, ин мафҳумҳо якҷоя ҳамчун пояи муҳими муҳити стратегӣ ва низоми амнияти иттилоотии давлат амал мекунанд.

1. **Фазои рақамӣ** — муҳити технологиест, ки дар он интернет, платформаҳои электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа нақши ҳалкунанда доранд. Рушди он ба тағйироти сохторӣ дар бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ мусоидат намуда, зарурати танзими ҳуқуқии муносибатҳои рақамиро бо назардошти стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ ба миён меорад.

2. **Киберфазо** — маҷмӯи равандҳо ва абзорҳои техникию амниятиест, ки ба ҳимояи захираҳои иттилоотии давлатӣ ва хусусӣ, инчунин ба муқовимат бо таҳдидҳои рақамӣ, аз ҷумла киберҷиноткорӣ ва терроризми иттилоотӣ нигаронида шудаанд. Ин фазо манбаи таҳдидҳои ҷиддӣ арзёбӣ гардида, таҳқиқот бештар ба масоили амнияти кибернӣ ва мутобиқсозии ҳуқуқ бо меъёрҳои байналмилалӣ равона мешавад.

3. **Муҳити иттилоотӣ** — маҷмӯи равандҳо ва воситаҳоест, ки ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва қабули қарорҳои сиёсӣ таъсир мерасонанд. Он ҳамчун фазои рақобати идеологӣ ва сиёсӣ арзёбӣ шуда, метавонад ҳам барои баландбардории маърифати сиёсиву фарҳангии ҷомеа мусоидат кунад ва ҳам манбаи таҳдид ба амнияти миллӣ гардад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии афзояндаи фазои иттилоотӣ, таҳқиқот ва таҳлилҳои илмӣ ба самти таҳияи стратегияҳои миллӣ дар соҳаи идоракунии устувори фазои рақамӣ, таҳкими инфрасохтори амнияти кибернӣ ва рушди сиёсати иттилоотии давлат равона гардидаанд. Ҳадафи ниҳоии ин тадбирҳо таъмини манфиатҳои миллӣ ва суботи устувори сиёсӣ дар шароити мураккаби ҷаҳонӣ мебошад.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд, «интернет ва дигар абзорҳои рақамӣ дар баробари нақши мусбат, ҳамчунин воситаи паҳн кардани ғояҳои радикалӣ ва ифротгароӣ гардидаанд. Ин платформаҳо махсусан дар ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ таъсиргузор буда, амнияти дохилӣ ва суботи ҷомеаро зери хатар мегузоранд. Аз ин лиҳоз, пешгирии ин равандҳо тавассути ҳамоҳангии тадбирҳои миллӣ бо ташаббусҳои байналмилалӣ аҳамияти муҳим касб менамояд» [10, https://www.president.tj/missives].

Яке аз таҳдидҳои ҷиддии амнияти миллӣ дар шароити муосири фазои рақамӣ терроризм ва экстремизм ба шумор меравад. Ин зуҳурот дигар танҳо мушкили дохилии давлатҳои алоҳида набуда, хусусияти фаромиллӣ пайдо намудаанд ва амнияти минтақаҳо ва ҷомеаи ҷаҳониро зери хатар қарор медиҳанд. Амалиётҳои харобиовари террористӣ, ба мисли ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 дар ИМА, равшан нишон медиҳанд, ки терроризм қобилияти таъсиррасонӣ ба низоми байналмилалиро дорост. Дар асри XXI терроризм на танҳо хисороти ҷисмонӣ ва иқтисодӣ меорад, балки бо таҳрик додани нооромӣ ва муноқишаҳои дохилӣ, афзоиши муҳоҷирати иҷборӣ ва заъифсозии низоми иҷтимоӣ ба амнияти инсон ва ҷомеа таҳдид мекунад. Ҳамзамон, фақр, ифротишавии табақаҳои иҷтимоӣ ва бесуботии сиёсӣ низ зери таъсири он қарор мегиранд [8, саҳ. 137–143].

Рушди технологияҳои рақамӣ доираи фаъолияти гурӯҳҳои террористиро васеъ намуда, онҳоро ба бозигарони фаъоли фазои иттилоотӣ табдил додааст. Имрӯз фазои иттилоотӣ ба муҳити рақобати шадиди геополитикӣ табдил ёфтааст, ки дар он мубориза барои шакл додани афкори ҷамъиятӣ ва таъсир ба муҳити амниятӣ идома дорад. Аз дидгоҳи илмҳои сиёсӣ, терроризм ва ифротгароӣ дар фазои рақамӣ ба унсури ҷангҳои иттилоотӣ мубаддал гардидаанд. Идеологияи радикалӣ тавассути расонаҳо ва шабакаҳои интернетӣ ба яке аз воситаҳои муассири таъсир ба шуури омма ва ба миён овардани бесуботӣ дар фазои сиёсӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Ин раванд ислоҳоти ҷиддиро дар сиёсати амнияти иттилоотии давлатҳо тақозо мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки интернет ва фазои рақамӣ ба муҳити муҳими фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгаро табдил ёфтааст. Т.В. Жаворонкова зикр мекунад, ки «дар даҳсолаи охир

гурӯҳҳои ифротгаро дар тамоми қитъаҳои интернет мавқеи худро мустаҳкам намуда, фазои маҷозиро ба василаи асосии паҳнсозии идеология ва амалияи худ табдил додаанд. Имрӯз дар интернет зиёда аз 10 ҳазор платформаи ифротгароёна фаъолият мекунад, ки ба таблиғи радикализм, даъват ба амалҳои террористӣ ва паҳнсозии маводи иғвогарона машғуланд. Ин гурӯҳҳо имкониятҳои техникии интернетро барои амалиёти таблиғотӣ, ҷалби аъзоёни нав ва паҳнсозии ғояҳои хатарнок бе монеа истифода мебаранд» [6, саҳ. 31].

Ба андешаи Л.А. Бураева, фазои иттилоотии глобалӣ имрӯз ба заминаи муҳими амалиётҳои гурӯҳҳои террористӣ мубаддал шудааст. Вай бар он назар аст, ки аксарияти ташкилотҳои террористӣ шабакаи ҷаҳонии интернетро ба таври фаъолона барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ истифода мебаранд. Бураева қайд мекунад: «Дар шароити муосир кибертерроризм ҳамчун як алтернативаи қобили қабул ба амалиётҳои анъанавии террористӣ баромад мекунад, зеро интернет шароити мусоидро барои озодии дастрасӣ, махфият, паҳншавии зуд ва фарогирии васеи аудитория фароҳам месозад»[2, саҳ. 274]. Ӯ таъкид мекунад, ки омилҳое, чун дастрасии осон, афзоиши шумораи корбарон, суръати баланди паҳншавии иттилоот ва пинҳон мондани шахсияти корбарон боиси он шудаанд, ки кибертерроризм ба яке аз василаҳои муассири амалҳои террористӣ дар сатҳи байналмилалӣ табдил ёбад. Дар натиҷа, интернет ба муҳити осебпазир ва манбаи аслии паҳншавии ғояҳо ва амалҳои хатарнок табдил ёфта, ба амнияти миллии давлатҳо таҳдиди воқеӣ эҷод мекунад.

Дар ҳамин замина, таҳқиқоти А.Н. Муҳаммад ва Х.Қ. Сафарлизода собит месозад, ки интернет ва платформаҳои рақамӣ ба муҳити мусоид барои паҳн ва таблиғи идеологияҳои ифротӣ ва террористӣ мубаддал шудаанд ва ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдидҳои ҷиддӣ ворид менамоянд. Муҳақиқон зарурати таъҷилии таҳкими низоми назорат ва танзими ҳуқуқии фазои иттилоотиро таъкид мекунанд, ки ҳадафи он пешгирии паҳншавии ифротгароӣ ва таъмини суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар мебошад [7, саҳ. 157].

Дар маҷмуъ, ифротгароӣ ва терроризм дар муҳити рақамӣ имрӯз ба яке аз таҳдидҳои ҷиддии амнияти миллӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Гурӯҳҳои ифротӣ бо истифода аз имкониятҳои васеи фазои рақамӣ аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар платформаҳои интернетӣ фаъолиятҳои таблиғотӣ, ҷалби аъзои нав ва ҳамоҳангсозии амалиётҳои террористиро ба таври самаранок роҳандозӣ мекунанд. Фазои рақамӣ имрӯз ба абзори калидии амалиёти онҳо мубаддал гардидааст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала аҳамияти хосса касб мекунад, зеро кишвар дар минтақаи ҳамсарҳад бо манотиқе ҷойгир аст, ки дар он гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ фаъол мебошанд. Ин гурӯҳҳо тавассути киберфазо метавонанд ба фазои иттилоотии кишвар роҳ ёфта, ғояҳои ифротгароёна ва маводи таблиғотиро паҳн созанд, ки ба амнияти иттилоотӣ ва шуури ҷамъиятӣ таҳдидҳои ҷиддӣ ба миён меоранд. Гурӯҳҳои радикалӣ дар паҳнсозии ғояҳо ва таъсир ба афкори омма, бахусус ҷавонон, дастовардҳои илму техникаи муосир ва технологияҳои рақамиро ба таври муассир истифода мебаранд. Платформаҳои маъруфи глобалӣ, ба мисли «Facebook», «Instagram», «WhatsApp», «ВКонтакте», «Одноклассники», «Telegram», «Twitter» ва «YouTube» имрӯз ба муҳити таблиғи ғояҳои ифротӣ ва радикалӣ табдил ёфтаанд. Гурӯҳҳои экстремистӣ аз ин шабакаҳо барои паҳнсозии маводи таблиғотӣ, ҷалби пайравон ва ташкили шабакаҳои муоширатии махфӣ истифода мебаранд.

Ташкилоти террористӣ ва ифротии «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон» ва иттиҳодияи тундгаро «Паймони миллии Тоҷикистон», ки бо ибтикори ҳизби мазкур таъсис ёфта ва аз ҷониби гурӯҳҳои радикалии исломӣ пуштибонӣ мешаванд, дар солҳои охир фаъолиятҳои худро дар фазои рақамӣ густариш бахшидаанд. Ин гурӯҳҳо бо истифода аз платформаҳои интернетӣ, бахусус «YouTube» ва шабакаҳои иҷтимоии дигар, мунтазам мавод ва паёмҳои дорои муҳтавои ифротӣ ва даъват ба амалҳои зиддиҳуқуқиро паҳн менамоянд. Онҳо ҳукумати қонунӣ ва низоми сиёсии мамлакатро, ки дорои хусусияти демократӣ ва дунявӣ мебошад, зери танқид

қарор дода, барҳам додани сохти конститутсионӣ ва иваз кардани низоми давлатиро ҳадафи аслии худ эълон медоранд. Таҳлили фаъолияти ин гурӯҳҳо нишон медиҳад, ки онҳо бо номҳои мустаор саҳифаҳои таблиғотӣ таъсис дода, тавассути онҳо ғояҳои ифротӣ ва идеологияи тундгароёнаро таблиғ мекунанд. Илова бар ин, сомонаҳои иттилоотии хусусӣ ва каналҳои алтернативӣ таъсис дода, маводи бардурӯғ ва иттилооти таҳқиромезро барои таъсир ба шуури омма паҳн месозанд. Бо вокуниши саривақтӣ, олимони ватанӣ ҳадаф ва ғаразҳои пинҳонии ин гурӯҳҳоро пайваста фош мекунанд[1, URL: http://mit.tj/article/дурӯғу-буҳтонҳои-навбатии-м-кабирӣ]. Ҷанбаҳои фаромарзии кибертерроризм фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барои муайян ва безарргардонии чунин гурӯҳҳо душвор месозад, ки дар натиҷа зарурати таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар муборизаи бо таҳдидҳои рақамӣ беш аз пеш эҳсос мегардад.

Дар шароити муосир, экстремизм ва терроризм дар муҳити рақамӣ асосан бо истифода аз риторика ва идеологияи дини ислом зуҳур менамояд. Ин падида на танҳо амнияти минтақаҳои мусалмоннишинро, балки суботи байналмилалиро низ таҳдид мекунад. Гурӯҳҳои радикалӣ бо истифода аз таълимоти исломӣ, онро ба абзори таблиғотӣ ва механизм барои ҷалби пайравон ва ташаккули ангезаҳои хеш табдил додаанд.

Дар ин замина, саволи муҳиме матраҳ мешавад: чаро маҳз дар заминаи дини ислом гурӯҳҳои террористӣ ва ифротӣ бештар ташаккул меёбанд? Агарчӣ дар таърихи масеҳият ва яҳудият низ ҳолатҳои зӯроварӣ ва ифротгароӣ мавҷуд буданд, аммо имрӯз маҳз ислом бештар ҳамчун рӯпӯши идеологӣ аз ҷониби гурӯҳҳои радикалӣ истифода мегардад.

Муҳаққиқи рус В.Ю. Вершинина бар он назар аст, ки «масеҳият дар раванди тамаддуни ғарбӣ тавонист ба муколама бо ҷаҳони муосир мутобиқ гардад ва дар муқобили таҳдидҳои идеологӣ ва ифротгароӣ таҷрибаи кофӣ ба даст оварад. Ислом то ҳол дар марҳалаи аввалини мутобиқшавӣ ба равандҳои муосири ҷаҳонӣ қарор дошта, гурӯҳҳои радикалӣ маҳз аз ин истифода бурда, таълимоти динро ба нафъи ҳадафҳои худ таҳриф мекунанд» [3, саҳ. 8].

Гурӯҳҳои тундгаро бо истинод ба матнҳои динии ислом ва бо таъбири якҷонибаи таълимоти динӣ амалҳои зӯроварона ва террористиро қонуният мебахшанд. Онҳо интернет ва шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун абзори муҳими таблиғ ва ҷалби ҷавонон истифода намуда, шуури онҳоро тавассути паҳн кардани ғояҳои радикалӣ ва маърифати сунъии динӣ таъсирпазир мегардонанд. Таҳлили иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки ҷавонон, бахусус дар ҳолати набуди маърифати динӣ ва ҳуқуқии кофӣ, осонтарин ҳадафи таблиғоти гурӯҳҳои ифротӣ мешаванд.

Муҳаққиқони соҳаи дин ва сиёсат бар он назаранд, ки таълимоти ҳақиқии ислом бо зӯроварӣ ва радикализм робитае надорад. Ислом динест, ки ба сулҳ, таҳаммулпазирӣ ва ҳамзистии осоишта даъват менамояд ва экстремизм дар муҳити исломӣ натиҷаи таҳрифи сунъии арзишҳои динӣ мебошад. Ҳар кӯшиши пайваст кардани дини ислом бо зӯроварӣ ва хушунат таҳриф ва сӯиистифода аз таълимоти ислом аст. Гурӯҳҳои ифротӣ матнҳои динро нодуруст шарҳ дода, мехоҳанд зӯровариро сафед кунанд, дар ҳоле ки чунин амалҳо ба асосҳои ҳақиқии ислом мувофиқат намекунанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷомеаи илмӣ ва сиёсатмадорони кишвар пайваста таъкид менамоянд, ки истифодаи ислом ба сифати воситаи расидан ба ҳадафҳои экстремистӣ ва террористӣ ғайриқобили қабул ва як таҳрифи рӯирост аз моҳияти воқеии ин дин мебошад.

Мавқеи устувори Ҳукумати Тоҷикистон ва махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин замина равшан ва принсипиалӣ аст. Президенти кишвар борҳо изҳор доштаанд, ки ислом дар моҳияти худ дини сулҳу ваҳдат ва ахлоқи неку инсондӯстӣ мебошад ва ҳар гуна кӯшиш барои сиёсисозӣ ва истифодаи он дар мақсадҳои ифротгароёна ва террористӣ қотеона маҳкум карда мешавад. Соли 2007 дар паёми табрикотӣ ба муносибати иди Қурбон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карданд: «Дини мубини ислом тамаддун ва фарҳанги ғановатмандест, ки

бо арзишҳои олии ҷовидонаи худ дар давоми асрҳо дар ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии халқу миллатҳои гуногуни олам, аз ҷумла тоҷикон, нақши бағоят бузург бозидааст. Фарҳанги бузурги исломӣ саршор аз ғояҳои эҳсону накӯкорӣ, ҳусни муошират бо аҳли хонадон, меҳру муҳаббат ба наздикону пайвандон, муомилаи нек бо ҳамсоягон, мурувват ба дӯстон, дилсӯзию ғамхорӣ ба беморону нотавонон, ёди хайр аз гузаштагон мебошад. Ислом адаб ва панду насиҳат аст. Аз ин рӯ, вазифаи муқаддаси мусулмонон аз он иборат аст, ки дар тарбияи ахлоқи ҳамидаи ҷомеа ҳамаҷониба саҳм гузоранд» [9, https://www.president.tj/missives].

Пешвои миллат борҳо дар баромадҳои худ истифодаи исломро ҳамчун баҳона барои амалҳои ифротиро маҳкум намудаанд. Аз ҷумла, соли 2019 дар мулоқот бо афсарону аскарони Қувваҳои Мусаллаҳ таъкид карданд: «Равандҳои муосири ҳарбӣ ва сиёсии минтақа ва ҷаҳон нишон медиҳанд, ки истифодаи ғаразноки терроризм, ғояҳои хушунатомези ифротгароӣ ва талошҳои сиёсӣ намудани дини ислом яке аз бузургтарин таҳдидҳо ба амният, сохти конститутсионӣ, дунявият, сулҳу субот ва пешрафти иқтисодию иҷтимоии кишварҳо ба ҳисоб мераванд» [11, https://www.president.tj/missives]. Ин суханон далели онанд, ки Пешвои миллат ба арзишҳои динии мардум эҳтироми махсус зоҳир намуда, ҳар гуна зуҳуроти ифротгароӣ ва терроризмро, ки мухолифи арзишҳои инсондӯстӣ ва суботи ҷомеа мебошанд, шадидан маҳкум менамоянд. Мавқеи устувори роҳбарияти кишвар дар баробари ин таҳдидҳо, аз сиёсати қотеъ ва дидгоҳи башардӯстонаи давлат шаҳодат медиҳад, ки ҳадафаш ҳифзи сулҳу субот ва таҳкими ваҳдати миллӣ мебошад.

Муҳаққиқи тоҷик А.Н. Шарипов зимни таҳлили сиёсати Пешвои миллат дар самти ҳифзи арзишҳои динӣ ва мубориза бо ифротгароӣ чунин менависад: «Дастури Пешвои миллат оид ба тарҷумаи Қуръон ба забони тоҷикӣ, нашри «Саҳеҳи Бухорӣ» ва дигар осори уламо, бунёд ва мавриди истифода қарор додани бузургтарин масҷид дар Осиёи Марказӣ ба номи Имоми Аъзам (р), ҳимояи арзишҳои динӣ аз минбарҳои байналмилалӣ, аз ҷумла таъкиди пайванди терроризм бо дини ислом надоштани он, иштирок дар зиёрати хонаи Худо ва шомил шуданашон ба рӯйхати 500 мусулмони таъсиргузори ҷаҳон, далели возеҳи пуштибонӣ ва ҳифзи дину оин дар дохил ва хориҷи кишвар мебошад. Пешвои миллатро метавон ба ҳақ як ҳомии арзишҳои суннатии ислом ва сулҳ дар минтақа ва ҷаҳон донист, ки такя ба мазҳаби ҳанафӣ ҳамчун заминаи устувори нигоҳдории сулҳу субот ва пешгирии низоъҳои динӣ хидмат мекунад» [12, саҳ. 292–296].

Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва вусъати фазои рақамӣ, таҳдидҳои нав ба амнияти миллӣ ва суботи иҷтимоӣ шакл гирифтаанд. Таҳлили масъала нишон медиҳад, ки интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, дар баробари нақши созанда, ба муҳити мувофиқ барои паҳншавии идеологияҳои ифротӣ ва фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ мубаддал гардидаанд. Гурӯҳҳои ифротӣ имкониятҳои техникии киберфазоро барои таблиғи ғояҳои хатарнок, ҷалби аъзои нав ва ташкили амалиётҳои иттилоотӣ истифода мебаранд, ки ин раванд ба суботи сиёсӣ ва амнияти иттилоотии кишвар таҳдиди воқеӣ ба миён меорад.

Мафҳумҳои «фазои рақамӣ», «киберфазо» ва «муҳити иттилоотӣ» ҳамчун заминаҳои таҳлили амнияти иттилоотӣ дар сиёсати миллии амниятӣ аҳамияти калидӣ пайдо намудаанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки муқовимати муассир ба таҳдидҳои рақамӣ танҳо бо шарти таҳкими қонунгузории рақамӣ, танзими ҳуқуқии муҳити иттилоотӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ имконпазир аст.

Дар шароити муосир, таҳияи стратегии устувори амнияти иттилоотӣ ва андешидани тадбирҳои фарогири миллӣ ва байналмилалӣ барои пешгирии густариши терроризм ва экстремизм дар фазои рақамӣ вазифаи муҳим ва саривақтӣ мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Абдулҳаев, К. Дурӯғу буҳтонҳои навбатии М.Кабирӣ [манбаи электронӣ] / К. Абдулҳаев. – URL: http://mit.tj/article/дурӯғу-буҳтонҳои-навбатии-м-кабирӣ (санаи истифодабарӣ: 12.01.2025)

2. Бураева, Л.А. Террористические объединения в глобальном информационном пространстве // Ахбори Маркази илмии Кабардино-Балкарияи ФАН Русия. – 2014. – №1. – С. 274-276.

3. Вершинина, В.Ю. Религиозный фактор международных отношений в XXI веке [Текст] / В.Ю. Вершинина // Актуальные проблемы современных международных отношений. – 2016. –№6. –С.8.

4. Гутиева И. Г. "О путях противодействия молодежному экстремизму, распространяемому в социальных сетях" // Образование и право. 2022. № 8. С. 321-324., Ефремова И. А., Смушкин А. Б., Донченко А. Г., Матушкин П. А. "Киберпространство как новая среда преступности" // Вестник Томского государственного университета. 2021. № 472. С. 248-256., Шураев А. А. "Современные деструктивно-информационные технологии вовлечения молодежи в экстремистскую деятельность" // Защити меня. 2020. № 1. С. 36-39.

5. Дилшодова, Ш. Терроризми байналмилалӣ ва хатари он барои аҳли башар [Матн] / Ш. Дилшодова // Таърих. – Хоруғ: Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, 2023. – С. 137–143.

6. Жаворонкова Т.В. Истифодаи шабакаи Интернет аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ ва ифротгаро [Матн] / Жаворонкова Т.В. – Москва: Российский государственный социальный университет, 2015. – 30-36с.

7. Муҳаммад А.Н., Сафарлизода Х.К. Амнияти миллӣ [Матн] // Муҳаммад А.Н., Сафарлизода Х.К. – Душанбе: 2019. 226-с

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2019 [манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/missives (дата обращения: 25.01.2025).

9. Паёми табрикӣ ба муносибати иди Қурбон. 18.12.2007 [манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/missives (санаи истифодабарӣ: 29.01.2025)

10. Суханронӣ дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез», 2018 [манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/missives (санаи истифодабарӣ: 01.03.2025).

11. Суханронӣ дар чорабинии тантанавӣ ба ифтихори 26-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ. 23.02.2019 [манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/missives (санаи истифодабарӣ: 29.02.2025)

12. Шарипов А.Н. Махсусият ва омилҳои маҳбубият касбнамудаи Пешво. // Паёми ДМТ. №1, 2019, С.292-296

ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ В ЦИФРОВОМ ПРОСТРАНСТВЕ

Хусайнзода Аминджон Бурихон

Статья посвящена анализу политических, правовых и информационно-безопасностных аспектов распространения терроризма и экстремизма в цифровом пространстве. Автор, опираясь на международный опыт и особенности Республики Таджикистан, показывает, что стремительное развитие информационных технологий, наряду с их позитивным влиянием на социально-экономическое развитие, одновременно создало почву для усиления радикализма и террористической деятельности. В статье раскрываются ключевые понятия «цифровое пространство», «киберпространство» и «информационная среда», рассматриваются их потенциальные угрозы в контексте национальной политики информационной безопасности. Отмечается необходимость укрепления законодательства в сфере цифровой безопасности, правового регулирования киберсреды и расширения международного сотрудничества в борьбе с современными угрозами.

Ключевые слова: терроризм, экстремизм, цифровое пространство, информационная безопасность, кибертерроризм, радикальная идеология, Республика Таджикистан, цифровое право.

TERRORISM AND EXTREMISM IN THE DIGITAL SPACE

Husainzoda Aminjon Burikhon

This article analyzes the political, legal, and security-related aspects of the spread of terrorism and extremism in the digital space. Drawing on international experience and the specific context of the Republic of Tajikistan, the author argues that the rapid development of information technologies, while contrib-

uting to socio-economic growth, has also created a fertile ground for the proliferation of radical ideologies and terrorist activity. The paper defines key concepts such as “digital space,” “cyberspace,” and “information environment,” and explores their security implications within the framework of national information security policy. The author emphasizes the need to strengthen digital security legislation, regulate the cyber environment, and enhance international cooperation as crucial tools to counter modern threats.

Keywords: terrorism, extremism, digital space, information security, cyberterrorism, radical ideology, Republic of Tajikistan, digital legislation.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ВАТАНДУСТӢ ОМИЛИ МУҲИМ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИ ТОҶИКИСТОН

Ҳукмишоев З.Д. – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Саноӣ Э.С. докторанти Ph.D курси 1-ум дар кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: +992000088722

Дар мақолаи мазкур масъалаи нақш ва мақоми ватандӯстӣ дар таҳкими истиқлолияти давлати Тоҷикистон баррасӣ гардид. Дар замони соҳибистиқлолӣ давлат ва ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаи ташаккули ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони мамлакат аҳамияти ҷиддӣ медиҳад, зеро яке аз омилҳои асосии пешрафту инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҷумла, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳамчун омили асосии сафарбарнамоии шаҳрвандон барои пешрафту тараққиёти давлат, ҳифзу ҳимояи марзу бум, амният, истиқлолият ва якпорчагии он, маҳз ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, дар ин ва ё он кишвари дунё ватандӯстӣ ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи давлат ба самти ояндаи шукуфону дурахшон баромад кардааст.

Як қисмати асосии мақоларо масъалаи тарбияи ватандӯстии ҷавонон ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии "Тарбияи ватандӯстии ҷавononи Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013" қабул гардида, роҳу воситаҳо ва самтҳои асосии тарбияи наврасону ҷавononро муқаррар кардааст. Чун, ояндаи давлату миллат дар дасти ҷавонон аст, давлат ва ҳукумати кишвар ба ин масъала диққати ҷиддӣ медиҳад.

Қисмати дигари мақолаи илмӣ ба масъалаи нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тарбияи ватандӯстии шаҳрвандони мамлакат бахшида шудааст, ки маҳз фаъолияти фидокорона баҳри Ватан аз тарафи Пешвои миллат, хизматҳои бузург дар эҳёи сулҳу ваҳдати миллӣ, ҳифз ва ҳимояи истиқлолияти давлатӣ яке аз асосҳои ташаккули ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Калидвожаҳо: *Ватан, ватандӯстӣ, тарбияи ватандӯстӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Тоҷикистон, Қувваҳои мусаллаҳ, Конститутсия, истиқлолияти давлатӣ, муносибатҳои миллӣ, худшиносии миллӣ, ҷавонон, шаҳрвандон, оила, муассисаҳои таълимӣ.*

Ватандӯстӣ бо дарки ҳастии таърихии халқ алоқаманд аст. Ин муҳаббат ва эҳтиром ба гузашта ва имрӯзи он аст. Дар Барномаи давлатии "Тарбияи ватандӯстии ҷавononи Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013" хусусиятҳои ватандӯстӣ аниқу возеҳ муайян карда шудааст: "Ватандӯстӣ падидаест, ки хусусиятҳои маънавӣ-равонии аъзои ҷомеа, дараҷа ва нақши таърихӣ-сиёсии миллат ва дарки ҷойгоҳи худро дар тамаддуни ҷаҳонӣ, ташаккулёбии ифтихори созандаи миллатро инъикос менамояд. Сатҳ ва дараҷаи он бештар аз ҳама аз дониш, хирад, хотира ва донишмандӣ вобастагӣ дорад".[2] Чунин дарки ватандӯстӣ асосӣ мебошад. Пеш аз ҳама, ин раванди баланди инсонпарварии ғояи ватандӯстии тоҷик; таҳаммулпазирӣ ва риоя намудани қонунҳо; муҳаббат ба кишвару сарзамини худ мебошад. Ҳамаи ин унсурҳои таркибии раванди ягонаи тарбиявӣ буда,

фаъолияти муназзам ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро дар самти ташаккулёбии шуури ватандӯстӣ, ҳисси ифтихори миллӣ ва вафодорӣ ба Ватани худ, тайёрӣ ба иҷрои қарзи шаҳрвандӣ ва уҳдадориҳои конститутсионӣ оиди ҳифзи манфиатҳои Ватанро инъикос менамоянд.

Дар Барномаи давлатии "Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013" чунин вазифаҳои асосӣ баррасӣ мегарданд:

- тарғиби ғояҳои асосии миллӣ, ба монанди муҳаббат ба Ватан, ифтихор аз гузаштаи пурифтихор ва дастовардҳои истиқлолият, сохтори ҷомеаи пешқадам ва мутамаддини шаҳрвандӣ, дар байни ҷавонон ва наврасон;

- эҳтироми анъанаҳои ҷангӣ ва меҳнатии падарону бобоён, саҳифаҳои пурифтихори ҳаёти гузаштагони худ ва омӯзиши қаҳрамонӣ ва ҷонфидоии қаҳрамонони халқи тоҷик;

- истифодаи усулҳои нави кор бо насли ҷавон ва чорабиниҳои самаранок дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон;

- ташаккулёбии ғояҳои солим ва пешрафтаи ҷавонон барои рушди ҷомеа; фароҳам овардани шароитҳои мусоиди иҷтимоӣ ва ташкилӣ барои ташаккулёбии ватандӯстӣ, худогоҳии миллӣ ва садоқат ба Ватан дар байни ҷавонон;

- тақвияти асосҳои илмӣ-назариявӣ, методӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ, асосҳои ташкилӣ ва кадрии сиёсати давлатии ҷавонон дар самти тарбияи ҳарбӣ- ватандӯстии насли наврас;

-такмил ва мутобиқгардонии фаъолияти сохторҳои гуногуни мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ ва тайёрии тодаъватии ҷавонон ба сафи Артиши миллӣ;

- таъмини дастгирии давлатии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии насли наврас;

- коркард ва татбиқи шаклҳо ва усулҳои самараноки тарбияи ватандӯстӣ ва тайёрии тодаъватии ҷавонон ба сафи куввахои мусаллаҳ. [2]

Дар раванди тарбияи ватандӯстии ҷавонон субъектҳои тарбия - оила, муассисаҳои томактабӣ, тамоми намудҳо ва сатҳҳои муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои фарҳанг, сохторҳои давлатӣ, ки барои тарбияи насли наврас маъсулият доранд, аз ҷумла сохторҳои қудратии мамлакат, бояд низоми ягонаро ташкил диҳанд. Танҳо дар ин сурат метавонад ҳисси ватандӯстии наврасону ҷавонон ташаккулу инкишоф ёбад.

Тарбияи ватандӯстӣ сиёсати муҳими давлату ҳукумати Тоҷикистон мебошад. Қонунҳо, меъёрҳо, ғояҳо, ақидаҳо ва арзишҳое, ки дар ҷомеа коркард гардидаанд, барои ташаккулёбии ҳисси ватандӯстии наврасону ҷавонон ва дар маҷмуъ ҷомеа мусоидат менамояд. Тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи ватандӯстӣ дар низоми давлатдорӣ шарт ва зарур буда, мавҷудияту пояндагии давлат аз он вобастагии ҷиддӣ дорад. Шуури ташаккулёфтаи шаҳрвандӣ имконият фароҳам меорад, ки падидаҳои иҷтимоӣ ва равандҳо, рафтору амалҳои шахсӣ аз мавқеи манфиатҳои ҷомеа баҳогузорӣ карда шаванд.

Баъди ба даст овардани истиқлолият дар Тоҷикистон вазъияти мураккаби иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ ба вуҷуд омада, ҷанги шаҳрвандӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ сохт. Дар ин раванди сиёсӣ барои халқи Тоҷикистон таҳкими истиқлолият, ҳифзи соҳибихтиёрии Тоҷикистон, роҳ надодан ба дахолати нерӯҳои хориҷӣ ба раванди ҷанги шаҳрвандӣ, бартарафсозии буҳрони иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ шарт ва зарур буд. Ҳамзамон чунин савол ба миён омада буд: Оё дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати тоҷикон боқӣ мемонад ва миллати тоҷик ҳастии худро нигоҳ дошта метавонад? Ин раванди мураккаби сиёсӣ дар назди халқи Тоҷикистон вазифаи хеле пурмасъулият, ҳифзи истиқлолият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузошт. Дар баробари ин, бояд қайд намоем, ки вазъияти иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ-ғоявӣ дар Тоҷикистон ҳифзи ғояҳои соҳибистиқлолиро тақозо менамуданд.

Дурнамои мамлакатро баҳогузорӣ намуда, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуданд: "Мо

тамоми мураккабият ва вазнинии масъалаҳоро, ки дар назди мамлакати ҷавони соҳибистиқлол гузошта шудаанд, дарк менамоем ва ба ирода ва дастгирии халқ такя намуда, қотеона ва устуворона бо роҳи интихобкардаамон ба сӯйи сохтори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва мустаҳкамсозии истиқлолият ва соҳибистиқлолии халқи тоҷик меравем.” [14,35]

Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон дар масъалаҳои ҳифзи арзишҳои ватандӯстии аҳолӣ диққати зиёд медиҳад. Зарурати ташаккулёбии ҳисси ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, барои пешрафту инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии ҷумҳурӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва нигоҳдории тамомияти арзии мамлакат аввалиндараҷа ҳисобида мешавад.

Бо дарназардошти ҳолатҳои дар боло зикргардида, бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ ба масъалаи ташаккулёбии ҳисси ватандӯстии аҳолии ҷумҳурӣ, диққати ҷиддӣ додааст. Зеро маҳз ватандӯстӣ омили муҳими ташаккулёбии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, танҳо шаҳрванди ватандӯст тамоми талоши худро баҳри пешрафти кишвари худ анҷом дода метавонад. Ватандӯстӣ ҳамчунин, монеаи гаравидани ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгароӣ мебошад.

Бо ин мақсад чораҳои мушаххас андешида шуда, роҳҳо ва воситаҳои гуногуни тарғиботӣ ва ташвиқотӣ бурда мешавад. Як паҳлӯи асосии аксари паёмҳо ва суханроиҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро маҳз тарғиби масъалаҳои худшиносии миллӣ, ватандӯстии шаҳрвандони Тоҷикистон хусусан, нисбати наврасону ҷавонони мамлакат ташкил медиҳад. Дар ин раванд инчунин нақши воситаҳои ахбори оммаи дохилӣ, муассисаҳои таълимӣ ва мақомотҳои давлатиро дар тарғибу ташвиқи арзишҳои худогоҳию ватандӯстӣ қайд кардан ба маврид аст.

Бо шарофати истиқлолият мо соҳиби Парчам, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ, Артиши миллӣ, Қуввaҳои сарҳадӣ, пули миллӣ ва узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ва аъзои чандин созмонҳои байналмилалӣ гаштем. Дар шароити кунунӣ ба тарбияи ифтихори давлатдорӣ, ватандӯстӣ ва худогоҳии миллии ҷавонон бояд ҳамагон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд. Зеро ояндаи давлат чуноне, ки Пешвои миллат дар аксари суханроиҳои худ қайд ва таъкид мекунанд, маҳз ҷавононанд, хусусан ҷавонони худогоҳу ватандӯст. Қисми асосии таълиму тарбияро дар оила, муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ новобаста аз шакли таъсисашон, ки хусусӣ ё давлатӣ мебошанд, ташкил медиҳад ва ин бояд боз ҳам ҷиддитар ба роҳ монда шавад.

Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки ҷавонон неруи фаъолу боғайрат, қувваи созандаи ҷомеаи моро ташкил медиҳанд. Онҳоро хуб тарбия кардан ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намудан вазифаи муқаддаси ҳамаи аъзои ҷомеа аст. Зеро ҷавонон ободгарони Ватан, соҳибони ояндаи Тоҷикистони мустақилу демократӣ ва такягоҳи боэътимоди давлати соҳибистиқлол мебошанд. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ин ҳифзи музаффариятҳои Истиқлолияти давлатӣ, ба ҷавонон фаҳмондани равандҳои харобиовари замони муосир ва амиқ дарк намудани онҳо мебошад. Барои пешгирии ин равандҳо дар мамлакат, махсусан дар байни ҷавонон, ҳадафҳои асосии ноил шудан ба сатҳи баланди худшиносӣ ва инкишоф додани ҳисси ватандӯстӣ такшил медиҳад.

Сарвари давлат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намудаанд: “Баробари таълим масъалаҳои тарбияи наврасону ҷавонон ва дар рӯҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ба воя расонидани онҳо ниҳоят муҳим мебошад.” [8] Дар ин суханони Сарвари давлат то чӣ андоза муҳим будани ташаккули ҳисси ватандӯстии наврасону ҷавонон таъкид гардида, таваҷҷуҳи хоссаи Пешвои миллатро ба масъалаи мазкур нишон медиҳад.

Бинобар ин, расонидани ҷавонон ба сатҳи баланди худшиносӣ ва ахлоқӣ ба ҳалли мушкилоти буҳрони маънавӣ мусоидат мекунад. Агар инсон то ба сатҳи

баланд рушд накунад, ба зинаи худшиносӣ нахоҳад расид, зеро танҳо шахси ба дараҷаи муайяни камолоти инсонӣ расида, худшинос мегардад. Худшиносию худогоҳӣ аз муносибати инсон ба воқеият вобаста аст. Дар асоси омӯхтани илму дониш ва таҷрибаи фарҳангии инсоният худшиносӣ ба вуҷуд омада, инсонро ба ҳадафҳое роҳнамоӣ мекунад, ки шуури муқаррарӣ метавонад сарфи назар кунад. Худогоҳию хештаншиносӣ дар фаҳмиши мушкилоти рӯзгор, ки ин ҷо дарки манфиатҳои шахсӣ ва дигарон ба миён меояд, имкон медиҳад, то дар доираи мушкилоти пайдошуда таҳаммулпазир бошаду онро ба осонӣ пушти сар намояд. Шинохти миллӣ ин ҳастии махсуси одамон аст, ки берун аз маҷбурияту берун аз фоидаи шахсӣ хусусияту сифатҳои якдигарро соҳибанд ва эҳтирому азиз донистани ҳамин сифатҳоро муттаҳидан пайгирӣ мекунанд. Худшиносии миллӣ ҳамчун зуҳури бошууронаи иҷтимоӣ баёну ифодаи марҳилаи муайяни робитаҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандӣ ва давлат буда, дар баробари эҳсосот, идроку тасаввур ва вокуниш сурат гирифта, инъикоси ҳодисоти таърихӣ дар шакли хотира, одату русуму анъана ва фарҳанги миллӣ мебошад. [13,3]

Ватандӯстӣ аз ҳар фарди некноми Тоҷикистон маънавияту маданияти баланд, ахлоқу нияти пок, муҳаббати бепоён ба ватани хешро талаб мекунад. Дар замони имрӯза хеле муҳим аст, ки ҳисси дӯстдории зодгоҳ ва парастиши тамоми ин сарзамини зебою ягона - Тоҷикистони азизро дошта бошем. Дар баробари ин ҳисси мазкурро дар фаъолияти амалӣ бояд истифода кард, зеро ватандӯстиро танҳо бо забон не балки амалан низ онро татбиқ намуд.

Мо тоҷикон андар оғуши ин сарзамини биҳиштосо метавонем биболему ҳаловат барем, чун уқобон ба қуллаҳои баланд парвоз намоему орзуҳои деринаи худро амалӣ созем, рӯ ба ҷаҳониён оварда, бо фахр аз Тоҷикистони пурэҷози худ ёдовар шавем. Мо аз хоки ин сарзамин сабзидаем аз оби шаҳбораш шодоб гаштаем, аз неъматҳои фаровони моддию маънавияш нерую тавон бардоштаем. Мо нозпарвари ҳамин сарзаминем ва он такягоҳи мустаҳками мост. [10, 148-151]

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ташаккули ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони Тоҷикистон ин танзими сиёсати муносибатҳои миллӣ ташкил медиҳад. Масъалаи мазкур бениҳоят муҳим мебошад, зеро дар Тоҷикистон гуногунчеҳрагии миллӣ вуҷуд дошта, давлати полиэтникӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон Ватани тамоми намояндагони халқу миллатҳо ва гурӯҳҳои этникие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунад ва шаҳрванди Тоҷикистон мебошанд, ба ҳисоб меравад. Дар кишвари азизи мо Тоҷикистон аксарияти аҳолиро миллати тоҷик ташкил медиҳад ва номи ин давлат низ аз номи ҳамин миллат гирифта шудааст. Муносибати байни тоҷикон ва дигар ақаллиятҳои миллиро дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон санандҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ танзим менамоянд. Ба сифати чунин ҳуҷҷат Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд. Маҳз дар ин санади олӣ тамоми шарвандон қатъи назар аз нажод, мансубияти миллӣ, ҷинс, забон, мавқеи сиёсӣ баробар эълон шудаанд. Яке аз меъёрҳо ин баробар будан новобаста аз мансубияти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки ин имконият медиҳад, ки намояндагони дигар миллату халқиятҳо дар қатори тоҷикон аз тамоми ҳуқуқу озодиҳо бархӯрдор гарданд. Инҷо боз моддаи 2-юми Конститутсияро мисол овардан мумкин аст: “Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд”. [4] Ин ҳам нишон аз эҳтиром ба дигар забонҳост ва ҳам имконият медиҳад, ки намояндагони дигар халқу миллатҳо аз забони модариашон озодона истифода баранд. Масалан, намояндагони миллати дӯсту бародар ва ҳамсоядавлати мо ӯзбекон дар қаламрави кишвари азизи мо Тоҷикистон 17% (2018)-ро ташкил менамоянд. Онҳо озодона дар Тоҷикистон зиндагӣ ва кору фаъолият менамоянд.

Дар маҷрои таърих халқу миллатҳои зиёде ҳастанд, ки садсолаҳо дар орзуи ба даст овардани истиклолияти миллӣ то имрӯз муборизаҳои зиёд мебаранд.Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолият ҳадяи бузурги таърихӣ буд, ки бо барҳам хӯрдани Иттифоқи Шуравӣ имконпазир гардид. Соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

он ифода меёбад, ки давлат самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷиро мустақилона муайян месозад. Дар илми сиёсӣ соҳибихтиёрии халқ тавъам бо ду соҳибихтиёрӣ, яъне соҳибихтиёрии давлат ва соҳибихтиёрии миллӣ нишон дода мешавад. Соҳибихтиёрии давлат дар волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохили давлат ва истиқлоли пурраи он дар муносибат бо кишварҳои хориҷа ифода меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ин нишонаҳои зикршуда мебошад, чунончи дар давоми сиву се соли истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ тавассути пешниҳод намудани ташаббусҳои созанда нуфӯз ва эътибори зиёдро соҳиб гардид, ки ин ҳама ба шарофати соҳибистиқлолии кишвар мебошад.

Дар шароити кунунӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ бо зиёда аз 150 давлати ҷаҳон муносибати расмӣ дорад. Аз соли 1992 узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин узви ташкилоту созмонҳои зерин ба монанди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Созмони Паймони Аҳдномаи Дастҷамъӣ ва ғайра буда, бо созмону ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ ва минтақавии дигар дар соҳаҳои гуногун ҳамкорӣ дорад, ки ин низ аз меваю самараи истиқлолияти давлатию миллӣ мебошад.

Ҳам дар ҷомеаи анъанавӣ ва ҳам дар ҷомеаи муосир мақоми махсусро сиёсати миллию этникӣ касб менамояд. Сиёсати миллӣ системаи чорабиниҳои ҳамаҷониба асоснокшуда, ки давлат дар соҳаи муносибатҳои миллӣ ба амал мебарорад, маҳсуб меёбад. Мақсад аз он ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳалли зиддиятҳо ва масъалаҳои байни умумиятҳои миллию этникӣ мебошад. принсипҳои асосии сиёсати миллӣ таҳлили илмӣ ва фаҳми эҷодии амалӣ гардонидани сиёсати миллӣ; муътадилии сарҳадоти ҳудудии умумиятҳои миллию давлатӣ; баҳисобгирии баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии ислоҳот дар соҳаҳои ба ҳисоб гирифтани баҳамалоқамандии ҳамаи унсурони он, ёрии назаррасу воқеӣ ба умумиятҳои миллию этникии хурд; ташаккули ахлоқи ҳамидаи муносибатҳои байни намояндагони халқҳо ва ғайра маҳсуб меёбад.

Дар раванди амалигардии сиёсати миллӣ нақши муҳим ва аввалиндараҷа дар муносибатҳои ҷамъиятиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо меорад. Он асоси сиёсию ҳуқуқии инкишофи муносибатҳои миллӣ мебошад. дар заминаи он бояд консепсияи сиёсати миллӣ ва тарҳҳои гуногуни танзимнамоии самараноки муносибатҳои байниҳамдигарии намояндагони умумиятҳои миллию этникӣ бунёд гарданд, ки мақсад ва вазифаҳои сиёсати миллӣ ва роҳу воситаҳои амалӣ гаштани он ба таври амиқ баррасӣ шаванд. Стратегияи инкишофи муносибатҳои миллӣ чун дар тамоми олами мутамаддин бояд ба принсипҳои демократияи комил ва низоми инсондӯстӣ такя намояд.

Дар замони муосир барои ҳар як давлати озоду соҳибистиқлоли миллӣ тарбияи аҳли ҷомеа дар рӯҳияи ватандӯстӣ яке аз вазифаҳои муҳим ва дорои аҳамияти стратегӣ маҳсуб мешавад. Мавҷудияти рӯҳи ватандӯстӣ гарави озодиву истиқлолияти давлативу миллӣ, ободиву амнияти ҳар кишвар ва саодату хушбахтии мардуми он мебошад. Метавон гуфт, ки ватандӯстӣ як рӯҳ ё ғояест, ки афроду табақоти ҷомеаро бо ҳам мепайвандад ва миллату давлатро ваҳдату таҳким мебахшад. Дар солҳои нахустини истиқлолияти давлатиро касб намудани Тоҷикистон, замоне ки дар Ватани азизи мо ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқӯъ пайваст ва амнияти милливу давлатии моро зери хатар гузошт, маҳз ба шарофати вуҷуди ҳамин рӯҳи ватандӯстона ватану миллати мо аз хатар наҷот ёфт ва дар кишварамон сулҳу амният барқарор гардид. Мутаассифона, бисёр муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба нақши омили ватандӯстӣ дар хотимаи муборизаи байни тарафҳои даргир ва таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон чандон таваҷҷуҳ зоҳир накарда, балки оштии миллии тоҷиконро бештар ҳамчун як таҷрибаи нодир ва муосири сулҳофаринӣ шарҳу тафсир намудаанд.

Албатта, мо хизмати бузурги ҳукуматҳои Эрону Русия, Туркманистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ, инчунин созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналхалқиву ҷаҳониро дар кори хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, баргузор

кардани музокироти байни тарафҳо ва ба тасвиб расонидани Созишномаи сулҳи миёни тоҷикон фаромӯш карданӣ нестем. Танҳо таъкид карданӣ ҳастем, ки нақши асосиву ҳалкунандаро дар кори бомуваффақият ба анҷом расидани музокироти сулҳи миёни тоҷикон на ин ки кишварҳои ҳоричӣ, балки ҳукумат ва мардуми шарифи тоҷик, бо сарварии хирадмандона ва дурандешонаи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Президенти Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ва дигар фарзандони фарзонаи миллат ба иҷро расонидаанд.

Ҳақиқати ҳол ин аст, ки миллати тоҷик вориси як фарҳанги қадимаи тамаддунсоз мебошад. Яке аз сарватҳои асосии фарҳанги миллии моро фалсафа ва адабиёти оламшумули ниёгон ташкил медиҳад, ки саршори афкору ашъори башарпарварӣ ва ватандӯстӣ мебошад. Ҳар кадоми мо аз кӯдакӣ дар оилаву боғча ва мактабу донишгоҳ дар партави фарҳанги ватандӯстиву башарпарварӣ таълиму тарбия ёфта, ба камол мерасем ва бо дарки масъулият дар ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ ба иҷрои қарзи фарзандии худ дар назди Ватан-Модар шурӯъ мекунем. Афкор ва ашъори башардӯстонаву ватанпарваронаи олимону шоирони гузаштаву муосир ҳар кадоми моро аз овони кӯдакӣ фаро гирифта, дар тамоми давраҳои зиндагӣ моро ба шоҳроҳи сулҳу бунёдкориҳо, обод кардани Ватан, таҳкими ваҳдату амнияти милливу давлатӣ, муҳофизати Ватан ва дигар мақсадҳои начиб роҳнамоӣ мекунанд. [11,245-252]

Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи ахлоқӣ дар вуҷуди ҳар яки мо аз дӯст доштани зодгоҳ, падару модар, хоҳару бародар, эҳтироми хешовандону хамдеҳагон, забон, урфу одат, расму оин ва анъанаҳои мардуми диёр сар мешавад. Минбаъд, дар раванди ташаккулёбии шахсият ва дарку касби маърифату масъулияти шаҳрвандӣ мо бо ҷанбаҳои назариявӣ, яъне фалсафаи ватандӯстӣ ва мазмуну моҳияти он шинос шуда, онро аз бар мекунем. Пас аз шинохти амиқи фалсафаи ватандӯстӣ эҳсоси ватандӯстии мо низ мутаносибан такомул ёфта, дар натиҷа мазмуну моҳияти Ватан низ барои мо васеъ мегардад. Акнун мо Ватан гуфта на ин ки танҳо зодгоҳи худ, балки тамоми марзу буми кишвари соҳибистиқлоламонро тасаввур мекунем ва фалсафаи ватандӯстӣ барои ҳар яки мо ба як қувваи бузурги маънавии такондиҳанда ва пешбарандаи шахсияти иҷтимоӣ ва дастури зиндагиву фаъолияти меҳнативу ҷамъиятӣ табдил меёбад. [10, 148-151]

Дар ташаккул ва инкишофи ватандӯстии шаҳрвандони Тоҷикистон омилҳои гуногун таъсиррасонӣ менамоянд. Махсусан, дар ин ҷода нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят таъсиррасон ва бузург аст. Нақши Пешвои миллат дар хомӯш намудани ҷанги шаҳрвандӣ ва овардани дубораи сулҳ ба Ватан, сарҷамъ намудани миллати парокандаи тоҷик ва эҳёи ваҳдат аввалиндараҷа ва беандоза бузург аст. Ин ҷиҳатҳо дар эъмори ватандӯстӣ ва эҳтирому муҳаббат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон таъсири бевоситаи худро мерасонанд. Ба ҳар шахси худшиносу худогоҳ ва соҳибватан ин ҳис ба ӯ даст медиҳад, ки ифтихор аз Ватани аҷдодии худ намояд.

Таърих воқеаҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва бартараф кардани душвориҳои зиёди зиндагии мардум бо раҳбариву нишондоди сарвари сулҳпарвар, адолатхоҳ, маорифпарвар, созанда ва бунёдкор Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон собит кард, ки Пешвои миллати мо аз он сарвароне мабошанд, ки ҳастии хешро барои мардум ва зиндагии шоистаи ӯ бахшидаанд.

Хидмати бузурги ин Сарвари беҳамто дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барқарорсозии сулҳ, мустаҳкам намудани шохаҳои асосии ҳокимияти давлатӣ, амалӣ сохтани ҳадафҳои стратегӣ ва амсоли инҳо беназир буда, сиёсати пешгирифтаи он кас ба тарбияи ватандӯстию хештаншиносӣ, маънавию ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, эстетикӣ, илмӣ, ҳаёти солим ва ғайраҳо басо нақши муҳим бозидааст. Ҳар як тадбир ва корнамоиву қаҳрамониҳои Пешвои миллат ба ҷавонони имрӯзи кишвар дарси ҳаёт, ифтихор ва дӯст доштани Ватанро талқин намуда, намунаи ибрати мардонагӣ, дарки баланди инсондӯстӣ ва муносибати хуби одамгариро меомӯзад. Дар ин раванд

муаррифӣ ва тарғиби асарҳои эҷоднамудаи эшон барои азхуд намудани таърихи гузаштаву имрӯза, дарку ворид шудани ҷавонон ба набзи ҳаёт ва ояндабинии давлату миллат мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, метавон нақши бузурги Эмомалӣ Раҳмонро дар бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, таҳкими Ваҳдати миллӣ ва тарғиби дастовардҳои нодири он ба якчанд нуктаҳои муҳим такя намуд, ки саргузашти дирӯзу имрӯзи кишвар ба ояндабинӣ ва созмон додани корҳои бузурги замони аср ба тарбияи ҷавонони мамлакат бетаъсир нахоҳад монд. Ҳисси баланди ватандӯстии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фаъолияти ӯ таҷассум ёфта, онро метавон чунин арзёбӣ намуд:

1. Худованд бар сари халқи Тоҷикистони ҷавон сарвареро ҳадя сохт, ки мақсаду маром ва даъвати асосиву доимиаш дар ҳамаи давру замон танҳо ваҳдату ягонагӣ буда, тавонист, барои сарҷамъии мардуми парешони халқи тоҷик муборизаи беамон барад ва бо ин васила, ба сӯи муваффақиятҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ роҳ кушояд. Зеро дар кадом давлату миллате, ки сулҳу оромӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ пойдор бошад, он кишвар рӯ ба рушд мениҳад. Эмомалӣ Раҳмон майдонҳои ҷанги “шаҳидон”-у “озодӣ”, ҷанги шаҳрвандии хонумонсӯз, дардноку даҳшатнок ва бесарусомониҳоро ба майдони “дӯстӣ”, “якдигарфаҳмӣ” ва “рафоқат” табдил дод. Ин хусусияти инсонпарварона ва сулҳдӯстонаи Пешвои миллат аз оила ва тарбияи волидайн сарчашма гирифтааст. Академик М.Лутфуллозода дар нигоштаи худ бо ёдоварӣ аз лаҳзаҳои наврасии Эмомалӣ Раҳмон зимни бозии варзишии футбол ва ҳалли қазияи бавуҷудомада изҳор медорад, ки “хислати сулҳпазирию адлу адолатҷӯӣ ҳанӯз дар ҳамон солҳо дар қалби ӯ макон гирифта буд.” [5,2] Ин аст, ки мафҳумҳои дӯстиву рафоқат вуҷуди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифтааст.

2. Эмомалӣ Раҳмон таъриху фарҳанги гузаштаи тоҷиконро зинда сохта, аз ҳаёти гузаштаи хеш сабақ омӯхт ва куҳантарин будани давлати худро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд. Ин ҷо метавон хидмати Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро бо кору фаъолияти ҳазор сол қабл, яъне давраи Амир Исмоили Сомонӣ ҳамчун оина ва инъикоскунанда рӯ ба рӯ гузошт. Аён аст, ки “Исмоили Сомонӣ тавонистааст, ки якум давлати Сомониёнро аз ҳуҷуми аҷнабиён девор шавад, дуюм давлати ҳақиқатан миллӣ созад ва ба маънои томаш даврони тиллоӣ давлатдории тоҷикон гардад. Бузургии Исмоили Сомонӣ низ дар он зоҳир мешуд, ки ӯ ба ҷангу ҷидолҳои дохилӣ хотима дода, бо халифаҳои араб мадоро намуд ва давлати миллӣ ва мутамаркази тоҷиконро ташкил дод. Кишварҳои бузурги Хуросону Варорудро зери ҳимояи худ гирифт ва ҳокими он ҷо шуд, ваҳдат ва ягонагии халқро ба вуҷуд оварда, ҳисси созандагӣ ва бунёдкориро эҳё намуда, таърих, анъана ва расму ойинҳои аҷдодиро зинда намуд, илм, фарҳанг, адабиёт ва ҳунарҳои мардумиро ривоҷ дод” [7, 146]

Метавон гуфт, ки тасвири замони давлатдории Сомониёнро, ки Шоҳ Исмоили Сомонӣ ҳукмронӣ мекард, пас аз 1100-соли саргузашти таърих дар ҳаёти Тоҷикистони соҳибистиқлол Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон татбиқ намуд. Зеро рушди асосии ҳар ду давра ва нақши калидии давлати “Сомониён” ва “Тоҷикистон”-ро танҳо “хотима бахшидан ба ҷангҳои дохилӣ”, “ваҳдат”, “ягонагӣ”, рӯ овардан ба “илму маърифат”, “таърих”, “фарҳанг” ва амсоли инҳо аз ҷониби Асосгузори давлати Сомониён Шоҳ Исмоили Сомонӣ ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бозидаанд.

3. Мақсаду ҳадафи асосии фаъолияти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон шурӯъ аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1992) то ба имрӯз барпо намудани “сулҳ”, “ваҳдат” ва “якдилӣ”-ю “якпорчагӣ”-и Тоҷикистон дар ҳар гӯшаву канори Тоҷикистон ва пойдор нигоҳ доштани он дар ҳар хонадони миллати тоҷик буд. Ин ҳадафу ғояи асосӣ сармашқи ҳар сухану фаъолияти ҳадафҳои дурбинонаи давлату ҳукумат гардид. Беҳуда Эмомалӣ Раҳмон ноил шудан ба дастовардҳо ва фароҳамии роҳи минбаъаи рушди ҳаёти халқро маҳз аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб надонистааст. Зеро тақдири миллати тоҷик дар Иҷлосияи мазкур ҳал

гардида, дар ҳамин ҷаласа аввалин сухан, аввалин ҳадаф ва аввалин қадам ба сӯи “сулҳ”, “оромӣ”, “ваҳдат”-у “якпорчагӣ”-и Тоҷикистон гузошта шуд. Муҳимтарин нукта он аст, ки вакилони мардумӣ аз нобоваривву ноумедиҳо ба сӯи боварӣ ва ояндаи нек қадам гузоштанд. Ҳанӯз соли 1992 Сарвари давлат таъкид сохта буданд: “Танҳо ваҳдату муттаҳидӣ ҷумҳурии моро аз бӯҳрони амиқи сиёсию иқтисодӣ бароварда метавонад. Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ қадами нахустин баҳри сулҳу осоиш дар ҷумҳурӣ гардид” [16]

4. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон қавлу суханашро дар амал татбиқ намуда, бо ин амалаш сазовори боварии омма гардид. Аз зери тиру туфанг гузашта ба назди мардум рафт ва онҳоро ба муттаҳидию ободкорӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар даъват намуд. Ҳамчун намунаи ибрати ифтихории ҷомеа дар назди вакилони мардумӣ ва сокинони Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳадафи асосии худро устуворона ва дурбинона аз минбари баланди тақдирсози Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намуда, таъкид сохт, ки: “Ман ба Шумо сулҳ меорам.” Дар ин лаҳзаҳо на ҳар кас ҷуръати сухану татбиқи амал мекард. Зеро пайдо намудани фазои солиму созанда байни минтақаҳои гуногуни кишвар низ дар мадди аввал меистод ва масоили дигар пас аз он. Файласуфи тоҷик Ғ.Ғарибшоев низ ба он андеша аст, ки “Ҷое, ки умумияти манфиатҳо нест, онҷо на танҳо ягонагии ҳадафҳо, балки амалҳои ягона вуҷуд дошта наметавонанд. Ҳеҷ як қавму миллат таърих ва мавҷудияти хешро наметавонад бе муттаҳидӣ, ваҳдати воқеӣ, ҷонбозиҳо ба хотири сулҳу оромӣ ва умедворӣ ба хотири оянда нигоҳ дорад.” [3]

Дар ибтидо аз байн бурдани ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани гурезаҳо аз ҷумҳурии ҷангзадаи ҳамсояи Афғонистон ва ба ҳам овардани халқи парешон мушкил буд. Аммо Сарвари давлат гоҳ таввасути расонаҳои хабарӣ, зимни вохӯриҳо бо сокинону фаъолон, аҳли зиё, ҷавонону занон ва гоҳ ба муқобили тиру туфанг истода, тавассути сӯҳбату вохӯриҳо, суханрониҳо ва изҳороту муроҷиатномаҳо оммаро ба ваҳдату ягонагӣ ва муттаҳидӣ даъват менамуд. Аз ҷумла, дар яке аз муроҷиатномаҳои худ соли 1992 ба мардуми шарифи Тоҷикистон иброз намуда буд: “Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам” [17]

Далериву шуҷоатмандӣ, ҳадафи сулҳҷӯёна, дурбинона, марҳала ба марҳала аз байн бурдани низоъҳои дохилӣ, пеша намудани сиёсати созандагиву бунёдкорӣ аз ҷониби Пешвои миллат маҳз сабабгори рушди ҳаматарафаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар дар Тоҷикистон гардид. Ин нуктаҳо борҳо дар суханрониҳои ӯ таъкид гардидаанд: “Аз баракати сулҳу ваҳдат мо имкон пайдо намудем, ки барои рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа, густариши равандҳои демократӣ ва таъсиси институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ шароити зарурӣ муҳайё созем. Имрӯз мо метавонем дилпурона изҳор намоем, ки дар кишварамон барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ на танҳо заминаҳои ҳуқуқӣ, балки ҳамаи имкониятҳои сиёсиву иқтисодӣ фароҳам оварда шудаанд. Борҳо гуфтаам ва бори дигар изҳор медорам, ки ғояи сиёсиву мафкуравии мо ваҳдат, ягонагӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, таҳкими давлатдорӣ ва ободонии Ватани азизамон мебошад.” [15]

5. Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз муроҷиатномаҳои аввали солҳои истиқлолият иброз намуда буд: “Мо ба илму маорифу фарҳанги ҳозираамон, ки мояи ифтихори халқ бошаду мардум аз самараҳои онҳо бархӯрдор буда тавонад, сахт эҳтиёҷ дорем.” [17, 30]

Заҳмату талошҳо ва чандин тадбирҳои муҳими пешанамудаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро метавон барои расидан ба ваҳдати комили миллӣ, решакан намудани ақидаҳои “бегонапарастӣ”, “маҳалгароӣ”, “зӯроварӣ”, “хусумат”, пешгирии падидаҳои номатлуб байни ҷомеа, тарғиби ватандӯстӣ ва чандин масъалаҳои дигарро метавон муҳим арзёбӣ намуд. Барои

расидан ба ин мақсад рӯ ба илму маърифат овард.

6. Таърих ва таҷрибаи ҳаётӣ исбот намуд, ки мақсаду андешаҳои сулҳҷӯёна ва ҷон бар каф гирифтани Президенти кишвар ба ҳар оила, ҷомеа ва Тоҷикистон фазои тинҷию амониро ҳадя сохт. Самараи расидан ба Ваҳдати миллӣ аз қабули қонуни асосии давлат – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пурзӯр гардидани шохаҳои асосии ҳокимияти давлатӣ, таҳия ва қабул гардидани қонунҳои конститутсионӣ ва соҳавӣ дар Тоҷикистон, таъмини адолати судӣ, ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27.06.1997), ба фаъолият шурӯъ намудани парламенти касбӣ (моҳи феврали соли 2000), бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон, таъсису таҷдиди Вазорату идораҳои давлатӣ, фаъолияти мустаҳками онҳо, рушди иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат ва дигар дастовардҳои даврони истиқлолият зоҳир гардида, ба тарбияи ҷавонон аз манфиат холӣ нест. Академик Носирҷон Салимӣ низ ба он ақида аст, ки баробари рӯ ба рӯ шудани Эмомалӣ Раҳмон бо гурӯҳҳо ва нерӯҳои мухталиф, анҷом додани музокира роҳро барои эҷоди сулҳ боз кардааст, ки аз бузургтарин хидмати Пешвои миллат арзёбӣ гардидааст. [9, 4]

7. Сарвари давлат барои пешгирӣ намудани ҷомеа аз ҳар гуна падидаҳои номатлуб ва гирифтани роҳи хунрезию ҷангҳои бародаркуш роҳи бастани сулҳу салоҳро пеш гирифт ва барои ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки ҳанӯз соли 1997 дар шаҳри Москав бо иштироки Эмомалӣ Раҳмон ва сардори иттиҳоди мухолифин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба вуқӯъ пайваста буд, дасти мухолиф фишурд.

8. Пешвои миллат ба ҳамаи ташкилоту созмонҳои давлатию ҷамъиятие, ки мақсаду ҳадафи онҳо ваҳдату ягонагист барои ҳамкориву ҷонибдории сиёсати пешгирифтааш даъват намуд, имконият фароҳам овард, то ки ваҳдату ягонагӣ дар Тоҷикистон пойдор гардад. Инак, ҳамқадами замони истиқлолият аст, ки Ташкилоти бонуфузи ҷавонон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, ки то ҳанӯз шиораш “Барои Ваҳдат ва пешрафти Тоҷикистон” аст, фаъолият мебарад. Инчунин пас аз баимзорасии созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар таърихи 20-уми июли соли 1997 дар толори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёёни пойтахт ташкили Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистонро пешниҳод намуданд. Ин ду ташкилоти ҷамъиятии бонуфуз ва дигар созмонҳое, ки ҳадафи онҳо таҳкими ваҳдати миллӣ байни қишрҳои гуногуни ҷомеа мебошад, фаъолияти густурда доранд, ки ҳамаи он ва тарғиби дастовардҳои бавуҷудомада низ барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва мустаҳкамии пояҳои давлатдорӣ нақши асосӣ мебозад. [6, 7]

9. Пешгирии низоъҳои шаҳрвандӣ, рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар: маориф, фарҳанг, тандурустӣ, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва суръати баланди ободониву созандагӣ дар кишвар маҳз аз “Сулҳ”-у “Ваҳдат” маншаъ гирифтааст. Ин неъмати бузургро бояд қадр намуд, ҳифз кард ва ба наслҳои оянда бояд тарғиб намуд. “Таърих сиёсатмадоронеро зиёд дидааст, ки давлати худро дар ҷаҳон муаррифӣ кардаанду сиёсати хориҷии худро ба ҷаҳониён қабул кунондаанд. Аммо нуктаи зариф ин ҷост, ки аксари онҳо бо зӯри силоҳ, бо маҳсулоти пешрафта ва ё бо пулҳои ҳангуфт дар саҳнаи ҳаёт нақшофарӣ кардаанд. Пешвои миллати мо дар шароите қарор дошт, ки бояд ҷойгоҳи кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ бе ракетаву бомба, бе эҳдои ёриҳои фаровони башарӣ, бе сарфи миллионҳо доллар дар самти таблиғоти расонаӣ, бе содироти технологияи нодир (ки дар ихтиёри кишвари мо набуд) баланд мебардошт.” [1, 42] Имрӯз хушбахтона Тоҷикистонро беш аз 150 давлати мутараққии ҷаҳон мешиносанд, Истиқлолияти давлатии кишвари моро расман эътироф кардааст ва робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ дорад.

10. Бо назардошти ҳамаи хизматҳои бузурги шоиста, рушди соҳибистиқлолии кишвар, пойдории сулҳу ваҳдати миллӣ ва ҷонибдории вакилони мардумии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба унвони “Қаҳрамони Тоҷикистон” ва “Асосгузори

сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат” эътироф гардиданд.

Ҳамин тариқ, Пешвои миллат имрӯз ҳамчун рамзи саодату сулҳу салоҳ ва ваҳдати миллӣ , раҳнамои беамсоли фардои ободи миллату давлат ҷойгоҳи хоса доранд ва қарзи ватандории мардум аст, ки дар пайравии ин фарди наҷиб амалҳоеро ба роҳ монанд, ки Тоҷикистон ба кишвари муттараққӣ ва пешрави ҷаҳон табдил ёбад. [12]

Омили дигари таъсиррасон дар ташаккули ҳисси баланди ватандӯстӣ ин маҳз фаъолияти бевоситаи Васоити ахбори омма мебошад. Бо воситаи барномаҳои гуногун ва истифодаи суханони таъсирангез ба рӯҳу равони бинанда метавонанд таъсиргузор бошанд ва як эҳсоси баланду фавқулодае нисбат ба Ватан ба вуҷуд биёранд ва дар сафарбар намудан ба ин ё он масъалаи муҳими давлатӣ нақши худро гузоранд. Инчунин, дар ташаккул ва инкишофи ватандӯстӣ нақши мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишгоҳҳо, оила, фаъолияти шоирону нависандагонро метавон, махсус зикр намуд.

Дар замони муосир нишон додани муҳаббат ба Ватан дар шаклҳои гуногун сурат мегирад, ки яке аз онҳо ин дифоъ аз кишвари худ, яъне пайвастан ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ мебошад. Маҳз дар сафи артиш мо метавонем марзу буми ватани аҷдодии худро аз таҳдиду хатарҳои муосири ҷаҳонӣ ҳифз ва ҳимоя намоем. Ватани худро дӯст доштану ҳифз намудани марзу бум ва истиқлолияти он, барои ҳар як фарди бо нангу номус шарт ва зарур мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Аслов С. Эмомалӣ Раҳмон – Асосгузори мактаби нави сиёсати хориҷӣ / С.Аслов // Дин ва ҷомеа. 2016. Душанбе: ҶДММ “Орбита”. №04. С. 42

2. Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013».

3. Ғарибшоев, Ғ. Фалсафаи Ваҳдат. Маорифи Тоҷикистон. 2016. №6. Душанбе, «Шарқи озод». 64с;

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016

5. Лутфуллозода, М. Президент – кафили сулҳу ваҳдати миллӣ/ М.Лутфуллозода//Омӯзгор. 2017. №22. С.2;

6. Махсудова М. Ҳамдилӣ, ҳамбастагиву ҳамсадоӣ ваҳдат аст / М.Махсудова // Маърифати омӯзгор. 2016. №6. С.7.

7. Неъматов Н.Н. Давлати Сомониён. Душанбе, 1989. 320 с.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ, ш. Душанбе, 23 январи соли 2015 . [Манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/ Санаи истифодабарӣ. 15.02.2022

9. Салимов, Н. Пешвои барҳақ / Н.Салимов // Маорифи Тоҷикистон. 2016. №6, Душанбе, «Шарқи озод». С.4.

10.Сафаров С.Д. Фалсафаи ватандӯстӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2019. №5. Қисми 2. С. 148-151.

11.Сафарова С.Д. Сущность и проявление патриотизма в современных условиях /С.Д.Сафарова //Вестник Таджикского национального университета. Душанбе: Сино, 2015. №2/6 (175). С 245-252.

12.Фаридун Ҳодибоев, мудири шуъбаи тарбияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои фалсафа Бознашр аз китоби "Ҷавонон пайрави Эмомалӣ Раҳмон" http://www.hhdtkhatlon.tj/node/3040. Тарбияи ватандӯстӣ дар мактаби сулҳи Пешвои миллат.

13.Шодиев М. Ифтихори давлатдорӣ ва худогоҳии миллӣ / М. Шодиев // Минбари халқ, 14.11.2013. № 46 (921). С.3.

14.Эмомали Рахмон. Опираясь на волю народа. Душанбе: «Точикистон», 1993. С.35.

15.Эмомалӣ Раҳмон. Ваҳдати миллӣ пояи сулҳ аст / Эмомалӣ Раҳмон//Дин ва ҷомеа. 2016. №6. Душанбе: ҶДММ “Орбита”. 52 с.

16.Эмомалӣ Раҳмон. Давлат аз иттифоқ хезад / Эмомалӣ Раҳмон. // «Садои мардум». – 1992. – №227 (477);

17.Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон: Чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ / Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе, “Ирфон”, 1995. 208 с;

ПАТРИОТИЗМ — ВАЖНЫЙ ФАКТОР УКРЕПЛЕНИЯ НЕЗАВИСИМОСТИ ГОСУДАРСТВА ТАДЖИКИСТАН

Хукмишоев З.Д.
Саной Э.С.

В данной статье рассматривается роль и значение патриотизма в укреплении независимости государства Таджикистан. В период независимости государство и правительство Таджикистана придают серьезное значение формированию чувства патриотизма у граждан страны, поскольку одним из основных факторов развития всех сфер общественной жизни, включая политическую, экономическую, социальную и культурную, является именно патриотизм. Он выступает как основной стимул мобилизации граждан для развития и процветания государства, охраны и защиты его границ, обеспечения безопасности, независимости и целостности. На различных исторических этапах, в тех или иных странах мира, патриотизм выступал как движущая сила государства на пути к светлому и процветающему будущему.

Одной из ключевых частей статьи является вопрос патриотического воспитания молодежи. В Республике Таджикистан была принята Государственная программа «Патриотическое воспитание молодежи Таджикистана на 2011–2013 годы», в которой определены направления, пути и средства воспитания подрастающего поколения. Поскольку будущее государства и нации находится в руках молодежи, государство и правительство страны уделяют данному вопросу особое внимание.

Другая часть научной статьи посвящена роли Основателя мира и национального единства — Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в патриотическом воспитании граждан страны. Именно самоотверженная деятельность во благо Родины, великие заслуги в восстановлении мира и национального единства, защите и сохранении государственной независимости с его стороны стали одной из основ формирования чувства патриотизма у граждан республики.

Ключевые слова: Родина, патриотизм, патриотическое воспитание, Республика Таджикистан, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, Правительство Таджикистана, Вооруженные силы, Конституция, государственная независимость, межнациональные отношения, национальное самосознание, молодежь, граждане, семья, учебные заведения.

PATRIOTISM — AN IMPORTANT FACTOR IN STRENGTHENING THE STATE INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN

Z.D. Hukmishoev
E.S. Sanoi

This article discusses the role and importance of patriotism in strengthening the state independence of Tajikistan. In the period of independence, the government of Tajikistan pays serious attention to the development of patriotic feelings among the citizens of the country, as patriotism is considered one of the main factors in the advancement and progress of all spheres of public life, including political, economic, social, and cultural aspects. It serves as a key force for mobilizing citizens toward the development and prosperity of the country, the protection and defense of its borders, security, independence, and territorial integrity. Throughout various historical periods, in different countries around the world, patriotism has acted as a driving force leading nations toward a bright and prosperous future.

One of the main parts of the article focuses on the issue of patriotic education of the youth. In the Republic of Tajikistan, the State Program “Patriotic Education of the Youth of Tajikistan for the Years 2011–2013” was adopted, which defines the main directions, methods, and means for educating adolescents and youth. Since the future of the state and nation lies in the hands of the younger generation, the government places strong emphasis on this matter.

Another part of the article is dedicated to the role of the Founder of Peace and National Unity — Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon, in the patriotic education of the country’s citizens. It is precisely his selfless service to the Motherland, his great efforts in restoring peace and national unity,

and in preserving and protecting state independence, that form one of the foundations for the development of patriotic feelings among the citizens of the republic.

Key words: Homeland, patriotism, patriotic education, Republic of Tajikistan, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Government of Tajikistan, Armed Forces, Constitution, state independence, national relations, national identity, youth, citizens, family, educational institutions.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ҶАНГҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР МЕҲВАРИ СИЁСАТИ АБАРҚУДРАТҲО

Расулзода Лоик Холиқ - ходими калони илмии шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва нашриёти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,. Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулова 3. E – mail: rasulzod@inbox.ru
Тел: 93-567-10-15
Ташрифзода Фозил Қурбон – дотсенти кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 5. Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулова 3.
Тел: 918 81 8189

Дар мақола масъалаи ҷангҳои иттилоотӣ дар меҳвари сиёсати абарқудратҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон ба ин назаранд, ки ҷангҳои иттилоотӣ дар замони кунунӣ ҳамчун ба сифати ҷузъи муҳими сиёсати гаразноки баъзе давлатҳо ба ҳисоб рафта, онҳо кушиш ба харҷ медиҳанд, ки тавассути чуин ҳолат ба суботи сиёсии ҷомеа хавфу хатарҳои зиёдеро эҷод намоянд. Дар мақола ҷангҳои иттилоотӣ ҳамчун раванд дониста шуда, хусусиятҳои таъсирасонии он ба амнияти иттилоотии давлатҳо дарҷ гардидааст. Дар баробари ин фикру андешаи муҳаққиқон доир ба ҷангҳои иттилоотӣ ва шаклҳои зуҳури он оварда шуда, оқибатҳои манфии он ба амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ қайд гардидааст.

Калидвожаҳо: *ҷаҳонишавӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, иттилоот, амнияти иттилоотӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ВАО, Интернет.*

Ҷаҳонишавӣ раванди таъсиррасони омилҳои байналмиллалӣ, аз қабили робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ба ҳаёти иҷтимоии ҳар як кишвари алоҳида маҳсуб мебошад. Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид гашта, дар шароити мураккаб ва пуртазоди ҷаҳонӣ саъй ва кӯшиш баҳри дифои манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти хеш равона намудааст. Дар ин самт мавқеъ ва кӯшишҳои заҳматталаби Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси таҳсин ба дастгирӣ мебошад, ки манфиатҳои миллии Тоҷикистонро дар арсаи байналмиллалӣ ҳимоя намуда, имиҷи сиёсии Тоҷикистонро боз ҳам боло мебарад. Ҷаҳони муосирро бе истифодабарии технологияиҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тасаввур кардан аз имкон берун аст. Кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон аллакай ба асри иттилоот гузаштаанд.

Дар замони муосири тараққиёти илму техника технологияҳои инноватсионӣ, инкишофи босуръати ҷомеа нақши иттилоот рӯз аз рӯз меафзояд. Иттилоот, нишондиҳандаи муҳим ва асосии прогресси ҷамъият ба шумор меравад. Иттилоот ҳама вақт ба фоидаи ҷамъият хизмат карда, дар намуди техникаю технология ҳамчун барандаи шакли махсуси фарҳанг баромад намуда, дониш, таҷриба ва муошрати одамонро дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ бой мегардонад. Назарияи иттилоот ҳамчун математикаи миқдорӣ ба вуҷуд омадааст. Асосгузори вай муҳандис ва математики америкоӣ К.Шеннон мебошад, ки аввалин бор ҷанбаи миқдории иттилоотро пешниҳод кардааст[1, с.111].

Минбаъд назарияҳо дар бораи иттилоот дар асри 20 ривоҷ ёфтанд. Дар ин бора олимон Черри К, Тюхтин В.С., Афанасев В.Г., Сетров М.И., ва дигарон тадқиқот бурдаанд. Махсусан Афанасев В.Г. ҷанбаи иҷтимоии иттилоотро тадқиқ намуда, моҳияти онро дар раванди идоракунӣ [4, с.224]. ба таври васеъ кушод. Таълимотҳо дар бораи иттилоот давра ба давра вобаста ба инкишофи ҷомеа васеъ гаштаанд. Дар

ҷомеаи имрӯза, ки иттилоот дар ҷомеа гардиш мекунад ва дар идоракунии ҷомеа ширкат мекунад, он ҳамчун иттилооти иҷтимоӣ ном гирифтааст. Дар замони технологияҳои муосир ва инноватсия барандаи асосии иттилооти иҷтимоӣ шабакаи ҷаҳонии Интернет баромад мекунад. Ҷомеаи имрӯзро бе Интернет тасаввур кардан ғайриимкон аст. Давлатҳои демократӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои иттилооти ҷаҳонӣ ворид гашта, шаҳрвандони он ва ҳамчунин мақомоти давлатӣ аз шабакаи ҷаҳонии Интернет ба таври васеъ истифода мебаранд. Яъне тавассути интернет на танҳо идеяҳои экстремистӣ ва террористӣ аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятии трансмиллӣ бо ҳадафи ноором кардани вазъи сиёсии давлатҳо паҳн карда мешавад, балки дар баробари ин ҷиноятҳои компютерӣ дар намуди «Интернет-қаллобӣ» ҳамчун намуди ҷинояти иқтисодӣ авҷ гирифтаанд. Ба ақидаи мутахассиси Донишкадаи ҳуқуқии ВКД Россия дар шаҳри Қазон Згадзай О.Э., ҷиноятҳои кибернетикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ хеле авҷ гирифтаанд. Қаллобон ҳангоми гузаронидани амалиётҳои худ аз захираҳои зерини иттилоотӣ-техникӣ истифода мебаранд:

1. WordWideWeb (WWW) - сегменти бузурги интернет, ки миллион ва миллиард портал ва шабакаҳои иҷтимоиро дар худ муттаҳид мекунад;

2. E-mail - намуди ба таври оммавӣ паҳнгаштаи хизматрасонии интернетӣ, ки миллионҳо сокинони сайёра аз он истифода мебаранд. E-mail барои равон кардани спам бо мақсади амалиётҳои ғаразнок истифода мешавад;

3. BBS- системаи тахтаҳои эълонҳои электронӣ, ки бештар дар ИМА истифода мешавад;

4. Системаҳои электронӣ пардохт ва маблағҳои виртуалӣ [7, с.12].

Истифодаи шабакаи ҷаҳонии Интернет ба вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва бахусус вазъи ҷиноятқорӣ таъсири бевоситаи худро мерасонад. Интернет имконият медиҳад, ки иттилооти васеъи сотсиологӣ ҷамъ оварда шавад. Дар ин бора профессор Голиков В.Д. чунин қайд менамояд, «иттилооти сотсиологӣ ин иттилооте мебошад, ки бавоситаи усулҳои сотсиологӣ ба даст оварда шуда, барои омӯзиши тарзи рафтор, қиматҳои иҷтимоӣ, шахсият ва афкори умум равона карда мешавад. Ба сифати базаи иттилоотӣ маълумотҳое истифода мешаванд, ки аз инсонҳо ба инсонҳо гузашта, тавассути воситаҳои ахбори умум ва дигар институтҳои иҷтимоӣ дар намуди рақам далел, маълумот ва дигар тарзҳои шифоӣ ва хаттӣ паҳн карда мешаванд» [5, с.109].

Дар охири солҳои 50-уми асри XX рақобати технологии Иттиҳоди Шуравӣ бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка авҷ мегирад, ба доираҳои ҳарбию сиёсии Интернет – ҳамчун шабакаи умумиҷаҳонӣ ин натиҷаи маҳсули тадқиқоти лоиҳаҳои ҳарбии Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро ба он водор менамояд, ки лоиҳаи шабакаи умумиҷаҳонии интернетро таҳрезӣ намуда, Агентии тадқиқотҳои пешқадамии Вазорати мудофиаи ИМА-ро соли 1958 таъсис диҳан [9, с.7]. (машҳур бо номи ARPA). Метавон гуфт, ки ин оғози бунёди Интернет буд.

То миёнаи солҳои 1990 интернет танҳо дар доираҳои академикӣ маълум буд, ки ташкилотҳои ҳарбӣ ва илмиро бо ҳам пайваст менамуд, ки аз он асосан олимони физика ба таври васеъ истифода мекарданд. Соли 1994 истифодаи интернет бо бунёди браузери нав – Netscape Navigator маълум гашт. Ҳоло истифодабарони интернет дар ҷаҳон аз 1 мрд зиёд мебошад.

Дар моддаи 40-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Ҳар шахс ҳақ дорад, ки озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷамъиятӣ, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунанд. Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад. Моликияти зеҳнӣ дар ҳимояи қонун аст» [8, с.21].

Аз меъёрҳои Конститутсия бармеояд, ки давлат барои пешрафти ҳаёти фарҳангию ахлоқӣ шароит муҳаё намуда, онро ҳифз менамояд. Қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» хеле саривақтӣ мебошад. Ин қонун имкон медиҳад, ки фазои ахлоқии ҷомеа дар натиҷаи масъулияти падару модар пок нигоҳ дошта шавад.

Ноболиғону ҷавонон аксаран бо компютер, Интернет, телефонҳои мобилӣ, планшетҳо, фитаҳои аудио ва видеоҳо, флешкартаҳо, таҷҳизоти моҳворагии телевизионӣ ва ғайра даст мезананд, ки сабаби

Чин бузургтарин ҳамсояи Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, масофаи умумии сарҳадии байни ду кишвар 495 километрро ташкил медиҳад. Ду кишвари ҳамсоя муносибатҳои хуби дипломатиро аз руйи принсипҳои ҳамсоягии нек, дӯстӣ, шарикӣ ва бародарӣ ба роҳ мондаанд. Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ба муносибати Тоҷикистону Чин баҳои баланд дода, қайд мекунад, ки «тӯли 33 соли ҳамкориҳо кишварҳои мо ба якдигар эътимоду эҳтиром гузошта бо дарназардошти манфиатҳои тарафайн ҳамкориҳоро васеъ ба роҳ монданд. Мо дар якҷоягӣ намунаи хуби дӯстӣ ва ҳамкории судманди кишварҳои гуногунсохт, гуногунфарҳанг ва гуногунандозаро нишон додем»[11]. Ҳамчунин Президенти Тоҷикистон дар барқияси табрики ба муносибати 25-умин солгарди оғози робитаҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин қайд мекунанд, ки "тайи давраи сипаришуда муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Хитой чӣ дар чорчӯбаи дуҷониба чӣ дар шакли бисёрҷониба бемайлон рушд намуданд"[13, 7].

Собиқ сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин, муншии умумиии Созмони Ҳамкории Шанхай Рашид Олимов назари худро дар бораи равобити Тоҷикистону Чин дар конфронси Тоҷикистон-Чин: дар роҳ ба сӯи якдигар чунин баён намудааст, «дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ, Тоҷикистон ва Чин ба якдигар наздик шуданд, тавонистанд фазои эътимоди амиқи сиёсиро ба вуҷуд оранд, ки дар навбати худ, ба рушди робитаҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ мусоидат кард»[10]. Сафири собиқи Чин дар Тоҷикистон ҷаноби Юе Бин дар мусоҳиба бо рӯзноманигорон ба муносибати ду кишвари ҳамсоя баҳои баланд дода, қайд кардааст, ки "Чин ва Тоҷикистон ҳамсояҳои наздик, шарикони боэътимод ва бародарони хубе мебошанд, ки таърихи тӯлонии муносибатҳои дӯстонаро доранд. Чин яке аз аввалин кишварҳо дар ҷаҳон аст, ки Истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф бо он муносибати дипломатӣ барқарор кардааст"[6].

Дар густариши муносибатҳои ду кишвар сафарҳои расмиву давлатии сарони давлатҳо нақши муҳимро иҷро менамояд. Дар ҷараёни сафарҳо санадҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба имзо расидаанд. Аввалин сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин моҳи марти соли 1993 сурат гирифт, ки дар он ба ҳамкориҳои дуҷониба заминаҳо гузошта шудаанд, ва зимни сафари расмии моҳи августи соли 2017 сарвари давлати Тоҷикистон, сатҳи ҳамкориҳои дуҷониба то шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ бароварда шуд.

Дар густариши робитаҳои дуҷониба Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин нақши муҳимро мебозад, ки ҳар сол дар шаҳри Душанбе ва ё дар шаҳри Пекин ҷаласаҳои муштарак

баргузор мегарданд. Дар инкишофи робитаи сиёсии дуҷонибаи Тоҷикистону Чин ҳамчунин нақши машвараткои сиёсии вазоратҳои корҳои хориҷии ду ҷониб хеле муҳим аст. Дар машваратҳои сиёсӣ ҷонибҳо ҳолат ва дурнамои рушди муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии ҳамаҷонибаи Тоҷикистон ва Чинро баррасӣ менамоянд [2].

Тоҷикистон ва Чин дар соҳаи амнияту мудофиа дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамкории самаранокро ба роҳ мондаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар доираи ин Созмон ба зидди терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир чорабиниҳои профилактикӣ ва дар самти мубориза бо "се бадӣ", терроризм, экстремизм ва сепаратизм ҳамкориҳои муассирро ба роҳ мондаанд [12].

Бо дарназардошти ҳассосияти вазъи ҷаҳони имрӯза Тоҷикистон ва Чинро зарур аст, то ҳамкориҳои сиёсиву амниятии худро густариш дода бар муқобили зуҳуроти номатлуб аз қабили терроризму экстремизм муборизаи беамон баранд.

Ҷумҳурии Мардумии Чин калонтарин сармоягузор дар иқтисоди Тоҷикистон ва шарики асосии тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад. Робитаҳои иқтисодии кишварҳоро ҷойгир будани кишварҳо дар ҳамсоягӣ ва доштани иқтидорҳои фаровони захираҳои табиӣ ба ҳам наздик мекунад. Нишондиҳандаҳои гардиши савдо дар тӯли 33- сол дар масири шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ аз суръати баланди рушди он гувоҳӣ медиҳад. Нишондиҳандаҳои гардиши савдо дар тӯли 33 сол дар масири шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ аз суръати баланди рушди он гувоҳӣ медиҳад.

Аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Тоҷикистон асосан маҳсулоти нассоҷӣ, маводҳои сохтмон, озуқаворӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ ва дигар молҳои ниёзи мардум ворид карда мешаванд. Мутобиқи маълумоти Сафорати Тоҷикистон дар Чин сохтори воридоти Чинро наздики 2000 номгӯи маҳсулотҳо ташкил медиҳанд [10].

Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз шарикони боэътимоди Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои коммуникатсионӣ ва истиқлолияти энергетикӣ мебошад. Дар ин замина дар асоси робитаҳои дуҷонибаи мутақобилан судманди тарафҳо даҳҳо лоиҳаҳои вобаста ба роҳу нақлиёт ва энергетикӣ татбиқ карда шудаанд. Бунёди роҳи автомобилгарди Душанбе-Қошғар нишона аз рушди муносибатҳои дуҷониба дар фазои ҳамгироии нақлиётии минтақа гардид. Роҳи мазкур барои Чин ва Тоҷикистон аҳамияти бузурги иқтисоди дошта Чинро бо Эрону Афғонистон ва Тоҷикистонро бо Чину Покистон ва Ҳиндустон пайваст мекунад. Дар расидан ба истиқлолияти энергетикӣ низ Чин ҳамкории густурдаро бо Тоҷикистон ба роҳ мондааст. Ба истифода додани хати интиқоли барқи 500 кв-и "Ҷануб-Шимол" ҳамкориҳои энергетикии дуҷонибаро такон бахшид, ки дар натиҷа шабакаи энергетикии Тоҷикистон ба як системаи ягона пайваст карда шуд. Ҳамчунин бо кӯмаки Ҷумҳурии Мардумии Чин дар шаҳри Душанбе Маркази гармидиҳӣ ба истифода дода шудааст, ки расидан ба истиқлолияти энергетикиро то андозае осон намуд. Дар маҷмӯъ дар Тоҷикистон зиёда аз 100 ширкати дар асоси сармоягузории Чин фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудаанд. Ғайр аз ин, Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ширкатҳои чинӣ корхонаҳои коркард ва истихроҷи ангиштсанг, оҳан, сурма, фосфор ва фулузоти нодирро ба роҳ мондааст. Бо ҳамкории ширкатҳои Тоҷикистониву Чинӣ дар Тоҷикистон ширкатҳои муштараки коркарди семент низ ба фаъолият оғоз намудаанд, ки бозори ватаниро бо семент таъмин ва то ҳадди имкон ба бозори минтақавӣ содирот менамояд [10].

Дар ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Чин Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ нақши муҳимро мебозанд.8 декабри соли 2020 ҷаласаи 11-уми Комиссия ба тариқи онлайни баргузор гардид, ҷонибҳо барои рушди ҳамкории дуҷониба, амиқгардонии шарикӣ, бахусус татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самтҳои афзалиятнок, аз ҷумла саноатикунонии мамлакат, таъсиси корхонаҳои саноатӣ, рушди инфрасохтори логистикию содиротӣ, татбиқи иқтисоди рақамӣ, ташкили паркҳои технологӣ ва ғайра бо ҷалби сармояи Чин дар Тоҷикистон ба мувофиқа расиданд [3].

Таҳлили равобити дуҷониба нишон доданд, ки муносибатҳои иқтисодии ду кишвар дар ҳоли рушд қарор доранд. Барои бештар рушд додани муносибатҳои

иқтисодӣ, ташкил ва кушодани “шаҳракҳои иқтисодӣ” дар ҳарду кишвар аз манфиат холӣ нахоҳанд буд. Ҳамзамон Тоҷикистонро зарур аст, барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ- саноатикунонии мамлакат аз таҷриба ва ҳамкориҳои Чин самаранок истифода барад.

Робитаҳои илмии дуҷониба дар заминаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Чин ба роҳ монда шудаанд. Моҳи марти соли 2016 сафари Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор гардид, ки дар ҷараёни он якчанд санадҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шуданд. Дар заминаи ин ҳамкориҳо 19-уми ноябри соли 2020 видеоконфронс байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи илмҳои ҷамъиятии Чин дар мавзӯъи “Ҳамкориҳои Чину Тоҷикистон дар доираи Як-Камарбанд ва Як Роҳ: имкониятҳо ва мушкилот” баргузор гардид [13].

Робитаҳои фарҳангиву илмӣ ва гуманитарии Тоҷикистону Чин шаҳодат ба рушди ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи стратегӣ медиҳанд. Барои рушди муносибатҳои илмии дуҷониба ба роҳ мондани табодули таҳқиқотчиёну донишҷӯён байни Академияҳои илмҳои Тоҷикистону Чин ба мақсад мувофиқ аст, ки заминаи рушди ҳамкориҳои илмиро дар давраи наздик вусъат хоҳад бахшид.

Як самти хеле муҳими ҳамкорӣ бо Чин барои Тоҷикистон дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Миллали Муттаҳид ва Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (CICA) мебошад. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки тарафҳо дар чорчубаи ташаббуси “Як камарбанд Як роҳ” ва механизми навтаъсиси “Осиёи Марказӣ - Чин” ҳамкориро ба роҳ мондаанд, ки дар таҳкими робитаҳо байни ду кишвари ҳамсоя нақши муҳим доранд. Якумин нишасти Вазирони корҳои хориҷии сиғаи “Осиёи Марказӣ - Чин” 16 июли соли 2020 ба тариқи видеоконфронс бо ташаббуси Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор гардид. Дар рафти ҷаласаи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви ин абзори нав дар бораи масъалаҳои таҳвияти ҳамкорӣ дар мубориза бо пандемияи COVID-19, барқароркунии иқтидори иқтисодии минтақа, таъмини амнияти минтақавӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд [10].

Таҳлилҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Чин дар ҳоли густариш қарор доранд. Ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Чин омили рушди иқтисодӣ Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Зарур аст, ки чунин ҳамкориҳо дар оянда низ рушд ёбад. Аз нигоҳи амнияти бошад ҳарду кишвар ба таҳкими суботу амнияти минтақа манфиатдоранд. Амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ барои Чин хеле муҳим аст. Дар ин росто рушд ва таҳвияти ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷониба бар зидди терроризму қочоқи маводи мухаддир хеле муҳим аст. Ҳамчунин барои рушди ҳамкориҳо дар соҳаи илму фарҳанг ба нафъи ҳарду ҷониб хоҳад буд.

АДАБИЁТ:

1. Аслов, С. М. 25 Қадам дар паҳнои олам. Душанбе: Ирфон, 2016.

2. АМИТ Ховар. Машваратҳои сиёсӣ байни вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Чин баргузор шуданд. https://khovar.tj/2020/09/mashvarat-oi-siyos-bajni-vazorat-oi-kor-oi-hori-ii-to-ikiston-va-chin-barguzor-shudand/ (Санаи муроҷиат 12.12.2023).

3. АМИТ Ховар. Сироҷиддин Муҳриддин дар якумин нишасти видеоконфронсии вазирони «Осиёи Марказӣ – Чин» ширкат намуд. https://khovar.tj/2020/07/siro-iddin-mu-riddin-dar-yakumin-nishasti-videokonfronsii-vazironi-si-ai-osiyoi-markaz-chin-shirkat-namud/ (Санаи муроҷиат 6.12.2023).

4. АМИТ Ховар. Ҷаласаи 11-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Чин оид ба ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ тариқи видеоконфронс баргузор шуд. https://khovar.tj/2020/12/alasai-11-umi-komissiyai-bajni-ukumatii-to-ikiston-va-chin-oid-ba-amkorii-ti-orativu-i-tisod-tari-i-videokonfrons-barguzor-shud/ (Санаи муроҷиат 9.12.2024).

5. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Хитой. https://mfa.tj/tg/main/view/ 27/ munosibathoi-tojikiston-bo-khitoi (Санаи муроҷиат 11.12.2024).

6. Китай и Таджикистан - близкие соседи, надежные партнеры – посол

КНР. https://tajikta.tj/ru/news/kitay-i-tadzhikistan-blizkie-sosedi-nadezhnye-partnery-posol-knr (Санаи мурочиат 5.12.2024).

7. Мирзоев Х.Т. Взаимодействия Республики Таджикистан с Китайской Народной Республики в сфере образования // Вестник Таджикского национального университета, сер. гум. наук. “ 2020. “ № 5 ISSN 2074-1847. Стр. 77-82.

8. Мирзоев Х.Т. Новые горизонты таджикско-китайских научно культурных отношений // Таджикского национального университета, сер. гум. наук. – 2019. – № 8 ISSN 2074-1847 стр.45-53.

9. Мирзоев Х.Т. Сотрудничество Республики Таджикистан и Китайской Народной Республикой в области культуры. //Известия Национальной академии наук Таджикистан, отделение общественных наук. 2021, № 2, С.125-129.

10.Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин Ҳамкориҳои иқтисодӣ. https://tajikembassychina.org/tj/podpisanie-aktov/ (Санаи мурочиат 10.12.2020).

11.Си Цзинпин. Working Together for a Brighter Future of China-Tajikistan Friendship. https://www.fmprc.gov.cn/mfa_eng/wjdt_665385/zyjh_665391/t1671552.shtml (Санаи мурочиат 2.12.2020).

12.Синьхуа Новости. Обзор: Китай и Таджикистан развивают добрососедство, дружбу, партнерство и братство на высоком уровне. http://russian.news.cn/2019-06/13/c_138140330.htm (Санаи мурочиат 13.12.2020).

13.Текущий архив отдела международных связей Академии наук Республики Таджикистан. - Папка «Китайская Народная Республика». -2016-2021 гг. - №2.

РАЗВИТИЕ ДВУХСТОРОННИХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКОЙ

Муродов С.А., Рахимджони А.

В своей статье авторы рассмотрели развитие двусторонних отношений между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой, объяснив их развитие с самого начала до современных условий, а также сравнив их в различные периоды развития дипломатии. При написании статьи авторы приложили все усилия, чтобы на основе достоверных источников, научных данных и дипломатических источников рассмотреть развитие дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой. Авторы также предоставили полную, отдельную информацию по каждому этапу развития отношений, основанную на надежной исходной информации и точных исторических данных.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, Китайская Народная Республика, двусторонние отношения, дипломатия, дипломатические отношения, стратегическое партнерство, политика «открытых дверей».

DEVELOPMENT OF BILATERAL RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA

Murodov S.A., Rahimdzhoni A.

In their article, the authors examined the development of bilateral relations between the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China, explaining their development from the very beginning to modern conditions, and also comparing them in different periods of diplomatic development. In writing the article, the authors made every effort to consider the development of diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China on the basis of reliable sources, scientific data and diplomatic sources. The authors also provided complete, separate information on each stage of the relationship's development, based on reliable background information and accurate historical data.

Key words: Republic of Tajikistan, People's Republic of China, bilateral relations, diplomacy, diplomatic relations, strategic partnership, open door policy.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ НАЗОРАТНАМОӢ ДАР РАВАНД ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ

Умаров Аркомиддин Саидакбарович – муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатӣ Донишгоҳи давлатии Данғара

Нигораи Зайнулло – ассистенти кафедраи фанҳои гуманитари Донишгоҳи давлатии Данғара

Дар шароити афзоиши институтсионализатсияи равандҳои сиёсӣ, назоратнамоӣ мақоми яке аз воситаҳои марказии таъмини самаранокии идоракунии сиёсиро касб мекунад. Ин мақола ҷанбаҳои асосии фаъолияти назоратнамоӣ дар заминаи сиёсӣ ва идоракунӣ, аз ҷумла масъалаҳои заминаи меъёрӣ, тарҳрезии институтсионалӣ ва механизмҳои татбиқи амалиро баррасӣ мекунад. Таҳлил ба равиши назариявӣ ва сиёсӣ асос ёфтааст, ки ба мо имкон медиҳад, то хусусиятҳои асосии назоратнамоиро ҳамчун унсури марказии идоракунӣ ва самаранокӣ дар системаи ҳокимияти сиёсӣ ошкор карда тавонем. Ба муносибати байни назорат ва масъулият, инчунин нақши он дар таъмини қонунияти қарорҳои идоракунӣ диққати махсус дода мешавад. Ҳавфҳо ва буҳронҳои мушаххасе, ки дар шароити нооромиҳои сиёсӣ ба вуҷуд меоянд, муайян гардида, самтҳои оптимизатсияи функсияи назоратӣ ҳамчун омили субот ва шаффофияти идоракунии сиёсӣ асоснок карда шудаанд.

Калидвожаҳо: *идоракунии сиёсӣ, назорат, назорат, ҳокимияти давлатӣ, қонуният, институтсионализатсия, масъулияти сиёсӣ, самаранокии идоракунӣ.*

Идоракунии сиёсии муосир ҳамчун шакли амалисозии ҳокимияти сиёсӣ ва давлатӣ як системаи мураккаби бисёрзинагӣ мебошад, ки дар он механизми назорат аҳамияти махсус пайдо мекунад. Дар шароити мураккабии институтсионалӣ ва афзоиши динамикаи равандҳои сиёсӣ, назорат на танҳо вазифаи назоратро иҷро мекунад, балки воситаи муҳимтарини таъмини суботи сиёсӣ, қонуният ва оқилонаи идоракунӣ мегардад. Муҳиммияти тадқиқот ба зарурати дарки илмии нақши расмиёти назоратӣ дар шароити идоракунии муосири давлатӣ, бахусус дар ҷомеаҳои давраи гузариш ва дигаргунсозанда, ки равандҳои демократикунонӣ бо номуайянии институтсионалӣ ва набудани эътимод ба ниҳодҳои давлатӣ ҳамроҳ мешаванд, вобаста аст.

Таваҷҷуҳи илмӣ ба ин масъала аз он иборат аст, ки назорат дар идоракунии сиёсӣ ҳамчун воситаи назорати институтсионалӣ аз болои равандҳои қабул ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ, таъмини мутобиқати фаъолияти мақомоти давлатӣ ба меъёрҳо, стандартҳо ва интизориҳои ҷомеа мебошад. Дар амалияи сиёсӣ назорат ба баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳии субъектҳои идоракунӣ, коҳиш додани хатарҳои коррупсионӣ ва пурзӯр намудани назорати ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, коркарди назариявию методологии категорияи «назорат» дар заминаи идоракунии сиёсӣ таҳлили ҳамачониба ва системавии хусусиятҳо, вазифаҳо, шаклҳо ва зуҳуроти институтсионалии ин падидаро талаб мекунад.

Яке аз равандҳои муҳим дар низоми демократия ва ташаккули муносибатҳи демократии идоракунӣ ин ташкил ва амалӣ гардонидани фаъолияти назоратӣ дар раванди идоракунии сиёсӣ мебошад. Он дар ҷомеаи демократӣ дар сатҳи гуногун, дар шаклҳои мухталиф ва ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Дар айни замон, идоракунии сиёсӣ як сохтори интегратсионӣ мебошад, ки падидаҳои сиёсат ва идоракуниро дар формати мустақил муттаҳид мекунад.

Индоракунии сиёси ин таъсири муназзам, мақсадноки субъекти раванди идоракунӣ ба объекти идорашаванда бо мақсади ба тартиб даровардан, ҳифз ва рушди он мебошад. Аммо раванди назорат на танҳо бо "таъсир" -и субъект ба объект маҳдуд мешавад, балки фикру ақида ё ба ибораи дигар, "вокуниши" системаи идорашавандаро ба таъсири субъекти назоратӣ пешбинӣ мегардад. Ҳамин тариқ, байни субъект ва объекти назорат ҳамкории мутақобила ба амал меояд. Ҷамъият (низоми сиёсӣ), ба монанди ҳама гуна система, ба амали танзимгарони гуногун, аз ҷумла танзимгарони стихиявӣ, вобаста аст. Идоракунӣ шакли олии танзими бошууронаи равандҳои фаъолият ва рушди система мебошад.

Назорат функсияи идоракунчӣ мебошад, ки системаи назорат ва тафтиши раванди фаъолияти объект тибқи қарорҳои қабулшудаи идоракунӣ мебошад, инчунин имкон медиҳад, ки ихтилофҳо дар ҳадафҳои пешбинишуда муайян карда шаванд ва дар ҳолати зарурӣ чораҳои ислоҳӣ андешида шаванд. Фаъолияти идоракунӣ танҳо дар ҳолатҳое самаранок аст, ки иҷрои қарори қабулшударо саривақт назорат кунанд, то қонуният ва самарабахшии чораҳои андешидашударо муайян кунанд. Назорат ба риояи шартномавӣ ва иҷрои интизом аз кормандон касбият ва салоҳияти баландро талаб мекунад.

Дар раванди идоракунии сиёсӣ назоратро ҳамчун роҳи таъмини волоияти қонун, самаранокӣ ва муташакилсозии раванджи идоракунӣ эътироф кардан зарур аст. Амалигардонии назорат на танҳо аз болои қонуният, балки аз рӯи мақсадҳои идоракунии сиёсӣ мувофиқ аст. Набудани тобеияти ташкилӣ, тобеъият байни мақомоти назоратӣ, шахси мансабдор ва объекти назоратшаванда имконияти дахолат ба фаъолияти ҷории маъмурӣ ва хоҷагии идорашаванда, бекор кардани ғайриқонунӣ ва ғайримақсадноки он қарорҳо, додани дастурҳо дар бораи роҳҳо, усулҳо ва мӯҳлати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ба вуҷуд меоянд.

Назорат дар раванди идоракунии сиёсӣ дар заминаи принсипҳои мухталиф ба амал бароварда мешавад. Онҳо имконият медиҳанд, ки низоми самараноки ташаккули идоракунии сиёсӣ шакл гирад. Принсипҳо аз ҷумлаи зеринанд: қонуният, банақшагирӣ, объективӣ, муттасилӣ, самаранокӣ, тахассус, самаранокӣ.

Назорат дар арванди идоракунии сиёси ба самаранокии он бурда мерасонад. Он имкон медиҳад, ки ҳадафҳо ва махсусиятҳои смамаранокии раванди идоракуни давлатӣ амалӣ гардад.

Вобаста аз мундариҷаи масъала, сифати идоракунии давлатӣ ҳамчун доираи гуногуни хусусиятҳои давлат ва институтҳои он фаҳмида мешавад. Баъзан ин мафҳум ҳамчун сифати давлат дар маҷмӯъ ҳамчун ваҳдати се шохаи ҳокимият - қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ фаҳмида мешавад.

Фаъолияти назоратнамоӣ танҳо дар ҳолатҳое самаранок аст, ки иҷрои қарори қабулшударо саривақт назорат шавад, то қонуният ва самарабахшии чораҳои андешидашударо муайян кунанд. Назорат ба риояи шартномавӣ ва иҷро мусоидат намуда, интизом касбият ва салоҳияти баландро аз кормандон талаб мекунад.

Муҳтавои асосии мақомоти назоратӣ дар раванди идоракунии сиёсӣ, системанокӣ ва институтсионалӣ будани он ташкил медиҳад. Мақомоти назорати дар раванди идоракунии сиёсӣ гуфта, маҷмуи таркиботи институтсионалии давлат ва системаи ҷамъиятиеро дар назар додрад, ки фаъолияти онҳо баҳри таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, кафолати волоияти қонун, иҷроиши салоҳият ва ваколатҳои давлатӣ, самаранокии ҳокимияти давлатӣ равона карда шудааст.

Сиёсат танҳо яке аз намудҳои идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Ба ғайр аз идоракунии сиёсаӣ, дигар намудҳои идоракунӣ низ мавҷуданд: маъмурӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ғайра. Идоракунии сиёсӣ ба далели инҳисори ҳокимияти сиёсӣ дар ҷомеа бар тамоми дигар намудҳои ҳокимият бартарӣ дорад.

Профессор Зокиров Г. Н. дар китоби «Донишномаи сиёсӣ» таърифи пурра ва ҳамароқонеъкунандаро пешниҳод мекунад. Муҳаққиқ моҳияти идораи сиёсиро дар шакли муҳими танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеа, ки ба таври ошкоро тавассути ҳокимияти давлатӣ ба амал бароварда мешавад мефаҳмад [3, с. 429].

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ мафҳуми назорат бо ду маъно шарҳ дода шудааст.

Аввал ин, ки назорат, назар кардан, нигаристан (аз болои коре ва ё касе), тати назар гирифтан, зери назар доштан ва ғайра. Ба маънои дуюм ин мафҳум бошад ифодаи маъноии таҳти назар (мушоҳида, назора), гирифтани риояи қонун, татбиқи дастур ичрои фармон, тартибот ва ба монанди инҳо. Инчунин он ба маънои назора ва мушоҳида аз тарафи ягон мақомоти нозир (ҳамчун як шакли тафтиш): назораи давлатӣ, назораи молиявӣ, назорати беҳдоштӣ, назорати техникӣ ва ғ. оварда шудааст.

Дар луғати арҷумонӣ мафҳуми назорат бо ду мафҳуми русӣ баробарии маъноӣ дорад: «контроль» ва «надзор». дар забони англисӣ низ тафовутҳои мафҳумӣ вуҷуд дорад. Масалан, «контроль» ва «надзор» бо ду мафҳуми дигари англисӣ «control» ва «supervision» ифода мегардад. Саволе ба миён меояд, ки онҳо аз ҳамдигар тафовутеро соҳиб мебошанд ё не?

Дар забони гуфтугуии русӣ ба он одат кардаанд, ки «контроль» вазифаи маъмули системаи идоракунист, ки дар ҳама ҷо дар ҳар як корхона, ташкилот ва фирма амалӣ карда мешавад. Чун қоида, дар бораи мақсад ва зарурати «контроль» саволе вуҷуд надорад. Аммо баъзан мо калимаеро чун «надзор» мешунавем, ки дар бисёриҳо нобоварӣ, раддия ва эҳсосоти манфиро ба бор меорад. Оё воқеан байни «контроль» ва «надзор» фарқи ҷиддӣ ҳаст, мо кӯшиш хоҳем кард фаҳмем.

«Контроль» ин баҳисобгирӣ, тафтиш, ки моҳияти он дар он ифода ёфтааст, ки субъекти мақомоти идоракунӣ назорат мекунад, ки талаботҳои мақомоти болоӣ дар мақомотҳои поёнӣ чӣ гуна ичро мешаванд. Инчунин, «Контроль» яке аз муҳимтарин функсияҳои менеҷмент мебошад, ки бидуни он мавҷудияти ҳам як корхонаи инфиродӣ ва ҳам дар маҷмӯъ давлат ғайриимкон аст. «Контроль» ҳам доимо ва ҳам гоҳ-гоҳ амалӣ карда мешавад (масалан, аудити давлатии фаъолияти ташкилот, ки ҳар чанд сол гузаронида мешавад).

«Надзор» ҳамчун мониторинг ва тафтиши доимӣ бо татбиқи қатъии қонунҳо алоқаманд аст. Хусусияти хоси ин навъи назорат дар он аст, ки он бо фаъолияти ҳуқуқӣ алоқаманд аст [6].

Ҳадафи асосии «контроль» ва «надзор» на танҳо амалӣ кардани назорат, балки санҷиши имконпазирии раванди амалишавии сиёсати давлат ба таври мушаххас мебошад. Арзёбии мувофиқа дар функсияҳои назоратӣ анҷом дода намешавад, зеро ҳадафи назорат танҳо татбиқи қатъии қонунҳо ва конститутсия мебошад.

Муайян шудааст, ки фарқи байни «контроль» ва «надзор» чунин аст:

«Контроль» - ба яке аз вазифаҳои идоракунӣ ишора мекунад ва «надзор» бо мақсади ичрои қонунҳо амалӣ карда мешавад.

«Надзор» мушоҳида ва санҷиши доимист, «контроль» қатъ мешавад, даврa ба даврa.

Мақомоти назоратӣ («контрольный») инчунин имконпазирии ин ё он равандро арзёбӣ мекунанд ва мақомоти назоратӣ («надзорный») танҳо риоя қонунҳо ва конститутсияро назорат мекунанд.

«Контроль»-ро ҳам мақомоти давлатӣ ва ҳам ғайриҳукуматӣ ба амал мебарорад ва «надзор» танҳо мақомоти давлатӣ амалӣ мекунад.

Мақомоти назоратӣ («контрольный») ваколатҳои маъмурӣ ва идоракунӣ доранд, аммо мақомоти назоратӣ («надзорный») чунин салоҳият надоранд.

Мақомоте, ки назоратро амалӣ мекунанд махсусияти хоси худро соҳиб мебошанд. Ҳар як мақомоти роҳбарикунанда, хоҳ ташкилот, корхона, мақомотҳои аркиботи институтсионалии давлат ва ҷамъият бошад, ба ин ё он дараҷа аз болои ичрои қонунҳо ва қоидаҳои муқарраршуда дар соҳаи ба ӯ супурдашуда назорат мекунад. Назорат метавонад ҳам аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ҳам аз ҷониби мақомоти ғайридавлатӣ амалӣ карда шавад. Ҳангоми ичрои фаъолияти худ ба мақомоти назоратӣ қудрати ичроия дода мешавад. Дар робита ба назорат, мо гуфта метавонем, ки он аз ҷониби мақомоти махсуси давлатӣ, ки ба як намуди муайяни назорат тахассус доранд, амалӣ карда мешавад.

Дар баробари ин дарки моҳияти назорати давлатӣ дар раванди идоракунӣ аз аҳамият холӣ нест. Назорати давлатӣ фаъолияти мақомоти махсуси давлатӣ аст. Он ба пешгирӣ, ошкор ва саркӯбии вайронкунандагони талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона шудаанд, ки дар ҷараёни назорати давлатӣ чораҳои маҷбуркунии давлатӣ татбиқ карда мешаванд.

Назорат функсияи идоракунчӣ мебошад, ки системаи назорат ва тафтиши раванди фаъолияти объект тибқи қарорҳои қабулшудаи идоракунӣ мебошад, инчунин

имкон медиҳад, ки ихтилофҳо дар ҳадафҳои пешбинишуда муайян карда шаванд ва дар ҳолати зарурӣ чораҳои ислоҳӣ андешида шаванд. Фаъолияти идоракунӣ танҳо дар ҳолатҳое самаранок аст, ки иҷрои қарори қабулшударо саривақт назорат кунанд, то қонуният ва самарабахшии чораҳои андешидашударо муайян кунанд. Назорат ба риояи шартномавӣ ва иҷрои интизом аз кормандон касбият ва салоҳияти баландро талаб мекунад.

Дар раванди идоракунии сиёсӣ назоратро ҳамчун роҳи таъмини волоияти қонун, самаранокӣ ва муташакилсозии раванджи идоракунӣ эътироф кардан зарур аст. Амалигардонии назорат на танҳо аз болои қонуният, балки аз рӯи мақсадҳои идоракунии сиёсӣ мувофиқ аст. Набудани тобеияти ташкилӣ, тобеъият байни мақомоти назоратӣ, шахси мансабдор ва объекти назоратшаванда имконияти дахолат ба фаъолияти ҷории маъмурӣ ва хоҷагии идорашаванда, бекор кардани ғайриқонунӣ ва ғайримақсадноки он қарорҳо, додани дастурҳо дар бораи роҳҳо, усулҳо ва мӯҳлати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ба вуҷуд меоянд.

Вазифаҳои назорат дар раванди идоракунии давлатӣ мухталифанд. Мониторинги кори объекти идорашаванда асосӣ ба ҳисоб меравад. Гирифтани маълумоти объективӣ ва боэътимод дар бораи ҳолати қонуният ва интизом, андешидани чораҳо оид ба пешгирӣ ва бартараф кардани вайронкуниҳои қонун ва интизом, муайян кардани сабабҳо ва шароити мусоид барои вайронкуниҳои тартибот ва низоми раванди идоракунии сиёсӣ, ва ба ҷавобгарӣ кашидани вайронкунандагони раванди идораи сиёсӣ.

Назорат дар раванди идоракунии сиёсӣ дар заминаи принсипҳои мухталиф ба амал бароварда мешавад. Онҳо имконият медиҳанд, ки низоми самараноки ташаккули идоракунии сиёсӣ шакл гирад. Принсипҳо аз ҷумлаи зеринанд: қонуният, банақшагирӣ, объективӣ, муттасилӣ, самаранокӣ, тахассус, самаранокӣ.

Назорат дар арванди идоракунии сиёси ба самаранокии он бурда мерасонад. Он имкон медиҳад, ки ҳадафҳо ва махсусиятҳои смамаранокии раванди идоракуни давлатӣ амалӣ гардад.

Вобаста аз мундариҷаи масъала, сифати идоракунии давлатӣ ҳамчун доираи гуногуни хусусиятҳои давлат ва институтҳои он фаҳмида мешавад. Баъзан ин мафҳум ҳамчун сифати давлат дар маҷмӯъ ҳамчун ваҳдати се шохаи ҳокимият - қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ пайравӣ аз маҷмӯи ҷузъҳои арзёбӣ, ки хусусиятҳои ҳисоботдиҳӣ, шаффофият ва риояи волоияти қонунро дар бар мегирад [2, с. 3].

Барои арзёбии сифати идоракунии давлатӣ дар асоси натиҷаҳои фаврӣ, баъзе идеяҳои идеалии вазъи институтҳои он ва фаъолияти онҳо заруранд. Чунин ғояро, аввалан, аз таҳлили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва сониян, дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам ба даст овардан мумкин аст [4, с. 58].

Вазифаи ташкили системаи ягонаи нишондиҳандаҳои ченкунӣ сифати идоракунии давлатӣ ва методологияи татбиқи амалии онҳо дар охири солҳои 90 – ум шакл гирифтанд. Дар айни замон, аллакай таҷрибаи назарраси амалӣ ва иқтидори методологии ташкили мониторинг ва муқоисаи байни кишварҳо дар соҳаи таҳқиқшаванда дар давраи муайян вақт мавҷуданд.

Нишондиҳандаи интегралии идоракунии давлатӣ GRICS (Governance Research Indicator Country Snapshot) аз соли 1996 инҷониб барои қариб 200 кишвар ҳар ду сол ҳисоб карда мешавад. Ин нишондиҳанда дар асоси якчанд тағирёбандаҳо, ки аз манбаъҳои гуногун гирифта шудаанд (нишондиҳандаҳо ва натиҷаҳои тадқиқот, ки мунтазам аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ гузаронида мешаванд) таҳия шуда, аз 6 нишондиҳанда иборат аст, ки параметрҳои гуногуни идоракунии давлатиро инъикос мекунанд. Ин параметрҳо дар асоси таърифи умумӣ муайян карда шуданд, ки мувофиқи он идоракунӣ ҳамчун маҷмӯи анъанаҳо ва ташаккулҳои институтсионалӣ дарк карда мешавад, ки тавассути онҳо мақомот кишварро муайян мекунанд.

Тавсифи методологияи ташаккули индекс ва манбаъҳои маълумот дар нашрияи ҳарсола аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти муқоисавии навбатӣ оварда шудааст [7].

Метавон арзёбии сифати идоракунии сиёсиро чунин ишора намуд:

Индекси «ҳуқуқи овоздиҳи ва масъулият» (Voice and Accountability) он нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад, ки ҷанбаҳои гуногуни равандҳои сиёсӣ, озодиҳои шаҳрвандӣ ва ҳуқуқҳои сиёсиро чен меку-

нанд. Нишондиҳандаҳои ин категория дараҷаи иштироки шаҳрвандонро дар интихоби ҳукумат ва инчунин дараҷаи мустақилияти матбуотро муайян мекунанд.

Индекси "Суботи сиёсӣ ва набудани зӯроварӣ" (Political Stability and Absence of Violence) аз як гурӯҳи нишондиҳандаҳо иборат аст, ки эҳтимолияти бесубот шудани ҳукумат ва маҷбуран ба истеъфо дар натиҷаи зӯроварӣ (аз ҷумла терроризм ва бухрони идоракунӣ) -ро муайян мекунад. Ин нишондиҳанда инъикос мекунад, ки сифати идоракунии давлатӣ то чӣ андоза метавонад талаб кунад, ки тағирёбии роҳи сиёсӣ ва имкони интихоботи осоиштаи ҳукуматро аз ҷониби шаҳрвандон халалдор мекунад.

Индекси самаранокии ҳукумат (Government Effectiveness), сифати хизматрасониҳои ҷамъиятӣ, сифати фаъолияти дастгоҳи давлатӣ салоҳияти хизматчиёни давлатӣ, сатҳи мустақилияти хидмати давлатиро аз фишори сиёсӣ ва сатҳи эътимод ба сиёсати ҳукуматро инъикос мекунад.

Индекси «Сифати танзимкунӣ» (Regulatory Quality) бо сиёсат алоқаманд аст. Ин нишондиҳанда чораҳоеро, ки ба иқтисоди бозорӣ мухолифанд, аз қабили назорати номатлуби нархҳо ва бонкӣ, танзими аз ҳад зиёди савдои байналмилалӣ ва рушди тиҷоратро дар бар мегирад.

Индекси «волоияти қонун» (Rule of Law) на танҳо сатҳи эътимоди шаҳрвандонро ба қонунҳо, балки инчунин ӯҳдадории онҳоро дар иҷрои ин қонунҳо муайян мекунад. Он нишондиҳандаҳои муносибати шаҳрвандонро ба ҷиноятқорӣ, самаранокӣ ва пешгӯии системаи қонунгузорӣ, риояи низоми шартномавиро дар бар мегирад [8].

Индекси «назорати коррупсия» (Control of Corruption) - индекс дарки коррупсия дар ҷомеаро инъикос мекунад (фасод ҳамчун суистифодаи қудрати давлатӣ бо мақсади ба даст овардани манфиати хусусӣ фаҳмида мешавад). Сарфи назар аз мустақимияти ошкорои индекс, дар он паҳлӯҳои гуногуни падида хонда мешаванд, аз басомади "музди иловагӣ барои иҷрои кор" то таъсири коррупсия ба рушди соҳибкорӣ, инчунин мавҷудияти "коррупсияи калон" дар сатҳи баланди сиёсӣ ва иштироки элита дар фасод бояд фаҳмида мешавад [1].

Назорат вазифаи асосии идоракунии сиёсӣ мебошад, ки системаи назорат ва тафтиши раванди фаъолияти объект тибқи қарорҳои қабулшудаи идоракунии сиёсӣ мебошад, инчунин имкон медиҳад, ки ихтилофҳо бо мақсадҳои пешбинишуда муайян карда шаванд ва дар ҳолати зарурӣ амалӣ карда шаванд амали ислоҳӣ.

Фаъолияти назоратнамоӣ танҳо дар ҳолатҳое самаранок аст, ки иҷрои қарори қабулшударо саривақт назорат шавад, то қонуният ва самарабахшии чораҳои андешидашударо муайян кунанд. Назорат ба риояи шартномавӣ ва иҷро мусоидат намуда, интизом касбият ва салоҳияти баландро аз кормандон талаб мекунад.

Назоратро дар сатҳҳои гуногуни раванди идоракунии сиёсӣ: дар сатҳи шахси мансабдор, дар сатҳи шӯъбаи алоҳида, дар сатҳи корхона, дар сатҳи саноат, дар сатҳи минтақавӣ, дар сатҳи кишвар амалӣ кардан мумкин аст [5].

Ҳамин тариқ, ҳадафи назоратро омӯзиши объективӣ ва таъмини самаранокии раванди идоракунии сиёсӣ ва заминаҳои институтсионалию ташкилӣ ва ҳуқуқии он ташкил медиҳад. Ба таври маҷмуӣ метавон ишора бар он намуд, ки моҳияти назорат дар раванди идоракунии сиёсӣ мавзӯи омӯзиши фаъол дар илми сиёсӣ, сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ мебошад. Мураккабии ин падида таърифҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Баррасии назорат дар идоракунии сиёсӣ, ба андешаи мо, бояд дар ду ҷанбаи асосӣ амалӣ карда шавад: маъноӣ (маъноӣ) ва доктриналӣ (илмӣ).

Муҳтавои асосии мақомоти назоратӣ дар раванди идоракунии сиёсӣ, системанокӣ ва институтсионалӣ будани он ташкил медиҳад. Мақомоти назорати дар раванди идоракунии сиёсӣ гуфта, маҷмуи таркиботи институтсионалии давлат ва системаи ҷамъиятиеро дар назар додрад, ки фаъолияти онҳо баҳри таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, кафолати волоияти қонун, иҷроиши салоҳият ва ваколатҳои давлатӣ, самаранокии ҳокимияти давлатӣ равона карда шудааст.

АДАБИЁТ:

1. Административная реформа и реформа государственного регулирования в России. Устранение потенциальных источников коррупции: Аналитическая записка / Всемирный банк. Доклад № 36157-RU. 1 октября 2006 г. [Захираи электронӣ]. URL: http://go.worldbank.org/US8ARORO00.

2. Алескеров Ф.Т., Головщинский К.И., Клименко А.В. Оценки качества государственного управления. Препринт WP8/2006/02. — М.: ГУ ВШЭ, 2006. — С. 3.

3. Зокиров Г. Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: «Андалеб - Р», 2015. – С. 429.

4. Клименко А.В. Исполнительная власть как объект мониторинга и оценки / Проблемный анализ и государственно-управленческое проектирование. 2008. № 6. — С. 55–70.

5. Контроль и надзор в системе государственного и муниципального управления [Захираи электронӣ]. URL: https://www.kgasu.ru/upload/iblock/071/lektsii.-kontrol-i-nadzor-_eios_.pdf (санаи мурочиат: 01. 04. 25 с.)

6. Чем отличается контроль от надзора. **http://thedifference.ru/otlichie-kontrolya-ot-nadzora/** (санаи мурочиат: 01. 04. 25 с.)

7. Kaufmann, D. Governance Matters VII: Aggregate and Individual Governance Indicators 1996–2007 / D. Kaufmann, A. Kraay, M. Mastruzzi; The World Bank Development Research Group Macroeconomics and Growth Team & World Bank Institute Global Governance Program; June 2008; WPS4654. Washington, 2008. — 102 p. [Захираи электронӣ]. URL: http://papers.ssrn.com/sol3/paperscfm?abstract_id=1148386 (санаи мурочиат: 01. 04. 25 с.)

8. The Worldwide Governance Indicators. [Захираи электронӣ]. URL: http://info.worldbank.org/governance/wgi/ (санаи мурочиат: 01. 04. 25 с.).

КЛЮЧЕВЫЕ ВОПРОСЫ НАДЗОРА В ПРОЦЕССЕ ПОЛИТИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ

Умаров А. С., Нигораи З.

В условиях растущей институционализации политических процессов надзор становится одним из центральных инструментов обеспечения эффективности политического управления. В статье рассматриваются основные аспекты надзорной деятельности в политическом и управленческом контексте, включая вопросы нормативно-правовой базы, институционального проектирования и практических механизмов реализации. Анализ основан на теоретико-политическом подходе, позволяющем раскрыть основные черты контроля как центрального элемента управления и эффективности в системе политической власти. Особое внимание уделено взаимосвязи контроля и подотчетности, а также ее роли в обеспечении легитимности управленческих решений. Выявлены специфические риски и кризисы, возникающие в условиях политической нестабильности, обоснованы направления оптимизации контрольной функции как фактора стабильности и прозрачности политического управления.

Ключевые слова: политическое управление, контроль, надзор, государственная власть, легитимность, институционализация, политическая подотчетность, эффективность управления.

KEY OVERSIGHT ISSUES IN THE POLITICAL GOVERNANCE PROCESS

Umarov A.S., Nigorai Z.

In the context of the growing institutionalization of political processes, supervision is becoming one of the central instruments for ensuring the effectiveness of political management. The article examines the main aspects of supervisory activities in the political and managerial context, including issues of the regulatory framework, institutional design and practical mechanisms for implementation. The analysis is based on a theoretical and political approach that allows us to reveal the main features of control as a central element of management and efficiency in the system of political power. Particular attention is paid to the relationship between control and accountability, as well as its role in ensuring the legitimacy of management decisions. Specific risks and crises arising in conditions of political instability are identified, and directions for optimizing the control function as a factor in stability and transparency of political management are substantiated.

Keywords: political management, control, supervision, state power, legitimacy, institutionalization, political accountability, management efficiency.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МЕЪЁРҲО ВА НИШОНДОДҲОИ АРЗЁБИИ ИШТИРОКИ ЗАНОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСИИ ҶОМЕА

Бобизода Гулшан Шералӣ - унвончӯйи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

Дар мақолаи мазкур меъёрҳо ва нишондодҳои арзёбии иштироки занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа баррасӣ карда мешаванд. Методологияҳо ва индексҳои мавҷудае, ки барои муайян кардани баробарии гендерӣ дар сиёсат истифода мешаванд, бо таваҷҷуҳ ба ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи онҳо таҳлил карда шудаанд. Ҷанбаҳои гуногуни иштироки занон, аз ҷумла намояндагӣ дар мақомоти қонунгузорӣ, ҳокимияти иҷроия ва ҳизбҳои сиёсӣ муҳокима гардидаанд. Ба нишондиҳандаҳои сифатӣ, аз қабили таъсири занон ба қарорҳои сиёсӣ ва нақши онҳо дар ташаккули рӯзномаи сиёсӣ диққати махсус дода шудааст. Омилҳое, ки ба иштироки занон дар сиёсат халал мерасонанд, таҳқиқ гардида, стратегияҳои рафъи ин монеаҳо пешниҳод карда мешаванд. Дар асоси таҳлили маълумотҳои байналмилалӣ ва вазъияти ҷомеаи мушаххас системаи мукаммали меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо таҳия карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки сатҳи иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ дақиқтар ва пурратар арзёбӣ карда шавад ва муваффақиятҳои баробарии гендерӣ дар соҳаи сиёсӣ пайгирӣ карда шавад.

Калидвожаҳо: *баробарии гендерӣ, иштироки сиёсӣ, занон дар сиёсат, нишондиҳандаҳо, меъёрҳои арзёбӣ, ҳокимияти қонунгузорӣ, ҳокимияти иҷроия, ҳизбҳои сиёсӣ, табъизи гендерӣ.*

Мубрамии омӯзишу пажӯҳиши иштироки сиёсии занон бо як қатор омилҳои ба ҳам алоқаманд, ки ҳам тамоюлҳои глобалӣ ва ҳам шароитҳои хоси миллиро инъикос мекунанд, вобаста аст. Аввалан, он бо принсипи универсалии баробарии гендерӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва конститутсияҳои миллии аксари кишварҳо муқаррар шудааст, алоқаманд аст. Бо вуҷуди пешрафт дар соҳаи қонунгузорӣ, иштироки воқеии занон дар ҳаёти сиёсӣ аксар вақт маҳдуд боқӣ мемонад, ки ин хилофи принсипҳои демократия ва адолати иҷтимоӣ аст. Таҳқиқи ин мушкилот имкон медиҳад, ки монеаҳо ошкор карда шаванд ва стратегияҳо барои бартараф кардани номутавозунии гендерӣ дар сиёсат таҳия гарданд.

Дуюм, иштироки сиёсии занон бо сифати идоракунӣ ва самаранокии сиёсати давлатӣ алоқамандии мустақим дорад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки иштироки занон дар қабули қарорҳо ба баҳисобгирии доираи васеи манфиатҳо ва ниёзҳои ҷомеа, бахусус дар соҳаҳои марбут ба оила, саломатӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Набудани назари занон метавонад ба қарорҳои яктарафа ва нопурра оварда расонад, ки манфиатҳои қисми зиёди аҳолиро нодида мегиранд.

Сеюм, мушкилоти ҷаҳонӣ ба монанди тағйирёбии иқлим, паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва бӯҳронҳои иқтисодӣ равишҳо ва қарорҳои инноватсиониро талаб мекунанд, ки дар рушди онҳо занон метавонанд нақши назаррас дошта бошанд. Иштироки онҳо ба рушди устувор ва фарогир мусоидат мекунад, зеро онҳо аксар вақт нисбат ба мардон тачриба ва дурнамои дигар доранд.

Чорум, иштироки сиёсии занон нишондиҳандаи муҳимми рушди демократии ҷомеа мебошад. Он дараҷаи фаъолияти шаҳрвандӣ, сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва рушди ниҳодҳои гуногуни ҷамъиятиро инъикос мекунад. Сатҳи пасти иштироки занон аз мавҷудияти монеаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ шаҳодат медиҳад, ки ба татбиқи ҳуқуқ ва имкониятҳои онҳо монеъ мешаванд.

Барои арзёбии иштироки сиёсии занон бояд равиши ҳамаҷониба бо назардошти меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои гуногун ис-

тифода шавад. Ба меъёрҳои асосӣ инҳо дохил мешаванд:

1. Намояндагии занон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ: ин меъёр ҳиссаи занонро дар парлумонҳо, ҳукуматҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимият ва дигар институтҳои сиёсӣ арзёбӣ мекунад. Он имкон медиҳад, ки то чӣ андоза занон дар сохторҳои тасмимгиранда намояндагӣ мекунанд. Муҳим аст, ки на танҳо шумораи умумии занон, балки мавқеи онҳо дар иерархияи ҳокимияти сиёсӣ ва таъсири онҳо ба қабули қарорҳо низ ба назар гирифта шаванд.

2. Иштироки занон дар раванди интихобот: ин меъёр нишондиҳандаҳои иштироки занонро ҳамчун интихобкунандагон, номзадҳо ва аъзои комиссияҳои интихоботӣ дар бар мегирад. Он дараҷаи иштироки занонро дар раванди ташаккули мақомоти ҳокимият инъикос мекунад. Таҳлили омилҳое, ки ба фаъолияти занон дар раванди интихобот таъсир мерасонанд, ба монанди сатҳи таҳсилот, дастрасӣ ба иттилоот, меъёрҳои иҷтимоӣ ва қолабҳои шахшудаи гендерӣ муҳим аст.

3. Иштироки занон дар ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ: ин меъёр нақши занонро дар созмонҳои сиёсӣ, намояндагии онҳо дар мақомоти роҳбарикунанда ва таъсири онҳоро ба ташаккули рӯзномаи сиёсӣ арзёбӣ мекунад. Он дараҷаи иштироки занонро дар раванди пешбурди манфиатҳои сиёсӣ инъикос мекунад. Таҳлил кардан муҳим аст, ки чӣ гуна ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ барои иштироки занон шароит фароҳам меоранд ва манфиатҳои онҳоро ба назар мегиранд.

4. Иштироки занон дар фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ: ин меъёр нишондиҳандаҳои иштироки занонро дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, гурӯҳҳои ташаббускор, ҳомиёни ҳуқуқи инсон ва дигар шаклҳои фаъолияти шаҳрвандӣ дар бар мегирад. Он дараҷаи иштироки занонро дар раванди ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, инчунин дар раванди ташаккули афкори ҷамъиятӣ инъикос мекунад. Таҳлил кардан муҳим аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ барои иштироки занон чӣ қадар имконият фароҳам меорад ва ташаббусҳои онҳоро дастгирӣ мекунад.

Масъалаи намояндагии занон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ муҳим боқӣ мемонад ва таҳлили ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Омӯзишу пажӯҳиши ин масъала ҳам ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳам муосирро бояд дар бар гирад. Таҳқиқоти дар ин соҳаи анҷомёфта нишон медиҳанд, ки табъизи ҷинсӣ ва қолабҳои шахшудаи гендерӣ сарфи назар аз дастовардҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва баробарии гендерӣ ба сатҳи иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ таъсири назаррас мерасонанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ гуногунии равишҳоро барои баланд бардоштани намояндагии занон дар парлумон, ҳукумат ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ нишон медиҳад.

Тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, то соли 2021 дар ҷаҳон танҳо 25,5% занон дар парлумонҳои миллӣ аъзо будаанд. Ин нишондиҳанда вобаста ба минтақаҳои гуногуни олам фарқ мекунад: дар кишварҳои Аврупои Шимолӣ сатҳи баландтарини намояндагии занон, тақрибан 47% мушоҳида мешавад, дар ҳоле, ки дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ ин нишондиҳанда танҳо 17% – ро ташкил медиҳад [30]. Чунин фарқиятҳоро бо омилҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ шарҳ додан мумкин аст, ки нақши занонро дар ҷомеа ба таври назаррас муайян мекунанд.

Дар сатҳи худидоракунии маҳаллӣ ин вазъ таваҷҷуҳи бештарро талаб мекунад. Аммо дар ин самт муваффақиятҳо зиёдтар ба назар мерасанд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки занон аксар вақт дар сатҳи ҳокимияти маҳаллӣ нисбат ба ҳукуматҳои миллӣ бештар намояндагӣ мекунанд. Ин аз он сабаб аст, ки интихоботи маҳаллӣ боиси ҷалби бештари занон ба равандҳои сиёсӣ ва инчунин монеаҳои камтар барои иштирок мегардад [6]. Масалан, дар баъзе кишварҳо, ба монанди Шветсия ва Норвегия, квотаҳо барои намояндагии занон дар шуроҳои маҳаллӣ ҷорӣ карда шудаанд, ки ин ба афзоиши шумораи онҳо мусоидат кардааст.

Яке аз намунаҳои муваффақи баланд бардоштани намояндагии занон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷорӣ кардани системаи квотаҳо дар бисёр кишварҳо мебошад. Чунин кишварҳо, ба монанди Исландия ва Руанда намунаи равшани чунин иқдомот мебошанд. Махсусан, дар Руанда ба шарофати ислоҳоти сиёсӣ пас аз генотсиди соли 1994, занон дар Маҷлиси миллии ин кишвар беш аз 61% - ро ташкил медиҳанд, ки баландтарин нишондод дар ҷаҳон аст [17]. Ин ислоҳот нишон доданд,

ки тадбирҳои мақсаднок барои таъмини баробарии гендерӣ дар сиёсат метавонанд мақоми занонро дар ҷомеа ба таври назаррас тағйир диҳанд.

Бо вуҷуди ин, нишондиҳандаҳои миқдорӣ, ба монанди ҳиссаи занон дар интихобот, на ҳамеша вазъи воқеии корҳоро инъикос мекунанд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто дар парлумон, занон метавонанд бо мушкилоти муайяни иҷтимоӣ, камнамоӣ ва табъиз дар муҳити сиёсӣ рӯ ба рӯ шаванд [19]. Аксар вақт кори онҳо бо масъалаҳое, ки анъанавию "занона" ҳисобида мешаванд, маҳдуд карда мешавад. Маҳз чунин омил таъсири занонро ба равандҳои сиёсӣ маҳдуд мекунад.

Дар кишварҳои пасошуравӣ низ баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ба масъалаи баробарии гендерӣ ва баланд бардоштани нақши занон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа таваҷҷуҳи зиёд медиҳанд. Масалан, дар Русия, то соли 2021, занон тақрибан 17% дар Думаи давлатӣ ва 30% дар Шурои федералиро ташкил медиҳанд. Ин рақамҳо аз номувозинати назарраси гендерӣ дар сиёсати гендерӣ шаҳодат медиҳанд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки дар баъзе минтақаҳои Русия намояндагии баландтари занон дар мақомоти ҳокимияти давлатии сатҳи маҳаллӣ мушоҳида мешавад. Масалан, дар Санкт-Петербург ва баъзе шаҳрҳои дигари калон ҳиссаи занон дар мақомоти намояндагии маҳаллӣ метавонад ба 40% расад [1]. Бо вуҷуди беҳбудиҳо, намояндагии занон дар сохторҳои ҳукуматии Русия паст боқӣ мемонад. Дар Русия аз 21 вазир ҳамагӣ 4 вазир дар кобинаи вазирони федералӣ занон мебошанд, ки ҳамагӣ 19% - ро ташкил медиҳанд [4]. Чунин ҳолат дар дигар кишварҳо низ ба назар мерасад. Зеро дар бисёре аз кишварҳои олам чунин ба мушоҳида мерасад, ки занон дар мақомоти ҳокимияти иҷроия вазифаҳои роҳбарикунандаро камтар ишғол мекунанд. Ҳангоми таҳлили ин масъала, муҳаққиқон ба як қатор омилҳо, аз ҷумла набудани дастгирӣ дар сатҳи ҳизбҳо, қолабҳои шахшудаи гендерӣ ва дастрасии маҳдуд ба захираҳо ва шабакаҳое, ки барои иштироки бомуваффақият дар сиёсат заруранд, диққат медиҳанд [18].

Ҳамин тариқ, масъалаи намояндагии занон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ мушкилоти мураккаб ва бисёрҷанбае мебошад, ки муносибати маҷмуиро талаб мекунад. На танҳо зиёд кардани нишондиҳандаҳои миқдорӣ, балки таъмини иштироки босифати занон дар сиёсат муҳим аст. Стратегияҳои муассир бояд ҳам чорабиниҳои қонунгузорӣ ва ҳам барномаҳои омӯзишӣ ва дастгириро дар бар гиранд, ки ба рафъи монеаҳо барои занон дар соҳаи сиёсӣ нигаронида шудаанд.

Иштироки сиёсии занон дар кишварҳои ҷаҳон аҳамияти бештар пайдо мекунад, ки ин ҳам бо тағйироти консептуалӣ дар фаҳмиши баробарии ҷинсҳо ва ҳам бо талошҳои амалӣ барои ҷорӣ кардани системаи квотаҳо ва дигар механизмҳое, ки ба ҷалби онҳо ба ҳаёти сиёсӣ мусоидат мекунанд, вобаста аст. Ҷанбаи муҳимми таҳқиқи ин падида таҳлили иштироки занон дар ҳизбҳои сиёсӣ ва маъракаҳои интихоботӣ мебошад, ки ба таҳияи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии он имкон медиҳад.

Муайян кардани нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули муҳити ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, ки дастрасии занонро ба ҳаёти сиёсӣ муайян мекунад, масъалаи хеле мҳим аст. Ҳизбҳои сиёсӣ на танҳо ҳамчун заминаи пешбарии номзадҳо хизмат мекунанд, балки дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ низ нақши назаррас доранд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки доштани занон дар мансабҳои баланд дар ҳизбҳо имконияти ҷалби онҳоро ба фаъолияти васеи сиёсӣ хеле зиёд мекунад [20]. Масалан, дар Норвегия ва Руанда, кишварҳои дорои нишондиҳандаҳои баланди иштироки сиёсии занон, ҷорӣ кардани квотаҳо дар системаи ҳизбӣ ҳиссаи занонро дар интихобот ба таври назаррас афзоиш дод [17].

Ҷанбаи муҳимми навбатӣ маъракаҳои интихоботӣ ҳамчун роҳи ҷалби занон ба фаъолияти сиёсӣ мебошад. Дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шуд, ки занон дар дастрасӣ ба захираҳое, ки барои пешбурди маъракаи муассир заруранд, бештар душворӣ мекашанд. Масалан, дар ИМА, дар интихоботи соли 2018, рӯйхати номзадҳои зан хеле афзуд, аммо мавҷудияти маҳдудиятҳои молиявӣ ва набудани дастгирии ҳизбҳо барои иштироки бомуваффақияти онҳо дар интихобот монеаҳои ҷиддӣ шуданд [12]. Тадқиқотҳои боэътимоди интихобӣ нишон медиҳанд, ки дар иёлотҳое, ки сатҳи иштироки занон дар

сиёсати ҳизбӣ баландтар аст, муваффақияти бештари номзадҳои онҳо дар интихобот қайд карда мешавад [25].

Меъёри муҳимми арзёбии иштироки сиёсии занон омили роҳбарӣ дар дохили ҳизбҳо мебошад. Занон аксар вақт бо монеаҳои сунъие рӯ ба рӯ мешаванд, ки имконияти пешрафти онҳоро ба вазифаҳои роҳбарикунанда маҳдуд мекунад. Тибқи маълумоти Комиссияи СММ оид ба мақоми занон, дар бисёр кишварҳо фоизи занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда дар ҳизбҳо аз 20% зиёд нест [28]. Ин омор зарурати кӯшишҳои мақсаднокро барои тағйир додани меъёрҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки аксар вақт монеаи иштироки баробари онҳо мешаванд.

Ҳанӯз солҳои 60-70, дар давраи гузариш аз як низом ба низоми дигар мафҳуми «Раванди сиёсӣ» истифода намешуд ва ҳеҷ таъсире надошт, аз ин рӯ, барои сиёсатшиносӣ ин масъала нисбатан нав аст. Барои мисол метавон «Китоби дарсии улуми сиёсӣ»-ро, ки аз чор ҷилд иборат аст, мавриди баррасӣ қарор дод. Мутахассисон соҳа ин китобро хуб арзёбӣ мекунанд. Китоб хонандаи худро қадам ба қадам бо самтҳои ибтидоии илми сиёсатшиносӣ ошно мекунад. Дар он ҳамчунин назарияи низомҳо инъикос ёфтаанд. Гузашта аз ин, ҷилди сеюми он пурра ба макросиёсат бахшида шудааст. Ба шарофати асарҳои олимони машҳур, аз қабили Чарлз Тилли, Р.Дал, Ҷ.Линз, С.Ҳантингтон, таваҷҷӯҳи бештар ба чунин масъалаҳо, аз қабили омӯзиш, таҳқиқ ва гунашиносӣ (типология)-и низомҳои худкома ва тамомиятхоҳ (тоталитарӣ), ҳамкории мухолифон бо ҳизби ҳоким вобаста ба низоми сиёсӣ, мушкилоти сиёсӣ, навсозӣ, такмил ва рушд масъалаҳои сиёсӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Аммо масъалаҳои гузариши сиёсӣ аз мадди назар дур мондаанд. Ин масоил дар заминаи назарияҳои рушд дар мисоли кишварҳои ҷаҳони сеюм баррасӣ шуданд.

Дар замони мо масъалаҳои гузариши сиёсӣ торафт бештар аҳамият пайдо мекунанд, зеро вазъияти ҳозираи ҷаҳони муосир баъд аз пош хӯрдани низоми коммунистӣ чӣ дар собиқ қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ ва чи дар мамолики Аврупои Шарқӣ рӯ ба инкишоф аст.

Тавре И.К.Асадуллоев қайд мекунад, Тоҷикистон гирехи марзест, ки дар гузашта ва имрӯз ҷаҳон ва тамаддунҳоро аз ҳам ҷудо карда буд. Мардуми ҷумҳурӣ ҳамзамон ба ин оламҳо бо роҳҳои гуногун дохил мешаванд. Дар шимол ва шимолу шарқи Тоҷикистон ҷаҳони кишварҳои дорои хусусияти дунявии давлатдорӣ ва дар ҷанубу ғарби он кишварҳое ҷойгиранд, ки дин дар ҳаёти сиёсии онҳо нақши бузург дорад. Илова бар ин, Тоҷикистон ҳамчунон як давлати сермиллат боқӣ мемонад, ки дар он ба ҷуз тоҷикон, халқу миллатҳои дигар низ ҳаёт ба сар мебаранд. Аз сабаби он ки халқи тоҷик дар гузашта дар ҳайати империяи Русия ва баъдан Иттиҳоди Шӯравӣ буд, ҳамзистии беназири фарҳангии Авруосиё ба вуҷуд омад.

АДАБИЁТ:

1. Асадуллоев, Р.Н. Молодежь в процессах демократизации общественной жизни: на примере Республики Таджикистан [Текст]: дисс... канд. полит. наук: 23.00.02 / Асадуллоев Рахматулло Назруллоевич. – Душанбе, 2004. – 163 с.

2. Братерский, М.В. Теория модернизации [Текст]: обзор американских концепций / М.В. Братерский // США: экономика, политика, идеология. – 1990. – №9. – С.21-36.

3. В Таджикистане более 99% населения исповедуют Ислам [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://islamnews.tj/tajikistan/617-v-tadzhikistane-bolee-99-naseleniya-ispoveduyut-islam.html (дата обращения: 25.07.2018).

4. Динамика режимов и проблемы политического перехода [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberpedia.su/13x150a7.html (дата обращения: 12.06.2018).

5. Муродова, Н.С. Политические процессы переходного периода в республике Таджикистан [Текст]: дисс... канд. полит. наук: 23.00.02 / Муродова Нигина Сулаймоновна. – Душанбе, 2003. – 171 с.

6. Политический процесс: основные аспекты и способы анализа [Текст]: сборник учебных материалов / под ред. Е.Ю. Мелешкиной. – М.: Издательский дом «ИНФРА-М», Издательство Весь Мир, 2001. – 304 с.

7. Цыганков, А.П. Современные политические режимы: структура, типология, динамика [Текст]: учебное пособие / А.П. Цыганков. – М.: Интерпракс, 1995. – 296 с.

8. Шарапов, О.М. Политический процесс в Таджикистане и его влияние на интеграционные приоритеты республики в постсоветском пространстве. [Текст]: автореф. дисс... канд. полит. наук: 23.00.02 / Шарапов Отабек Мурадович. – Душанбе, 2015. – 26 с.

9. Шарипов, С.И. Демократизация политических процессов в современном Таджикистане [Текст]: дисс… д-ра полит. наук: 23.00.02 / Шарипов Сухроб Иброновича. – Душанбе, 2001. – 310 с.

10. Шукуров, С.М. Республика Таджикистан во внешней политике Соединенных Штатов Америки в конце XX начала XXI веков [Текст]: дисс… маг. заруб. регион: 41.04.01 / С.М. Шукуров. – Екатеринбург, 2016. – 72 с.

11. Coleman, J.S. Modernization: Political Aspects [Text] / J.S. Coleman // International Encyclopedia of the Social Sciences. – N.Y., 1968. – Vol.10. – P.395-400.

12. Rustow, D.A. Transitions to Democracy: Toward a Dynamic Model [Text] / D.A. Rustow // Comparative Politics. – 1970. – Vol.2. – №3. – April. – P.337-363.

Zhang, B. Corporatism, Totalitarism, and Transitions to Democracy [Text] / B. Zhang // Comparative Political Studies. – 1994. – April. – Vol.27. – Iss.1. – P.108-136.

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИЗУЧЕНИЯ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ В РАМКАХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

Шарипов И.И.

Политология — это совокупность знаний, охватывающая не только политические дисциплины, но и практическое применение политического искусства. Основная роль политики — построение демократического общества и государства. «Политический процесс влияет на развитие общества и формирует определенные политические отношения».

Однако в современном мире политический процесс чрезвычайно сложен и противоречив, поскольку многие страны находятся в процессе смены своих политических систем.

Ключевые слова: политика, процесс, международный, общество, государство, развитие, Таджикистан, исследование, система, общее, сущность, мир, согласие, организация, независимость.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS FOR THE STUDY OF POLITICAL PROCESSES WITHIN THE FRAMEWORK OF INTERNATIONAL RELATIONS

Sharipov I.I.

Political science is a body of knowledge that covers not only political disciplines,

but also the practical application of political art. The main role of politics is to build a democratic society and state. "The political process influences the development of society and forms certain political relations."

However, in the modern world, the political process is extremely complex and contradictory, since many countries are in the process of changing their political systems.

Key words: politics, process, international, society, state, development, Tajikistan, research, system, general, essence, peace, harmony, organization, independence.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

НАҚШИ ИНСТИТУТИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ ДАР ТАҲКИМИ СИСТЕМАИ СИЁСИИ ҶОМЕА

Қаландарзода Карорматуллоҳ Қаландар – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент
мудири кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони ДМТ
тел: +992101177070

Дар мақола нахуст оид ба муҳиммияти институти ҳокимияти иҷроия, хусусан нақши он дар таҳкими системаи сиёсии ҷомеа сухан рафта, баъдан дар бораи маънои луғавӣ ва чанд тарзи фаҳмиши мафҳуми "институт" маълумот дода мешавад. Зимни назардошти маъниҳои мухталифи мафҳуми "институт" ва нисбат доштани он ба ҳокимияти иҷроия муайян карда мешавад, ки ҳукумат ҳамчун ташкилотест, ки дар доираи маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва салоҳияти хеш қонуну қоидаҳо ва муқаррароти қабулгардидаро амалӣ гардонида, баҳри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ фаъолият мебарад.

Муаллиф, вобаста ба маънидоднамоии моҳияти ҳокимияти иҷроия назари баъзе аз олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷиро ҳамчун намуна оварда, мазмуни институти мазкурро мухтасаран дар мақола дарҷ менамояд. Ҳамзамон қайд мегардад, ки асоси ташаккули ҳокимияти иҷроияро татбиқи амалии принсипи "тақсимоти ҳокимият" ташкил медиҳад ва расман, намунаҳои аввали он Конститутсияи ИМА ва ҳуҷҷатҳои конститутсионии Инқилоби Фаронса ба шумор мераванд.

Қисмати ниҳоии мақола ба масъалаи асосии баррасишаванда, яъне нақши ҳокимияти иҷроия дар таҳкими системаи сиёсии ҷомеа бахшида шудааст. Дар алоқамандӣ бо масъалаи меҳвории таҳқиқшаванда қайд мегардад, ки ба таври воқеӣ амалишавии вазифаҳои ҳокимияти иҷроия суботи системаи сиёсии ин ё он давлатро ташкил медиҳад. Дар ин қисмат таваҷҷуҳи асосӣ ба фаъолият, салоҳият ва вазифаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия ва Ҳукумати амалкунандаи кишвар равона мегардад. Тазаккур дода мешавад, ки самаранокии фаъолияти институти ҳокимияти иҷроия боис мегардад, ки суботи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин гардад.

***Калидвожаҳо**: институт, ҳокимияти иҷроия, принсипи "тақсимоти ҳокимият", кишварҳои демократӣ, системаи сиёсии ҷомеа, Президенти кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Дар ҷомеаи муосир институтҳои сиёсии гуногун арзи вуҷуд доранд, ки дар инкишофи ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ ва иқтсодиву фарҳангии ин ё он давлат нақши муҳим мебозанд. Дар байни институтҳои давлатӣ институти ҳокимияти иҷроия, ки ҳукумат низ номида мешавад, дар танзим ва баамалбарории қарорҳои қабулгардида мақоми баландро соҳиб аст. Институти мазкур системаи баҳамтаъсиррасониҳоеро, ки аз тарафи мақомотҳои гуногун ва ходимони давлатӣ барои амалисозии идораи корҳои ҷамъиятӣ ва сиёсии шаҳрвандон равона мегардад, ба низом медарорад.

Пеш аз оне, ки дар бораи нақши институти ҳокимияти иҷроия дар таҳкими системаи сиёсии ҷомеа сухан гуфта бошем, моро лозим аст, то асли пайдоиши калимаи "институт", фаҳми гуногуни он, инчунин моҳият ва мазмуни мафҳуми "ҳокимияти иҷроия" ё худ "ҳукумат"-ро дар ин қарина мухтасаран оварда бошем.

Мафҳуми "институт" аз калимаи лотинии **institutum** гирифта шуда, маънои сохтор, ташкилот, ё принсипро ифода менамояд. [1] Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми "институт" дар маъниҳои зерин истифода мешавад:

- маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқ дар ин ё он соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, шакли муайяни сохтори ҷамъиятӣ;
- номи муассисаи олии таълимӣ ва ё муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ;
- номи ташкилоте, ки шакли муайяни фаъолиятро ба амал мебарорад. [2]

Аз маъниҳои дар боло зикргардида, қисман фаҳми аввал ва аслан, фаҳмиши сеюми мафҳуми мазкур бештар мувофиқи матлаб ба назар мерасад, зеро ҳокимияти иҷроия, пеш аз ҳама, ҳамчун ташкилот баромад карда, дар доираи маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва салоҳияти хеш қонуну қоидаҳо ва муқаррароти қабулгардидаро амалӣ гардонида, баҳри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ фаъолият мебарад.

Оид ба моҳияти ҳокимияти иҷроия олими сиёсатшиноси шинохтаи тоҷик Муҳаммад Абдураҳмон чунин ибрози назар менамояд: “Ҳокимияти иҷроия – қобилияти воқеии василаҳои иҷроияи дастгоҳи давлатӣ , ки иродаи ҷомеа, синф, миллат, гурӯҳҳо ва шахсро дар ҳуқуқу қонунҳо ифода мекунад. Вазифаи ҳокимияти иҷроия аз принсипи тақсимоти ҳокимияти давлати ягонаи ҳамарофаро-гиранда ба ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва суд, ки ҳанӯз дар садаҳои XVII-XVIII тартиб дода шудааст, сар зада мебарояд. Ҳар яки ин ҳокимиятҳо бояд нисбатан мустақил бошанд ва дигарҳоро дар мувозинат нигоҳ доранд. Принсипи тақсими ҳокимиятҳо асоси пайдо гардидани назарияи давлати ҳуқуқбунёд аст, ки ин, бешубҳа муваффақияти бузурги тамаддун аст. ... ҳокимияти иҷроия баҳри дар амал татбиқ намудани қарорҳо ва қонунҳо дар тамоми марзи мамлакат фаъолияти мебарад. Василаҳои ҳокимияти иҷроия яроқи гирову таъҷилии ҳокимияти сиёсист...”[3, 341-342]

Бо назардошти андешаҳои профессор А. Н. Муҳаммад мо ба натиҷае расида метавонем, ки яке аз принсипҳои асосии татбиқшаванда дар давлатҳои демократии муосир, ин принсипи «таҷзияи ҳокимият» мебошад. Ҷиҳати асосӣ ва умумии ин масъаларо барои кишварҳои демократӣ як масъала ташкил медиҳад, яъне онҳо набояд комилан аз ҳам ҷудо бошанд ва ё аз як сарчашма ибтидо гиранд. Ба қавли дигар, ҳар се шохаи ҳокимияти давлатӣ: қонунбарор, иҷриоя ва судӣ бояд дар алоқамандии байниҳамдигарӣ, вале дар доираи салоҳият ва вазифаҳои хеш амал намоянд. Мутамарказ гардонидани ҳар се шохаи ҳокимият аз як манбаъ мушкилии асосии бисёр аз давлатҳои муосири демократиро ташкил мекунад. Хусусан ин масъала барои кишварҳои пасошӯравӣ ба назар мерасад. Аз ин хотир, кишварҳои пасошӯравиро зарур аст, ки дар татбиқи принсипи таҷзияи ҳокимият нуктасанҷона амал намоянд, зеро дар акси ҳол дар оянда ба мушкилӣ ва буҳронҳои гуногуни сиёсӣ рӯ ба рӯ шуданашон мумкин аст.

Дар алоқамандӣ бо моҳияти ҳокимияти иҷроия ё худ ҳукумат дигар донишманди ватании илмҳои сиёсӣ, профессор Г. Н. Зокиров ба таври зерин изҳори назар мекунад. «Ҳукумат – мақомоти дастаҷамъии ҳокимияти иҷроияи давлат ва субъектҳои он аст, ки тамоми ҳокимиятро дар ҳудудҳои кишвар воқеӣ мегардонад. Мафҳуми «ҳукумат»-ро дар ду маънӣ бештар истифода менамоянд: аввалан, маҷмуи мақомоти ҳокимияти давлатӣ. Аз ҷумла, парламентро низ ба он ворид месозанд; баъдан, ҳамчун мақоми махсуси идора, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ. Дар маънои дуюм истифода намудани «ҳукумат» бештар расмият ёфтааст». [4, 379]

Бо назардошти татбиқи амалии принсипи «таҷзияи ҳокимият» дар кишварҳои демократӣ ваколатҳои ҳукумат ё худ ҳокимияти иҷроия дар конститутсияи онҳо дарҷ мегардад. Қарорҳо ва фармоишҳо бошанд, санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҳокимияти иҷроияро дар худ ифода менамоянд. Зимни таҳлили воқеияти амалкарди ҳукуматҳои кишварҳои гуногуни олам ба натиҷае расидан мумкин аст, ки масъалаҳои зиёду мухталиф метавонанд ба салоҳияти он мансуб бошанд. Аз ин лиҳоз, ҳангоми омӯзиши доираи салоҳияти ҳукумати муайян воқеияти кишвар низ бояд мадди назар қарор бигирад ва дар ин асно, муносибат низ нисбат ба он якранг буда наметавонад.

Ҳангоме ки мо бо баррасии ҳукуматҳои аксари давлатҳои олам рӯ меорем, мебинем, ки дар воқеъ, ҳаллу фасли мушкилоти ин кишварҳо аз ихтиёри ҳукуматҳои онҳо берун рафтаанд ва маҳз ба ҳамин хотир, дар назди ҳукуматҳои онҳо ҳар гуна комитетҳову комиссияҳо ташаккул дода

мешаванд, то масоили мавҷуда ба таври бояду шояд бартараф шаванд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар як институт бидуни сарвар фаъолият карда наметавонад. Сарвории ҳукумат ё худ ҳокимияти иҷроияро раис ба уҳда дорад ва чун анъана дар назди он ҳайати раёсати ҳукумат амал менамояд. Агар ба самти фаъолияти ҳайати раёсати ҳукумат назар андозем, пас мебинем, ки он машғули анҷом додани корҳои ташкилии ин институти муҳимми давлатист. Нуктаи муҳим дар омӯзиши масъалаи мазкур ин аст, ки доираи салоҳият, амалишавии вазифаҳо ва чигунагии фаъолияти ҳукумат аз бисёр ҷиҳат ба шакли идоракунӣ ва системаи сиёсии кишвари муайян вобаста мебошад.

Агар ба принсипи «тақзияи ҳокимият» аз ҷиҳати таърихи нави давлатдориҳо назар намоем, пас гуфта метавонем, ки он расман нисбатан ба таври мунтазам дар Конститутсияи ИМА соли 1778 ва каме баъдтар дар ҳуҷҷатҳои конститутсионии Инқилоби Фаронса ифодаи худро ёфтааст. [5] Дар шароити муосири аксари давлатҳои мутамаддини олам принсипи мазкур расман амал менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ки кишвари ҳуқуқбунёд ва демократӣ маҳсуб меёбад, ҳамқадами давлатҳои пешрафтаи олам буда, принсипи «тақзияи ҳокимият»-ро ҳамаҷониба ба амал мебарорад ва фаъолияти самараноки ҳокимияти иҷроияро дар баробари ду шохаи дигар – қонунбарор ва адолати судӣ – таъмин менамояд. [6]

Бо боварии комил метавон гуфт, ки ҳокимияти иҷроия ё худ ҳукумат баъд аз даврони бадастоварии истиқлолияти давлатӣ ба таври мустақил ташаккул ёфт, зеро то ин замон институти мазкур дар маънии пурраш дар кишварамон амал намекард. Ба қавли дигар, дастур ва муқарароти марказ (Маскав) меъёри асосии фаъолияти ҳукумати Тоҷикистон дар даврони шуравӣ буд.

Зимни гуфтаҳои боло метавон пурсон шуд, ки агар воқеияти демократияи давлатӣ муайян аз мавҷудияти ҳокимияти иҷроия вобаста бошад, пас мавҷудияти ҳокимияти иҷроия аз чӣ вобастагӣ дорад? Қайд кардан лозим аст,ки ҳокимияти иҷроия дар ин ё он давлат замоне ташаккул ва баъдан рушд карда метавонад, ки институтҳои мухталифи сиёсию иҷтимоӣ арзи ҳасти намуда фаъолияти пурсамар аз худ нишон диҳанд. Танҳо мавҷудияти шакли ин гуна иниститути сиёсӣ (ҳокимияти иҷроия) кофӣ набуда, амалнамоии воқеии онҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии кишвар зарурат дорад. Нақшгузории институтҳои сиёсию иҷтимоӣ, дар навбати хеш, аз чи гунагии системаи сиёсӣ вобаста мебошад. [7]

Акнун мепардозем ба масъалаи асосии хеш, ки он нақши ҳокимияти иҷроия дар таҳкими системаи сиёсии ҷомеа мебошад. Бояд тазаккур дод, ки суботи системаи сиёсии ин ё он давлат аз омилҳои мухталиф ва фаъолияти самараноки институтҳои гуногун бармеояд. Яке аз онҳо ба таври воқеӣ амалишавии вазифаҳои ҳокимияти иҷроия ба шумор меравад. Қобили зикр аст, ки муҳимтарин вазифаи ҳокимияти иҷроия ин татбиқи амалии қонунҳои аз тарафи ҳокимияти қонунбарор (парлумон) қабулгардида дар ҳаёти ҷомеа мебошад. Бо ин мақсад, ҳам ҳукумат ва ҳам дигар мақомоти идоракунии давлатӣ дар асоси қонунҳои қабулгардида санадҳои муайянеро муқаррар менамоянд, ки аслан онҳо дар ҳукми қонун баромад мекунанд. Дар як қатор кишварҳо ҳукумат дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад: раиси ҳукумат метавонад бо ташаббуси қабул намудан, тағйир додан ва ё бекор кардани ин ё он қонун ба мақомоти қонунгузори кишвар мурочиат намояд. [8]

Дар мисоли кишвари мо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам сарвари давлат ва ҳам сарвари ҳокимияти иҷроия ё худ Ҳукумат мебошад. Дар Тоҷикистон Президент ҳомии Конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон ба шумор меравад. Тибқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти Президенти кишвар ба ҳайси сарвари ҳокимияти иҷроия дар ҷиҳатҳои зерин ифода меёбад: самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад; Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад; вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис

ва барҳам медиҳад; Сарвазир ва дигар аъзои ҳукуматро таъин ва озод мекунад; фармон дар бораи таъин ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд; раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пешниҳод менамояд; санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё бозмедорад; раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад ва фармонро барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд; номзадии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод менамояд; бо ризоияти Маҷлиси миллӣ Прокурори генералӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад; дастгоҳи иҷроияи Президентро таъсис медиҳад; шӯрои амниятро таъсис ва роҳбарӣ мекунад; судяҳои суди ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанберо таъин ва озод мекунад; раъйпурсӣ, интихоботи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва мақомоти намояндагии маҳаллиро таъин мекунад; ба қонунҳо имзо мегузорад; низоми пулиро муайян менамояд ва маълумотро ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд; ихтиёрдор ва масъули сармояи захиравӣ мебошад; ба татбиқи сиёсати хориҷӣ роҳбарӣ мекунад, шартномаҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд; сарони намояндагиҳои дипломатиро дар давлатҳои хориҷӣ, намояндаҳои ҷумҳуриро дар ташкилотҳои байналмилалӣ таъин ва озод мекунад; эътимодномаҳои сарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷиро қабул менамояд; Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мебошад; фармондеҳони қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро таъин ва озод мекунад; ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад; барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он бо ризоияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон истифода мебарад; дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулода эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад; масъалаҳои шаҳрвандиро ҳал мекунад; паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳад; масъалаҳои бахшиши ҷазоро ҳал мекунад ва ғайра. [9]

Таҳкими системаи сиёсии ҷомеа, пеш аз ҳама, аз низоми амалишавии вазифаҳои сарвари ҳокимияти иҷроия ва салоҳияти он бармеояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба қудрат расидан то ба имрӯз тамоми вазифаҳои худро ба сифати сарвари ҳокимияти иҷроия ба таври бояду шояд пайваста амалӣ намуда, салоҳиятҳои худро низ ҳамаҷониба ва мунтазам татбиқ менамояд. Маҳз вобаста ба кӯшиш ва заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат ҳамчун Сарвари давлат, аз як ҷониб ва чун Сарвари Ҳукумат, аз ҷониби дигар, суботи системаи сиёсии ҷомеа дар кишвар тадриҷан таъмин мегардад.

Албатта, таҳкими системаи сиёсии ҷомеа аз самаранокии фаъолияти умуман ҳукумат низ вобаста мебошад. Чигунагии амалишавии вазифаҳои ҳукумат аз заминаҳои воқеии таҳкими системаи сиёсӣ дар кишвар ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумат роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, фармону амрҳои Президенти Тоҷикистонро таъмин мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумат мувофиқи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ қарор мебарорад ва фармоиш медиҳад, ки иҷрои онҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ҳатмист. Ҳукумат барномаҳои

иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсати додугирифти қарзи давлатӣ ва ёрии иқтисодӣ ба дигар давлатҳо, лоиҳаи буҷети давлатӣ, масъалаи андозаи имконпазири касри буҷети давлатӣ ва манбаи ҷуброни онро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд. Ин ва дигар вазифаҳое, ки бар дӯши Ҳукумат аст, айни замон дар кишвар ба таври лозимӣ марҳила ба марҳила амалӣ гардида истодаанд. Албатта, дар ин ҷода баъзан масъалаҳое вомехӯранд, ки аз мушкилоти ин ё он самти фаъолияти институти мазкур дарак медиҳад. Ин мушкилот, пеш аз ҳама, ба фаъолияти баъзе аз нафарони масъулест, ки нисбат ба фаъолияти касбии хеш беэътиноӣ зоҳир менамоянд. Вале дар маҷмуъ, фаъолияти институти ҳокимияти иҷроияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул арзёбӣ намудан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, мо дар ин мақола танҳо ба як зерунсури таркибии системаи сиёсии ҷомеа, яъне ҳокимияти иҷроия ва нақши институти мазкур дар таҳкими он мухтасаран сухан гуфтем. Дар ҳоле ки суботи системаи сиёсӣ аз тамоми унсурҳо ва зерунсурҳои таркибии он вобаста мебошад. Илова бар ин, ҷомеаи шарҳвандӣ ва мавҷудияту фаъолияти самараноки институтҳои мухталифи он аз шартҳои муҳимми босуботӣ ва омили аслии таҳкимбахши систмеаи сиёсии ҷомеаи ҳар як давлат ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ:

1. Этимология понятия институт (Захираи электронӣ). Режими дастраснамоӣ: https://ru.wiktionary.org/wiki/. Санаи дастраснамоӣ: 14.04.2024.

2. Определение термина «Институт» (Захираи электронӣ). Режими дастраснамоӣ: https://tochka.com/info/glossary/institut/. Санаи дастраснамоӣ: 15.04.2024.

3. Муҳаммад А. Н. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. - Душанбе: “Эр-граф”, 2016. – 378 с.

4. Зокиров Г. Н. Донишномаи сиёсӣ (Иборат аз 3 ҷилд). - Душанбе: “Андалеб-Р”, 2015. Ҷ. 3. – 540 с.

5. Разделение властей (Захираи электронӣ). Режими дастраснамоӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/. Санаи дастраснамоӣ: 16.04.2024.

6. Конституция Республики Таджикистан (Захираи электронӣ). Режими дастраснамоӣ: http://ncz.tj/content/конституция-республики-таджикистан. Санаи дастраснамоӣ: 16.04.2024.

7. Қаландаров К. Раванди демократикунӣ ва нақши он дар таҳкими системаи сиёсӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2017. - №2/4. Қ.2. – С. 310.

8. Правительство (Захираи электронӣ). Режими дастраснамоӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki. Санаи дастраснамоӣ: 18.04.2024.

9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Захираи электронӣ). Режими дастраснамоӣ: https://mmk.tj/content/. Санаи дастраснамоӣ: 20.04.2024.

РОЛЬ ИНСТИТУТА ИСПОЛНИТЕЛЬНОЙ ВЛАСТИ В УКРЕПЛЕНИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ ОБЩЕСТВА

Каландарзода К.К.

В статье сначала говорится о значении института исполнительной власти, особенно его роли в укреплении политической системы общества, а затем даются сведения о словарном значении и некоторых способах понимания понятия «институт». Учитывая различные значения понятия «институт» и соотнося его с исполнительной властью, определено, что правительство – это организация, реализующая законы, правила и положения, принятые в рамках совокупности правовых норм и ее компетенции, и осуществляет свою деятельность в сфере регулирования общественных отношений.

Автор в связи с трактовкой сущности исполнительной власти приводит в качестве примера мнение некоторых известных отечественных и зарубежных ученых, а также кратко описывает в статье содержание данного института. При этом отмечается, что в основе формирования исполнительной власти лежит практическая реализация принципа «разделения властей», а официально первыми примерами этого являются Конституция США и

конституционные документы Французской революции.

Заключительная часть статьи посвящена основному рассматриваемому вопросу – роли исполнительной власти в укреплении политической системы общества. В связи с центральным исследуемым вопросом отмечается, что фактическое выполнение задач исполнительной власти составляет стабильность политической системы того или иного государства. В данной части основное внимание сосредоточено на деятельности, полномочиях и обязанностях Президента Республики Таджикистан, Основателя национального мира и единства-Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона, как главы исполнительной власти и действующего Правительства Республики Таджикистан. Подчеркивается, что эффективность деятельности института исполнительной власти способствует обеспечению стабильности политической системы Республики Таджикистан.

Ключевые слова: институт, исполнительная власть, принцип «разделения властей», демократические страны, политическая система общества, Президент страны, Правительство Республики Таджикистан.

THE ROLE OF THE INSTITUTION OF THE EXECUTIVE POWER IN STRENGTHENING POLITICAL SYSTEM OF SOCIETY

Kalandarzoda K.K.

The article first talks about the significance of the institution of executive power, especially its role in strengthening the political system of society, and then provides information about the dictionary meaning and some ways of understanding the concept of “institution”. Taking into account the different meanings of the concept of “institution” and correlating it with the executive branch, it is determined that the government is an organization that implements laws, rules and regulations adopted within the framework of a set of legal norms and its competence, and carries out its activities in the field of regulating public relations.

In connection with the interpretation of the essence of executive power, the author cites as an example the opinion of some well-known domestic and foreign scientists, and also briefly describes in the article the content of this institution. It is noted that the formation of the executive branch is based on the practical implementation of the principle of “separation of powers”, and officially the first examples of this are the US Constitution and the constitutional documents of the French Revolution.

The final part of the article is devoted to the main issue under consideration - the role of the executive branch in strengthening the political system of society. In connection with the central issue under study, it is noted that the actual implementation of the tasks of the executive branch constitutes the stability of the political system of a particular state. This part focuses on the activities, powers and responsibilities of the President of the Republic of Tajikistan, the Founder of national peace and unity - Leader of the Nation, respected Emomali Rahmon, as the head of the executive branch and the current Government of the Republic of Tajikistan. It is emphasized that the effectiveness of the activities of the executive branch contributes to ensuring the stability of the political system of the Republic of Tajikistan.

Key words: institution, executive power, the principle of “separation of powers”, democratic countries, political system of society, President of the country, Government of the Republic of Tajikistan.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

СТРАТЕГИЯИ ГЕОИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Бедилзода Ҳ. – н.и.с. дотсент, мудири шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
E-mail: kbedilov@mail.ru Тел.: +992907424422

Минтақаи Осиёи Марказиро инкишофи нобаробар вобаста ба як қатор мушкилотҳои мавҷудбуда дар роҳи рушди иқтисодӣ домангир аст. Баъди пошхуриши Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамаи давлатҳои минтақа ба мушкилоти модернизатсияку-нонии иқтисодиёти миллии худ бархурд намуданд. Дар ин давра паст рафтани ММД дар ҳамаи давлатҳо ба чашм мерасид, ки ба азнавсозии соҳаи иқтисодию тиҷоратӣ ва ҳамкорию маблаггузориҳои хориҷӣ вобастагӣ дошт. Аммо аз аввали асри XXI сатҳи рушди бемайлони иқтисодӣ бо пайдо гардидани сармоягузориҳои хориҷӣ, баланд гардидани ҳамгироҳои иқтисодӣ ва иқтисодию тиҷоратӣ ва ҳамкориҳои инвеститсионӣ бо давлати Чин ин минтақаро ба фазои рушдкунанди ҷаҳонӣ мубадал гардонид.

Дар давлати Чин барқарор намудани хатсайрҳои дохилии трансавроосиёгӣ бисёр ҳам муҳим аст. Зеро интиқоли молу маҳсулот тариқи роҳҳои баҳрӣ аз давлати Чин як қатор мушкилотҳои амниятиро ба бор овардааст. Дар ин хатсайрҳо, ки контейнеркашон аз ду "гузаргоҳи танг"-и дарёи Малакка ва канали Суетс мегузарад ва ҳар дуи ин гузаргоҳҳо аз тарафи қудратҳои гарбӣ назорат мешаванд. Ба хотири рақобати Пекин бо давлатҳои гарбӣ метавонад ба бехатарии нақлиёти баҳрии чиниҳо таҳдидҳо эҷод намояд. Аз ин рӯ Пекин аз роҳҳои хушкигарди даврони пешини "Шарқ-Ғарб" ёдовар шудааст, ки ин хатсайр аз минтақаи Осиёи Марказӣ мегузарад.

Калидвожаҳо: *Давлати Чин, Осиёи Марказӣ, геоиқтисодиёт, захираҳо, манфиатҳо, Созмони ҳамкориҳои Шанхай, "Як камарбанд-як роҳ".*

Минтақаи Осиёи Марказӣ аз лиҳози ҷойгиршави геополитики, геоиқтисодӣ ва геостратегӣ нисбати дигар минтақаҳо фарқияти зиёд дошта, ин минтақа дорои захираҳои фаровони таббӣ ва қувваи кори арзон мебошад. Аз ин хотир минтақа таваҷҷуҳ ва рақобати давлатҳои абарқудрат ва пурқудратро ба мисли Чин, Россия, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Ҳиндустон, Туркия ва Эронро ба миён овардааст. Воқеаҳои охири даҳсолаҳои дуюм ва сеюми асри XXI ва махсусан зиёда аз си соли истиқлолияти сиёсии ин давлатҳо, ба бӯҳрон дучор гардидани системаи амнияти дар Осиёи Ҷанубӣ, фаъол гардидани рақобат ва муборизаи акторҳои асосӣ дар ин минтақа, таҳлилгарон ва тадқиқотчиёнро водор месозад, ки ба омӯзиши раванду воқеаҳо диққати махсус намоянд.

Дар давоми зиёда аз 30 соли гузашта дар харитаи геополитикӣ ва геостартегии ҷаҳон як қатор дигаргуниҳо ба чашм мерасад. Низоми дуқутбии пешини ҷаҳон майл ба бисёрқутбӣ намуда ва боз гардиш ба дуқутбии навро дорад. Ҷумҳурии мардумии Чин ба қудрати бузурги иқтсодиёти ҷаҳони мубадал гашта, сиёсати хориҷии худро бо ҳамсояҳои наздикаш фаъол намудааст. Дар қатори ҶМЧ Россия низ намехоҳад, ки мавқеи сиёсии худро дар ин минтақа аз даст диҳад. ИМА бошад бо маблағгузориҳои зиёд талош дорад, ки нуфузи сиёсӣ ва иқтисодии ин ду давлатро дар минтақа коҳиш диҳад.

Дар ҳудудҳои ҳозираи худ минтақаи Осиёи Марказӣ баъди барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ созмон ёфт. Расман созмонёбии он дар вохурии тошкандӣ миёни сарварони сиёсии Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркменистон ва Узбекистон, ки моҳи январи соли 1993

баргузор шуда буд, амалӣ гардид. Дар таърихи нави ҷаҳони баъдидуқутбӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ ин панҷ давлат дохил мегардад.[1. 82-99]

Дар охирҳои асри XX дар архитектураи геостратегии минтақаи Осиёи Марказӣ дигаргуниҳои кулли ба вуҷуд омад. Дар доираи мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ақидаҳое баён шуданд, ки гуё ин оғози "Бозии бузурги нав" буда дар он давлатҳо ба мисли ИМА, Россия, Чин, ИА, Туркия, Эрон ва ғ ҷалб гардидаанд [2.]

Баланд будани мавқеи давлатҳои ҳамсояи Чин ва раванди ташаккулёбии бисёрқутбӣ аз солҳо 90-уми асри XX дар ҷаҳон ва моил гаштани он ба дуқутбии рақобатнок (ин ҷо Чин ва ИМА дар назар дошта шудааст) барои аз сари нав барои "тақсим" намудани таъсиррасони фазои минтақаи Осиёи Марказӣ оварда расонид.

Дар давлати Чин барқарор намудани хатсайрҳои дохилии трансавроосиёгӣ бисёр ҳам муҳим аст. Зеро интиқоли молу маҳсулот тариқи роҳҳои баҳрӣ аз давлати Чин як қатор мушкилотҳои амниятиро ба бор овардааст. Дар ин хатсайрҳо, ки контейнеркашон аз ду "гузаргоҳи танг"-и дарёи Малакка ва канали Суетс мегузарад ва ҳар дуи ин гузаргоҳҳо аз тарафи қудратҳои ғарбӣ назорат мешаванд. Ба хотири рақобати Пекин бо давлатҳои ғарбӣ метавонад ба бехатарии нақлиёти баҳрии чиниҳо таҳдидҳо эҷод намояд. Аз ин рӯ Пекин аз роҳҳои хушкигарди даврони пешини "Шарқ-Ғарб" ёдовар шудаст, ки ин хатсайр аз минтақаи Осиёи Марказӣ мегузарад.

Минтақаи Осиёи Марказӣ нисбатан сатҳи баланди аҳолиро доро мебошад. Дар охири соли 2020 дар ин минтақа 74,5 млн нафар зиндагонӣ мекарданд. [3]

Аз соли 1990 то соли 2019 аҳолиии минтақа 46,1% афзудааст. Мувофиқи пешбиниҳои Созмони Миллалӣ Мутаҳид сатҳи баланди афзоиши аҳоли дар минтақа то соли 2050 метавонад ба 100 млн нафар расад. Дар ин қатор сатҳи афзоиши аҳолӣ ба сатҳи афзоиши иқтисодии минтақа алоқаманд карда намешавад. Аз ҷумла, давлати аз ҳама сераҳолии минтақа Узбекистон ба ҳисоб рафта аҳолии он метавонад ба 42,9млн, баъди ин Қазоқистон аҳолиаш ба 24млн, Тоҷикистон аҳолиаш ба 16,2млн, Қирғизистон аҳолиаш ба 9,1 млн ва охирин Туркменистон аҳолиш ба 7,9 млн баробар шавад. [4]. Дар ҳолати рушди бомароми иқтисодии ин минтақа дар солҳои 2020-2050 метавонад ба бозори дохилии фуруши маҳслоте, ки дар ин давлатҳои ҳамсоя истеҳсол мешавад, табдил ёбад.

Минтақаи Осиёи Марказиро инкишофи нобаробар вобаста ба як қатор мушкилотҳои мавҷудбуда дар роҳи рушди иқтисодӣ домангир аст. Баъди пошхуриии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамаи давлатҳои минтақа ба мушкилоти модернизатсия-кунонии иқтисодиёти миллии худ бархурд намуданд. Дар ин давра паст рафтани ММД дар ҳамаи давлатҳо ба чашм мерасид, ки ба азнавсозии соҳаи иқтисодию савдои ва ҳамкорию маблағгузориҳои хориҷӣ вобастагӣ дошт. Аммо аз аввали асри XXI сатҳи рушди бемайлони иқтисодӣ бо пайдо гардидани инвеститсияҳои хориҷӣ, баланд гардидани ҳамгироҳои иқтисодӣ ва иқтисодию савдои ва ҳамкориҳои инвеститсионӣ бо давлати Чин ин минтақаро ба фазои рушдкунанди ҷаҳонӣ мубадал гардонид.

Таҳлили гардиши савдои хориҷии панҷ давлати Осиёи Марказӣ тамоюли ягонаро нишон медиҳад, ки аз солҳои 90-уми асри XX ҳаҷми савдои хориҷии ин давлатҳо кам гардида ва аввалҳои соли 2000-ум ин ҳаҷмҳо ба таври назаррас боло рафтанд, ки омили асосии он интегратсияи иқтисодӣ ва маблағгузориҳои давлати Чин дар ин минтақа мебошад.

Ба ғайр аз иқтидори нақлиётии ин минтақа, инчунин боз захираҳои бойи таббии ба мисли нафт, газ, ангишт, уран ва дигар канданиҳои фоиданоки ҷалбкунанда аст. Аз ҳама пеш метавон иқтидори гидроэнергетики онро қайд намуд. Дар ҳудуди ин минтқа ду дарёи бузурги Сирдарё ва Амударё ҷорӣ мешавад, ки заминаи асосии иқтидори гидроэнергетикӣ ба ҳисоб меравад. Мавҷудияти биёбонҳо ва нимбиёбонҳои камаҳолӣ, куҳҳо, ҳамвориҳо ва иқлими хушки континенталӣ, инчунин рузҳои зиёди офтобӣ барои истифодаи энергияи "сабзи" бодӣ ва офтобӣ ниҳоят қулай аст. Захираҳои зиёди маъданҳои уран имконияти сохтани стансияҳои атомиро дар ин минтақа муҳаё месозад. Дар Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон

оиди ин масъала муҳокимрониҳо рафта истодааст. [5]

Таҳлилу омӯзиши ин давлатҳо дар алоҳидаги нишон медиҳад, ки ҳар як давлати ин минтақа аз захираҳо бой буда, пурра метавонанд талаботҳои дохилии худро таъмин намуда ва ҳатто барои содирот ба хориҷ молу колои худро пешниҳод намоянд.

Барои мисол, дар Қазоқистон зиёда 50% захираи ҷаҳонии волфрам, 25% уран, 23% хром, 19% сурб, 13% рух, 10% мис ва 10% оҳан мавҷуд аст. Ин кишвар бо нишододи захираи кашфшудаи уран дар ҷаҳон дар ҷой дуюм, бо нишондоди захираҳои мавачудаи нафт дар ҷой ҳафтум ва гази таббии бошад дар ҷой 22-юм қарор дорад.(Маълумотнома)

Ҷумҳурии Узбекистон аз лиҳози нафту газ, урани таббии ва тилло бой мебошад.

Туркманистон низ захираҳои зиёди нафту газ, металлҳои ранга ва дигар канданиҳои фоиданок доро аст.(ҳамон ҷо)

Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба захираҳои об дар ҷаҳон, дар ҷой ҳаштум қарор дошта аз лиҳози истифода ба сари аҳолӣ дар ҷойи аввал қарор дорад. Захираҳои оби он зиёда аз 60% захираҳои минтақаи Осиёи Марказиро ташкил медиҳад, вале то ҳол ин захираҳо дуруст коркард нашудааст. (ҳамон ҷо) Чунин ваъзият дар соҳаи нафту газ низ ба чашм мерасад, аз ин хотир давлатро лозим аст, ки воридоти зиёди захираҳои энергетикиро ба роҳ монад.

Қирғизистон миёни давлатҳои ИДМ вобаста ба захираҳои тилло ва об дар ҷой сеюм, инчунин дар ҷаҳон вобаста ба истеҳсоли симоб дар ҷойи сеюм қарор дорад. (ҳамон ҷо)

Захираҳои зиёди таббии минтақа ва иқтидори он ба сифати алтернативаи мултимодалии коридори нақлиёти дигар марказҳои қудратро ба худ ҷалб менамояд, ки дар навбати аввал ин давлати ҳамсоя Ҷумҳурии мардумии Чин ба ҳисоб мераванд.

Дар соли 1992 давлати Чин яке аз аввалинҳо шуда муносибатҳои дипломатии худро бо давлатҳои ин минтақа барқарор намуд.

Аввлин масъалае, ки барои давлати Чин дар ҳамкориҳои дутарафаи давлатҳои минтақа муҳим ба ҳисоб мерафт ин демаркатсияи сарҳади давлатӣ буд. Давлати Чин сарҳади хеле тулонӣ (қариб 3,7 ҳазор км) бо се давлати минтақа Қирғизистон, Тоҷикистон ва Қазоқистонро дорад.

Дуюмин масъале, ки барои давлати Чин муҳимият дорад, ин таҳдидҳои сепаратистони уйғурӣ дониста мешавад. Барҳам хурдани сохти сотсиалистӣ ва авҷ гирифтани қуввахои демократи дар минтақаи Осиёи Марказӣ барои фаъолияти ташкилотҳои эктсремистии уйғурҳо шароит фароҳам овард. [6.251] Дар солҳои аввали ҳамкориҳо вазифаи асосии давлати Чин ин нигоҳдошти ваъзияти устувори сиёсӣ дар минтақаи Синтзян ба ҳисоб мерафт. [7.49] Аҳолии уйғури ин минтақаи Чин аз лиҳози фарҳангӣ, динӣ ва таърихи қаробатҳои зиёд ба мардуми минтақаи Осиёи Марказӣ дошта ва ин ҳамрангиҳо метавонад хавфҳоро вобаста ба фаъолияти ҳаракатҳои сепаратистӣ дар Синтзян афзояд. Ин минтақа аз 1/6 ҳиссаи ҳудуди давлатро ташкил намуда, захираҳои зиёди углеводородҳо ва 80% пахтаи давлат дар ин минтақа истеҳсол мешавад.

Дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ фосилаи миёни минтақаи ғарбӣ қафомонда ва минтақаи тараққикардаи наздибаҳрии Чин, ки дар он минтақаҳои махсуси иқтисодӣ бо корхонаҳои зиёди истеҳсолӣ барои содирот ба хориҷи кишвар ҷойгир шудааст, афзун гардид. Дар соли 1999 стратегияи инкишофи минтақаҳои ғарбии давлат қабул гардид, ки мақсади асосиаш азхудкунии комплексии қаламрави қафомонда буда, иҷроиши он то соли 2049 дар бар мегирад. Муҳлати иҷроиши ин стратегия дар доираи ташабусҳои “як камарбанд, як роҳ” мувофиқат намуда, нақши муҳими ин минтақаро дар сиёсати иқтисоди хориҷии давлати Чин муайян менамояд.

Ба ғайр аз ин стратегияи икишофи ноҳияҳои ғарбӣ, дар Чин лоиҳаи бо номи “баромад ба хориҷ” амали шуда истодааст, ки мақсади асосии он баланд бурдани ҳаҷми содиротӣ ба хориҷи кишвар аст.

Барномаи инкишоф додани вилоятҳои ғарбӣ “баромад ба хориҷ” ва ҳамроҳ гардидани давлати Чин ба Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат дар соли 2001шароит муҳаё сохт, ки ҳузури иқтисодии худро дар давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мустаҳкам созад. Тарққиёти саноатии давлати Чин талаб мекард, ки таъминоти

улеводородҳо бетахир гузашта аз назорати роҳҳои давлатҳои ғарбӣ таъмин гардад.

Ҳаҷми гардиши мол миёни давлати Чин бо давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аз соли 2000 то соли 2020 бисту панҷ маротиба боло рафта аз 1,5 млрд доллари соли 2000-ум ба 38,6 млрд доллар дар соли 2020-ум расид. Маблағгузориҳои сармояи хусусии хориҷӣ бошад ба 14 млрд доллар баробар шуд. [8]

Шарики асосии давлати Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ ин Ҷумҳурии Қазоқистон ба ҳисоб меравад. Давлати Чин асосан ба соҳаҳои нафту газ, истеҳсоли уран ва металлҳои ранга (мис, волфрам, алюминӣ) таваҷҷуҳ дорад. Дар асри XXI давлати Чин як қатор лоиҳаҳоро вобаста сохтумони инфраструктураи интиқол додани нафти қазоқӣ, аз ҷумла ; соли 2001 сохтумони хатти интиқлои нафти "Кенкияк - Атырау", дар соли 2006 хати интиқоли нафти "Атасу-Алшанкоу", дар соли 2009 хатти интиқоли нафти "Кенкияк-Кумкол" ба истифода дода шуд. Бо дастгири давлати Чин инфраструктураи интиқоли нафти соҳили каспийи Қазоқистон ба минтақаи Синтзяни Чин сохта ба истифода дода шуд. Ба воситаи хатти интиқоли нафти "Қазоқистон-Чин" аз соли 2009 то соли 2021 зиёда аз 150 млн тонна нафт, ба давлати Чин интиқол шудааст. Ба ғайр аз ин дар соли 2017 мувофиқи шарномаи ба имзорасидаи миёни ин давлатҳо барномаи ҳамкориҳои дутарафа дар ҳаҷми 21 млрд доллар амалӣ мегардад. [9]

Ҳаҷми савдо бо Ҷумҳурии Туркменистон баъди ба истифода додани хатти лулаи гази "Қазоқистон- Чин" дар соли 2015 хело боло рафт. Мегапроекти шохаи қазоқистони хатти лулаи гази аз ҳама дарозтарин дар ҷаҳон "Чин-Осиёи Марказӣ"-ро ба истифода доданд, ки таъминоти газро ба воситаи Туркменистон, Узбекистон, Қазоқистон ба Чин амалӣ мегардонад. Дар солҳои 2015-2021 ба воситаи ин лула зиёда аз 380 млрд м^3 гази табби ба давлати Чин интиқол дода шуд. [10]

Солҳо охир дар умум боло рафтани савдо бо ҳама давлатҳои минтақа ба чашм мерасад. Дар Узбекистон ва Қирғизистон давлати Чинро имконоти коркарди тилло, металлҳои сиёҳ ва ранга мутавоҷеҳ сохтаст. Давлати Чинро дар Тоҷикистон коркарди конҳои тилло ва захираҳои бузурги обӣ ҷалб намудааст.

Дар соли 2013 аввалин маротиба дар Осиёи Марказӣ мегастратегияи давлати Чин "Як камарбанд-як роҳ" садо дод. Давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аввалин шуда аъзои "Минтақаи иқтисодии роҳи абрешим" (МИРА) гардиданд.

Бо ёрии молиявии давлати Чин инфраструктураи нақлиётии минтақа навсозӣ гардид. Дар соли 2019 лоиҳаи қазоқиву чинии роҳи автомобилгарди трансконтиненталии "Аврупои Ғарбӣ – Чини Ғарбӣ" ба итмом расид. Роҳи автомобилгарди "Чин-Қирғизистон-Узбекистон" ва "Чин-Тоҷикистон" сохта ба истифода дода шуд. Аз соли 2015 оғоз намуда давлати Чин дар сохтумони роҳи оҳани хатти "Чин- Аврупо", ки берун аз ҳудуди Россия мегузарад сармоягузорӣ намуда, то соли 2022 дар ин хатсайр зиёда аз 25 ҳазор маротиба қатораҳо аз ду тараф рафтуо намуданд. [11]

Нақши боризро дар баланд бурдани ҳаҷми савдои миёни давлати Чин ва Қазоқистон кӯшода шудани нуқтаи назорати сарҳадӣ (ННС) "Хоргос-Алтынкол" дар соли 2012, бо ташкил намудани минтақаи савдои озод мебозад.

Дар соли 2019 дар Ҷумҳури Мухтори Синтзян Уйғур (ҶМСУ) роҳи оҳани "Карамай-Тачэн" ба истифода дода шуд, ки ин роҳи оҳан дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон "Тачэн (ҶМСУ) –Аяғоз (Қазоқистон)" идома меёбад. Ин шохаи сеюми роҳи оҳани миёни ин давлатҳо буда, он метавонад боз як минтақаи савдои озодро дар ННС-и Бакту тахрезӣ намояд.

Пекин муколамаи сиёсии худро бо давлатҳои минтақа на танҳо дар доираи СҲШ мусатҳкам менамояд, инчунин дар формати "Чин+Осиёи Марказӣ"-и низ роҳандозӣ намудааст. Дар соли 2020 формати нави "5+1" ("Осиёи Марказӣ+Чин)" дар сатҳи вазоратҳои корҳои хориҷӣ ба роҳ монда шуд. Дар моҳи январи соли 2022 аввалин маротиба ба таври пахши мусақим саммити сарони давлатҳо гузаронида шуд. Масъалаи асосии ин вохурӣ ҷашни 30-солагии барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ миёни ин кишварҳо буда, аммо дар ҳошияи он давлати Чин хоҳиши на танҳо боло бурдани муносибатҳои иқтисодӣ, инчунин иштироки фаъол

доштан дар муносибатҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар минтақаро баён намуда бо ин мехоҳад таъсири дигар акторҳоро дар минтақа коҳиш диҳад. Аслан давлати Чин рақиби асосии худ дар минтақа Федератсияи Россия ва Ҳиндустонро медонад.

Дар ин саммит тарафҳо изҳор намуданд, ки муносибатҳо ба “давраи сифатан нав” бароварда мешавад. Тарафи давлати Чин изҳор дошт, ки муносибатҳоро бо ин давлатҳо боз ҳам жарфтар месозад. Роҳбари давлати Чин Си Сзинпин оиди барномаи рушди гардиши моли миёни давлатҳо қайд намуд, ки ин нишондод бояд ду баробар боло бурда то соли 2030-ум ҳаҷми он то 70 млрд доллар расонида шавад. [12]

Дар давраи муосир муносибатҳои чинӣ-тоҷикӣ дар асоси маҷмуи ҳамаҷониба ба роҳ монда шудааст. Масалан, дар моҳи июли соли 2024 дар доираи сафари Раиси давлати Чин Си Сизипин ба шаҳри Душанбе, дар вохури бо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарафҳо “Изҳороти муштарак оиди икишофи муносибатҳои шарикии бисёрҷанба ва ҳамкориҳои стратегӣ дар даврони муосир”-ро расонаӣ намуданд, ки дар он сарварони ду давлат ба мувофиқа омаданд то, ки дар ҳамкориҳои наздик дар минбаъд “Стратегияи инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030”-ро бо афзалиятҳои калидии ташаббуси чинӣ “Як камарбанд ва як роҳ” амалӣ намоянд.[13] Дар натиҷаи ин вохӯри миёни давлатҳо 29 созишномаҳои наве, ки соҳаҳои саноат, энергетика, сармоягузориҳои дутарафа, сохтумонҳои инфарструктуравӣ, эътирофи дараҷаҳои илмӣ, инчунин фарҳанг, илм, сайёҳӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад, ба имзо расонида шуд. [14]

Ҳамкориҳои миёни ин давлатҳо дар самти амниятӣ дар доираи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, дар асоси консепсияи мубориза бо “се қувваи бадӣ” – терроризм, экстремизм ва сепаратизм ба роҳ монда шудааст. Барои Тоҷикистон, ки бо Афғонистон сарҳади тулонӣ (1397 км) дорад, нигоҳдошти вазъияти устувор дар мавзеҳои наздисарҳадӣ метавонад самти руззмарраи муколама бо Пекин бошад. Давлати Чин ташаббуси Тоҷикистонро оид ба созмон додани Маркази Антинаркотикии СҲШ дар ш.Душанбе, аз тарафи Пешвои миллат Э. Раҳмон дар соли 2019 пешниҳодгардида дастгирӣ менамояд, ба ғайр аз ин тарафҳо оид ба ҳамкориҳо дар самти пешгири намудани таъсиррасони сиёсии беруна ва ташкил намудани инқилобҳои ранга бо мақсади аз байн бурдани ҳокимиятҳои қонунӣ, гуфтугӯзорҳо доранд.[15]

Давлати Чин дар доираи ҳамкориҳои СҲШ кӯшиш менамояд, ки диди нави худро оиди муносибатҳои байналмилалӣ, ки дар асоси иззату эҳтироми ҳамдигарии ҳамаи давлатҳо, инчунин бо манфиатҳои баробар ҳамкориҳои мутақобиларо ба роҳ монад. Аз чунин нигоҳ, таввақуҳи Тоҷикистон бо фаъол гардонидани ҳамкориҳо бо давлати Чин дар доираи СҲШ ва дастгири намудани ташаббусҳои чинӣ ба чашм мерасад, ки дар ин доира ба Тоҷикистон шароит фароҳам мегардад то дар равандҳои назорати глобалӣ иштироки фаъол дошта бошад.[16]

Маҷмуи савдои миёни ин давлатҳо оғоз аз соли 2020 бо бовари мефзояд, ҳоло он, ки дар давраи пандемияи COVID -19 гардиши моли миёни ин давлатҳо 36,5% коҳиш ёфта буд. Ҳамаги дар давраи солҳои 2020-2023 маҷмуи умумии савдо қариб 4 баробар афзоиш ёфта, аз 1,06 млрд доллари соли 2020 то ба 3,93млрд доллар дар соли 2023 расид. Дар ин қатор бояд ёдовар шуд, ки раванди оҳиста- оҳиста боло рафтани саҳми воридот дар савдо меафзояд, агар дар соли 2016 қимати воридот каме зиёд аз 31 млн доллар бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба сатҳи баландтарини худ расида 382 млн долларро ташкил намуд, ки ин болоравии 10 каратаро дар ин давра нишон медиҳад.

Ба номгӯи асоси воридоти чинӣ маҳсулотҳои мошинсозӣ, либос, маҳсулоти электрикӣ, мошинҳо ва ғайраҳо дохил мегардад. Давлати Чин бошад аз Тоҷикистон маъданҳо, сангҳои қиматбаҳо, пахта, металлҳои ранга, маҳсулоти чармӣ ва ғайраҳоро содирот менамояд. [17]

Давлати Чин барои ворид намудани сифати баланди маҳсулоти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон аҳмияти махсус зоҳир менамояд, зеро ин барои расидан ба мақсади таъмини амнияти озуқавории Чин ниҳоят муҳим аст.

Дар умум барномаи давлати Чин ниҳоят ҳам бузург аст, зеро тарафи чинӣ

мақсад дорад шарики асосии савдои Тоҷикистон дар ҷаҳон бошад.

Самти муҳимтарини ҳамкориҳои ду давлат ин сармоягузориҳои дутарафа дар саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт аз ҷумла вобаста ба барномаҳои амалигардонии ташаббуси “як камарбанд ва як роҳ” ба роҳ монда шудааст. Дар давраи солҳои 2007 то соли 2023 ҳаҷми умумии сармоягузории давлати Чин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,3 млрд долларро ташкил дод, ки ин сармоягузори калидии дар иқтисодиёти кишвар фаҳмида мешавад.

Самтҳои асосии сармоядори ба иқтисодиёти Тоҷикистон инҳо; ҷусутҷӯ ва истихроҷи захираҳои энергетикӣ, бахши сохтумон аз ҷумла сохтумони неругоҳҳои оби баркӣ, инфрасохтори нақлиётӣ, саноати химявӣ, бофандагӣ, агрокоплексӣ ва ғ. Гузашта аз ин давлати Чин асоситарин сарчашмаи ёрирасони гуманитарӣ ба мисли орд, доруворӣ, воситаҳои нақлиётӣ ба ҳисоб меравад. [18] Дар шароити гузариши зина ба зинаи иқтисодиёти Тоҷикистон аз рушди бахши аввалия ба суръат бахшидани истеҳсолоти саноатӣ сармоягузории давлати Чин метавонад воситаи калидии амалишавии чунин гузариш бошад. [19.106-108]

Дастовардҳо дар инкишофи ҳамкориҳои сармоядории миёни ин ду давлат кӯшода шудани як қатор паркҳои саноатӣ, ки муҳимтаринашон инҳо парки индустриалии чинӣ-тоҷикӣ, боғи индустриалии хоҷагии қишлоқ ва бофандагии Роҳи абрешими нав, боғи намоишиии ҳамкориҳои хоҷагидории Чин-Тоҷикистон мебошад.

Дар моҳи ноябри соли 2024 дар шаҳри Левакант парки инноватсионии саноатӣ-технологӣ дар ҳудуди 1,8 га, ки дар худ корхонаҳои шишабарорӣ, хурокворӣ, химиявӣ, мебелӣ ва дигар бахшҳои саноатиро дар бар мегирад ба истифода дода шуд. Лоиҳаи парк бо ёрии мутахассисони чинӣ амалӣ гардид. [20]

Дар мақола масъалаҳои умумии муносибати ВАО (васоити ахбори омма) ва ҷомеа, таъсиргузории он ба ҳаёти сиёсӣ ва фароҳам овардани фазои маърифатӣ дар бораи сиёсат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. ВАО ҳамчун як воситаи асосии паҳн кардани иттилоот дар ҷомеа, нақши муҳим дар таҳаввулоти сиёсии кишварҳо ва таъсиргузорӣ ба шаҳрвандонро дорад. Ин воситаҳо на танҳо хабарҳои марбут ба ҳаводиси сиёсиро паҳн мекунанд, балки онҳоро ҳамчун як оинаи иҷтимоӣ, ки воқеиятҳои сиёсиро инъикос мекунад, нишон медиҳанд.

Зарурати таҳлил кардани таъсири ВАО ба ҳаёти сиёсии ҷомеа ва нақши онҳо дар ташаккул ва ислоҳшавии афкори умумии шаҳрвандонро муаллиф муҳим арзёбӣ намудааст.

Калидвожаҳо: *ВАО, ҳаёти сиёсӣ, иттилоот, ҷомеа, матбуот, ниҳоди иҷтимоӣ, паҳнкунии ахборот, афкори умум.*

Одатан, васоити ахбори омма (ВАО) ба ҳайси як ниҳоди иҷтимоӣ фаҳмида мешавад, ки ҷамъоварӣ, коркард ва паҳнкунии иттилоотро дар миқёси оммавӣ таъмин мекунад. Интизор меравад, ки маълумоти пешниҳодкардаи он ҳатман ба манфиати ҷамъият хизмат намояд. Дар умум бояд тазаккур диҳем, ки паҳншавии ахборот қисми ҷудонопазири иртиботи оммавии маънавии одамон буда, дар марҳилаи муайяни инкишофи инсоният ба вуҷуд омадааст.

Васоити ахбори омма ин шабакаҳои паҳнкунии оперативӣ ва оммавии иттилоот дар байни оммаи васеи аҳолӣ мебошад. Ба воситаҳои ахбори омма (ВАО) рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, замимаҳо, бюллетенҳо, нашрияҳои якдафъаина, ки барои паҳнкунии оммавӣ пешбинӣ шудаанд ва номи доимӣ доранд, инчунин телевизион, радио, кино, видеостудияҳо, сабтҳои аудиовизуалӣ ва барномаҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ, агентиҳои иттилоотӣ, ташкилотҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо, шахсони воқеӣ барои паҳннамоии умумӣ пешбини гардидаанд, дохил мешаванд. Сензураи ВАО иҷозат дода намешавад [1, 13].

Ҳамзамон қайд кардан лозим аст, ки қонунгузории аксари кишварҳо то ҳол ба ВАО субъектҳои паҳнкунии иттилоот тавассути шабакаи интернетӣ дохил карда нашудаанд [1, 59].

Қобили қабул шуда, ки зери мафҳуми «васоити ахбори омма» (ВАО) ин василаҳои паҳнкунии ахбор барои омма – нашрияи даврии чопӣ, радио, телевизион, видео, аудио, кинохроника, оҷонсии иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ, воситаҳои коммуникативӣ (матбуот, радио, телевизион, ҳамчунин сомонаҳои интернетӣ) дар назар дошта мешаванд ва фаъолияти рӯзноманигорон тавассути онҳо амалӣ мегардад [2].

ВАО вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад: иттилоотӣ, таълиму тарбиявӣ, танқид ва назорат, тарзи иҷрои хоҳишҳои иҷтимоӣ, сафарбаркунӣ, яъне ташвиқ ба амали муайяни сиёсӣ. Аз ин рӯ, он имкони бузурги таъсиррасонӣ ба ақлу эҳсоси одамон ва рафтори сиёсиро дорад [3].

ВАО дар ҳаёти инсон нақши калон доранд. Дастрасӣ ба ВАО шарти муҳиммест дар ташаккули рақобат ва таъмини демократия дар ҷомеа. ВАО ба шахс дар маҷмуи нақшҳои иҷтимоии он – ҳамчун шаҳрванд ва оиладор, намояндаи тамоми ҷамъият ва сокини минтақаи муайян муроҷиат мекунад. «Мундариҷаи ВАО тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои шахс бо ҷомеа ва зернизомҳои он, тамоми соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки шахсият ба онҳо дохил мешавад, фаро мегирад» [4,46].

Ҷолиби диққат аст, ки интернет низ акнун ба ВАО табдил ёфтааст. Интернет садҳо рӯзномаҳо, шабакаҳои радио ва телевизиони гуногунро дар бар гирифта, ба ҳамин васила ба аудиторияи умумӣ дастрасӣ пайдо намудааст[5,73].

Устувории низоми сиёсӣ фаъолияти муътадили ниҳодҳои сиёсӣ, қобилияти субъектҳои сиёсӣ дар татбиқи қарорҳои сиёсӣ, намояндагии манфиатҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, аз ҷониби ҷомеа пазируфтани қоидаҳо ва меъёрҳои дар фаъолияти сиёсӣ амалишавандаро дар назар дорад. Дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ нишондиҳандаи муҳими самаранокии фаъолияти низоми сиёсӣ ин сифати гардиши иттилоот дар дохили ҷомеа мебошад.

Аз ин рӯ, таърифҳои мафҳуми «информатсия» дар сиёсатшиносӣ, психология, ҷомеашиносӣ, иқтисод ва ғайра фарқкунанда мебошанд. Дар баробари ин маъмул шудааст, ки сухан аз муқаррароти дар ҷомеашиносӣ арзёбишуда оғоз карда шавад: ВАО ҳамчун сарчашмаи ҳуҷҷатӣ муаррифӣ мешавад. Маълумоти ҳуҷҷатӣ ин маълумотест, ки дар матни дастнавис ё чопӣ, дар формати акс, навор, аудио, дар дискет ва дигар васоити ахбори омма сабт шудааст [6,20].

Дар мавриди ВАО (нашрияҳо, наворҳо, сабтҳои барномаҳои телевизионӣ) маводи аксӣ маълумоти дуюмдараҷа мебошанд. Аломати иттилооти ҳуҷҷатӣ пеш аз ҳама истифодашавӣ дар муоширати иҷтимоӣ, шакли устувор (мавод ё дар барандаи иттилоот) буда, мазмуни семантикии он раванди эҷодӣ мебошад.

Маводҳои ВАО, яъне паёмҳои иттилоотӣ объекти тадқиқот дар бисёр соҳаҳои илмҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Қабл аз дарки усулҳои омӯзиши таъсири расонаҳо ба суботи сиёсӣ, бояд таърифи мафҳуми «матни сиёсӣ» муайян карда шавад. Одатан, матни сиёсӣ дорои тамоми хислатҳои матн аст, вале вижагиҳои он дар маҳдудиятҳои муайян – маҳдудияти мавзуӣ, мавҷуд мебошад [7,91].

Тавре дар боло зикр гардид, мутахассиси дахлдор ба сифати муаллиф (мураттиб)-и матн, аз ҷумла матни сиёсӣ баромад мекунад. Таъсири зарурии матн ба вазъияти сиёсӣ, вазифаҳо, хусусиятҳои психологии муаллиф вобаста буда, бо ворид намудани маълумот ба матн, се қисми асосӣ таъмин карда мешавад.

Мутахассисони соҳаи психология ҷузъҳои зерини матни сиёсиро ҷудо мекунанд:

1) иттилооти эҳсосотӣ-баҳодиҳӣ ба он нигаронида шудааст, ки гирандаи он бояд дастурҳои матнро барои шиносоӣ ва ичро қабул кунад. Муаллиф дар баробари ин аз ишораҳои «хатарҳои эҳтимолӣ», «масъулият» - и ҷиддӣ ва ғайра истифода мебарад;

2) иттилооти зеҳнию маърифатӣ ба қабулкунанда имкон медиҳад, то ки нисбат ба вазъият мавқеи худро муайян кунад. Муаллиф масъул аст, ки тамоми унсурҳои муносибатҳои сиёсиро бо роҳи шарҳи вазъияти сиёсӣ, назорат, хусусиятҳои идоракунӣ ва ғайра, ки ба вазифаҳои қабулкунанда дахл доранд, дуруст тартиб дода, нишон диҳад;

3) ахбороти таҳрикбахшанда — «алгоритмҳо ва тартиби зарурии ҳамкории одамонро бо воқеияти сиёсӣ нишон медиҳад». Барои ба даст овардани натиҷаи зарурӣ ва возеҳ таҳияшуда, муаллифи матн рӯйхати дақиқ ва тартиби қатъии дар ин маълумот мавҷудбударо нишон медиҳад[8,66].

Тавсифи назариявии матни сиёсӣ ҳамчун объекти таҳлил ба мо имкон медиҳад, ки усулҳои мувофиқи таҳқиқи таъсири ВАО-ро муайян намоем. Зарур шуморида мешавад, ки барои омухтани таъсири ВАО ба суботи низоми сиёсӣ муносибати байнисоҳавиро пеша карда шавад. Он гоҳ натиҷаҳои тадқиқот ба мо имкон медиҳанд, ки мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо, тавсияҳо оид ба ислоҳоти дахлдор дар соҳаи сиёсати давлатии иттилоотро таҳия намоем.

Талаботи ҷомеаи муосир ба нашрияҳои даврӣ аз он вобаста аст, ки то кадом андоза ниҳодҳои матбуоти даврӣ ҳамчун воситаи муоширати оммавӣ фаъолият намуда, чунин муносибатҳои иттилоотиро ташкил диҳанд, ки шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва дигар субъектҳои иҷтимоӣ дар равандҳои маърифатӣ имкони иштирок кардан пайдо кунанд. Чунин иртибот бидуни тасвири мукаммалу возеҳ ва воқеъбинона, ки ВАО пешкаш мекунад, ғайриимкон аст. Ин бе инъикоси муносиби нерӯи маънавии ҷамъият, ки дар шароити воқеии ҳаёти гуруҳҳои гуногуни иҷтимоӣ зоҳир мегардад, бе эҷоди маҷмуи нашрияҳо, ки мазмуни онҳо воқеияти

муосирро бо тамоми гуногунрангию пуррагии худ дар асоси воқеият инъикос мекунанд, имконнопазир аст [9,102].

Дар шароити муосир нақш ва мақоми матбуоти даврӣ дар таҷассум ва инъикоси воқеияти ҷомеа муҳим буда, он ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ташаккули мавқеъи муайяни одамон нисбат ба равандҳои гуногун мусоидат мекунад [7,46].

ВАО дар шароити муосир ба ташаккули шуур ва рафтори одамон таъсир расонида, ба воситаи тавонои таъсиррасонӣ ба ниҳодҳои ҳокимият табдил ёфтаанд. Дар чунин вазъият таҷрибаи сиёсӣ нишон медиҳад, ки на танҳо расонаҳои электронӣ, балки худи нашрияҳои даврӣ низ ниёзҳои хоси худро дар ҷомеа доранд, ҳатто теъдоде аз нашрияҳои даврӣ дар солҳои охир даъвои бозингари иттилоотӣ дар фазои сиёсиро доранд.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз рушди воситаҳои гуногуни электронии паҳнкунии иттилоот, дар шароити муосир аксари нашрияҳои даврӣ мавқеи худро аз даст надода, фаъолияти худро идома медиҳанд. Ба андешаи мо, сабаби асосии ин вазъият дар он аст, ки матбуоти даврӣ ин ё он воқеаи сиёсию ҷамъиятӣ ба таври дақиқ таҷассум карда, мавқеи тарафҳои гуногунро нишон медиҳад. Маҳз аз ҳамин сабаб матбуоти даврӣ аудиторияи хонандагонро ба худ ҷалб мекунад.

Дар ҷомеаи муосир, ки онро ҷомеаи иттилоотӣ меноманд, нақши дониш, ахбор ва иттилоот васеъ гардидааст. Ин асос дорад, зеро гирифтани маълумоти бештар дар бораи онҳо барои идоракунии равандҳо ва рӯйдодҳо корро осонтар ва самараноктар мекунад.

Ба шаҳрвардон ва кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ асосан тавассути ВАО иттилооти гуногун дастрас мегардад. Таъсири ВАО ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва тафаккури ҷамъиятию сиёсии одамон ниҳоят зиёд аст. Дар аксари мавридҳо рӯзномаву маҷаллаҳо ҳамчун воҳидҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё воҳидҳои ҳизбҳои сиёсӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ташкил мешаванд. Онҳо бо хусусиятҳои худ аз шаклҳои дигари воситаҳои муошрати сиёсӣ ва ВАО фарқ мекунанд. Матбуот аслан бетарафии сиёсиро ихтиёр намекунад. Таҳлили илмӣ нишон медиҳад, ки матбуоти даврӣ дар саҳифаҳои худ маълумотҳоеро чоп мекунанд, ки мақсади муайян дошта, қувваи муайяни ҷамъиятию сиёсии ин ё он мамлакатро дастгирӣ мекунанд ва камбудию хатоҳои қувваи дигарро ошкор мекунанд.

Матбуоти даврӣ аз ибтидои пайдоиши худ вазифаҳои муҳимро иҷро карда истодааст ва дар шароити муосир ба яке аз ниҳодҳои муҳими ҷамъиятию сиёсӣ табдил шудааст. Дар хар давру замоне, ки матбуоти даврӣ вуҷуд дошт, дар сахифаҳои он масъалаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ ва тараққиёти минбаъдаи мамлакат муҳокима мешуданд.

Таҳлили маъхазҳои илмӣ нишон медиҳад, ки нақш ва аҳамияти унсурҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми сиёсии ҷомеа бузург аст, зеро баҳодиҳии вазъи сиёсӣ, муайян намудани хусусиятҳои асосии раванди сиёсӣ аз мавҷудияти миқдори муайяни маълумот вобаста аст. Маҳз паҳн намудани ахбороти сиёсӣ боиси баланд шудани дараҷаи хабардории тамоми ниҳодҳои сиёсӣ ва ҷамъият мегардад, барои баҳо додан ба вазъияти баамаломада ва муайян кардани самти ташаббус кумак менамояд. Паҳн кардани иттилооти гуногун ин фаъолияти асосии ВАО, аз ҷумла матбуоти даврӣ мебошад.

Аз нигоҳи сиёсӣ, пеш аз ҳама муҳим аст, ки василаҳои дарки ҷаҳон тағйир ёфта, ВАО сиёсати ҷамъиятиро ба раванди матбуот мубаддал карда, онро ба маркази сиёсати давлатӣ табдил диҳад ва дар як маврид тағйироти мувофикро дар раванди муошират ба вуҷуд оварад. Ин боиси тағйир ёфтани нақш ва мақоми коммуникатсия дар раванди сиёсӣ хоҳад гашт. Моҳияти ин тағйирот дар он зуҳур меёбад, ки амалиёти коммуникатсионии мақомот бо субъектҳои иҷтимоӣ ба муайян кардани худи шакли муносибатҳои сиёсӣ табдил меёбад. Муошират унсури сохти низоми сиёсӣ гардида, дар он мавқеи нави онтологиро касб карда, хусусияти техникӣ ва ёрирасони худро гум мекунад.

Фаъолияти ниҳодҳои матбуоти даврӣ ба ҷамъоварӣ ва паҳн кардани иттилооти барои давлат муҳим нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, фаъолияти ниҳодҳои матбуоти даврӣ таҳти назорати мақомоти давлатӣ қарор доранд. Давлат муассисаҳои ВАО-и давлатиро ҳамчун пойгоҳ барои пешбурди сиёсати давлатӣ истифода мебарад.

Нашрияҳои даврӣ ҳаёти сиёсиро таҷассум намуда, бо барномаҳое кор мекунанд,

ки дар фазои сиёсӣ ба вуҷуд омадаанд. Бахши ахбор ба фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, сарвари давлат, ҳизбҳо ва роҳбарони онҳо, муносибатҳои субъектҳои сиёсӣ, сиёсати байналмилалӣ, рӯйдодҳои сиёсӣ ва рӯйдодҳои дохиливу хориҷӣ алоқаманд аст.

Бо мушоҳидаи ҷараёни сиёсӣ ҳар як нашрия мавқеи дидани вазъият ва дигар мушкилотҳо, масалан, таҳлили танқидӣ, омӯзиши доимии мушкилоти ҷомеа, гузариши низоми сиёсӣ, нақши сиёсатмадор ва ғайраро пайдо мекунад. Бояд гуфт, ки дар матбуоти даврӣ бахшҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ назар ба дигар бахшҳо калонҳаҷм буда, дар ошкор намудани вазъияти воқеии имрӯза аҳамияти калон доранд.

Масъалаҳои сиёсӣ ба ҳеҷ ваҷҳ бо масъалаҳои идоракунӣ маҳдуд нашуда, ҳамеша бо масъалаҳои ҷомеавӣ, маданӣ ва соҳаҳои дигари тараққиёт алоқаманданд. Дар матбуоти даврӣ сиёсат тавассути мушкилоти иқтисодӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ баррасӣ мешавад. Пешниҳоди тамоми силсилаи иттилооти сиёсӣ аз рӯи қоидаҳое сурат мегирад, ки барои нашрияҳои даврӣ ҳатмӣ мебошанд, масалан дар хабарҳо, эродҳо ва таҳлилҳо. Усули асосии муайян кардани раванди сиёсӣ таҳлил аст.

Рӯзномаву маҷаллаҳо бо фаъолияти худ дар фазои иттилоотӣ на танҳо иттилооти сиёсиро паҳн мекунанд, балки ҷараёни мураккаби раванди сиёсиро таҳлилу тавзеҳ дода, андешаҳоро дар бораи сиёсат ташаккул медиҳанд. Матбуоти даврӣ мавзуи сиёсиро интихоб карда, онро аз мавқеъҳои гуногун тавзеҳ медиҳад. Нашрияҳои даврӣ воқеаҳои сиёсиро эҷод намекунанд, онҳо нуқтаи назари сиёсиро ба вуҷуд меоранд, ки онро П. Бурде ҳамчун «фазо барои ишғоли мавқеъ»[10,35] муайян кардааст.

Чунин вазъият танҳо дар давлати демократӣ имконпазир аст, ки ҷанбаи муҳими он муколамаи доимии ҳукумат ва ҷомеа мебошад. Дар кишварҳои тоталитарӣ ва авторитарӣ рӯзномаҳо ва матбуоти даврӣ танҳо мавқеъи мақомотро инъикос намуда, барои таҳкими обрӯи синфи ҳукмрон аз воситаҳои гуногуни таъсиррасонӣ истифода мекунанд.

Вобаста ба аҳамияти нақши матбуоти даврӣ дар тарбияи насли наврас муҳаққиқ М.С. Ивченкова таъкид мекунад, ки маҳз ВАО, бахусус матбуоти даврӣ вазифаи паҳн кардани ғояҳо, принсипҳои асосии фарҳанги шаҳрвандиро пешниҳод менамояд [11].

Маҳз матбуоти даврӣ ҳавасмандии одамонро ба фаъолият бедор карда, онҳоро ба фаъолияти мусбат дар ин самт сафарбар мекунад.

Ҳамин тариқ, дар асоси баррасии ҷанбаҳои назариявии матбуоти даврӣ метавон қайд кард, ки дар замони муосир падидаҳои сиёсиро аз нуқтаи назари равандҳои иттилоотӣ, ки ба ҷанбаҳои муайян вобастагӣ дорад, таҳлил кардан зарур аст: аввалан, иттилоот ҳамеша дар матбуот нақши муҳим мебозад; дуюм, паҳнкунии оммавии технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла ВАО ба сохтори ҷомеа таъсири калон мерасонад. Усулҳои кори матбуоти даврӣ бояд аз нуқтаи назари сиёсӣ дида шаванд.

Матбуоти даврӣ ҳамчун як намуди фаъолияти иҷтимоӣ оид ба ҷамъоварӣ, коркард ва паҳнкунии даврии иттилооти дахлдор тавассути шабакаҳои иртиботии оммавӣ, ки як системаи томи дорои пайвандҳои зиёди дохиливу берунӣ ташкил мебошад, дар солҳои охир дигаргуниҳои ҷиддие ба вуқӯъ пайваст ва ба назариячиён имкон дод, ки дар пажуҳиши минбаъда роҳҳои инкишофи онро пайгирӣ намоянд. Роҳҳои минбаъдаи инкишофи матбуоти даврироро дар натиҷаи алоқаманд намудани равандҳои информатсионӣ бо ҳодисаҳои сиёсӣ муайян кардан мумкин аст.

Васоити ахбори омма метавонад таъсири бузурге ба сиёсати иҷтимоии кишвар, мафкураи мардум ва дар маҷмуъ ба ташаккули ҷомеа дошта бошад. Ин воситаҳо метавонанд барои боз ҳам хубтар фаҳмидани руйдодҳои ҷаҳон, ҳамчунин ба ҷалби эътибор ва истиқбол аз идеяҳо кумак расонанд.

Ҳамин тавр, ВАО як воситаи хеле тавоно дар ёдоварӣ, ташаккул ва инъикоси ҳаёти сиёсӣ дар ҷомеа мебошад, ки на танҳо барои огоҳ кардани мардум аз руйдодҳои сиёсӣ, балки барои таъсиргузорӣ ба муҳокимаҳои муҳими сиёсӣ ва рафтори умумии ҷомеа низ нақши калидӣ мебозад.

АДАБИЁТ:

1. Князев А.А. Энциклопедический словарь СМИ. Журналистика и лингвистика, коммуникативистика и право, история журналистики и технологии et cetera: дефи-

ниции, термины, концепции, справочные материалы. Издательство: КРСУ, 2002 г. 164 стр.

2. Восоити ахбори омма. URL: https://tg. wikipedia. org/wiki/. (дата обр. 17.02.2025).

3. Социология журналистики. / Под ред. Е. П. Прохорова. – М.: Изд-во Московского Университета, 1981. – 232 с.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма». 14.02.1990. ш. Душанбе. №199.

5. Информационное общество: Информационные войны. Информационное управление. Информационная безопасность. / Под ред. М.А. Вуса. – СПб. Издательство С. – Петербургского университета, 1999. – 212 с.

6. Социология журналистики. / Под ред. Е. П. Прохорова. – М.: Изд-во Московского Университета, 1981. – 232 с.

7. Репина Е.А. Политический текст: психолингвистический анализ воздействия на электорат. М.: ИНФРА-М, 2012. 91 с.

8. Юрьев А.И. Инженерно-психологическое исследование работы человека с текстом: дисс. … к. психол. н. Л., 1982. 198 с.

9. Ятимов, С.Р. Мақом ва нақши матбуоти даврӣ дар раванди сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... н.и.с: 23.00.02 / Ятимов Собирҷон Рустамович. - Б., 2020. - 150 с.

10.Бурдье П. Социология и демократия // Поэтика и политика. Алманах Российско-французского центра социологии и философии Института социологии Российской Академии наук. –М., 1999. –С. 123.

11. Восоити ахбори омма. URL: https://tg.wikipedia.org/wiki/. (дата обр. 17.02.2025).

РОЛЬ СРЕДСТВА МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ ОБЩЕСТВА

Рахматова Л.

В статье анализируются и обсуждаются общие вопросы взаимоотношений средств массовой информации (СМИ) и общества, их влияния на политическую жизнь, а также создания образовательной среды о политике. Являясь основным средством распространения информации в обществе, средства массовой информации играют важную роль в политическом развитии стран и влиянии на граждан. СМИ не только распространяют новости, связанные с политическими событиями, но и представляют их как социальное зеркало, отражающее политические реалии.

Автор считает важным проанализировать влияние средств массовой информации на политическую жизнь общества и их роль в формировании и реформировании общественного мнения граждан.

Ключевые слова: СМИ, политическая жизнь, информация, общество, пресса, социальный институт, распространение информации, общественное мнение.

THE ROLE OF MASS MEDIA IN THE POLITICAL LIFE OF SOCIETY

Ramatova L.

The article analyzes and discusses general issues of the relationship between the media and society, their influence on political life, and the creation of an educational environment about politics. Being the main means of disseminating information in society, the media play an important role in the political development of countries and influencing citizens. The media not only disseminate news related to political events, but also present them as a social mirror reflecting political realities.

The author considers it important to analyze the influence of the media on the political life of society and their role in shaping and reforming public opinion.

Key words: media, political life, information, society, press, social institution, dissemination of information, public opinion.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МАЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ НАҚШИ ПАРЛУМОН ДАР РАВАНДИ ТАҒЙИПАЗИРИИ СИСТЕМАИ СИЁСИИ ҶОМЕА

Мусоев Э. Р. - докторанти Ph.D институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
E-mail: erajirustam@mail.ru, Тел: (+992 069-69-2222)

Мақола ба таҳқиқи нақши парлумон дар раванди тағйипазирии системаи сиёсии ҷомеа бо истифода аз усулҳои гуногуни методологӣ бахшида шудааст. Парлумон, ҳамчун ниҳоди асосии ҳокимияти давлатӣ, дар тағйипазирии сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ки бо ислоҳоти низоми сиёсӣ ҳамроҳ аст, нақши муҳим дорад.

Дар мақола асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, ки ба равишҳои таърихию эволютсионӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ, сиёсию психологӣ ва ҳуқуқӣ такя мекунанд, баррасӣ мешаванд. Татбиқи ин равишҳо дар таҳлили фаъолияти парлумон ва ҳамкории он бо ҳокимияти иҷроия, судӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ махсусан муҳим мебошад. Ин масъалаҳо кӯмак мерасонанд, то нақши парлумон дар раванди ислоҳот ва рушд комилан фаҳмида шавад.

Мақола зарурати муносибати мураккабро дар таҳқиқи нақши парлумон дар тағйипазирии системаи сиёсӣ, бахусус дар шароити кишварҳои пасошӯравӣ, таъкид мекунад. Тавсияҳо барои такмили фаъолияти парлумонӣ дар шароити муосир пешниҳод карда мешаванд. Таҳлили равишҳои методологии омӯзиши парлумон ба фаҳмиши амиқтари механизмҳои тағйипазирии системаи сиёсӣ ва демократикунонӣ дар кишварҳое, ки давраи гузариши сиёсиро тавриба мекунанд, мусоидат менамояд.

***Калидвожаҳо**: парлумон, тағйипазирии системаи сиёсӣ, равишҳои методологӣ, тағйирёбии институтсионалӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳокимияти иҷроия, ҳокимияти судӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, фарҳанги сиёсӣ, демократикунонӣ, кишварҳои пасошӯравӣ, ислоҳоти қонунгузорӣ.*

Омӯзиши нақши парлумон дар раванди тағйипазирии системаи сиёсии ҷомеа аз лиҳози илмӣ ва амалӣ аҳамияти хосса дорад ва дар доираи таҳқиқоти сиёсатшиносӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Тавре ки Саидов А.М. зикр мекунад, парлумон ҳамчун ниҳоди калидии ҳокимияти давлатӣ дар тағйироти институтсионалӣ, ислоҳоти қонунгузорӣ ва мутобиқсозии системаи сиёсӣ ба шароити нав нақши асосӣ дорад [1, с. 45]. Тағйипазирии системаи сиёсии, ки бо тағйирот дар сохтори ниҳодҳои ҳокимият ҳамроҳ аст, инчунин мутаҳаввили муносибатҳои байни ҳокимияти иҷроия, қонунгузор ва судӣ мебошад.

Тибқи таҳқиқоти Раҳмонов К.Ш., парлумон вазифаи интегратсионӣ дошта, тавозуни институтсионалиро таъмин менамояд, манфиатҳои сиёсиро баён ва муттаҳид мекунад ва механизмҳои устувори намояндагии сиёсиро ташаккул медиҳад [2, с. 89].

Таҳлили нақши парлумон дар раванди тағйипазирии системаи сиёсӣ ба усули байнисоҳавӣ асос ёфта, маҷмӯи методҳои таҳқиқоти сифатӣ ва миқдориро дар бар мегирад:

Таҳлили низомӣ – парлумонро ҳамчун унсури сохтории системаи сиёсӣ баррасӣ намуда, робитаҳои функсионалии онро бо дигар ниҳодҳои ҳокимият ва нақши он дар раванди тағйипазирии системаи сиёсӣ муайян мекунад [3, с. 112].

Таҳлили институтсионалӣ – ба омӯзиши эволютсияи сохторҳои парлумонӣ, тағйирот дар салоҳиятҳо, механизмҳои фаъолият ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои раванди сиёсӣ равона шудааст [4, с. 76].

Таҳлили сиёсиву ҳуқуқӣ – барои таҳқиқи асосҳои меъёрии парламентаризм, арзёбии динамикаи танзими ҳуқуқии фаъолияти парлумон дар контексти ислоҳоти сиёсӣ истифода мешавад [5, с. 94].

Усули таърихию генетикӣ – барои бозсозии ҷараёни ташаккул ва тағйипазирии парлумон дар Тоҷикистон, муайян кардани марҳилаҳои асосӣ ва қонуниятҳои рушди институтсионалии он мусоидат мекунад [6, с. 103].

Усули муқоисавӣ дар илми сиёсатшиносӣ барои таҳлили низомҳои парлумонии давлатҳои гуногун, муқоисаи институтҳои иқтибосшуда ва мутобиқшуда, инчунин омӯзиши хусусиятҳои эволютсияи парлумон дар фазои пасошӯравӣ истифода мешавад. Ин усул дар таҳқиқоти илмӣ имконият медиҳад, ки умумиятҳо ва фарқиятҳои сохторӣ ва функсионалии парлумонҳо муайян карда шаванд, равандҳои мутобиқшавии институтҳои парлумонӣ ба шароити миллӣ таҳлил гарданд ва таъсири омилҳои таърихӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба рушди онҳо баррасӣ шавад [7, с. 68].

Контент-таллил – барои таҳқиқи дискурси сиёсӣ, ки дар стенограммаҳои ҷаласаҳои парлумонӣ, ташаббусҳои қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавии ҳизбҳои сиёсӣ инъикос ёфтааст, татбиқ мешавад [8, с. 119].

Усули мусоҳибаҳои коршиносӣ – барои арзёбии дарки раванди тағйипазирии системаи сиёсӣ ва фаъолияти парлумонӣ аз ҷониби намояндагони ҳокимияти қонунгузор, сиёсатшиносон ва фаъолони ҷамъиятӣ истифода мешавад [9, с. 134].

Ҳамин тариқ, маҷмӯи методологии таҳқиқот ҳам равишҳои назариявию методологӣ ва ҳам усулҳои эмпириро дар бар мегирад, ки барои таҳлили ҳамаҷонибаи нақши парлумон дар раванди тағйипазирии системаи сиёсӣ имкон медиҳад. Тавре ки Юсупов Б.М. қайд мекунад, фаъолияти самарабахши парлумон дар шароити муосири модернизатсияи сиёсӣ на танҳо аз тағйироти ҳуқуқӣ, балки аз фарҳанги сиёсӣ, сатҳи иштироки шаҳрвандон ва ҳамкории он бо дигар ниҳодҳои сиёсӣ вобаста аст [10, с. 142].

Тағйипазирии сиёсӣ ин равандест, ки бо тағйирёбии сохторӣ ва функсионалии институтҳои сиёсӣ, меъёрҳо, фарҳанги сиёсӣ ва сохтори иҷтимоию сиёсӣ тавсиф меёбад. Ин раванд таҷдид ва мутобиқсозии низоми идоракунии давлатиро ба шароити муосир фаро гирифта, метавонад ҳам дар доираи ислоҳоти тадриҷӣ ва ҳам дар натиҷаи тағйипазирии низоми сиёсӣ амалӣ гардад. Парлумон ҳамчун ниҳоди муҳими низоми сиёсии давлат дар ин раванд нақши муассир дошта, заминаи ҳуқуқии рушди устувори равандҳои сиёсиро таъмин менамояд. Он тавассути қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муҳокимаи сиёсӣ ва татбиқи механизмҳои назоратӣ дар танзими раванди тағйипазирӣ саҳм мегузорад. Дар заминаи тағйипазирии системаи сиёсӣ, нақши парлумон дар таҳия ва татбиқи қонунгузории мусоид барои таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва тақвияти иштироки ҷомеа дар равандҳои давлатӣ аҳамияти хос пайдо мекунад.

Таҳқиқи нақши парлумон дар тағйипазирии системаи сиёсӣ истифодаи равиши бисёрсатҳиро талаб менамояд, ки ҷанбаҳои гуногуни таҳлилро дар бар мегирад:

Ҷанбаи институтсионалӣ имкони таҳлили вазифаҳои парлумон, сохтори он ва ҳамкории он бо шохаҳои дигари ҳокимиятро фароҳам меорад. Тавре ки Петров И.И. зикр мекунад, тағйипазирии институтсионалӣ дар фаъолияти парлумон инъикосгари равандҳои муҳими тағйипазирии системаи сиёсӣ мебошад [1, с. 45].

Равиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ таъсири фарҳанги сиёсӣ ва афкори ҷамъиятиро ба фаъолияти парлумон меомӯзад. Ба андешаи Иванов А.А., омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ нақши калидӣ дар дарки ислоҳоти парлумон аз ҷониби ҷомеа ва худи вакилон мебозанд [2, с. 78].

Равиши таърихӣ имконият медиҳад, ки тағйипазирии нақши парлумон дар раванди эволютсияи сиёсӣ пайгирӣ карда шавад. Сидоров В.П. таъкид мекунад, ки таҳаввулоти таърихии парлумон ҳамеша ба тағйироти сохтори сиёсӣ алоқаманд мебошанд [3, с. 93].

Равиши сиёсӣ-психологӣ диққатро ба дарки парлумон аз ҷониби қишрҳои мухталифи иҷтимоӣ ва элитаи сиёсӣ равона мекунад. Козлов М.Г. қайд мекунад, ки дарки нақши парлумон мустақиман ба вазъияти сиёсӣ ва ҳолати афкори умум вобаста аст [4, с. 110].

Равиши таърихӣ-эволютсионӣ фаъолияти парлумонро дар заминаи рушди таърихии низоми сиёсӣ меомӯзад. Ин равиш имкон медиҳад, ки қонуниятҳо ва хусусиятҳои амалкарди парлумон дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ муайян

карда шаванд. Ин махсусан барои кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, аҳамияти хос дорад, ки дар давраи гузариш парлумонаш тағйироти муҳимро аз сар гузаронидааст. Сидоров В.П. зикр менамояд, ки равиши таърихӣ имкон медиҳад марҳилаҳои калидии эволютсияи парлумон ва робитаи онҳо бо тағйипазирии системаи сиёсӣ муайян карда шаванд [1, с. 120].

Таҳлили муқоисавии парлумонҳои кишварҳои гуногун имконият медиҳад, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарқиятҳои нақши онҳо дар раванди тағйипазирии системаи сиёсӣ ошкор карда шаванд. Ин усул барои муайян кардани қонуниятҳои умумибашарӣ ва арзёбии таъсири моделҳои мухталифи системаи сиёсӣ ба фаъолияти парлумон ва нақши он дар раванди тағйипазирӣ муфид аст. Михайлов А.А. таъкид менамояд, ки муқоисаи парлумонҳо дар доираи системаҳои сиёсӣ — аз авторитарӣ то демократӣ — механизмҳое муайян мекунад, ки метавонанд барои беҳтар намудани кори парлумон дар шароити гузариш мутобиқ карда шаванд [2, с. 87].

Равиши институтсионалӣ парлумонро ҳамчун унсури системаи сиёсӣ баррасӣ мекунад, ки дар доираи муҳити институтсионалӣ, аз ҷумла меъёрҳои конститутсионӣ, анъанаҳои сиёсӣ ва механизмҳои ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои давлатӣ фаъолият менамояд. Ин таҳлил ба фаҳмиши беҳтари нақши парлумон дар эҷоди механизмҳои устувори идоракунии сиёсӣ мусоидат мекунад. Юсупов Б.М. қайд менамояд, ки хусусиятҳои институтсионалии парлумон дар таҳкими равандҳои демократӣ ва татбиқи ислоҳот нақши муҳим мебозанд [3, с. 92].

Равиши сиёсӣ-психологӣ муносибати ҷомеа ба институтҳои парлумонӣ меомӯзад ва сатҳи рушди сиёсӣ ва фаъолии шаҳрвандонро таҳлил мекунад. Ин равиш муносибати элитаи сиёсӣ ба парлумонро низ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Тураев Х.А. зарурати таҳлили психологияи сиёсиро дар арзёбии нақши парлумон дар суботи иҷтимоӣ ва самаранокии раванди ислоҳот таъкид менамояд [4, с. 67].

Таҳлили ҳуқуқии фаъолияти парлумон ба омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрҳои конститутсионӣ, ки фаъолияти парлумон ва ҳамкории онро бо сохторҳои дигари давлатӣ танзим мекунанд, равона гардидааст. Ин равиш имконият медиҳад, ки нақши парлумон дар таҳкими демократия, таъмини ҳуқуқи инсон ва муайянсозии ваколатҳои ҳокимият таҳлил карда шавад. Козлов М.Г. қайд менамояд, ки равиши ҳуқуқӣ парлумонро ҳамчун як сохтори танзимгари асосии равандҳои сиёсӣ, аз ҷумла интихоботи демократӣ ва системаи ҳизбиро баррасӣ менамояд [5, с. 112].

Тоҷикистон, ҳамчун кишвари пасошӯравӣ, ки дар давраи гузариш тағйипазирии системаи сиёсӣ ва иҷтимоии назаррасро аз сар гузаронидааст, объекти муҳим барои таҳқиқи нақши парлумон дар давраи гузариш мебошад. Тавре ки Рахмонов К.Ш. таъкид мекунад, парлумон дар Тоҷикистон аз марҳилаи ташаккули институтҳои давлатӣ то раванди ислоҳоти сиёсӣ ва ҳамгироӣ ба ҷомеаи байналмилалӣ таҳаввул ёфтааст [1, с. 103]. Ин раванд бо тағйипазирии ваколатҳои парлумон ва ҳамкории он бо ҳокимияти иҷроия ҳамроҳ буда, аҳамияти худро дар таҳқиқоти сиёсӣ тасдиқ мекунад.

Пажӯҳиши нақши парлумон дар раванди тағйипазирии низоми сиёсӣ, бо истифода аз усулҳои гуногуни методологӣ, барои дарки амиқи таъсири он ба таҳаввулоти сиёсӣ мусоидат мекунад. Истифодаи усулҳои системавӣ, институтсионалӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-генетикӣ, муқоисавӣ, таҳлили мундариҷа ва усули мусоҳиба бо коршиносон имкон медиҳад, ки робитаи парлумон бо дигар институтҳои ҳокимият ва нақши он дар раванди модернизатсияи сиёсӣ амиқ таҳлил карда шавад.

Тағйипазирии институтсионалӣ дар парлумон, ки омили асосии эволютсияи низоми сиёсӣ ба ҳисоб меравад, зарурати омӯзиши рушди сохторӣ ва функсионалии онро дар шароити гуногун ба миён меорад. Таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории парлумон, инчунин заминаҳои таърихии фаъолияти он, имкон медиҳад, ки нақши парлумон дар ҷараёни тағйипазирии низоми сиёсӣ дуруст арзёбӣ гардад.

Ҳамин тариқ, истифодаи равишҳои гуногуни методологӣ барои омӯзиши фаъолияти парлумон дар раванди тағйипазирии системаи сиёсӣ имконият медиҳад, ки қонуниятҳо муайян карда шаванд ва пешниҳодҳои мушаххас барои

беҳтарсозии фаъолияти парлумон таҳия гарданд. Ин таҳлил метавонад дар таҳкими устувории сиёсӣ ва татбиқи ислоҳоти муассир саҳм гузорад.

АДАБИЁТ:

1. Алиев Ш. (2012). Низоми сиёсӣ дар Тоҷикистон ва нақши парламент дар раванди ислоҳот. Душанбе: Маркази тадқиқоти сиёсӣ, с. 64-85.
2. Ҷонсон Д. ва Вебер М. (2017). Ҷанбаҳои ҳуқуқии парламентализм дар раванди ислоҳоти сиёсӣ. Лондон: Нашрияи Карнеги, с. 92-110.
3. Каминский В. (2014). Фарҳанги сиёсӣ дар кишварҳои пасосоветӣ: таъсир ба фаъолияти парламент. Минск: Университети Белорус, с. 55-75.
4. Лейпсик П. (2012). Тағйироти институционалӣ дар кишварҳои пасосоветӣ. СПб: Университети аврупоии Санкт-Петербург, с. 78-92.
5. Паттерсон С. (2015). Парламент ва трансформацияи сиёсӣ. Оксфорд: Университети Оксфорд, с. 112-130.
6. Рейзен Л. А. (2011). Парламент ва раванди демократикунонӣ дар кишварҳои пасосоветӣ. М.: Нашрияи МГУ, с. 27-50.
7. Романов С. (2014). Таҳлили муқоисавии нақши парламент дар трансформацияҳои сиёсӣ дар кишварҳои СНГ. Москва: Академияи илмҳои Русия, с. 135-150.
8. Смит Р. ва Тейлор М. (2011). Низомҳои сиёсӣ ва нақши парламент дар трансформацияи сиёсӣ. Ню-Йорк: Нашрияи Рутледж, с. 88-105.
9. Тимошенко Н. В. (2017). Парламентҳои пасосоветӣ ва трансформацияи сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ. Тошкент: Университети Шарқ, с. 49-60.
10. Шнейдер Ф. (2009). Демократияи парламентӣ: назария ва амал. М.: Нашри илмӣ, с. 45-102.

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИЗУЧЕНИЯ РОЛИ ПАРЛАМЕНТА В ТРАНСФОРМАЦИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ ОБЩЕСТВА

Мусоев Э. Р.

Статья посвящена исследованию роли парламента в процессе трансформации политической системы общества с использованием различных методологических подходов. Парламент как ключевой институт государственной власти играет важную роль в политических и социальных трансформациях, сопровождающихся реформированием политической системы. В статье рассматриваются теоретико-методологические основы исследования, включая историко-эволюционный, сравнительный, институциональный, политико-психологический и юридический подходы. Особое внимание уделено применению этих подходов к анализу функционирования парламента в контексте Таджикистана, а также рассмотрению его взаимодействия с исполнительной и судебной властью, политическими партиями и гражданским обществом. Статья подчеркивает важность комплексного подхода в исследовании парламентской роли в политической трансформации, особенно в условиях постсоветских стран, таких как Таджикистан, и дает рекомендации для улучшения парламентской деятельности в современных условиях. Анализ методологических подходов к изучению парламента способствует более глубокому пониманию механизмов политических изменений и демократизации в странах, переживающих политическую трансформацию.

Ключевые слова: парламент, политическая трансформация, методологические подходы, институциональные изменения, Таджикистан, политическая культура, демократизация, постсоветские страны, законодательные реформы.

METHODOLOGICAL APPROACHES TO THE STUDY OF THE ROLE OF PARLIAMENT IN THE TRANSFORMATION OF THE POLITICAL SYSTEM OF SOCIETY

Musoev E.R.

The article is devoted to the study of the role of parliament in the process of transformation of the political system of society using different methodological approaches. Parliament as a key institution of state power plays an important role in political and social transformations accompa-

nied by the reform of the political system. The article reviews the theoretical and methodological foundations of the research, including historical-evolutionary, comparative, institutional, political-psychological and legal approaches. Special attention is paid to the application of these approaches to the analysis of the functioning of parliament in the context of Tajikistan, as well as to the consideration of its interaction with the executive and judiciary, political parties and civil society. The article emphasizes the importance of a comprehensive approach in the study of the parliamentary role in political transformation, especially in the context of post-Soviet countries such as Tajikistan, and provides recommendations for improving parliamentary activity in modern conditions. The analysis of methodological approaches to the study of parliament contributes to a deeper understanding of the mechanisms of political change and democratization in countries undergoing political transformation.

Key words: parliament, political transformation, methodological approaches, institutional changes, Tajikistan, political culture, democratization, post-Soviet countries, law

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ФАҲМИШИ ИЛМӢ ВА ЭВОЛЮТСИЯИ СИЁСАТИ ФАРҲАНГӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Ҷангибекова С. *– унвончӯи шуъбаи фалсафаи фарҳанги Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, Тел.: 935141672.*

Инқилоби илмӣ-техникие, ки аз солҳои 60-уми асри XX шурӯъ шуда, дар асри XXI дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба арсаи таҳаввули худ расид, ба он мусоидат кард, ки халқияту миллатҳои ҷомеаи муосир ба ҳам наздиқ шаванд ва масоили ҳалталаби ҷомеаро тавассути ҳамкории трафайн, муколамаи фарҳангӣ ва баҳс баррасӣ намоянд. Ба мазмуни дигар, ҳарчанд қарни XXI-ро давраи ташаккул ва таҳаввули воситаҳои техникӣ ва технологияи муосир, рушди илму маориф, фарҳангу санъат, иқтисоду саноат ва ғайра муаррифӣ мекунем, ҳамзамон ин асрро метавон қарни ба тасарруфи худ даровардани сарзаминҳои нав, дастрасӣ ба боигариҳою сарватҳои табиии коркарднашудаи кишварҳои ақибмонда, пайдо кардани манбаҳои нави даромад аз ҷониби абарқудратҳо, ихтироъ ва кашфи сайёраву ситораҳои нав, абзорҳои мухталифи ҷангӣ ва ғайра ҳисобем, ки истифодаи онҳо имрӯз иллати асосии ноороми ва ҷангу низоъҳо дар байни кишварҳои гуногун шуда истодаанд.

Дар робита бо ин андешаҳо муаллиф дар мақолаи мазкур кушидааст, ки аз ҷанбаи илмӣ мафҳуми ҷаҳонишавиро шарҳу тавзеҳ дода, таҳаввули сиёсати фарҳангӣ, бахусус сиёсати фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва тамоилгириҳои онро мушахахс намояд.

Калимаҳои калидӣ: *илм, фарҳанг, тамаддун, сиёсат, ҷаҳонишавӣ, ҷомеаи муосир, муколамаи фарҳангҳо, барҳурди фарҳангҳо, сиёсати фарҳангӣ, технологияи муосир, инқилобӣ илмӣ-фарҳангӣ ва ғайра.*

Ҷаҳонишавӣ зуҳуроти нави ҷомеаи муосир аст, ки маншаи пайдоиш ва таҳаввули он рушди бемайлони илму техника, ки ба ташаккули зеҳни сунъӣ, кашфиёту ихтирои воситаҳои навини технологӣ мусоидат намуда, раванди барҳурди тамаддунҳоро ба вуҷуд овард ва дар натиҷа кишварҳои ҷомеаи башариро ба қутбҳои гуногун тақсим намуд, ба ҳисоб меравад. Ба андешаи ҷомеашиноси тоҷик С.Т.Давлиёрова “Ҷаҳонишавӣ - ин омезишу якҷояшавии тамаддуну фарҳанги ҳалқияту миллатҳои гуногун ё ба ибораи дигар барҳӯрди тамаддунҳо, рушди босуръати соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии давлатҳои мутамаддин мебошад”. **[1, с.187-193]**

Сиёсатшиноси асри XX-уми аврупоӣ Ҳ.Моргентау доир ба масъалаи фаҳмиши маҳуми манфиатҳои миллӣ, моҳият ва арзиши ҳаётии он изҳори назар карда, ба чунин хулоса меояд, ки «Маънои манфиатҳои миллӣ зинда мондан – ҳифзи шахсияти ҷисмонӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ аз таҷовузи дигар давлатҳои миллӣ мебошад... Ба маънои дигар мафҳуми “манфиатҳои миллӣ” - ро ба мафҳуми “манфиатҳои ҳаётӣ” яксон медонад. **[7, с.47-54].**

Аз ин фаҳмиши муҳаққиқ маълум мегардад, ки манфиатҳои миллӣ барои бақои ҳар як давлат муҳиманд, ки онро ҷомеашинос бо мафҳуми “манфиатҳои ҳаётӣ” ё ҳаётан муҳим шабеҳ медиҳад. Воқеан, дар ҷаҳони муосир ин раванд муҳиммияти худро бештар кард, вале ҷаҳонишавӣ бошад, суръати онро рӯз аз рӯз афзун менамояд.

Ба иттилои ҷомеашиноси рус И.В. Новикова “Ҷаҳонишавӣ хусусияти хосси равандҳои тағирёбии сохтори иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, ки ҳамчун маҷмуи хоҷагиҳои миллӣ, ки тавассути системаи тақсимоти байналмилалии меҳнат, муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ бо ҳам, бо роҳи дохилшавӣ ба бозори ҷаҳонӣ ва бо ҳам пайвастани зичи иқтисодиёт дар

заминаи трансмилликунонӣ ва минтақавӣ алоқаманданд, фаҳмида мешавад. Дар ин замина иқтисодиёти бозории ягонаи ҷаҳонӣ – геоэкономика ва инфрасохтори он, коҳиши таъсири соҳибихтиёрии давлат ташаккул меёбад, ки дар давоми садсолаҳои зиёд дар муносибатҳои байналмилалӣ омили асосӣ буд.**[5]**

Аз нигоҳи муҳаққиқон С.И. Кориюшкина ва К.А.Соловьев "Раванди ҷаҳонишавӣ натиҷаи эволютсияи низомҳои бозаргонии давлатӣ мебошад". **[2]**

Ба маълумоти муҳаққиқи тоҷик К.О.Шодиев "дар даҳсолаи аввали асри XXI дар Тоҷикистон ду раванд зиёд ба чашм мерасад. Яке эҳёи фарҳангу анъанаҳои миллӣ ва дигаре зери равандҳои ҷаҳонишавӣ ворид шудани тамаддуни ғайр ва афзалият пайдо кардани онҳо дар Тоҷикистон мебошад. Аммо раванди зинда кардани арзишҳои фарҳанги миллӣ ва тарғиб намудани худшиносии миллӣ бештар ба нафъи Тоҷикистон аст. Дар ин ҷода Тоҷикистон бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда дар мавриди рушду такомули маданият, анъанаҳои миллӣ, забон ва арзишҳои маънавӣ, дину мазҳаби кулли халқу миллатҳои маскуни Тоҷикистон ва ҳифзи ёдгориҳои таъриху фарҳанг, меъморӣ, санъату адабиёт, пешрафти ҳаёти ҷомеа такони нав бахшид ва ин раванд то ба ҳол идома ёфта истодааст". **[6]**

Аз фаҳмиши фалсафӣ падидаи ҷаҳонишавӣ ин "раванди ҳамкории умумибашарӣ, амиқ ва мураккаби кишварҳо ва халқҳо мебошад, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла ба иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг ва технологияҳои иттилоотӣ таъсир мерасонад. Ё худ, дар заминаи фалсафӣ, ҷаҳонишавӣ аксар вақт ҳамчун раванди гузариш ба як инсоният бо тамоми ҷиҳатҳои мусбат ва манфии он ва инчунин ҳамчун чолиш ба моделҳои анъанавии созмони иҷтимоӣ баррасӣ мешавад".**[8]**

Дар асоси таҳлил ва муқоисаи таърифҳои мавҷуда аз дидгоҳи мо, падидаи ҷаҳонишавӣ ё давраи дигаргуниҳои умумиҷаҳонӣ ё глобалӣ аз як тараф, як раванди ба ҳам ҳамгиро шудани соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг ва дин, аз тарафи дигар, вусъат ёфтани бархурди фарҳангҳо мебошад, ки дар муддати начандон тӯлонӣ вазъияти ҷаҳонро ба куллӣ тағйир дод. Ҳамчун раванди куллишавӣ, ташаккули сохторҳо, робитаҳо ва муносибатҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро инъикос дошта, бо фазои умумиҷаҳонӣ, иқтисоди ягонаи умумиҷаҳонӣ, вобастагии умумии экологӣ, иртибототи ҳамафарогир ва ғайра мавриди тавсиф қарор мегирад.

Умуман, ба фаҳмиши васеъ, ки аз ҷониби умум эътироф карда шудааст, ҷаҳонишавӣ илм дар бораи проблемаҳои бузургҳаҷм мебошад, ки ҳар кадоми онҳо аз ҷиҳати сифатӣ, ба таври нав ва торафт бештар ҳам ба шахсият ва ҳам ба инсоният таъсир мерасонад.

Агар дар бораи марҳилаи пайдоишии ин падида таваҷҷуҳ диҳем маълум мегардад, ки аввалин нишонаҳои пайдоиши зуҳуроти ҷаҳонишавиро муҳаққиқон ба охирҳои асри XV, ҳангоме ки кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ оғоз ёфта, ба муҳити ягонаи ҷуғрофӣ ва ҳамзамон, фазои ҷаҳонии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи инсонӣ роҳи нав мекушоянд, нисбат медиҳанд. Дар ин давра таҳаввулоти аз ҳама муҳимми рухдода он буд, ки тасаввуроти то давраи эҳё маъмули заминмарказӣ ҷойи худро ба тасаввуроти офтобмарказӣ иваз намояд. Аз ин рӯ, месазад таъкид дошт, ки ин кашфиётҳо, махсусан пайдоиши назарияи гелиосентрикии олам ба инсоният имконият дод, ки фаҳмиши илмии равандҳои табиӣ – пайдоиши сол, ивазшавии фаслҳои сол, шабу рӯз, тағйирёбии иқлим ва ғайраро аз ҷанбаи илмӣ, ба таври объективӣ шарҳу тавзеҳ диҳанд.

Ба мазмуни дигар, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ исбот кардани куррашаклии олам имкон фароҳам овард, ки инсон бори аввал дар таърихи мавҷудияташ ба сатҳи ҷаҳонии тиҷорату савдо баромада, муносибатҳои тиҷоратиро байни давлатҳо вусъат бахшад, табодули таҷрибаи савдои молу маҳсулотро аз ҷониби одамон ғанӣ гардонад, ба ташаккули фарҳанги бозаргонӣ замина гузорад. Ҳамоҳанг ба ин, ба он мусоидат кард, ки инсон дар миқёси ҷаҳонӣ ба рушди муносибатҳои байналхалқӣ асос гузорад, анъанаҳои миллӣ, арзишҳои моддию маънавии ин ё он халқро бо халқҳои дигар шинос кунонад, аввалин ширкатҳои тиҷоратии байналмилалиро

таъсис диҳад. Аммо таҳаввули раванди мазкур нишон дод, ки дар марҳилаҳои баъдии инкишофи ҷамъият фаъолияти ин ширкатҳо аз доираи салоҳияти тиҷоратии худ берун баромада, барномаи амалашон ба тарҳи таблиғи сиёсати мустамликавӣ табдил ёфт, ки аз ҷониби ниҳодҳои давлатиашон мавриди татбиқ қарор дода шуданд.

Далели тасдиққунандаи ин андешаро раванди оммавии муҳоҷиркунонии теъдоди зиёди ғуломони африкоӣ аз ҷониби мустамликадорон ба Амрико, ба хотири ба таври куллӣ тағйир додани таркиби демографии аҳолии ин кишвар тасдиқ менамояд. Ҳамзамон, як худи ҳамин далел гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ҷаҳонишавӣ аз давраи аввали пайдоиш ва рушди худ бо ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқҳои гуногун робитаи бевосита ва устувор доштааст.

Ба мазмуни дигар, кашфиётҳои бузурги ҷуғрофии асрҳои XV-XVI ҳақиқатан раванди таърихи ҷаҳонро ба куллӣ тағйир дода, ба вусъати тезу тунд ва бемислу монанди сиёсати аврупоиён нисбат ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва ақибмонда оварда расонид. Махсусан, аз ҳамон вақт сар карда, дар баробари зиддиятҳои мавҷудбудаи байни кишварҳои Аврупо, инчунин рақобатҳои онҳо дар мубориза барои мустамликаҳо зам гардид. Ин ба муносибатҳои нави байналхалқии иқтисодӣ ва сиёсӣ, таъсири байниҳамдигарии фарҳангҳои гуногун ва вусъати қувваҳои баҳрии Аврупои Ғарбӣ дар минтақаҳои гуногуни кураи Замин, ки онҳо кашф карда буданд, асос гузошт.

Умуман, дар асоси ин чанд далел месазад қайд кард, ки дар ин давраи вуқуъи тағйироту дигаргуниҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ илм ва дастовардҳои нави илмӣ дар пайдоиш ва рушди равандҳои ҷаҳонӣ нақши асосӣ бозиданд. Дар замони муосир бошад, ба захирагардии дониш ва рушди васоити техникӣ ба он такони ҷиддӣ бахшида шуд, ки дар натиҷа боиси пешрафти илму техника ва инқилоби саноатӣ гардиданд, ки дар ниҳоят қобилиятҳои дигаргунсозии инсон ва муносибати ӯ ба муҳити зист ба куллӣ тағйир ёфт.

Ҳамин тавр, аз мазмун ва мундариҷаи мадракҳои таърихӣ, андешаҳои сиёсатшиносону ҷомеашиносон, файласуфону иқтисодчиён бармеояд, ки аз оғози пайдоиш ҳадафи асосиии падидаи ҷаҳонишавӣ рушди соҳаи бозаргонӣ, тиҷорат фаҳмида мешуд. Махсусан, Карл Маркс дар мактуби худ ба Фридрих Энгелс дар охири соли 1850 ёдовар шуда, навишта буд, ки “акнун бозори ҷаҳонӣ дар ҳақиқат вуҷуд дорад. Бо шомил шудани Калифорниё ва Ҷопон ба бозори ҷаҳонӣ ҷаҳонишавӣ ба вуқуъ омад”. **[3, с.277]**

Шуруъ аз нимаи дуюми асри XIX то миёнаи асри XX бошад, ҷаҳонишавӣ ба сатҳи сифатан гуногуни рушди худ мерасад. Зеро равандҳои ҷаҳонӣ на танҳо соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсат, ҳаёти иҷтимоӣ, балки воситаҳои иртиботу иттилоот, ҳамзамон соҳаи маънавӣ - фарҳанг, илм, фалсафаро дар бар гирифтанд.

Дар маҷмуъ бигӯем, тамоми ҷаҳон ба майдони муборизаи тезу тунд ва тақсим кардани соҳаҳои манфиатҳои кишварҳои абарқудрат ва монополияҳои калон табдил ёфт, ки ин дар ниҳояти кор боиси сар задани Ҷанги якуми ҷаҳон гардид. Давлатҳои зиёде ба таври мустақим ё ғайримустақим дар низоъҳо ва набардҳои ҳарбӣ ширкат менамуданд, зеро вобастагии иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки то он замон дар сатҳи ҷаҳонӣ ташаккул ёфта буд, дигар имкони раҳоӣ аз ҷанг ва таъсиру оқибатҳои онро ба ин кишварҳо намедод. Ин маънои онро дошт, ки аз ин лаҳза таърих - танҳо таърихи кишварҳо ё халқҳои алоҳида буданро қатъ карда, ба таърихи умумиинсонӣ, яъне ҳақиқатан умумиҷаҳонӣ табдил ёфт.

Аз солҳои 70-уми асри XX бошад, ҷаҳонишавӣ ба давраи нави ташаккул ва рушд ворид шуда, гуногунҷанба гардид. Тамоили хосси он дарку фаҳми мардум аз таҳдидҳои ҷаҳонӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ, ҳамзамон, таъсиси ҷомеаи умумиҷаҳонӣ ва самтҳои арзишнок, фарҳанг ва тарзи зиндагии мутаносиби он мебошад. Дар айни замон рушди босуръати инқилоби технологияҳои иттилоотӣ ва ташаккули шуури экологӣ ва глобалӣ (дар баробари шуурҳои устурашиносӣ, динӣ, фалсафӣ ва илмӣ) низ мушоҳида мешавад. Бавижа, ҷаҳонишавӣ бозори ҷаҳониро ба таври назаррас тағйир дод, ки дар он иқтисодиёти миллӣ ба ҷузъҳои ҷудонашавандаи иқтисоди умумиҷаҳонӣ табдил ёфтанд.

Ҳамин тавр, ҷаҳонишавӣ дар фарҳанг тавассути афзоиши муошарати тиҷоратии байналмилалӣ, маъмул гардидани навъҳои алоҳидаи фарҳанги миллӣ дар ҷомеаи инсонӣ, рушди сайёҳии байналмилалӣ, интиқоли осори фарҳангӣ ва санъат дар дигар кишварҳо, зуҳур меёбад. Махсусан, имрӯз иллати асосии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифтани он - суръати тези рушди технологияи муосир мебошад. Чунки ин раванд барои кишварҳои абарқудрат имкониятҳоро ҷиҳати амалӣ кардани сиёсати худ дар миқёси ҷомеаҳои башарӣ ва ба манфиати худ ҳаллу баррасӣ кардани масъалаҳои пайдошудаи ҷомеаи инсонӣ фароҳам оварад. Мисоли равшани онро роҳандозӣ кардани давраи бозсозӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷониби кишварҳои абарқудрати Аврупо ва Амрико тасдиқ мекунад, ки натиҷаи ниҳоии он пошхурии ин давлати абарқудрат мебошад.

Инчунин, баъди пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар кишварҳои тобеи он, ки истиқлолияти сиёсиро ба даст оварда, мустақил шуданд, аз сабаби надоштани зербино ва рубинои мустааҳками давлатдорӣ онҳо дучори мушкилот гардиданд. Бинобар ин, барои абарқудратон шароит созгор гашт, ки дар ин кишварҳо созмону ташкилотҳои ба ном «кумакрасон»-и зиёдеро таъсис диҳанд. Бо баррасӣ ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта раванди ҷаҳонишавиро дар миқёси ин давлатҳо суръат бахшида, мақоми худро мустааҳкам гардонанд.

Бахусус, дар баробари расонидани кумаки моддӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни ин кишварҳои мустақил, инчунин масъулини ташкилоту созмонҳо зарбаи асосиро ба тағйири идеологияи давлатҳо заданд, ки асари номатлуби худро ба вусъат касб кардани парастиши фарҳанги бегона, таъсису ташкили ячейкаҳои хурди ҳаракатҳои экстремистию террористӣ ва ғайра гузошт. Бад-ин минвол ин омилҳо бешак аз роҳҳои татбиқи тактикаҳои стратегияи бузурги «ҳукумати ҷаҳонӣ», ки ҷаҳони сармоя нақшаи онро ҳанӯз асрҳои гузашта кашида буд ва роҳандозии он ҳамон вақтҳо шурӯъ шуда буд, ба ҳисоб мераванд.

Бо вуҷуди ин ҷанбаҳои тамоили манфидошта, ҷаҳонишавӣ паҳлуҳои мусбати зиёде ҷиҳати татбиқи сиёсати фарҳангиро доро мебошад. Аз ҷумла огоҳӣ пайдо кардани мардум аз бозёфтҳо, дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва фарҳангии кишварҳои пешрафта, ворид шудани кишварҳо ба марҳилаи муҳимми рақобати сармоядорӣ ва ҷаҳонишавии тамаддунҳо, пайдо кардани моделҳои рушди ояндаи миллат ва фарҳанг, вусъат бахшидани ҳамкорӣ ва муносибатҳои дипломатӣ дар байни кишварҳо, тақвият додани раванди муколамаи фарҳангҳо, муаарифӣ кардани арзишҳои фарҳанги миллӣ аз ҷониби халқияту миллатҳо дар арсаи байналмилалӣ, ба рӯйихати мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ворид кардани бозёфтҳои таърихии фарҳанги миллӣ ва ғайра аз арзишҳои пазируфташавандаи ин раванд мебошанд. Зеро, фарҳанги миллӣ ҷузъи ҷудонашавандаи ҳувияти ҳар як халқ аст. Маҷмуи арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, анъанаҳо, эътиқодҳо ва меъёрҳои ахлоқии ба як халқи алоҳида хосро дар бар мегирад, то ба ин васила халқиятҳоро аз ҳам фарқ кунонанд. Унсурҳои муҳимми он бошанд, забон, анъанаҳо, урфу одат, дин, арзишҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, эҷодиёти шифоҳӣ ва санъат ва ғайра маҳсуб меёбанд.

Файласуфи тоҷик Н.Назариён **[4]** доир ба масъалаи ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба давлатҳои миллӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқот анҷом дода, бахусус қайд менамояд, ки дар замони муосир кишварҳо ҷиҳати ҳифзи бақои худ ва иштирок дар муносибатҳои байналмилалӣ, барои бунёди се кафолати муҳим вазифадор бошанд: бозори озод дар иқтисод, демократия дар сиёсат ва ҳукумронии арзишҳои либералӣ дар фазои иҷтимоӣ.

Ҳарчанд ба ақидаи муаллиф ин падидаҳо дар давоми таърихи мавҷудияти давлатҳо натиҷаи ташаккули фарҳанг, бархӯрди тамаддунҳо ва бартарият додан ба арзишҳои ҷаҳони Ғарб мебошанд, аммо бо раванди ҷаҳонишавӣ ва тақвияти давлатҳои миллӣ низ зич иртибот доранд. Чунки ҷомеаи имрӯзаро давлатҳо ва миллатҳои зиёд, ки таърихан дорои ҳудуд, аҳолӣ, забон, расму анъана, арзишҳои фарҳангӣ ва ғайра мебошанд, ташкил медиҳад. Дар баробари ин, ҳар як давлат талош меварзад, ки дар ҷомеаи зудтағйирёбандаи муосир аз таъсири ҷаҳонишавӣ ва бархурди фарҳангҳо, аз

мавҷи нооромсозиҳо, аз инқилобҳои сунъии рухдиҳанда маҳсули эҷод ва арзишҳои фарҳангии ниёконашро ҳифз намояд, таҳаввул диҳад ва аз устувории низоми давлатдории худ ҷаҳониёнро ҳушдор намояд.

Бояд зикр дошт, ки ҳадафи давлатҳои миллӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ин мустаҳкам намудани пояҳои давлатдории миллӣ ва пурра дар ихтиёри худ нигоҳ доштани низоми сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, таҳти назорати худ қарор додани бозору иқтисод ва соҳаи тиҷорат метавонад мавқеи давлати миллиро дар арсаи муносибатҳои байналмилалӣ устувор нигоҳ дорад. Аммо бо сабаби афзоиш ёфтани моликияти хусусӣ нисбат ба моликияти давлатӣ ин вазъ метавонад тағйир ёбад.

Инчунин, бо ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ давлатҳои миллӣ мувоҷеҳи бухрони азимӣ фарҳангӣ ва иқтисодӣ мегарданд. Сабаби бурузи ин мушкилот дар истифодаи ТИК, инчунин коркарди иттилоот, истеҳсоли иттилоот, нигаҳдорӣ ва интиқолу истифодаи он зоҳир мегардад.

Доир ба ташаккули технология ва таъсири он ба фарҳанг нуқтаи дигаррро бояд қайд намуд, ки дар заминаи ташаккули технология, фарҳанги миллӣ бо технологияи навтарин омезиш меёбад. Инсонҳо ҷиҳату кору зинадгӣ дар замони муосир, ки ҷаҳони иттилоот ва технология ном дорад, кӯшиш менамоянд фарҳанг ва арзишҳои миллии хешро ба таҳаввулоти технологӣ мутобиқ созанд. Ҳамзамон, дар натиҷаи ҳамоҳанг сохтани фарҳанг бо технология арзишҳои нав ба вуҷуд омада, дар заминаи истифода аз технология он мавқеи ҷаҳониро касб менамояд. Аммо мушкилии асосӣ дар ин самт яъне шакл гирифтани фарҳанги ягонаи глобалӣ дар заминаи ташаккули тафаккури технологӣ дар он аст, ки на ҳама миллатҳо, аз ҷумла тоҷикон ба технологияи навтарин дастрасӣ доранд ва баъзан ҷиҳати пешгирӣ аз зуҳури ҳар гуна арзишҳо таввасути технологияи иттилоотӣ, дастрасӣ ба онро низ маҳдуд месозанд. Аммо дар заминаи ташаккули ҷомеаи иттиллтӣ марҳилаи ташаккули давлатҳои миллӣ ва муқобилияти онҳо дар баробари падидаҳои ҷаҳонишавӣ дер давом нахоҳад кард.

Давлатҳои миллӣ бар асоси миллат, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ ташкил ёфта, ҳастӣ ва соҳибихтиёрии онҳо бо роҳандозии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ, инчунин идоракунии амволи давлатӣ ва навъҳои гуногуни моликият, ҳифзи манфиати ширкатҳои трансмиллӣ дар баробари рақибони хориҷӣ маҳсуб мегардад. Миллатҳо бо таъсиси давлатҳои худ, иқтидори иқтисодии онро афзоиш дода, масири инкишофи худро ҳамчун давлати мустақил муайян намуданд. Дар навбати дигар бо мақсади қавӣ гардонидани иқтидори иқтисодии худ соҳаи тиҷорат ва истеҳсолотро дар заминаи таъсиси ширкатҳои тиҷоратӣ ва ҳамоҳансозии фаъолияти онҳо бо дигар давлатҳо ба роҳ монданд. Бо шакл гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ зери таъсири ҷомеаи иттилоотӣ ин ҷараён шакли дигарро ба худ касб намуда, ба рушди моликияти хусусӣ ва ташаккули фаъолиятҳои хусусияти инфиродидошта, боис гардид.

Дар ҷомеаи муосир рушд ва таҳаввули ТИК яке аз сабабҳои вусъати ҷаҳонишавӣ дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ гардид. Ташаккули бемайлони технологияи муосир ба инсонҳо имкони анҷом додани кори бонкӣ ва аз ҳама муҳим хариду фурӯш, интиқолу қабули иттилоъро дар тамоми олам муҳайё кард ва ба шакл гирифтани бозори ҷаҳонии иттилоотӣ мусоидат намуд. Ба маънии дигар, сабаби аслии афзоиши истеҳсол ва ҷаҳонӣ шудани бозорҳо ин пеш аз ҳама раванди технологияи саноатӣ, ки ба рушди ТИК иртиботи зич дорад, маҳсуб меёбад. Зеро дар раванди истеҳсол, муаррифӣ ва фурӯши маҳсулот, арзишҳои фарҳангӣ - иттилоот бештар нақши калидиро мебозад.

Дар робита бо ин, муҳимтарин қувваҳои пешбарандаи рушди фарҳангро метавон бо омилҳои зерин мушаххас намуд: пешрафти илму техника, дигаргуниву тағйиротҳои сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ, ивазшавии арзишҳои ҷомеа ва ғайра. Бо вуҷуди ин, раванди ҷаҳонишавӣ имкон медиҳад, ки халқҳою миллатҳо новобаста аз мавқеи ишғолкардаи ҷуғрофӣ, дараҷа ва сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ арзишҳои фарҳанги миллии худро ҳифз кунанд, вобаста ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ онҳоро такмил ва мувофиқ гардонанд, тавассути васоити ахбори умум, шабакаҳои иҷтимоӣ ва

дигар усулҳо онҳоро муаррифӣ намоянд ва дар ин замина ҳисси худшиносии мардуми худро тақвият диҳанд.

Ҳамин тавр, сиёсати фарҳангии ҳар як давлат дар рушд ва ҳифзи фарҳанги миллии худ нақши меҳварӣ мебозад. Ин нақш тавассути фазои маҷозӣ, низоми маориф, дастгирии ҳунарҳои миллӣ, расонаҳо, осорхонаҳо ва китобхонаҳо амалӣ карда мешавад. Давлат, инчунин, қонунгузориро дар соҳаи фарҳанг таҳия мекунад, ислоҳоти фарҳангӣ мегузаронад, мероси фарҳангиро ҳифз менамояд. Яъне сиёсати фарҳангӣ бояд таъмингари мувозинати анъанаву навоварӣ ва густариш додани онҳо аз насл ба насл бошанд.

Ниҳоят, таҳлилу муқоисаи андешаву ғояҳои ироадошта собит мекунанд, ки ҷаҳонишавӣ ё худ оламшумулӣ ин раванди ҷаҳонишавии соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангие мебошад, ки дар натиҷаи якҷояшавии доираҳои гуногуни давлатӣ, ҷамъиятӣ ва дар ин замина муттамарказ гардидани тамаддунҳо ба миён меояд. Дар шароити инкишофи босуръати ҷаҳонишавӣ миллатҳо талош мекунанд, ки арзишҳои маънавию фарҳангӣ ва ахлоқии худро аз хатарҳои ҷаҳонишавӣ ҳифз намоянд. Огоҳӣ аз таърихи ниёкон, шинохти марзу буми аҷдодӣ, ҳифзи фарҳанги миллӣ метавонад раҳнамои мо дар арсаи ҷаҳонишавӣ ба сӯйи пирӯзиҳо бошад. Аз ин рӯ, дар ин замина тарбия ва таълими насли ҷавони ҳар як кишвар, ки дорои донишҳои муосир ва лаёқату малакаи касбӣ мебошад, дар назди масъулин ва зиёиён вазифаҳои навро пеш меорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ зери таъсири давлатҳои абарқудрат дар раванди муосири ҷаҳонишавӣ ва рушду инкишоф бо ҳар гуна таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ рӯ ба рӯ шудааст. Ҳифзи арзишҳои миллию фарҳангӣ, ҳимояи Ватан, таъмини амният, суботу оромии ҷомеа вазифаи асосӣ ва масъулияти шаҳрвандии ҳар як нафар мебошад.

Инчунин, бояд таъкид намуд, ки забон рукни муҳим дар ҳувияти миллист. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, дар муқобили тӯфони он истодагарӣ намуда, забони тоҷикиро ҳамчун унсури муҳимми фарҳанг, ки аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ барои кишвари мо маҳсуб мешавад, ҳифз намоем. Зеро, забони тоҷикӣ бо хату адабиёти ғании худ ҷаҳоншумул гардида, дар роҳи таҳкими тамаддуни инсонӣ ва афкори инсонгароии башарӣ нақши арзишманд дорад.

АДАБИЁТ:

1. Давлиёрова С.Т. Ташаккули тарбияи солими ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавии замони муосир//Ахбори ИФСҲ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, №3. - Душанбе – 2023. – С.187-193.
2. Коренюшкина Светлана Ильинична, Соловьев Кирилл Анатольевич. Суверенитет в эпоху глобализации: теория и практика //Общество. Среда. Развитие (Terra Humana). -2015. -№1(34). Архивировано 13 августа 2022 года.
3. Маркс К., Ф.Энгельс. Сочинение, Т.31. – М., 1963. – 675с. – С.277.
4. Назариён Н. Ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба давлатҳои миллӣ/ https://amit.tj/
5. Новикова И. В. Глобализация, государство и рынок: ретроспектива и перспектива взаимодействия. - Мн.: Академия управления при Президенте Республики Беларусь, 2009.
6. Шодиев К.О. Худшиносии миллӣ омили ягонаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити тағйирёбии ҷаҳон/ http://www.dsu.tj/ news/details/160191.
7. Cornelia Navari. Hans Morgenthau and the National Interest. March, 2016. Ethics & International Affairs 30 (01), P. 47-54.
8. https://www.google.com/search.

Таърихи мурочиат: 02.06.2025.

НАУЧНОЕ ПОНИМАНИЕ И ЭВОЛЮЦИЯ КУЛЬТУРНОЙ ПОЛИТИКИ В ГЛОБАЛЬНЫХ УСЛОВИЯХ

Джангибекова С.

Научно-техническая революция, начавшаяся в 1960-х годах и достигшая своего пика во всех сферах общественной жизни в XXI веке, помогла народам и странам современного общества сблизиться и решать насущные общественные проблемы посредством сотрудничества, культурного диалога и дебатов. Другими словами, хотя XXI век представляется как период становления и эволюции современных технических средств и техно-

логий, развития науки и образования, культуры и искусства, экономики и промышленности и т.д., в то же время этот век можно считать веком завоевания новых земель, получения доступа к неиспользованным природным ресурсам и богатствам слаборазвитых стран, открытие сверхдержавами новых источников дохода, изобретение и открытие новых планет и звезд, различных военных орудий и т. д., использование которых сегодня становится главной причиной беспорядков, войн и конфликтов между различными странами.

В связи с этими идеями автор в данной статье предпринял попытку объяснить понятие глобализации с научной точки зрения и выявить эволюцию культурной политики, особенно культурной политики современного таджикского общества, и ее тенденции.

Ключевые слова: наука, культура, цивилизация, политика, глобализация, современное общество, диалог культур, столкновение культур, культурная политика, современные технологии, научно-культурная революция и т.д.

SCIENTIFIC UNDERSTANDING AND EVOLUTION OF CULTURAL POLICY IN GLOBAL CONDITIONS

Dzhangibekova S.

The scientific and technological revolution that began in the 1960s and reached its peak in all spheres of public life in the 21st century has helped the peoples and countries of modern society to come closer together and solve pressing social problems through cooperation, cultural dialogue and debate.

In other words, although the 21st century is presented as a period of formation and evolution of modern technical means and technologies, development of science and education, culture and art, economics and industry, etc., at the same time, this century can be considered the century of the conquest of new lands, gaining access to untapped natural resources and wealth of underdeveloped countries, the discovery of new sources of income by superpowers, the invention and discovery of new planets and stars, various military weapons, etc., the use of which today is becoming the main cause of unrest, wars and conflicts between different countries.

In connection with these ideas, the author in this article made an attempt to explain the concept of globalization from a scientific point of view and to identify the evolution of cultural policy, especially the cultural policy of modern Tajik society, and its trends.

Key words: science, culture, civilization, politics, globalization, modern society, dialogue of cultures, clash of cultures, cultural policy, modern technologies, scientific and cultural revolution, etc.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТЕРРОРИСТИЧЕСКАЯ ГРУППИРОВКА «ВИЛОЯТИ ХУРОСОН» И ЕЕ УГРОЗА ДЛЯ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Шозедов Х.Н. - научный сотрудник отдель политических проблем и международных отношений ИФПП НАНТ

В данной статье автор акцентирует внимание на факт появления и становления в 2015 году в Афганистане террористической организации «Вилояти Хуросон», являющаяся ответвлением МТО ИГИЛ. По его мнению, «Вилояти Хуросон» представляет собой один из ключевых факторов дестабилизации не только в Афганистане, но и в Центральной Азии, включая Россию. В статье рассматриваются предпосылки появления «Вилояти Хуросон», такие как операции в Пакистане и Сирии, а также последствия для безопасности региона. Особое внимание уделено роли различных террористических группировок, включая джамоат «Ансоруллох», которая после прихода в 2021 году к власти в Афганистане движения «Талибан» разместила свои ударные отряды в непосредственной близости от афгано – таджикской границы. В статье также обсуждаются угрозы, исходящие от данной террористической группировки для стран Центральной Азии, включая Таджикистан, и подчеркивается необходимость повышения уровня безопасности и сотрудничества в борьбе с терроризмом.

Ключевые слова: *«Вилояти Хуросон», «Исламское государство Ирака и Леванта», военная операция «Зарби Азб», транснациональная салафитская джихадистская террористическая группировка, джамоат «Ансоруллох».*

Террористическая организация "Вилояти Хуросон" заявившая в 2015 году о своем появлении на территории Афганистана и Пакистана является ответвлением "Исламского государства Ирака и Леванта" (ИГИЛ). Именно эта террористическая организация на сегодняшний день зарекомендовала себя в качестве одного из ключевых акторов, оказывающих дестабилизирующее влияние не только на Афганистан, но и фактически на весь регион Центральной Азии, а также Российскую Федерацию.

Как известно, Афганистан в силу своего геополитического расположения вот уже на протяжении более 40 лет остается ареной вооруженных конфликтов и политической нестабильности. С момента ввода Ограниченного контингента Советских войск в 1979 году и до сегодняшнего дня находится в состоянии постоянного противостояния различных группировок, которые подпитываются заинтересованными региональными и мировыми державами. Активизации деятельности различных террористических группировок, включая "Талибан", "Аль-Каиду", а также террористической организации "Вилояти Хуросон» способствовали развал государственной системы и слабость центрального правительства.

Появление «Вилояти Хуросон»

Как показывает практика, одним из основных предпосылок возникновения на территории Афганистана террористической группировки «Вилояти Хуросон» являются:

- Специальная военная операция Зарби Азб на территории северо – западной зоны племен, особенно в труднодоступных районах Северного Вазиристана:

- операция Военно – космических сил России на территории Сирии.

Войсковая операция «Зарби Азб» началась в 2014 году и была направлена на уничтожение террористических группировок [2], в том числе движения «Талибан», «Техрики талибани Пакистан» и «Аль-Каиды» в приграничных с Афганистаном районах Пакистана. Она оказала

значительное давление на террористические группировки в Пакистане, вынудив многих боевиков международных террористических организаций покинуть обжившие десятилетиями территории Северного Вазиристана и искать убежище в раздираемом хаосом Афганистане.

В экспертных кругах нет единого мнения относительно последствий операции Зарби Азб. Некоторые полагают, что операция ослабила общую угрозу терроризма в регионе, заставив боевиков искать новые базы и ослабив их операционные возможности. Другие же эксперты считают, что боевики, вынужденные покинуть Пакистан, стали активнее действовать на соседней территории, что усилило нестабильность в Афганистане.

По нашему мнению, основной целью пакистанских военных было не столь уничтожение боевиков международно – террористических организаций, сколько их перенаправление на территорию соседнего Афганистана, где Пакистан ведет свою игру.

Наряду с этим, важным поворотным моментом в борьбе с терроризмом на Ближнем Востоке стала операция Военно-космических сил Российской Федерации (ВКС РФ) в Сирии, начатая в сентябре 2015 года. Эта операция имела значительное влияние на стратегическое положение террористических группировок в регионе, включая боевиков из стран Центральной Азии, таких как Узбекистан, Таджикистан, Киргизия и Казахстан. В результате активных действий российской авиации, многие боевики были вынуждены бежать из Сирии, и одной из основных точек их переселения стал Афганистан.

С самого начала операции ВКС России проявили высокую степень эффективности в нанесении ударов по ключевым объектам ИГИЛ, включая командные пункты, тренировочные лагеря, склады боеприпасов и нефтяную инфраструктуру. Интенсивные и точные авиаудары существенно ослабили боевые возможности ИГИЛ, что привело к сокращению их территориального контроля и уменьшению доходов от незаконной продажи нефти.

Существенные потери и утрата территорий в Сирии вынудили боевиков ИГИЛ искать убежище за пределами арабской республики. Террористы начали перемещаться в другие страны, включая Афганистан, где уже с января 2015 года действовал филиал ИГИЛ под названием «Вилояти Хуросон».

Таким образом, террористическая группировка «Вилояти Хуросон» возникла в Афганистане вследствие бегства из Пакистана боевиков «Техрики талибан Пакистан» (ТТП), «Аль-Каиды» и движении «Талибан», а также в результате проведения ВКС России воздушных операций против боевиков ИГИЛ в Сирии, которые вынудили сторонников одноименной террористической организации найти более безопасные страны для своей дальнейшей деятельности. Именно после массовой инфильтрации боевиков вышеназванных группировок на территорию Афганистана, в эту страну, а быть точнее в провинцию Нангархар по указанию руководства «Исламского Государства», из Ирака и Сирии подтянулись игиловские эмиссары. После длительных переговоров с полевыми командирами пакистанских талибов, в январе 2015 года было объявлено о создании на территории Афганистана «Вилояти Хуросон». Эмир «Исламского Государства» Абу Бакр аль-Багдади назначил Хафиза Саидхана первым эмиром «Вилояти Хуросон» и удостоил его титулом «правителя». [1] Следует заметить, что Хафиз Саидхан до своего назначения эмиром афганского филиала «Исламского Государства» занимал должность командира ТТП и курировал операции на территории северо – западных зон племен в Пакистане, а также пользовался большим авторитетом как среди пакистанских, так и афганских талибов, что способствовало вербовке в новообразованные на территории афганской провинции Нангархар вооруженной группировки «Вилояти Хуросон». По утверждению афганского аналитика Ахмада Саиди, отречение Хафиз Саидхана от «Техрики Талибан Пакистан» пришелся аккурат на период первых посещений эммисаров ИГИЛ территории Афганистана, где они планировали установить тесные контакты с отдельными полевыми командирами ТТП [3].

Со дня своего образования и по сей день террористической организацией

«Вилояти Хуросон» руководили такие полевые командиры, как Хафиз Саидхан, Абдул Хасиб, Абу Сайед и Абу Саад Оракзай, которые в период с 2016 по 2018 годы были ликвидированы Соединенными Штатами Америки. Эти лидеры, наряду с руководителями провинциального уровня до присоединения к ИГИЛ, как правило, имели значительный опыт сотрудничества с местными вооруженными группировками, состоящими из граждан Афганистана, Пакистана и стран Центральной Азии.

Нынешний руководитель «Вилояти Хуросон» Саннаула Гафари, известный под псевдонимом Шахаб аль-Мухаджир, в 2020 году был избран в качестве идейного вдохновителя и главной фигуры [4] одноименной транснациональной салафитской джихадистской террористической группировки. Саннаула Гафари уроженец Ирака стал первым гражданином неафганского и непакистанского происхождения, возглавивший «Вилояти Хуросон» за все время его существования [12]. Несмотря на свое иракское происхождение Саннаула Гафари в силу своих экстремистских убеждений еще в юности направился в Афганистан, где вступил в сотрудничество с Аль-Каидой и за свои заслуги был возведен в ранг командира среднего звена террористической сети «Хаккани» [5].

На сегодняшний день боевики террористической группировки «Вилояти Хуросон» активно действуют в таких восточных провинциях как Нангархар, Кунар и Нуристан. Отдельные мелкие группы ведут свою подрывную деятельность и на территории северных провинций Бадахшан, Тахар и Кундуз [6].

Согласно доклада ООН за 2023 год, численность боевиков террористической группировки «Вилояти Хуросон» включая членов их семей составляло «от 4 000 до 6 000». Основной костяк этой группировки составляют граждане Пакистана, Ирана, Азербайджана, Турции, России, Таджикистана, Узбекистана, а также небольшое количество арабских боевиков из Сирии, перебравшихся в Афганистан [7].

«Вилояти Хуросон» можно назвать конгломератом различных вооруженных группировок и движений, состоящих как из радикально настроенных жителей Афганистана и Пакистана, так и террористов из стран Центральной Азии, Китая и арабских монархий, получивших начальный опыт вооруженной борьбы в Сирии и Ираке. Если первоначально одноименная террористическая группировка формировалась на базе таких экстремистских и вахабитских группировок, как «Талибан», сеть Хаккани, «Хизби Ислами», а также «Техрики талибан Пакистан», «Лашкари Тайба», «Джаиши Мухаммад» и «Сипохи Сахаба», то со временем в ее состав вступили боевики из Центральной Азии, включая сторонников «Исламского движения Узбекистана», джамоата «Ансоруллох», «Джандуллох» и уйгурские сепаратисты из «Исламской Партии Восточного Туркестана», которые к моменту появления «Вилояти Хуросон» находились на стадии разгрома.

На сегодняшний день из перечисленных террористическо – экстремистских группировок, представляющих страны Центральной Азии активное сотрудничество с «Вилояти Хуросон» осуществляет джамоат «Ансоруллох». Одноименная группировка была создана в 2010 году жителем Нурабадского района Республики Таджикистан Амриддином Табаровым (мулло Абдулло), который во времена гражданского противостояния являлся одним из полевых командиров террористическо – экстремистской организации «Партия исламского возрождения». На момент создания джамоата «Ансоруллох» ее активными членами были бывшие боевики исламской оппозиции, которые выступали против межтаджикского соглашения, подписанного в 1997 году [8]. После восстановления мира в Таджикистане сторонники джамоата «Ансоруллох» во главе с Амриддином Табаровым отказались возвращаться в Таджикистан и продолжили подрывную деятельность против своей страны с территории Афганистана. После смерти своего основателя Амриддина Табарова, ликвидированного афганскими силами безопасности в 2015 году [9], джамоати Ансоруллох стало стремительно терять свои позиции среди других радикально – экстремистских группировок, что вынудило его руководство встать под крыло движения «Талибан». После захвата власти в Афганистане в 2021 году

преданность боевиков джамоата «Ансоруллох» была высоко оценена руководством талибов, за что им доверили охрану одного из стратегически важных участков афгано – таджикской границы на Дарвазском направлении [10], которое во времена гражданской войны активно использовалось боевиками террористическо – экстремистской группировки для инфильтрации на территорию Республики Таджикистан.

Следует отметить, что сотрудничество с движением «Талибан» используется руководством джамоата «Ансоруллох» для поддержания жизнедеятельности собственных боевиков исключительно на территории соседнего Афганистана, поскольку это движение не рассматривает соседние страны в качестве плацдарма для осуществления своих действий. На самом деле джамоати «Ансоруллох» пытается поддерживать скрытые от талибов контакты с террористической группировкой «Вилояти Хуросон», с которой имеет идеологическую близость. Более того, последняя как известно намерена установить шариатское правление на территории исторического Хуросона, в состав которого некогда входили земли современного Ирана, Таджикистана, Афганистана, Узбекистана и Туркменистана [11]. Обе группировки преследуют общую цель – создание исламского государства по строгим канонам шариата, а их идеология зиждиться на представлении о джихаде как священной войне против «неверных» и тех, кто не придерживается их радикального понимания ислама, включая светские правительства и западные страны.

В данном контексте эти группировки представляют угрозу безопасности Таджикистана, поскольку наша страна имеет самую протяженную линии государственной границы с Афганистаном. С учетом того, что в одноименных группировках состоят граждане нашей страны, существует реальная угроза того, что эти радикальные элементы смогут использовать территорию Афганистана в качестве плацдарма для организации террористических актов на таджикской территории и возможного передвижения в другие страны региона.

В условиях современных вызовов и угроз, исходящих с территории Афганистана, Таджикистану необходимо продолжить усилия по укреплению внутренней безопасности, повышению уровня готовности силовых структур в борьбе с терроризмом в пределах международных и региональных альянсов.

СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ:

1. Федорченко А.В., Крылов А.В. Феномен Исламского государства [текст] / А.В. Федорченко, А.В. Крылов - Вестник МГИМО №2, 2015 - с. 176.
2. Официальный отчет 57-го 69-ой сесии пленарного заседания Генеральной ассамблеи ООН [Электронный ресурс] https:// documents.un.org/ doc/undoc/ gen/ n14/640/66/ pdf/n1464066.pdf? token= uxA6J9A9s U15BW sqQ7&fe=true (дата обращения 11.01.2025)
3. Как ИГИЛ появилось в Афганистане. [Электронный ресурс] https://sangar.info/r/kak-igil-poyavilos-v-afganistane (дата обращения 01. 01. 2025)
4. Санаулла Гафари Официальный сайт правительства Соединенных Штатов Америки. [Электронный ресурс] https:// rewardsforjustice. net/ ru/ rewards/санаулла-гафари/ (дата обращения 15.01.2025)
5. Портрет дня: Шахаб аль-Мухаджир – лидер афганского крыла ИГИЛ [Электронный ресурс] https://echofm.online/portret-dnya/portret-dnya-shahab-al-muhadzhir-lider-afganskogo-kryla-igil (дата обращения 20.01.2025)
6. Россия не может выйти из афганской "большой игры". [Электронный ресурс] https://www.ng.ru/ideas/2023-01-23/7_8641_russia.html (дата обращения 16.02.2025)
7. Портрет дня: Шахаб аль-Мухаджир – лидер афганского крыла ИГИЛ [Электронный ресурс] https://echofm.online/portret-dnya/portret-dnya-shahab-al-muhadzhir-lider-afganskogo-kryla-igil (дата обращения 20.01.2025)
8. Кто такие «Джамаат Ансаруллах» и кому талибы поручили охрану части границы с Таджикистаном? [Электронный ресурс]: https:// rus. azattyq. org/a/taliban-tajik-militants-border/31385228.html (дата обращения 22.02.2025)
9. В Афганистане растет число тренировочных лагерей иностранных террори-

стических группировок – мониторинговая группа ООН [Электронный ресурс] https:// ecrats.org/ru/ security_situation /analysis/ 15566/ (дата обращения 25.02.2025)

10. Талибы доверили охрану таджикского участка границы запрещенной в Таджикистане группировке "Ансоруллах" – Радио Свобода [Электронный ресурс] https://www.currenttime.tv/a/taliby-doverili-ohranu-tadzhikskogo-uchastka-granitsy-zapreschennoy-v-tadzhikistane-gruppirovke-ansorullah-radio-svoboda/31379624.html (дата обращения 23.02.2025)

11. Новый халифат в сердце Азии - в Афганистане в пику талибам активизируется "ИГ-Хорасан" [Электронный ресурс] https:// report.az/ ru/ analitika/novyj-halifat-v-serdce-azii-v-afganistane-v-piku-talibam-aktiviziruetsya-ig-horasan/ (дата обращения 27.02.2025)

12. John Kirby. ISIS, explained by an expert – What to know about the Afghanistan ISIS offshoot that waged a deadly attack at the Kabul airport. Vox (August 27, 2021).

ГУРУХИ ТЕРРОРИСТИИ «ВИЛОЯТИ ХУРОСОН» ВА ТАХДИДИ ОН БА ОСИЁИ МИЕНА

Шоздедов Х.Н

Муаллиф дар ин мақола ба далели зуҳур ва ташаккули созмони террористии «Вилояти Хуросон» дар Афғонистон дар соли 2015, ки як шохаи ДОИШ МТО мебошад, таваҷҷуҳ кардааст. Ба назари ӯ, Вилояти Хуросон яке аз омилҳои аслии ноором кардани субот на танҳо дар Афғонистон, балки дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Русия аст. Дар ин матлаб заминае аз зуҳури Вилояти Хуросон, назири амалиёт дар Покистону Сурия ва паёмадҳо барои амнияти минтақа баррасӣ шудааст. Ба нақши гурӯҳҳои мухталифи террористӣ, аз ҷумла Ҷамоати Ансоруллоҳ, ки пас аз ба қудрат расидани ҷунбиши Толибон дар Афғонистон дар соли 2021 нерӯҳои зарбазани худро дар наздикии марзи Афғонистону Тоҷикистон мустақар кардаанд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Дар ин матлаб ҳамчунин таҳдидҳои ин гурӯҳи террористӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон баррасӣ шуда, бар зарурати афзоиши амният ва ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм таъкид шудааст.

Калидвожаҳо: Вилояти Хуросон, Давлати Исломии Ироқу Шом, Амалиёти низомии Зарби Азб, гурӯҳи террористии фаромиллии Салафия, Ҷамоати Ансоруллоҳ.

THE TERRORIST GROUP "VILOYATI KHUROSON" AND ITS THREAT TO CENTRAL ASIA

Shozedov Kh.N.

In this article, the author focuses on the fact of the emergence and formation of the terrorist organization "Viloyati Khuroson" in Afghanistan in 2015, which is a branch of the ISIS MTO. In his opinion, "Viloyati Khuroson" is one of the key factors of destabilization not only in Afghanistan, but also in Central Asia, including Russia. The article discusses the prerequisites for the emergence of "Viloyati Khuroson", such as operations in Pakistan and Syria, as well as the consequences for the security of the region. Particular attention is paid to the role of various terrorist groups, including the Ansarullah jamoat, which, after the Taliban movement came to power in Afghanistan in 2021, deployed its strike forces in close proximity to the Afghan-Tajik border. The article also discusses the threats posed by this terrorist group to Central Asian countries, including Tajikistan, and emphasizes the need to increase the level of security and cooperation in the fight against terrorism.

Keywords: Viloyati Khuroson, Islamic State of Iraq and the Levant, Zarbi Azb military operation, transnational Salafi jihadist terrorist group, Ansarullah Jamoat.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

НАҚШИ СИЁСАТИ ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ТАТБИҚИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Чилаев Раҳмоналӣ Собирович - Муалими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон Тел:+992 985 25 19 65. E-mail: chillazoda.83@mail.ru

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи масъалаҳои энергетикии Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафҳои рушди устувор дар мамлакат ва хориҷ кишвар, инчунин амалигардаонии стратегияи давлатӣ барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ пурра ва таъмини бехатарии нерӯи барқи аз ҷиҳати экологи тоза.

Сиёсати энергетикӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ барои кишварҳои ҷаҳон соҳаи калидӣ ба ҳисоб меравад ва аз ин рӯ, маҷмааи сӯзишворию энергетикӣ таҳти назорати махсуси давлат қарор дошта, новобаста аз шакли моликияти ширкатҳои энергетикӣ, ба таври ҷиддӣ танзим карда мешавад.

Бо минтақа якҷоя амалисозии масъалаҳои обу энергетика ва таъмини оби нӯшокӣ дар минтақаи Осиё ва давлатҳое, ки ба ин самт ниёз доранд.

Агар аз нуқтаи назари геополитикаи даврони муосир назар афканем, захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз захираҳои энергетикӣ дар минтақа барои рушди ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хело муфид ва назаррас аст.

Калидвожаҳо: *манбаъҳои энергетика, Осиёи Марказӣ, неруи барқ, афзалиятнокӣ, иқтисодиёти сабз, Тоҷикистон, стратегия.*

Масъалаи омӯзиши сиёсати энергетикӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ барои бисёре аз кишварҳои ҷаҳон соҳаи калидӣ ба ҳисоб меравад ва аз ин рӯ, маҷмааи сӯзишворию энергетикӣ таҳти назорати махсуси давлат қарор дошта, новобаста аз шакли моликияти ширкатҳои энергетикӣ, ба таври ҷиддӣ танзим карда мешавад. Тақвияти танзими давлатии соҳаҳои энергетика, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки онҳо амали стратегӣ ба ҳисоб рафта, иқтидори иқтисодӣ ва амнияти миллӣ, инчунин вазъи муҳити зист дар оянда аз сифати он вобаста аст.

Баъд аз пошхурдани Иттиҳоди Шӯравӣ низоми ягонаи энергетикии даҳсолаҳо вуҷуддошта, анъанаҳои ташкили хоҷагидорӣ ва ғ. яку якбора аз байн рафтанд, ки ин барои як қатор давлатҳои фазои пасо шуравӣ мушкилоти зиёдеро ба бор овард. Бояд қайд кард, ки дар замони Шуравӣ мушкилоти энергетикӣ вуҷуд надошт. Нақши захираҳои энергетикии (нафт, газ, ангишт, мазут, барқ) давлати Русия барои давлатҳои Осиёи Миёна ва дигар кишварҳои пасошуравӣ арзи ҳасти дошт дар тӯли даҳсолаҳо амалӣ бояд мегардид. Моҳияти онро мубодилаи оқилона ва мутақобилаи судманди манбаъҳои гидроэнергетикаи барқароршавандаи ва захираҳои сӯзишворию барқарорнашавандаи дигар ҷумҳуриҳое, ки дар амалӣ гардонидани ин нақша иштирок мекардаанд, ташкил медод.

Ҳамчунин барои истеҳсолу ташкил намудани неруи барқ ва аҳолиро бо оби гарм таъин намудан дар фасли сармо, кишварҳои Тоҷикистону Қирғизистон аз газу мазут ва манбаҳои алтернативии кишварҳои дигари Ҳукумати Шуравӣ истифода мекарданд, дар ин замина истеҳсоли неруи барқро дар неругоҳҳои барқии обӣ ба танзим дароварда реҷаи нигоҳдории обанборҳоро нигоҳ медоштанд. Бояд гуфт, ки ба дарёи Вахш дар фасли зимистон дар як сикунди соат 350 куб об медарояд, ва дар фасли тобстон бошад аз 3000 то 3500 куб об ба обанбори неругоҳи барқии обии Норак ворид мегардад. Аз тарафи дигар, дар тобистон интиқоли гази табиӣ, инчунин ангишт ва мазут ба Қирғизистон ва Тоҷикистон ба

таври назаррас коҳиш меёфт. Ин ҷумҳуриҳо бошанд, дар навбати худ, обанборҳои худро ба режими ҳадди аққали об мегузаронданд. Тавлиди неруи барқ аз неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсолшуда, барои таъмин намудани эҳтиёҷоти кишварҳои Осиёи Маркази ва минтақаҳои дигари Россия басанда буд ва имкониятҳои зиёд низ дошт.

Дар баробари ин, Ӯзбекистон, Туркманистон ва як қатор минтақаҳои Қазоқистон (Қазоқистони Ҷанубӣ ва Қирғизистон) обро аз Қирғизистон ва Тоҷикистон мегирифтанд, ки қисми зиёди он барои эҳтиёҷоти соҳаи кишоварзӣ истифода бурда мешуд. Сиёсати энергетикии обӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва махсусан дар фазои минъбадаи кишварҳои Осиёи Марказю Ҷануби яке аз мушкилоти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимои ба ҳисоб рафта, ҳалли он то андозаи зарури ба тақвияти муносибатҳои дуҷонибаи ин кишварҳо ва наздик шудани мақсадҳои онҳо дар ин самт вобастагӣ дорад. Бинобар ин кишварҳои минтақаро зарур аст, ки сиёсати минтақавиро дар самти амният ва муносибатҳои сиёсӣ, пеш бурда, ба ин васила ба рушди маҷмааҳои энергетикӣ пешравиҳои назарас ноил гарданд.

«Яке аз сабабҳои ба кишварҳои ИДМ, алалхусус ба онҳое, ки захираҳои зиёди нафту газ доранд, рӯ овардани ҳам давлатҳои ҳамҷавор ва ҳам абарқудратҳо бузург, аз қабили Туркия, Эрон, Покистон ва Ҳиндустон инчунин кишварҳои араб, ва минтақаҳои бузург Ҷопон, Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, ИМА ва ИА, ки мақсадҳои геополитикӣ ва геосиёсии худро дар ин раванд амалӣ кардан мехоҳанд, барои ҳамин мебошад. Бояд таъкид кард, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ҳисоби захираҳои бузурги сӯзишворию энергетикӣ дар ҷаҳон яке аз мавқеи намоёнро ишғол намуда ва тақрибан беш аз 40% захираҳои нафту газро доро мебошад. Захираҳои аз ҳама бештар, асосан дар қисми ғарбии Қазоқистон ҷой дорад, ки дар он тақрибан 200 кони нафту газ вуҷуд дорад. Туркманистон низ дорои захираҳои бузурги нафт мебошад, ки дар он тақрибан 16 кони нафт мавҷуд аст. Калонтарин чунин конҳо Готурдепе ва Барсагелсес баҳисоб мераванд, ки 65% тамоми нафти Туркманистонро дар бар мегиранд. Тамоми саноати Туркманистон аз истихроҷи нафту газ вобаста аст, ки он 50% талаботи онҳор ташкил медиҳад. Ояндаи бузурге барои Узбекистон дар соҳаи нафт вуҷуд дорад. Дар ин ҷо қариб 150 кони нафт вуҷуд дорад. Онҳо асосан дар минтақаҳои нафту гази Бухоро - Хива, Устюрт, Сурхондарё, Фарғона ва ғайра ҷойгиранд. Захираҳои нафт, газ ва конденсат ба ин кишвар имкон медиҳанд, ки содироти захираҳои энергетикиро ба маротиба афзоиш диҳад. Манбаъҳои нафту газ на дар кишварҳои Осиёи Марказӣ балки дар тамоми ҷаҳон рӯ ба нестшавӣ доранд, аммо энергияи обӣ, офтобӣ ва бодӣ захираҳое мебошад, ки барои кишварҳо ин минтақа зиёд аст ва онҳоро бояд рушд дод [6, 149]».

«Тоҷикистон ва Қирғизистон бошанд, дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ ба ҳар сари аҳолӣ мебошанд. Саноати энергетикии ин кишварҳо дар ИДМ ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Неруи барқиеро, ки дар ин кишварҳо истеҳсол мешавад, метавон ба Русия (солона то 1,5 миллиард кВт), Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Афғонистон, Чин, Покистон ва дигар кишварҳо содирот кард. Захираҳои табиии Осиёи Марказӣ, махсусан захираҳои кони уран, диққати бисёр кишварҳои ҷаҳонро ба худ ҷалб мекунад. Ба андешаи коршиносони Иёлоти Муттаҳида, Иқтидор ва захираи энергетикии минтақа ҳамчун манбаи бузурги сӯзишвории карбогидрид, ки метавонад барои диверсификатсияи захираҳои энергетикии ҷаҳон ва кам кардани дастнигарии онҳо аз таъминоти халиҷи Форс мусоидат намояд, барои мо муфид аст[3, 29]».

Шубҳае нест, ки нуфузи «Русия дар ин ҷода афзоиш хоҳад ёфт, зеро тибқи дурнамоҳои боэтимод тамоюли афзоиши талабот ба гази табиӣ идома меёбад ва ҳиссаи он дар истеъмоли умумии энергия дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон афзоиш хоҳад ёфт. Зикр бояд кард, ки дар хоки кишварҳои ИДМ 23% захираҳои ҷаҳонии ангиштсанг, ки қисми зиёди он дар Русия аст, ҷойгир шудааст ва илова бар ин, дар ИДМ 10% энергияи барқи ҷаҳонӣ истеҳсол мешавад ки мавқеи геополитикии онҳоро қавитар мегардонад [2, 70]».

Коҳиши захираҳои энергетикӣ ва дарёфти манбаъҳои нави онҳо яке аз мушкилоти мубрами ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, дар «ҳисоботи

Шӯрои Миллии ИМА "Дар бораи рушди вазъи ҷаҳон то соли 2015" андешае аст, ки Иёлоти Муттаҳида тавонист то ин вақт бо сабаби афзоиши талаботи истеъмоли энергия дар ин кишварҳои сераҳолӣ, ба монанди давлатҳои Чину Ҳиндустон инчунин ИА, бо буҳрону мушкилиҳои энергетикӣ рӯ ба рӯ шавад. Бо дарназардошти ҳисобҳои тахминӣ захираҳои нафт дар ин минтақа (Осиёи Марказӣ) аз 3 то 20 миллиард тоннаро ташкил медиҳанд, дар стратегияи абарқудратҳои ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама Иёлоти Муттаҳида, ки онро пас аз Халиҷи Форс дувумин ганҷи захираҳои энергетикӣ дар ҷаҳон медонад, мавқеи намоёнро ишғол мекунад [5, 15]».

Як қатор «Олимону таҳқиқотчиёни тоҷик низ ин масъаларо муҳим арзёбӣ намуда, дар корҳои худ аҳамият ва нақши энергетикаро қайд намудаанд

Аз ҷумла К. Шарипова «Қайд кардааст, ки яке аз масъалаҳои муҳими амниятии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба он асос меёбад, ки як қатор кишварҳои минтақа ба истеҳсолкунандагони ашёи хоми карбогидридӣ ва дигарашон бошанд, ба гидроэнергетикӣ мансуб мебошанд. Дар шароити ҳозира баъзе аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ба истифодаи неругоҳҳои барқи обӣ ниёз доранд, дигарашон ба обёрии заминҳо. Ин мушкилот истифодаи дарёҳои минтақаро душвортар мегардонад ва ҳамаи ин метавонад ба муноқишаҳо дар минтақа оварда расонад [7, 106]». Дар ин асос метавон гуфт, ки неруи обии барқароршавандаи Тоҷикистон дар рушди ҳаёти сиёсии минтақа, махсусан Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ ва ҳалли мушкилотҳои он ва ҳамгироии муносибатҳои сиёсӣ, амнияти иктисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад. Агар аз нуқтаи назари геополитикаи даврони муосир назар афканем, захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз захираҳои энергетикӣ дар минтақа барои рушди ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хело муфид ва назаррас аст.

Абдувалиева Н.А. дар таҳқиқоти худ қайд мекунанд, ки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти назаррасро масъалаи таҳияи Стратегияи сиёсати неруи обӣ пайдо мекунад, ки бояд эҳтиёҷ бар захираҳои энергетикиро қонеъ гардонад. Бештар аз ин, Стратегияи мазкур ҳудудҳои имконияҳои содиротии кишварҳои минтақаро дучанд афзоиш дода, нақши минтақаро дар таъмини амнияти байналмилалӣ дар соҳаи энергетика баланд мекунад[1,55]. Чунин дурнамо ба минтақа барои рушди муназзами соҳаҳои асосии иқтисоди ҷаҳонӣ металлургия, мошинсозӣ, саноати сабук, вазнин ва ғайра имконот медиҳад·

Дар шароити афзоиши норасоии глобалии захираҳои энергетикӣ, қайд мекунад Аҷиев Т.А. «аз як сӯ, дастнигарии мутақобилаи энергетикии мамолики Осиёи Марказӣ меафзояд, аз дигар сӯ дар ин асно, мушкилоти ҷиддии то кадом андоза бо энергия таъмин будани баъзеи онҳо ошкор карда мешавад. Дар як қатор кишварҳо афзоиш ёфтани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар соҳаи энергетикаи ба назар мерасад [2, 67]». Илова бар ин, танҳо панҷ кишвари ИДМ қодиранд, ки худро бо маводи зарурии энергетикӣ таъмин кунанд, ҳоло он ки дар боқимонда аз ин кишварҳо эҳтиёҷоти дохилӣ ба неруи барқ аз ҳисоби истеҳсоли неруи худӣ таъмин карда намешавад. Дар ин росто НОБ-и Роғун пурра сохта шуда неруи баркро барои таъмин намудани аҳоли ва ҳалли масъалаҳои минтақа нақши асосиро мебозад ва дар ин раванд зиёд кардани манбаҳои энергетикӣ заминаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро фарохам меорад. Таҳлили таносуби эҳтиёҷот ба намудҳои алоҳидаи интиқолдиҳандаи энергия ва имкониятҳои истеҳсоли онҳо дар давлатҳои миллӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ, бидуни воридоти як ё якчанд намуди энергия, худро таъмин карда наметавонанд. Ин ҳама дар бораи зарурати тақвият додани ҳамкориҳо ва ҳамгироии кишварҳои тавлидкунандаи энергия дар фазои пасошуравӣ ҷиҳати нигоҳ доштани ҳуқуқи худ ба ашёи хом, марказҳои истихроҷи конҳои ангиштсан, қобилияти назорат кардани таъминоти содиротӣ, таҳлилу тадбиқи манфиатҳои миллӣ, инчунин муносибати ҳамаи кишварҳои минтақаи истеъмолкунандагони захираҳои энергетикӣ, барқарорсозӣ ва рушди ҳамкориҳои байни кишварҳои энергетикӣ (барқ, лӯлаҳои нафт, газопроводҳо), ки дар солҳои шуравӣ ба роҳ монда шуда буданд, шаҳодат медиҳанд.

Муаллиф хеле ба маврид таъкид мекунад, ки барои «самараноктар татбиқ намудани ин лоиҳаҳо, дар назди Кумитаи иҷроияи ИДМ таъсис додани як мақомот,

ба монанди Агентии Байналмилалии Энергетика – АБЭ, мувофиқи мақсад мебуд, ки вазифаҳояш метавонд аз ҳалли мушкилоти амнияти энергетикӣ, дарёфти роҳҳои бехтари таъмин намудани кишварҳои узви ИДМ бо захираҳои энергетикӣ иборат бошад. Ба салоҳияти Агентии байнидавлатии энергетикии ИДМ метавонад татбиқи чораҳо оид ба ҷалби манбаъҳои ғайримуқаррарӣ ва барқароршавандаи энергия ба тавозуни энергетикии давлатҳои аъзои ИДМ, ташкили дастгирии шаффофи иттилоотӣ барои рушди комплексҳои энергетикӣ ва барномаҳои ҳифзи энергия вогузор карда шавад. Он, ҳамчунин метавонад таҳияи дастурамалҳои муназзами иттилоотӣ, омӯзиш ва ҷамъбасти пешгӯиҳо, паҳн кардани тафсирҳои таҳлилӣ ва ғ. ба ӯҳда гирад.

Ба ақидаи муаллиф, «вазъи иҷтимоию иқтисодии кишварҳои минтақа мураккаб ва зиддиятнок аст, ки дар хусусияти хос гирифтани орзуҳои сиёсии онҳо нақш мегузорад. Ба андозаи зиёд, онҳо на ҳамчун шарик, балки ҳамчун рақиб, ки бо ҳадафҳои умумӣ муттаҳид шудаанд, амал мекунанд. Барои ширкатҳои ғарбӣ кишварҳои аз нафт бойи ИДМ танҳо ҳамчун манбаи ашёи хом шинохта мешаванд, ки онҳо метавонанд аз онҳо дар кӯтоҳтарин муҳлат фоида ба даст оранд. Дурустии ин ақидаро равона кардани сармояи хориҷӣ на ба соҳаи иҷтимоӣ, на ба соҳаҳои коркард, балки ба соҳаҳои нафту газ тасдиқ мекунад. Давлатҳои Осиёи Марказӣ бояд ҳамкориро тавассути ташкили ҳамкориҳои сиёсӣ дар соҳаи энергетика, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, корхонаҳои муштарак ва дар умум барои ҳамгироии энергетикӣ ба роҳ мемонанд. Ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика бояд заминаи иттиҳоди иқтисодии минтақавӣ бошад, то ин ки мушкилоти бо маъданҳои фоиданок таъмин кардани иштирокчиёни онро ҳал карда, имкониятҳои содиротиро ба таври назаррас васеъ намояд [2, 109]».

Пӯшида нест, ки «дар оянда наздик норасоии нерӯи барқу сӯзишворӣ барои инсоният равшан эҳсос мешавад, чунки ҳаҷми умумии истеъмоли он доимо рӯ ба инкишоф дорад. Ҳамин тавр, дар давраи аз соли 1970 инҷониб истифодаи он ду баробар афзудааст ва мувофиқи баъзе пешгӯиҳото соли 2030 он метавонад 60% афзоиш ёбад. Харидорони калонтарин дар шароити ҳозира ва дар ояндаи наздик Чин, Ҳиндустон, Покистон ва дигар кишварҳои босуръат тараққикунандаи дорои иқтисоди пурхароҷот ба ҳисоб мераванд.Талаботи кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта ҳам ба энергияҳои анъанавӣ, ва ҳам энергияҳои алтернативӣ, дар асоси сӯзишворихои биологӣ, бодӣ, офтобӣ ва ғайра, боз ҳам боло меравад [8, 35]».

Аз ин рӯ, «кишварҳои Осиёи Марказӣ байни худ як қатор санадҳои ҳуқуқии меъёриро дар соҳаи электроэнергетика ва гидроэнергетика қабул ва матраҳ намуда, ки ҳадафи он таъмин намудани таносуби пешомади манбаъҳои энергетикии кишварҳои узви Осиёи Маркази дар равандӣ таҳлили инкишофу рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо, ташкили истеҳсолот, истеъмолот, содирот ва воридоти манбаҳои энергетикӣ мебошад [4, 11]».

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалан ба масъалаи сиёсат ва амнияти энергетикӣ, муввафақияту имкониятҳои дастраси бо истифода аз роҳҳои самараноку самарабахш, ки яке аз онҳо ин гузариши иқтисоди миллӣ ба технологияҳои камхарҷи энергетикӣ ва иқтисоди сабз мебошад, таваҷҷуҳи хосса намудааст.

Ҳамин аст, ки давлатҳои аъзои минтақаи Осиёи Марказӣ ҷанбаи хеле муҳими сиёсати энергетикӣ ин муайян намудани роҳҳои коҳиш додани суръати эҳтиёҷот ба энергия, бидуни оқибатҳои манфӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ба ҳисоб меравад. Дар шароити бухронҳои рушди иқтисодӣ ва норасоии шадиди сармоягузорӣ, инчунин нарасидани асъор барои хариди манбаъҳои энергетикӣ аз хориҷа муҳимтарин роҳи баланд бардоштани сатҳи амнияти энергетикӣ ин хуб ба роҳ мондани самаранокии истифодаи сӯзишворию энергия ва гузаронидани иқтисодиёт ба роҳи сарфаи энергия мебошад. «Бояд қайд кард, ки бо дарназардошти сатҳи таъминоти доимии энергия ва захираҳои мавҷудаи манбаъҳои сӯзишворихои худӣ, сатҳи амният дар миқёси минтақа назар ба тамоми ҷаҳон хуб аст. Дар бахши истихроҷи захираҳои энергетикӣ, таъминоти ҳавзаҳои ИДМ бо ангишт 590 солро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки дар ҷаҳон он ба 213 сол, барои нафт мутаносибан 55 ва 43 сол ва гази табиӣ 77 ва 57 сол баробар аст [9, 16]».

Ҷадвали №1

Захираҳои ошкоршудаи сӯзишвории органикӣ ва иқтидори гидроэнергетикии кишварҳои ИДМ.

Кишвар	Ангиштсанг млн. т.	Нафт млн. т.	Газ млрд. м^3.	Иқтидори гидроэнергетикӣ	
				Техникӣ	Иқтисодӣ
Озарбойҷон	0	161	900	16	7
Арманистон	0	0	10	9	6
Беларус	151	28	3,5	3	0,9
Гурҷистон	400	5	8	68	32
Қазоқистон	34,000	2,980	1,841	63	30
Қирғизистон	895	5	6	99	55
Молдова	0	0	0	1	1
Русия	157,000	6,654	47,700	1,670	850
Тоҷикистон	390	2	6	527	264
Туркманистон	0	75	2,860	5	2
Ӯзбекистон	3,127	81	1,875	27	15
Украина	34,356	217	1,121	24	19
Ҳамагӣ	230,331	10,203	56,330	2,510	1,280

Баланд бардоштани самарабахшии истеҳсоли нерӯи барқ дар асоси манбаҳои алтернативии энергия махсусан аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар оянда қувваи барқ ба миқдори афзоянда ҳамчун интиқолдиҳандаи энергия истифода бурда мешавад. Дар ҷаҳон ва дар ИДМ маъмулан эътироф карда шудааст, ки коэффисиенти электриконии қисми хароҷоти тавозуни энергетикии ҳар як давлат, яъне афзоиши ҳиссаи нерӯи барқ дар истеъмоли ниҳоии энергетикӣ дар ояндаи наздик низ афзоиш хоҳад ёфт, зеро нерӯи барқ дар айни замон маводи таъминоташ устувор, самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ комилан тоза ба ҳисоб меравад.

Дар ин ҷода, ба баланд шудани сатҳи амнияти энергетики Осиёи Марказӣ ва иштирокчиёни алоҳидаи он истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза, аз ҷумла намудҳои ғайримуқаррарии онҳо, пеш аз ҳама энергияи биомасса, офтоб, шамол ва геотермалӣ метавонад мусоидат намояд. Иқтидори ин манбаъҳои энергия ба миқдори назаррас дар ҳар як давлати минтақа мавҷуд аст.

Истифодаи неруи шамол дар миқёси васеъ сатҳи амнияти энергетикиро ба таври назаррас баланд бардошта, ҳамзамон ба ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар бисёр кишварҳои минтақа мусоидат мекунад. Барои рушди устувори энергетикӣ, махсусан дар ҳавзаи Осиёи Марказӣ, ҳамчун аъзои ИДМ ва баъзе кишварҳои дигари Иттиҳод, барои истифодабарандагоне, ки дар минтақаҳои норасоии энергия ҷойгиранд, истифодаи нерӯи офтоб аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамин тариқ, ҳама кишварҳои минтақа, бидуни истисно, бояд саъйи худро ба татбиқи сиёсати сарфаи энергия, махсусан бунёди (модернизатсия) сохтори истеҳсолот ва баланд бурдани сатҳи техникии он, тағйир додани сохтори соҳаҳои иқтисодиёт, зиёд кардани ҳаҷмаи истеҳсоли маҳсулоти серғизо, васеъ намудани шабакаи хизматрасонӣ, кам кардани харҷи истеҳсолоти саноатӣ, ислоҳоти сохтори содирот ва воридот, кам кардани ҳиссаи хароҷоти мудофиа равона кунанд. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарин, ки самаранокии истифодаи энергияро барои ҳар як давлат тавсиф мекунанд, миқёси иқтидори сарфаи энергия мебошад. Дар айни замон, дар кишварҳои минтақа як нерӯи назаррас барои сарфаи энергия ҷамъ оварда шудааст. Натиҷаи ниҳоии он, алалхусус хароҷот барои рушд ва татбиқи минбаъдаи он бояд ба сиёсати гузариши иқтисодиёт ба роҳи каммасрафи истеҳсолот мусоидат намуда, рушди иқтисодиро ҳавасманд кунад ва пешрафтро дар ҳалли мушкилоти мавҷудаи экологӣ таъмин намояд. Дар марҳилаи кунунӣ, таҳкими пайвастаи ҳамкории кишварҳои

Осиёи Марказӣ дар самти сиёсати таъмини амнияти энергетикаи обӣ яке аз омилҳои муайянкунандаи рушд ва мавҷудияти минбаъдаи минтақа мебошад.

АДАБИЁТ:

2. Авласович Е.М. Потребительство как основной мотив жизнедеятельности современной молодежи//Электронный научно-методический журнал Омского ГАУ, 2019. Выпуск №6. file:///C:/Users/%D0%AC%D0%9E%D0%95%D0%9A/Downloads/potrebitelstvo-kak-osnovnoy-motiv-zhiznedeyatelnosti-sovremennoy-molodezhi.pdf
3. Аринина К.И. Абсентеизм в политике: причины и последствия // Ученые Записки Казанского университета. Серия: Гуманитарные науки. 2014. № 156 (1). С. 214–220.
4. Миралиён К.А. file: ///C:/ Users/%D0% AC%D0 %9E%D0% 95% D 0%9A/Downloads /autoref-sostoyanie-i-perspektivy-razvitiya-molodezhnykh-obedinenii-v-sovremennom-tadzhikistane.pdf
5. Меркулов П.А. Региональная государственная молодежная политика: проблемы и перспективы.
6. Орлова В.В.. Луц Ю.А. Региональная молодежная политика в структуре профессиональной социализации молодежи. // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований, 2015, №10 (часть 5). С.917-920
7. Мылтасова О.В. Окно Овертона – угроза развитию общества;
8. Таракановская Е.В. Потребительское поведение российской молодежи в условиях рыночных отношений. М., 2007. 202 с. URL: https://www.dissercat.com/content/potrebitelskoe-povedenie-rossiiskoimolodezhi-v-usloviyakh-rynochnykh-otnoshenii (дата обращения: 09.09.2024).;
9. Трудовая миграция в структуре социально-трудовых отношений в Республике Таджикистан. Душанбе,2016. Министерство труда, миграции и занятости населения РТ, Научно-исследовательский институт труда, миграции и занятости населения.
10. Умаров Х.У. Теневые стороны внешней трудовой миграции. Душанбе, 2008.
11. Власенко Л.В. Роль молодежи в процессах преобразования общества file:///C:/Users/USer/Downloads/rol-molodezhi-v-protsessah-preobrazovaniya-obschestva.pdf
12. Мактаби давлатдории Эмомали Рахмон: масъалахои ташаккул ва рушд. Том 3.Душанбе,2021.506с.
13. Закон Республики Таджикистан «О государственной молодёжной политике», (от 23 июня 2021 г.).
14. Государственная программа «Молодёжь Таджикистана на 2021–2025 годы». – Душанбе: 2021.
15. Стратегия развития молодёжи до 2030 года. – Душанбе: Министерство образования и науки РТ, 2020.
16. Официальный сайт Комитета по делам молодёжи и спорта при Правительстве РТ. – https://moy.tj
17. ЮНЕСКО. Обзор молодёжной политики в Центральной Азии. – Париж: 2021.

ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ҶАВОНОН ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Умарализода Ш.

Мақолаи мазкур кӯшиш менамояд, ки мушкилоти марбут ба татбиқи мақсад ва вазифаҳои сиёсати давлатии ҷавонон, муайян намудани хусусиятҳои ташаккул ва татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Қайд карда мешавад, ки як нуктаи муҳим ҷалби ҷавонон ба корҳои сиёсӣ мебошад.

Муаллифи мақола мушкилоти рушди ҷавононро мавриди баррасӣ қарор дода,

омилҳоеро, ки ба татбиқи минбаъдаи стратегия ва сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷумҳурӣ халал мерасонанд, нишон додааст. Аз ин рӯ, барои иҷрои бомуваффақияти сиёсати ҷавонон, бояд як ниҳоди давлатӣ таъсис дода шавад, ки кор бо ҷавононро ба ӯҳда дошта, таҳти назорати худ қарор диҳад.

Калидвожаҳо: стратегия, сиёсати давлатӣ, татбиқ, сиёсати давлатии ҷавонон, ҷомеа, ҷавонон, давлат, табақаҳои иҷтимоӣ, шуури сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ, санадҳои ҳуқуқӣ.

IMPLEMENTATION OF STATE YOUTH DEVELOPMENT PROGRAMS DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Umaralizoda Sh.

This article makes an attempt to consider the problems associated with the implementation of the goals and objectives of the state youth policy, identifying the features of its formation and implementation in the conditions of the Republic of Tajikistan. It is noted that an important point is to attract young people to political activities. The author of the article examines the problems of youth development and points out factors that impede the further implementation of the strategy and state youth policy in the republic. Therefore, in order for youth policy to successfully fulfill its tasks, it is necessary to create a certain state institution that will be responsible for working with youth and will take control.

Key words: strategy, state policy, implementation, state youth policy, society, youth, state, social classes, political consciousness, political activity, legal acts.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

СОТСИОЛОГИЯ

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ СОТСИОЛОГИЯ ҲАМЧУН ИЛМ

Кахоров Г.Г. – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
E-mail: qahorov1949@gmail.com. Телефон: (+992) 93 774 59 00.

Дар мақолаи мазкур давраҳои ташаккули сотсиология ҳамчун илм баррасӣ шудааст. Бояд зикр кард, ки нахустин ақидаҳои иҷтимоӣ дар ҷаҳонбинии аввалини инсоният дар шакли мифология зикр шудаанд. Сипас доништҳои сотсиологӣ дар асрҳои XVIII ва XIX дар асарҳои Томас Гоббс, Ҷон Локк, Спиноза, Жан Жак Руссо ва дигар мутаффакирон Ғарб ташаккул ёфт. Сотсиология ҳамчун илм соли 1839 дар кишварҳои Ғарб инкишоф ёфт, ки дар ин ҷанба нақши олимон О. Конт, Макс Вебер, Герберт Спенсер ва дигарон хеле муассир аст. Солҳои минбаъда дар кишварҳои гуногун кафедраҳо, институтҳои сотсиологӣ, ассотиатсияҳои сотсиологӣ ва маҷалаҳои сотсиологӣ ташкил карда шуданд.

Калидвожаҳо: *мифология, масъалаҳои иҷтимоӣ, сотсиология, доништҳои инсонӣ, мактаби Чикаго, кафедраҳои сотсиологӣ. мактабҳои сотсиологӣ, институти таҳқиқоти сотсиологӣ, институти сотсиология, объект, предмет, мафҳумҳои абстрактӣ.*

Дар нимаи дуюми асри XX умумиятҳои одамон зарурияти тағйироти куллиро дар характер ва мазмуни муносибати байниҳамдигарии табиат, ҷамъият ва инсон дарк намуданд. Олимон ва ходимони фаъоли ҷамъиятӣ нисбати хатарҳои дар оянда вуҷуд дошта, ба мисли зиёдшавии аҳолӣ, ифлосшавии муҳит ва торафт камшавии захираҳои табиӣ бонги хатар мезаданд. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, барои инсоният масъалаҳои демографӣ, аз он ҷумла масъалаи шаҳришавӣ, экология, энергетика, озуқаворӣ, муносибатҳои миллӣ ва ғайраҳо мубрам арзёбӣ мешавад. Ин мушкилотҳо бо ҳамдигар алоқаманд буда, агар пешгирӣ карда нашаванд, ба ҳаёти ҷомеаи инсонӣ таъсири бевосита мерасонанд. Масъалаҳои номбаршуда, хусусияти умумиҷаҳонӣ дошта, дар маҷмуъ омилҳои муайянкунандаи муҳити зисти одамонро, ҳамчун воситаи ба ҳам таъсиррасони табиат ва масъалаҳои иҷтимоӣ тамоми сайёраро дарбар мегирад.

Бояд зикр кард, ки масъалаҳои иҷтимоӣ ва маърифатӣ дар шароитҳои гузариши таърихӣ дар мадди аввал меистанд, чунки амалиёти бошуурона ва мақсадноки одамон ба таври фаъолона пайгирӣ намудани манфиатҳои худ мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки дар ҳаёти рӯзмарраи худ на танҳо ба тавоноии қуввaҳои истеҳсолкунанда, балки ба характери муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷамъият, ки ба шакл ва мазмуни фаъолияти инсоният таъсир мерасонад, муҳим баррасӣ мешавад. Ин масъалаҳо муҳим будани нақши сотсиологияро дар омӯзиши системаи “табиат-ҷамъият-инсон-техника” нишон медиҳад, ки бо гузориши илмии он алоқаманд буда, бо ибораи асосгузори илми сотсиология О. Конт дар “донистан-тавонистан-пешбинӣ кардан” ифода ёфтааст” [1;1] ва хусусияти фундаменталӣ-назариявӣ ва амалӣ доштани илми сотсиологияро нишон медиҳад.

Сабаби ба вуҷуд омадани сотсиология ҳамчун илми мустақил дар он ифода меёбад, ки инсоният принсипан ба сатҳи баланди вазъияти нави иҷтимоӣ баромаданро, дар робита бо ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ дар асоси маърифати арзишҳои шахсии худ, дарк намуд. Ин давраи таърихи –давраи маорифпарварӣ ва Инқилоби бузурги франсавӣ лаҳзаи таърихӣ дар тараққиёти тамаддуни инсоният маҳсуб меёфт. Шикастхӯрии назарияҳои ратсионалистии асри XVIII масъаларо дар бораи

зарурияти гузаронидани ислоҳоти умумӣ доир ба таълимоти ҷамъият ва ҷустуҷӯи методҳои нави омӯзиши ҳаёти ҷамъиятӣ ба миён гузошт. Аз ин лиҳоз, нахустин шахсе, ки омӯзиши илмии ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро дар асоси методҳои мушахаси сотсиологӣ баррасӣ намуд, мутаффакири франсавӣ О. Конт мебошад.

Бояд зикр кард, ки бе ҳалли самараноки масъалаҳои иҷтимоӣ рушди устувори ҷамъият имконнопазир аст. Чунки инсон худ зуҳуроти биологӣ-иҷтимоӣ буда, ҳама вақт ба масъалаҳои иҷтимоӣ ниёз дошт ва ҳоло ҳам вобаста ба тағйирёбии таърихии системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, сатҳи рушди истеҳсолот, муносибатҳои истеҳсолӣ, қувваҳои истеҳсолокунанда, масъалаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ниёз дорад. Бесабаб нест, ки дар нахустин ҷаҳонбинии одамон – мифология (дар шакли ривоятҳо, ҳикояҳо ва нақлҳо) орзую омоли инсоният мазмунан дар ҳаёти иҷтимоӣ инъикос меёфт ва дар мадди нахуст қарор дошт.

Кӯшиши азнав дида баромадани хусусияти сохти ҷамъиятӣ, дар маҷмуъ, натиҷагирии хусусияти сотсиологии он моҳиятан ба монанди дониши инсоният хеле қадим мебошад. Муддати тӯлони ҷузъиёти илми оянда (сотсиология) дар доираи илмҳои гуногуни гуманитарӣ, ба монанди, ҳуқуқшиносӣ ва назарияи давлат, фалсафа ва таърих ташаккул меёфт, ки дар назарияҳои ин илмҳо танҳо хусусияти ҷамъият ва мушкилиҳои он баррасӣ мешуд. Аммо роҳҳои ҳалли самараноки соҳаҳои гуногуни ҷамъият ва пешгирии мушкилотҳои мавҷуда бо сабаби маҳдудиятҳои методҳои мушахаси омӯзиши ҷамъият амалан вуҷуд надошт. Аз ин лиҳоз, таърихи ташаккули сотсиологияро ба чор давра тақсим кардан имконпазир аст. Се давраи аввал ба вуҷуд омадани нахустин ақидаҳои иҷтимоӣ, ки зарурияти таърихии ҳастии ҳаёти инсоният маҳсуб меёбад, ба шакл гирифтани ҳаёти иҷтимоӣ вобаста буда, он ҳамчун далели муайянкунандаи давраи то таърихии илми сотсиология ба ҳисоб меравад.

Давраи аввал, ба вуҷуд омадан ва ташаккули донишҳои иҷтимоиро оид ба ҷамъият аз давраи антиқа сарчашма мегирад, ки он дар шакли миф ва эпос-қадимтарин шакли маърифати донистани воқеият, алоқамандии сабабу оқибат дар табиат ва ҷамъият мебошад. Бори нахуст, таълимот дар бораи ҷамъият ва хусусиятҳои иҷтимоии он аз тарафи мутафакирони Юнони Қадим ва Рими Қадим баррасӣ шуда буд.

Давраи дуюми инкишофи донишҳои иҷтимоӣ ба замони Асри Миёна ва давраи Эҳё рост меояд, ки хусусияти характерноки он ба тағйирёбии системаи ҷаҳонбинӣ ва шакли маърифат алоқаманд аст. Дар ин давра, теософияи Августин Блаженский, донишҳои иҷтимоӣ ва ақидаҳои худро доир ба ҷамъият дар давраи Эҳё баррасӣ намуд. Сипас, ташаккули донишҳои сотсиологӣ дар асарҳои мутаффакирон Томас Мор, Томмазо Кампанелла, Николо Макиваелли, Жан Боден ва дигарҳо ифода ёфтаанд. Давраи сеюм, асрҳои XVII-XVIII-ро дар бар мегирад, ки донишҳои иҷтимоӣ нисбати ҷомеа ва инсон, дар ақидаҳои Гуго Гротсий, Бенедикт (Барух) Спиноза, консепсияи ҳуқуқи табиӣ ва шартномаи ҷамъиятии Томас Гоббс, Ҷон Локк ва дигарон инъикос шудааст. Консепсияи сотсиологии Шарл Монтеске, Дени Дидро, Жан-Жак Руссо дар ақидаҳои консерватизм ва либерализми асри миёна ифода гардидаанд. Давраи чоруми донишҳои сотсиологӣ асрҳои XIX ва XX-умро дарбар мегирад, ки он бо номи О. Конт, Г. Спенсер, М. Вебер, Э. Дюргейм алоқаманд мебошанд. Дар ин давра самтҳо ва мактабҳои сотсиологӣ ба амал омаданд ва дар баробари ин рушди босуръати таҳқиқотҳои эмпирикии сотсиологӣ ба назар мерасад [3;2].

Дар ҷавоб ба масъалаҳои ҳаётан муҳими дар асри XIX гузошта шуда, консепсияҳои гуногуне ба вуҷуд омаданд, ки моҳияти воқеаҳои ба вуқуъ омадаро аз мавқеи ин ё он назарияи методологӣ шарҳ диҳанд. Гузориши О. Конт дар фаҳмиши сотсиологӣ ҳамчун “физикаи иҷтимоӣ” равона кардан ба методҳои биологӣ, физикӣ ва дигар фанҳои табиатшиносӣ устувортар баромаданд. Бинобар ин, дар асри XIX мактабҳои сотсиологие пайдо шуданд, ки кӯшиш менамуданд, масъалаҳои иҷтимоиро ба воситаи илмҳои биологӣ ё табиатшиносӣ тафсир диҳанд, бинобар ин сабаби дар таърихи сотсиология пайдо шудани самтҳои натурализм ва мактабҳои сотсиологӣ гардиданд.

Ташаккули сотсиология ҳамчун илми мустақил таърихи бағоят дарозро дарбар мегирад. Бархе аз мутаффакирони сотсиологияи классикӣ дар таърихи илм ҳамчун классикони фалсафа шинохта шуданд, гарчанде ки сотсиология дар арафаи ташаккулёбӣ буд. Лекин рушди босуръати капитализм, мавҷи афзоишёбандаи низоъҳои иҷтимоӣ, зиддиятҳои дар амалияи демократияи буржуазӣ ба амал омада, на танҳо омӯхтани абстрактии зуҳуротҳои иҷтимоӣ ва равандҳои онро, балки ба таври мушахасс омӯхтани ҳаёти ҷамъиятиро талаб мекард. Рушди дигари илмҳои ҷамъиятӣ: таърих, иқтисод, ҳуқуқ, фалсафаи иҷтимоӣ – танҳо маҷмуии мушкилотҳоеро равшан намуданд, ки дар сарҳади ин илмҳо вуҷуд доштанд ва талаботи мустақилона омӯхтани онро ба миён гузоштанд.

Ҳамин тавр, ҷудо шудани сотсиология ҳамчун илми мустақил дар асоси рушди гузаштаи иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва маърифати ҷамъиятии инсоният, махсусан таъсири инқилоби франсавӣ ташаккул ёфтааст. Илова бо ин, бояд зикр кард, ки дар нимаи аввали асри XIX дар Англия инқилоби саноатӣ ба амал омад ва давраи рушди босуръати саноат дар кишварҳои пешрафтаи Европаи Ғарбӣ ва Америка бо истифодаи қувваи буғ ва ҷорӣ намудани саноати мошинӣ, кашфиётҳои фундаменталӣ дар ҳамаи соҳаҳои илмҳои табиатшиносӣ ва тағйиротҳои босуръати фарогирандаи низоъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, махсусан дар Франсия алоқаманд буд. Дар ин асос, ба таври ҷиддӣ ақибмонии дониши одамон дар бораи худ ва он ҷамъияте, ки онҳо зиндагӣ ва фаъолият менамоянд, ба назар мерасид. Мустақиман ба ҳамин монанд, дар он давра рушди сатҳи баланди муносибатҳои капиталистии иқтисодиёт дар Англя барои ба вуқуъ омадани назарияи классикии иқтисодии А. Смит ва Д. Рикардо заминаи мусоид гузошт, ҳамчунин сатҳи баландтарини инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Франсияи он давр барои тавлиди сотсиологияи О. Конт мусоидат намуд [4;3].

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки ташаккули сотсиология ҳамчун илм натиҷаи гузариши зинаҳои таърихии ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, иқтисодӣ-сиёсӣ ва маърифатии ҷомеаҳои Аврупои Ғарбӣ буда, зимнан масъалаҳои ҷузъии дар ҷамъият мавҷудбударо дар алоқаманди бо ҷузъҳои дигари он, ба воситаи мафҳумҳои абстрактии фалсафа ба таври мушахас омӯхта таҳлил намудан ва роҳҳои пешгирии онро баррасӣ кардан, имконнопазир аст. Бинобар ин, зарурияти омӯхтани масъалаҳои зикршуда бояд дар шакл ва намуди мушахас бо истифода аз методҳои сотсиологӣ баррасӣ карда мешуд. О. Конт гарчанде ки таҳқиқоти эмпирикӣ нагузаронида бошад ҳам, нахустин бор барои омӯхтани масъалаҳои мубрами ҷамъият методҳои сотсиологиро пешниҳод намуд, ки ҷанбаҳои гуногуни ҷамъиятро на дар шакли абстрактӣ (муҷаррад), балки ба таври мушахас омӯхта, хулосаҳои муътамад баровардан имконпазир гардид.

Бояд тазаккур дод, ки объекти омӯзиши сотсиология ба монанди дигар фанҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва гуманитарӣ: фалсафа, иқтисодиёт, ҳуқуқ, таърих ва ғайраҳо ҷамъият мебошад. Лекин ҳамаи фанҳои ҷамъиятӣ вобаста ба предмети омӯзиши худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Бинобар ин, зарурияти маҳдуд намудани мафҳуми “объект” ва “предмет”-и маърифати сотсиологӣ ба вуҷуд меояд, ки он вазифаи басо мушкили методологӣ ба шумор меравад. Гарчанде ки объект ва предмети илмҳои гуманитарӣ бо ҳам алоқаманд бошанд ҳам, лекин онҳо айният надоранд. Мисол, одам – объекти умумии ҳам антропология, ҳам сотсиология, ҳам фарҳангшиносӣ, ҳам психология ва ғайра мебошад. Лекин ҳар яки ин илмҳо дар ҷамъият предмети омӯзиши худро дорад.

Агар объекти омӯзиш ҳамаи он чизе ки фаъолияти таҳқиқотчӣ ба он равона карда шудааст, яъне он чизе ки ба сифати воқеияти объективӣ муқобили вай аст (объект сарҳади маълумро дорост, мухторияти нисбӣ, ҷудо аз муҳити иҳотакунанда), пас предмети илм – ин тағдиди аз нав кардани воқеияти эмпирикӣ дар сатҳи назария буда, натиҷаи абстрактии назария (зеҳнан, фикран ҷудо кардани сегментӣ воқеан мушоҳидашаванда) мебошад. Бинобар ин, агар объекти илм новобаста аз маърифати илмӣ вуҷуд дошта бошад, пас предмет бе чунин дониш вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, чунин намуди абстрактикунӣ (тартиби дар шуури илмӣ модели объекти омӯхташаванда бо ёрии системаи мафҳумҳо) тарафҳо ва ҷанбаҳои воқеияти иҷтимоиро

муайян мекунад, ки фаъолияти сотсиолог ба он равона шудааст. Вобаста ба ин зикр мекунем, ки сабаби муддати дароз ҷудо нашудани сотсиология аз дигар илмҳо (аз фалсафа дар Франсия, аз иқтисоди сиёсӣ дар Германия, аз психологияи иҷтимоӣ дар ИМА ва ғайраҳо) ва ташаккули сотсиология ҳамчун илми мустақил, айниятдиҳии объект ва предмети дониши сотсиологӣ мебошад.

Дар шароити муосир моҳияти назариявӣ ва амалии илми сотсиологияро дар ҷомеаҳои рушдёбанда дуруст дарк намекунанд ва дар он ақидаанд, ки ба сотсиология танҳо гузаронидани таҳқиқотҳои эмпирикӣ хос аст. Ҳол он ки, бе маълумоти кофии назариявӣ доир ба предмети таҳқиқшаванда сотсиолог иттилооти боэътимод ва дақиқ гирифта наметавонад.

Аз ин нуқтаи назар, се сатҳи дониши сотсиологиро, ки бо ҳам дар пайвастагии ногусастани вуҷуд доранд ва ҳамагона дар омӯзиши ҳаёти ҷамъиятӣ истифода мешаванд, бояд зикр кард:

1. Якум, донишҳои фундаменталӣ-назариявии сотсиологӣ, ки асоси назарияви-методологии объект-предмети омӯзиш ва таҳқиқӣ онро ташкил медиҳад. Дониши назариявии предмети омӯзиш барои мантиқан ва системанок дуруст тартиб додани олоти таҳқиқот – пурсишнома бояд мусоидат кунад.

2. Дуюм, қисми эмпирикии таҳқиқот, ки сотсиолог бе мусаллаҳ шудани донишҳои назариявӣ таҳқиқоти таҷрибавиро бо истифодаи яке аз методҳои сотсиологӣ (мушоҳида, эксперемент, методи таърихи, таҳлили муқоисавӣ ва ғ.) гузаронад ҳам, иттилооти муътамад доир ба предмети таҳқиқот гирифтан имконнопазир аст.

3. Сеюм, амалӣ намудани натиҷаи таҳқиқот боиси ғанӣ шудани назарияи илмии сотсиологӣ доир ба объект-предмети таҳқиқот мешавад.

Ақидаҳои зикршуда гувоҳи он аст, ки сотсиология илми фундаменталӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятро новобаста аз муносибатҳои иҷтимоӣ тасавур кардан имконнопазир аст, чунки дар системаи муносибаҳои ҷамъиятӣ масъалаҳои иҷтимоӣ нақши муассир доранд.

Дар нимаи дуюми асри XX иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва инсоният зарурати тағйироти куллиро дар характер ва мазмуни робитаҳои байни табиат, ҷамъият ва инсонро дарк намуд. Олимон, ходимони ҷамъиятӣ нисбати оқибатҳои фалокатовар бо сабаби афзоиши босуръат ва номаҳдуди аҳолӣ, ифлосшавии муҳити атроф ва кам шудани захираҳо табиӣ, ки инсониятро дар оянда интизор аст, ба изтироб омаданд.

Дар шароити муосир ба масъалаи глобалии инсоният аксар вақт масъалаҳои демографӣ (аз он ҷумла шаҳришавӣ), экологӣ, энергетикӣ, озуқаворӣ, муносибатҳои миллӣ, ифротгаройии динӣ ва ғайраҳоро мансуб медонанд. Ҳамаи ин масъалаҳо бо ҳам алоқаманд буда, муайянкунандаи якдигар мебошанд. Масъалаҳои зикршудаи тартиботи ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки муҳити зиндагӣ (ҳам табиӣ ва ҳам иҷтимоӣ) ҳамчун ягонагии сайёра маҷмуи таъсири мутақобилаи омилҳои табиӣ ва иҷтимоӣ мебошанд ва ба рӯҳияву маънавиёти инсонҳо таъсири бевосита мерасонанд, чунки масъалаҳои иҷтимоӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсониятро фаро мегирад.

Дар асри XX, дар аксарияти кишварҳои Европаи Шарқӣ, Осиё, Америкаи Лотинӣ ва Африка васеътар гардидани рушди сотсиологияро мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳоло кишвареро ёфтан ғайриимкон аст, ки дар онҷо сотсиологияро дар омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ: фароғат, ҷавонон, таҳсилот, шаҳришавӣ, демография, тандурустӣ, илм, ҷиноят, санъат, дин, ахлоқ ва ғайраҳо истифода набаранд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши илмии сотсиологии ҷомеа зарурияти муосири ҳар як кишвар маҳсуб меёбад ва аксарияти мамлакатҳо (махсусан, кишварҳои рушдёфта) муҳиммияти илми сотсиологияро дар омӯзиши проблемаҳои ҷомеа дарк намуда, марказҳои илмӣ, кафедраҳо, ассоитсатсияҳо ва институтҳои сотсиологиро ташкил намуданд.

Нахустин факултети сотсиология дар ҷаҳон дар университети Чикаго соло 1892 ташкил карда шуд, ки роҳбари он А. Смолл буд ва бо роҳбарии вай раванди институтикунонии донишҳои сотсиологӣ амалӣ шуд. Ташкил кардани университет бевосита ба оилаи Рокфеллерҳо тааллуқ дошт.

Мактаби сотсиологии Чикаго – дар ҳақиқат як дастоварди бузург дар сотсиология буда, на танҳо ба кормандони илм аз ҷиҳати моҳияти худ дар доираи рушди дониши сотсиологӣ рағбат пайдо намудан, балки ҳамчун илмӣ академикӣ тасдиқ гардид. Аз ин лиҳоз, Р. Парк ҳамчун асосгузори ин мактаби сотсиологӣ эътироф шудааст. Мактаби сотсиологии Чикаго яке аз аввалин мактаби илмҳои иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, ба рушди сотсиологияи америкоӣ (солҳои 1915-1935) ва умуман, донишҳои сотсиологӣ нақши муассир гузошт. Дар ҳамин давра асари Уилям Томас ва Флориан Знанетский бо номи "Деҳқони поляк дар Европа ва Америка" нашр шуд [4;7].

Намояндагони маъруфи мактаби сотсиологии Чикаго Ҷон Винсет, А. Смолл, У. Томас ва Ҷон Хендерсон буданд. Дар давраи фаъолияти илмӣ-сотсиологии онҳо соли 1895 дар Чикаго нахустин маҷаллаи сотсиологӣ бо номи "Маҷаллаи сотсиологии Америка" ба табъ расид, инчунин соли 1905 "Иттиҳодияи сотсиологии Америка" ташкил карда шуд [4;5].

Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон соли 1946 ассотсиатсияи байналмиллалии сотсиологҳо ташкил карда шуд, ки барои табдил додани сотсиология ба яке аз илмҳои муҳими гуманитарӣ мусоидат намуд. Аз он ҷумла, дар Иттиҳоди Шуравӣ низ дар натиҷаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ солҳои бистуми асри XX талабот барои гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ ба амал омад. Махсусан, дар ин давра назарияи "сатҳи миёна": табақабандии иҷтимоӣ, тиббӣ иҷтимоӣ, психологияи иҷтимоӣ, ташкили илмии меҳнат, оила, издивоҷ, каҷрафторӣ, масъалаи шаҳр ва деҳот, таълиму тарбия ва ғайраҳо ташаккул ёфт. Дар рушди сотсиологияи шуравии марксистӣ нақши назаррасро С. Струмилин, Ф Казанский, А. Кртсман, А. Гайстер, М. Загорский ва дигарон иҷро намуданд. Соли 1922 дар Петроград асари П. Сорокин "Асосҳои сотсиология" нашр шуд. Китоби расмии сотсиология барои мактабҳои олӣ ва миёнаи С.А. Оранский бо номи "Масъалаҳои асосии сотсиологияи марксистӣ" соли 1925 ба табъ расид. Дар баробари ин, асарҳои Э. Дюргейм, М. Вебер ва дигар сотсиологҳои Ғарб нашр шуданд.

Дар соли 1918 Институти сотсиобиблиография таъсис дода шуд; соли 1919 нахустин кафедраи сотсиология дар Ярослав ва Донишгоҳҳои Петроград ва соли 1920 шуъбаи сотсиология дар факултети фанҳои ҷамъиятшиносии Петроград кушода шуд. Соли 1921 институти профессорҳои сурх, академияи коммунистӣ ва соли 1924 институти меҳнат бо роҳбарии А.К. Гастев ва дигар институтҳои омӯзиши ва илмӣ-таҳқиқотӣ кушода шуданд. Баробари ин, як қатор маҷаллаҳо бо номи "Дар зери байрақи марксизм", "Система ва ташкилот", "Истеҳсолот, меҳнат ва идоракунӣ", "Иқтисодиёт ва тарзи зист", "Омори меҳнат" ва ғайраҳо нашр мешуданд [7;6].

Баъди соли 1917 мавқеи синфии сотсиолог меъёри асосии баҳодиҳии фаъолияти он гардид. Ҳамаи он ақидае, ки ба принсипи синфӣ мувофиқат намекард, зиддиилмӣ эълон карда шуд. Аз таърихи илм сотсиология ва психология пурра берун карда шуд ва бо назардошти ин чунин меҳисобиданд, ки шарҳ доданро на дар ақидаҳои фалсафӣ, балки дар муҳити беруна танҳо аз нуқтаи назари иқтисодӣ ҷустан лозим аст. Намояндагони барҷастаи назариявии ҳизб – В.И. Ленин, Н.И. Бухарин, Л.Д. Тротский – амиқан нишон доданд, ки ҳудуди ҳамон фазои рамзие, ки дар доираи он баҳсу мунозира имконпазир аст, иҷозат бояд дод. Кӯшиши аз баҳсу мунозира дур шудан ҳамчун ҳамкорӣ бо душмани синфӣ маҳсуб меёфт.

Соли 1922 мақолаи В.И. Ленин "Дар бораи материализми ҷанговар" нашр гардид, ки дар он масъалаи назорати коммунистии раванди таълиму тарбия ба миён гузошта шуд. Ҳамон сол аз Росияи Шуравӣ қариб сад нафар файласуфон ва сотсиологҳо ронда шуданд, ки аксари онҳо дар ҷаҳони илм машҳур гардиданд. Нақши асосиро дар асосноккунии назарияи марксистӣ асари Н.И. Бухарин "Назарияи материализми таърихӣ. Китоби оммафаҳмӣ сотсиологияи марксистӣ", ки соли 1921 ба табъ расид, иҷро намуд. Ин асар то миёнаи солҳои 30-юм ҳашт маротиба нашр шудааст. Дар пайравии ақидаи В.И. Ленин, Н.И. Бухарин сотсиологияро ба материализми таърихи айният медиҳад. Вай сотсиологияро ҳамчун илмӣ ғайрифалсафӣ ва сатҳи хусусидошта баррасӣ намуд [9;7].

Бояд зикр кард, ки дар давлати шуравии солҳои 20-ум тасдиқи парадигмаи марксистӣ сабаби муқовимати сотсиологҳои ғайримарксистӣ, ба монади Н.И. Кареев, П.А. Сорокин, К.М. Тахтарев ва дигарон ба амал омад, ки барои оммавӣ кардани сотсиология асарҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ ва ғайраҳо нашр шуда буданд. Бештари таҳқиқотҳои назариявӣ ва эмпирикӣ хусусияти иҷтимоӣ иқтисодӣ доштанд ва бо истифодаи равиши сотсиологӣ гузаронида мешуданд. Методҳо ва техникаҳои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ коркад шуданд.

Соли 1921 дар Россияи шуравӣ ва Иттиҳоди Шуравӣ ба рӯйхатгирии аҳолӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷаи он маводи зиёде барои таҳлилӣ сотсиологӣ вуҷуд дошт. Дар ин хусус истифодаи методҳои гуногуни омориро бояд қайд кард. Хусусан, дар таҳқиқотҳо методи интихобиро истифода мекарданд, гарчанде ки коркарди математикии он нокифоя ба назар мерасид. Аксар вақт интихоби типологиро нисбати объектҳое, ки дар онҳо нишонаҳои маъмул вуҷуд доранд, истифода мекарданд. Бинобар ин, аввал минтақаи хусусияти саноатидоштаро барои таҳқиқот гирифта, сипас касбҳои асосиро зинабандӣ мекарданд. Баъзан интихоби механикӣ ва кластерӣ (гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ: оила, коллективҳои педагогӣ, синфҳои мактаби ва ғ.)-ро истифода менамуданд.

Саҳми арзандаро дар коркарди методҳои ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили нишондиҳандаҳо академик С.Г. Струмилин гузошт ва нахустин таҳқиқотчии рус буд, ки методи дараҷабандиро (бо тартиби муайян гузоштани нишондиҳандаҳо аз рӯйи аҳаммиятнокиашон, яъне дараҷа) дар таҳқиқоти сотсиологӣ истифода кардааст. Ғайр аз ин, С.Г. Струмилин ҳангоми таҳлилӣ дараҷаи қобилияти коргарон ба намудҳои гуногуни фаъолият бо ёрии худбаҳодиҳи методи шкалаи баҳодиҳиро истифода намуд, ки баъдтар он номи “ҷадвали Терстоун”-ро гирифт. Дар шароити муосир ҷадвали Терстоунро аксар вақт барои омӯзиши дастурҳои гуногун (иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғ.) истифода мебаранд.

Дар солҳои 20-ум гурӯҳи сотсиологҳо ва мутахассисони соҳаи омор бо роҳбарии Е.О. Кобо дар байни 100 оилаи коргарон таҳқиқоти монографӣ гузарониданд. Дар асоси нишондиҳандаҳои натиҷаи таҳқиқот, типологияи аслӣ (ҳақиқӣ)-и оила вобаста ба сатҳи ҷалби онҳо дар раванди саноатикунонӣ ва ворид кардани онҳо ба ҳаёти нав коркард шуд. Оқибат онҳо ба хулоса омаданд, ки бисёре аз коргарони дар инқилоб ва ҷанги шаҳрвандӣ иштирокнамуда ба муҳити коргарӣ барнагаштанд ва ба сохтори нави ҳукумат пешниҳод шуданд.

Соли 1929 дар назария ва амалияи сотсиолгия тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад, ки яке аз унсурҳои он бартараф намудани сотсиология аз тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Равияи ҳамаи фанҳои ҷамъиятиро муддати зиёд тафсири марксистии курси мухтасари таърихи ВКП(б) (соли 1938) ва мақолаи И.В. Сталин “Дар бораи материализми диалектики ва таърихи” муайян мекард. Материализми таърихӣ ҳамчун татбиқи материализми диалектикӣ дар соҳаи зуҳуроти ҷамъиятӣ мақоми илмӣ гирифт, лекин сотсиология бошад илмӣ бардурӯғи буржуази эълон карда шуд. Ҳатто ба ин сифат низ сотсиология ҳамчун унсури назорати иҷтимоӣ ва нигоҳдорандаи системаи капиталистӣ баромад мекард.

Дар миёнаи солҳои 30-юм консепсияи сохтори иҷтимоии ҷамъияти сотсиалистӣ пурра дар шакли ду синфи ғайриантагонистӣ – синфи коргар ва деҳқон, инчунин, қишри байнисинфӣ – зиёи меҳнаткаш муайян карда шуд. Формулаи “2+1” бори нахуст аз тарафи И. Сталин соли 1936 дар маърӯзааш “Дар бораи Конститутсияи СССР” зикр карда шуд. Вай тасдиқ кард, ки бо ғалабаи сотсиализм дар мамлакат синфи нави ҷамъиятӣ – синфи коргар ва деҳқон ташаккул ёфт. Шахсони меҳнати фикрӣ ба қишри иҷтимоии махсус – зиёиёни аз дохили халқ баромада, ки бо онҳо алоқаи ногусастанӣ доранд, дохил мешаванд. Дар Иттиҳоди Шуравӣ се қувваи ба ҳам дӯст боқӣ монд, ки фарқияти байни онҳо бо мурури замон барҳам мехӯрад ва синфи хусусияти махсусдоштаи кӯҳна аз байн меравад. Ақидае вуҷуд дошт, ки бо гузашти айём ба ҳам наздикшавии ду шакли моликият (умумихалқӣ ва кооперативӣ-колхозӣ) ба амал меояд, ки дар он фарқияти иҷтимоӣ ва дорой аз байн

меравад. Формулаи “ду синф+қишр” асосан вазифаи идеологиро иҷро мекард, аз он ҷумла вазифаи пинҳон доштани воқеияти табақабандии иҷтимоӣ зинаи “баланд” ва “паст”.

Таҳлилӣ воқеӣ нишон медиҳад, ки ба зиёиҳо омӯзгорон ва мансабдорони калон дохил мешуданд ва фарқияти маош ба назар мерасид. Ғайр аз ин, ин формула ченаки ҳукуматии муносибатҳои синфиро ба эътибор намегирифт, ки зидди марксизми классикӣ мебошад. Чи тавре ки маълум аст, К. Маркс ҳукуматро категорияи меҳвари медонист, ки ба воситаи он ҳамаи муносибатҳои синфӣ тағйир меёбад. Формулаи номбурда на танҳо таърихи дуру дароз дошт, балки дар шаклҳои гуногун пайдо шуда, ҳама гуна табақабандии иҷтимоӣ ва қишрҳои онро дар илм инкор мекард.

Омезиши идеология, сиёсат ва илм сабаби он гардид, ки ҳама гуна ақидаи ба идеология мутобиқнабуда манъ карда шуда, муаллифони консепсияи ҷамъиятӣ дусинфа Н.И. Бухарин, А.К. Гастев ва дигарон барои гуногунандешӣ барҳам дода шуданд. Сотсиология бошад ба фаромӯши дода шуд. Фақат дар солҳои 50-ум дар зери назорати қатъии ҳизб раванди эҳёи сотсиологияи шуравӣ ба амал омад. Марксистони эътиқодманд Ф.В. Константинов, П.Н. Федосеев, Д.И. Чесноков, Г.Е. Глезерман, Ф.М. Угринович, А.К. Уледов, В.Ж. Келле ва дигарон материализми таърихиро ҳамчун сотсиология эътироф карданд, худи сотсиологияро бошад то сатҳи сотсиологияи тачрибавӣ баррасӣ намуданд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти сотсиологӣ ҳуқуқи шаҳрвандӣ гирифт, аммо худи сотсиология аз чунин ҳуқуқ маҳрум буд. Эҳёи сотсиология бо як қатор хусусиятҳои характернок дар формулаи “сотсиология бе сотсиологҳо” ифода карда шуд. Ин ҷо чунин далел дар назар аст, ки дар мамлакат таҳсилоти махсуси сотсиологӣ ва тайёр кардани мутахассисони сотсиология вуҷуд надошт. Ба сафи сотсиологҳо бисёр намояндагони фанҳои гуногун ва “фаъолон” ворид мешуданд. Натиҷаи ин буд, ки таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ дар сатҳи паст, мувофиқ кардан ба нақшаи мавҷуда ва догматикӣ гузаронида мешуд. Парадокси дигар дар Иттиҳоди Шуравӣ мавҷуд будани ду сотсиология: эътироф кардани материализми таърихӣ ҳамчун назарияи умумисотсиологӣ ва коммунизми илмӣ – назарияи махсуси сотсиологии ҷамъияти сотсиалистӣ.

Бо вуҷуди ин, раванди эҳёи сотсиология ба таври муътадил, чӣ дар шароити дохилӣ ва чӣ дар шароити берунӣ вусъат меёфт. Бори нахуст соли 1956 олимони шуравӣ дар иҷлосияи байналмиллалии иттиҳодияи сотсиологҳо иштирок варзиданд. Солҳои 1958 то соли 1964 Иттиҳоди Шуравиро сотсиологҳои машҳури Ғарб – Раймон Арон, Роберт Мертон, Толкотт Парсонс ва дигарон ташриф оварда, рушди сотсиологияро дар шуравӣ ҷонибдорӣ намуданд. Соли 1958 Иттиҳодияи сотсиологҳои шуравӣ ташкил шуд. Соли 1960 дар Институти фалсафаи Академияи илмҳои СССР шуъбаи сотсиология ташкил карда шуд, ки роҳбари он Г.В. Осипов буд. Сипас, лабараторияҳои таҳқиқоти сотсиологӣ дар назди УДМ ба номи М.В. Ломоносов ва УДЛ ба номи А.А. Жданов, марказҳои таҳқиқотӣ дар Новосибирск, Свердловск, Перм ва ғайраҳо ташкил карда шуданд. Ҳамон сол дар назди Раёсати АИ СССР шурои илмӣ доир ба масъалаҳои гузаронидани таҳқиқотҳои иҷтимоӣ ва соли 1968 Институти таҳқиқотҳои иҷтимоӣ (ҳоло Институти таҳқиқоти сотсиологӣ АИР) ташкил карда шуд [10;8]. Дар Тоҷикистон соли 1967 сектори сотсиология дар Шуъбаи фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шуд. Сипас, соли 2005 кафедраи сотсиологияро нахустин сотсиологи тоҷик Шоназар Шоисматуллоев дар Донишгоҳи миллии ҷумҳури таъсис дод.

Дар ин давра китобҳои махсус, мақолаҳо, таҳқиқотҳои монографӣ, “Бюллетенҳои иттилоотии ИСШ” ва ғайраҳо нашр шуданд. Солҳои минбаъда “Асарҳои мунтахаб”-и панҷилдаи асосгузори муҳандиси иҷтимоӣ С.Г. Струмилин нашр шуд. Дар соли 1966 асари ду ҷилда бо номи “Сотсиология дар СССР” аз чоп баромад, ки дар он таҳқиқоти П.Н. Федосеев, Г.П. Франсев, Г.В. Осипов ва дигарон доир ба назарияи умумисотсиологӣ баррасӣ шуда буд. Илова ба ин, методология ва методикаи таҳқиқоти иҷтимоӣ, масъалаҳои иҷтимоии меҳнат ва фароғат, масъалаҳои иҷтимоии шаҳру деҳот, таҳқиқотҳои

байнифаннӣ ва ғайраҳо коркард ва гузаронида шуданд.

Соли 1967 китоби Б.А. Грушин “Мнение о мире и мир мнений”, инчунин монографияи дастаҷамъонаи В.А. Ядов, А.Г. Здравомислов ва дигар муаллифон бо номи “Инсон ва шуғли ӯ” нашр шуд, ки дар он муаллифон натиҷаи таҳқиқоти илмиро оид ба далели нобаробарии тақсими вақти мардҳою занҳо дар хоҷагии хона, таҳсил ва кори ҷамъиятӣ хулоса намуда, дар бораи зарурияти бо равиши сотсиологӣ гузаронидани таҳқиқоти гендерӣ асоснок намуданд, инчунин, нишондиҳандаҳои муносибати коргарони ҷавонро дар асоси ченаки қаноатмандӣ ва ё қаноатманд набудани онҳо нисбати кори худ баррасӣ намуданд.

Мисли солҳои 20-уми асри гузашта мушкилии асосӣ дар қонуни кардани сотсиология ҳамчун илмӣ мустақил дар охири солҳои 50-ум ва аввали соли 60-ум дар муайян намудани предмет ва объекти таҳқиқот ба миён омад. Баҳсу мунозираҳо нисбати ин масъала дар маҷаллаҳои “Масъалаҳои фалсафа”, “Таҳқиқотҳои сотсиологӣ” ва дигар маҷаллаҳо баргузор гардид. Бори аввал сотсиологияро ҳамчун илм эътироф кардан дар Иттиҳоди Шуравӣ ба соли 1955 рост меояд, ҳангоме, ки академик Б.С. Немчинов онро ҳамчун яке аз соҳаҳои илмӣ фалсафа баррасӣ намуда, предмети сотсиологияро воситаи рушди ҷамъият нишон дод [12;9].

Дар миёнаи солҳои 60-ум сотсиология ҳамчун илм дар бораи қонунҳо ва қувваи пешбарандаи рушди ҷомеа муаррифӣ гардид. Ба сифати предмети сотсиология таърихан ивазшавии форматсияҳои ҷамъияӣ-иқтисодӣ, инчунин, қонуниятҳои ташаккул ва рушди муносибатҳои иҷтимоӣ ва амали якҷояи одамон баррасӣ гардид. Чӣ тавре ки маълум мешавад, сотсиология ба материализми таърихӣ шабоҳат дода шуда, методҳои он бошад, бо методологияи материализми диалектикӣ мувофиқа карда шуд.

Дар ҷойи аввал гузоштани идеология ва сиёсат нисбат ба илм боиси он шуд, ки сотсиология моҳияти илмии худро гум карда, бояд ба илми ситоишгари идеологияи ҳукмрон табдил меёфт. Бо вуҷуди ин, сотсиологҳое буданд, ки зарурияти сотсиологияро ҳамчун илми мустақил муайян мекарданд. Ҳамин тавр, дар охири солҳои 60-уми асри XX Ю.А. Левада дар “Лексияҳо доир ба сотсиология”, ки соли 1969 дар бюллетени иттилоотии ИСШ, №5 чоп шуд, сотсиологияро чунин шарҳ дода буд: “сотсиология – фанни иҷтимоӣ-эмперикӣ буда, системаи ҷамъиятро дар амалӣ шудани рушди он ба воситаи мушоҳида ва эксперемент меомӯзад”.

Миёнаи солҳои 60-ум дар Иттиҳоди Шуравӣ нисбати моҳияти сотсиология тасавуроти зерин ба амал омад: 1) сотсиология илмест дар бораи қонуниятҳо ва таҳрикдиҳандаи рушд ва амалӣ шудани системаи иҷтимоӣ чун глобалӣ (ҷамъият дар умум), инчунин ҷузъӣ (умумиятҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳо ва равандҳо); 2) дар сохтори дониши сотсиологӣ се сатҳ ҷудо карда шуд: материализми таърихӣ ҳамчун назарияи умумисотсиологӣ (сатҳи олӣ); назарияи махсуси сотсиологӣ (сатҳи миёна) ва таҳқиқоти мушахаси сотсиологӣ.

Солҳои 60-70-ум кӯшиши навбати барои сотсиологияро дар зери назорати қатъӣ гирифтан ба амал омад, ки мақсад аз он сотсиологияро то ба ҳадди “боэътимодӣ” идеология ва фалсафаи марксистӣ-ленинӣ фаровардан мебошад. Аз ин лиҳоз, нашри “Бюллетени иттилоотии ИСШ” бозdошта шуд ва директори Институти таҳқиқоти мушахаси сотсиологии ба ҷойи академик А.М. Румянсев профессор М.Н. Руткевич таъин шуд. Ғайр аз ин, фаъолияти профессор Ю.А. Левада аз хондани курси лексия дар УДМ, профессор В.А.Ядов бошад, дар УДЛ манъ карда шуд. Инчунин, имконияти дарс додан ва чоп кардани маводҳои илмӣ барои В.Н. Шубкин, Б.А. Грушин, Н.И. Лапин, А.Г. Здаровомислов ва дигар мутахассисони сотсиология манъ карда шуданд.

Дар рӯйхати ихтисосҳо “сотсиологияи таҷрибавӣ” дохил карда мешавад. Консепсияи сесатҳаи сотсиологӣ (назарияи умумӣ, назарияи махсуси сотсиологӣ ва таҳқиқотҳои эмпирикӣ) дар ин соҳаи дониши илмӣ ба сифати асосноккунии “тақсимоти меҳнат” дар шакли зерин, баррасӣ шудааст: ҷамъоварии маводи эмпирикӣ дар доираи сотсиологияи таҷрибавӣ маҳдуд шуда, хулоса ва шарҳ додани он ба зиммаи “коммунизми илмӣ” ё “материализмӣ таърихӣ” гузошта шудааст. Чунин вазифаи тақсимбандӣ нақши мақомотҳои болоиро дар системаи назорати идеологӣ иҷро мекард.

Ҳуҷуми навбатии идеологӣ ба сотсиология наметавонист, ки дарозмуддат ва босамар бошад. Чунки афкори омма дар кишвар ва умуман, дар ҷаҳон куллан тағйир ёфт. Охири солҳои 60 ва аввали солҳои 70-ум монографияи В.А. Ядов "Таҳқиқоти сотсиологӣ: Методология. Барнома. Методҳо"(1972), А.Г. Здравомислов "Методология ва тартиби таҳқиқоти сотсиологӣ"(1969), В.Э. Шляпентох "Чӣ тавр имрӯз пагоҳро меомӯзанд" (1975), "Лексияҳо доир ба методикаи махсуси таҳқиқотӣ сотсиологӣ" дар зери таҳрири Г.М. Андреева (1972) ва ғайраҳо нақши мусбатро дар таҳсилоти сотсиологӣ ва маърифатнокии одамон иҷро намуданд.

Маълум шуд, ки мафҳумҳои асосии назарияи умумисотсиологӣ дар фарқият аз фалсафа – на моддиёт ва шуур, балки сохтори иҷтимоӣ ва институтҳои иҷтимоӣ, фарҳанг, ташкилоти иҷтимоӣ ва равандҳои иҷтимоӣ; натанҳо инсон, балки шахс ҳамчун намуди иҷтимоӣ ва равандҳои иҷтимоишавии фардҳо; на муносибатҳои иҷтимоӣ дар моҳиятнокии асосӣ он, балки дар амали мутақобилаи иҷтимоӣ ва ба ҳам алоқамандӣ буда, асоси онро муносибати амиқи иҷтимоӣ ташкил медиҳад, ки ба таври эмпирикӣ фаро гирифта намешавад, чунки аз мафҳумҳои муҷарради фалсафӣ иборат мебошад. Дар навбати худ, мафҳумҳои абстрактии фалсафӣ ба нишондиҳандаҳои эмпирикӣ мувофиқат намекунанд, чунки ин нишондиҳандаҳо асоси амалӣ дошта, аз натиҷаи он илмҳои хусусӣ, аз он ҷумла сотсиология хулосаи таҳқиқотро ҷамъбаст менамояд.

Аз нимаи дуюми солҳои 70-ум базаи иттилоотии сотсиология устувортар шуд. Аз соли 1974 мунтазам (як бор дар як моҳ) маҷаллаи "Таҳқиқоти сотсиологӣ"; соли 1992 – "Масъалаҳои сотсиологӣ"; соли 1994 - "Маҷаллаи сотсиологӣ" нашр шуданд. Дар ҷумҳурияҳои иттифоқӣ, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба таври мақсаднок тайёр намудани ихтисосмандони соҳаҳои гуногуни сотсиологӣ бо муваффақият идома меёбад. Ҳанӯз дар солҳои 70-ум факултетҳои сотсиологӣ дар дар Донишгоҳҳои Москва, Санкт-Петербург ва дигар донишгоҳҳо кушода шуданд, ки ба донишҷӯён таълимоти сотсиологӣ медоданд. Олимони тачрибадор ва пешқадам барои рушди илми сотсиология чӣ дар Россия ва чӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ нақши муассир гузоштанд.

Соли 1975 дар маҷмуаи "Проблемаҳои методологии психологияи иҷтимоӣ" мақолаи В.А. Ядов "Доир ба танзими мавқеъгирии (диспозитсия) рафтори иҷтимоӣ шахс", соли 1979 бо таҳрири ӯ китоби "Худтанзимкунӣ ва дурбинии рафтори иҷтимоӣ шахс", ки консепсияи рафтори диспозитсионии шахс пешниҳод шуда буд, ба табъ расид. Донишмандон дар соҳаҳои гуногуни сотсиология ба таври қатъӣ муваффақ шуданд, аз он ҷумла дар соҳаи назария, методология ва методикаи таҳқиқоти сотсиологӣ (В.А. Ядов, А.Г. Здравомислов, Г.М. Андреев, Г.В. Осипов); дар соҳаи сотсиологияи воситаҳои ахбори умум ва афкори омма (Б.А. Грушин, В.С. Коробейников, М.К. Горшков ва дигарҳо); дар соҳаи сотсиологияи меҳнат – саноат, сотсиологияи саноатӣ (В.А. Ядов, А.Г. Здравомислов, В.Г. Подмарков, Т.И. Заславская, О.И. Шкаратан ва дигарҳо); дар соҳаи сотсиологияи шахс (И.С. Кон, Л.П. Буева, Ю.А. Левада ва дигарҳо); дар соҳаи таҳлилӣ системанок (И.В. Блауберг, Э.Г. Юдин, В.Н. Садовский); дар соҳаи назарияи табақабандии иҷтимоӣ ва тағйирёбии иҷтимоӣ (О.И. Шкаратан, В.В. Радиев, В.И. Илин ва дигарҳо); дар соҳаи таърихи ақидаҳои сотсиологӣ (Ю.Н. Давидов, И.А. Голосенко ва дигарҳо) ва ғайраҳо [15;10].

Охирин амали роҳбарият нисбати сотсиология аз тарафи ҳизби коммунистӣ қабул шудани Қарори КМ ПКИШ "Доир ба баланд бардоштани нақши сотсиологияи марксистӣ-ленинӣ дар иҷрои масъалаҳои муҳими ҷамъиятӣ советӣ" соли 1988 буд [15;11]. Пас аз ин ҳама гуна мамониатҳо барои рушди илмӣ сотсиология барҳам дода шуд ва сотсиология имконият пайдо намуд, ки ба сифати илмӣ мустақил инкишоф ёбад. Дар шароити муосир бартарӣ доштани таҳқиқоти миқдорӣ ва эмпирикӣ аз таҳқиқоти сифатӣ ва назариявӣ мушоҳида карда мешавад, ки на ҳама вақт ҷиҳатҳои сифати сотсиологияро пурра инъикос менамояд. Лекин ин "эмпиризм"-и сотсиология хусусияти характерноки дохилии илмҳои ҷамъиятшиносии ҷамъияти оммавӣ буда, барои ҷумҳуриҳои рушдёбанда мувофиқат мекунад.

АДАБИЁТ:

1. Лукьянов В.Г., Сидоров С.А., Урсу И.С. Социолгия. Учебное пособие. Санкт-Петербург. 2004.
2. Этапы развития социологической мысли. М., 1993.
3. Голосенко И.А., Козловский. История русской социологии 19-20 вв.М.,1995.
4. Громов И.А., Воронцов А.В., Мацкевич Е.Ю. Социология: 19-20 вв.: Учеб. пособие. СПб., 1997.
5. Чикагская школа социологии как одна из школ Чикагского университета. [Электронный ресурс] URL: https://zaochnik-com.com/spravochnik/sotsiologija/istorija-sotsiologii/chikagskaja-shkola-sotsiologii/ (дата обращения: 27.02.2025)
6. История социологии: Учебное пособие /Под общей ред. А.Н. Елсукова. Минск, 1997.
7. Кукушкина Е.А. Русская социология 19- начал 20 века.М., 1993.
8. Медушевский А.Н. История русской социологии. Учебное пособие. М., 1993.
9. Социология в России / Под общей ред. В.А. Ядова. М.,1996.
10. Лисицин С.А., Лукьянов В.Г., Урсу И.С. Социология: Учеб. пособие. СПб., 2001.
11. Социология в России / Под ред. В.А. Ядова. М., 1996.

ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ СОЦИОЛОГИИ КАК НАУКИ

Кахоров Г.Г.

В данной статье рассматриваются этапы формирования социологии как науки. Следует отметить, что первые социологические идеи зародились в мифологии, которая являлась одной из первых форм мировоззрения человечества. Позже социологические знания в XVIII–XIX веках получили отражение в трудах таких западных мыслителей, как Томас Гоббс, Джон Локк, Бенедикт Спиноза, Жан-Жак Руссо и других.

Социология как самостоятельная наука оформилась в 1839 году в странах Запада, и в этом процессе важную роль сыграли такие основоположники социологии, как Огюст Конт, Макс Вебер и Герберт Спенсер. В последующие годы во многих странах появились кафедры социологии, социологические ассоциации, исследовательские институты, специализированные журналы и другие научные организации, способствовавшие развитию данной науки.

Ключевые слова: *мифология, социальные вопросы, социология, человеческие знания, Чикагская школа, социологические кафедры, социологические школы, институты социологических исследований, институт социологии, объект, предмет, абстрактные понятия.*

HISTORICAL PREREQUISITES FOR THE FORMATION OF SOCIOLOGY AS A SCIENCE

Kakhorov G.G.

This article examines the stages of the formation of sociology as a science. It should be noted that the first sociological ideas emerged in mythology, which was one of the earliest forms of human worldview. Later, in the 18th–19th centuries, sociological knowledge was reflected in the works of Western thinkers such as Thomas Hobbes, John Locke, Benedict Spinoza, Jean-Jacques Rousseau, and others. Sociology was established as an independent science in 1839 in Western countries, and in this process, the role of such founding figures as Auguste Comte, Max Weber, and Herbert Spencer was crucial. In the following years, many countries saw the establishment of sociology departments, sociological associations, research institutes, specialized journals, and other academic organizations that contributed to the development of this field.

Keywords: *mythology, social issues, sociology, human knowledge, Chicago School, sociology departments, sociological schools, institutes of sociological research, Institute of Sociology, object, subject, abstract concepts.*

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ҲУВИЯТИ АҲОЛӢ

Шоисматуллоев Ш. – узви вобастаи АМИТ, д.и.с., профессор, мудири шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (E–mail: afkor1946@gmail.com)

Гардоншо А.М. – ходими хурди илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (E-mail: gmalisher@gmail.com)

Мақолаи мазкур ба таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши ҳувияти аҳолии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллифон масъалаи ташаккули ҳувиятро дар заминаи ҷомеаи бисёрэтникӣ ва равандҳои мураккаби иҷтимоиву сиёсӣ баррасӣ менамоянд. Дар асоси чор равияи муҳими илмӣ — конструктивизми иҷтимоӣ (П. Бергер ва Т. Лукман), интераксионизми рамзӣ (Э. Гоффман ва Ҷ. Г. Мид), структурализм (П. Бурде ва Э. Гидденс) ва консепсияи ҳувияти дуҷанба — нишон дода мешавад, ки ҳувият як падидаи серқабата, тағйирёбанда ва муҳитӣ мебошад. Муаллифон ба нақши забон, дин, анъана, муҳити иҷтимоӣ, нобаробарӣ ва табъиз дар ташаккули ҳувияти шахсӣ ва гурӯҳӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аҳамияти таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди ҳамзистии фарҳангиро дар ҷомеаи Тоҷикистон таъкид мекунанд.

Калидвожаҳо: *ҳувият, Тоҷикистон, ҳувияти дуҷанба, конструктивизм, структурализм, интераксионизми рамзӣ, Бергер, Лукман, Гоффман, Бурде, Гидденс, иҷтимоишавӣ, фарҳанг, табъиз, ваҳдати миллӣ*

Ҳувияти аҳолии Тоҷикистон дар заминаи равандҳои мураккаби таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташаккул меёбад. Ин масъала дар шароити муосир, ки таъсири бузурги глобализатсия, муҳоҷират ва нобаробарии иҷтимоӣ вуҷуд дорад, аҳамияти хос пайдо мекунад. Ташаккули ҳувият зери таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла мансубияти этникӣ, анъанаҳои динӣ ва фарҳангӣ, мақоми иҷтимоӣ, инчунин равандҳои сиёсиву иқтисодӣ сурат мегирад. Аммо, ин ҷанбаҳо дар ҷудоӣ вуҷуд надоранд ва якҷоя бо ҳам як падидаи бисёрқабата ва динамикии ҳувиятро ташкил медиҳанд, ки таҳқиқоти амиқро талаб мекунад.

Ҳувияти аҳолӣ метавонад аз ҷониби назарияҳои зерин таҳқиқ шавад:

- Назария конструктивизми иҷтимоӣ (Бергер ва Лукман).
- Назариёти интераксионизми рамзӣ (Гоффман, Мид).
- Консепсияҳои структуралистӣ (Бурде, Гидденс).
- Консепсияи ҳувияти дуҷанба

Назарияи конструктивизми иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Питер Бергер ва Томас Лукман таҳия шудааст, таъкид мекунад, ки воқеият, аз ҷумла ҳувият, як ҳақиқати объективӣ нест, балки дар ҷараёни ҳамкориҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбад [7; 18-21]. Дар асари худ «Таркиби иҷтимоии воқеият. Рисолае оид ба сотсиологияи дониш» [7] муаллифон ишора мекунанд, ки ҷомеа як системаи арзишҳоеро месозад, ки тавассути забон, расму оин ва амалҳои ҳаррӯза интиқол дода мешавад. Шахс ин воқеиятро дар раванди иҷтимоишавӣ меомӯзад ва тасаввуроти худро дар бораи худ ва ҷаҳон муайян мекунад [7; 123-127].

Яке аз қоидаҳои асосии ин назария идеяи табиати "таъсирпазир"-и ҳувият мебошад. Ҳувият вобаста ба ҳамкорӣ бо муҳити атроф ташаккул ва тағйир меёбад, ки ин махсусан барои ҷомеаҳои бисёрэтникӣ, монанди Тоҷикистон, аҳамият дорад. Дар ин ҷо ҳувиятҳои этникӣ, минтақавӣ ва касбӣ метавонанд

бо ҳам омехта шуда, сохтҳои иҷтимоии мураккабро ташкил кунанд [7; 135-138].

Барои ташаккули ҳувияти аҳолии Тоҷикистон конструктивизми иҷтимоӣ воситаи таҳлили меъёрҳои фарҳангӣ ва иҷтимоие мебошад, ки ба ташаккули ҳувияти шахсӣ ва гурӯҳӣ таъсир мерасонанд. Масалан, ниҳодҳои анъанавӣ дар ҷомеа, ба монанди оила ва дин, дар муайян кардани он, ки одамон худро ва вазифаҳои худро дар назди ҷомеа чӣ гуна мебинанд, нақши муҳим доранд.

Ҷанбаи махсусан муҳим динамикӣ будани ҳувият аст. Ҳувият ҳамчун раванд ҳеҷ гоҳ доимӣ нест, он пайваста зери таъсири шароити нави иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тағйир меёбад. Ин ба муҳаққиқон имкон медиҳад, ки таъсири тағйиротҳои дар ҷомеаи Тоҷикистон, монанди муҳоҷират ё шаҳрсозӣ, ба амал омада ба ташаккули ҳувият таъсир мерасонанд, муайян намоянд.

Ҳангоми таҳқиқи ҳувияти аҳолӣ муҳим аст, ки равиши равоншиносӣ ва фарҳангии ташаккули ҳувият низ ба назар гирифта шавад. Дар таҳқиқоти ҷамъовардаи Л.Б. Шнейдер дар китоби «Ҳувият. Хрестоматия» таъкид мешавад, ки ҳувият равандест, ки дар ҳамкорӣ бо муҳити иҷтимоӣ ва тавассути муошират ташаккул меёбад. Шнейдер ақидаи бо такя ба таҳқиқоти Стюарт Холл, ки ҳувият ҳамчун “протсеси шиносои” медонист, таҳқиқ кардааст. Стюарт Холл қайд мекунад, ки «Ҳувиятҳо на ба таври ниҳоӣ дода мешаванд, онҳо ҳамеша ташаккул меёбанд ва ҳеҷ гоҳ ба таври комил ба итмом намерасанд» [4; 97]. Тибқи ин назария, ҳувият як маҳсулоти фарҳангӣ ва таърихист, ки доимо зери таъсири қудрат, фарҳанг ва сиёсат ташаккул меёбад. Барои Тоҷикистон, ки раванди ташаккули ҳувияти миллиро пас аз истиқлолият тачриба мекунад, ин фаҳмиш хеле муҳим аст ва маънои онро дорад, ки ҳувияти миллӣ бояд бо эҳтиром ба таърих, фарқиятҳои дохилӣ ва таъсири ҷаҳонӣ мунтазам тачдид шавад.

Назарияи дигар интераксионизми рамзӣ, ки аз ҷониби Эрвинг Гоффман ва Ҷорҷ Герберт Мид таҳия шудааст, диққатро ба ҳамкориҳои микросотсиологӣ равона мекунад. Ба гуфтаи Мид, ҳувият дар раванди иҷтимоишавӣ ташаккул меёбад, ки дар он шахс нақшҳо, меъёрҳо ва интизориҳои ҷомеаро меомӯзад. Консепсияи “Ман ва худам”-и [6; 173-181] Ҷ.Мид муколамаи дохилиро байни хоҳишҳои шахсӣ ва интизориҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки махсусан дар контексти гуногунрангии фарҳангии Тоҷикистон муҳим аст.

Эрвинг Гоффман ин идеяҳоро такмил дода, ба мафҳуми нақши иҷтимоӣ тамаркуз кардааст. Дар асари худ «Худро дар ҳаёти ҳарруза дигар тасавур кардан” ӯ изҳор мекунад, ки шахс монанди ҳунарпешае мебошад, ки нақшҳои худро вобаста ба шароити иҷтимоӣ “бозӣ мекунад” [3; 15-25]. Ин истиҳораи театр ба фаҳмидани он кӯмак мекунад, ки чӣ гуна одамон рафтори худро мутобиқ мекунанд, то ба интизориҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мувофиқ бошанд.

Дар шароити Тоҷикистон, назарияи интераксионизми рамзӣ имкон медиҳад муайян кард, ки чӣ гуна намояндагони гурӯҳҳои этникӣ бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд ва “нақшҳои худро” дар доираи муносибатҳои мураккаби байниэтникӣ амалӣ мекунанд. Масалан, дар ҳаёти ҳаррӯза ин метавонад дар истифодаи забонҳои гуногун ё мутобиқ шудан ба меъёрҳои фарҳанги дигар зоҳир шавад.

Ин назария инчунин ба рамзҳое диққати махсус медиҳад, ки дар ҳаёти ҳаррӯза истифода мешаванд. Забон, анъанаҳо, либос ва ҳатто тарзи муошират метавонанд нишондиҳандаи ҳувият бошанд, ки мансубияти шахсро ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ифода мекунанд. Ин назария барои омӯзиши муносибатҳои байнифарҳангӣ дар Тоҷикистон хеле муфид мебошад.

Консепсияҳои структуралистии Пер Бурде ва Энтони Гидденс таъсири сохторҳои иҷтимоиро ба ташаккули ҳувият таҳқиқ мекунанд. Бурде консепсияи “габитус” – низоми тамоюлҳои устувор, ки тавассути тачриба ва муҳити иҷтимоӣ ташаккул меёбанд, таҳия кард. Ба ақидаи Бурде, габитуси шахс ҷойгоҳи ӯро дар сохтори иҷтимоӣ инъикос намуда, ба дарки ӯ аз ҷаҳон ва худаш таъсир мерасонад [1; 120-125].

Гидденс бошад, мафҳуми “структуратсия”- ро пешниҳод намуд, ки вобастагии байни амалҳои шахс ва сохторҳои

иҷтимоиро таъкид мекунад. Ба гуфтаи ӯ, ҳувият натиҷаи равандест, ки дар он шахсон сохторҳои иҷтимоиро эҷод ва тағйир медиҳанд, аммо худ низ зери таъсири ҳамин сохторҳо қарор мегиранд [2; 204-210]. Дар ҷомеаи бисёрэтникӣ, монанди Тоҷикистон, ин равандҳо хеле возеҳанд, зеро анъанаҳои фарҳангӣ, меъёрҳои динӣ ва ниҳодҳои иҷтимоӣ ба ташаккули ҳувияти шахсӣ ва гурӯҳӣ таъсири фаъол мерасонанд.

Консепсияҳои структуралистӣ инчунин ба масъалаҳои қудрат ва нобаробарии иҷтимоӣ диққат медиҳанд. Масалан, Бурде изҳор дошт, ки захираҳо (иқтисодӣ, фарҳангӣ ва рамзӣ) байни гурӯҳҳои гуногун нобаробар тақсим мешаванд, ки шароитро барои ҳукмронии як ҳувият бар дигараш фароҳам меорад [1; 183-190]. Дар Тоҷикистон ин метавонад дар нобаробарии байни минтақаҳо ё гурӯҳҳои этникӣ ифода шавад.

Ин назарияҳо ба таҳқиқи он кӯмак мекунанд, ки чӣ гуна тағйироти институтсионалӣ, ба монанди ислоҳот дар соҳаи маориф ё иқтисод, ба ҳувияти аҳолӣ таъсир мерасонанд. Масалан, ҷорӣ намудани стандартҳои нави таълимӣ ё иштирок дар барномаҳои байналмилалӣ метавонад тавассути тағйир додани сохторҳои иҷтимоӣ ба дигаргуншавии ҳувият оварда расонад.

Консепсияи ҳувияти дуҷанба (dual identity) имконияти ҳамзистии чанд шакли ҳувиятро дар доираи як ҷомеа меомӯзад. Ин ҳувиятҳо на ҳамеша дар ихтилоф қарор мегиранд, онҳо метавонанд ҳамзамон вуҷуд дошта бошанд ва шахс ба таври мутаносиб дар заминаҳои мухталиф аз онҳо истифода барад [3;32]. Ин махсусан барои ҷомеаҳои бисёрэтникӣ, монанди Тоҷикистон, ки ҳувияти этникӣ аксаран бо ҳувияти миллӣ печида аст, муҳим аст. Ҳувияти дуҷанба нишон медиҳад, ки шахс метавонад дар як вақт ба гурӯҳи этникии худ ва ба давлати миллӣ тааллуқ дошта бошад.

Бар асоси таҳқиқоти Уилл Кимлика, ҳувияти дуҷанба дар ҷомеаҳои либералии бисёрфарҳангӣ на танҳо воқеият, балки ҳуқуқи сиёсӣ ва зарурати сиёсати фарҳангӣ ба шумор меравад. Кимлика таъкид мекунад, ки гурӯҳҳои этникӣ бояд имконияти ҳифзи фарҳанг, забон ва тарзи ҳаёти худро дошта бошанд, дар ҳоле ки ҳамзамон ба ҷомеаи умумимиллӣ муттаҳид бимонанд [5; 64-70].

Дар шароити Тоҷикистон, ҳувияти дуҷанба метавонад ҳамчун захирае бошад, ки гуногунии фарҳангиро дастгирӣ мекунад, ё ҳамчун мушкилот, ки ихтилофҳоро ба вуҷуд меорад. Масалан, ақаллиятҳои этникӣ метавонанд бо табъиз рӯ ба рӯ шаванд, ки мутобиқати онҳоро ба ҳувияти миллӣ мушкил мекунад. Дар айни замон, ин равандҳо равандҳои худмуайянкунӣ ва сафарбаршавиро дар сатҳи этникӣ ҳавасманд мекунанд.

Таҳқиқоти муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки ҳувияти дуҷанба на танҳо мушкилот, балки имконият низ аст. Он метавонад омили муҳими устувории иҷтимоӣ, ҳамзистии фарҳангҳо ва фаъолияти шаҳрвандии фарогир гардад. Шахсоне, ки ҳувияти дуҷанба доранд, бисёр вақт қобилияти бештар доранд, то дар байни гурӯҳҳои гуногун восита ва пайванд бошанд — онҳо ҳамчун «бридж» (пул) миёни фарҳангҳо амал мекунанд [8; 615-631].

Дар айни замон, муҳаққиқон ба хатари ҳувияти фишорёфта ишора мекунанд, яъне ҳолате, ки шахс маҷбур мешавад байни ҳувияти миллӣ ва этникии худ интихоб кунад. Ин раванд метавонад ба ихтилофҳои дохилӣ, ҳувиятҳои муқовиматӣ ва ҳатто ба рад кардани ҳувияти миллӣ оварда расонад, ки дар ҷомеаҳои баъдишӯравӣ, монанди Тоҷикистон, мушоҳида шудааст [9; 2-15].

Таҳқиқи ҳувияти дуҷунаба бояд чунин омилҳоро, ба монанди забон, дин, анъанаҳо ва равандҳои сиёсӣ ба назар гирад. Масалан, дар Тоҷикистон, ки забони тоҷикӣ бартарӣ дорад, намояндагони дигар гурӯҳҳои этникӣ метавонанд дар ҳифзи ҳувияти этнофарҳангии худ душворӣ кашанд, ки ба худшиносии онҳо таъсир мерасонад.

Ин консепсия махсусан барои таҳлили равандҳои ҳамгироӣ ва худмонандкунӣ муфид аст. Дар шароити азнавсозӣ ва ҷаҳонишавӣ, ҷомеаи Тоҷикистон ба зарурати ташаккули ҳувияти умумимиллӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки унсурҳои гуногунии этникиро дар бар гирифта, ба ҳамгироӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад.

Ба ҳувияти этникӣ диққати махсус додан зарур аст. Дар ҷомеаҳои бисёрэтникӣ, монанди Тоҷикистон, мансубияти этникӣ аксар вақт заминаи асосии ҳувиятро ташкил медиҳад. Аммо раванди ташаккули ҳувияти миллӣ аз бартараф кардани монеаҳои этникӣ вобаста аст. Ин тавассути рушди муколамаи байниэтникӣ, фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳамаи гурӯҳҳо ва таҳкими ваҳдат дар асоси арзишҳо ва мероси муштараки фарҳангӣ имконпазир аст.

Назарияи ҳувияти иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Ҳенри Тачфел ва Ҷон Тёрнер таҳия шудааст, ҳувиятро дар доираи узвияти гурӯҳӣ тавзеҳ медиҳад. Тибқи ин назария, ҳар як фард дорои худшиносии шахсӣ (ҳувияти инфиродӣ) ва худшиносии гурӯҳӣ (ҳувияти иҷтимоӣ) мебошад. Ҳувияти иҷтимоӣ ҳамон ҷанбаи худшиносии шахс аст, ки аз донистани узвият дар як гурӯҳи иҷтимоӣ ва аҳамияти арзишиву эҳсосии он барои шахс пайдо мегардад. Мувофиқи таърифи классикӣ, “ҳувияти иҷтимоӣ он қисми «Ман»-и инсон аст, ки аз огоҳӣ аз узвияти ӯ дар гурӯҳ (ё гурӯҳҳо)-и иҷтимоӣ ва арзишу эҳсосоте, ки ба он узвият нисбат дода мешаванд, сарчашма мегирад” [12]. Ин дидгоҳ мефаҳмонад, ки чаро одамон ба гурӯҳҳои худ меҳрубонӣ ва ифтихор мекунанд ва дар айни замон нисбат ба гурӯҳҳои бегона метавонанд беэътимодӣ ё рақобат зоҳир намоянд. Тачфел изҳор менамояд, ки одамон талош мекунанд ҳувияти иҷтимоии мусбат дошта бошанд ва барои ин гурӯҳи худро бо гурӯҳҳои дигар муқоиса намуда, дар сурати бартарӣ доштан эҳсоси ифтихор мекунанд (механизми “муқоисаи иҷтимоӣ”). Дар шароити ҷомеаи бисёрэтникии Тоҷикистон, назарияи ҳувияти иҷтимоӣ ҷиҳати фаҳмидани равандҳои ҳамбастагӣ ва ё таниши байнигурӯҳӣ бисёр муҳим аст. Масалан, эҳсоси тааллуқ ба миллати тоҷик ва муқоисаи он бо дигар гурӯҳҳо метавонад дар баъзе ҳолатҳо ҳисси ифтихори миллӣ ва ваҳдати умумиро таҳким бахшад. Баръакс, агар гурӯҳҳо худро каноранишину камарзиш эҳсос кунанд, мумкин аст ҳувияти гурӯҳии худро барои ҳимояи манфиатҳо қавитар кунанд, ки ин боиси дуршавии онҳо аз ҳувияти умумимиллӣ мегардад. Аз ин рӯ, барои ҷомеаи Тоҷикистон тавозуни эҳсоси ҳувияти қавмӣ ва ҳувияти шаҳрвандӣ бисёр муҳим мебошад. Назарияи ҳувияти иҷтимоӣ ҳамчунин замина фароҳам меорад, ки бо ташаккули ҳувияти ҷамъии фарогир (масалан, ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон новобаста аз миллат ҳамчун як миллат ё ҷомеаи воҳид) метавон муносибатҳои байниэтникиро беҳбуд бахшид ва эҳсоси «мо»-ро тавсеа дод.

Ҳувият як раванд ё протсесси ташаккулёбанда аст, ки дар тӯли ҳаёт инкишоф меёбад. Назарияҳои классикии равоншиносӣ (Эрик Эриксон ва пайравони ӯ) марҳилаҳои ташаккули ҳувиятро дар даврони зиндагӣ, хусусан дар даврони наврасӣ, махсус таъкид мекунанд. Ба гуфтаи Эриксон, вазифаи асосии шахс дар наврасӣ пайдо кардани ҳувияти устувори шахсӣ ва бартараф намудани буҳрони «ношиносоӣ ё худгуруснагӣ» (Identity vs. Role Confusion) мебошад. Дар ин марҳила ҷавон бояд ба суоли «Ман кӣ ҳастам?» ҷавоб ёбад, арзишҳо, ормонҳо ва нақши худро дар ҷомеа муайян созад [12]. Албатта, ташаккули ҳувият танҳо ба наврасӣ маҳдуд намешавад – он як раванди доимии таҳаввулёбанда аст, ки дар давоми ҳаёт идома меёбад. Шахс метавонад дар даврањои гуногуни зиндагӣ (масалан, ҳангоми издивоҷ, тағйири касб, муҳоҷират, ё дар вазъи нооромиҳои иҷтимоӣ) бознигарии ҳувияти худро тачриба кунад. Дар контексти Тоҷикистон низ мисолҳои буҳрон ва таҳаввули ҳувиятро мебинем: пас аз барҳамхурии Иттиҳоди Шӯравӣ, наслҳои калонсол бо «буҳрони ҳувият» рӯбарӯ шуданд, зеро бояд аз ҳувияти шӯравии худ гузар карда, худро дар доираи давлати нави миллӣ бозшиносанд. Ҳамзамон, ҷавонони имрӯза дар шароити ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) бо саволҳои нави ҳувиятӣ мувоҷеҳанд – масалан, пайванди байни ҳувияти миллии тоҷикӣ ва ҳувияти мусалмонӣ ё ҷаҳонии хешро чӣ гуна таъбир кунанд. Дар ин раванд, вуҷуд доштани муҳити устувори иҷтимоӣ ва имкони худшиносии мусбат хеле муҳим аст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки муҳити дастгирикунанда – аз ҷумла, робита бо ҳамсолони ҳамфикр ва ҷомеаи қабулкунанда – ба ташаккули солими ҳувияти ҷавонон мусоидат мекунад. Бинобар ин, дар Тоҷикистон низ

барои пурсамар шудани раванди ҳувият-ёбии наслҳо, фароҳам овардани шароити иҷтимоӣ-фарҳангии мусоид (монанди эҳтироми анъанаҳо, дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, фазои озоди мубоҳисавӣ барои ҷавонон) аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи ҳувияти аҳолӣ дар Тоҷикистон аз дидгоҳи назариявӣ ва методологии муосир нишон медиҳад, ки ҳувият як сохтори собит ва ягона нест, балки як равандест, ки зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва таърихӣ пайваста ташаккул ва тағйир меёбад. Моделҳои мухталифи назариявӣ — аз конструктивизми иҷтимоии Бергер ва Лукман, ки ҳувиятро ҳамчун маҳсули ҳамкории иҷтимоӣ мебинанд, то интераксионизми рамзии Гоффман ва Мид, ки таваҷҷуҳи махсус ба нақш, рамз ва рафтори шахс дар фазои иҷтимоӣ доранд, имконият медиҳанд, ки мо ҳувиятро дар сатҳи микро таҳлил намоем. Дар баробари ин, консепсияҳои структуралистии Бурде ва Гидденс моро водор мекунанд, ки ба таъсири сохторҳои устувори иҷтимоӣ, мисли габитус, ниҳодҳо ва механизмҳои нобаробарии қудрат, диққат диҳем. Илова бар ин, мафҳуми ҳувияти дуҷанба василаи муҳимест барои дарки ҳамзистии ҳувиятҳои этникӣ ва миллӣ, ки дар фазои фарҳангии Тоҷикистон аҳамияти калидӣ доранд. Он на танҳо мушкилоти эҳтимолии ихтилофи ҳувиятҳоро нишон медиҳад, балки имкониятҳои муҳими ҳамгироӣ, гуногунфарҳангӣ ва рушди иҷтимоиро низ рӯшан месозад.

Ҳувият дар Тоҷикистон ҳамчун як падидаи бисёрқабата ва динамикӣ на танҳо инъикоси гузашта аст, балки воситаи мубориза ва мутобиқшавӣ бо воқеиятҳои нави иҷтимоӣ, аз ҷумла глобализатсия, муҳоҷират, ислоҳоти иқтисодиву маориф ва равандҳои милливу сиёсӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи он бояд бо истифода аз якчанд парадигма ва бо назардошти хусусиятҳои фарҳангӣ ва таърихии маҳаллӣ сурат гирад. Танҳо дар ин сурат метавон ба дарки амиқтаре аз равандҳои ташаккули ҳувияти шахсӣ ва гурӯҳӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ноил шуд ва сиёсати муассири ҳифзи вахдати миллӣ ва гуногунфарҳангиро рушд бахшид.

АДАБИЁТ:

1. Бурдьё, П. Социальное пространство: поля и практики / П.Бурдьё. — М.: Институт экспериментальной социологии, 2001. — 384 с.

2. Гидденс,Э. Устроение общества: Очерк теории структурации / Э.Гидденс. — М.: Академический проект, 1991. - 416 с.

3. Гоффман, Э. Представление себя другим в повседневной жизни /Э.Гоффман. - М.: Канон-Пресс-Ц, 2000. - 348 с.

4. Идентичность: хрестоматия /сост. Л.Б.Шнейдер. – М.: изд-во МПСИ; Воронеж: изд-во МОДЭК, 2003 – 272 с.

5. Кимлика, У. Мультикультурализм и политика признания /У.Кимлика. — М.: Идея-Пресс, 2001.

6. Мид, Дж. Г. Дух, самость и общество с точки зрения социального бихевиоризма / Дж.Г. Мид — М.: Академический проект, 1994. — 352 с.

7. Бергер, Питер, Л., Лукман, Томас. Социальное конструирование реальности. Трактат по социологии знания / Питер, Л. Бергер, Томас Лукман — М.: Гуманитар. изд. центр ВЛАДОС, 1995. – 320 с.

8. Berry, J. W. (2001). A psychology of immigration. Journal of Social Issues, 57(3), 615–631.

9. Lebedeva, N. M., & Tatarko, A. N. (2009). Multiculturalism and intercultural relations in post-Soviet countries. Psychology in Russia: State of the Art, 2, 12–25.

10. Links of Adolescents Identity Development and Relationship with Peers: A Systematic Literature Review. [electronic resource]. URL: https://pmc.ncbi.nlm.nih.gov/articles/PMC4879949/#:~:text=According%20to%20Erikson%20,meaningful%20relationships%20with%20other%20people (date accessed: 10.03.2025)

11. Phinney, J. S., & Devich-Navarro, M. (1997). Variations in bicultural identification among African American and Mexican American adolescents. Journal of Research on Adolescence, 7(1), 3–32.

12. Social Identity Theory. [electronic resource]. URL: https://ibook.pub/social-identity-theory (date accessed: 20.03.2025)

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ИДЕНТИЧНОСТИ НАСЕЛЕНИЯ

Шоисматуллоев Ш., Гардоншо А.М.

В статье рассматриваются теоретико-методологические основы изучения идентичности населения Таджикистана. Авторы анализируют формирование идентичности в контексте многоэтничного общества и сложных социально-политических процессов. На основе четырех ключевых научных направлений — социального конструктивизма (П. Бергер и Т. Лукман), символического интеракционизма (Э. Гофман и Дж. Г. Мид), структурализма (П. Бурдьё и Э. Гидденс) и концепции двойной идентичности — подчеркивается, что идентичность представляет собой многослойный, динамичный и контекстуально обусловленный феномен. Авторы уделяют внимание влиянию языка, религии, традиций, социальной среды, дискриминации и неравенства на процессы самоидентификации, а также акцентируют внимание на необходимость укрепления национального единства и культурного сосуществования в современном таджикистанском обществе.

Ключевые слова: идентичность, таджикистанское общество, двойная идентичность, конструктивизм, структурализм, интеракционизм, Бергер, Лукман, Гофман, Бурдьё, Гидденс, социализация, культура, дискриминация, национальное единство.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS FOR THE STUDY OF POPULATION IDENTITY

Shoismtulloev Sh., Gardonsho A.M.

This article focuses on the theoretical and methodological foundations for studying the identity of the population of Tajikistan. The authors examine identity formation within a multiethnic society and the complex socio-political context of the country. Drawing on four key theoretical approaches — social constructivism (P. Berger and T. Luckmann), symbolic interactionism (E. Goffman and G. H. Mead), structuralism (P. Bourdieu and A. Giddens), and the concept of dual identity — the article argues that identity is a multilayered, dynamic, and context-dependent phenomenon. Attention is given to the influence of language, religion, traditions, social environment, inequality, and discrimination on personal and collective identity. The authors emphasize the importance of fostering national unity and intercultural coexistence in contemporary Tajik society.

Keywords: identity, Tajikistan, dual identity, constructivism, structuralism, interactionism, Berger, Luckmann, Goffman, Bourdieu, Giddens, socialization, culture, discrimination, national unity.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

НИГИЛИЗМИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОӢ

Мирзода Ф.С. – н.и.ф., дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, (E-mail: mirov.firuz.s@gmail.com; mirov2010@mail.ru; тел.: (+992) 93-733-33-11)

Сайдалиев Ф.Д. – докторанти доктори PhD-и шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикиситон**.** 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; тел.: (+992) 900-10-29-15

Дар мақолаи мазкур нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун як зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ гардидааст, ки он боиси заифшавии волоияти қонун ва ноустувории фазои ҳуқуқии ҷомеа мегардад. Муаллифон сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии ин падидаро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҳлил намуда, ба омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ишора мекунанд. Норасоии маърифати ҳуқуқӣ, таъсири урфу одат, камбизоатӣ, муҳоҷират, коррупсия ва ғайраҳо аз ҷумлаи омилҳои асосии нигилизми ҳуқуқӣ номбар шудаанд. Дар мақола натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологие оварда шудаанд, ки сабабҳои нигилизми ҳуқуқиро дар байни шаҳрвандон нишон медиҳанд.

Муаллифон мақолаи илмӣ оқибатҳои иҷтимоии нигилизми ҳуқуқиро, ба монанди коҳиши фарҳанги ҳуқуқӣ, афзоиши каҷрафторӣ, паҳншавии қонунишиканиҳо, ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротӣ, таҳдид ба субот ва амнияти миллӣ номбар намудаанд. Дар мақола роҳҳои коҳиш ва пешгирии нигилизми ҳуқуқиро пешниҳод шудаанд, ки ба баланд бардоштани шуур ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, дастрасии ҳуқуқии босифат ва таҳкими бовариҳои ҷомеа ба қонун асос ёфтаанд.

Ба андешаи муаллифон танҳо таваccути эътироф ва арзишмандии ҳуқуқ, риояи қонун ва таъмини адолати иҷтимоӣ бартараф сохтан мумкин аст. Ҳамзамон, ба нақши муҳими тарбияи ҳуқуқӣ, дастгирии давлат дар ташкили хизматрасонии босифати ҳуқуқӣ ва таблиғи арзишҳои ҳуқуқӣ тавассути воситаҳои ахбори омма таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст.

Калидвожаҳо: *нигилизми ҳуқуқӣ, волоияти қонун, шуури ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ, каҷрафторӣ иҷтимоӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, коррупсия, муҳоҷирати меҳнатӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, хизматрасонии ҳуқуқӣ, арзишҳои ҳуқуқӣ.*

Дар ҷомеаи муосир риоя ва иҷрои талаботи қонун, эҳтиром ба ҳуқуқ ва эътимод ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шарти муҳимми субот ва рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд низоми ҳуқуқии Тоҷикистон устувор аст, санадҳои меъёрии ҳуқуқии босифат қабул мешаванд, аммо сатҳи рушди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон қаноатмандкунанда нест. Яке аз зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ, ки ба волоияти ҳуқуқ, қонуният ва раванди татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсири манфӣ мерасонад, нигилизми ҳуқуқӣ мебошад.

Нигилизми ҳуқуқӣ маънои эътимод надоштан ба волоияти қонун, инкори нақши мусбати ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, беэътиноӣ, бовар надоштан ё рад кардани арзиши иҷтимоии ҳуқуқро дорад. Ин падида дар сатҳҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва давлатӣ зоҳир шуда, ба устувории низоми ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ хатар эҷод менамояд. Ба ақидаи ҳуқушиноси маъруфи рус С.С. Алексеев мушкилоти ҳуқуқ дар «паст рафтани мақоми ҳуқуқ дар корҳои амалӣ ва афкори ҷамъиятӣ – заифии он дар пешорӯйи воқеияти мураккабу сахти зиндагӣ, аз даст рафтани боварӣ ба он, ки ҳуқуқ воситаи

универсалӣ ва доимо амалкунандаи ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аст...» [1, с. 188-190] зоҳир мешавад. Ҳуқуқшиноси ватанӣ Р.Ш. Сотиволдиев ин зуҳуроти иҷтимоиро чунин шаҳр додааст: «Нигилизми ҳуқуқӣ зуҳуротест, ки дар муносибати манфӣ ва бепарвоёна ба қонун ва ҳамаи падидаҳои ҳуқуқӣ, инкор намудан ё баинобат нагирифтани нақш, аҳамият ва арзиши ҳуқуқ дар ҳаёти одамон ифода мегардад» [9, с. 718].

Нигилизми ҳуқуқӣ падидаи мураккаби иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ буда, дар шаклҳои пинҳонӣ ва ошкор вуҷуд дошта метавонад, аз беэътиноии фардӣ ба қонун то сарфи назар кардани қонун аз ҷониби мақомоти расмӣ зоҳир мегардад. Сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон, поймол намудани қонунҳо, бо роҳҳои ғайриҳуқуқӣ ва ғайриқонунӣ қонеъ гардонидани талаботҳои моддӣ ва маънавӣ, эътимод надоштан ба неруи қонун ва дигар зуҳуроти номатлуб шаклҳои зоҳиршавии нигилизми ҳуқуқӣ мебошанд. Аммо дар навбати худ нигилизми ҳуқуқӣ боиси коҳиш ёфтани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқӣ, риоя нашудани талаботҳои қонун, амалҳои ғайриҳуқуқии намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва рафторҳои зиддиҳуқуқӣ мегардад. Ин зуҳуроти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, мушкилот ва фазои ҳуқуқии ҷомеаро инъикос менамояд.

Дар воқеият санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сифати баланд доранд, ҳангоми қабули онҳо тамоми талаботи ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта шудаанд, аммо мушкилӣ дар татбиқ ва иҷроиши талаботҳои қонун мебошад. Агар як қисми ҳуқуқвайронкуниҳо бо сабаби паст будани донишҳо ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон сар зананд, пас бахши дигари қонуншиканиҳо ба эҳтиром надоштан ба қонунҳо ва эътироф нагардидани онҳо ҳамчун арзиши иҷтимоӣ марбут мебошад. Ҳанӯз дар вақташ файласуф ва ҳуқуқшиноси франсуз Ш. Монтеске навишта буд, ки «ҳангоме ман ба ягон кишвар меравам, на хубии қонунҳо, балки иҷроиши онҳоро тафтиш мекунам, зеро қонунҳои хуб дар ҳама ҷо вомехӯранд» [7, с. 318].

Нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон решаҳои амиқи таърихӣ ва иҷтимоӣ дошта, аз даврони шуравӣ сарчашма мегирад ва солҳои охир зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, муҳоҷират, нобаробарии иҷтимоӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар шаклҳои мухталиф зоҳир мегардад. Дар давоми ҳокимияти шуравӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташаббусҳои шахсӣ ва моликияти хусусиро ба танзим дароварда наметавонистанд, фармондеҳии бюрократӣ, итоати бечунучаро ба ҳизб ва беарзиш шудани ҳуқуқи фардӣ хоси фазои ҳуқуқии ин замон буд. Ҷойи ҳуқуқу озодии шахсро ғояи хизмат кардан ва содиқ будан ба идеяҳои ҳизби ҳукумрон гирифта, ҳуқуқ барои ҳифзи манфиатҳои ҳизби ҳукумрон хизмат мекард. Қонунҳо на воситаи ҳифзи ҳуқуқи шахс ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, балки як унсури муҳими идоракунӣ баромад мекарданд. Дар ин давра нигилизми ҳуқуқӣ аз худи назарияи ҳуқуқ замина мегирифт, зеро мувофиқи он институти ҳуқуқ ҳамчун меросбари ҷомеаи синфӣ бояд оянда аз байн мерафт.

Мувофиқи пурсиши сотсиологии кормандони шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, ки дар ҳамкорӣ бо мутахассисони кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон» (2024) гузаронида шуд, 34,0%-и мусоҳибон сабабҳои ба қонун боварӣ надоштани баъзе аз шаҳрвандонро ба паст будани донишҳои ҳуқуқии онҳо, 9,9% ба ноадолатиҳои иҷтимоӣ ва 6,2% ба коррупсия марбут донистаанд *(нигаред ба диаграммаи 1)* [10, с. 104].

Диаграммаи 1. Барои чӣ баъзе аз шаҳрвандон ба қонун боварӣ надоранд? (n=1100, %)

Дар асоси таҳлили таҳқиқотҳои гузаронидашуда чунин омилҳои пайдоишу паҳншавии нигилизми ҳуқуқиро номбар намудан мумкин аст:

- таъсири шуур ва маданияти ҳуқуқии даврони шуравӣ, ки тавассути иҷтимоишавии ҳуқуқӣ аз як насл ба насли дигар мегузаранд;
- дар сатҳи паст қарор доштани савод, маърифат, дониш, шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон;
- дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, махсусан, маърифати ҳуқуқӣ;
- дар сатҳи ҷомеа афзудани сатҳи каҷрафторию иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷиноятқорӣ;
- таъсири урфу одат ва анъанаҳо низ боиси паҳншавии нигилизми ҳуқуқӣ мегардад, махсусан, дар баъзе аз деҳотҷойҳо шаҳрвандон ҳамаи масъалаҳои ҳаётии хешро тавассути урфу одат, анъанаҳо ва “қонунҳои нонавишта” ҳал кардан мехоҳанд ва аз ин сабаб, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мурочиат намекунанд;
- коррупсия яке аз сабабҳои паҳншавии нигилизми ҳуқуқӣ мебошад, ки боиси аз байн рафтани эътимоди мардум нисбати ҳуқуқ ва қонунҳо мегардад;
- камбизоатии бархе аз шаҳрвандон ба рушди муносибатҳои нигилистии онҳо оварда мерасонад, зеро шахсе зиндагии шоистаю сазоворро ташкил карда наметавонад, на ҳама вақт барои ӯ ҳуқуқу қонун арзиш дорад;
- солҳои охир муҳоҷирати меҳнатӣ низ ба нигилизми ҳуқуқӣ мусоидат менамояд, зеро муҳоҷират боиси канда шудани робитаҳои баъзе аз шаҳрвандон бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гардида, ҷавонон дар муҳоҷират ба низоми ҳуқуқии дигар давлатҳо мутобиқ шуда, қонунҳои миллиро намедонанд;
- на ҳамаи шаҳрвандон барои дастрасӣ ба суд, адвокат ва дигар институтҳои ҳуқуқӣ имконияти зеҳнӣ ва моддии кофӣ доранд;
- дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҷассум нагардидани манфиату талаботҳои муҳимтарини шаҳрвандон: «ҳангоме, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ба шаклҳои ҳаёту фаъолияти одамон мувофиқ намеоянд, онҳо ин меъёрҳоро инкор мекунанд ва зуҳуроте мисли “нигилизми ҳуқуқӣ” пайдо мешавад” [3];
- дар воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн шудани маводе, ки каҷрафторӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, беҳуқуқӣ, фаҳш ва зӯроварӣ паҳн менамояд ва ғайраҳо.

Нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон паҳн гардидааст, бо ин сабаб, баъзе аз шаҳрвандон дар мавриди гирифтор

гардидан ба зӯроварӣ, поймол гаштани ҳуқуқҳои озодиҳои шахсӣ ва дигар мушкилоти ҳуқуқӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти суд мурочиат намекунанд ва барои ҳалли мушкилоти хеш аз механизмҳои ғайриҳуқуқӣ истифода мебаранд. Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии номбаршуда, аз дах як ҳиссаи мусоҳибон (10,5%) ҳангоми поймол шудани ҳуқуқҳояшон ба ҷамоат, 9,2% ба раиси маҳалла ва 9,0% ба Ҳукумат мурочиат мекардаанд *(нигаред ба диаграммаи 2)* [5; 11, с. 57; 60].

Диаграммаи 2. Мурочиати мусоҳибон ҳангоми поймол шудани ҳуқуқҳояшон *(n=1100, %)*

Мушоҳидаҳо ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки нигилизми ҳуқуқӣ барои ҷомеа хатари зиёд дорад ва таҳдиди ҷиддӣ ба қонуният, волоияти ҳуқуқ ва амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Он ба боло рафтани сатҳи каҷрафториҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷиноятқорӣ ва афзоиши таъсири “қонунҳои нонавишта” мусоидат намуда, боиси шиддат гирифтани рафторҳои зиддиҳуқуқии шаҳрвандон мегардад.

Баъдан, дар шароити паҳн гардидани нигилизми ҳуқуқӣ худи шаҳрвандон барои тадбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ талош намекунанд ва тамоми мушкилоту талаботҳои иҷтимоии худро бо роҳҳои ғайриҳуқуқӣ ҳал ва қонеъ гардонидан мехоҳанд. Нигилизми ҳуқуқӣ ба фаъолияти шаҳрвандон, кори самараноки ҳокимияти сиёсӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ монеаҳо эҷод менамояд. Рушди оммавии нигилизми ҳуқуқӣ ба бӯҳрони шуур ва маданияти ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Махсусан, “дар шароити нигилизми ҳуқуқӣ, дар зеҳни аъзоёни ҷомеа парвариш намудани муносибати мусбӣ ба арзишҳои фарҳанги ҳуқуқӣ (ҳуқуқи инсон, волоияти қонун, эҳтироми қонун, тартиботи ҳуқуқи ва ғ.) душвор аст. Нигилизми ҳуқуқӣ барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ монеаҳо эҷод менамояд” [2, с. 229]. Яке аз сабабҳои гаравиши баъзе аз ҷавонони тоҷик ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ маҳз нигилизми ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Коҳиш додани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ раванди дурудароз буда, тавассути тағйир додани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, пешниҳоди хизматрасонии босифати ҳуқуқӣ, ба вуҷуд овардани эътимоди аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, баланд бардоштани арзиши иҷтимоии ҳуқуқ ва андешидани дигар тадбирҳои зарурӣ амалӣ мегардад. Шаҳрвандон ҳамон вақт сидқан рафтори худро ба ҳуқуқ мувофиқ менамоянд, ки агар ба манфиатовар будани он боварӣ дошта бошанд. Маҳз боварӣ ба ҳуқуқ шароити аслии боло рафтани нақши ҳуқуқ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва эътироф гардидани арзишнокии қонунҳо мегардад. Танҳо қонуният, баробарҳуқуқӣ, адолати иҷтимоӣ ва

татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ шаҳрвандонро барои омӯзиши ҳуқуқ, баланд бардоштани шуур ва маданияти ҳуқуқӣ ҳавасманд гардонида метавонанд.

Барои бартараф намудани нигилизми ҳуқуқӣ бояд сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон боло бардошта шуда, таълиму тарғиби оммавии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад, зеро “тарбия ва таълими ҳуқуқӣ метавонад натиҷаҳои зарурироро дар бартарафсозии ақидаҳои инкоркунии ҳуқуқӣ ба миён орад” [4, с. 40]. Маҳз шуур ва маданияти баланди ҳуқуқӣ рафтори ҳуқуқии одамонро таъмин карда метавонанд. “Дар сурате, ки ҷавонон агар дорои сатҳи кофии фарҳанги ҳуқуқӣ бошанд, муносибаташон бо қонун ва эҳтирому рияи онро шарти муҳим меҳисобанд. Дар ин ҳолат волоияти қонун ҳамчун аломати давлати ҳуқуқбунёд амали гардида, эҳтиром ба он на аз рӯйи тарси ҷазо, балки аз рӯйи фарҳанги баланди ҳуқуқӣ ба миён меояд, ки аз сатҳи олии фарҳанги ҳуқуқӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар ҳолати сатҳи пасти фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, якум муносибати онҳо нисбат ба ҳуқуқ, қонун ва фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ хислати манфиро касб менамояд, ки ин асоси пайдоиши нигилизми ҳуқуқӣ дар байни ҷавонон мегардад ва дуюм сабаби қаҷрафторӣ, ифротгароӣ ва дар маҷмуъ ҷиноятқорӣ дар байни ҷавонон мегардад” [2, с. 229].

Бартараф намудани нигилизми ҳуқуқӣ тавассути ташаккул додани қонунгузорӣ, маърифати ҳуқуқӣ, баланд бардоштани шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, тарбияи ҳуқуқшиносони варзида, ба вуҷуд овардани ҳисси эҳтироми аҳли ҷомеа нисбати қонунҳо, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс имконпазир мегардад.

Дар ҷомеаи демократӣ дастрасии шаҳрвандон ба ёрии босифати ҳуқуқӣ шарти дигари коҳиш додани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Маҳз адвокат дар ҳимояи ҳуқуқӣ инсон нақши муҳимро бозида, ба волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқии шаҳрвандон ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Мувофиқи натиҷҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва мушоҳидаҳо на ҳамаи шаҳрвандон, махсусан, баъзе аз сокинони деҳоти Тоҷикистон имконияти зеҳнӣ ва моддии дастрас намудани ёрии ҳуқуқии босифатро доранд, барои ин сатҳи пасти дониши ҳуқуқӣ ва мушкилоти молиявӣ имконият намедиҳад.

Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологие, ки дар боло номбар намудем, 20,1%-и мусоҳибон тарғиб ва фаҳмонидани қонунҳо, 12,4% маърифати ҳуқуқӣ, 10,4% барпо намудани адолати иҷтимоӣ ва ва 9,8% таъмини баробарии ҳама дар назди қонунро тадбирҳои баланд бардоштани боварии шаҳравандон нисбат ба қонунҳо шуморидаанд [10] *(нигаред ба расми 3)*.

Диаграммаи 3. Чӣ бояд кард, то шаҳрвандон ба қонун боварӣ пайдо намоянд? *(n=1100, %)*

Дар асоси таҳлили пешниҳодҳои муҳаққиқони соҳа ва натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологии гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои коҳиш додан ва пешгирии нигилизми ҳуқуқӣ дар кишварамон дар амал татбиқ намудани тадбирҳои зерин мусоидат карда метавонанд:

– ташаккул додани шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон тавассути ба роҳ мондани иҷтимоишавии босифати ҳуқуқӣ, зиёд намудани соатҳои дарсӣ аз фанҳои ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таълимӣ, гузаронидани тренингҳо ва вохӯриҳои мунтазам дар байни аҳолӣ оид ба масъалаҳои муҳимми ҳуқуқӣ;

– дар васоити ахбори омма баррасӣ гардидани масъалаҳои ҳуқуқӣ ва тарғиби нақш, мақом ва арзиши иҷтимоии ҳуқуқ;

– кушодани сомонаҳои миллӣ-ҳуқуқӣ ва тавассути онҳо паҳн намудани маълумоти ҳуқуқии ройгон бо забони тоҷикӣ, инчунин вазифадор намудани ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои саривақт дар ин сомонаҳо пешниҳод намудани ахбори ҳуқуқӣ;

– вобаста ба сатҳи дониш ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон сода ва оммафаҳм намудани мазмуни баъзе аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ;

– маҳдуд намудани фаъолияти васоити ахбори оммае, ки ба тарбияи ахлоқӣ ва ҳуқуқии шаҳрванон таъсири манфӣ мерасонанд;

– барои омӯхтани вазъи воқеии фазои ҳуқуқии ҷомеа зуд-зуд гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ;

– ба аҳолӣ пешниҳод кардани хизматрасонии босифати ҳуқуқӣ, машварати ҳуқуқӣ ва таъмини ёрии ҳуқуқии ройгон ба қишри камбизоати ҷомеа тавассути рушд додани фаъолияти мақомоти адвокатура;

– ташкили марказҳои машварати ҳуқуқӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар;

– пешгирии коррупсия ва таъмини баробарии ҳамаи шаҳрвандон дар назди қонун

– назорати қатъии фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайраҳо.

Хулоса, нигилизми ҳуқуқӣ зуҳуроти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ буда, сабабҳои пайдоишу паҳншавии худро дорад. Паҳншавии он ба амали самараноки ҳуқуқ, волоияти қонун, арзишмандии ҳуқуқ ва амнияти миллӣ таҳдид менамояд. Барои эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва нигоҳдошти волияти қонун бояд барои коҳиш додани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа тамоми тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар соли 2023 ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, чунин изҳори назар намуданд: “Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад. Ҳоло дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020-2030 амалӣ шуда истодааст. Масъалаи дигари муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун буда, он меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд” [8].

АДАБИЁТ:

1. Алексеев, С.С. Право на пороге нового тысячелетия: некоторые тенденции мирового правового развития – надежда и драма современной эпохи / С.С. Алексеев. – М.: Статус, 2000. – 256 с.

2. Алиев, Ф.Ш. Нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун омили зидди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон / Ф.Ш. Алиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 4-1(33). – С. 228-233.

3. Гуляихин, В.Н. Правовой нигилизм в России: монография / В.Н. Гуляихин. - Волгоград: Перемена, 2005. – 280 с.

4. Мансурзода, А.М. Нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва оқибатҳои он / А.М. Мансурзода, Ғ.Н. Қодирзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2022. – № 3(55). – С. 37-43.

5. Мирзода, Ф.С. Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ). Монография / Ф.С. Мирзода. – Душанбе: ДМТ, 2025. – 416 с.

6. Миров, Ф.С. Сотсиологияи ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ / Ф. Миров, В. Баҳрombеков. Зери таҳрири профессор Шоисматуллоев Ш. – Душанбе: ДМТ, 2023. – 230 с.

7. Монтескье, Ш. Избранные произведения: в 2-х томах / Ш. Монтескье; под общ. ред. М.П. Баскин. – М.: Госполитиздат, 1955. – 799 с.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/32191 (санаи истифодабарӣ: 07.05.2025).

9. Сотиволдиев, Р.Ш. Назаряи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Сино, 2018. – С. 718.

10. Шоисматуллоев, Ш. Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон (маводи таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ) / Ш. Шоисматуллоев, Ф.С. Миров. – Душанбе: Дониш, 2024. – 135 с.

11. Шоисматуллоев, Ш. Масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ) / Ш. Шоисматуллоев, Ф.С. Миров. – Душанбе: Дониш, 2023. – 89 с.

ПРАВОВОЙ НИГИЛИЗМ КАК СОЦИАЛЬНОЕ ЯВЛЕНИЕ

Мирзода Ф.С., Сайдалиев Ф.Д.

В данной статье правовой нигилизм рассматривается как сложное социальное и правовое явление, которое ослабляет верховенство закона и подрывает стабильность правового пространства общества. Авторы анализируют причины возникновения и распространения этого феномена в современном таджикском обществе, указывая на его исторические, культурные, социальные и политические корни. Среди основных факторов названы низкий уровень правового просвещения, влияние традиций и обычаев, бедность, трудовая миграция, коррупция и другие. В статье представлены результаты социологических исследований, выявляющие причины правового нигилизма среди граждан.

Авторы акцентируют внимание на социальных последствиях правового нигилизма, таких как снижение уровня правовой культуры, рост девиантного поведения, распространение правонарушений, вовлечение молодежи в радикальные движения, угроза стабильности и национальной безопасности. В статье предложены меры по снижению и предотвращению правового нигилизма, включая повышение правосознания, доступность качественной правовой помощи и укрепление доверия общества к закону.

По мнению авторов, преодоление правового нигилизма возможно только через признание и ценностное восприятие права, соблюдение закона и обеспечение социальной справедливости. Отдельное внимание уделено важной роли правового воспитания, государственной поддержки в организации правовых услуг и популяризации правовых ценностей через средства массовой информации.

Ключевые слова: правовой нигилизм, верховенство закона, правосознание, правовая культура, девиантное поведение, правонарушение, коррупция, трудовая миграция, правовое воспитание, правовая помощь, правовые ценности.

LEGAL NIHILISM AS A SOCIAL PHENOMENON

Mirzoda F.S., Saidaliev F.D.

This article explores legal nihilism as a complex social and legal phenomenon that undermines the rule of law and destabilizes the legal environment of society. The authors analyze the causes and spread of this phenomenon in modern Tajik society, pointing to its historical, cultural, social, and political origins. Key contributing factors include the low level of legal awareness, the influence of traditions and customs, poverty, labor migration, corruption, and others. The article presents the results of sociological research that reveal citizens' attitudes and reasons for legal nihilism.

The authors emphasize the social consequences of legal nihilism, such as the decline of legal culture, growth in deviant behavior, increased law violations, youth involvement in extremist movements, and threats to national stability and security. The article proposes measures to reduce and prevent legal nihilism, focusing on enhancing legal consciousness, ensuring access to quality legal assistance, and restoring public trust in law.

According to the authors, overcoming legal nihilism is possible only through recognition and appreciation of legal values, compliance with laws, and promotion of social justice. The article also highlights the important role of legal education, state-supported legal services, and the dissemination of legal values through mass media.

Key words: legal nihilism, rule of law, legal consciousness, legal culture, deviant behavior, legal violations, corruption, labor migration, legal education, legal assistance, legal values.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МИГРАЦИОННАЯ ПОЛИТИКА И СТАРЕНИЕ НАСЕЛЕНИЯ: МЕЖДУНАРОДНО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

Ананченкова П.И. – к.э.н., доцент, соискатель Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова НАНТ e-mail: ananchenkova@yandex.ru, тел.: +79035710601

В условиях глобального демографического старения все более актуальным становится пересечение демографической и миграционной повестки. Уменьшение доли трудоспособного населения в развитых странах приводит к росту спроса на внешние трудовые ресурсы, в то время как миграция становится инструментом компенсации социально-экономических дисбалансов. Цель статьи — выявить ключевые международно-политические аспекты, обусловленные взаимосвязью между миграционной политикой и процессами старения населения, а также проанализировать трансформацию миграционных стратегий в условиях демографического перехода. В работе рассматриваются глобальные и региональные тенденции, институциональные подходы и политические вызовы, формирующие современную архитектуру миграционного регулирования в контексте стареющего мира.

Ключевые слова: *миграционная политика, старение населения, демографический переход, международные отношения, трудовая миграция, демографическая безопасность.*

Демографическое старение населения представляет собой один из наиболее значимых и устойчивых мегатрендов XXI века, оказывающих системное воздействие на национальные и международные процессы. Согласно прогнозу Департамента по экономическим и социальным вопросам ООН, к середине XXI века число людей в возрасте 65 лет и старше превысит 1,6 млрд человек, а их доля в общей численности населения планеты составит около 16%, а в странах с высоким уровнем дохода этот показатель достигнет 25–30%, трансформируя привычную демографическую и социально-экономическую структуру [1].

Старение населения оказывает значительное влияние на экономику, рынок труда, систему здравоохранения и пенсионного обеспечения. Оно приводит к росту коэффициента демографической нагрузки, сокращению трудоспособного населения и снижению темпов экономического роста. В то же время старение является вызовом не только внутреннего, но и внешнеполитического характера, особенно для стран с открытыми экономиками и участием в глобальных миграционных потоках.

В этих условиях миграция приобретает новое значение: она рассматривается как один из немногих возможных компенсаторных механизмов, способных восполнить дефицит рабочей силы, поддерживать демографический баланс и стимулировать экономическую активность. Как следствие, национальные и наднациональные акторы в сфере международной политики всё чаще обращаются к миграционным стратегиям в качестве инструмента демографической стабилизации и геополитического позиционирования.

Миграционная политика в условиях старения населения перестаёт быть исключительно гуманитарным или экономическим вопросом — она становится элементом национальной безопасности, внешнеполитической повестки и глобального регулирования. При этом возникает целый спектр новых проблем: конкуренция государств за трудовые ресурсы, миграционные конфликты, рост политической напряжённости в связи с антимиграционными настроениями в обществе.

На фоне усиливающейся межгосударственной конкуренции за человеческий

капитал актуализируется вопрос о необходимости переосмысления архитектуры международного миграционного регулирования с учётом демографических вызовов. Также возрастает значимость политико-правовой координации между странами происхождения, транзита и приёма мигрантов.

Таким образом, проблема взаимосвязи демографического старения и миграционной политики требует многоаспектного научного анализа. Целью настоящего исследования является выявление международно-политических аспектов, возникающих в условиях старения населения, а также рассмотрение трансформации национальных и глобальных миграционных режимов под воздействием демографических факторов.

В условиях нарастающего демографического старения в странах с высоким уровнем дохода международная миграция приобретает значение ключевого компенсаторного механизма, позволяющего частично нейтрализовать негативные последствия стареющей структуры населения. Ведущие международные организации, включая ОЭСР, ООН, Всемирный банк и Международную организацию по миграции (МОМ), сходятся в оценке: без привлечения мигрантов в большинстве развитых стран уже в ближайшие десятилетия возникнет дефицит трудовых ресурсов, который будет угрожать экономической стабильности, функционированию социальной сферы и устойчивости пенсионных систем.

Согласно отчету OECD (2021), в странах ЕС до 50% прироста трудоспособного населения приходится на мигрантов, в Канаде — более 70%, а в США их вклад в прирост рабочей силы оценивается в 65% за период 2010–2020 гг [2]. Более того, без миграционного притока уже к 2035 году население трудоспособного возраста в Европе может сократиться на 25–30 миллионов человек, что будет иметь критические последствия для экономики, здравоохранения и сферы ухода.

На фоне этих вызовов международная миграционная политика всё чаще принимает форму инструментального реагирования на демографические дефициты. Ведущие направления этой трансформации включают:

- Развитие «умных» визовых режимов, нацеленных на привлечение квалифицированной рабочей силы (smart migration). Классическими примерами являются система баллов в Канаде и Австралии, программа Blue Card в ЕС, визовая категория H1-B в США.

- Расширение экономических миграционных программ, в том числе временных рабочих контрактов, сезонной занятости, программ стажировок и межгосударственных соглашений о трудовой мобильности. Такие программы активно развиваются между странами ЕС и Восточной Европы, Японией и странами Юго-Восточной Азии, странами Персидского залива и Южной Азии.

- Создание двусторонних и региональных механизмов партнёрства между странами-донорами и странами-реципиентами мигрантов. Например, сотрудничество между Германией и странами Балканского региона включает подготовку специалистов в сфере ухода за пожилыми, адаптированных к немецкому рынку труда. Похожая модель реализуется в Южной Корее (программа EPS), где миграционные потоки регулируются через государственные каналы.

- Интеграция мигрантов в систему долгосрочной занятости и социальной защиты. В ряде стран миграционная политика всё больше направлена не только на привлечение, но и на удержание и интеграцию мигрантов, включая языковую подготовку, культурную адаптацию и признание квалификаций. Это особенно актуально в сферах, связанных с уходом за пожилыми людьми.

Однако, несмотря на очевидную экономическую целесообразность расширения миграционных потоков, в ряде стран наблюдается острое противоречие между демографической необходимостью и политической реализацией. В государствах с высоким уровнем миграционной напряжённости — таких как Франция, Венгрия, Италия, Польша — набирают силу национал-популистские движения, использующие миграционную тематику как инструмент политической мобилизации. Обострение дискурсов национальной идентич-

ности, безопасности и культурной угрозы приводит к ужесточению миграционных режимов, росту ксенофобских настроений и политической фрагментации.

Например, во Франции вопрос миграции остаётся предметом жёстких парламентских дебатов, несмотря на нехватку медсестёр и сиделок в домах престарелых. В Венгрии миграция рассматривается через призму этнокультурной безопасности, а в Польше — через риски социальной напряжённости, несмотря на потребность в трудовых ресурсах, особенно в сельском хозяйстве и уходовых службах.

На международном уровне вопросы миграции и старения становятся объектом растущей политической дискуссии. Принятие Глобального договора ООН о безопасной, упорядоченной и регулярной миграции [3] вызвало поляризацию: часть государств (включая США, Венгрию, Польшу) отказалась его подписывать, ссылаясь на угрозу национальному суверенитету. Тем не менее, договор заложил основу для разработки глобальных принципов миграционного управления, включая:

- учёт демографических тенденций в миграционной политике;
- содействие циркулярной миграции;
- признание вклада мигрантов в устойчивое развитие.

Таким образом, международная миграция в контексте демографического старения — это не только социально-экономическая необходимость, но и арена международно-политических споров. Успешная реализация миграционных стратегий требует гибкости, институциональной устойчивости, международной координации и, что особенно важно, политической воли к интеграционным подходам, основанным на балансе интересов государств, бизнеса и населения.

Демографическое старение формирует не только внутренние вызовы для стран, но и трансформирует логику международного и регионального взаимодействия, углубляя геополитическую конкуренцию за трудовые и интеллектуальные ресурсы. В условиях дефицита рабочей силы, особенно в сферах ухода, медицины, строительства и сервисных услуг, государства с высоким уровнем старения стремятся сформировать устойчивые каналы миграционного притока. Это порождает несколько ключевых геополитических трендов:

1. Конкуренция за человеческий капитал и «утечка мозгов». Развитые страны, сталкиваясь с дефицитом трудоспособного населения, выстраивают стратегии активного привлечения высококвалифицированных мигрантов — врачей, инженеров, программистов, исследователей. Эта тенденция усиливает феномен «утечки мозгов» из стран с низким и средним уровнем дохода, особенно из государств Юга и Востока (Южная Азия, Африка, Латинская Америка, СНГ).

По данным Всемирного банка (2022), более 30% выпускников медицинских вузов из стран Африки работают за пределами региона, в том числе в Великобритании, Канаде и Австралии [4]. В результате образуется структурный разрыв: страны-реципиенты наращивают человеческий капитал без дополнительных инвестиций в образование, в то время как государства-доноры сталкиваются с нехваткой специалистов в критически важных секторах, включая здравоохранение и образование.

2. Региональное неравенство и зависимость от миграции. Неравномерность демографической и экономической динамики приводит к росту регионального неравенства в доступе к трудовым ресурсам. Например:

- Западная Европа концентрирует мигрантов из Восточной Европы, Ближнего Востока и Северной Африки;
- Северная Америка черпает ресурсы из Латинской Америки и Азии;
- Россия опирается на миграцию из Центральной Азии.

Формируются транснациональные трудовые коридоры, которые становятся частью геополитических стратегий. В обмен на доступ к рынкам труда развивающиеся страны получают поддержку в виде инфраструктурных инвестиций, образовательных программ, визовых преференций и соглашений о социальной защите. Эти каналы усиливают экономическую и политическую зависимость менее развитых стран от миграционных режимов ведущих держав.

3. Геополитические зоны влияния: миграция как инструмент мягкой силы.

Миграционная политика становится частью инструментов мягкой силы и внешней политики. Государства формируют политико-экономические зоны влияния, выстраивая нормативные, логистические и образовательные связи с донорами рабочей силы. Например:

- Европейский союз активно сотрудничает с Северной Африкой (Марокко, Тунис, Египет) в рамках политики «мобильности и миграционного партнёрства». Это включает подготовку кадров, поддержку инфраструктуры и облегчённый визовый режим в обмен на контроль за нелегальной миграцией.

- Россия развивает евразийский миграционный контур, опираясь на страны СНГ и особенно Центральной Азии (Узбекистан, Таджикистан, Кыргызстан). Механизмы упрощённого трудоустройства, признания дипломов, патентной системы создают относительно интегрированное пространство трудовой мобильности. При этом Россия укрепляет свой статус «якорного государства» для десятков миллионов мигрантов.

- В Азии наблюдается сдвиг в сторону постепенного открытия миграционной политики. Так, Япония, традиционно закрытая для миграции, в 2018 году ввела специальный статус для низкоквалифицированных работников из стран Юго-Восточной Азии, в первую очередь для работы в сфере ухода и сельского хозяйства. Южная Корея продвигает программу EPS (Employment Permit System), позволяющую гражданам 16 стран работать в Корее по упрощённой системе. Китай, в свою очередь, наращивает миграционную привлекательность для высококвалифицированных специалистов и китайской диаспоры, формируя «обратную утечку мозгов».

Эти процессы формируют новую карту геополитических взаимосвязей, в которой миграция выступает не только как экономическая необходимость, но и как инструмент влияния, зависимости и дипломатического манёвра. Страны, обладающие привлекательной системой миграционного приёма и эффективной интеграционной политикой, получают демографические и экономические дивиденды, формируя устойчивое преимущество на международной арене.

В условиях старения населения государства разрабатывают различные модели демографической устойчивости, опираясь на миграцию как на один из ключевых компенсаторных механизмов. Эти модели отражают различия в политических традициях, культурных установках, экономических приоритетах и степени открытости общества.

Модель 1. Иммиграционная модель адаптации (Канада, Австралия, Новая Зеландия).

Страны с историей миграционной открытости выстраивают политику на принципах привлечения, отбора и интеграции квалифицированных мигрантов. Основные черты этой модели:

- бальные системы оценки мигрантов (по образованию, возрасту, уровню языка, опыту);

- стратегическая иммиграция в дефицитные отрасли (здравоохранение, инженерия, ИТ);

- быстрая натурализация и предоставление доступа к гражданским правам;

- многоуровневая интеграционная инфраструктура: языковые курсы, карьерные центры, межкультурные программы.

Канада, например, ставит задачу ежегодного прироста населения за счёт миграции не менее чем на 1%. В 2022 году в страну прибыло рекордное число новых постоянных резидентов — более 430 тысяч [5]. Такая политика позволяет компенсировать старение, укреплять рынок труда и поддерживать налоговую базу.

Модель 2. Контрактная миграция (страны Персидского залива).

Страны Персидского залива (ОАЭ, Саудовская Аравия, Кувейт и др.) реализуют модель временного привлечения мигрантов по контрактам, преимущественно в строительстве, сфере услуг и домашнем уходе. Характерные черты:

- отсутствие права на гражданство и ограниченный доступ к социальным услугам;

- жёсткий контроль над сроками пребывания и условиями труда;

- высокая экономическая зависимость от иностранной рабочей силы (до 80% рабочей силы — мигранты в ОАЭ и Катаре).

Такая модель обеспечивает гибкость и низкие издержки, но создаёт социальную уязвимость, обостряет вопросы прав человека и генерирует международную критику.

Модель 3. Двойственный подход (страны ЕС).

В Европейском союзе наблюдается гибридная модель, в которой сочетаются элементы открытости к квалифицированной миграции с повышенными требованиями к интеграции. Особенности:

- квоты и визовые режимы, ориентированные на экономические интересы;
- различия в подходах между странами ЕС (например, Германия более открыта, чем Венгрия или Польша);
- интеграционные программы как обязательный элемент миграционной политики (включая знание языка, истории, участие в гражданской жизни);
- рост политической поляризации и сопротивления части общества усилению миграции на фоне экономических, культурных и религиозных различий.

ЕС сталкивается с вызовом сохранения социального баланса, особенно в контексте миграционного кризиса 2015–2016 гг. и последующих волн перемещённых лиц (например, с Украины). Это требует координации на наднациональном уровне и соблюдения прав человека при реализации демографических целей.

Демографическое старение в XXI веке выходит за рамки национальных демографических вызовов и становится фактором, структурирующим международную политику, глобальные экономические связи и трансграничные потоки населения. Его последствия отражаются не только на внутренней социальной политике государств, но и на перераспределении глобального влияния, изменении политико-экономической динамики и архитектуре международного сотрудничества.

Таким образом, старение населения и миграция — это два взаимосвязанных глобальных процесса, требующих комплексного и скоординированного международного ответа. Успешное преодоление демографических вызовов возможно только при условии конструктивного диалога между государствами, укрепления глобальных институтов и признания взаимной зависимости в управлении человеческим капиталом в эпоху трансформации мировой демографии.

СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ:

1. United Nations Department of Economic and Social Affairs (UN DESA). World Population Prospects 2022. URL:https://population.un.org/wpp/ (дата обращения: 12.01.2025).
2. OECD. International Migration Outlook 2021. Paris: OECD Publishing, 2021.
3. United Nations. Global Compact for Safe, Orderly and Regular Migration. New York: UN, 2018. URL:https://www.un.org/en/ga/search/view_doc.asp?symbol=A/RES/73/195 (дата обращения: 12.01.2025).
4. World Bank. Migration and Development Brief 36: A War in a Pandemic. Washington, D.C.: World Bank, 2022. 42 p. URL:https://www.worldbank.org/en/topic/migrationremittancesdiasporaissues (дата обращения: 12.01.2025).
5. Government of Canada. 2023–2025 Immigration Levels Plan. URL:https://www.canada.ca/en/immigration-refugees-citizenship/news/2022/11/2023-2025-immigration-levels-plan.html (дата обращения: 12.01.2025).

СИЁСАТИ МУҲОҶИРАТ ВА ПИРШАВИИ АҲОЛӢ: ҶАНБАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ СИЁСӢ

Ананченкова П.И.

Дар шароити пиршавии глобалии аҳолӣ тақсимшавии масъалаҳои демографӣ ва муҳоҷират рӯз то рӯз аҳамияти бештар пайдо мекунад. Коҳиши ҳиссаи аҳолии қобили кор дар кишварҳои тараққикарда боиси афзоиши талабот ба захираҳои меҳнатии хориҷӣ мегардад, дар ҳоле ки муҳоҷират ҳамчун шарҳи ҷубронкунандаи нобаробарии иҷтимоии иқтисодӣ амал мекунад. Ҳадафи мақола муайян кардани ҷанбаҳои асосии байналмилалӣ ва сиёсиест, ки ба робитаи байни сиёсати муҳоҷират ва равандҳои пиршавии аҳолӣ вобастаанд, ҳамчунин таҳлили трансформатсияи стратегияи муҳоҷират дар шароити гузариши демографӣ мебошад. Дар таҳқиқот тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ра-

вишҳои институтсионалӣ ва таҳдидҳои сиёсӣ, ки меъмории муосири танзими муҳоҷиратро дар контексти ҷаҳони пиршаванда ташаккул медиҳанд, баррасӣ мешаванд.

Калидвожаҳо: сиёсати муҳоҷират, пиршавии аҳолӣ, гузариши демографӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, амнияти демографӣ.

MIGRATION POLICY AND POPULATION AGEING: INTERNATIONAL POLITICAL ASPECTS

Anchenkova P.I.

In the context of global demographic aging, the intersection of demographic and migration agendas is becoming increasingly relevant. A decrease in the share of the working-age population in developed countries leads to an increase in demand for external labor resources, while migration becomes a tool to compensate for socio-economic imbalances. The purpose of the article is to identify key international political aspects related to the relationship between migration policy and population aging, as well as to analyze the transformation of migration strategies in the context of demographic transition. The paper examines global and regional trends, institutional approaches, and political challenges shaping the modern architecture of migration regulation in the context of an aging world.

Keywords: migration policy, population aging, demographic transition, international relations, labor migration, demographic security.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ИНЪИКОСИ НИШОНАҲОИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ПОЙТАХТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Гардоншо Алишер Мехробшо – ходими хурди илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, Рудаки 33; **E-mail:** gmalisher@gmail.com; **Тел.:** (+992) 550-10-35-10.

Дар ин мақола масъалаи таҷассуми нишонаҳои ҳувияти миллӣ дар муҳити шаҳрии пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе аз дидгоҳи сотсиологӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф дар заминаи назарияҳои муҳаққиқони маъруфи ҷомеашиносӣ, ба монанди Э. Гидденс, Б. Андерсон, П. Бурдё, Э. Хобсбаум ва дигарон равандҳои ташаккул ва муаррифии ҳувияти миллиро дар шароити шаҳришавӣ ва тағйироти глобалӣ таҳлил намудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба унсурҳои айёнӣ, рамзҳои давлатӣ, фазои шаҳрӣ, истифодаи инфрасохтор ва нақши онҳо дар бедории худшиносии миллӣ дода шудааст. Дар мисоли Душанбе нишон дода шудаст, ки чӣ гуна муҳити шаҳрӣ ҳамчун "оинаи ҳувияти миллӣ" хизмат намуда, ба мутаҳидсозии иҷтимоӣ, таҳкими арзишҳои миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа мусоидат карда метавонад. Ҳамзамон, таъкид гардидааст, ки истифодаи унсурҳои фарҳангӣ ва технологияи муосир заминаи ташаккули "ҳувияти рақамӣ"-ро низ фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: *ҳувияти миллӣ, рамзҳои миллӣ, муҳити шаҳрӣ, Парчами давлатӣ, сотсиологияи шаҳр, фарҳанг, худшиносии миллӣ, идеологияи давлатӣ, анъанаҳои миллӣ, ҷомеаи хаёлӣ, ҳувияти рақамӣ, ваҳдати миллӣ.*

Ҳувияти миллӣ яке аз мафҳумҳои калидӣ дар илмҳои сотсиологӣ ва умуман, илмҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки ба маънии дарк ва эҳсоси мансубият ба як миллат, арзишҳои муштарак, таърих, фарҳанг ва забонро дар бар мегирад. Ин мафҳум ба шаклгирии худшиносии миллӣ мусоидат намуда, омили асосии муттаҳидсозии ҷомеа ва таҳкими давлатдорӣ мегардад. Ҳувияти миллӣ ҳамеша дар равандҳои таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ташаккул меёбад ва дар замони муосир таҳти таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла ҷаҳонишавӣ, муҳоҷират ва технологияҳои иттилоотӣ, тағйир меёбад.

Сотсиологӣ англис Э. Гидденс, қайд менамояд, ки ҳувият на танҳо хосияти як шахсият, балки ҷузъи муҳими ташаккули иҷтимоӣ мебошад. Ӯ таъкид мекунад, ки ҳувият дар натиҷаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва робитаҳо бо дигарон ташаккул меёбад ва доимо тағйир меёбад. Ин назария нишон медиҳад, ки ҳувияти миллӣ низ дар шароити таърихӣ ва иҷтимоӣ тағйир ёфта, вобаста ба сиёсат ва фарҳанги ҳар кишвар шакли хос мегирад [5; 95].

Муаррих ва сиёсатшиносӣ ирландӣ Б. Андерсон мафҳуми ҳувияти миллиро ҳамчун як "ҷомеаи хаёлӣ" муайян кардааст. Ӯ бар он назар аст, ки миллатҳо ҳамчун гурӯҳҳои иҷтимоӣ тавассути таъсири забон, таърих ва васоити ахбори омма ташаккул меёбанд [1; 6]. Дар ин замина, Э. Ҳобсбаум ва Т. Рейнджер низ қайд мекунанд, ки ҳувияти миллӣ дар бисёре аз мавридҳо ҳамчун "ихтирои анъанаҳо" ташаккул меёбад. Онҳо ба ин назар ҳастанд, ки рамзҳои миллӣ, ҷашнҳои давлатӣ ва таърихи расмӣ метавонанд зери таъсири сиёсат ва равандҳои иҷтимоӣ шакл гиранд ва таҳаввул ёбанд [16; 45].

Ҳувияти миллӣ дар Тоҷикистон натиҷаи таърихи бой, фарҳанги қадимӣ ва равандҳои муосири давлатдорӣ мебошад. Миллати тоҷик дорои таърихи ҳазорсолаҳо буда, решаҳои фарҳангии

худро аз тамаддуни қадими Осиёи Марказӣ ва Эрони Бостон гирифтааст. Забони тоҷикӣ, ки реша дар форсии миёна ва қадим дорад, яке аз омилҳои муҳимми ҳувияти миллии мардуми Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991, Тоҷикистон ба таҳкими ҳувияти миллии худ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Барқарорсозии арзишҳои миллӣ, эҳёи суннатҳои фарҳангӣ ва таълим дар асоси таърихи миллӣ дар сиёсати давлатӣ мавқеи хосса дорад. Дар ин замина, ҷашнҳои миллӣ, ба монанди Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва Наврӯз бо шукӯҳ таҷлил мегарданд ва ҳамчун рамзи муттаҳидии миллат хизмат мекунанд. Дар ин хусус, Р. Бругер дар таҳқиқоти худ нишон додааст, ки ҳувияти миллӣ дар давлатҳои навташкилшуда ҳамчун воситаи асосии ташаккули идеологияи давлатӣ истифода мешавад [18; 45].

Пойтахтҳо ҳамчун маркази сиёсӣ, фарҳангӣ ва маъмурӣ, макони тачаммӯи рамзҳо, ёдгориҳо, расму оинҳо ва муҳити меъморие ҳастанд, ки на танҳо арзишҳои расмии давлатиро таҷассум мекунанд, балки барои ташаккули худшиносии дастаҷамъии шаҳрвандон низ хидмат менамоянд. Шаҳри Душанбе – пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун намунаи чунин муҳит, дар солҳои истиқлолият ба як манзараи рамзӣ табдил ёфтааст, ки дар он ҳар як гӯша рамзи таърих, забон, анъана ва шинохти миллӣ мебошад. Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш менамоем равандҳои ташаккули ҳувияти миллӣ дар муҳити шаҳрии Душанбе аз дидгоҳи назариявии муҳаққиқони маъруф ва заминаи таҷрибавӣ таҳлил намоем.

Яке аз муҳимтарин нишонаҳои ҳувияти миллӣ дар Душанбе рамзҳои давлатӣ мебошанд. Парчами давлатии Тоҷикистон, ки дар баландии 165 метр барафрошта шудааст, яке аз баландтарин парчамҳо дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад ва рамзи истиқлолият ва ваҳдати миллӣ мебошад. Дар маросими ифтитоҳи он Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ин муҷассамаи парчами давлатӣ ифтихори ҳар як шаҳрвандӣ давлат хоҳад буд, қайд намдунад [20].

Илова бар ин, дар кӯчаҳо ва хиёбонҳои пойтахт чароғҳои махсуси равшаникунанда, бо рангҳои парчами миллӣ – сурх, сафед ва сабз оро дода шудаанд, ба назар мерасанд. Ин чароғҳо ҳамчун рамзи эҳтиром ба давлат ва муттаҳидии миллӣ ҳам шабона ва ҳам рӯзона ба фазои пойтахт симои миллӣ мебахшанд, на танҳо барои равшанидиҳӣ, балки барои таъкид намудани ҳувияти миллӣ ва бедор намудани эҳсоси ватандӯстӣ дар байни шаҳрвандон хизмат мекунанд.

Чароғҳои рамзии Душанбе дар ҷойҳои муҳим, аз ҷумла назди биноҳои давлатӣ, боғҳои фарҳангӣ, хиёбонҳои марказӣ ва назди роҳҳои асосии пойтахт ҷойгир карда шудаанд. Ин гуна тарроҳӣ ва истифодаи рамзҳои миллӣ дар муҳити шаҳрӣ як унсури муҳими тарбияи ҳувияти миллӣ мебошад, ки ба шинохти давлатӣ ва ҳамбастагии ҷомеа мусоидат мекунад.

Дар ҷараёни мушоҳидаҳо маълум гардид, ки ин чароғҳо диққати зиёди сайёҳонро низ ҷалб менамоянд. Дар ҷараёни суҳбат бо яке аз меҳмонони пойтахт аз Ҷумҳурии Қазоқистон, ӯ чунин таъкид намуд: *“Ин фонарҳо хеле ҷолибанд. Вақте ки ман ба онҳо нигоҳ мекунам, эҳсос мекунам ва фикр мекунам, ки то чӣ андоза ҳувияти миллӣ дар кишвари шумо рушд кардааст ва то кадом андоза мардуми Шумо муттаҳид аст”.* Ин изҳорот нишон медиҳад, ки рамзҳои миллӣ дар фазои шаҳрӣ на танҳо барои сокинони маҳаллӣ, балки барои меҳмонон низ таъсиргузоранд ва ҳисси ифтихори миллӣ ва қадрдонии фарҳангро афзоиш медиҳанд.

Расми 1. ш. Душанбе, акси тасвирӣ. Манбаъ: khovar.tj

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки истифодаи номҳои шахсиятҳои таърихии тоҷик дар кӯчаҳо, майдонҳо ва муассисаҳои давлатӣ яке аз шаклҳои муҳими “миллӣ кардани фазо” ба шумор меравад. Ин амал, ба гуфтаи М. Ҳалбвакс, хотираи ҷамъиятиро ташаккул медиҳад ва дар ниҳоят, ба муттаҳидии фарҳангӣ ва идеологии ҷомеа мусоидат мекунад [15]. Дар шаҳри Душанбе аз хотираҳои таърихӣ ҳамчун воситаи сохтани худшиносии миллӣ самаранок истифода мебаранд. Масалан, дар пойтахт кӯчаҳо ва муассисаҳои сершумор ба номи шахсиятҳои барҷаста, аз қабили И. Сино, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, К. Хуҷандӣ, Б. Ғафуров ва С. Айнӣ гузошта шудаанд.

Майдони Исмоили Сомонӣ, ки яке аз рамзҳои асосии худшиносии миллӣ маҳсуб меёбад, бо муҷассамаи шоҳ Исмоили Сомонӣ ва тарҳи меъмории миллӣ дар маркази шаҳр ҷойгир шудааст. Маҷмааи Исмоили Сомонӣ дар соли 1999 ба муносибати 1100-солагии Давлати Сомониён бунёд шудааст. Ин маҷмаа на танҳо як муҷассамаи рамзӣ, балки барои таҷассуми ҳувияти миллӣ ва давлатдории тоҷикон сохта шудааст. Ҳайкали Исмоили Сомонӣ бо андозаи бузург ва услуби хосаш, ки бо тилло пӯшонида шудааст, қудрат ва бузургии таърихии тоҷиконро нишон медиҳад.

Ба ҷуз аз худи ҳайкал, дар пояи маҷмаа рамзи тоҷ бо ҳафт ситора ҷойгир шудааст, ки ин низ ба нишони миллии Тоҷикистон алоқамандӣ дорад. Ҳайкали Исмоили Сомонӣ тавассути аркҳои баланд иҳота шудааст, ки ин тарҳ на танҳо ба услуби меъмории форсӣ-тоҷикӣ, балки ба анъанаҳои давлатдорӣ дар даврони Сомониён ишора мекунад.

Маҷмааи Исмоили Сомонӣ на танҳо барои шаҳрвандон, балки барои меҳмонони хориҷӣ низ як нуқтаи муҳим ба ҳисоб меравад. Бисёр сайёҳон ва меҳмонони хориҷӣ маҳз аз ин ҷо Душанбе ва Тоҷикистонро мешиносанд. Ҳангоми мусоҳиба бо яке аз сайёҳон аз Эрон, ӯ чунин қайд кард: “*Муҷассамаи Исмоили Сомонӣ шаҳодати равшани он аст, ки тоҷикон таърихи худро ҳифз мекунанд. Он ба ман эҳсоси пайвастагии фарҳангии Эрони Қадим ва Тоҷикистонро медиҳад*”

Расми 2. Муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, акси тасвирӣ. Манбаъ: https://experience.tripster.ru/experience/44351/

Яке аз шаклҳои инъикоси ҳувияти миллӣ дар муҳити шаҳрӣ тарҳи биноҳои давлатӣ ва марказҳои фарҳангӣ мебошад, ки бо унсурҳои меъмории форсӣ-тоҷикӣ сохта шудаанд. Масалан, Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Осорхонаи миллии кишвар бо унсурҳои меъмории анъанавӣ ва муосир пайваст шуда, рамзи муттаҳидсозии гузашта ва оянда гаштаанд. Ба гуфтаи таҳқиқотчии фаронсавӣ Э. Саид, чунин тарҳҳо ба сиёсишавии фазо ишора мекунанд, ки тавассути он арзишҳои миллӣ ва давлатӣ таблиғ мешаванд.

Аммо бояд қайд кард, ки ҳувияти миллӣ дар муҳити шаҳрӣ на танҳо тавассути рамзҳои айёнӣ ифода мешавад, балки зери таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ ва институтҳои фарҳангӣ ташаккул меёбад. Ба гуфтаи шаҳршиноси маъруф А. Лефевр, шаҳр худ як “фазои иҷтимоӣ” аст, ки дар он робитаҳои қудрат, фарҳанг ва ҳувият дар ҳамбастагӣ амал мекунанд [7]. Дар ин замина, муҳити шаҳри Душанбе на танҳо ҷойи иқомат, балки фазои ташкилдиҳандаи маърифати миллӣ ва эҳсоси мансубият мебошад.

Дар таҳқиқотҳои гуногуни сотсиологӣ пайваста зикр мешавад, ки давлатҳо барои таҳкими ҳувияти миллӣ аз “сармояи рамзӣ” истифода мебаранд. Тибқи ақидаи сотсиологи франсуз П. Бурдё, давлат тавассути забон, таърих, расмият ва симоҳои намоёни миллӣ тасаввуроти умумиро дар бораи миллат шакл медиҳад [4]. Шаҳри Душанбе, ҳамчун маркази сиёсӣ ва маъмурии Тоҷикистон макони амалӣ шудани ин “сармояи рамзӣ” ба ҳисоб меравад, ки дар он ҳар гӯша бо рамзи давлатӣ, шинохти таърихӣ ва хотираи ҷамъиятӣ пур мешавад.

Ҳамин гуна истифодаи рамзҳо дар муҳити шаҳрӣ на танҳо барои сокинон, балки барои меҳмонони хориҷӣ низ таъсири равонӣ дорад. Онҳо шаҳрро ҳамчун симои миллат мебинанд ва аз рӯйи он дар бораи таърих ва фарҳанги кишвар тасаввурот пайдо мекунанд. Ҳамсуҳбатони хориҷие, ки аз шаҳри Душанбе боздид намудаанд, на як бор изҳор доштаанд, ки ташкили муҳити миллӣ дар шаҳр ба сатҳи худшиносии мардум далолат мекунад.

Ҷомеаи шаҳрӣ, бо шумули ҷавонон ва муҳоҷирони дохилӣ, ба муҳити миллӣ муносибати гуногун зоҳир мекунад. Бисёре аз онҳое, ки ба шаҳри Душанбе аз минтақаҳои гуногун меоянд, тавассути ин муҳит ба худшиносии миллӣ мутобиқ мегарданд. Аз ин лиҳоз, муҳити шаҳрӣ ҳамчун макони ҳамбастагии ҳувиятҳои минтақавӣ ва миллӣ хидмат мекунад ва ба ташаккули “ташаббуси умумимиллӣ” мусоидат менамояд.

Фаъолиятҳои фарҳангие, ки дар Душанбе баргузор мешаванд, низ ба ин раванд саҳмгузоранд. Намунаи барҷастаи он – баргузории ҷашнвораҳо ва

фестивалҳои миллӣ, аз қабили ҷашни Наврӯз ва Рӯзи Ваҳдат мебошад, ки тамоми табақаҳои ҷомеаро муттаҳид месозад. Дар чунин чорабиниҳо ҳувияти миллӣ дар шаклҳои гуногун – аз либоси миллӣ то мусиқии суннатӣ – таҷассум меёбад.

Бар асоси натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ, аксарияти сокинони шаҳри Душанбе истифодаи рамзҳои миллӣ ва ёдгориҳоро ҳамчун омили бедории ифтихори миллӣ арзёбӣ мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки муҳити шаҳрӣ ҳамчун макони таъсиррасонӣ ба худшиносии шаҳрвандон хизмат карда метавонанд.

Аз нигоҳи Э. Гидденс, ҳувият на як падидаи мустаҳкам, балки доимо тағйирёбанда ва баробар бо дигарон дар ҳамбастагӣ ташаккулёбанда мебошад. Ба ҳамин тартиб, муҳити шаҳрии Душанбе низ як майдони доимии тағйир ва таҷдиди ҳувияти миллӣ мебошад, ки дар он мардуми кишвар бо арзишҳои нав ва анъанаҳои куҳан пайваст мешаванд.

Ҷадвали муқоисавӣ: Нишонаҳои ҳувияти миллӣ дар шаҳрҳои пасошӯравӣ

Шаҳр	Рамзи асосии миллӣ	Намунаҳои муҳити рамзӣ	Шаклҳои таблиғ	Хусусиятҳои фарқкунанда
Душанбе (Тоҷикистон)	Парчами давлатӣ, Исмоили Сомонӣ	Майдони Сомонӣ, чароғҳои рамзӣ, кӯчаҳои ба номи шахсиятҳо	Тантанаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, рамзҳои меъморӣ	Таваҷҷуҳ ба анъана ва эҳёи тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ
Остона (Қазоқистон)	Байтирек, Парчами миллӣ	Муҷассамаҳо, боғҳо, фурудгоҳҳо бо номи роҳбарон	Экспо, филмҳои ҳуҷҷатӣ, озмунҳо	Таъкид бар ҳувияти туркӣ ва мероси роҳи навини қазоқӣ
Тошканд (Узбекистон)	Амир Темур, Парчами миллӣ	Майдони Темур, осорхонаҳо, кӯчаҳои таърихӣ	Таҷлили ҷашнҳо, барномаҳои таълимӣ	Равиши секулярӣ бо таъкиди меъроси абармардон
Бишкек (Қирғизистон)	Манас, Парчами миллӣ	Майдони Манас, маҷмааҳои фарҳангӣ	Барандаҳои телевизионӣ, ҳунарҳои мардумӣ	Саҳмгузории фаъоли ҷашнҳои мардумӣ ва шифоҳӣ
Тифлиф (Гурҷистон)	Салиби гурҷӣ, Давид Сослан	Муҷассамаҳо, номи кӯчаҳо, калисоҳо	Туризм, кинои миллӣ, фестивалҳо	Якҷояшавии рамзҳои насрониву миллии қавӣ

Ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва муҳоҷират ба сохтори ҳувияти миллӣ таъсир гузошта метавонанд, аммо ҳузури нишонаҳои миллӣ дар муҳити шаҳрӣ, аз қабили парчамҳо, ёдгориҳо ва чароғҳои рамзӣ, ҳамчун механизми муқовимат ба ин равандҳо баррасӣ мегардад. Ба гуфтаи З. Бауман, дар ҷаҳони “тағйирёбанда” нишонаҳои миллӣ василаи муҳими таъриф ва муайянсозии шахсият ва мансубият мебошанд [3].

Дар чунин ҷаҳони ноустувор ва зудтағйирёбанда нишонаҳои миллӣ (парчам, ёдгориҳо, номгузориҳо, тарҳи анъанавии шаҳрҳо) нақши махсусро иҷро мекунанд – онҳо воситаи муайянсозии худшиносӣ ва мансубият, инчунин роҳи нигоҳ доштани хотираи таърихӣ ва ҳувияти дастаҷамъӣ мегарданд.

Бо вуҷуди он ки муҳити шаҳрӣ ба тағйироти доимӣ рӯбарӯст, маҳз унсурҳои миллии он ба таъмини устувории худшиносии миллӣ кумак мекунанд. Бахусус, сохторҳои давлатӣ, созмонҳои фарҳангӣ ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ба таҳкими ин муҳит таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Ҷомеаи Тоҷикистон бо таърих ва фарҳанги бойи худ дар фазои муосири шаҳрӣ қобилияти ташаккули ҳувияти миллиро дорад. Шаҳри Душанбе ҳамчун “манзараи рамзӣ” ва пойтахти кишвар, дорои неру ва иқтидори бузурги инъикоси ин ҳувият мебошад. Ба ақидаи Р. Бругер, давлатҳои навташкилшуда барои муттаҳидсозии ҷомеа ва ташаккули давлатдории устувор ба механизмҳои рамзӣ ва фарҳангӣ такя мекунанд. Дар Тоҷикистон ин раванд тавассути пойтахт

– ш. Душанбе – бо тамоми зуҳуроти рамзии худ амалӣ мегардад.

Чунин бардошт ва муаррифии ҳувияти миллӣ ба таҳкими ваҳдат, сулҳ ва пешрафти ҷомеа мусоидат карда метавонад. Шаҳр ҳамчун майдони худшиносии миллӣ бояд ҳамеша дар маркази диққати сиёсати давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор гирад. Дар ниҳоят, муҳити шаҳрӣ на танҳо инъикоскунандаи ҳувияти миллӣ, балки муҳаррики ташаккули он аст. Шаҳри Душанбе бо истифодаи оқилонаи унсурҳои айёнӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун намунаи рушди худшиносии миллӣ дар фазои шаҳрии ҷаҳони муосир баромад карда метавонад.

Дар таҳлили равандҳои ташаккул ва таҷассум ёфтани ҳувияти миллӣ дар муҳити шаҳрии Душанбе мо ба хулосае омадем, ки муҳитҳои урбанӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан пойтахт, ҳамчун фазои зиндаи фарҳангӣ ва рамзӣ барои таҳкими худшиносии миллӣ хизмат мекунад. Дар ин муҳит, унсурҳои гуногуни меъморӣ, рамзҳои давлатӣ, номгузории кӯчаҳо, фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ба шаклгирии “фазои ҳувиятӣ” мусоидат мекунанд.

Дар муҳити шаҳрии Душанбе, ҳар як унсури зоҳирӣ ва амалӣ – аз парчами дарози миллӣ то муҷассамаи Исмоили Сомонӣ – як пайванд байни гузашта ва имрӯзро ифода мекунад. Ин муҳит, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳаввули иҷтимоӣ, на танҳо ифодаи худшиносии миллӣ, балки воситаи муқовимат ба таҳдидҳои ҳувиятӣ ва нигоҳдории арзишҳои бунёдӣ мебошад.

Истифодаи оқилонаи “сармояи рамзӣ” ва мутобиқгардонии он бо технологияҳои муосир ва эҳсоси фарҳангии ҷомеа нишон медиҳад, ки Душанбе на танҳо ҳамчун маркази сиёсӣ, балки ҳамчун муҳаррики ҳувияти миллӣ дар тамоми кишвар баромад мекунад. Дар ниҳоят, маҳз чунин муҳити пур аз рамз ва арзишҳои миллӣ барои наслҳои имрӯз ва фардо сабақи муҳимест дар роҳи худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ.

АДАБИЁТ:

1. Андерсон Б. Воображаемые сообщества: размышления о происхождении и распространении национализма. – М.: Канон-Пресс-Ц, 2001. – 288 с.

2. Аппадурай А. Современность как культурный факт. – М.: Новое литературное обозрение, 2010. – 320 с.

3. Бауман З. Текучая современность. – М.: Весь Мир, 2008. – 240 с.

4. Бурдьё П. Социология политики. – М.: Socio-Logos, 1993. – 192 с.

5. Гидденс Э. Социология. – М.: Эдиториал УРСС, 1999. – 856 с.

6. Кастельс М. Власть коммуникации. – М.: ГУ ВШЭ, 2016. – 528 с.

7. Лефевр А. Производство пространства. – СПб.: Университет Дмитрия Пожарского, 2013. – 528 с.

8. Оже М. Не-места. Введение в антропологию сверхсовременности. – М.: Новое литературное обозрение, 2010. – 176 с.

9. Саид Э. Культура и империализм. – М.: Логос, 2001. – 464 с.

10. Смит Э. Национальная идентичность. – М.: Весь Мир, 2004. – 304 с.

11. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ, 27.06.2023. – URL: https://president.tj/node/30829 (дата обращения: 25.03.2025).

12. Фрейзер Н. Политика признания. – М.: Прогресс-Традиция, 2006. – 272 с.

13. Фуко М. Пространства и другие тексты. – М.: Ad Marginem, 2005. – 368 с.

14. Хабермас Ю. Структурные изменения публичной сферы. – СПб.: Наука, 2001. – 328 с.

15. Халбвакс М. Коллективная память. – М.: Новое литературное обозрение, 2007. – 256 с.

16. Хобсбаум Э., Рейнджер Т. Изобретение традиции. – М.: Новое литературное обозрение, 2004. – 448 с.

17. Ховар. Душанбе: фото дня. – URL: https://khovar.tj (дата обращения: 25.03.2025).

18. Brubaker R. Nationalism Reframed: Nationhood and the National Question in the New Europe. – Cambridge: Cambridge University Press, 1996. – P. 45. (202 p.)

19. Hall E. The Hidden Dimension. – New York: Anchor Books, 1969. – 217 p.

20. Tajikistan's government adds another colossal building to its tally. [electronic re-

source] URL: globalvoices.org (date of request: 02/28/2025)

21. Tripster.ru. Меджлис Исмаила Сомони – опыт путешествия. – URL: https://experience.tripster.ru/experience/44351/ (дата обращения: 25.03.2025).

22. United Nations Human Settlements Programme (UN-Habitat). World Cities Report 2020: The Value of Sustainable Urbanization. – Nairobi: UN-Habitat, 2020.

ОТРАЖЕНИЕ СИМВОЛОВ НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ В СТОЛИЦЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Гардоншо А. М.

В данной статье с социологической точки зрения рассматривается вопрос отражения признаков национальной идентичности в городской среде столицы Республики Таджикистан — города Душанбе. Автор, опираясь на теории известных социологов, таких как Э. Гидденс, Б. Андерсон, П. Бурдьё, Э. Хобсбаум и других, анализирует процессы формирования и представления национальной идентичности в условиях урбанизации и глобальных изменений. Особое внимание уделено видимым элементам, государственным символам, городской инфраструктуре и их роли в пробуждении национального самосознания. На примере Душанбе показано, как городская среда может выступать в роли «зеркала национальной идентичности», способствуя социальной консолидации, укреплению национальных ценностей, мира и стабильности в обществе. Также подчёркивается, что использование культурных элементов и современных технологий создаёт предпосылки для формирования «цифровой идентичности».

Ключевые слова: национальная идентичность, национальные символы, городская среда, Государственный флаг, социология города, культура, национальное самосознание, государственная идеология, национальные традиции, воображаемое сообщество, цифровая идентичность, национальное единство.

REFLECTION OF NATIONAL IDENTITY SYMBOLS IN THE CAPITAL OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Gardonsho A.M.

This article examines, from a sociological perspective, the manifestation of national identity features in the urban environment of the capital of the Republic of Tajikistan — the city of Dushanbe. Based on the theories of prominent sociologists such as A. Giddens, B. Anderson, P. Bourdieu, E. Hobsbawm, and others, the author analyzes the processes of formation and representation of national identity in the context of urbanization and global transformations. Particular attention is given to visible elements, state symbols, the urban space, the use of infrastructure, and their role in awakening national consciousness. Using Dushanbe as an example, the study demonstrates how the urban environment can serve as a “mirror of national identity,” contributing to social unity, the strengthening of national values, and the preservation of peace and stability in society. It is also emphasized that the use of cultural elements and modern technologies lays the foundation for the development of a “digital identity.”

Keywords: national identity, national symbols, urban environment, State Flag, urban sociology, culture, national consciousness, state ideology, national traditions, imagined community, digital identity, national unity.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

УДК: 614; 330; 314

БАЪЗЕ НИШОНДИҲАНДАҲОИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

Назирова Марҳамат Назаровна – номзади илмҳои сотсиологӣ, муовини сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 918-42-91-84, E-mail: nmarxamat@mail.ru

Рушди соҳаи тандурустӣ ва дар заминаи он нигоҳ доштани солимии аҳолӣ дар самти сиёсати иҷтимоии кишвар яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳим ба ҳисоб рафта, ҳамчун ҷузъи таркибии ҳадафҳои стратегӣ ҳисобида мешавад. Солимӣ ин асоси фаъолияти ҳаёти ҷомеа буда, яке аз сармояҳои асосии инсон ба ҳисоб меравад, зеро он аз рӯзе, ки инсон таваллуд мешавад, дар ҳастии ӯ вуҷуд дорад ва дар давоми ҳаёти минбаъдааш ташаккул меёбад. Дар шароити муосир вазъи нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ яке аз омилҳои муҳими ҳаёти иҷтимоӣ ба шумор рафта, рушди сармояи инсонӣ бевосита аз онҳо вобаста мебошад. Дар мақолаи мазкур вазъи кунунии баъзе нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: *тандурустӣ, солимии аҳолӣ, нишондиҳандаҳо, сармояи инсонӣ, давомнокии ҳаёт, таваллуд, фавт, рушд, бемориҳои сироятӣ, маълумоти оморӣ.*

Вобаста ба соҳаи тандурустии кишвар ҳамасола Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёму баромадҳои худ дастовард ва мушкилоти соҳаро махсус қайд намуда, ҷиҳати рушд ва ислоҳоти он дастуру супоришҳои мушаххас пешниҳод менамоянд. Мақсад аз сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат дар соҳаи тандурустӣ, пеш аз ҳама, солим нигоҳ доштани аҳолии кишвар тавассути хизматрасониҳои тиббӣ маҳсуб меёбад. Чуноне Сарвари кишвар соли 2010 дар паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ қайд намуда буданд: «... дар кишвари соҳибистиқлоли мо саломатии мардум боигарии давлат ва ҷузъи таркибии ҳадафҳои стратегии он дониста шудааст» [6].

Қайд кардан бамаврид аст, ки асоси ҳамагуна сармояи инсонӣ, пеш аз ҳама, аз солимии аҳолӣ вобаста буда, маҳз солимӣ ва хислатҳои модарзодии инсон метавонад ба рушди минбаъдаи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таъсиррасон бошад. Аз ин рӯ, ҳар шахс бояд ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан солим бошад ва дар фаъолияти касбии худ ба ҳар гуна тағйиротҳо аз қабили қувваи ҷисмонӣ, кордонӣ, дар муборизаба ҳаргуна бемориҳо тобовар буда, худро вобаста ба он мутобиқ карда тавонад.

Имрӯз таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаи тандурустии аксари кишварҳо як қатор масъалаҳое аз қабили давомнокии дарназардошти умр, таваллуд ва фавт, хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ ва ғайраҳо мавҷуданд, ки бевосита ба ташаккули сармояи инсонӣ таъсири худро мерасонанд.

Давомнокии дарназардошти умр яке аз нишондиҳандаҳои асосии солимӣ ва рушди сармояи инсонӣ ба шумор рафта, таъсири омилҳои гуногунро аз қабили сатҳи зиндагӣ, ғизо, об ва беҳдоштӣ, маориф ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббиро инъикос менамояд. Тадқиқоте, ки дар портали Шарҳи ҷаҳонии аҳолӣ (Обзор население мира - World population review) нашр шудааст, нишон медиҳад, ки ба давомнокии умр аслан се омили асосӣ – генетика, ҷинс ва тарзи зиндагӣ таъсир мерасонад.

Давомнокии миёнаи умр яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, дар ин ё он минтақа вазъи солимии аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ ва хизматрасониҳои соҳаи тандурустиро нишон медиҳад. Дар соҳаи тандурустӣ давомнокии миёнаи умрро асосан, аз рӯи сабабҳои асосии фавт муайян мекунанд. Аз ин рӯ, Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ қайд менамояд, ки давомнокии миёнаи умрро ҳамчун хусусияти хоси тиббӣ – демографии солимии аҳолӣ ҳисобидан мумкин аст.

Тибқи маълумоти омори ҷаҳонӣ дар соли 2021 кишварҳое, ки аз ҷиҳати давомнокии дарназардошти умр пешсаф буданд, пеш аз ҳама, Япония бо 82,1 сол, Сингапур 82 сол ва Фаронса 81 сол буда, кишварҳои Африқо, ки низоъҳои низомӣ идома доранд, ба монанди Замбия 38,4 сол, Ангола 37,6 сол ва Свазиленд 32,2 сол мебошад [9].

Дар муқоиса, дар байни кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил соли 2021 давомнокии дарназардошти умр дар Федератсияи Россия – 66 сол, дар Ҷумҳуриҳои Озарбойҷон – 66,3 сол, Қазоқистон – 67,3, Украина – 68,1 сол, Туркманистон – 68,3 сол, Қирғизистон – 68,9 сол, Белорусия – 70,2 сол, Арманистон – 72,4 сол, Гурҷистон – 76,5 сол [9] ва дар Тоҷикистон – 73,6 [2, С.110] солро ташкил медод.

Дар соли 2023 бошад, тибқи маълумоти Созмони милали муттаҳид давомнокии дарназардошти умр ба ҳисоби миёна 73,4 сол (занон – 76 сол, мардон – 70,8 сол)-ро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар кишварҳои пешсаф ба монанди Монако 87,01 сол (занон – 90 сол, мардон – 85,1 сол), Гонконг – 85,8 сол (занон – 88,6, мардон – 83 сол), Макао – 85,5 сол (занон – 88,1 сол, мардон – 82,8) ва Япония – 84,9 солро [7] ташкил медиҳад. Даҳ кишваре, ки дар соли 2023 аз рӯйи давомнокии дарназардошти умр пешсафанд дар диаграммаи зер оварда мешавад.

Диаграммаи 1

Сарчашма: *Диаграмма дар асоси маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, ки Рейтинги давомнокии умрро аз рӯи кишварҳо барои соли 2023 муайян намудааст, аз тарафи муаллиф омода гардидааст.*

Коршиносон сабабҳои дарозумрии аҳолии ин кишварҳоро, пеш аз ҳама, аз муҳити тозаи зист, истеъмоли дуруст ва аз ҷиҳати экологӣ тоза будани ғизо, сатҳи кифояи маблағгузорӣ дар соҳаи тандурустӣ, эмгузаронии саривақтӣ тибқи тақвими эмгузаронӣ ва ғайраҳо медонанд. Барои мисол дар Монако, ки як кишвари ниҳоят хурд бо 36 000 нафар аҳолӣ дар паҳлуи Франсия ҷойгир аст, мутахассисон дарозумрии аҳолии ин минтақаро ба ҳавои мусоид, истеъмоли маҳсулотҳои баҳри миёназамин ва меваю сабзавоти хуб, маблағгузории соҳа ва сатҳи даромади аҳолӣ, ки барои бурдани тарзи ҳаёти солим зарур аст, рабт медиҳанд. Тибқи таҳлили мутахассисон дар дигар кишварҳои пешсаф, ки дар диаграммаи

мазкур оварда шудааст, дар умум сабабҳои асосии дарозумрии аҳолӣ сатҳи баланди хизматрасонии босифат дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, истеъмоли маводи ғизоии аз ҷиҳати экологӣ тоза, эмгузаронии саривақтии кӯдакон ва ғайраҳо мебошад.

Дар кишварҳои ИДМ тибқи ҳисоботи Кумитаи омори байнидавлатии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки соли 2023 пешниҳод намудааст, давомнокии дарназардошти умр давоми солҳои 2019-2022 аз 70 то 76 соларо дар бар мегирад, аз ҷумла мардон аз 65 то 74 сола, занон аз 74 то 77 сола. Барои муқоиса давомнокии дарназардошти умр дар байни кишварҳои ИДМ дар ҷадвали зер оварда мешавад.

Ҷадвали 1

Давомнокии дарназардошти умр дар кишварҳои ИДМ 1991-2023, сол [1, С.599; 3, С.53]

	Ҳарду ҷинс			**Мардҳо**			**Занҳо**		
	1991	**2000**	**2023**	**1991**	**2000**	**2023**	**1991**	**2000**	**2023**
Озарбойҷон	70,5	71,8	76,0	66,3	68,6	73,5	74,5	75,1	78,4
Арманистон	70,4	72,9	77,7	67,4	70,1	74,1	73,3	75,8	81,0
Беларус	70,7	69,0	…	65,5	63,4	…	75,5	74,7	…
Қазоқистон	67,6	65,5	75,1	62,6	60,2	71,0	72,4	71,2	79,1
Қирғизистон	68,8	68,5	72,0	64,6	64,9	68,2	72,7	72,4	76,5
Молдова	67,7	67,6	71,9	64,3	63,9	67,5	71,0	71,2	76,4
Русия	68,9	65,3	73,4	63,4	59,0	68,0	74,2	72,2	78,7
Тоҷикистон	**70,1**	**68,2**	**76,5**	**67,3**	**66,1**	**75,2**	**72,9**	**70,3**	**78,2**
Туркменистон	…	…	…	…	…	…	…	…	…
Ӯзбекистон	…	…	74,7	…	…	72,5	…	…	76,9
Украина	69,3	67,9	…	64,2	62,4	…	74,2	73,6	…

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давомнокии дарназардошти умр, бахусус дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ тамоили болоравӣ дошта, дар самти тандурустӣ яке аз нишондиҳандаҳои хуб ба шумор меравад. Дар муқоиса бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил давомнокии умр дар соли 1991 қариб баробар буда, синну соли мардҳо ба ҳисоби миёна 64,9 сол ва занҳо 73,2 солро ташкил медод ва дар соли 2023 давомнокии умр дар мардҳо ба ҳисоби миёна 71,3 сол ва занҳо 78,7 солро ташкил медиҳад. Дар ҳамаи кишварҳо давомнокии умр дар занҳо нисбати мардҳо баланд мебошад. Дар Тоҷикистон солҳои охир, дар муқоиса бо дигар давлатҳо бештар синну соли мардҳо то 7 сол боло рафта, соли 2023 давомнокии ҳаёт дар кишвар ба ҳисоби миёна 76,5 сол мебошад, аз ҷумла, мардҳо 75,2 сол ва занҳо бошад, 78,2 солро ташкил медиҳад.

Дар давраи пандемияи КОВИД–19 поён рафтани давомнокии умр қариб дар ҳамаи кишварҳо, аз ҷумла кишварҳои ИДМ ба назар мерасад, ки пандемия бевосита таъсири худро гузоштааст. Ҳамзамон, сабабҳои дигаре ба монанди низоъҳои ҳарбӣ, шаҳрвандӣ ва ғайраҳо дар кишварҳои гуногун ба паст гардидани давомнокии ҳаёти инсонҳо таъсир мерасонанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити муосир афзоиши табиии аҳолӣ ва оқибатҳои он симои ҷаҳонро дар даҳсолаҳои наздик муайян сохта, дар рушди ҳар як кишвар омили асосии пешрафт ба шумор меравад. Тавре маълум аст, дар миқёси ҷаҳон афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ мушоҳида шуда, ба ҳолати марти соли 2025 шумораи аҳолии рӯйи

Замин 8,2 миллиард нафарро ташкил медиҳад [4]. Афзоиши аҳолии ҷаҳон тақрибан 75 миллион нафар ё 1,1% дар як солро ташкил дода, тибқи пешгӯиҳо то нимаи солҳои 2050 ба 10 миллиард нафар мерасад [8].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши табии аҳолӣ сол аз сол боло рафта, тибқи маълумоти оморӣ ҳоло аҳолии кишвар беш аз 10,2 млн нафарро ташкил медиҳад, ки он нисбат ба соли 2010 – 2,7 млн нафар зиёд мебошад. Ба ҳисоби миёна афзоиши ҳарсолаи аҳолӣ дар кишвар беш аз 2 фоизро [11, С.6] ташкил медиҳад. Афзоиши табиии аҳолӣ ё худ такрористеҳсолии он, яъне раванди доимӣ ва тағйирёбии насл, ки аз ҳисоби таваллуд ва фавти аҳолӣ ба қайд гирифта мешавад. Яъне ҳаракати табиии аҳолӣ маҷмуи таваллуд ва фавтеро дар назар дорад, ки шумораи аҳолӣ ба таври табиӣ тағйир меёбад. Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки соли 2005 дар сатҳи ҷумҳурӣ шумораи умумии таваллуд 180 790 нафар бошад, дар соли 2023 ин шумора 250 285 нафар баробар гардидааст, ки дар соли 2005 ба 1000 нафар аҳолӣ 26,4 нафар ва дар соли 2010 – 24,6 нафар рост меояд.

Шумораи умумии фавт бошад, дар соли 2005 – 31 520 нафар ва дар соли 2023 – 32 397 нафар ба қайд гирифта шудааст, ки ба 1000 нафар аҳолӣ 4,6 нафар дар соли 2005 ва 3,2 нафар дар соли 2023 рост меояд.

Афзоиши табиии аҳолӣ низ бо суръат идома ёфта, дар соли 2005 дар сатҳи ҷумҳурӣ 149 270 нафар ва дар соли 2023 – 217 888 нафар баробар буда, ба 1000 нафар аҳолӣ 21,8 нафар дар соли 2005 ва 21,4 нафар дар соли 2023 баробар аст [11, С.7]. Ин нишондиҳандаҳо дар муқоиса бо дигар кишварҳо низ мусбӣ арзёбӣ мегардад.

Тибқи маълумоти оморӣ шумораи умумии таваллудшудагон дар муқоиса бо дигар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар солҳои 2000-2020 баланд буда, ба ҳисоби миёна ба 1000 нафар аҳолӣ беш аз 26 нафар рост меояд. Шумораи фавт бошад, дар муқоиса бо дигар кишварҳо паст буда, ба ҳисоби миёна ба 1000 нафар аҳолӣ 4,6 нафар рост меояд. Ҳамзамон, нишондиҳанда аз рӯйи афзоиши табиии аҳолӣ дар кишвар нисбат ба дигар кишварҳо хеле боло мебошад, ки он ба ҳисоби миёна ба 1000 нафар аҳолӣ беш аз 21 нафарро [2, С.333] ташкил медиҳад. Дар умум, дар байни кишварҳои мазкур ин нишондиҳандаҳо дар кишвари мо яке аз нишондиҳандаҳои хуб ба шумор меравад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бевосита бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ соҳаи тандурустии кишвар дар самтҳои гуногуни фаъолияти худ, дар муқоиса бо солҳои қаблӣ тамоили болоравӣ дошта, беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, вазъи демографӣ ва тандурустии аҳолӣ, аз ҷумла дарозумрӣ, нишондиҳандаҳои умумии таваллуд ва фавт, бахусус фавти кӯдакони синни то панҷсола, беҳтар гардидани шароити моддию техникӣ ва ҳифзи солимии модару кӯдак ба дастовардҳо ноил гардида истодааст.

Аз ҷумла, тибқи маълумотҳои омории соҳаи тандурустӣ дар соли 2022 шумораи умумии фавт 31 206 нафар буда, ба 1000 нафар аҳолӣ 3,1 нафар рост меояд. Агар бо соли 2016 муқоиса намоем, шумораи фавт 34 143 нафар буда, ба 1000 нафар 3,9 нафар рост меояд. Аз шумораи умумии фавтидагон қисми бештари онро кӯдакони то 1 сола, шахсони аз 55-60 сола боло ва аз ҳама бештар калонсолон ташкил медиҳанд.

Тибқи маълумоти оморӣ, соли 2023 дар сатҳи ҷумҳурӣ фавти кӯдакони синни то 1 сола 2936 нафарро ташкил медиҳад, ки ба 1000 нафар зиндатаваллуд 12,0 ҳолат рост меояд. Бо соли 2017 муқоиса намоем, нишондоди фавти кӯдакони синни то 1 сола ба 1000 зиндатаваллуд 16,3 ҳолат рост меояд. Тибқи таҳлилҳои мутахассисон якчанд омилҳое ҳастанд, ки боиси фавти кӯдакон мегарданд, пеш аз ҳама, сабабҳои асосии фавти кӯдакони то 1 сола ин бемориҳои роҳҳои нафас, бемориҳои сироятӣ, нуқсонҳои модарзодӣ, кӯдаконе, ки норасид таваллуд мешаванд ва ғайраҳо.

Тибқи таҳлилҳои мутахассисони соҳаи тандурустӣ аслан, фавти кӯдакон дар ин синну сол ду хел мешавад: неонаталӣ (то таваллуд) ва постнеонаталӣ (баъди таваллуд). Сабаби асосии фавти неонаталӣ асосан, бармаҳал таваллуд шудани кӯдак бо вазни сабук мебошад. Сабаби фавти постнеонаталии кӯдакон бошад, асосан, бемориҳои сироятӣ аз қабили дарунравии шадид ё нарасидани ғизои солим мебошад. Фавти кӯдаконро бо риояи нигоҳубини давраи ҳомиладорӣ, шароити хуб барои таваллуд ва пешгирии паҳн гардидани

бемориҳои сироятӣ кам кардан мумкин аст.

Ҳамзамон, тибқи маълумоти соҳа дар соли 2023 ҳамагӣ 3473 ҳодисаи фавти кӯдакони синни то 5 сола ба қайд гирифта шуда, нишондоди фавти кӯдакони синни то 5 сола ба 14,4 промилл (соли 2022 – 14,6 промилл) ба 1000 зиндатаваллудро ташкил намудааст.

Фавти кӯдакони синни то 18 сола бошад, дар соли 2023 аз 3 964 ҳодиса, аз ҷумла 1058 ҳодисаи фавт (26,7%) дар хона ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2022 (855 ҳодиса) 287 ҳодиса зиёд мебошад. Аз фавти кӯдакони синни то 18 сола ҳиссаи асосиро садама, ҳолатҳои фавқулодда аз қабили сӯхтагиҳо, захролудшавӣ, ғарқшавӣ, инчунин, нуқсонҳои модарзодии инкишоф, аз ҷумла, нуқсони модарзодии дил, сироятҳои шадиди роҳҳои нафас, меъдаву рӯда ва бемориҳои системаи асаб ташкил медиҳанд.

Нишондоди фавти модарон дар соли 2023 ба 22,4 нисбат ба 100 000 зиндатаваллуд (52 нафар) баробар гаштааст (соли 2022 - 56 нафар - 24,3 ба 100 000 зиндатаваллуд) [5]. Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки паст гардидани сатҳи фавти модару кӯдак, пеш аз ҳама, аз баланд гардидани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ, кадрҳои баландихтисос ва истифодаи технологияҳои муосир вобаста мебошад.

Нишондиҳанди дигаре, ки ба сармояи инсонӣ таъсир мерасонад ба бемориҳои гуногун гирифтор шудани аҳолӣ мебошад. Имрӯз таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар байни аҳолии синну соли қобили меҳнат ва аз қобили меҳнат калон яке аз хусусиятҳои паст гардидани солимӣ ва болоравии фавт дар байни онҳо гирифторшавӣ ба бемориҳои гуногун мебошад, ки он аксар вақт аз тарзи ҳаёти солим вобаста аст. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2022 шумораи умумии фавт 31 206 нафар мебошад, ки аз рӯйи синфҳои асосии сабабҳо шумораи он дар диаграммаи зер оварда мешавад.

Диаграммаи 2



Сарчашма: *Диаграмма дар асоси маълумоти омории соҳаи тандурустӣ, аз тарафи муаллиф омода гардидааст.*

Тибқи маълумоти дар диаграмма овардашуда, фавти аҳолӣ аз рӯйи синфҳои асосии сабабҳои фавт, пеш аз ҳама, аз рӯйи бемориҳои системаи гардиши хун зиёд буда, он дар соли 2019 – 15 734 нафарро ташкил медод. Таъсири пандемияи КОВИД-19, ки саросари ҷаҳонро фаро гирифта буд, аз ҷумла дар кишвари мо низ солҳои 2020–2021 шумораи фавт аз рӯйи ин намуди беморӣ зиёд гардида, дар соли 2020 – 19371 нафар ва соли 2021 – 19062 нафарро ташкил медод. Дар саросари

ҷаҳон аз рӯзҳои аввали пандемия эълон гардидани коронавируси КОВИД–19 бевосита бо дастуру супоришҳои Сарвари кишвар Ҳукумати мамлакат, хосса Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар мақомоту идораҳои дахлдор барои пешгирии ин вируси нав тадбирҳои судманд андешиданд. Ҷиҳати бартараф намудани ин вабои аср ва пурзӯр кардани мубориза ба зидди он, бахусус, дар риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ, безараргардонии кӯчаю хиёбонҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар байни аҳолӣ, эмгузаронии саривақтӣ бар зидди ин вирус, умуман баҳри огоҳии шаҳрвандон дар самти мубориза бо КОВИД–19 чораҳои саривақтӣ андешида шуданд. Ҳамин тавр, сатҳи фавт аз рӯйи ин намуди беморӣ паст гардида, дар соли 2023 шумораи он ба 15026 нафар баробар гардид. Ҳамзамон, дар ин сол аз рӯйи дигар намуди бемориҳо, аз ҷумла, фавт аз рӯйи бемориҳои саратон – 2926 нафар, бемориҳои узвҳои нафаскашӣ – 1940 нафар, бемориҳои узвҳои ҳозима – 1192 нафар, ҳодисаҳои ногаҳонӣ, осебу захролудшавӣ – 1060 нафар ва аз бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ – 254 нафар ба қайд гирифта шуда, дар умум нисбат ба соли 2019 камтар мебошад [11, С.9].

Фавти аҳолӣ аз рӯйи бемориҳои гуногун як тарафи масъала бошад, тарафи дигари он ба бемориҳои гуногун гирифтор шудани аҳолӣ мебошад, ки яке аз нишондиҳандаҳои муҳими соҳаи тандурустӣ буда, вазъи солимии аҳолиро нишон медиҳад ва бевосита ба сармояи инсонӣ таъсир мерасонад. Дар соли 2023 шумораи умумии аҳолие, ки ба намудҳои гуногуни беморӣ гирифтор шудаанд, 1 299 021 нафарро ташкил дода, дар байни онҳо аз ҳама зиёд бемориҳои узвҳои нафаскашӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки 360 071 нафарро ташкил медиҳад. Гирифторони бемориҳои узвҳои ҳозима низ зиёд буда, 203 772 нафар [11, С.10] ба қайд гирифта шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар амнияти соҳаи тандурустӣ ва солимии аҳолӣ сар задани эпидемия ва пандемия, паҳн гардидани бемориҳои сил, ВНМО, нашъамандӣ, дастрасӣ ба моддаҳои гуногуни психотропӣ ва ғайраҳо хавфи асосӣ ба ҳисоб рафта, ба рушди сармояи инсонӣ бевосита таъсиррасон мебошад. Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хавфи паҳн гардидани чунин бемориҳо бо қабули як қатор барномаҳо паст гардидааст. Зеро мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ яке аз афзалиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола аст. Вале бо вуҷуди ин, баъзан ҳолатҳое мешавад, ки як қатор бемориҳои сироятӣ дар муқоиса бо солҳои гузашта зиёд ба қайд гирифта мешаванд.

Тибқи маълумоти Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар рӯйи замин беш аз 1,2 ҳазор бемориҳои сироятӣ мавҷуд буда, ҳар сол дар саросари ҷаҳон 2 миллиард нафар аз бемориҳои сироятӣ азият мекашанд ва 17 миллион нафари онҳо ба марг мерасанд. Ҳамарӯза дар ҷаҳон 50 ҳазор нафар аз бемориҳои сироятӣ ба ҳалокат мерасанд, ки аз рӯйи сабабҳои асосии фавт пешсаф ва аввалин сабаби марги бармаҳал ба ҳисоб меравад [10].

Имрӯз бемориҳои сироятие, ки дар байни аҳолии кишвар паҳн гардидааст, ин бемориҳои зуком, сил, ВНМО/БПНМ[1], гепатитҳои вирусӣ ва нашъамандӣ мебошанд. Мутобиқи маълумоти Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ аз бемориҳои гуногуни сироятӣ нафарони зиёди аҳолии рӯи замин ба ҳалокат расида, қариб аз се як ҳиссаи аҳолӣ дар ҷаҳон гирифтори бемории сил мебошад. Ин беморӣ аз аввали пайдоишаш миллионҳо одамони рӯи заминро ба коми худ кашидааст. Бо вуҷуди он, ки бар зидди ин беморӣ мубориза мебаранд, вале ҳанӯз бо сабабҳои гуногун умри инсоният дар хатар мебошад. Ба мисли дигар кишварҳо дар ҷумҳурии мо низ ин мушкилӣ вуҷуд дорад. Ба ин намуди беморӣ бештар муҳоҷирони меҳнатӣ, маҳбусон, шахсони мубталои бемории ВНМО, кормандони тиб ва онҳое, ки маводи мухаддир истеъмол менамоянд, гирифтор мешаванд, ки метавонад бевосита ба рушди сармояи инсонӣ таъсиргузор бошад.

Тибқи маълумоти оморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2000 ҳамагӣ 2779 нафар (аз ҷумла, занон 1300 н.) беморони сили фаъол ба қайд гирифта

[1] ВНМО – Вируси норасоии масъунияти одам, БПНМ – Бемории пайдошудаи норасоии масъуниятї.

шуда, соли 2016 ин шумора ба 5241 нафар (аз ҷумла, занон 2362 н.) баробар шуда буд, ки нисбат ба соли 2000 – 2462 нафар зиёд мебошад. Дар соли 2020 – 3758 нафар ва дар соли 2023 – 4040 нафар ба қайд гирифта шудаанд. Бемории сили фаъол бештар дар байни мардҳо ба қайд гирифта шуда, дар соли 2023 шумораи онҳо 2239 нафарро ташкил медиҳанд. Дар сатҳи минтақаҳо муқоиса намоем, бештар дар Вилояти Хатлон гирифторони бемории сили фаъол ба қайд гирифта шудаанд, ки шумораи онҳо 1741 нафар мебошад [11, С.21].

Бемории сироятии дигар вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) мебошад, ки он, пеш аз ҳама, ба аҳолии синну соли репродуктивӣ таъсири худро мерасонад. Дар ҷумҳурӣ бори аввал соли 1991 бемории ВНМО ба қайд гирифта шудааст. Ин беморӣ яке аз бемориҳои сирояткунандаи паҳнгардида дар ҷаҳон мебошад, ки то ҳол табобати худро наёфтааст. Дар баробари дигар бемориҳои сироятӣ бемории ВНМО ба аҳолии Тоҷикистон низ хатар эҷод менамояд. Тибқи маълумотҳои омории кишвар шумораи сироятшудагони ВНМО соли 2023 – 1100 нафарро ташкил дода, бештар дар байни аҳолии синну соли аз 20 то 49 сола паҳн гардидааст. Бемории пайдошудаи норасоии масъуниятӣ (БПНМ) бошад, дар соли 2023 – 56 нафар дар байни мардҳо ва 34 нафар дар байни занҳо ба қайд гирифта шудааст.

Бемории гепатити вирусӣ низ яке аз масъалаҳои муҳим буда, тибқи маълумотҳои мутахассисон 9 навъи вируси зардпарвин ошкор карда шудааст, ки аз он танҳо зардпарвини намуди А ба инсон камтар таъсири манфӣ мерасонад. Дигар намудҳои зардпарвин ба таври худ ба организми инсон таъсири манфӣ расонида, аслан, сабабҳои паҳн гардидани он аз риоя нагардидани қоидаҳои санитарию гигиенӣ мебошад. Мутахассисон қайд менамоянд, ки паҳнкунандаи намуди зардпарвини С асосан, кормандони соҳаи тиб, ки бо хун сару кор доранд, яъне стоматологҳо, ҷарроҳон, духтурони амрози занона, кормандони маркази хун, кормандони касби косметологӣ, кормандони сартарошхонаҳо ё онҳое, ки бо ороиши нохунҳо сарукор доранд, мебошанд. Дар умум, шумораи гирифторони намудҳои гуногуни бемории зардпарвин дар кишвар соли 2023 ба 4336 нафар баробар мебошад, ки ба 100 000 нафар аҳолӣ 43 нафар рост меояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз сабабҳои паҳн гардидани бемориҳои сироятӣ нашъамандӣ буда, бештар шахсоне, ки ба тариқи сӯзандору маводи нашъамандиро қабул менамоянд, паҳн мегардад. Зеро ҳангоми истифодабарии сӯзандору сӯзандоруи якдафъаинаро чанд маротиба истифода мебаранд, ки дар натиҷа ба ин ё он намуди бемориҳои сироятӣ гирифтор мегарданд. Хушбахтона, дар кишвари мо шумораи нашъамандоне, ки ба қайд гирифта мешаванд, сол аз сол кам гардида, дар соҳаи тандурустӣ яке аз нишондиҳандаҳои хуб ба шумор меравад. Барои муқоиса агар соли 2015 – 7321 нафар ба қайд гирифта шуда бошанд, ин шумора дар соли 2019 – 5423 нафар ва соли 2023 – 3826 нафарро ташкил медиҳад. Шумораи беморони нашъамандӣ, ки ба қайд гирифта шудаанд, аксариятро мардҳо ташкил медиҳанд.

Як қатор бемориҳои дигари сироятие, ки характери мавсимӣ доранд, сол аз сол зиёд ба назар мерасанд. Аз рӯи бемориҳои ҷудогонаи сирояткунанда дар байни бемориҳои сироятии мавсимӣ бемориҳои шадиди рӯда, гепатитҳои вирусӣ, бемориҳои паразитарӣ, хоришак ва обакон зиёд ба қайд гирифта шудаанд. Тиқи маълумоти мутахассисон сабаби асосии паҳн гардидани ин бемориҳо дар ҷумҳурӣ ба таъсири манфии як қатор омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ алоқаманд мебошад. Аз ҷумла, саривақт ташхис нагардидани беморӣ, сатҳи пасти огоҳии мардум оиди сабаб ва оқибатҳои беморӣ, дастрасӣ надоштани аҳолӣ ҷиҳати табобати беморӣ, норасоии оби ошомиданӣ, шароити пасти санитарию гигиенӣ ва бетарафии худи аҳолӣ нисбати солимии худ боиси гирифторшавӣ ба ин гуна бемориҳо мегардад.

Дар умум, қайд кардан бамаврид аст, ки бевосита бо дастгирии Ҳукумати кишвар як қатор нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ дар муқоиса бо солҳои қаблӣ тамоили болоравӣ дорад. Таҳлилҳо собит месозанд, ки имрӯз бо беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, вазъи демографӣ ва тандурустии аҳолӣ, аз

ҷумла дарозумрӣ, нишондиҳандаҳои умумии таваллуд ва фавт, бахусус, фавти кӯдакони синни то панҷсола, беҳтар гардидани шароитҳои моддию техникӣ ва ҳифзи солимии модару кӯдак ба дастовардҳо ноил гардида истодааст.

АДАБИЁТ:

1. Демографияи солонаи ҶТ, 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, – 2021, – 604 с.

2. Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, – 2023, – 343 с.

3. Межгосударственный статистический комитет Содружества независимых государств. Мониторинг показателей качества жизни населения в странах Содружества независимых государств 2020-2023. – Москва, – 2024. – 100 с.

4. Население Земли. (электронные ресурсы) // https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%9D%D0%B0% (санаи мурочиат 05.03.2025)

5. Ҳисобот оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2023, 68 с.

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. – Душанбе, 24.04.2010. [Электронный ресурс] // https://prezident.tj/ event/missives/14 (санаи мурочиат 05.03.2025).

7. Рейтинг продолжительности жизни по странам на 2023 год. [Электронный ресурс] // https://dzen.ru/a/Y_iVbmjQ0T06U0fc (санаи мурочиат 18.02.2025).

8. Рост населения. (электронные ресурсы) // https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%A0%D0%BE%D1%81%D1%82_ (санаи мурочиат 05.03.2025).

9. Средняя продолжительность жизни в России и странах мира в 2021 году. [Электронный ресурс] // https://bs-life.ru/makroekonomika/prodolzitelnost-zizni 2013.html (санаи мурочиат 18.02.2025).

10. Статистика инфекционных заболеваний. (Электронные ресурсы) // https://semashko.tomsk.ru/o-roddome/news/statistika-infektsionnykh-zabolevaniy/#:~:text (санаи мурочиат 19.02.2025).

11. Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, – 2024, – 85 с.

НЕКОТОРЫЕ ПОКАЗАТЕЛИ СФЕРА ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА РАЗВИТИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА

Назирова Мархамат Назаровна

Развитие сферы здравоохранения и в ее контексте сохранение здоровья населения считается одним из приоритетных и важных направлений социальной политики страны и рассматривается как неотъемлемая часть стратегических целей. Здоровье является основой общественной жизни и считается одним из важнейших базовый человеческий капитал, поскольку этот вид капитала существует в человеке с момента его рождения и продолжает развиваться на протяжении всей его жизни. В современных условиях показатели состояния здоровья являются одним из важнейших факторов общественной жизни, и от них напрямую зависит развитие человеческого капитала. В статье изучается и анализируется текущее состояние некоторых показателей сферы здравоохранения.

Ключевые слова: здоровье, здоровье населения, показатели, человеческий капитал, продолжительность жизни, рождаемость, смерть, развитие, инфекционные заболевания, статистические данные.

SOME INDICATORS OF HEALTHCARE AND ITS IMPACT ON THE DEVELOPMENT OF HUMAN CAPITAL

Nazirova Marhamat Nazarovna

The development of the healthcare sector and, in its context, the preservation of public health is considered one of the priority and important areas of social policy of the country and is considered an integral part of strategic goals. Health is the basis of public life and is considered one of the most important basic human capital, since this type of capital exists in a person from the moment of his birth and

continues to develop throughout his life. In modern conditions, health indicators are one of the most important factors in public life, and the development of human capital directly depends on them. The article studies and analyzes the current state of some indicators in the healthcare sector.

Key words: health, population health, indicators, human capital, life expectancy, birth rate, death, development, infectious diseases, statistics.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

Файзализода Шамсиддин Мирзовали - Муаллими калони кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд. Адрес: 735716, маҳалаи 27, ш. Хуҷанд, вилояти Суғд: (+992) 988747717, E-mail: fayzalievshamsiddin@gmail.com

Ҷаҳонишавӣ зуҳуроти иҷтимоист, ки аз ҳудудҳои замонию маконии умумиятҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ берун баромада ба тамоми қурраи замин паҳн мешавад. Ҳарчанд бисёре аз таҳлилгарон ҷаҳонишавиро америкоикунонӣ ва стандарткунонии ҷомеаи ҷаҳон номидаанд, аммо ин мантиқан иштибоҳ аст. Ҷаҳонишавӣ – марҳилаи нави инкишофи ҷомеа аст. Он зуҳуроти комилан объективӣ, қонунӣ ва табиист Зеро омилҳои пайдоиши ин раванди муосир инкишофи босуръати технологияи иттилоотӣ ва хизматрасонӣ, пешрафти соҳаҳои илм ва истеҳсолот, алоқаҳои зичи давлатҳо, бозори ягонаи ҷаҳонӣ, ҳаракати сармояҳо ва гайраҳо мебошанд. Дар натиҷаи он арзиши ташаббуси ақлонии давлатҳои ҷаҳон, арзиши иттилоот ба маротиб афзуда нигоҳи инсоният ба олам тобиши навро касб менамояд. Ҳар як кишвар кӯшиш бахарҷ медиҳад, ки тамоми тарафҳои ҳаёти ҷамъиятиро бо хуби ташаккул диҳад, дар асоси баробар ҳуқуқӣ, дар ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ ширкат варзад ва дар созишномаҳои судбахшу нафъоварро бо дигар кишварҳо ба имзо расонад. Дар шароити муосир, аз пештара дида, инкишофи ҳар як давлати алоҳида аз вазъи байналхалқӣ вобастааст.

Калидвожаҳо: *ҷаҳонишавӣ, ахлоқ, интернет, арзишҳои миллӣ, давлати миллӣ, созишнома, актор, сиёсии ҷаҳон.*

Дар раванди глобализатсионӣ кишварҳои ҷаҳон, давлатҳои миллӣ ва миллатҳои дорои ҳуввият, фарҳанги миллӣ ва собиқаи таърихи тулонӣ бо проблемаи ба фарҳангҳои дигар «асемилиятся» омӯзиш ёфтани фазои фарҳангӣ ва ҳуввияту арзишҳои худ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин ҳолати ба вуқӯъомада дар назди онҳо як қатор саволҳоро ба миён мегузорад. Дар баробари ин давлатҳои миллӣ ва миллатҳои ташаккулёфта, ба омехташавии ҳуввияту манфиатҳо ва арзишҳои фарҳангиву таърихии худ бо раванди глобализатсия рӯ ба рӯ шуда, дар назди онҳо проблемаи амнияти фарҳанг, ҳуввият, арзишҳо, таърих, урфу одат ва ё аз даст додани онҳо пеш меояд. Вобаста ба печ дар печи моҳияти ин падида ва мушкил будани баёни аҳмият ва хусусияти он, дар ҷомеаи мутамаддин баҳсҳо ва фарзияю назарияҳои мухталиф дар ин мавзӯъ ба вуҷуд омадааст, ки дар ҷамъ боиси ба вуҷуд омадани маводҳои васеи илмӣ ва назарӣ дар мавриди глобализатсия ҳамчун падидаи сиёсӣ ва хусусиятҳои он гаштааст.

Ба ҳамин хотир бо дар назардошти ин воқеият метавон иброз дошт, ки масъалаи глобализатсия ва дарку фаҳми хусусиятҳои асосии он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як масъалаи на танҳо муҳим балки аҳмияти илмию назарӣ, инчунин зарурати бисёр ҷиддии амалӣ ва сиёсӣ мебошад. Дар ин мавриди як масоилро мавриди фаҳми моҳияти глобализатсия аз диди муҳаққиқи америкоӣ бояд қайд намуд, ки Робертсон олим ва назарияпардоз, глобализатсияро як навъ ҷаҳони «Фишурдашуда» ва зиёдгардии вобастагии тамоми қисматҳои онро пешниҳод менамояд. Ҷаҳон низоми иҷтимоиюи фарҳангиро таҷассум намуда, фарҳангҳои гуногун, гурӯҳҳои этникӣ, ки созмон ва ҳаракатҳоро фаро мегирад дар ин ҳолат аз ҳудуди давлати миллӣ берун мегардад.

Ба андешаи профессор Маҳмадизода Нозим Давлатмурод “Одатан зери истилоҳи ҷаҳонишавӣ вобастагии кишварҳои алоҳида дар соҳаи иқтисодиёт, сиёсат, иҷтимоиёт, фарҳанг, экология,

савдо фаҳмида мешавад. Суръати паҳншавии итилоот ба масофаҳои дароз ва расонидани молу таҷҳизот ба дилхоҳ минтақаи олам далели инкишофи раванди ҷаҳонишавист”. Дар раванди глобализатсия ками дар камҳо бурд карданд, аксарият бохтанд. Глобализатсия вазъияти сиёсии ҷаҳонро ноустувор мегардонад. Одамон бовари ба ояндаро гум карда, тарзи ҳайёт ва фарҳанги худро дар хатар мебинанд[1, С. 78].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муҳимияти омӯзиши ин равандро дарк намуда қайд менамояд, ки “Кишвари мо бояд аз масири ҷаҳонишавӣ на бояд ақибмонда бошад, баръакс пешгом будани он амри таърих аст. Чунки тоҷикон аз замони “Авасто” ба баъд тафаккури китобӣ, фарҳанги ғанӣ ва мактаби махсуси хешро доштанд. Ва имрӯзҳо бояд масири ҷаҳонишуданро тай намуда, бо ифтихор дар муҳити он гомҳои устувор бардорандва фарҳанги асили худро ба ҷаҳон ироа намуда барои ҳифзу нигоҳдории он кушиш ба харҷ диҳанд”. Бо итминони комил метавон гуфт, ки тоҷике ки дар чандин гирдоҳои таърих, ғарқ нашуд, бал ки тавонист номи худ, забони худ, фарҳанги хоси худро ҳифз намояд.

Чи тавре, ки маълум аст, фоидаи ҷаҳонишавиро танҳо кишварҳои абарқудрат эҳсос менамоянд. Дар натиҷаи буҳронҳои иқтисодию молиявӣ одамони зиёд бекор монда вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодии ҷаҳонро боз ҳам мураккабтар менамоянд. Талаботҳои вазнин ва бемаҳдуди корпоратсияҳои фаромиллӣ нисбати кишварҳои рӯ ба тараққӣ асосҳои давлатдорию пояҳои демократияро дар ин кишварҳо зери хатар мегӯзоранд. Сабаб дар он аст, ки барои корпоратсияҳои фаромиллӣ давлатӣ мустақилу мустаҳкам бо элитаи руҳияи миллӣ дошта душвори калон мебошад ва онҳо кушиш ба харҷ медиҳанд чунин давлатҳо вуҷуд надошта бошанд [2, С. 25].

Метавон қайд намуд, ки дар байни тадқиқотчиёни равандҳои ҷаҳонишавӣ ақидаи умумӣ оиди таърихи пайдоиш, инкишоф ва дурнамои он вуҷуд надорад. Қисми зиёди ақидаҳо ба он алоқаманд карда мешаванд, ки дар оянда ҳукумати умумиҷаҳонӣ пайдо мегардад, ки дар марҳилаи имрӯза баъзе заминаҳои он аллакай мавҷуданд. Лекин бояд қайд намуд, ки то натиҷаҳои ниҳоии равандҳои ҷаҳонишавӣ давраи хеле тулонӣ лозим меояд, зеро дар муддати кӯтоҳ чунин мақсад ба даст оварда намешавад. Дар марҳилаҳои минбаъда ҷаҳонишавӣ метавонад, ки боиси зиддиятҳои нисбатан тезу тунд гардад. Зеро ҳар як давлати миллӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ваколат ва вазифаҳои асосии худро аз даст надиҳад. Аз ин рӯ омӯзиши равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ошкор намудани самт ва сатҳҳои инкишофи он талаби замон аст.

Мақсади ниҳоии раванди ҷаҳонишавӣ созмон додани ҷаҳонӣ ягона, ки дар он ҳамаи субъектони ҷомеаи ҷаҳонӣ имкониятҳои якхела камолёбӣ доранд. Бисёре аз донишмандон ин фикрро хаёлоте беш номидаанд. Аммо воқеият ин аст, ки ҷаҳонишавӣ ба ҳамаи давлатҳо шароити якхелаи рушдро пешниҳод менамояд, лекин ҳар як давлат вобаста ба имконият ва вазъи дохилии иқтисодию сиёсии хеш аз он истифода мебарад. Дуруст аст, ки давлатҳои мутараққии постиндустриалӣ вобаста ба технологияи пешқадами истеҳсоли хеш аз он бештар манфиат мебардоранд. Аммо давлатҳои рӯ ба инкишоф низ бо пеш бурдани стратегияи дурусти сиёсӣ – иқтисодӣ аз глобализатсия истифода намудаметавонанд.

Дар доираи илмҳои сиёсӣ таҳқиқи равандҳои глобализатсионӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ аҳамияти илмию назариявӣ ва амалию сиёсиро касб намудааст. Зеро олами сиёсат гуногунчеҳра буда, таваҷҷуҳи олимон ва донишмандонро масъалаҳои мухталиф, аз ҷумла бартарӣ пайдо намудани иштирокчиёни асосии муносибатҳои байналхалқӣ дар нисбати масъалаи таҳким ва такмили истиқлолияти давлатӣ ҷалб месозад. Пӯшида нест, ки андешаҳо дар бораи он, ки давлатҳо ба мисли пештар дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ дигар нақши пешбарро ичро карда наметавонанд ҳукми зарурӣ пайдо намудааст. Андешаҳои мазкурро ҳанӯз дар тадқиқоти олимон ва донишмандони солҳои 70-уми асри гузашта пайдо намудан мумкин буд. Дар корҳои онҳо афзалият пайдо намудани акторони муносибатҳои байналхалқӣ ва беш аз пеш бар хилофи робитаҳои байнидавлатӣ баромад намудани онҳо мушоҳида

мегардид. Пас падидаи музкур вобастагии байни давлатҳо ва халқҳоро нишон медиҳад ва ҳамчун идеяи асосӣ тавсиф карда мешавад. Вобастагиҳои мазкур ба тавлиди ғояҳои глобализатсионӣ боис шуда, мафҳуми вобастагии истиқлолияти байни давлатҳо ва халқҳо як навъи консепсияи глобализатсия баромад менамояд, ки мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст.

Аз як тараф, агар ба масъалаи вобастагии байни давлатҳо ва халқҳо назар намоем, пас он на танҳо соҳаи иқтисодӣ, балки соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятию сиёсиро фаро гирифта, марҳалаҳои гуногуни рушди таърихиро дар бар мегирад. Ҳолати мазкур бевосита ба таҳқиқи равандҳои глобализатсионӣ мусоидат менамояд. Аз тарафи дигар, глобализатсияро метавон ҳамчун раванд ва ҳамчун идеология тавсиф намуда, хусусиятҳои радикалии онро аз ҷиҳати сиёсӣ набояд сарфи назар кард.

Равандҳои глобаликунонӣ аз ҳисоби рушди шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ҳокимияти мустақили иерархикунонии худро таъсис медиҳад ва бар хилофи истиқлолияти давлатҳои мустақил баромад намуда, ба сиёсати ҷаҳонӣ таъсири бевосита мерасонад. Таъсиррасониҳои мазкурро метавон дар соҳаҳои гуногун мушоҳида намуд. Таъсиррасониҳо дар муносибатҳои иқтисодию савдои байналхалқӣ, дар афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилии тамоми кишварҳо, дар афзудани сармоягузорӣ, дар ташаккул ва рушди ширкатҳои трансмиллӣ ва ғайра ба назар мерасанд [3, С. 56].

Бозори молиявии ҷаҳонӣ дар таҳкими робитаҳои тиҷоратию саноатии байни кишварҳо нақши фаъол мегузорад, ки он ҳамчун воситаи сафарбарнамоии захираҳои озоди молиявӣ ва сармоягузорӣ ба иншооти гуногуни истеҳсолӣ табдил ёфтааст. Соҳаи иқтисодии ҳар як кишвар чӣ дар сармояи содиротӣ ва чӣ дар гирифтани сармояи мустақими хориҷӣ беш аз пеш хусусияти глобалӣ пайдо намудаанд. Пӯшида нест, ки солҳои охир табиати бозорҳои молиявӣ ба куллӣ тағйир ёфта, дар натиҷаи рушди босуръати шабакаҳои телекоммуникатсионӣ имкон пайдо намуданд, ки марказҳои бузурги молиявии ҷаҳонӣ ба савдои системаи коғазҳои қиматноки ҷаҳонӣ муттаҳид гарданд. Барои ҳамгироии глобалии коғазҳои қиматнок дар биржаи ҷаҳонӣ тамоми шароитҳо муҳайё гардидааст. Вобастагиҳо ва алоқамандиҳои мазкур дар мубодилаи қурби асрори миллӣ ба назар мерасад ва бештар хусусияти глобалиро ба худ касб намудаанд. Наздикшавии иқтисодиёти кишварҳо ба истиқлолияти давлатӣ бе натиҷа гузошта наметавонад ва фаъолияти иқтисодии ҳар як кишварро аз омилҳои беруна вобаста мегардонад. Дар фазои иқтисодии ҷаҳонӣ нақши марказҳои ғайридавлатии фаромиллӣ, аз ҷумла ширкатҳои трансмиллӣ, корпоратсияҳо, бонкҳои трансмиллӣ, фондҳои байналмилалии сармоягузорӣ дар қабули қарорҳои стратегӣ нақши муҳим мегузоранд. Ҳатто бисёре аз онҳо ба иқтисодиёти давлатҳои миллӣ ворид гашта, ба сиёсати пешгирифтаи онҳо тасҳеҳот ворид месозанд.

Муносибати мазкур ба ноустувории бозорҳои дохилӣ ва коҳиш ёфтани рақобати байни истеҳсолкунандагон оварда мерасонад. Тааҷҷубовар он аст, ки таҳкими истиқлолиятгароӣ ё такмили истиқлолияти давлатӣ дар шароити имрӯза барои бисёр кишварҳои рӯ ба инкишоф, алалхусус, барои Тоҷикистон аҳамияти махсус пайдо менамояд. Инро аксар вақт буҳрони молиявӣ ва иқтисодии кишварҳо нишон медиҳанд.

Дар шароити муосир талоши асосии иқдомҳои ҷомеаи ҷаҳониро на танҳо идораи фазои геополитикӣ, балки «объектҳои стратегӣ» ва идораи равандҳои байналмилалии молиявию иттилоотӣ ташкил медиҳанд. Бозингарони асосӣ дар ин самт маблағҳои калон ва ширкатҳои молиявии худро ба кор меандозанд, ки аксар вақт бо дастгириҳои ошкоро ё пӯшидаи давлатҳои миллӣ боис мегарданд. Ба сифати омили нави раванди сиёсии ҷаҳонӣ на танҳо ширкатҳои трансмиллӣ, балки ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ низ баромад менамоянд, ки дар шароити глобализатсионӣ нақши давлатҳои миллиро танг карда боровардаанд. Фаъолияти онҳо бештар хусусияти гуманитарӣ гирифтааст. Гузашта аз ин, ҳатто шахсони алоҳида низ имкон пайдо намудаанд, ки ба равандҳо ва хусусиятҳои сиёсати ҷаҳонӣ таъсири бевосита расонанд.

Вобаста ба вазъи сиёсии ҷаҳон баамнияти ҳар як миллат хатар таҳдид мекунад. Имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ё ба истилоҳ глобализатсия қарор дорад, ки дар ин раванд пеш аз ҳама, бархӯрди тамадунҳою фарҳангҳо ва тарзи истеҳсолоти модии ҷамъиятӣ шомил мешаванд [5, С.89].

Раванди ҷаҳонишавӣ як қатор шохаҳои ҷомеаро фаро гирифта, он дар ташаккулёбиитарбияи ахлоқии насли наврасу ҷавонон, ки инҳо асоси идеологияи миллиро ташкил медиҳанд ва идеологияи миллӣ бошад омили асосии худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ ба шумор меравад, ки ин ҳама асоси поядорӣ ва бардавомии амнияти милӣ ба шумор меравад. Дар ин аснод глобализатсия ба ташаккулёбии чунин сифатҳотаъсири бузург хоҳад гузошт. Зикр карданбо маврид аст, кихатари асосии нестшавии ҳар як миллату давлатдар коста гардидани идеологияи миллии ҷавонони он ба шумор меравад[6, С.43].

Глобализатсия бошад яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба шуур, махсусан, ба шаклҳои шуури ҷамъиятии наврасону ҷавонон алалхусус, ба ахлоқ, дин, ҷаҳонбинӣ, ки ин шаклҳои шуури ҷмъияти идеологияи шахсро муаян менамоянд, таъсири ниҳоят манфӣ мерасонад. Ва интаъсиррасониҳоро ба таври зайл ифода намудан мумкин аст:

- Дар раванди ҷаҳонишавӣ зиёданд давлатҳое, ки қисм- қисм фарҳангу забони худро аз даст медиҳанд. Аз шумури ин давлатҳо, ки худи ҷаҳонишавӣ аз он ҷойҳо манша мегирад: Франсия, Канада ва ИМА мебошанд. Яъне, ба бегонашавии фарҳанг раванди ҷаҳонишавӣ таъсир мерасонад. Вале фарҳанг ҷузъи асосии ташаккулдиҳандаи тарбияи ахлоқии башарият ба шумор меравад. Пас ҳар миллатро зараур аст, ки дар ин раванд омодагӣ дошта бошад. Ин аз шаҳрвандони онвобастагии зиёд дорад. Шаҳрвандон агар дорои ҳисси миллатдӯстӣ, ифтихори миллӣ ва арҷгузор ба фарҳангу тамаддуни гузаштаи хеш бошанд, ҳеҷ гоҳ фарҳанги бегонаро ба худ қабул нахоҳанд кард.

Аммо боиси таассуф аст, ки имрӯзҳо дар ҷомеаи мо баъзан калонсолону ҷавонон ба бегонашавӣ рӯй оварда, ба фарҳанг ва забони миллии хеш доғ меоранд ва ин ҳисси миллатдӯстии наврасону ҷавононро коста гардонида, дар онҳо майли эгоистӣ ба вуҷуд меояд. Инба коҳишёбии фарҳанг ва тамадуни суннатии миллати куҳанбунёди тоҷик оварда мерасонад. Дар сурати коҳиш ёфтани фарҳангу забон миллатро хатари парокандагӣ таҳдид мекунад, чун ки фарҳанг яке аз механизмҳои сарҷамъ намудани халқмансуб меёбад. Пас, мо, аҳли ҷомеаро лозим аст, ки азраванди ҷаҳонишавӣ ҷиҳатҳои хубашро қабул намуда, ҷиҳатҳои зиёноварашро аз ақлу зеҳн вафарҳанги худ дур созем. Ин, албата вобастагӣ дорад ба дараҷаи фаҳмиши ҳар як инсон.

- Дар раванди ҷаҳонишавӣ чизи аз ҳама таҳдидовар ба таълиму тарбия, махсусан, тарбияи ватандӯстӣ, ҳисси миллӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ ин дар зиёд шудани гуруҳои тероризму экстермизми динӣ мебошад. Он бевосита ба мафкураи наврасону ҷавононтаъсир расонида, онҳоро аз омӯхтани илм дур месозад. Дар асри XXI чизи аз ҳама хатарнок барои сулҳу амнияти кишварҳои дунё, алалхусус, минтақаи Осиё ин зиёд шудани равияҳои террористӣ, ки аз номи дини ислом баромад мекунанд, мебошад. Онҳо на дин доронанду на инсоншиносону худотарс, балки ҷоҳилӣ аз дин ҷудову аз Худо бехабаранд. Ин раванд азаҳли ҷомеа, махсусан, аз муаллимон зиракии сиёсӣ ва дорои маданияту фарҳанги диниву мазҳабиро талаб менамояд. Чунки қисми зиёди ҷавонони ба ин гурӯҳҳо шомил мешудагӣ аз арзишҳои диниву мазҳаби тамоман бехабаранд [6, С.65]. Ба хонандагон чӣ будани мазҳаб ва дину роҳи ростро фаҳмонида тавонистани омӯзгорон,падару модарон ва аҳли ҷомеа зарур аст, тонаврасону ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳо нагараванд.

- Дигар ҷанбаи ҷаҳонишавӣ, автоматизатсиякунонӣ ё компиютеркунонӣаз як ҷиҳат хуб аст, корҳои одамонроосон намуда, бакорхонаҳо ва муассисиаҳо ва фардҳои алоҳидафоидаи моливу пулӣ васиёсиву мафкуравӣмеорад. Вале, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин раванд ба ташаккулёбии сифатҳои маънавии инсон таъсири манфӣ мерасонад. Дар шаҳрҳо зиёд шудани марказҳои хизматрасонии компиютерӣ (интернеткафе, бозии сонӣ ва ғайра) омили асосии дур шуданитала-

багону донишҷӯён аз раванди таълим ва коҳиш ёфтани ахлоқи ҳамидаи инсонӣба шумор меравад.

- Аксар вақт наврасону ҷавонон тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ як қатор видеороликҳои ғайриахлоқӣ ва ё зидди идеологияи милиро тамошо ва матнҳои ҳамрадифи инҳоро тамошова мутолеа менамоянд. Инчунин, ба гирифтани ахбороти сохтаи дигар ташкилотҳои зидди инсонӣ машғул мешаванд, ки ин ба раванди ташаккулёбии хислатҳои маънавии онҳо таъсири манфӣ мерасонад ва боиси коста гардидани меъёрҳо ва принсипҳои инсондӯстӣва ватангароиҷавонон дар ҷомеа мегардад. Тавре кимаълум астдар илми равоншиносӣгуфта шудааст: он чизе, ки дар ҳаёт объективан вуҷуд дорад, новобаста аз объективияташ ба эҳсосоти мо таъсир мерасонад. Албата, тамошо ва мутолеаи чунин видеороликҳо ва матнҳои ифротӣба ҳиссиёти онҳо таъсири манфӣ расонида, дар равияи шахсии онҳо таъсири идеологӣ мерасонад.

Аз тарафи дигар тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ шинос шудани ҷавонон ба дӯстҳои нав, ки баъзе аз онҳо барои гурӯҳҳои ифротгароӣ хизмат менамоянд ва ин барои ҷавонон хатарноктар ҳастанд. Зеро мувофиқи таҳлилҳо дар солҳои охир шомил шудан ба гурӯҳҳои террористӣ тавассути сомонаҳои интернетӣ бештар суръат гирифта истодааст. Ва шомилшавии ҷавонон ба чунин гурӯҳҳои террористӣ хатари калонест, ба амнияти миллӣ ва ё доғест барои миллат [7, С.12].

Ҳамин тариқ, ҳар як миллат дар раванди ҷаҳонишавӣ хоҳу нохоҳ қарор хоҳад гирифт ва роҳи ягонаи зарар надидани фарҳанг ва коста нагардидани ахлоқ дар ҷомеа, қабл аз ҳама, омода будан ва ё шудан ба ин раванди пуртазод мебошад. Пас, ҳар як падару модар ва омӯзгорро лозим аст, ки сараввал худ дониши кофии муоссир дошта бошад, то ин ки ба хонандагон ва дигар шаҳрвандон чӣ будани ин равандро фаҳмонда тавонад. Дар баробари падару модаронва омӯзгорон дигар қишрҳои ҷомеаро низ лозим аст, ки ба бегонапарастӣ рӯ наоранд,чунки кӯдакон тақлидкоранд ва ба онҳо пайравӣ мекунанд.

Солҳои охир масъалаи мазкур таваҷҷӯҳи сиёсатмадорон, таърихшиносон, иҷтисодшиносон, философҳо ва умуман равшанфикронро ба худ ҷалб намудааст. Давлатҳои ҷаҳон барои омӯхтани ин зуҳурот аз нерӯҳои аҷлонии хеш васеъ истифода мебаранд, зеро ин зуҳуроти навин тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Ҷаҳонишавӣ марҳилаи нави инкишофи ҷамъият аст, ки пас аз «ҷанги сард» ба миён омадааст. Ин раванд пойбанди тағйиротҳои куллии иҷтисодию иҷтимоии ҷомеаи ҷаҳонӣ, инҷилоби илмӣ – техникӣ ва васоити технологияи хизматрасонӣ мебошад. Яъне аз ин пас чи ҳодисаҳои иҷтимоие, ки дар ин ё он нуқтаи сайёра ба амал меоянд, аҳамияти минтақавӣ надошта ба тамоми сайёра дахл доранд. Пешрафти иҷтисодиёти давлатҳои ҷаҳон ба раванди ҷаҳонишавӣ ва омодагии онҳо ба таъсири ин ҷараён вобастагии зиёд дорад. Рушди иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки кишварҳо бо суръати тез бо ҳам наздик мешаванд ва ин наздикшавӣ ба ҷаҳонишавии устувор оварда мерасонад. Диққати моро бештар масъалаҳои сиёсии глобалӣ ҷалб мекунанд. Зеро он, дар муқоиса ба ҷабҳаҳои дигараш хусусияти муаяйнкунандагиро дорост. Дар ҳазораи нав инсоният ба пешорӯи зуҳуроти нави иҷтимоӣ – раванди ҷаҳонишавӣ қарор гирифт, ки ин ҷараён ояндаи сайёраи моро муайян менамояд.

АДАБИЁТ:

1. Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. Монография / Н. Д. Маҳмадиев // Душанбе, 2013. –190с.

2. Зокиров Г.Н., Абдулҳақов М. М. Манфиатҳои миллӣ – омили меҳварии рушди давлатдорӣ. –Душанбе, 2008. –250с.

3. Зокиров Г. Н. Донишномаи сиёсӣ. – Душанбе, 2007.–602 с.

4. Шумилов М.М. Глобализация: политическое измерение. М., 2002.-230с.

5. Льюард И. Глобализатция политика: Изменившаяся направленност политического действия в современного мира. М.,1992.-289с

6. Панарин А.С. Глобальные прогнозирование. М., 1992.-122с.

7. Хайдаров Р.Д. Влияние процесса глобализации на тронсформацию таджикского обшество. Душанбе, 2011.-225с .

ИСТОРИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ СТАНОВЛЕНИЯ ГЛОБАЛЬНОГО ПРОЦЕССА

Файзализода Ш. М.

Глобализация – это новый этап развития общества. Это вполне объективное, законное и естественное явление. Хотя многие аналитики называют глобализацию американизацией и стандартизацией мирового общества, это логически неверно. Потому что факторами возникновения этого современного процесса являются бурное развитие информационных технологий и услуг, прогресс областей науки и производства, тесные связи государств, единый мировой рынок, движение капитала и т.д. Глобализация – это социальное явление, выходящее за пределы временных и пространственных границ социальных сообществ и общественных организаций и распространяющееся на весь земной шар. В результате многократно возрастает ценность интеллектуальной инициативы стран мира, ценность информации, а взгляд человечества на мир приобретает новую окраску. В современных условиях больше, чем раньше, развитие каждого отдельного государства зависит от международной ситуации. Каждая страна прилагает усилия к тому, чтобы правильно, на равной правовой основе формировать все стороны общественной жизни, участвовать в формировании нового мирового порядка и подписывать выгодные и выгодные соглашения с другими странами.

Ключевые слова: глобализация, этика, Интернет, национальные ценности, национальное государство, соглашение, актор, мировая политика.

HISTORICAL ASPECTS OF THE FORMATION OF THE GLOBAL PROCESS

Faizalizoda S. M.

Gloīalization is a new stage in the development of society. This is a completely oījective, legal and natural phenomenon. Although many analysts call gloīalization the Americanization and standardization of world society, this is logically incorrect. Īecause the factors in the emergence of this modern process are the rapid development of information technologies and services, progress in the fields of science and production, close ties īetween states, a single world market, capital movement, etc. Gloīalization is a social phenomenon that goes īeyond the temporal and spatial īoundaries of social communities and puīlic organizations and spreads across the entire gloīe. As a result, the value of the intellectual initiative of the countries of the world, the value of information, increases manifold, and humanity's view of the world takes on a new color. In modern conditions, more than īefore, the development of each individual state depends on the international situation. Each country makes efforts to form all aspects of puīlic life correctly, on an equal legal īasis, to participate in the formation of a new world order and to sign īeneficial and advantageous agreements with other countries.

Key words: gloīalization, ethics, Internet, national values, nation state, agreement, actor, world politics.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

БАЪЗЕ РОҲҲОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ СТРЕС ВА АФСУРДАГИИ МОДАРОНИ ТАНҲО

Элмуродова Давлатбӣ Анваровна – ассистенти кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар мақола муаллиф доир ба масъалаи модарони танҳо маълумот дода, омилҳои иҷтимоӣ-иҷтисодии ин падидаро матраҳ намудааст. Масъалаи модарони танҳо дар ҷомеаи Тоҷикистон яке аз мушкилоти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, зеро ин тоифа ба гурӯҳи одамони осебпазир ворид мешаванд ва бояд барои онҳо роҳҳои ба зиндагии дигарбора ворид шудан ё ҳадди ақал аз байн бурдани стрес ва афсурдагии онҳо омӯхта шавад. Дар мақола муаллиф аввал мушкилоти иҷтимоӣ ва равонии модарони танҳоро дар мислои Тоҷикистон таҳлил намуда, баъдан роҳҳои бартараф сохтани стрес ва афсурдагии онҳоро муайян сохтааст. Муаллиф дар навбати аввал нақши худи модарони танҳоро дар бартараф сохтани ин падидаҳо мушаххас намуда, барои модарони танҳо роҳҳоеро пешниҳод кардааст. Инчунин, муаллиф дар баъзе ҳолатҳо сабаби афсурдагӣ ва стреси модарони танҳоро муносибати нодурусти ҷомеа меҳисобад ва барои бартараф сохтани ин ҳолат муаллиф барои муносибат бо модарони танҳо баъзе масъалаҳоро матраҳ сохтааст.

Калидвожаҳо: *модари танҳо, стрес, афсурдагӣ, ҷомеа, зан, мард, волидайн, фарзанд, психология, рӯҳ, муносибат, тарбия, худсозӣ.*

Тарки хонаводаи тавассути мардон яке аз падидаҳои навзуҳур дар ҷомеаи Тоҷикистон аст. Мардоне, ки хонаводаи худро тарк мекунанд , модаронро танҳо мегузоранд, то ба танҳоӣ бори нигаҳдорӣ ва тарбияти фарзандонашонро ба дӯш бикашанд. Падидаи модари танҳо (single mom) маъмулан ба далоиле монанди талоқ , фавти ҳамсар, ё тарки хонавода аз сӯии падар иттифоқ меафтад. Ин модарон дар ҷомеаҳои мухталиф даргири чолишҳои зиёде аз ҷумла мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ ҳастанд [6, 42]. Аслитарин мушкили модарони танҳо мушкилот молӣ аст, зеро масъулияти таъмини молии хонавода ба таври комил ба души онҳо аст. Набудани ҳимоятҳои иҷтимоӣ метавонад фишори равонии баргирифта аз танҳоӣ дар тарбияти фарзандонро дар ин афрод душвор кунад. Чолишҳои ин даста аз модарон дар ҷомеаҳои суннатӣ бештараст. Ниҳодҳои суннатӣ ва мазҳабӣ дар ин ҷомеаҳо, табъизҳои бештаре барои ин афрод ба вуҷуд меоваранд.

Модарони танҳо яке аз гурӯҳҳои осебпазир дар ҷомеаи Тоҷикистон ҳастанд. Агар чӣ оморҳои дақиқе дарбораи теъдоди онҳо дар дастрас нест , аммо гузоришҳои мавҷуд нишон медиҳанд ки теъдоди онҳо дар ҳол афзоиш аст. Мавзуи тарки хонавода тавассути мардон, яке аз падидаҳои муҳиму нигаронкунанда иҷтимоӣ аст. Ин падида метавонад ба далоили мухталиф аз ҷумлаи фишорҳои иқтисодӣ, нотавонӣ дар зиндагӣ ва эҳсоси бекифоятӣ дар нақши сарпарасти хонавода иттифоқ биафтад. Ин шароит метавонад мунҷар ба норизоятӣ аз зиндагӣ, бурузи ихтилолоти равонӣ ва дар ниҳояти тасмим ба тарки хонавода тавассут мардон шавад. Дар ҷомеаҳое, ки аз мардон интизор меравад таъминкунанда аслӣ хонавода бошанд, нотавонӣ дар баровардани ин интизорот ба коҳиши иззати нафасу эҳсоси шикаст дар нақши иҷтимоӣ ва хонаводагӣ мерасад. Тарки хонавода тавассути мардон бо афзоиши ҷурму ҷиноят дар табақаи миёна ҳамроҳ шудааст.

Ин падида мумкинаст ба далели афзоиши мушкилоти равонӣ ва иҷтимоӣ муртабит бо фишорҳои молӣ ва иҷтимоӣ дар табақаи миёна рӯх диҳад, ки ба рафторҳои пурхатару ноҳинҷориҳои

иҷтимоӣ монанди ҷурму ҷиноят меанҷомад. Воқеиятҳои иҷтимоии кишвар ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки асоситарин омили тарки зиндагӣ тавассути мардон масаълаи нотавонии онҳо дар посухгуӣ ба ниёзҳои иқтисодӣ аст.

Аммо дар солҳои ахир масъалаи волидайни танҳо ва муносибат бо он каме ранги дигар гирифтааст. Зеро агар солҳои пеш ҷомеашиносон дар бораи модари танҳо таҳқиқот анҷом медоданд, имрӯзҳо мо мушоҳида мекунем, ки дар ҷомеа падари танҳо низ ҳаст ва ин масъала низ бояд мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирад, зеро дар натиҷаи омӯзиши ҷомеашиноси ҳолатҳое кам нестанд, ки падар танҳо фарзандони худро нигоҳу бин менамояд, ҳар чанд назар ба падарони танҳо, модарони танҳо ба маротиб зиёданд. Дар ин масъала, ду оилаеро мисол оварда метавонем, ки мардеро бо ду фарзанд ҳамсараш партофта рафтааст. Инчунин, мардеро дидам, ки ҳамсараш ҳангоми таваллуди сеюм сари фарзанд рафт ва се фарзанди ӯ танҳо дар нигоҳу бини парад монданд ва мард барои издивоҷ ҳамсари муносиб намеёбад. Аксарияти занҳо ба хотири се фарзанд доштанаш аз издивоҷ бо ӯ худдорӣ мекунанд. Ба ҳар ҳол, мардҳо роҳи зиндагии худро меёбанд, аммо аксарияти модарони танҳо як умр дар танҳоӣ фарзандони худро ба воя мерасонанд. Дар натиҷа, волидайни танҳо ба мушкилоти афсурдагӣ, стрес ва дигар ҳолатҳои ногувори равонӣ дучор меоянд. Аз ин рӯ, дар мақола кӯшиш шудааст, то роҳҳои бартарафсозии афсурдагии чунин тоифа инсонҳоро аз нигоҳи ҷомеашиносӣ ва психология матраҳ созем.

Чун аксарияти волидайни танҳоро модарон ташкил медиҳанд, мо бештар ба модарони танҳо таваҷҷуҳ намудем. Зеро як модари танҳо бояд дар танҳоӣ чандин мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодиро бартараф созад ва фарзанд ё фарзандони худро аз ин ҷиҳат таъмин созад. Масъалаҳои асосии модар ё волиданйни танҳо инҳо мебошанд:

Набудани ҳимояти иҷтимоӣ. Як модари танҳо бояд аз уҳдаи чандик корҳо дар танҳоӣ барояд. Дар аксарияти ҳолатҳо ҷомеа аз ҳимояти модари танҳо канорагирӣ мекунад ва ин канорагирӣ дорои сабабҳои муайян мебошад. Баъзан, худи ҷомеа тавоноии кӯмак расонидан ба модари танҳоро надорад. Инчунин, модари танҳо маҷбур аст, бештари вақти худро барои фарзандаш сарф кунад ва ин боис мегардад, ки муносибатҳои иҷтимоӣ дар ӯ кам мешавад ва ин танҳоӣ ба афсурдагӣ оварда мерасонад.

Стреси отифӣ. Дар мавридҳое, ки тарбияи комили кӯдак бар уҳдаи модар аст. Ва волидайни муштараке вуҷуд надорад, ки масъулияти комили тарбияи варзандро тақсим кунанд. Ин ҳама вазифаҳоро модар бояд дар танҳоӣ анҷом диҳад. Дар баъзе масъалаҳо модари танҳо бо масъалаҳои шахсие дучор мешавад, ки бояд бидуни ҳимояи шарики зиндагӣ аз уҳдаи онҳо барояд.

Афсурдагӣ дар модарон танҳо гоҳе ба унвони як муҳаррик амал мекунад, аммо агар идора нашавад, музмин мешаваду саломати афродро ба хатар меандозад. Таъсирҳои стрессу афсурдагӣ бар ҳар фард гуногун аст. Баъзе аз мушкилоти роиҷе, ки бисёре аз модарони танҳо бо онҳо рӯ ба рӯ ҳастанд шомили таҳрики пазирӣ, изтиробу афсурдагӣ, коҳиши амалкарди системаи эминӣ, ангезау халлоқияти камтар, коҳиши энержӣ, сардард, саргиҷа, мушкилоти гуворишӣ, мушкилоти хоб, тағйир дар хулқу ху ё иштиҳо ва ғайраҳо аст.

Бояд ёдовар шуд, ки яке аз хатарҳои дигари модарони танҳо ин тарбияи фарзандон дар рӯҳияи занона мебошад. Ҷомеашиносону равошиноси иҷтимоӣ дар ин бора ба фароз мегӯянд: «Муттаассифона як мавҷи наве дар ҷомеа махсусан дар миёни мардоне ки чанд сол аз издивоҷашон гузаштааст ва фарзанд доранд, эҷод шудааст. Ин афрод дар зиндагии худ ба ҷое расидаанд, ки ҳазинаҳо аз даромадашон сабқат гирифтааст. Бисёре аз ин афрод дар даҳаи панҷуми зиндагии худ ба сар мебаранд [1, 94].

Аввалин осебе, ки ҷомеа аз ин падида мебинад, афзоиши омори хонаводаҳои ҷудошуда аст. Падидаи модарон танҳо низ табаоте барои ҷомеа ва афрод дорад; авло ба лиҳози фардӣ зане, ки ҳамсар ӯ зиндагиро раҳо карда, бо мавҷе аз мушкилоти иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки ба танҳоӣ тавонои мудирият кардани онҳоро надорад. Дувум барои таъмини ниёзҳои зиндагии ин афрод маҷбур

мешаванд, ки беш аз ҳад кор кунанд ва ин навъ аз кор кардан боис мешавад ки нақши падар будан дучори мушкил шаваду фарзандон ба шакли муносибе тарбият нашаванд [4]. Аз назари иҷтимоӣ , чунин падидаҳое тавон бозсозии хонавода дар ҷомеаро кам издивоҷи такрории чунин афрод ба шиддати коҳиш пайдо мекунад. Ба таври табиии модари танҳо вақте ки мехоҳад фарзанд тарбият кунад махсусан, агар фарзанд писар бошад даргири мушкилоти зиёде мешавад. Зеро идеал қарор гириффтани мардонае ки ниёзаст як писар дар як бистари табиии даруни хонавода аз падар дошта бошад , вуҷуд надораду тарбият бисёр занона мешавад. Имрӯзи мо бо ин падида дар ҷомеа мувоҷеҳ ҳастем. Хоссатан дар шабакаҳои иҷтимоӣ. Тарбияи беш аз ҳади занона боис мешавад, ки писарон омодагии зарурии худро барои ифои нақши ҷинсиятии худро дар ҷомеа аз даст бидиҳанд [10, 199].

Роҳҳое вуҷуд дорад, ки як модари танҳо бо истифода аз он ҳо метавонад мушкилоти худро идора кунад ва ба муқобила бо афсурдагӣ бипардозад. Барои шуруи ин кор муҳимаст, ки модари танҳо бо вуҷуди мушкилоти зиёди иҷтимоиву иқтисодӣ барои худ вақт гузорад. Дар тӯли рӯз барои истироҳат ва фаъолиятҳои тафреҳӣ барномарезӣ кунанд. Равишҳои муфиди дигар инҳоянд:

Тамринҳои мунтазами сабук. Тибқи таҳқиқоти суратгирифта, варзиши доимӣ метавонад аз афсурдагӣ ҷилавгирӣ кунад. Тарбияи ҷисмонӣ ҳамчунин баро бартараф сохтани стрес муфид аст.

Ғизои солим. Хурдани ғизои солим на танҳо барои саломатии ҷисмонӣ муфид аст, балки бо равони инсон иртибот дорад. Аз ин рӯ, ҳар чанд барои модарони танҳо ёфтани ғизои солим, дар баъзе ҳолатҳо душвор аст, аммо истеъмоли он ба саломатии равонии онҳо фоидаовар аст. Дар ин ҳолат, бояд наздикон ва хешовандон ба модари танҳо диққат диҳанд, то модари танҳо ғизои солим истеъмол кунад [2, 170].

Хоб ва истироҳати кофӣ. Дар ин масъала, модарони танҳо бояд дигар барои гузашта ғам нахӯранд ва барои худ хоб ва истироҳати кофӣ дошта бошанд. Вақте инсон хоби кофӣ надошта бошад, дуруст фикр кардан наметавонад ва тасмими дуруст низ гирифта наметавонад. Камхобӣ ба афсурдагӣ ва ҳатто ба бемориҳои ҷисмонии шадид, мисли мушкилоти қалбӣ мерасонад. Дар ин бора, бояд ёдовар шуд, ки инсонҳо худро дар ҳар шароите мутобиқ карда метавонанд. Агар инсон, системаи асаби худро мутмаин созад, ки ҳамон миқдори хоб мерафтааш барои ӯ кофӣ аст, кам ба чунин афсурдагиҳо дучор мешавад.

Вақт гузаронидан бо дӯстоне, ки шароити яхела доранд. Афсурдагӣ дар модарон танҳо метавонад бо ҳузури пурранги дӯстони камтар ҳис шавад. Модарони танҳои зиёде ҳастанд ки аз суҳбат бо афроде ки шароити монанд доранд эҳсоси хушҳолӣ ва оромиш мекунанд. Модарони танҳо метавонанд соате аз рӯзро ба суҳбат кардану вақт гузарондан бо дӯстони худ ихтисос диҳанд [8].

Модарони танҳо бояд барои худ машғулиятҳое бидуни ҳузури фарзандон пайдо кунанд. Модарони танҳо бояд рӯйхате аз машғулиятҳоеро, ки аз анҷоми онҳо лаззат мебаранд дуруст кунанд ва сипас тасмим бигиранд, ки кадом як аз онҳо барояшон авлавият бештар дорад. Баъд аз тасмимгирӣ , ба таври мудовими онро анҷом диҳанд. Модарони танҳо ниёз доранд, ки вақтеро бидуни ҳузури фарзандатон ба худ ихтисос диҳанд, зеро ҳузури фарзандон гоҳе боис мегардад, ки модар аз он машғулият лаззат ва ё фоида намебарад.

Модарони танҳо бояд шабакаҳои иҷтимоиро як муддат канор бигузоранд. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар баробари муҳтавои муфиде, ки баъзан ироа медиҳанд гоҳе метавонанд ба афсурдагӣ дар модарон танҳо доман бизананд. Дидани хонаводаҳои дигар дар канори ҳам таъсири бадӣ бар як модар танҳо хоҳад дошт. Модарони танҳо саъй кунанд таии давраи дармон аз шабакаҳои иҷтимоӣ дур бимонанд ё истифода аз онҳоро ба ҳаддиақал кам кунанд [5, 254].

Дурӣ ҷустан аз манфибофӣ ё хаёлҳои бад. Манфигароӣ метавонад таъсири харобиовар бар эътимод ба нафаси модарони танҳо ба унвони як волид дошта бошаду саломати равони модарони танҳоро заиф созад. Тибқи таҳқиқот, волидайн бо нигариши манфӣ, бештар дар маърази ибтило ба афсурдагӣ ҳастанд. Ин изтиробу

манфибофӣ мумкинаст ба таъмули онҳо бо фарзандатон низ сироят кунад.

Беҳтарин равиш барои дармони афсурдагӣ дар модарони танҳо муроҷиа ба як мушовир ё дармонгар аст. Мушовирон кумак мекунанд, то модарони танҳо саломати равонии худро дар авлавият қарор диҳанд. Ҳамчунин роҳҳое барои муқобила бо эҳсосоти манфӣ ва эҷоди абзорҳое барои мудирияти афсурдагӣ ба модарони танҳо муаррифӣ хоҳанд кард. Ҳангоме ки саломатии равонӣ дар хатар бошад, ҷаласоти мушовара ба маънои воқеии калимаи наҷот диҳанда ҳастанд. Бо таввачуҳ ба стрессҳое, ки модарони танҳо бо онҳо мувоҷеҳ мешаванд ва ҳамчунин масъулияти сангини тарбияи фарзанд ба танҳо, ин даста аз модарон қаҳрамонони воқеии ин рӯзҳо ҳастанд.

Муайян намудани ин ки чӣ замоне модарон даргири афсурдагӣ шудаанд ҳамеша осон нест. Нуктаи муҳим , ин аст ки модарони танҳо бояд бидонанд афсурдагӣ чигуна бар саломату рифоҳи шумо таъсир мегузорад ва бояд чӣ иқдомоте барои коҳиши асароти он сӯрат бигирад. Фаромӯш накунед ки афсурдагӣ дар модарон танҳо бар кӯдакони низ таъсир мегузорад [9, 190].

Бояд ёдовар шуд, ки бароиафсурдагӣ ва стреси модарони танҳо ҷомеа низ гунаҳгор аст. Ҷомеашиносон ва равоншиносн барои ҷомеа тавсия медиҳанд, ки бо модарони танҳо дар бораи максъалаҳои зерин суҳбат кардан ва ё аз онҳо чизе пурсидан худ нест. Онҳо дар ин ҳолат дучори афсурдагӣ ва стрес мешаванд:

Яке аз саволҳои нодурусте, ки ба модарони танҳо дода мешавад, ин “чаро дуюмбора вориди робита намешавӣ?” аст. Мушаххасаст ки аксари мавоқиъи манзури бадӣ аз ин ҳарф надорем ва фақат май хоҳем ба падарон ё модарони танҳоӣ ки мешиносем ёдоварӣ кунем ки бад нест аз танҳоӣ дароянд. Гоҳе ин савол бо пешниҳоди ошноӣ бо фардии ҳам ҳамроҳаст ки шояд ҳамаи чизро бадтар ҳам бикунад. Воқеият инаст ки волидайни танҳо беҳтар аз ҳаркаси дигаре аз шароити худашон огоҳанду ниёзе намебенанд фарди наве ба зиндагияшан ворид шавад. Беҳтараст тасмимгирӣ дарбораи ворид шудан ё нашудан ба робитаро ба худашон вогузор кунем.

Дар бораи шавҳари пеш ё зани пештараи волидайни танҳо суол кардан хуб нест. Ин пурсиш яке аз бадтарин саволҳо аз падарон ва модарони танҳо аст; зеро илова бар нақзи ҳарими хусусии фард, савол беаҳамиятӣ ҳам ҳаст. Иловаи чунин пурсише мумкин аст волидайн танҳоро дар муқеъият нохушоянд гуфту гӯ дарбора масоилӣ қарор диҳад ки дӯсташ надоранд; корӣ ки Аслан мунсифона нест.

Саволи дигар ё гузоштани масъалае, ки ҳамсари пештара барои нигоҳубинӣ фарзанд кӯмак мекунад ё не низ хуб нест. Ва дигар саволҳое, ки боиси нороҳатии модарон ва ё волидаёни танҳо мегардад, ҷомеа бояд огоҳ бошад ва даст бикашад .

Роҳҳои дар боло зикргардида метавонад, афсурдагӣ ва стресси модарони танҳоро то андозае аз байн баранд. Дар ҷомеаи мо модарони танҳо гирифтори афсурдагӣ ва стрес мебошанд ва ин ҳолат метавонад дар баъзе ҳолатҳо модарони танҳоро ба худкушӣ расонад. Аз ин рӯ, ҷомеаро зарур аст, барномаҳои гендерии зиёдеро барои бартарафсозии афсурдагии модарони танҳо таъсис дод.

АДАБИЁТ:

1. Афанасьева А. А. Теоретический анализ понятия «Одинокая мать» / А. А. Афанасьева // Студенческий. – 2018. – № 22-3 (42). – С. 93-95.

2. Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон [Матн] /М. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 224 с.

3. Ефимова А. А., Чеботарева Е. Ю. Феномен одинокого материнства: взгляд материнства: взгляд изнутри» / А. А. Ефимова и др. // Психология и психотерапия семьи. – 2018. – № 3. – С. 5-17.

4. Корчагина, И.И. Взаимоотношения родителей и детей: условия семейной социализации / И.И. Корчагина, Л.М. Прокофьева // Электронная версия бюллетеня «Население и общество». – 2010. – №423-424. URL: demoscope.ru/weekly/2010/0423/analit02.php (дата обращения: 09.05.2025).

5. Могилевская, Е.В. Перинатальная психология: психология материнства и родительства [Текст] / Е.В.Могилевская. – М.: Феникс, 2015. – 278 с.

6. Омӯзиши масъалаи ҷудошавӣ (вайроншавӣ)-и оилаҳои ҷавон ва

роҳҳои пешгирии он дар Тоҷикистон (Ҳисоботи таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ) / Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – 64 с.

7. Филиппова Г. В., Хубулури Е. И. Организация социальной поддержки одиноким матерям» / Г. В. Филиппова и др. // NAUKA-PRESIDENT.RU. – 2017. № 1. – С. 31.

8. Хидирзода, М. Хонавода – мабдаи ташаккули инсон [манбаи электронӣ]. URL: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=17878 (санаи истифодабарӣ: 01.12.2022).

9. Черняк, Е.М. Социология семьи. Учебное пособие [Текст] / Е.М. Черняк. – М: Дашков и К*, 2004. – 238 с.

10. Шоисматуллоев, Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений [Текст] / Ш. Шоисматуллоев. – 2-е издание. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 320 с.

НЕКОТОРЫЕ СПОСОБЫ СНЯТЬ СТРЕСС И ДЕПРЕССИЮ ДЛЯ МАТЕРЕЙ-ОДИНОЧЕК

Элмуродова Д.А.

В статье автор дает информацию по проблеме матерей-одиночек и рассматривает социально-экономические факторы этого явления. Проблема матерей-одиночек в таджикском обществе считается одной из социальных проблем, поскольку эта категория относится к группе уязвимых людей, и их необходимо научить способам возвращения к жизни или, по крайней мере, избавления от стресса и депрессии. В статье автор сначала анализирует социальные и психологические проблемы матерей-одиночек на примере Таджикистана, а затем выявляет пути преодоления их стресса и депрессии. Автор сначала определяет роль самих матерей-одиночек в устранении этих явлений и предлагает им пути решения этой задачи. Также автор считает, что в некоторых случаях причиной депрессии и стресса у матерей-одиночек является неправильное отношение общества, и для преодоления этой ситуации автор поднимает некоторые вопросы по работе с матерями-одиночками.

Ключевые слова: мать-одиночка, стресс, депрессия, общество, женщина, мужчина, родитель, ребенок, психология, душа, отношения, воспитание, саморазвитие.

SOME WAYS TO RELIEVE STRESS AND DEPRESSION FOR SINGLE MOTHERS

Elmurodova D.A.

In the article, the author provides information on the problem of single mothers and examines the socio-economic factors of this phenomenon. The problem of single mothers in Tajik society is considered one of the social problems, since this category belongs to a group of vulnerable people, and they need to be taught ways to return to life or, at least, get rid of stress and depression. In the article, the author first analyzes the social and psychological problems of single mothers using Tajikistan as an example, and then identifies ways to overcome their stress and depression. The author first determines the role of single mothers themselves in eliminating these phenomena and offers them ways to solve this problem. The author also believes that in some cases, the cause of depression and stress in single mothers is the wrong attitude of society, and in order to overcome this situation, the author raises some issues on working with single mothers.

Key words: single mother, stress, depression, society, woman, man, parent, child, psychology, soul, relationships, education, self-development.

№3
2025
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ХАТАРИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ БА ҶОМЕА

Касимова Раҳима Азимовна - магистри шӯъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**.** 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; тел.: (+992) 93 435 53 31; e-mail: r.kasymova@gmail.com

Дар мақолаи илмӣ хусусиятҳои экстремизми динӣ, сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои муқовимат ба он таҳқиқ гардида, хатарҳои он барои ҷомеаи муосир нишон дода шудааст. Муаллиф бо далелҳои боэътимод сабабҳои гаравиши баъзе ҷавононро ба гурӯҳҳои экстремистӣ баррасӣ намудааст. Дар мақола қайд мегардад, ки экстремизми динӣ ба амнияту ваҳдати миллӣ ва устувории давлати миллӣ таҳдид намуда, мавҷудияти фарҳанги миллӣ ва умуман, давлатро зери хатар мегузорад. Муаллиф барои пешгирӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизми динӣ пешниҳодҳои мушаххас намудааст.

Калидвожаҳо: *экстремизми динӣ, гурӯҳҳои экстремистӣ, радикализм, терроризм, дин, хурофоти динӣ, муҳоҷират, ҷавонон, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ.*

Масъалаи ҷиддие, ки имрӯз ҷаҳони муосир, аз ҷумла ҷомеаи Тоҷикистонро ба ташвиш овардааст, гаравиши баъзе аз ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои экстремистӣ мебошад. Экстремизми динӣ яке аз намудҳои ниҳоят хатарноки экстремизм мебошад. Гаравиши баъзе аз ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои экстремистӣ на танҳо мушкилии ҷиддии Тоҷикистон, балки мушкилии нигаронкунандаи тамоми ҷаҳони муосир мебошад. Эстремизми динӣ яке аз намудҳои ниҳоят хатарноки экстремизм мебошад.

Муҳаққиқи шинохтаи соҳа А. Раҳнамо экстремизми диниро чунин шарҳ додааст: «Ифротгароии динӣ яке аз маъмултарин шаклҳои ифротгароӣ ё экстремизм буда, ҳолатест, ки инсон дар фаҳмиши меъёрҳои дин ва дар амал кардан таълимоти динӣ сахтгирии пеш аз ҳад намуда, дар ин кор аз ҳадду андозаи эътидол мегузарад. Шахси ифротгарои динӣ маъмулан аз таълимоти асилу муътадили динӣ дур монда (1), динро ба таври бисёр рӯякӣ, маҳдуд ва танг фаҳмида (2), ба ҳамин фаҳмиши худ амал карда (3), аз дигарон низ чунин тарзи амалро интизор ва тақозо менамояд (4)» [8, с. 17].

Ба андешаи сиёстшиноси тоҷик Қ.Х. Сафарализода “Дар шароити муосир исломи сиёсӣ, ки аз таълимоти исломгароён сарчашма мегиранд, ҳамчун яроқи идеологӣ барои тасхир намудани шуури ҷамъиятӣ дар муборизаҳои сиёсӣ истифода мешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин гуна неруҳо исломро на барои беҳтар намудани вазъи маънавию ахлоқии ҷомеа, балки барои ба даст овардани ҳокимият ва тағйир додани сохти конститутсионии давлат истифода менамоянд” [11, с. 376].

Ифротгароёни динӣ барои расидан ба мақсадҳои худ асосан ба ҷавонони фанатики дин, дорои саводи пасти динӣ, зудбовару камирода ва ҷавонони мушкилидор таваҷҷуҳ менамоянд. Тавассути сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷавонони гумроҳ ваъдаҳои пучу дурӯғ, зуд соҳиб шудани ба сарвати калон, ҷиҳоду ваъдаи биҳишт дода, ҳар хел овозаҳои бардурӯғи мазҳабию дунявиро паҳн мекунанд, бадбинӣ ва низоъҳои мазҳабиро бармеангезанд. “Исломгароии сиёсии муосир дар шаклҳои мухталиф зуҳур мекунад, ки ҷараёнҳои “салафия” ва “ихвония” аз ҷумлаи онҳо буда, ҳамчун ҳаракатҳои радикалӣшинохта шудаанд. Солҳои охир ҳаракатҳои “салафия” ва “ихвония” на танҳо аз ҷониби институтҳои махсуси иҷтимоӣ, ҳамчунин дар миёни мусулмонони зиёдие низ маънои манфӣ касб намуда, чун ҷараёнҳои хусусияти ифротию иртиҷоидошта ва зиддиисломӣ маҳсуб мешаванд.

Муҳимтарин хусусиятҳои онҳо дар муборизаҳои сиёсӣ истифода бурдани ислом ба ҳисоб мераванд, ки дар шароити кунунӣ барои тамоми ҷаҳони ислом хатарзоянд" [1, с. 124].

Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз доштанд: "Ман чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини ислом иртиботе надорад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд" [6].

Бо вуҷуди таъсири мусбати сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба шуурии ҳуқуқии аҳолӣ, имчунин таъсири манфии онҳоро низ ба инобат гирифтан лозим аст. Баъзе аз шахсон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ истифодабарандагони интернетро ба амалҳои ғайриқонунӣ, ҳамроҳ шудан ба гурӯҳҳои ифротию террористӣ ва рафторҳои ғайриахлоқӣ ташвиқ ва даъват мекунанд. Шабакаҳои интернетии хусусияти ифротгароидошта ботадриҷ меафзоянд. "Намояндагони таблиғотии гурӯҳҳои ифротӣ аз маърифати паст ва фанатизми динии баъзе ҷавонон суйистифода намуда, таваҷҷӯҳи онҳоро тавассути сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба худ ҷалб менамоянд" [5, с. 144].

Натиҷаҳои таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки аксарияти ҷавонони Тоҷикистон, ки ба гурӯҳҳои экстремистии динӣ шомил шудаанд, муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ мебошанд. Рӯҳониёни экстремисти Тоҷикистон ба Россия рафта, ҷонибдорони худро ҷамъ меоранд ва ба воситаҳои гуногун, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ ақидаҳои динии экстремистии худро паҳн менамоянд. Баъзе аз масҷидҳои исломии Россия ба маркази тарғиботи экстремизми динӣ табдил ёфтааст, ки дар онҳо мазҳабҳои гуногуни дини ислом тарғиб карда мешаванд.

Аксарияти кулли ифротгароёни динӣ саводи кофии динӣ надоранд, таҳсилоти дурустӣ динӣ ва исломӣ нагирифтаанд, ахбори динии онҳо баъзе маълумотҳои одитарини фиқҳӣ, таърихӣ ва ривоятиву қиссавӣ мебошад, ки аз рӯҳониёни "чалласавод", шабакаҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои манфиатҷӯйи динӣ дастрас намудаанд. Асоси динро ба таври соддалавҳона, зоҳирӣ ва яктарафа мефаҳманд, бе ҳеҷ гуна таҳлил ва андеша фатвоҳо ва суханони роҳбарони худро қабул ва пайравӣ мекунанд. Нисбат ба ҳокимияти сиёсии қонунӣ, қонунҳои амалкунанда, ҳувияти миллӣ ва фарҳангу тамаддуни форсию тоҷикӣ ҳисси нафрат ва бадбинӣ доранд, нафарони муқобили худро танқид ва таҳқир менамоянд.

Ба андешаи донишманди тоҷик Ш.П. Бердиев "Ифротгароии динӣ як навъи ифротгароӣ буда, мазмунан ва мантиқан фаъолияти бо дин рӯйпӯшкардашудае аст, ки бо зӯран ғасб намудани ҳокимият, халалдор кардани якпорчогии давлат равона карда шуда, воситаи барангезандаи кинаву адоват ва бадбинии динӣ, низои мазҳабӣ мебошад. Аз ин рӯ, ифротгароӣ ҳамчун зуҳуроти номатлуб ва мухарриб ягон умумияте ба дин, аз ҷумла дини мубини ислом надорад ва ба ислом омезиш додани ғояҳои ифротиёнро ҳадаф ба даст овардани қудрат ташкил медиҳад. Идеологияи ифротгароёни динӣ таҳрифкорона, хурофотӣ буда, манбаи асосии ташаккул ва вусъат додани таассуб ва низоъҳои мазҳабӣ мебошад" [2, с. 33]. Дар ҷойи дигар муҳаққиқ чунин навиштааст: "Умуман, терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, ҳамзамон як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеҷ умумияте ба дин, аз ҷумла дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад" [10, с. 103].

Ба андешаи муҳаққиқи соҳа Ф. Саидова "Ифротгароии динӣ фаъолиятест, ки моҳияти динӣ дошта, зери пардаи дин ба амал омадааст ва барои бо роҳи зӯрӣ

тағйир додани ҳокимият, вайрон кардани истиқлолият ва тамомияти арзии давлат муборизa намуда, барои расидан ба ин мақсад аз доман задани ихтилоф аз хусумати динӣ парҳез намекунанд” [9, с. 20-21]. Ба ақидаи файласуфи тоҷик Н.Д. Маҳмадизода «ифротгароӣ ҳамеша бо таассуб ҳаммарз аст, барои мутаассиб фақат худи ӯ ва эътиқоди ӯ вуҷуд дораду бас... мутаассибони динӣ шефтаи дигаргун сохтани олам аз диди хаёлоти худ мебошанд» [4, с. 55].

Донишманди тоҷик И. Зиёев чунин амалҳои муқризонаи тундгароёнро номбар намудааст:

– бо зурӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва вайрон кардани ягонагии Тоҷикистон;

– хароб кардани амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– бо роҳи зурӣ ба даст гирифтани ваколатҳои ҳукуматӣ;

– ташкили созмону ташкилотҳои ғайриқонунии мусаллаҳ;

– амалӣ намудани фаъолияти террористӣ;

– дар ҷомеа барангехтани ихтилофи нажодӣ, миллӣ, динӣ, инчунин ихтилофи иҷтимоии марбут бо зуроварӣ ё даъват ба зуроварӣ;

– паст задани шаъну шарафи миллӣ;

– роҳандозӣ кардани бетартибиҳои оммавӣ, амалҳои ҷиноятӣ дар асоси душмании ақидавӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ ё дар асоси бадбинӣ ё душманӣ нисбат ба ягон гурӯҳи иҷтимоӣ;

– таблиғи баргузида будан, афзалият ё паст зании шаҳрвандон аз рӯйи мансубияти онҳо ба дин, мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ё забонӣ;

– даъвати оммавӣ ба содир кардани фаъолияти нишондодашуда ё амалисозии фаъолияти мазкур [3, с. 56].

Барои муайян намудани муносибати аҳолӣ нисбати экстремизми динӣ соли (2023 кормандони шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо кормандони кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳуввияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон» таҳқиқоти сотсиологӣ гузарониданд.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии зикргардида аксарияти мусоҳибон (60,9%) сабаби асосии пайвастани баъзе аз ҷавонон ба ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои экстремистию террористиро ба паст будани сатҳи ҷаҳонбинии илмии онҳо марбут донистаанд. Баъдан, мусоҳибон манфиатҳои иқтисодӣ (36,8%), хурофоти динӣ (32,7%) ва пурзӯр шудани фаъолият ва тарғиботи намояндагони гурӯҳҳои экстремистӣ (22,7%)-ро сабабҳои дигари гаравиши баъзе аз ҷавонон ба равияҳои динӣ-сиёсии экстремистӣ номидаанд *(нигаред ба диаграммаи 1)*.

Диаграммаи 1. Бо чӣ сабаб баъзе аз ҷавонон ба ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мепайванданд?

Таҳлили натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳад, ки баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва ҷаҳонбинии илмии аҳолӣ (73,0%), мубориза ба муқобили хурофотпарастӣ (32,3%), боло бардоштани маърифати динӣ (30,7%), назорати ҷиддии волидайн аз болои рафтору фаъолияти фарзандон (25,5%) ва ғайраҳо роҳу воситаҳои муҳими пешгирии ҳамроҳшавии баъзе аз ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ мебошанд *(нигр. ба диаграммаи 2)*.

Диаграммаи 2. Ба андешаи Шумо кадом роҳу воситаҳои пешгирии ҳамроҳшавӣ ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротию террористӣ вуҷуд доранд? (n=600, %)

Яке аз роҳҳои муқовимат ба муқобили экстремизми динӣ баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. “Баланд гардидани сатҳи шуур ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон барои эъмори ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ, ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ҳуввияти миллӣ, эҳтиром гузоштан ба қонунҳо, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, паст рафтани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ, пешгирии гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мусоидат менамояд” [5, с. 150].

Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва маводи илмӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои пешгирии экстремизми динӣ ва гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ амалӣ намудани чунин чорабиниҳо ва тавсияҳо мусоидат менамоянд:

– баланд бардоштани сатҳи сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳи савод, дониш ва ҷаҳонбинии илмию дунявии шаҳрвандон;

– пешгирии таҳсилоти ғайрирасмии динӣ, таҳким бахшидани таҳсилоти динӣ дар муассисаҳои таълимии динии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони соҳаи дин ва тақвият додани сатҳи таълими диншиносии илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Тоҷикистон;

– дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ ва таҳаммулгароӣ тарбия намудани наврасону ҷавонони Тоҷикистон;

– монеа шудан ба фаъолияти рӯҳониёни маҳаллӣ, ки дар маъвизаҳои онҳо унсурҳои муқобилият ба сиёсати пешгирифтаи ҳукумату давлат, бегонапарастӣ, тарғиби фарҳанги бегона ва тарғиби ақидаю амалҳои экстремистӣ ба назар мерасанд;

– барои пешгирии зуҳуроти ифротгароӣ дар ВАО, сомонаҳои интернетӣ, блогҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн намудани маводи таълимию тарбиявӣ ва тарғиботу фаҳмондадиҳӣ;

– ба Россия ба сафари корӣ равон намудани мутахассисони соҳаи дин ва руҳониёни бонуфузи Тоҷикистон ва

пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ бо муҳоҷирони меҳнатӣ, тақсими брошураҳои тарғиботӣ ба ҷавононе, ки ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ мераванд;

– ҷалб намудани мансабдорони сатҳҳои гуногуни давлатӣ, муаллимон, лидерҳои маҳал ва рӯҳониёни бонуфуз дар самти пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ;

Ҳукумати Тоҷикистон хатарҳои экстремизми диниро дарк кардааст ва бо ин сабаб, ба муқобили онҳо мубориза ҷиддӣ мебарад. Гурӯҳҳои экстремистӣ на танҳо ба ҳокимияти сиёсӣ, балки ба ҳар як қишри ҷомеа, ҳар як оила ва ҳар як шаҳрванд хатар дорад. Аз ин рӯ, муқовимат ва мубориза ба экстремизми динӣ вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандӯст ва озодихоҳ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, аз 28.12.2024 ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, чунин ибрози назар намуданд: “Дар баробари ин, ҷаҳони пуртазоду нооромии муосир ҷавонони кишварро водор месозад, ки аз таҳаввулоти босуръати сайёра ҳамеша огоҳ бошанд, худ ва ҳамсолонашонро аз таъсири мафкураи радикаливу ифротӣ ва хурофотпарастӣ эмин нигоҳ доранд, барои ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша омода бошанд. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид месозам, ки хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба ҷомеа танҳо бадбахтӣ меоварад. ... Дар ин ҷода, мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин зуҳурот ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст” [7].

Хулоса, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва динии шаҳрвандон, мубориза бо хурофотпарастӣ ва назорати фаъолияти интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз муҳимтарин тадбирҳо дар самти муқовимат ва пешгирии паҳншавии экстремизми динӣ мебошад. Дар шароити кунунии кишвари соҳибистиқлоламон тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстию худшиносӣ, созандагию бунёдкорӣ вазифаи муқаддаси ҳар яки мо ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ:

1. Амондуллоев, Б.С. Идеологияи иртиҷоӣ ва ифротгароёнаи баъзе аз созмонҳои динӣ / Б.С. Амондуллоев, К. Нурулҳаков // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – № 1. – С. 122-128.

2. Бердиев, Ш.П. Ифротгароии динӣ ва идеологияи хатарноки он / Ш.П. Бердиев, З.Ф. Алимардонзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2024. – № 2-3(14-15). – С. 31-35.

3. Зиеев, И.Г. Причины появления радикализма в Таджикистане / И.Г. Зиеев // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2019. – № 4. – С. 53-59.

4. Маҳмадизода Н.Д. Предпосылки распространения фанатизма в современных условиях: социально – философский анализ // Роль образования в борьбе с политическим экстремизмом и терроризмом. Таджикский национальный университет. Душанбе, 2022. С.54-65.

5. Миров, Ф.С. Правовое образование как фактор противодействия распространению экстремистской и террористической идеологии (по результатам социологического исследования) / Ф.С. Миров // Роль образования в борьбе с политическим экстремизмом и терроризмом, Душанбе, 22 февраля 2022 года / Таджикский национальный университет. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2022. – С. 139-155.

6. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2016 [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/10585 (Санаи мурочиат: 21.01.2025).

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, аз 28.12.2024 [манбаи электронӣ]. URL: https://prezident.tj/event/missives/49225 (санаи истифодабарӣ: 20.01.2025).

8. Раҳнамо, А. Хатари гурӯҳҳои ифротгарои динӣ чист? / А. Раҳнамо. – Душанбе: ЭР-граф, 2021.

9. Саидова, Ф. Ифротгароии динӣ: омилҳои пайдоиш ва оқибатҳои он / Ф. Саидова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – № 4(44). – С. 20-24.

10.Самиев, Б.Ҷ. Ҳолат ва сатҳи ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҷ. Самиев, Ш.П. Бердиев // Вестник педагогического университета. Серия: Философские науки. – 2021. – № 3-4(3-4). – С. 103-112.

11.Сафарализода, Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ. Монография [Матн] / Х.Қ. Сафарализода. – Душанбе: ЭР-граф, 2023.

ОПАСНОСТЬ РЕЛИГИОЗНОГО ЭКСТРЕМИЗМА ДЛЯ ОБЩЕСТВА

Касымова Р.

В научной статье рассматриваются особенности религиозного экстремизма, причины его возникновения и способы борьбы с ним, а также подчеркивается его опасность для современного общества. Автор рассматривает, опираясь на достоверные доказательства, причины, по которым некоторые молодые люди вступают в экстремистские группировки. В статье отмечается, что религиозный экстремизм угрожает национальной безопасности, единству и стабильности национального государства, подвергая опасности существование национальной культуры и государства в целом. Автором выдвинуты конкретные предложения по профилактике и противодействию религиозному экстремизму.

Ключевые слова: религиозный экстремизм, экстремистские группы, радикализм, терроризм, религия, религиозные суеверия, миграция, молодежь, интернет, социальные сети.

THE DANGER OF RELIGIOUS EXTREMISM TO SOCIETY

Kasymova R.

The scientific article examines the characteristics of religious extremism, the causes of its emergence and ways to combat it, and shows its dangers for modern society. The author, with reliable evidence, examines the reasons for the involvement of some young people in extremist groups. The article notes that religious extremism threatens national security, unity, and the stability of the nation-state, endangering the existence of national culture and the state in general. The author makes specific proposals for preventing and combating religious extremism.

Key words: religious extremism, extremist groups, radicalism, terrorism, religion, religious superstition, migration, youth, internet, social networks.

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОЕ, КИ БА «АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН» ПЕШНИҲОД ШУДААНД

Мақолаҳои ба идора расида, ташхисро гузашта (ташхисро аъзои таҳририя – мутахассисони бахшҳои марбутаи илм мегузаронанд), сипас тибқи тартиботи муқарраршуда қабул карда мешаванд. Талабот ба таҳия кардани мақолаҳо бо унвони «Қоидаҳо барои муаллифон» дар ҳар шумораи маҷалла чоп мешавад.

Дастнависи мақолаҳоеро, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, идора қабул намекунад. Эродҳо оид ба мазмун ва сохтори мақолаҳо бояд пеш аз супурдан ба тақриз ислоҳ карда шаванд.

Сипас ба мақолаҳо бо тартиби муайян, аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла ё мутахассисони ба мавзуи мақола алоқаманд, (номзад ва докторҳои илм) тақриз дода мешавад.

Тақриз бояд хусусиятҳои илмии мақола, аз ҷумла, навоварӣ дар масъалагузорӣ, муҳимият, арзишҳои фактологӣ ва таърихӣ, дақиқ будани иқтибосҳо, услуби баён, корбурди манбаъҳои муосир ва инчунин камбудиҳои чойдоштаро фаро гирад. Дар хулосаи тақриз бояд баҳои умумӣ ва тавсия барои нашр ё баъд аз ислоҳ нашр кардан, ё барои тақризи иловагӣ гирифтан аз мутахассиси марбут ба мавзуъ, ё ба чоп тавсия надодан қайд шавад.

Ҳаҷми тақриз бояд на камтар аз як саҳифа бошад.

Мақолае, ки ба такмил зарурат дорад, бо қайду эродҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон баргардонида мешавад. Муаллифон бояд ислоҳоти заруриро ба мақола ворид карда, нусхаи охирини мақоларо якҷоя бо шакли электронии он ва матни дастнависи аввала ба идора супоранд. Пас аз такмили муаллиф, мақола дубора барои тақриз фиристода мешавад ва ҳайати таҳририя қарори нашр шудани онро мебарорад.

Мақола ҳамон вақт барои нашр пазируфта мешавад, ки тақризи ба он дода шуда мусбат бошад ва ҳайати таҳририя онро ҷонибдорӣ намоянд. Тартиб ва навбати чопи мақола ба санаи расидани нусхаи охирини ислоҳшуда ба хайати таҳририя вобаста мебошад.

Тақризнависӣ ба мақола ба таври махфӣ сурат мегирад.

Ошкор кардани ҷузъиёти махфии тақриз ҳуқуқи муаллифро вайрон мекунад. Нусхбардории мақола барои корҳои шахсӣ ба муқарризон иҷозат дода намешавад.

Муқарризон ва инчунин ҳайати таҳририя то лаҳзаи аз чоп баромадани мақола ҳуқуқи истифодабарии маълумоти дар мақолаҳо дарҷшударо надоранд.

ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводится членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в «Правилах для авторов», публикуемых в каждом номере журнала.

Рукописи, оформленные не по правилам, редакцией не принимаются. Замечания по содержанию и оформлению статей необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике, отклонить.

Объем рецензии – не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о её публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяются в зависимости от даты поступления её окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

RUES FOR REVIEWING ARTICLES SUBMITTED FOR PUBLISHING AT THE ACADEMIC PERIODICAL JOURNAL TITLTED “PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW NAMED AFTER A.BAHOVADDINOV OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN”

Articles coming to the editory board will pass preliminary expert examination (it is carried out by associate editors – specialists in the corresponding branch of science) and are accepted in accordance with the established procedure. Requirements to registration of the original are provided by article in "Rules for the authors" published in each issue of the journal.

The manuscripts issued not by rules aren't accepted by edition. Remarks according to the contents and registration of articles need to be eliminated before transfer of the text on reviewing.

Then articles are reviewed without fail by associate editors of the journal or experts of the corresponding specialty (candidates and doctors of sciences).

The review has to contain reasonable transfer of qualities of article, including scientific novelty of a problem, its relevance, factual and historical value, citing accuracy, style of a statement, use of modern sources, and also motivated transfer of its shortcomings. In the conclusion the general assessment of article and recommendation for an editorial board – to publish article, to publish it after completion, to direct on the additional review to the specialist in a certain subject, to reject is given.

Review volume – not less than one page of the text.

The article adopted to the publication, but needing completion goes to authors with remarks of the reviewer and editor. Authors have to make all necessary corrections to a final version of the manuscript and return to edition the corrected text, and also its identical electronic option together with the original version of the manuscript. After completion article is repeatedly reviewed, and the editorial board makes the decision on its publication.

Article is considered to be accepted to the publication in the presence of the positive review and if it was supported by associate editors. The order and sequence of the publication of article are defined depending on date of receipt of its final version.

Reviewing of the manuscript is carried out confidentially. Disclosure of confidential details of reviewing of the manuscript violates the rights of the author. Reviewers aren't allowed to make the copy of articles for the needs.

Reviewers, and also associate editors have no right to use in own interests information containing in the manuscript before its publication.

ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Ҳайати таҳририяи маҷалла ба таваҷҷуҳи муаллифон мерасонад, ки мақолаҳои худро дар шаклҳои чопию электронӣ, бо назардошти ҷанбаҳои илмию амалии таълифот ирсол намоянд.

Дар маҷаллаи «Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» мақолаҳое чоп мешаванд, ки натиҷаи таҳқиқот оид ба масъалаҳои илмҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ марбут бошанд.

Мақолаҳо мутобиқ ба қоидаҳои мазкур бо тавсияномаи яке аз шуъбаҳои Институт ё яке аз аъзои ҳайати таҳририя барои чоп қабул карда мешаванд.

Ҳаҷми мақолаҳо якҷоя бо тасвир, ҷадвал, нақшаҳо ва калидвожаҳою фишурдаи мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд то як ҷузъи чопӣ (то 12 саҳифаи чопи компютерӣ) бошанд. Фишурдаи мақола ба як забон на зиёдтар аз чор ҷумла ва миқдори калидвожаҳо бояд то даҳ адад бошанд. Матн бояд дар файли барномаи Microsoft Office Word пешниҳод шуда, андозаи ҳарфҳо 14, гарнитураи Times New Roman (барои мақолаҳои русӣ ва англисӣ), Times New Roman Tj (барои мақолаҳои тоҷикӣ), фосилаи 1,5 ва канораҳои матн аз ҳар тараф – 2,5 см бошанд. Корбурди ҳарфҳои хоси тоҷикӣ дар мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, фишурда ва калидвожаҳо ҳатмист. Саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ шуда бошанд.

Ба мақола тавсияи муассиса (барои муаллифони беруна), тақризи шуъбаи марбутаи Институт, фишурда, калидвожаҳо (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар ду нусха, бо нишондоди унвони мақола, сарҳарфи ном ва насаби муаллиф ҳамроҳ карда мешаванд.

Барои чоп маводи таҳқиқотие, ки қаблан дар дигар нашрияҳо чоп нашуда бошанд, қабул карда мешаванд. Дар охири мақола, баъд аз матн ва фишурдаи рӯйхати адабиёти истифода шуда зикр гардида, аз тарафи чап номи муассисае, ки мақоларо пешниҳод кардааст, инчунин маълумот дар бораи муаллиф, телефон ва имзои муаллиф (муаллифон) оварда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёти истифодашуда мушахассоти зеринро бояд қайд кард: а) барои китобҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи китоб, макони чоп, нашриёт, соли нашр, рақами ҷилд, саҳифа; б) барои мақолаҳо аз маҷаллаву маҷмӯаҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи мақола, номи маҷалла ё маҷмӯа, соли нашр, шумора ва саҳифа (барои маҷмӯа). Ҳангоми иқтибоси такрорӣ аз як манбаъ шакли маъмулии ихтисоршавӣ истифода мешавад.

Агар дар матн ҷадвалҳо оварда шуда бошанд, нусхаҳои иловагии онро дар варақ чоп карда, бо нишон додани саҳифаи матлуб ба мақола ҳамроҳ кардан лозим аст.

Дар ҳолати баргардонидани мақола ба муаллиф барои ислоҳот ё ҷиҳати таҳрир, муаллиф бояд ислоҳоти заруриро ворид карда, нусхаи охирини ислоҳшударо якҷоя бо нусхаи аввалӣ, инчунин шакли электронии мақолаи ислоҳшударо дар муддати то 3 рӯз ба идора бозгардонад.

Масъулияти истифодаи маълумоте, ки барои чопи озод иҷозат нест, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дӯши муаллифон аст.

Идораи маҷалла ҳуқуқи ихтисорнамудан ва ба дастнависҳо тағйирот ворид карданро дорад.

Мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, барои чоп қабул карда намешаванд.

ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

1. В журнале "Известия Института философии, политологии и права Национальной академии наук Таджикистана" печатаются статьи, являющиеся результатом научных исследований по философским, социологическим, политологическим и юридическим наукам.

2. Статьи принимаются к печати по рекомендации одного из членов редколлегии, в соответствии с настоящими правилами.

3. Объем статьи не должен превышать 1-го п.л. (до 12 страниц) компьютерного текста, включая в этом объеме рисунки, таблицы, графики, текст аннотации и ключевые слова, приводимые в конце статьи. Объем аннотации – не более 0,5 страницы. Три рисунка считаются за одну страницу.

4. К статье прилагаются направление от учреждения (для внешних авторов), рецензия соответствующего Отдела, аннотации и ключевые слова (на таджикском, русском и английском языке) в двух экземплярах, с указанием названия статьи, инициалов и фамилии автора.

5. Статья принимается в одном экземпляре, в текстовом и в электронном вариантах. Статья должна быть напечатана: на компьютере, с одной стороны листа, через 1,5 (полуторный) интервал, в файле Microsoft Office Word, размером шрифта 14, гарнитура Times New Roman (для русских и английских текстов), Times New Roman Tj (для таджикских текстов), интервалом 1,5, поля с каждой стороны – 2,5 см. В статье обязательно использование таджикского шрифта для таджикских текстов гарнитурой Times New Roman Tj, аннотации и ключевых слов. Страницы должны быть пронумерованы.

6. В конце статьи после текста аннотации дается список использованной литературы, слева указываются название учреждения, представляющего статью, а также сведения об авторе, телефон и подпись автора (авторов).

7. При оформлении списка использованной литературы следует указать:

а) для книг - фамилию и инициалы автора, полное название, место издания, издательство, год издания, номер тома, страницу;

б) для журнальных статьей и сборников – фамилию и инициалы автора, название статьи, название журнала или сборника, год издания, номер и страницу (для сборника). При повторной ссылке на литературу допустимы общепринятые сокращения.

8. К имеющимся в тексте таблицам необходимо отпечатать дубликаты и приложить к статье с указанием страницы, к которой таблица относится.

9. В случае возвращения статьи автору для существенных исправлений или для ее окончательного редактирования, автору необходимо в трехдневный срок внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи.

10. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

11. Редакция оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей.

12. Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором (авторами).

Адрес редакции: Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана.

RULES FOR AUTHORS

The Editorial Board requires from the authors to submit their papers to the editor, in printed and electronic forms, paying special attention to the scientific and practical aspects of their works.

The Academic Legal Journal publishes scientific articles on the results of research on legal sciences.

Articles are accepted for publication on the recommendation of one of the departments of the Institute or one of the board members, in accordance with these rules. The paper should not exceed one unit (up to 12 pages of computer text), including drawings, tables, graphs, summaries and keywords in Tajik, Russian and English, given at the end. Abstract in the same languages should contain no more than four sentences and the number of keywords should be given up to ten words and word combinations. The text should be presented in the Microsoft Office Word program: font size - 14 headset - Times New Roman Tj, line spacing - 1.5, farmland - 2.5 cm on all sides. The use of specific Tajik letters in the materials prepared in the Tajik language, as well as keywords and annotations are necessary. Pages must be numbered.

To the article should be attached a cover letter from the institution (for foreign authors), review of the relevant department of the Institute, abstracts and keywords (in Tajik, Russian and English) in duplicate, with the name of the article, initials and surname of the author.

Accepted for publication research materials should not previously be published in other publications. At the end of the article after the text and annotations there should be given a list of references, on the left side one should indicate the name(s) of the institution that submit the article(s), as well as information about the author(s), telephone and signature of the author (s).

When making a list of references one should indicate: a) for books - surname and initials of the author(s), full name of the books, place of publication, the publisher, year of publication, volume number, page; b) for journal articles and collections - surname and initials of the author, article title, journal title or collection, year of publication, and page number (for collection). After repeated references to the same literature standard abbreviations are acceptable.

To existing tables in the text one should print a duplicate of the tables indicating the page to which the tables belong.

In the case of the return of the article to the author for substantial corrections or its final editing, one should make any necessary corrections in the final version of the manuscript to the editor and return the corrected text, as well as its electronic version identical with the original version of the manuscript.

Responsibility for the use of the data, not intended for open publication lies on the authors of articles in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

The editors reserve the right to make editorial changes and reduction of manuscripts.

Articles that do not meet these rules will not be accepted for the publication.